141115

АБДУСАТТОР МУХТОРОВ

# СОМОНИЁН: ЗАМОН ВА МАКОН

АБДУСАТТОР МУХТОРОВ

# СОМОНИЁН: замон ва макон

Душанбе — 1999
«Сурушан»

ББҚ—63.3 (2 тоҷик)
М—91

Государственная
респуб. б-ка Тадж.ССР
им. А. С. Фирдоуси
191186

Ба китоб докторони илми таърих, профессорон М. Бобохонов, Р. Абулхаев, Н. Хотамов, номзадҳои илми таърих, досентон Ҳ. Дӯстов, А. Раҳматуллоев тақриз навиштаанд.

Зери таҳрири доктори илми филология, профессор Асадуллоҳ Саъдуллоев.

**АБДУСАТТОР МУХТОРОВ**

**СОМОНИЕН: Замон ва Макон**

Китоби мазкур маҳсули дастранҷи солҳои тӯлонии таърихнависию дарсхонии муаллиф мебошад. Вай ба таҷрибаи бои хеш оиди омӯзиши таърихи халқи тоҷик такя намуда, асари мазкурро оиди Оли Сомон барои доираҳои васеи хонандагон таълиф намудааст. Ӯ дар китоби худ нисбати назари муаллифони дигар ба таърихи пайдоишу инкишофи хонадони сомониён, саҳми онҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ, идоракунии давлат, сохтори он бештар диққат додааст. Китоб бо забони содда ю оммафаҳм таълиф гаштааст.

© «Сурушан».

## САРСУХАН

Таърих гувоҳ аст, ки хонадону сулолаҳои мухталиф дар дигаргунсозии тамаддуни дунявӣ саҳми муносиб гузоштаанд. Яке аз он хонадонҳои овозадори чаҳонӣ — оли Сомон мебошад, ки дар қарнҳои IX—X нашъу нумӯъ карда, дар болоравии ҳаёти илмию фарҳангии гетӣ хизмати хосае намудааст.

Сомониён дар асрҳои миёна империяи бузурги хешро сохмон доданд, ки имрӯз дар қаламрави он бештар аз ҳашт давлати мустақил арзи вучуд дорад. Онҳо ҳар яке худро пайравони оли Сомон пиндошта, тамоми сарзамини ин хонадонро ба халқи хеш нисбат медиҳанд. Аммо инсоф чизи хуб аст, бояд иқрор шавем, ки агар оли Сомон намебуд, имрӯз тамоми қаламрави Осиё ва ба хусус Осиёи Марказӣ мисли мамлакатҳои Африқои Шимолӣ аз забони модарӣ маҳрум гашта, забони ачнабиёнро чун забони асосии хеш мепазируфтанд ва аз қавму қабилаҳои дар ҳудуди ёдшуда ниишонае намемонд. Аҳсан ба Сомониён, ки бо фазлу ҳикмати худ пеши роҳи ин селро гирифта, забон, урфу одати мулки хешро эмин нигоҳ дошта тавонистанд. Сомониён на танҳо худ, балки мардуми кӯчиро таги қанот намуда, ба онҳо аз замини хеш мулк дода, соҳибдавлат карданд.

Аммо бо таассуф қайд намудан лозим аст, ки дар бораи ин хонадони бузурги бологардон то кунун асарҳои шоистаи замон наофаридаем. Мо бо ин гуфтани хеш қадру қиммати китобу мақола ва сарчашмаҳои оиди ин хонадон чопшударо паст заданӣ нестем. Аз қарнҳои IX—X сар карда то рӯзҳои мо дар бораи оли Сомон асарҳои баландмазмуни таърихӣ иншо шудаанд. Вале дарки онҳо барои хонандаи қаторӣ хеле душвор аст. Олимони замони Шӯро китобу мақолаҳои илмиро доири оли Сомон таълиф намуданд. Аммо онҳо ҳамаи паҳлӯҳои давлати феодалии тоҷикро дар худ таҷассум намекунанд. Зарур аст, ки кӯшиш ба харҷ дода, оиди ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти Сомониён асар эҷод кард. Мо тасмим гирифтем, ки ба асару сарчашмаҳои дар поён ёдоваршуда такя намуда, барои

хонандагони сершумор нигоштаҳои соддаи хешро оиди оли Сомон баён намоем.

Китоби мазкур қимати илмии осори ба ин мавзўъ табъдидаро коста нахоҳад кард. Зеро ҳар як асари чопшуда ба ҳалли муаммои хосаи давраи мутазакира бахшида шуда, дар возеҳ намудани ин ё он масъалаи муҳими давлатдории сулолаи Сомонӣ хизмати босазое мекунад.

Омўзиши бештар аз чилсолаи таърихи халқи хеш ва дарсгўии бардавом оиди мавзўи мазкур моро водор сохт дар бораи нахустдавлати феодалии тоҷик асаре иншо намоем, ки он аз доираи таърихи умумибашарӣ берун набуда, масъалаҳои ба миёнгузоштаи сарчашмаю асарҳои илмиро дарбар гирифта, сазовори мутолиаи оммаи васеи хонандагон бошад.

Аҳамияти ин китобро дар он мебинем, ки имрўз шумораи донишкадаҳои давлатию озоди ҷумҳурӣ афзуда истодааст. Бешак, талаботи донишомўзон ба адабиёти дарсӣ беш аз пеш меафзояд. Дар кулли донишкадаҳо ба масъалаи омўзиши таърихи пайдоиш ва инкишофи хонадони Сомонӣ бештар диққат медиҳанд. Оиди он курсҳои махсус хонда, машғулиятҳои амалӣ мегузаронанд. Ин китоб ба донишҷўён чун дастури асосӣ оиди омўзиши таърихи оли Сомон хизмат хоҳад кард...

Истилои араб раванди ташаккулёбии нахустин давлатҳои феодалиро дар Осиёи Миёна бештар аз дусад сол дур партофт. Зеро дар ин кишвар аллакай дар замони Хайтолиёну Сосониён (асрҳои IV—VI милодӣ) раванди ташкилёбии давлатҳои феодалӣ ба итмом расида, давраи болоравии онҳо сар шуда буд. Дар замони равнақёбӣ давлати Сосониёну мулки Осиёи Миёна гирифтори асорати истилогарони араб шуданд. Арабҳо давлати бештар аз 400 сол арзи вуҷуд доштаи Сосониро аз по афтонида, барои забти доманадори Осиёи Миёна зиёда аз 50 сол омодагӣ диданд. Онҳо ба тариқи лашкаркашиҳои пинҳонӣ ва фиристодани ҷосусон оиди вазъи иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии Осиёи Миёна маълумотҳои кофӣ ба даст оварданд. Арабҳо то ба Осиёи Миёна сар даровардан ва баъди он оиди хонадонҳои бофазилати тоҷик маълумотҳо ҷамъ намуданд.

Хилофати аббосиён аз истеъдоди тоҷикони Хуросон, ки бо номи Бармакиён машҳур буд, дар асрҳои VIII—IX истифода бурд. Аммо заковати ин хонадони бузург боло гирифт. Мустамликадорон тарсиданд, ки онҳо соҳиби ҳокимият мегарданд. Аз ин рў халифони аббосӣ хонадони бармакиёнро нобуд сохтанд. Онҳо пиндоштанд, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр дигар чунин бузургон пайдо намешаванд. Вале хато карданд. Баъди истилои онҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр хирадмандони нав

қадам ба арсаи вуҷуд гузошта, кори саркардан бармакиёнро давом доданд.

Чунин хонадонҳои тоҷикӣ: Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён буданд, ки мо дар китоби мазкур ба таври мухтасар дар боран таърихи рангини онҳо нақл намудем. Мо асару навиштаҷоти пешгузаштагонро дастгирӣ намуда, онҳоро ҳамаҷониба тавзеҳу ташреҳ додем. Он чи ки рӯи коғаз овардем ҷамъбасти навиштаҷоти қадимаю навин буда, танҳо мо онҳоро аз нигоҳи имрӯз шарҳу эзоҳ додем.

Сараввал ба навиштаҷоти як гурӯҳи хурди муаллифон арзиш дода, сипас хонандаро ба таври мухтасар бо таърихи хонадонҳои тоҳириёну саффориён шинос намудем.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки моро ба ташвиш овардааст, масъалаи замон ва макони оли Сомон мебошад. То кунун дар адабиёти доираи Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он нашргардида масъалаи мазкур ҳалли асосии хешро наёфтааст. Ҳама дар он ақидаанд, ки тавлидгоҳи оли Сомон шаҳри Балх аст. Аммо ин ба ҳақиқат чандон наздик мебошад. Дар ин хусус бисёри муҳаққиқон низ ҳарф мезананд. Аммо ба гузориши масъала бояд аз нуқтаи назари нав ибрози ақида кард. Ин масъала ба солҳои пайдоиш ва фаношавии давлати Сомонӣ низ тааллуқ дорад. Бинобар ин муаллиф фикру ақидаҳои зиёдеро дар атрофи вай ҷамъбаст намуда, ба он ҷавоби саҳеҳ додааст.

Дигар он ки онди асосгузори давлати Сомониён низ баҳсу мунозира ҳаст. Аксари кулли муаллифон Исмоилро сарсулолаи Сомониён меҳисобанд. Инро таърих рад намекунад. Вай асосгузори давлати гул-гулшукуфидаи тоҷик аст. Вале мо бояд ба ҷонбозиҳои бобою падару бародарони Исмоил онди суратгирии давлат (817—892), мустаҳкам намудани он, ташкили мустақилияти пурраро низ ба инобат гирем. Дар ин хусус ҳам ақидаи мо ба гуфтаҳои аксари муаллифони пешгузашта рост намеояд.

Дар таърихи халқи тоҷик ва навиштаҷотҳои муаллифони алоҳида ба мақоми Исмоил бини Аҳмади Сомонӣ ва пешгузаштагони ӯ баҳои ҳақиқӣ дода нашудааст. Исмоил чун шохсутун барои устувории ҳокимияташ чӣ тадбирҳо андешид? Барои чӣ ӯ тавонист, ки гул-гулшукуфии империяи хешро таъмин намояд? Чаро ворисонаш таҷрибаи давлатдории ӯро то ба охир истифода накарда, рӯ ба пароканадагӣ ниҳоданд? Чаро дар дохили оли Сомон масъалаҳои талоши мансаб, бародаркушӣ, нотифоқӣ ба вуқӯъ пайваст? Чаро мақоми туркони бодиянишин дар замони ворисони Исмоилу Насри II боло гирифт?

Дар таърих усулҳои хоси идоракунии давлат мавҷуд аст. Он аз демократия оғоз шуда, бо диктатура ҷамъбаст меёфт.

Оё Исмоили Сомонӣ ва пайравони вай диктатураро пеш гирифта буданд ё демократияро? Оё усули давлатдории Сомониён махсули хоси онҳо буд ё қабули таҷрибаи идоракунии давлатҳои пешина? Мо кӯшиш намудем, ки ба қадри имкон ба саволу масъалаҳои сарзада равшанӣ андозем.

Сомониён кишоварзони машҳури замони худ ба ҳисоб мерафтанд. Маҳсули дастранҷи онҳо дастархони мардуми қаламравӣ хеш ва беруи аз онро рангин месохт. Онҳо устодони ҳақиқии истеҳсоли пахта, ғалла, мева, махсулоти чорво буданд. Аммо дар асарҳои муаллифони қадимаву нав ба ин масъала аҳамияти дуюмдарача додаанд. Оиди манбаъаҳои асосии кишоварзӣ: об, наҳру корезҳо маълумотҳо хеле торикаид. Дар хусуси бо озуқа таъмин намудани мулки Сомониён низ далелҳо нест. Мо кӯшиш ба харҷ додем, ки баробари рӯшанӣ андохтан ба масъалаҳои ба миёнгузошта, инчунин дар хусуси мулку мулкдории Сомониён, аҳволи деҳқонон маълумоти фасеҳ диҳем. Дар асарҳои таълифкардаи олимон ва навиштаҷотҳои муаллифони қадима ба ин масъалаҳо ҷавоби сазовор надодаанд.

Кишоварзӣ ба пешрафти ҳунармандию косибчигӣ роҳи васеъ кушод. Ин буд, ки дар натиҷаи зиёд шудани истеҳсоли пахта дар шаҳрҳо шумораи устохонаҳои бофандагию дӯзандаги меафзуд. Бозорҳо сермолу чиз мешуданд. Дар ин хусус низ дар асар факту рақамҳои муфассал оварда шудаанд.

Дар асарҳои мавҷуда оиди содироту воридоти хазинаи Сомонӣ сухан меравад. Аммо муаллифон аз нишон додани сарчашмаҳои асосии пур намудани хазина худорӣ кардаанд. Дар як қатори онҳо рақамҳо бе таҳлил мондаанд. Оиди ин мавзӯъ низ мо кӯшидем, ки нисбати муаллифони дигар зиёдтар ба масъалаи сарчашмаи андозҳо ва харҷу хароҷоти он диққат диҳем.

Таърих гувоҳ аст, ки дар қарнҳои IX—X саноати кӯҳӣ хеле тараққӣ карда буд. Ба туфайли кордонии хонадони Сомониён дар ин давра коркарди маъдан ба дараҷаи баланд рафта, истеҳсоли фулузӣ инкишоф ёфт. Он имконият дод, ки Сомониён дар даҳр чун устодони истеҳсоли тилло, нуқра, мис, кӯрғошим, сурма, оҳан, нафт ва ғайра ном бароранд. Дар атрофи ҳалли ин масъала олимон кӯшишҳо ба харҷ додаанд. Аммо то кунун оиди ин мавзӯъ асари шоиста вуҷуд надорад. Мо ба қадри имкон кӯшиш намудем, ки ба ин масъала диққат дода шумо, хонандаи азизро, бо усули кӯҳканию маъданистеҳсолкунии бобокалонҳоямон шинос намоем.

Асри IX—X замони болоравии маданияти классикии тоҷик мебошад. Нисбат ба дигар масъалаҳо муҳаққиқон ба ин соҳа диққати махсус додаанд. Қариб дар ҳамаи рисолаҳо ин мавзӯъ

халли васеи худро ёфтааст. Дар адабиёти илмӣ, таълимӣ ва оммавие, ки дар Тоҷикистон, ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, Афғонистону Эрон ба табъ расидаанд, ин масъала хеле васеъ таҳлил шудааст. Дар ин ҷода олимони машҳури Осиё саҳмгузор мебошанд. Хусусан, навиштаҷотҳои Саид Нафисӣ, Абдулғани Мирзоев, Холиқ Мирзозода ва дигарон ҷолиби диққатанд. Мо аз онҳо илҳом гирифта кӯшиш намудем, ки таърихи ташаккулёбии илму фарҳанги тоҷикро ба таври оммафаҳм ба қалам дода, хонандаро бо адибон, олимон, навозандагон, оҳангсозон, раққосон, рассомон, мунаҷҷимон, муаллимон, меъморон ва дигар сaромадони маданият шинос намоем.

Замони Сомониён баробари ташаккулёбии илму фарҳанг, инчунин давраи ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои мухталифи фалсафавию динӣ мебошад. Пажӯҳишгарони илми замони Сомонӣ дар баъзе лаҳзаҳо онҳоро ба қалам додаанд. Равияҳои фалсафии карматиён, суфия ва исмоилия дар пешрафти ҳаёти сиёсию адабии асрҳои IX—XI саҳми муносиб гузоштаанд. Зеро ҳамаи ин ҷараёнҳо ибтидои хешро аз асрҳои VIII—IX оғоз намуда, дар болоравии равияҳои динию фалсафии замони Сомониён мақоми хоса доштанд. Дар китоби мазкур шумо бо таърихи пайдоиш ва инкишофи ин ҷараёнҳо шинос хоҳед шуд.

Давлат бе пояи мустаҳками ҳуқуқ, мактабу мадраса, муносибатҳои байналхалқӣ ва ғайра вуҷуд дошта наметавонад. Дар асарҳои олимон оиди ин масъалаҳо гуфтан мумкин аст, ки қариб фикру ақидаҳо мавҷуд нестанд. Баъзе муаллифон аз сабаби дар даст надоштани факту рақамҳои зарурӣ аз инъикоси васеи масъала худдорӣ намудаанд. Аммо равшан намудани ин паҳлӯи масъала ба аҳамияти калони илмию амалӣ молик аст. Мо кӯшиш намудем, ки ба таври ночиз бошад ҳам, шумо, хонандаи гиромиро бо ҳолати ҳуқуқ, мактабу мадраса, муносибатҳои байналмилалӣ, муассисаҳои динии замони Сомониён шинос намоем.

Яке аз масъалаҳои баҳсталаби давлатдории Сомонӣ — масъалаи ҳудуди ҷуғрофии он мебошад. Дар атрофи ин масъала баҳсу мунозира ва кашмакашҳои беасбот мавҷуданд. Дар қисми Мовароуннаҳри ин давлати бузург ҷумҳуриҳои мустақили тоҷикӣ, узбакӣ, туркманӣ, қирғизӣ ва қисман қазоқӣ арзи вуҷуд доранд. Замини Хуросони Сомониён бошад, қисми Шарқии давлати исломии Эрон ва Шимолу Ғарбии давлати Афғонистонро ташкил медиҳад. Имрӯз ҳамаи пажӯҳишгарони таърихи Сомонӣ чӣ дар хориҷа ва чӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна худро ворисони асосии Сомониён ҳисобида, шаҳрҳои қадимаи тоҷикон Бухоро, Самарқанд, Тирмиз, Балх, Ҳирот, Машҳад, Нишопур, Марв, Кеш, Насаф ва ғайраро пойтахти халқи худ ва мулки

ҳосаи хеш мепиндоранд. Мо дар боби аввали рисолаи мазкур ба саволи ба қадом халқ тааллуқ доштани шаҳрҳои номбурда ҷавоб гардонидем.

Дар атрофи сабабҳои аз байн рафтани сулолаи Сомониён низ дар байни муҳаққиқон фикру мулоҳизаҳо якхела нестанд. Бинобар ин мо кӯшиш ба харҷ додем, ки ба ин масъала низ аз нуқтаи назари илмӣ баҳо диҳем.

Дар иншои китоб ва саҳҳеҳу равшан баромадани масъалаҳои баҳсталаб мо бо устодони варзидаи соҳаҳои мухталифи илм, муаррихону файласуфон, кимёгарону табиатшиносон сӯҳбатҳои хоса намуда, фикру ақидаҳои онҳоро оиди ҳалли ин ё он мавзӯъ истифода бурдем. Ҳангоми таълифи рисола академикҳо У. Мирсаидов, Ю. Носиров, профессорон А. Афсаҳзод, Н. Баҳриддинов, Р. Набиева, У Пӯлодов, дотсентон, Қ. Бобоев, А. Қодиров, Н. Ҳакимов, М. Исоматов ва дигарон бо фикру мулоҳизаҳои тозаи хеш ба асар ҳусни тоза зам намуданд.

Дар фуровард ҳаминро гуфтанӣ ҳастем, ки ин асар кӯшиши нахустини муаллиф аст. Он албатта, аз нуқсу камбудиҳо холӣ нест. Зеро оиди давлатдории оли Сомон мумкин аст, ки асарҳои ҳаҷман калони 10-12 ҷилда эҷод кард. Аммо ба гумони мо бо вуҷуди камбудию норасоиҳояш ҳар асар метавонад баъзе саҳифаҳои норавшани ҳаёти Сомониёнро рӯшан гардонад.

Пеш аз ҳама мо ин асарро мувофиқи талабу дархости донишҷӯёни сершумор, омӯзгорони донишкадаҳои олию миёнаи махсус, мактабҳои таълими умумӣ ба қалам додем. Умедворем, ки он барои эшон ҳамчун маводи таълимӣ оиди таърихи оли Сомон хизмат хоҳад кард.

Мо аминем, ки фикру ақидаҳои тозаи шумо хонандагони нуктасанҷ дар нашрҳои минбаъда ба асари мо ҳусни тоза мебахшанд.

# БОБИ 1

## АЗ ТАЪРИХИ ОМУХТА ШУДАНИ ОЛИ СОМОН

Дар қарнҳои мухталиф баъди пароканда шудани давлати гул-гулшукуфтаи тоҷик — Сомониён оиди он асарҳои калонҳаҷму мақолаҳои бешумор таълиф гаштанд, ки мо дар рафти хондани китоби мазкур бо баъзе аз онҳо шинос хоҳем шуд. Ҳарчанд ки дар бораи давлатдории Сомониён асарҳои зиёд офарида шудаанд, аммо онҳо то кунун хонандаро пурра қонеъ гардонида наметавонанд. Зеро мавҷудияти наҳустдавлати тоҷик, ки он дар замони болоравии сохти феодалӣ пайдо шуда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми муносиб гузоштааст, то кунун ҳаматарафа таҳлилу тадқиқи хешро наёфтааст. Замона талаб мекунад, ки доир ба пешомадҳои ташкили давлат, оиди сохтори сиёсию усули давлатдорӣ, тараққиёти иқтисодиёту кишоварзӣ, ташкили корхонаҳои саноативу ҳунармандӣ, тиҷорату муносибатҳои байналхалқӣ, илму фарҳанг, ӯрдуи миллӣ ва ғайра асарҳои алоҳида эҷод намудан аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Яке аз он муаррихони варзида, ки ба таърихи хонадони Сомониён даст задааст, В. В. Бартольд мебошад, ки дар охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX ба омӯхтани таърихи Осиёи Марказӣ бештар диққат дода, оиди он асару мақолаҳои зиёде иншо намудааст. Мақолаи машҳури ӯ оиди Сомониён дар китоби «Таърихи Туркистон» таҳти сарлавҳаи «Забткории арабҳо ва Туркистон дар аҳди Сомониён» нашр шудааст. Дар таърихнигории шӯравӣ ин асар нахустин кори тадқиқотӣ оиди сулолаи Сомониён ба шумор мерафт. Дар он ба таври мушаххас забткории хилофати араб, нест карда шудани хонадони бармакиён, ба сари қудрат омадани тоҳириён, саффориён, сомониён, пешрафти иқтисодиёт, хоҷагии халқ, фарҳанг таҳлил гаштааст. Асари В. Бартольд барои муҳаққиқони оянда таърихи Сомониён раҳкушо гашт.

Инчунин дар асарҳои дигари ӯ — «Туркистон дар замони истилои муғулҳо», «Таҳлили таърихӣ —ҷуғрофии Эрон», «Таърихи ҳаёти маданӣи Туркистон», «Тоҷикон», (очерки таърихӣ) ва ғайра оиди давлати Сомониён, ҳудуди ҷойгиршавии он, ташаккулёбии халқияти тоҷик маълумотҳо дода шудааст. Номбурда дар навиштаҷотҳои хеш Сомониёнро наҷотдиҳандаи мардуми Мовароуннаҳру Хуросон ва ҳимоятгари забони дарӣ, тасвир намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки оли Сомон чун тарғиботчии ислом дар Осиёи Миёна баромад карда, муносибати мардуми ин сарзаминро бо хилофати араб қавӣ нигаҳ дошт, сомониён, — мегӯяд ӯ, — байраки суннизмро баланд афрохта, ба оромию таҳкими роҳ кушоданд.

Баъдтар шарқшиноси машҳури Шӯро А. А. Семёнов ба тадқиқи сулолаи Сомонӣ машғул гашт. Ӯ дар мақолаи пурмазмуни хеш «Оид ба масъалаи пайдоиши давлати Сомониён» ба бисёр саволҳои нофаҳмо оиди ин хонадон ҷавоб дод. Вай дар он ақида буд, ки баромади оли Сомон Осиёи Миёна мебошад. Сомониён суғдиёну бохтариёни ҳақиқӣ буда, бо ташкил намудани давлати хеш дар дигаргуншавии тамаддуни ҷаҳонӣ ҳиссаи муносиб гузоштаанд. Ӯ исбот менамояд, ки Сомониён мулкдорони ҳақиқии Осиёи Миёна буданд. Онҳо тавонистанд, ки дар қарни IX давлати пуриқтидори хешро созмон дода, дар болоравии забон, илму фарҳанг, иқтисодиёту тиҷорати Хуросону Мовароуннаҳр саҳмгузор бошанд.

Дар тавзеҳ, шарҳу баёни ин мавзӯъ хизмати муаррихи номии тоҷик Бобоҷон Ғафуров хеле бузург аст. Зеро ӯ аз байни пажӯҳишгарони миллии мардуми Осиёи Миёна нахустин шахсест, ки аз душворӣ наҳаросида, ба омӯзиши доманадори таърихи қадимтарин, қадима, асрҳои миёна ва навини халқҳои кишвар камар баст. Ба қалами ӯ асарҳои зиёде тааллуқ доранд, ки қисми кулли онҳо ба оли Сомон бахшида шудаанд. Баробари мақолаҳои алоҳида, инчунин ӯ доир ба Сомониён бобҳои махсусро дар асарҳои калонҳаҷмаш «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», «Тоҷикон...», «Сабабҳои болоравӣ ва барҳамхӯрии Сомониён» ва ғайра ҷой додааст. Б. Ғафуров тавонистааст, ки замони Сомониёнро хеле хуб таҳлил намуда, ба бисёр масъалаҳои номафҳум рӯшноӣ андозад.

Хизмати бузурги академик Б. Ғафуров дар он зоҳир мешавад, ки вай баробари эҷод намудани асарҳои баландмазмун, инчунин дар машваратҳои байналхалқӣ баромад карда, ҷаҳониёнро бо таърихи рангини оли Сомон шинос намуд. Натиҷаи саъю кӯшишҳои ӯ буд, ки оламиён дар бораи давлати пуриқтидори феодалии тоҷик маълумотҳои кофӣ гирифта, замони ҳукмронии хонадони Сомониро асри тиллоии болоравии илму фарҳанг ҳисобидаанд. Б. Ғафуров исбот намуд, ки маҳз

оли Сомон дар симои Исмоил, Насри II ва дигарон нафотдиҳандагони миллатро ба олами ҳастӣ овард. Онҳо тавонистанд, ки заминҳои Хуросону Мовароуннаҳрро бо ҳам пайваста, истиқлолияти ҳақиқии сокинони ин мулкҳоро таъмин намуда, ба бодиянишинон зарба зада, барои пешрафти кишоварзӣ, ҳунармандӣ, иқтисодиёт, саноати кӯҳӣ роҳи васеъ кушода, гул-гул шукуфиии илму фарҳангро дар асрҳои IX—X таъмин намоянд. Б. Ғафуров дар мақолаи калони илмии хеш «Сабабҳои болоравӣ ва барҳамхӯрии давлати Сомониён» дар шарҳу баёни ин масоил хизмати бузурге намудааст. Вай ба асарҳои зиёди илмӣ ва сарчашмаҳо такя намуда, натиҷаҳои пуршукӯҳшавӣ ва фаногардии оли Сомонро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок кардааст.

Мероси бои адабию илмии замони Сомониёнро бисёр олимон мавриди тадқиқ қарор доданд. Дар қатори муаррихон ба ин масъала инчунин адабиётшиносон низ даст заданд. Яке аз онҳо Абдулғанӣ Мирзоев мебошад, ки дар тадқиқи таърихи адабиёти классикии тоҷик ҳиссаи муносиб гузоштааст. Асари барҷастаи тадқиқотии ӯ таърихи адабиёти асрҳои IX—X мебошад, ки дар китоби ӯ «Абуабдулло Рӯдакӣ» ҷойгир аст. Ин асар ба 1100-солагии зодрӯзи шоир бахшида шудааст. Муаллиф дар қатори баҳо додан ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Рӯдакӣ, инчунин замони зиндагии ӯро хеле хуб таҳлил намуда, ба саҳми сомониён дар тамаддуни фарҳанги асрҳои IX—X баҳои сазовор додааст. Муҳаққиқ дар қатори Рӯдакӣ, инчунин ба эҷодиёти ҳамзамонону шогирдони шоир низ дахл намудааст.

Дар омӯзиши таърихи илму фарҳанги асрҳои миёнаи тоҷик хизмати Х. Мирзозода аз дигарон кам нест. Вай дар асари дучилдаи хеш «Таърихи адабиёти тоҷик» ба масъалаи давлатдории Сомонӣ ва саҳми он дар инкишофи илму фарҳанг бештар диққат додааст. Ӯ тавонистааст, ки тамоми паҳлӯҳои ҷараёнҳои адабии замони Сомониёнро таҳлилу тадқиқ намуда, ба саҳми ин хонадон дар ташаккули илму адабиёти асрҳои IX—X диққат диҳад.

Хизмати адабиётшиносони рус, ки ба таърихи илму фарҳанги Шарқ, рӯ оварда буданд, дар омӯзиши ҳаёти адабию сиёсии давлатдории Сомониён низ мақоми хос дорад. Аксари кулли муҳаққиқони шарқшинос, ки таърихи илму фарҳанги асрҳои IX—X-ро омӯхтаанд, албатта, ба таърихи хонадони Сомонӣ низ дахолат намудаанд. Яке аз онҳо Е. Бертельс мебошад. Вай дар асари машҳури хеш «Рӯдакӣ ва карматиҳо» бевосита ба ҳаёти сиёсию адабии нимаи якуми асри X дахл намуда, мавқеи Насри II, Нӯҳ бини Насрро нисбати қар-

матиён таҳлил намуда, муносибати Рӯдакиро ба ин ҷараён нишон додааст.

Чӣ хеле, ки дар боло ёдовар шудем, оиди давлатдории Сомониён асарҳои калонҳаҷм чӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чӣ берун аз ҳудуди он низ чоп шуда, дастраси хонандагону таърихдӯстон гашт. Дар ин роҳ хизмати яке аз муҳаққиқони сомонишиноси тоҷик Н. Неъматов калон аст. Вай ба устодон, аз ҷумла Б. Ғафуров пайравӣ намуда, китоби хешро таҳти унвони «Давлати Сомониён» пешкаши хонандагон намуд. Асари муаллиф рисолаи илмӣ буда бисёр паҳлӯҳои таърихи хонадони Сомониёнро равшан гардонидааст. Вай ба сарчашмаҳои таърихӣ, маводҳои ҳафриётҳои бостоншиносӣ, адабиёти чопшуда такя намуда, тавонистааст, ки мубориза Сомониёнро барои ташкил додани давлат, усули идоракунии он, ташкили лашкар, пешрафти иқтисодиёту илму адабро таҳлил намояд. Ҷиҳати фарққунандаи китоби Н. Неъматов аз дигарон дар он аст, ки муаллиф тамоми таърихи рангини Сомониёнро ба шакли китоби алоҳида пешкаши хонанда намудааст.

Н. Неъматов дар баробари китоб, инчунин оиди Сомониён мақолаҳои зиёде чоп намуда, ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ курси махсуси сомонидониро хондааст.

Дар роҳи таҳлили масъалаи ташаккулёбии халқияти тоҷик, ки ба замони Сомониён рост меояд, хизмати олими варзида Ю. Якубов калон аст. Вай дар китоби нодири «Тоҷикон» ба масъалаи ташаккулёбии халқи хеш бештар диққат дода, баробари он ба таърихи хонадони Сомониён низ дахл намудааст.

Дар омӯзиши таърихи бостоншиносӣ, сиккашиносию мардумшиносии оли Сомон олимони варзидаи Иттиҳоди Шӯравӣ Е. А. Давидович, Б. А. Литвинский, А. М. Беленицкий, Б. Маршак, О. Г. Большаков, Т. И. Зеймал ва дигарон хизмати калон намуданд. Онҳо дар равшан намудани ин ё он паҳлӯи таърихи оли Сомон ҳисса гузоштаанд.

Е. А. Давидович яке аз тангашиносони барҷастаи илми Шӯравӣ ба шумор меравад. Вай дар тадқиқи тангаҳои қадима ва омӯзиши ислоҳотҳои пулию молии давлатҳои алоҳидаи Осиёи Миёна хизмати калон намудааст. Яке аз он кашфиётҳое, ки олима ба харҷ додааст, омӯзиши таърихи тангаҳои замони Сомониён мебошад. Инро вай дар асари хеш «Муомилоти пулии Мовароуннаҳр дар замони Сомониён» хеле равшан собит намудааст.

Сомониён дар роҳи инкишофи саноати кӯҳӣ ном бароварда буданд. Сарчашмаҳои қадима онро танҳо номбар кардаанд. Танҳо дар замони Шӯравӣ ба ин масъала аҳамияти аввалиндараҷа дода шуд. Дар ин ҷода академик Б. А. Литвинский хизмати арзанда намуд. Ӯ конҳои замони Сомониёнро тадқиқ на-

муда, саҳми ин хонадонро дар ташкили саноати кӯҳӣ ва металкоркунии асрҳои IX—X нишон дод. «Тадқиқотҳои ҷадид дар конҳои қадимаи Қарамазор», «Аз таърихи истеҳсоли кӯрғошим дар Ӯзбекистон» ва ғайра аз қабили тадқиқотҳои ӯ оид ба саноати кӯҳӣ мебошанд.

Замони сомониён даврай болоравии кишоварзӣ ва инкишофи обёрӣ мебошад. Дар ин ҷода низ аз тарафи муҳаққиқон корҳои шоён ба сомон расиданд. Пажуҳишгар Т. И. Зеймал ба ин масъала дар асари хеш «Каналҳои кӯҳна ва асримиёнагии водии Вахш» баҳои сазовор додааст.

А. М. Беленицкий яке аз шогирдону ҳамсафони А. Ю.Якубовский ба шумор меравад. Устоду шогирд дар пажуҳиши таърихи қадимтарин, қадима ва асрҳои миёнаи халқҳои Осиёи Марказӣ хизматӣ калон намудаанд. Асарҳои нотакрори А. Якубовский «Маҳмуди Ғазнавӣ», «Шӯриши Муқаннаъ — ҳаракати одамони сафедпӯш», «Масъалаҳои даврабандии таърихи Осиёи Марказӣ дар асрҳои Миёна» ва ғайра мебошад. Муаллиф дар ин чакидаҳои хомаи хеш ба таърихи хонадони Сомонӣ низ дахл кардааст.

Шоҳӣ ва шоҳибофӣ таърихи дуру дароз дорад. Дар байни муҳаққиқон онди меҳани он баҳсу мунозира аст. Ҳангоми таҳлили асарҳои А. М. Беленицкий шумо бо таърихи пайдоиш ва инкишофи саноати шоҳибофии замони Сомониён шинос мегардед.

О. Г. Болшаков дар асари хеш «Қайдҳо доир ба ҳудуди таърихи водии Зарафшон дар асрҳои IX—X» ба маркази калони иқтисодию иҷтимоӣ будани шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Панҷакент ва ғайра баҳо дода, хизмати хонадони Сомониёнро дар ободии онҳо қайд намудааст.

Мо ба таври хеле мухтасар бо баъзе аз адабиёти илмӣ-оммавии ба сулолаи Сомонӣ бахшидашуда ошно гаштем. Асосан ҳамаи асарҳои дар боло ёдоваршуда дар асоси сарчашмаҳои қадимаи ба ҳуруфоти арабиасос нишокардаи муаллифони мухталиф ба қалам дода шудаанд. Зеро онҳо манбаъҳои аввала доир ба омӯхтани таърихи қадимаи халқи тоҷик ва дигар мардуми даризабон ба шумор мераванд. Ҳангоми ба қалам додани китоби мазкур мо низ кӯшиш намудем, ки аз онҳо баҳра барем.

Пеш аз ҳама, ҷаҳд намудем ба сарчашмаҳое рӯ оварем, ки онон дар замони дар сари қудрат будани оли Сомон китобат шудаанд. Зеро чунин сарчашманависон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар асарҳои хеш ҳақиқати замонро баён кунанд.

Яке аз чунин забардастон таърихшиноси арабизабони тоҷик Абубакр Муҳаммад бини Ҷаъфар Наршахӣ мебошад, ки дар арсаи олам бо асари ҷовидонаи хеш «Таърихи Бухоро»

машхур гаштааст. Абубакри Наршахӣ худ шоҳиди воқеаҳои таърихи замони ҳукмронии Исмоил, Аҳмад, Насри II ва Нӯҳ мебошад. Вай ба таҳлили доманадори воқеот дар солҳои 943—944, ё дар айёми амири Нӯҳ бини Насри II ва туғён ёфтани муборизаҳои дохилӣ камар бастааст. Ӯ дар ин асари нотакрори хеш таърихи халқи тоҷикро аз истилои араб то ҳукмронии Нӯҳ бини Насри II (943—954) ба қалам додааст. Аз ин сарчашмаи нодир бисёр факту далелҳоро оиди давлатдории Сомонӣ, ҳудуди ҷойгиршавии оли Сомонро истифода намудем. Пеш аз ҳама муаллифи сарчашма ба таърихи сари қудрат омадани амири Сомонӣ Исмоил бини Аҳмад бештар диққат додааст. Ин китоб соли 1128 аз тарафи мутарҷим Абӯнаср Аҳмад бини Муҳаммад бини Наср ал-Қубавӣ ба забони тоҷикӣ гардонида шудааст. Шакли пурраи асар дар соли 1363 дар чопхонаи шаҳри Туси Эрон ба табъ расидааст. Шакли мухтасари онро дар зери таҳрири профессор Аҳрор Мухторов таърихшинос Н. Қосимов ба ҳуруфоти кириллӣ (соли 1979) чоп намуд.

Доир ба омӯзиши рӯзгори оли Сомон аз «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ дида асари комилтар нест. Зеро муаллиф шоҳиди зиндаи замони гул-гулшукуфии давлатдории Сомониён мебошад. Бинобар ин шарҳу эзоҳи Наршахӣ оиди ин хонадон ба ҳақиқати ҳол хеле наздик мебошад. Ғайр аз ин «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ доир ба мавзӯи дастзадаи мо сарчашмаи асосӣ ва аввалин мебошад. Сарчашмаҳое, ки баъди он китобат шудаанд, гапҳои вайро ба таври хеш шарҳ додаанд.

Дар қатори Наршахӣ, инчунин асарҳои зиёд оиди таърихи халқҳои эрониажод чоп шудаанд. Яке аз онҳо асари безаволи Муҳаммад бини Ҷарири Табарӣ мебошад. Ин муаллиф китоби таърихи пайдоиши дунё ва инкишофи сохти ғуломдорию ибтидои феодалиро дар ҳаҷми 15 ҷилд ба табъ расонидааст. Ин асар ба забони арабӣ буда, онро дар давру замони мухталиф ба забони форсӣ низ тарҷума кардаанд. Ҷилди понздаҳуми асар ба давраи арсаи сиёсатмадорӣ баромадани намояндагони хонадони Сомониёнро тавзеҳ менамояд. Он то ибтидои солҳои ҳукмронии Насри II бини Аҳмад (914—943)-ро дарбар мегирад. Ин ҷилдро Абулқосими Поянда ба забони форсӣ тарҷима намудааст ва онро чопхонаи Асотири Эрон ба табъ расонидааст.

Муаррихи варзидаи асримиёнагии тоҷик Мирхонд ба шумор меравад. Ӯ низ оиди давлатдории оли Сомон асар эҷод намудааст. Дар асари машҳури вай «Равзат-ус-сафо» боби махсус ба оли Сомон бахшида шудааст. Асари мазкур таърихи сиёсии оли Сомонро аз замони Сомон-худот то заволи империяи Сомониён дарбар мегирад. Он оиди талошҳои оли Сомон баҳри

ташкили давлат, гул-гулшукуфии сулолаи Сомониён дар замони Исмоилу Насри II, дар аморати Сомонӣ баланд шудани қудрати туркон, кӯшишҳои охирини Абуиброҳими Мунтасир баҳри аз нав эҳё намудани давлатдории Сомониён ва ғайра сухан меравад.

«Сиёсатнома»-и Хоҷа Низомулмулк яке аз асарҳои бебаҳо оиди усули идоракунии давлат аст. Муаллиф ҳамчун марди донишманд дар идора намудани давлати Салҷуқиён ҳиссаи босазои хешро гузоштааст. Вай таҷрибаи давлатдории асримиёнагии тоҷиконро дар идора намудани мулкҳои мухталифи Мовароуннаҳру Хуросон ба қалам додааст. Оиди баёни фасли «Усули давлатдории Сомонӣ» аз асари номбурда истифода бурда шуд.

Дар асарҳои сарчашманависони таърих мунокишаҳои байни Исмоилӣ Сомонӣ ва Амр Лайси Саффорӣ наҷандон равшан тасвир шудааст. Танҳо Низомулмулк тавонистаст, ки дар «Сиёсатнома»-и хеш ба ин масъала рӯшноӣ андозад. Дар фасли «Андар мазолим нишастани подшоҳ ва адлу сирати некӯ варзидан»-и китоби хеш мубориза байни ду амирро хеле хуб ва бо обуранги бадеӣ тасвир намудааст.

Хизмати дигари Низомулмулк дар он зикр меёбад, ки вай ба замони ҳукмронии амирон Нӯҳ бини Насри II, Абдумалик бини Нӯҳ ва Мансур бини Нӯҳ дахл намуда, баланд шудани таъсири ғуломони туркро ба оли Сомон дар симои Алптегин ва домодаш Сабуктегин хуб таҳлил намудааст. Дар ҳамин ҷо ӯ муборизаи тӯлонии Мансур бини Нӯҳро бо Алптегин акс намуда, инчунин ба қобилияту қудрати амирии Исмоил бини Аҳмад баҳои шоиста медиҳад.

Яке аз сарчашмаҳои муҳиме, ки оиди оли Сомон дар бадали асрҳои XI—XIII иншо шудааст — «Таърихи Систон» мебошад. Он дар бораи соҳибқудрат шудани хонадонҳои сомонию тоҳирӣ баҳс мекунад. Муаллифи асар бештар ба талошҳои Исмоил бини Аҳмад барои тамаркузи давлат, аз тарафи ӯ саркӯб шудани Амри Саффорӣ, сабаби марги Аҳмад бини Исмоил, ба тахт нишастани Насри II бини Аҳмад ва авҷ гирифтани муборизаи дохилии хонадони Сомониён диққат додааст.

Сарчашмаи нисбатан пурра оиди давлатдории Сомониён ба қалами таърихнависи асри XI Маҳмуди Гардезӣ тааллуқ дорад. Асари вай, ки «Зайн-ул-ахбор» ном дорад, ба муборизаҳои Исмоилу ворисон барои мустаҳкам намудани оли Сомон, ба кӯшишҳои Исмоилу наберааш Насри II барои мустаҳкам гаштани сарҳадҳои давлат, ободии шаҳрҳо, дар бораи сар бардоштани саркардагони гвардияи туркии Сомониён маълумотҳои аниқе гирд овардааст.

Дар байни сарчашмаҳое ки ба давлатдории аҳди Сомониён бахшида шудаанд, асари муаллифи номаълуми асри X «Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ илал-Мағриб» қиммати хоса дорад. Ин асар дар тӯли солҳои 982—983 иншо гардида, ба давраи сустшавии қудрати оли Сомон рост меояд. Он оиди тарҳрезии мулк, инкишофи кишоварзӣ, марказҳои кандаништои феодалон, обу ҳавои кишварҳо, инкишофи шаҳру вилоятҳо сарчашмаи нотакрор аст. Бинобар ин мо қисмати илмии онро дар боби «Илму фарҳанг»-и замони Сомониён васеъ шарҳ додем.

Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ дар давраи таназзули давлатдории Сомониён (соли 996 ) ба дунё омадааст. Дар солҳои камолёбии хеш оиди ин дудмони овозадор маълумотҳои зиёде пайдо намуда, кӯшиш ба харҷ дода, онҳоро дар асари худ «Таърихи Масъудӣ» гирд овардааст. Муаллиф дар қатори баёни батафсили таърихи хонадони ғазнавиён, инчунин ба баъзе аз саҳифаҳои рӯзгори оли Сомон низ даст задааст.

Доир ба омӯхтани таърихи нахустдавлати феодалии тоҷик асари адиб ва муаррихи охири асри XI ва ибтидои асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ «Чаҳор мақола» сарчашмаи бебаҳост. Муаллиф дар қатори таҳлили ҳаёти адабии замони Сомониён, инчунин таърихи сиёсии ин хонадонро шарҳ додааст.

Дар китоби Абулҳасани Байҳақӣ «Таърихи Байҳақ», ки дар нимаи дуюми асри XII таълиф гаштааст, ба таърихи хонадони Сомониён диққати хоса додааст. Муаллиф таърихи ба сари қудрат омадани наберагон Сомонхудот — Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёсро равшан намудааст.

«Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷӣ Сироҷ, ки дар асри XII иншо шуда, шаҷараи пурраи оли Сомонро дар бар мегирад. Вай қайд менамояд, ки Сомониён аз мардуми суғд буда, маркази баромадашон шаҳри Самарқанд аст. Қиммати ин сарчашма дар он аст, ки вай дар бораи ҳамаи амирони Сомонӣ маълумоти мухтасар медиҳад.

Асари Ҳамдуллоҳи Муставфӣ «Таърихи гузида» сарчашмаи нодири асри XIII оиди Сомониён мебошад. Муаллиф шарҳи ҳоли амирони Сомониро аз Нӯҳ ибни Асад сар карда, то Абӯиброҳими Исмоил (Мунтасир) хеле хуб баён намудааст.

Муаллифи «Маҷмаъ-ул-ансоб» Муҳаммади Шабонкораи, ки яке аз сарчашманависони машҳури асри XIV ба шумор меравад, ба муаррихони пешгузаштаи худ пайравӣ намуда, таърихи оли Сомонро аз ибтидои зафарёбии Исмоил бини Аҳмад бар Амри Саффорӣ то муборизаи Абӯиброҳим Исмоил бини Нӯҳ барои аз нав қудратёбии ин хонадон ба қалам додааст.

Хоҷа Ғиёсуддин бини Хоҷа Ҳумомуддин Муҳаммад ибни Хоҷа Ҷалолуддин, ки бо тахаллуси Хондамир машҳур аст, яке аз таърихнависони машҳури асри XVI ба шумор меравад. Сар-

чашмаҳо ёдовар мешаванд, ки Хондамир хоҳарзодаи муаррихи забардасти асри XV тоҷик Мирхонд мебошад. Бешак завқи таърихнигориро дар замири ӯ тағояш бедор намудааст. Аз ин рӯ вай онди таърихи асрҳои миёнаи тоҷик, алалхусус Сомониён асарҳои зиёде офаридааст. «Ҳабиб-ус-сияр», «Маосир-ул-мулк», «Хулосат-ул-ахбор», «Дастур-ул-вузаро» ва ғайра аз қабили асарҳои машҳури ӯ мебошад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ дода, таърихи хонадони Сомониёнро нисбати муаллифони пешгузаштаи хеш хеле равшан кардааст.

Қисми кулли таърихнависони қадима ба инъикоси ҳаёти сиёсии давлатдории Сомониён даст задаанд. Қозӣ Аҳмади Қошонӣ бошад, ба Низомии Арузии Самарқандӣ пайравӣ карда, оиди таърихи фарҳангии оли Сомон таҳти унвони «Таърихи нигористон» асаре таълиф кардааст. Ӯ бо назм даврани ҳукмронии амиронро чунин баён намудааст:

Нӯҳ тан буданд з-оли Сомон машҳур,
Ҳар як ба ҳукумати Хуросон мағрур:
Исмоилеву Аҳмадеву Насре,
Ду Нӯҳу ду Абдумалику ду Мансур.

Дар бораи хонадони Сомониён, дар қатори сарчашманависон, инчунин дар хориҷи мулки мо низ асарҳо эҷод шудаанд. Яке аз онҳо китоби тозаи пажӯҳишгари эронӣ Ҷаводи Ҳиравӣ мебошад,ки зери сарлавҳаи «Ирон дар замони Сомониён» дастраси хонандагон шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки таърихи салтанати хонадони Сомониро аз рӯи сарчашмаҳои маҳаллӣ ва умумиҷаҳонӣ ба қалам диҳад. Хизмати ӯ дар ин ҷода пеш аз ҳама дар он зикр меёбад, ки муаллиф сабабҳои асосии сарикудрат омадани оли Сомонро таҳлил намудааст. Вай, асосан ба «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, ки нахустсарчашма оиди Сомониён аст, такя намуда, дар китоби аввали хеш қудрати оли Сомонро то замони ҳукмронии Аҳмад бини Исмоил таҳлил намудааст. Ҷуғрофияи ҷойгиршавии оли Сомонро нишон дода, муносибати ин хонадонро бо хилофати аббосӣ ба таҳлил гирифтааст.

Дар хусуси кай ба сари қудрат омадани Сомониён баҳс намуда, Ҷ. Ҳиравӣ чунин навиштааст: «..Сомониён ҳатто пеш аз Тоҳириён ба қудрат расида буданд» (с. 43). Ин нуктаи назари маълум аст. Аммо Ҳиравӣ онро шарҳ надодааст, ки чаро арабҳо Сомониёнро дар ибтидои соҳибқудрат шуданашон написандида, ба Тоҳириён рӯ оварданд. Сомониён паҳнкунандаи ислом буданд. Вале муаллиф сабабҳои ба ислом рӯ овардани Сомонхудоту писараш Асадро накушодааст. Шояд Сомонхудот аз куштор, хонасӯзӣ ва ҷаллодии арабҳо ба ҳарос афтода,

2—1187

халқи хешро ҳидоят намуда бошад, ки исломро қабул кунад.

Ҷиҳати ба худ хоси асари Ҷ. Ҳиравӣ дар он аст, ки муаллиф бештар ба муборизаи Исмоили Сомонӣ барои истиқлолият ва ғолиб омадан аз болои Амр бинни Лайси Саффорӣ диққат дода, дар асоси гуфтаҳои Наршахию Низомулмулк онро шарҳ додааст.

Таърих гувоҳ аст, ки оли Сомон дар ҷаҳон бо номи аввалин давлати феодалии тоҷик ёдовар мешавад. Ҳарчанд ки дар хоки собиқи он давлатҳои имрӯзаи Осиёи Марказӣ, Афғонистон, Эрони Шарқӣ, Хитои Ғарбӣ ва ғайра арзи вуҷуд доранд, аммо он давлати тоҷик буд. Ҷ. Ҳиравӣ бошад, онро сирф моли Эрон медонад. Мо ба ин ақидаи ӯ зид нестем. Тоҷику эронӣ меваи як дарахтанд. Вале бояд ҳақ ба ҳақдор қарор гирад. Ҳар як чизро бояд бо номи худ ном гирифт. Мо маданияти ягона дорем, ки сарчашмааш аз як манбаъ аст. Ҳангоми таҳқиқи он мегӯем, ки ин маданият аз они халқҳои тоҷику форс мебошад. Вале мо давлатҳои ҳахоманишиҳо, сосониён, сафависи ва ғайраро, ки дар қаламрави Эрону Осиёи Марказӣ арзи вуҷуд доштанд, сифр моли тоҷики намегӯем-ку?

Барои мусулмонон одат шудааст, ки ҳар шаҳру мулки хуррамро моли худ донистан мехоҳанд. Дар атрофи шаҳрҳои куҳани мулки мо — Самарқанду Бухоро чунин даъвоҳо давом дорад. Таърих шоҳид аст, ки ин шаҳрҳои қадимаи тоҷикон мебошанд. Аммо тақдир онҳоро ба ҳайати давлати дигар ҳавола кард. Дигарон низ даъвои Самарқанду Бухоро доранд. Аз ҷумла Ҷ. Ҳиравӣ чунин навиштааст: «Бухоро дар қарни саввум ва чоруми ҳиҷрӣ ба эътиборе маркази Эрон буд, ки дар хеш бузургтарин олимон ва донишмандонро ҷамъ карда буд ва ин сарзамин як таҳаввул гашт... Махсусан Бухоро маркази эҳёи тамаддун ва фарҳанги эронӣ гашта буд ва умарои Сомонӣ низ дар ин роҳ аз баҳри ҳеҷ кӯшиш дареғ наварзиданд, бадин хотир Бухоро лақаби қуббаи ислом дар билоди Шарқро ёфт ва бо Бағдод куш баробар мезад» (с. 292—294). Дар ин ҷо ҳам Ҷ. Ҳиравӣ аз «моли даризабонҳо» будани шаҳрҳои Бухорою Самарқанд худдорӣ намуда, онҳоро танҳо ба Эрон мансуб медиҳад. Ин рафтор рӯирост таҳриф намудани таърих аст. Бояд пажӯҳишгар ба ҳақиқати амалӣ баҳо доданро аз хотир фаромӯш накунад.

Таҳлил ва ақидаи Ҷ. Ҳиравӣ худ ба худ муқобилият мекунад. Вай қайд менамояд, ки баъди сари Исмоил писараш Аҳмад чун ҷавони ҷолок дар пешрафти оли Сомон хиссагузор шуд. Ӯро таъриф менамояд, ки аз баҳри ислом шуда, ба таври рӯякӣ ба забони арабӣ майл намуд. Аммо сарчашмаҳо шоҳиданд, ки Аҳмад ба таври ҷиддӣ ба ислом рӯ оварда буд. Азбаски забони аҷнабӣ барои аксари дарбориёну гвардияи

туркӣ бегона буд аз ин рӯ бар зидди подшоҳ сар бардоштанд. Инро ҳатто худи Ҷ. Ҳиравӣ тасдиқ намуда, чунин навиштааст: «...Ӯ забони дин ва мазҳабро ҳоким бар авомир ва навоҳии хеш гардонд ва ҳамин маврид яке аз авомили норозиятӣ аз ӯ ва дар поён мунҷар ба қатлаш низ гардид» (с. 241).

Дар мулки Эрон муаррихони варзида хеле зиёданд, ки ба омӯхтани оли Сомон камар бастаанд. Онҳо дар асарҳои хоса ва таърихи мамолики хеш ба ин масъала рӯ овардаанд. Пажӯҳишгарони «Куллиёти таърихи Эрон» боби сеюми асарро ба хонадонҳои тоҷикии Сомонӣ, тоҳирӣ ва саффорӣ бахшидаанд.

Пажӯҳишгарон оли Сомонро таҳлили чуқур накарда, бо номбаркунии амирон маҳдуд шудаанд.

Таърихнависи шинохтаи Эрон Ғуломирзо Инсофпур дар роҳи таҳқиқи таърихи асримиёнагии кишвари хеш хизмати басо бузург намудааст. Бештари асарҳои ӯ ба саҳми зан дар болоравии ҷомеа мебошад. Баробари ин ӯ ба равшан намудани таърихи асримиёнагии Эрон машғул аст. Асари калонҳаҷми ӯ «Сохтори давлат дар Эрон» (аз ислом то юриши муғул) мебошад. Дар ин асар баробари нишон додани мубориза форсизабонҳо бар зидди истилои араб, инчунин оиди хонаводаҳои тоҷикии бармакиён, сомониён, тоҳирону саффориён, ки дар болоравии сохтори давлатдории Эрон саҳми муносиб гузошта буданд, маълумоте ирсол намудааст.

Хулоса оиди давлатдории Сомониён дар дохили мамлакат ва берун аз он асарҳои зиёде чоп шудаанд. Ҳарчанд қисми зиёди асару сарчашмаҳо якдигарро такрор мекунанд, вале дар равшан намудани баъзе саҳифаҳои номаълуми таърихи халқи тоҷик дар замони Сомониён (асрҳои IX—X) бебаҳо мебошанд.

# БОБИ 2

## ПОЕНЕБИИ ЗУЛМИ МУСТАМЛИКАВӢ ВА БА САРИ ҚУДРАТ ОМАДАНИ ХОНАДОНҲОИ МАҲАЛЛӢ

### § 1. Пурзӯршавии муборизаи дохилӣ

Хилофати араб бо берахмона пахш намудани шӯриши Муқаннаъ хост, ки пеши роҳи баромадҳои халқиро дар қаламрави мустамликаи хеш гирад. Бо ин ният кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод. Аммо ба мақсад нарасид. Дере нагузашта бо сардории яке аз сарлашкарони исёнгари араб Рофеъ ибни Лайс шӯриши (806—810) калони халқӣ сар зад. Ба шӯриш на танхо тарафдорону наздикони Рофеъ, балки халқи аз зулми мустамликавӣ азияткашида низ ҳамроҳ шуд. Шӯришгарон талабҳои ба миён гузоштаи Муқаннаъро аз нав зинда карда, шиори асосии хеш намуданд. Даставвал мавҷи шӯриш водиҳои Зарафшону Қашқадарёро фаро гирифт. Дар давраи болоравии ҳаракат ба он мардумони Чоч, Истаравшан, Хуҷанд, Тахористон, Хатлон низ ҳамроҳ шуданд. Ба шӯришгарон муяссар гардид, ки дар давраи аввали ҳаракати хеш ҳокими Самарқандро кушта, шаҳрро ба дасти худ гиранд.

Сабаби асосии ба ҳаракати Рофеъ ибни Лайс рӯ овардани мардум дар он зикр меёфт, ки бобои вай Наср ибни Сайёр (739—749) ҳокими мулки Хуросон буд. Аз ин рӯ аксари кулли халқ наберан вайро шинохта, ӯро дастгирӣ намуд. Дере нагузашта шӯриш тамоми Мовароуннаҳрро фаро гирифт. Ба гуфтаи Наршахӣ аҳолии шаҳрҳои Бухоро, Кеш, Насаф, ки аввалин шуда бо роҳи зӯрӣ исломро қабул намуда буданд, ба шӯришгарон ҳамроҳ шуданд. Додари Рофеъ Башир ибни Лайс, ки мисли бародар аз сиёсати хилофат норозӣ буд, дар шаҳри Бухоро роҳбарии шӯришро ба ӯҳда гирифт. Шӯриш тарафт пайравони зиёд пайдо менамуд. Аз он хилофати араб дар симои халиф Ҳорунаррашид (785—809) ба ҳарос омад. Халиф

тамоми чораҳоро дид, ки пеши роҳи исёнгаронро гирад. Писари Ҳорунаррашид Маъмун, ки ҳокими Хуросон буд, ба назди Рофеъ ибни Лайс писарони Асад бини Сомонхудотро фиристода, ба сулҳ таклиф намуд. Аммо Рофеъ аз он рӯ гардонд. Сипас Маъмун таҳти сарпарастии Ҳарсама ба Мовароуннаҳр лашкар кашида, шӯришро пахш кард ва бародарон Рофеъу Башир ибни Лайсро ба қатл расонд. Бо ҳамин оташи шӯриши саркардаи Рофеъ хомӯш гашт. Ин шӯриш ба муқобили зулми мустамликавии арабҳо ва бедодгариҳои ҳокимони маҳаллӣ нигаронида шуда буд. Бо вуҷуди пахш гаштани шӯриш он ба хилофат таъсир расонд. Феодалони калон маҷбур шуданд, ки минбаъд ба баромадҳои халқӣ эътибори ҷиддӣ диҳанд. Бинобар ин андози заминро то 25 фоиз кам намуданд.

Арабҳо дар аввали футуҳи ислом дар кишварҳои ғайриисломӣ шиорҳои авомфиребонаи бародарӣ, баробарӣ, дӯстию рафоқатро ба миён гузошта, диққати оммаро ба худ ҷалб намуданд. Аммо баъди ба сари қудрат омадани Умавиён дар хилофат сиёсати бадбинии халқу қавмҳои дигар боло гирифт. Онҳо тамоми комёбиҳои илму фарҳанги мардуми ғайримусулмонро ба худ мансуб дониста, ғайри қавми араб дигар мардумро намеписандиданд. Ин таҳқири арабҳо мардуми тоҷику форсро, ки таъриху маданияти кӯҳан доштанд, ба таҳлука овард ва боиси ба вуқӯъ пайвастани шӯришҳои нави халқӣ гардид. Яке аз онҳо шӯриши Абӯмуслим буд. Аз ин ҳаракат тарафдорони хилофати Аббосӣ(750—1258) истифода бурданд. Онҳо бо роҳи авомфиребӣ Абӯмуслимро ба доми худ кашида, аз қувваю истеъдоди вай дар ҷангҳои зидди Умавиён истифода бурда, соли 750 ба ҳокимияти онҳо хотима гузоштанд. Абӯмуслим бошад, аз макри Аббосиён пай набурда, соли 751 ба лашкари пурқуввати хитоиҳо, дар соҳили дарёи Талас (наздикии Ҷамбул) зарба зад. Аббосиён аз истеъдоди фавқулоддаи ҷангии вай тарсиданд, ки рӯзе мерасаду ӯ хилофатро нест мекунад. Бо ҳамин ният, онҳо аз паси куштори Абумуслим шуданд. Соли 755 халиф Абӯҷаъфар-ал-Мансур (754—775) Абӯмуслимро ба даргоҳи худ хонда, ӯро ваҳшиёна қатл намуд.

Арабҳо бо ин кори хеш ба иззати нафси тоҷикон, ки яке аз халқҳои қадимаи Аҷам ба шумор мераванд, расиданд. Бинобар ин бар зидди ақидаҳои бефарҳангон ҳаракати фалсафавии «Шуубия» таъсис ёфт. Он ҳаракати адабӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва ифтихор ба гузаштагон ном гирифт. Тарафдорони «Шуубия» ба фуқаҳои дин даъво намуданд, ки ислом баробарӣ, бародарӣ, дӯстию рафоқатро тарғиб менамояд. Шумо бошед ғурури қабилавӣ ва миллиро талқин мекунед. Тарафдорони «Шуубия»

ба васеъ тарғиб намудани маданияти тоҷику форс камар баста, бештар китобҳоро дастраси бефарҳангон намуданд.

Ҷиҳати ба худ хоси ҳаракати «Шуубия» дар он зикр меёфт, ки тарафдорони он дар назди хилофати Аббосиён масъалаи дар корҳои идора намудани мулкҳо иштироки васеи аҳолии маҳаллиро ба рӯзнома гузоштанд. Ин таклифҳоро хилофат қабул кард.

Ҳаракати «Шуубия» Ҳорунаррашидро маҷбур намуд, ки ба роҳи муросокорӣ гузашта, дар идора намудани хилофат аз қувваи одамони донишманду бонуфузи маҳаллӣ — аз ҷумлаи тоҷикон истифода барад. Баробари ин Ҳорунаррашид ба суханони ҳамсараш — духтари бофарҳанги тоҷику форс Зубайда гӯш медод. Зубайда аз аклу заковати бисёр одамони далер огоҳ буд. Бинобар ин бо тавсияи вай мустамликадорон одамони маҳаллиро ба сари қудрат овардаанд.

Яке аз он хонадонҳои машҳури тоҷикӣ — хонадони Бармакиёни Балх буд, ки онҳо дар ташаккули давлатдорию пешрафти илму фарҳанг ба арабҳо муаллим гаштанд. Дар замони Ҳорунаррашид яке аз чунин мутафаккирон Фазл бини Яхё ба шумор мерафт, ки ӯ дар ҳаёти фарҳангию сиёсатмадории халифа нақши нотакрори хешро гузоштааст. Дар фаслҳои минбаъдаи ин китоб бо ин марди наҷиб муфассалтар ошно хоҳем шуд. Пайваста бо бармакиён, инчунин арабҳо маҷбур шуданд, ки ба хонадонҳои Сомониён, Тоҳириён ва Саффориён дар идора кардани кишвар роҳи васеъ кушоянд.

## § 2. Бармакиён

Пазириши ислом аз ҷониби мардуми эрониназод, тасаллут ёфтани арабҳо бар ин навоҳӣ ва ҳукумати миллатгароёнаи Умавиҳо рӯҳияи ватандӯстиву истиқлолхоҳии мардуми моро нашикаст.

Аббосиён тамоми кӯшишро ба харҷ доданд, ки дар идоракунии мустамликаҳо аз қувваи мардуми Аҷам истифода накунанд. Аммо ба он муваффақ нашуданд. Сипас маҷбур гаштанд, ки пеши хираду заковати хонадонҳои тоҷикӣ сар ҳам кунанд. Онҳо даставвал ба хонадони Бармакиёни Балх рӯ оварданд. Зеро ин хонадони бонуфуз ҳанӯз дар замони давлатдории Сосониён машҳуру маълум гашта буд. Сарсулолаи ин авлод Бармак аз илми фалсафа, нуҷум бохабар буда, дар замони Сосониён истеъдоди баланди сиёсатмадории хешро ифшо намуд. Вай вазири дарбори Ардашери Бобакон буд. Баъди он ки арабҳо Хуросонро тасхир намуданд ва давлати овозадори

Сосонӣ аз по афтод, он тоҳ дар идоракунии давлати хеш аз истеъдоди Бармакиён истифода бурданд. Қабл аз ҳама ба ҷо ба ҷо гузории ходимони давлатию динӣ эътибор дода мешуд. Маҳбубияти Холид дар байни мардум бошад, аз одамияти ӯ буд. Халқ вайро хеле дӯст медошт ва ӯ низ авомро меписандид. Аз ҷумла, вақте ки коргузории мулки Форсро ба дӯш гирифт, хироҷи андозро як дараҷа кам намуда, аҳволи мардумро сабук намуд. Халиф Мансур (754—775) кордонии ӯро ба назари эътибор гирифт. Баъди чанде писараш Яҳёро ҳокими мулки Озарбойҷон таъин намуд. Зеро Яҳё дар ақлу заковат аз падар мондани надошт. Аз ин рӯ халиф Маҳдӣ ба писараш Ҳорунаррашид васият намуда буд, ки вай бояд эҳтироми ин хонадони бузургро ба ҷо орад. Ҳорун низ дар асоси панди падар амал кард. Маҳз кордонии Бармакиён буд, ки хилофати Аббосиён дар замони Ҳорунаррашид хеле нашъу нӯмӯъ кард. Болоравӣ ва ба иззату икроми хоса сазовор шудани Бармакиён рашки арабҳоро ба миён меоварданд. Онҳо кӯшиш менамуданд ба Ҳорунаррашид халал расонанд, то ки вай намояндагони Бармакиёнро аз сари қудрат дур кунад.

Яҳё марди фозилу илмдӯст ба шумор мерафт. Инро ба назар гирифта халиф Маҳдӣ аз ӯ хоҳиш намуда буд, ки сарпарастии писараш Ҳорунро ба ӯҳда гирифта, ӯро аз илмҳои замона бохабар намояд. Яҳё васияти дӯсташро ба ҷо оварад. Ба Ҳорун на ин ки дарси илму адаб, таълими давлатдорию сиёсатмадориро низ омӯзонид.

Дар пеши назари Яҳё Ҳорун ҳамчун марди сиёсатмадору ботамкин камол ёфт. Ҳамин сифати хуби кордонӣ буд, ки баъди фавти падар ба тахти хилофат нишаст. Чи хеле ки гуфтем, ӯ тавонист, ки бо кӯмаки вазирони оқилу доно дар идоракунии хилофат аз падар пеш гузарад. Замони ҳукмронии Ҳорунаррашид (785—809) даврави болоравии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва байналхалқии хилофат гашт.

Вақте ки Ҳорунаррашид ба тахт нишаст, Яҳёро назди худ хонда, гуфт:

— Ман кори раёсатро ба ту вогузор мекунам ва онро аз дӯши худ бар гардани ту мениҳодам. Ҳар кисм, ки лозим медонӣ ҳукм бикун ва ҳар касро, ки мехоҳӣ баргузин ва ҳар киро нахоҳӣ барканор кун. Ба ҳар кас, ки медонӣ ҳамроҳӣ бикун ва ҳар киро салоҳ медонӣ, берун бикун. Ман дар ҳеч кори ту назорат намекунам....

Яҳё бо ду писараш — Фазл ва Ҷаъфар бо мардум хуш муомила карда, аз пазируфтани онҳо вақтро дареғ намекарданд. Дар рушди шеъру шоирӣ ва таъмини моддии аҳли фазл ин хонадон саҳми бағоят бузург дорад. Лусин Будо мегӯяд: «Дар давроне, ки Бармакиён садорат доштанд, халифро унвоне беш

набуд». Тамоми мақому вазоратҳо бо салоҳдиди ин хонадон таъйин мегаштанд. Ҳамаи ривояту ҳикоётро таҳлил карда, Ибни Халдун ба хулосае меояд, ки Бармакиён зимоми ихтиёроти кишварро дар даст доштанд ва даромади хазинаро моли худ медонистанд ва ҳар тавре, ки мехостанд, онро сарф мекарданд. Ҳатто харочоти халифаро муайян мекарданд.

Дар бахшишу саховатмандӣ Фазли Бармакӣ ниҳоят маъруф буда, забонзади хосу ом гашта буд. Фазилати ин хонадон чунон боло гирифта буд, ки мулкҳои беҳтарини мустамликаи хилофатро дар ихтиёр дошт. Ҳамин тавр заминҳои шарқии Эрон дар як вақт аз ҷониби писари Яҳё Фазл идора мегашт.

Ба ин хонадон бисёре аз ашрофони арабу аҷам ҳасодат меварзиданд. Абуаюби Мурёнӣ, Яъқуб бини Довуд аз маъруфтарин чеҳраҳои он рӯза аз ин қабил буданд.

Даврони вазорати Ҷаъфари Бармакӣ бешак авҷи қудрати ин хонадон ба ҳисоб мерафт. Ҳорунхалифа ӯро мояи фахри дарбори худ медонист. Дар раиятнавозӣ Ҷаъфар саъй намуда, аз ин рӯ маҳбуби ин табақа гашта буд. Ҳамаи шахсони ҳочатманд ба ӯ мурочиат менамуданд. Дар донишу хирадмандӣ ҳам Ҷаъфар маҳорат нишон медод ва бино бар гуфтаи муаррихон вақтҳои холии худ ба мутолиаи фалсафа ва нуҷум мепардохт. Бо ташаббуси ҳамин хонадон буд, ки пойтахти хилофат аз Димишқ ба Бағдод интиқол ёфт.

Бахшишу саховатмандии Бармакиён то ҷое расида буд, ки бино бар қавли донишманди ҳиндӣ Конпурӣ занону мардони араб ва бисёре аз бодиянишинон аз роҳҳои дур омада, дар Бағдод ашъоре месуруданд ва аз Ҷаъфар ҷоиза дарёфт мекарданд.

Ониҳои қабл аз исломии тоҷикон, аз ҷумла «Наврӯз» ва «Меҳргон» маҳз бо ташаббуси ин хонадон эҳё гашта, ба авҷи худ расиданд. То ҷое, ки рӯзи баргузории ин ҷашнҳо ба халифа ҳадя медоданд. Дар даврони Бармакиён ҳатто арабҳо ҳам «Наврӯз»-ро ҷашн мегирифтанд.

Бидуни ҳеҷ тардид хонадони Бармакиёнро оғозгари таҷдиди суннатҳои қадимии мардуми мо метавон номид. Кореро, ки Сомониён ривоҷ дода ба худ ному маҳбубият кашф оғоз намуданд, аз ҷониби ин хонадон тарҳрезӣ шуд. Ҳатто ба сари қудрат расидани Сомониён низ аз самараҳои кори ин хонадон буд. Наҳзати «Шуубия», ки дар зинда мондани китобҳои зиёди то исломии мо хидмати бағоят бузург карда буд, аз ҷониби Бармакиён ҳимоят мегашт.

Онҳо кӯшиш менамуданд, ки ганҷинаҳои бои мероси хаттии аҷдодон нобуд нашавад. Аз ин рӯ пеши роҳи фарҳангбезории арабҳоро мегирифтанд.

Бармакиён чун мардуми бофазилат дар паҳн намудани ис-

лом барои хилофати араб хизмати хуб карданд. Онҳо кӯшиш намуданд, ки дини ислом бе куштору сӯхтор ҷорӣ гардад. Зеро арабҳо дар ибтидои забткориҳои хеш мардумонеро, ки исломро намеписандиданд, қатл намуда, шаҳру деҳотро оташ мезаданд. Ба ин ваҳшонияти арабҳо харобаҳои шаҳри Панҷакент ва Бунҷекати Истаравшан (Шаҳристон) мисол шуда метавонанд.

Барои рух надодани чунин ҳодисаи ногувор Фазл бини Яҳёи Бармакӣ дар рафти солҳои 770—771 дар шаҳри Бухоро масҷиди намози ҷумъа бино кард. Наршахӣ мегӯяд, ки чунин масҷиди бузург дар қаламрави Мовароуннаҳр набуд. Бо ташаббуси Фазл бини Яҳё дар давраи моҳи рамазон дар дохили масҷид қандилҳо фурӯзон меистоданд.

Болоравии қудрати Бармакиён ба чашми душманони ин хонадон чун хор халид. Онҳо аз паи нест намудани ин мардони номбардор шуданд. Ва охируламр ба он муваффақ гардиданд, ки ба дилу дидаи Ҳорунаррашид ҷой шуда, ӯро маҷбур созанд ба куштор даст занад. Ин буд, ки бо амри Ҳорунаррашид 29 январи соли 803 Ҷаъфари Бармакӣ қатл гардид. Яҳё ва писаронаш Фазл, Муҳаммад ва Мӯсо дар шаҳри Рақиқа зиндон карда шуданд, ки дар он ҷо ҷон ба ҳақ супориданд.

Дере нагузашта Ҳорунаррашид аз кори кардааш сахт пушаймон гашт. Зеро бе Бармакиён идоракунии дарбор мушкил шуд. Шахсони сифлаю ноӯҳдабаро ба ҷои Бармакиён по гӯзошта, аз ӯҳдаи кор набаромаданд. Он гоҳ Ҳорунаррашид «во дареғи оли Бармак» гуфт.

Вале қатли ваҳшиёнаи хонадони Бармакиёни Балх пеши роҳи хонадонҳои дигари тоҷикро гирифта натавонист. Арабҳо бе онҳо дарахти бесамар буданд. Аз ин рӯ маҷбур шуданд, ки кори саркардаи Бармакиёнро ба хонадонҳои сомониён, тоҳириён, ва саффориён вогузор намоянд.

## § 3. Тоҳириён

Шӯришҳои халқии асри VIII ва асри IX шуури сиёсии оммаи меҳнаткашонро бедор карда, дар онҳо мубориза озодихоҳиро тарбия намуданд. Бо вуҷуди ин дар он замон, инчунин ашхосе ҳам буданд, ки сарват ҷамъ карданро шуғли асосӣ ва дар доираҳои ҳукмрон буданро ифтихор медонистанд. Халифаҳои аббосӣ ин гуна ашрофони маҳаллиро ба идоракунии давлат ҷалб менамуданд. Бо ин кор аббосиён мехостанд, ки бо ёрии аристократияи маҳаллӣ пеши роҳи ҳаракатҳои халқии зидди истилогарони арабро гиранд.

Дар рафти шӯриши Рофеъ ибни Лайс Тоҳир ибни Ҳусейн, ки яке аз одамони бонуфузи маҳаллӣ буд, ба тарафи арабҳо гузашт. Баъди мағлубияти шӯриш ҷангҳои байни бародарон

Амину Маъмун сар шуд. Дар ин мубориза ӯ тарафи Маъмунро гирифт. Сипас соли 821 Маъмун вайро ҳокими мулки ҷудогона таъин кард.

Тоҳир, ҳокими мулки Фушанҷи Ҳирот буда, дар назди хилофат обрӯ ва эътибори калон дошт. Вай сарфармондеҳи лашкари халиф Маъмун ва сардори девони андозҳои молиявӣ буд. Ӯ мустақилияти Хуросон ва Мовароуннаҳрро таъмин намуд, ҳатто соли 822 фармон дод, ки дар намоз номи халиф дигар гирифта нашавад. Вале дере нагузашта Тоҳир ногаҳон вафот кард. Сабаби марги Тоҳир маълум нест. Баъзе сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ки гӯё бо фармуди халиф Тоҳирро канизаш дар вақти хоб заҳр дода, куштааст. Халифа Маъмун ба ҷои Тоҳир писари ӯ Талҳаро (822—828) ҳоким таъин кард. Баъд аз Талҳа дар даврам ҳукмронии бародараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828—844) Хуросону Мовароуннаҳр давлатҳои тамоман мустақил шуданд. Дар замони Тоҳири II ибни Абдуллоҳ (844—862) ва охирин подшоҳи тоҳириён Муҳаммад ибни Тоҳир (862—873) ин давлат ба як чанд муваффақиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ ноил гардид. Вале ин сулола соли 873, дар натиҷаи зарбаи сулолаи Саффориён аз байн рафт.

Пойтахти давлати Тоҳириён шаҳри Нишопур буд. Тоҳириён ҳудуди мамлакати худро аз ҳисоби мулкҳои Осиёи Миёна ва заминҳои оғузҳо як қадар васеъ карданд.

Тоҳириён, ҳарчанд мустақилияти мамлакатро таъмин карда бошанд ҳам, ифодакунандаи манфиати заҳматкашон набуданд. Бо вуҷуди он ташкил намудани ҳокимияти мустаҳкам ва осоиштагии муваққатӣ имконият дод, ки хоҷагии қишлоқ тараққӣ кунад ва муносибати феодалону арбобон нисбат ба деҳқонон мӯътадил гардад.

Дар замони Тоҳириён доир ба дуруст истифода кардани обу замин ва сохтмони иншоотҳои обёрикунанда якчанд чораҳои зарурӣ андешида шуд. Онҳо тартиботи беҳтар истифода бурдани обро ҷорӣ карданд. Мувофиқи супориши Абдуллоҳ қонун ва қоидаи истифодабарии обро эҷод намуданд, ки он муддати дусад сол дар ҳалли мубоҳиса ва мочарои соҳаи об ва обёрӣ ҳамчун дастур хизмат кард. Ин амалиёти онҳо ба манфиати синфҳои ҳукмрону бойшавии хазинаи давлатӣ нигаронида шуда буд. Аҳволи халқи меҳнаткаш ниҳоят бад буд ва вай барои ба даст овардани ризқу рӯзии хеш бо истисморкунандагон муборизаи тан ба тан мебурд.

Абдуллоҳ ибни Тоҳир барои тараққиёти барзгарии Осиёи Миёна хизмати калоне кардааст. Чи хеле ки дар боло ёдовар шудем, ӯ онди инкишоф ва батартиб овардани усули обёрӣ қонуннома тартиб дод. Дар асоси нақшаҳои шахсии ӯ наҳру корезҳо канда шуд. Инчунин ӯ тавонист, ки дар истифодаи

оқилонаи замин ба баъзе комёбиҳо соҳиб шавад. Аммо хоҳу нохоҳ ӯ манфиати синфҳои доро ва рӯҳониёни исломро ҳимоя мекард. Дар замони Тоҳириён вазъи аҳолӣ, алалхусус барзгарон хеле вазнин буд. Онҳоро заминдорони калону феодалон сахт истисмор мекарданд. Баробари ин аз барзгарон андози калон ситонида мешуд. Масалан, соли 844 маблағи умумии андози ба хазина ҷамъ кардаи Тоҳириён 48 миллион дирҳамро ташкил медод. Натиҷаи беадолатии амалдорон буд, ки дар Систон мавҷи шӯришҳои халқӣ хомӯш намешуд.

Ҳарчанд, ки худи Тоҳир барои мустақилияти пурра аз арабҳо мубориза карда бошад ҳам, аммо ворисони вай ғуломи халқабаргӯши мустамликадорон буданд. Аз ин рӯ онҳо чун паҳнкунандагони ислом баромад мекарданд. Ҳатто дар аҳди Талҳа бини Тоҳир дар Истаравшан ба зӯрӣ ба ҷои оини зардӯштӣ дини исломро ҷорӣ намуданд.

Давлати Тоҳириён ба арбобони босавод эҳтиёҷ дошт. Аз ин рӯ Абдуллоҳ барои донишомӯзӣ шароитҳо фароҳам меоварл. Ӯ низ мисли падар шоир буд. Фарзандонашро дар рӯҳи илмдӯстӣ тарбия менамуд. Аммо ҷорӣ шудани забони арабӣ пеши роҳи тараққиёти маорифпарварии Тоҳириёнро боз дошт. Ин вазифаро намояндагони сулолаи дигар — хонадони Саффориён, ки давомдиҳандаи қори Тоҳириён буданд, иҷро намуданд.

## § 4. Саффориён

Рӯзгори оли Саффорӣ мисли бармакиёну тоҳириён аҷоиб аст. Падари сулола Лайс марди ҳунарманд ба шумор мерафт. Вай дар байни мардум бо касби рӯйгарӣ (саффорӣ) машҳур буд. Ӯ мисгариро аз бобою падар пеша намуда, бо ҳунари волои хеш на ин ки дар Систон, балки берун аз он маълум шуд. Ҳарчанд, ки Лайс ҳунарманди номӣ буд, аммо рӯзгори хоксорона дошт. Вай соҳиби се писар: Яъқуб, Амр ва Алӣ буд. Писари калонӣ—Яъқуб дасти ларози падар гашт. Яъқуб, ки нисбати падар ҷавони чолоку кордон буд, бештар ҳунарварӣ намуда, пули зиёд ба даст меоварл. Бо ин роҳ падару писар аҳли хонаводаро бо хӯрока таъмин мекарданд.

Дар нимаи дуюми асри IX дар Хуросон ҳаракати ғозиён боло гирифт. Ба ин ҳаракат гурӯҳҳои мухталиф ҳамроҳ гаштанд. Аз он бародарон Яъқуб, Амр ва Алӣ низ истифода бурданд. Яъқуб соли 861 сарварии гурӯҳи мусаллаҳи ғозиёнро ба зимма гирифта, дар Систон нуфузи хешро баланд намуд. Сипас ба ӯ муяссар шуд, ки тарафдорони зиёд пайдо карда, аз болои волои Систон Солеҳ бини Наср ғалаба намуда, худ ҳокими он ҷо гардад.

Баъди ин зафарҳо ва соҳиб шудан ба маркази Систон шаҳри Заранҷ обрӯ ва нуфузи Яъқуб боло рафтан гирифт. Пайваста бо Систон мулкҳои Синд, Мехрон, Хирот, Фушанҷ, Кирмон ва ғайра ба зери итоати ӯ гузаштанд. Ин болоравии нуфузи Яъқуб хилофати арабро ба таҳлука андохт. Яъқуб аз дугӯ пӯписаи халиф натарсида ба сӯи Шероз лашкар кашид. Он ҷоро забт кард. Баъд бо волии Форс харбу зарб намуда, ин мулкро низ тахти тасарруфи худ гирифт. Барои ба дили халиф ҷой шудан чора ҷуст. Аз мулкҳои забткардаащ бонгарии зиёдеро ҷамъ намуда, корвоне тартиб дода, ба Бағдод ба халиф тӯҳфаи калон равон намуд. Бо ин Яъқуб вонамуд кард, ки тобеияти халифатро эътироф мекунад. Аммо ӯ ба таври рӯякӣ тарафдори хилофат буда, дар асл нишондоди халифаҳоро иҷро намекард. Ҳокими шаҳри Шерозро асир намуда, ҳамроҳи хеш ба Заранҷ бурд.

Яъқуб марди ҷанговари пуртобу тоқат буд. Нисбат ба тобеъонаш серталабию сахтгирӣ мекард. Дар ҷангҳо худи ӯ ибрати шахсӣ нишон дода, доимо дар сафи пеши лашкар меистод. Аз ҷароҳату яралоршавӣ наметарсид. Боре дар яке аз муҳорибаҳо шамшери душман рӯю даҳони ӯро пора кард. Қариб як моҳ бистарӣ шуда, ба воситаи найча хӯрок мехӯрд. Баъди сиҳатёбӣ аз нав омодаи харбу зарб шуд.

Аз забткориҳои Яъқуб халиф Мӯътамид (халифаи понздаҳуми аббосӣ, ки солҳои 870—892 ҳукумат ронда буд) ба ваҳм афтода. хост, ки пеши роҳи ӯро гирад. Бинобар ин Мӯътамид ба воситаи наздиконаш Яъқуброро огоҳ намуд, ки аз мулки Форс равад. Бародари халиф Муваффак, ки ҳокими ин мулк буд, пайғоми Мӯътамидро ба ӯ расонд. Ба ивази он халиф соли 871 заминҳои Балху Тахористонро ба мулки Систон пайваста, ҳукмронииашро ба зиммаи Яъқуб вогузор кард.

Яъқуб ба таъминоти сарбозҳо бештар диққат медод. Вай сипас сӯи Кобул лашкар кашида, ҳокими он ҷоро асир намуд. Баъди он барои аз по афтониданн давлати Тоҳириён камар баст. Соли 873 аввал Ҳирот ва баъд Нишопуро гирифта, намояндаи охирини ин хонадон — Муҳаммад ибни Тоҳирро бо садуи панҷоҳ нафар наздиконаш асир гирифт.

Асоси қӯшуни ӯро «ихтиёриён» ташкил медоданд. Онҳо аз байни деҳқонони камзамину бебизоат интихоб мешуданд ва мисли пешвои хеш дар роҳи ҳимояи Ватан содиқ мемонданд.

Ғалабаҳои пай дар ҳам обрӯ ва нуфузи Яъқубро баланд намуданд. Дар аввал ӯ тарафдорони ночиз дошт. Дар ибтидои харбу зарбҳояш ӯро 2—3 ҳазор ихтиёриён дастгирӣ мекарданд. Баъди зафарҳои навбатӣ шумораи урдуи ӯ чандкарата афзуд. Дар рафти муҳорибаҳои солҳои 874—875 Яъқубро бештар аз 15 ҳазор ҷангиён дунболгирӣ мекарданд.

Лашкар хеле боинтизом буд. Касе ҳад надошт, ки аз речаи кашидаи сардор берун равад. Зеро вайронкунандагони тартибот аз тарафи худи Яъқуб ҷазои сахт мегирифтанд. Ҳатто, онҳоро қатл мекард. Аз ин рӯ касе ҷуръат надошт, ки интизомро вайрон кунад.

Урдуи саффорӣ бо мошинҳои деворшикану филҳои ҷангӣ низ мусаллаҳ буд. Дар вақти ҷангҳо мошинаю филҳо ба лашкари пиёдаю найзазанони савора роҳ мекушоданд.

Яъқуб ба таъминоти сарбозҳо бештар диққат медод. Вай кӯшиш менамуд, ки ҳар як ҷангӣ саривақт бо маошу сару либос таъмин бошад. Инчунин барои корнамоиҳои ҷангӣ ба навкарони хеш тӯҳфаҳо низ медод. Мувофиқи анъана ҷангиёни давлати Саффориён соле як маротиба маҳорати ҳарбии хешро намоиш медоданд. Дар рӯзи иди Наврӯз азназаргузаронии қӯшун ба амал меомад. Сарбозу сардорон аспу силоҳу сарулибоси ҷангии хешро намоиш дода, сипас пулу мол ҳадя мегирифтанд.

Яъқуб хислати аҷоибе дошт. Дар одамшиносӣ малакааш бой буд. Вай корафтодагонро хуб ҳолпурсӣ мекард. Аз рӯзгори онҳо бохабар мешуд. Сипас онди маҳорати ҷангиашон саволу ҷавоб намуда, баъд ба як хулосаи аниқ меомад. Агар он шахс малакаи ҷангӣ дошта бошад, ба ӯ ҳусни таваҷҷӯҳаш хеле баланд мегардад. Уро аз санҷиш гузаронида пас амр медод, ки вайро ба сафи лашкар қабул намуда, барояш тамоми шароитҳоро фароҳам оранд. Бо амри Яъқуб ба ӯ яксола хӯрока, сару либос медоданд. Агар баъди ин ҳам он шахс аз речаи интизоми ҳарбӣ берун равад, он гаҳ фавран вайро аз сафҳои хеш дур намуда, тамоми чизу чораи гирифтаашро бармегардонданд. Аз ин хислатҳои подшоҳ қариб ҳамаи мардум, хусусан аҳли фуқаро огоҳ буданд. Бинобар ин пеш аз он ки ба даргоҳи Яъқуб қадам ниҳанд, хеле фикр карда, пас ба қабули ӯ ҳозир мешуданд. Аз ин рӯ лашкари вай хеле муташаккилу боинтизом буд.

Яъқуб марди оддӣ ва хоксор буд. Дабдабаю ҳангомаро бад медид. Ҳаёти хоксорона дошт. Тамоми умр дар болои кӯрпаю болишт хоб нарафтааст. Доимо ҷилди асп кӯрпаю шамшеру зин болишти ӯ буд. Дар даргоҳи вай рӯзе бист гӯсфанд сар зада, дар панҷ дег хӯрок мепухтанд. Бо амри Яъқуб аввал ба ғуломон, сипас ба лашкару сарлашкарон ва дар охир барои ӯ хӯрок мекашиданд.

Яъқуб бар зидди дуздону торочгарон муборизаи беамон мебурд. Ҳар киро, ки моли мардум медуздид ва ё зино мекард, ба қатл мерасонид. Агар душман роҳи гурезро пеш гирад, сипоҳиёни Яъқуб ӯро таъқиб намекарданд ва ба молу мулкаш

даст намезаданд. Зеро медонистанд, ки подшоҳ онҳоро ҷазо медиҳад. Аз ин рӯ дар байни лашкариёни ӯ дузду роҳзанҳо набуданд.

Хислати ҳамидаи Яъқуб дар он зикр меёфт, ки вай лашкариёни хешро чун фарзанд дӯст медошт. Кӯшиш менамуд, ки лашкариён бо аҳли оилаи хеш хуб зиндагӣ кунанд. Бо ин мақсад, сару либос ва дигар чизҳои заруриро барои онҳо сари вақт пайдо менамуд. Ин ғамхории накӯи ӯ шумораи лашкариёни содиқро зиёд мекард.

Яъқуб мустақилиятро меписандид. Вай дар он ақида буд, ки бояд истилогарон ба Ватани хеш баргарданд. Бинобар ӯ то охири умр аз муборизаи рӯирост зидди хилофат даст накашид. Ӯ пеш аз марг ба мулкҳои Хуросон ва Табаристону Форс соҳиб гашт. Пас азми юриши Бағдод намуд. Аз ин халифа Муътамид огоҳ ёфт ва барои гирифтани пеши роҳи ӯ бародараш Муваффақро ба ҷанги зидди Яъқуб омода гардонд. Пеш аз он назди Яъқуб сафир фиристода, талаб намуд, ки вай аз роҳаш гардад. Аммо Яъқуб ба гуфтаи халиф гӯш надода, бо бародари ӯ ҷангида, дастболо шуд ва роҳи хешро ба сӯи Бағдод мунаввар сохт.

Ҳарчанд, ки халиф ба Яъқуб бини Лайс гуфт ва назди ӯ расули хешро фиристод, ки аз нияташ баргардад, аммо ӯ сар нафуровард. Дар охир халиф Муътамид бузургонро ба дарбори хеш гирд оварда, бо онҳо маслиҳат кард.

— Чунон гумон мебарам, ки Яъқуб бини Лайс сар аз чанбари тоати мо, — ба ҳозирин рӯ овард ва суханашро идома дод халиф, — берун бурдаасту ба хиёнат ин ҷо меояд, охир ӯро нафармудем, ки ба даргоҳи мо ояд ва мефармоям, ки бозгард, бознамегардад. Ва ба ҳама ҳол дар дил хиёнате дорад ва чунон пиндорам, ки дар байъати ботинийён шудаст ва то бад-ин ҷо нарасад, изҳор накунад, моро аз эҳтиёт ғофил набояд буд[1]...

Ҳозирин ба халиф Муътамид маслиҳат доданд, ки ба муқобили Яъқуб лашкар омода сохта, худаш як муддат Бағдодро тарк кунад. Ҳамин тавр ҳам кард. Ба муқобили лашкари Яъқуб ҷангиёни хешро ба ҳарб омода сохт. Халиф ба марди овози баланд дошта фармуд, ки аз баландӣ баромада, ба ҳозирин чунин гӯяд:

— Бидонед, ки Яъқуб осӣ шуд ва бад-он омад, то хонадони аббосиён барканад ва мухолифи ӯро аз Ҷамидия биёрад ва ба ҷои ӯ биншонад ва бидъат ошкоро кунад...

Яъқуб ин суханонро шунавиду дар ғазаб шуд. Байни лаш-

---

[1]. Сиёсатнома. с. 18.

кариёни ӯ ва халиф ҳарб созмон ёфт. Яъқуб барои талафот надодан ақибнишинӣ кард. Халиф ба ӯ нома фиристод, ки дар мулкҳои Хуросону Ироқ қарор гирад.

Нома ба Яъқуб расид. Онро хонду пушаймон нашуд. Сипас ба хидматиён фармуд, ки назди расули халиф дар табақи чӯбин нони чаву пиёзу моҳӣ ҳозир кунанд. Пас аз он ба расул гуфт:

— Бирав халифаро бигӯй, ки ман марди рӯйгарзодаам ва аз падар рӯйгарӣ омӯхтаам ва хӯрдании ман нони ҷавину моҳӣ ва пиёзу тара будааст. Ва ин подшоҳию ганҷу хостаро аз сари айёрӣ гирифта ва аз роҳи мардӣ ба даст овардаам, на аз падар мерос ва на аз ту дорам. Аз пой наниишинам, то сари туро ба Ҳадя нафиристам ва хонаводаи туро вайрон накунам.

Ин суханони вописини Яъқуб буданд. Вай гирифтори касалии куланҷ (дарди рӯда) шуд. Табибон ба ӯ фармуданд, ки ҳукна (клизма) кунад. Аммо вай ба ин розӣ нашуда, чунин ҷавоб гуфт: «Марг бар ман осонтар аз эҳтиқот (ҳуқна кардан) аст».

Яъқуб муддати тӯлонӣ бистарӣ гашт. Аммо аз нияти худ даст накашид. Вай ба назди халиф Мӯътамид қосид фиристода, ба ӯ нома ирсол кард, ки аз аҳдаш намегардад. Дар нома чунин омадааст: «... Ман хастаам агар бимирам ту аз дасти ман халос шуда бошӣ ва ҳам ман аз ту ва агар зинда монам, миёни ману ту ин шамшер аст, мезанам то он рӯз, ки ғолиб шавам ва коми худ биронам. Ва агар ту ғолиб омадӣ, ман бо ин нони хушк ва пиёз бисозам ва тарки ҳукумат кунам».

Аммо, то элчӣ бозгашт, ки Яъқуб аз дорулбақо ба дорулфано рехлат кард. Аз ин рӯ нақшаҳои ӯ то ба охир ҷомаи амал напӯшиданд. Вай ёздаҳ сол (873—884) ҳукм ронда, дар пойдоршавии давлати Саффориён ҳиссаи муносиб гузошт.

Ҳарчанд ки Яъқуб бар зидди хилофати араб мубориза бемон бурд, аммо аҳволи вазнини аҳли заҳматро беҳтар карда натавонист. Вай худро тарафдори барзгарону камбағалон ҳисобида бошад ҳам, аммо дар мулкҳои забткардааш танҳо ба заминдорон ва табақаҳои миёнаи аҳолӣ такя намуда, бенавоёнро аз худ дур сохт. Ӯ кӯшишу ғайрати зиёдеро ба харҷ дода бошад ҳам, аммо дар мулкҳои зердаст кардааш тартиботи навро ҷорӣ карда натавонист. Мисли пештара усули идоракунии арабӣ ҳукмфармо буд.

Дигар он ки ӯ аз қувваи ҳарбии сипоҳиёни хеш мағрурӣ мекард. Ҳангоми ба сӯи Ироқ лашкар кашиданаш ба ӯ муборизи зидди мустамликадорон Алӣ ибни Муҳаммад Бурқаи дасти кӯмак дароз кард. Аммо Яъқуб аз ёрӣ рӯ тофт. Вале бо вуҷуди ин камбудиҳо Яъқуб дар таърихи халқи тоҷик номи худро чун

марди далеру шуҷоъ абадӣ гардонд. Корбарию қобилияти ҷангии ӯ барои наслҳои минбаъда дарси ибрат шуд...

Чун Яъқуб аз олам даргузашт, тоҷи давлат насиби бародараш амр гашт. Амр нисбати бародараш марди буздилу тарсончак баромад. Баробари ба тахт нишастан худро тобеи арабҳо пиндошта, фармонбардори халифа шуд. Вай аввалин шуда хилъати халифро пӯшида, ба хушомади эшон гузашт.

Амр дӯстиашро бо бародари Мӯътамид Муваффақ хеле қавӣ гардонд. Баъди ворили Шероз гаштан (884) ӯ ба Муваффақ сесад ҳазор динор, панҷоҳ ман мушк, панҷоҳ ман анбар, дусад ман уд, сесад ҷомаи зарин, дар сесад зарф тиллову нуқра ва сесад сар чорво фиристод.

Амр нисбат ба бародараш Яъқуб марди тангназар буд. Ба аҳли фуқаро начандон ғузаштҳо мекард. Аз ин рафтори вай аҳли Хуросон ба дод омад, соли 885 ба халиф арз намуданд, ки Амрро аз ин мулк ронад. Ин таклифро халиф писандида, бар зидди Амр тахти сарпарасти Саъид ибни Мухаллид лашкар фиристод. Байни онон ҳарбу зарб шуд. Мухаллид зафар ёфт. Амр ибни Лайс аз қароргоҳаш ронда шуд. Ҷангиёни бағдодӣ бо ғанимати зиёд роҳи Ватанро пеш гирифтанд.

Амр ба мулки Форс рафт. Овозаи шикасти вай ба гӯши Муваффақ расид. Амр аз роҳи Шероз ба тарафи Кирмон ҳаракат намуда, худро озими Сиистон гардонд. Чанд вақт дар ин мулк қарор гирифт. Баъд боз сӯи Хуросон лашкар кашид. Дар он ҷо байни ӯ ва Рофеъ ибни Ҳарсама ҳарбу зарб рух дод. Дар он Амр дастболо шуд. Амр Рофеъро асир карда, сарашро аз тан ҷудо намуда ба халиф ба Бағдод фиристод. Сипас ба боварии халиф даромад.

Амр тобеияти халифро пурра қабул намуд. Ҳар коре, ки халифа ба ӯ мефармуд, онро аз тахти дил иҷро мекард. Ҳамин тавр худро ғуломи ҳалқабаргӯши халиф намуд.

Халифи шонздаҳуми аббосиён Мӯътазид (892—902) аз болоравии оли Сомон ва шуҷоати Исмоил дар ҳарос афтод. Бар зидди вай ба мубориза омода мешуд. Худро ба Амр наздик сохт. Соли 897 бо маслиҳати ҳоҷиёни Хуросон фармон баровард, ки мулки Хуросону Мовароуннаҳр ва Форсу Кирмону Сиистон аморати Амр ибни Лайс аст. Бо ин роҳ дасту дили Амрро ба оянда гарм намуд ва хост, ки бо қувваи ӯ Исмоилро нобуд созад.

Дар боби оянда дар бораи талошҳои Амр баҳри нигоҳ доштани тахти Сафориён нақл хоҳем кард.

Давлати Сафориён тақрибан сӣ сол арзи вуҷуд намуд. Дар ин муддат подшоҳони он бародарон Яъқуб ва Амр умри хешро дар ҷангҳо сипарӣ карданд. Барои устувории пояи иқтисодӣ, ҳоҷагӣ ва фарҳангии он хизмати хеле кам намуданд.

Ин буд, ки дар кулли мулки истилокардан онон мардум ҳаёти қашшоқонаю бенавоёна мегузаронд. Ҷангҳои тӯлонӣ пеши роҳи кишоварзӣ, ҳунармандӣ, косибчигӣ ва болоравии илму фарҳангро гирифтанд.

Яъқуб ва Амр сарлашкар ва пешвои камбағалон будани худро собит карда бошанд ҳам, аммо халқро аз қашшоқию бенавоӣ бароварда натавонистанд. Инчунин шакли идоракунии арабии давлатро тағйир надоданд. Хусусан, Амр ҳастии хешро ба мустамликадорон бахшида, тамоми боигарии мулкро барои айшу ишрати онҳо сарф намуд.

# БОБИ 3

## РӮЗГОРИ ОЛИ СОМОН (817—999)

### § 1. Фикру мулоҳизаҳо дар атрофи пайдоиш ва ташаккули оли Сомон

Дар таърихи халқи тоҷик мавзӯи «Ташкилёбии давлати Сомониён» мақоми хосе дорад. Ҳатто онро сармавзӯи таърихи куҳани халқи тоҷик гӯем, иштибоҳ намешавад.

Ҳарчанд ки муҳаққиқони зиёде ба ин мавзӯъ даст зада бошанд ҳам, то кунун таърихи салтанати сулолаи Сомониён пурра омӯхта нашудааст. Инъикоси таърихи Сомониён дар давраи арзи вуҷуд доштани давлати Шӯро, ба ақидаи баъзе аз торикфикрон ин тарғиби замони тираи феодалӣ ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, мавзӯи давлатдории Сомониён аз мадди назари пажӯҳишгарони таърихи қадимаи халқи тоҷик дур монда буд.

Ба қадри имкон баъзе аз мавзӯъҳои давлатдории Сомониён ба қалам дода шудааст. Аммо то кунун бисёре аз паҳлӯҳои фаъолияти давлатдорони он замон мавриди баҳс қарор нагирифтааст. Зеро, чи хеле ки дар боло ёдовар шудем, то ҳоло ҳам мавзӯъҳои ба Сомониён бахшидашуда ба худ ҷавоби саҳеҳ наёфтаанд. Аз ҷумла санаи оғози салтанат ва макони Сомониён боиси баҳс қарор дорад. То рӯзҳои мо дар байни пажӯҳишгарон оиди муайян намудани макони Сомониён ақидаҳои якхела нестанд. Аксари кулли муҳаққиқон тарафдори он фикранд, ки макни комёбии хонадони Сомониён Балх аст. Ба дурустии ин фарзия мо шубҳа надорем. Зеро мувофиқи сарчашмаҳо Балх зодгоҳи Сомонхудот аст, ки ӯ тахминан дар нимаи дуюми асри VIII дар он ҷо ба дунё омадааст. Дар овони ҷавонӣ Сомонхудот Балхро тарк намуда, ба Марв меояд. Чи хеле ки Наршахӣ дар «Таърихӣ Бухоро»-и

хеш ёдовар шудааст, сарнасли Сомониён Сомонхудот дар атрофи Марв деҳае бунёд намуда, онро Сомон ном кардааст. Ӯ ба Бухорохудот пайрави намуда, ба худ унвони Сомонхудотро муносиб донист. Аз ин ҷост, ки давраи ҷавонӣ ва камолёбии ӯ ба деҳаи Сомон ва шаҳрҳои Марву Бухорою Самарқанд зич алоқаманд мебошад.

Азбаски Сомонхудот ҷавони диладарову кордон буд, бинобар ин ӯ ба ҳокими Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ писанд омада ва ӯро ба Марв хонд. Дар Марв ӯ хонадор шуда, соҳиби фарзанд гашт.

Пас мувофиқи ақидаи Наршахӣ маълум мегардад, ки Асад бини Сомонхудот дар шаҳри Марв ба дунё омада, соҳиби фарзандони шарафманд гардида аст. Баъди вафоти падар обрӯи вай дар назди хилофати араб нигоҳ дошта шуд. Асад мисли падар дар идора намудани мулкҳои Шарқии хилофат чун машваратчии асосӣ баромад мекард. Аз обрӯи ӯ истифода бурда, хилофати араб писаронашро ҳокимони мулкҳои алоҳидаи Осиёи Миёна таин намуд.

Дар ин ҷо суоле ба миён меояд: агар хонадони Сомониён аз Балх мебуд, оё онҳо соҳиби мулкҳои Осиёи Миёна мешуданд? Ба ин савол пажӯҳишгарони таърихи салтанати хонадони Сомониён ҷавоби аниқ надодаанд. Танҳо академик А. Семёнов ба ақидаи Наршахӣ такя намуда, баромади оли Сомонро ба Бухоро ва атрофи он мансуб медиҳад. Ӯ дар он ақида буд, ки баромади оли Сомон аз шаҳри Тирмиз аст.

Дар ин хусус мо фикри А. Семёновро тақвият дода, ҳаминро илова менамоем, ки баромади оли Сомон аз Бухоро ва атрофи он мебошад. Атрофи Бухоро гуфта шаҳрҳои Тирмиз, Насаф, Кеш, Марв, Ҳирот, Самарқандро дар назар дорем. Фарз кардем, агар баромад ва ташакулёбии оли Сомон ба шаҳри Балх тааллуқ медошт, он гоҳ ворисони Сомонхудоту Асад — Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс дар шаҳрҳои Осиёи Миёна ҳокими кулл шуданашон номумкин буд. Инчунин бояд хотирнишон кард, ки онҳо дар Хуросон зиндагӣ карда, дар Мовароуннаҳр ба чунин обрӯ сазовор гаштанашон аз имкон берун мебуд.

Дар роҳи исботи макони Сомониён ҳаминро бояд хотирнишон кард, ки таваллуди сарсулолаи онҳо вилояти Балх буда, аммо ташаккулёбии ҳақиқии сулола ва давлатдории Сомониён бевосита ба Осиёи Миёна ва марказҳои тамаддуни он вобаста аст. Мо дар он ақидаем, ки маркази асосии ташаккулёбии давлатдорӣ ва болоравии нуфузи оли Сомон шаҳрҳои бостонии Бухорою Самарқанд мебошанд. Зеро Сомониён баъди аз зери юғи зулми мустамликавии араб озод шуданашон дар роҳи аз нав эҳё намудани маданияти бостонӣ ва таърихи кӯҳани халқи

хеш саҳмгузор гаштанд. Бо ин Сомониён собит намуда буданд, ки онҳо мардуми муқимии кишвари Мовароуннаҳру Хуросон буда, дар роҳи ташаккули давлатдорию соҳиби маданият гаштани халқҳои кӯчӣ, ки ба мурури замон ворисӣ Осиёи Миёна гаштанд, ҳисса гузоштанд.

Дар натиҷаи тадқиқ ва таҷрибаи чандинсолаи кории хеш мо ба хулосае омадем, ки санаи таърихии ташкилёбии давлати Сомониён низ ба ҳақиқат наздик нест. Зеро бисёр муҳаққиқони таърихи замони Сомониён дар як ақида мебошанд. Онҳо солҳои 874 ё 875-ро соли ҳақиқии тавлиди давлати Сомониён мешуморанд. Аксари пажӯҳишгарон таърихи замони Сомониёнро ба он тасдиқ менамоянд, ки соли 875 халиф Мӯътамид Абӯнаср бини Аҳмади Сомониро ҳамчун сардори сулола эътироф карда, ба ӯ ҳуҷҷати соҳибихтиёрӣ супорида бошад. Ин дуруст аст. Аммо мо бояд ба давраи аввали соҳибмансаб гаштани намояндагони хонадони Сомониён нигарем. Ақидаи болоро академик Б. Ғафуров дастгирӣ намуда, чунин навиштааст: «Бародари аз ҳама калон Нӯҳ мақоми махсус дошт. Дар робитаҳои хориҷӣ ҳамчун сардори хонадон баромад мекард. Муаррихон ба ин ҷиҳати масъала кам аҳамият додаанд. Таҳқиқи сиккаҳо нишон медиҳад, ки дар даврахои аввал бародарон худро на ҳамчун моликони алоҳида, балки ҳамчун аъзои як хонадон ҳисоб мекарданд, ки дар сари он Нӯҳ карор гирифта будааст. Бесабаб нест, ки аввалин пулҳои мисини сомониро ба номи ӯ сикка заданд. Хусусан яке аз ин пулҳо, ки дар мулки Яҳё Бинкент бароварда шудаанд, ҷолиби диққат аст: дар он на номи соҳиби мулк, балки номи Нӯҳ сабт гардида аст. Бинобар ин чунин хулоса боварибахш аст, ки набераҳои Сомон аз қадамҳои аввал дар сар фикри ваҳдати хонадонро парварида, онро яке аз шартҳои таъсири сулолаи муқтадире медонистанд, ки истиқлолияти Осиёи Миёнаро аз хилофати араб таъмин карда метавониста бошад»[1].

Дар ин ҷо ҳақ ба ҷониби Б. Ғафуров аст, зеро муаррихон танҳо ба соли 875 дил баста, ба санаҳои қадимаи ба сари қудрат омадани сулолаи Сомониён эътибор надодаанд. Ҳаминро бояд хотирнишон созем, ки пул баровардан яке аз нишонаҳои асосии мустақилияти давлатдорӣ мебошад. Аз ин рӯ ба номи Нӯҳ бини Асад танга сикка задан шоҳиди он мебошад, ки пули сомонӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ба кор мерафт. Бинобар ин бародарон шаҳри Самарқандро маркази давлат ва Нӯҳро сарпарасти асосии хеш ҳисобидаанд. Агар муттаҳидии давлати Сомонӣ намешуд мумкин буд, ки ҳар яке аз бародарон худро мустақил дониста, ба номи худ пул мебаровcovered.

[1] Б. Ғафуров. Тоҷикон, ҷилди 1.—С. 450.

хо бори дигар исбот менамоянд, ки давлатдории Сомонӣ оғози хешро на аз солҳои 70-уми асри IX, балки аз ибтидои солҳои 20-уми асри IX сар кардааст. Зеро дар ин давра — Аҳмад, Яҳё ва Илёс дар атрофи бародари калонӣ Нӯҳ муттаҳид шуда, барои мустақилияти тоҷикон ва дигар қавмҳои Осиёи Миёна ба муқобили мустамликадорон мубориза бурдаанд.

Дар ин мавзӯъ мо ҷонибдори ақидаҳои Абӯбакр Муҳаммад бини Ҷаъфар Наршахӣ ҳастем, ки ӯ дар тӯли солҳои 943—944 китоби «Таърихи Бухоро»-ро бо супориши Абӯмуҳаммад Нӯҳ бини Насри II бини Аҳмад бини Исмоили Сомонӣ навиштааст. Вай шоҳиди воқеаҳои таърихӣ ва иштирокчии бевоситаи он мебошад. Ӯ менависад, ки амирии писарони Асад бини Сомонхудот ба соли дусаду ду (817—818) рост меояд.

Ҳарчанд, ки Сомониён нисбати Тоҳириён пештар пайдо шуда бошанд ҳам, аммо ҳусни таваҷҷӯҳи хилофати араб нисбати оли Сомон ба хонадони дигари тоҷикон — Тоҳириён зиёд буд. Зеро амироне, ки баъди Тоҳир (822) ба сари тахти ин давлат нишастанд, фармонбардорони ҳалқабаргӯши хилофат буданд. Аз ин рӯ, хилофат Тоҳириёнро чун давлати мустақили маҳаллӣ эътироф менамуд. Аммо дар ҳалли масъалаҳои ба миёномада бо ҳарду хонадон баробар машварат мекард. Баъди дар соли 873 аз тарафи Саффориён саркӯб шудани Тоҳириён муносибати хилофат бо хонадони Сомониён қавитар гашт.

Мо бояд ҳамин фикрро тақвият диҳем, ки дар сари гаҳвораи истиқлолияти халқи тоҷик Нӯҳ, Аҳмад ва додаронашон истода буданд. Онҳо баробари падару бобои хеш сарсулолаи Сомониён ба шумор мераванд. Сомониён дар мубориазҳои дохилию хориҷӣ тавонистанд, ки мустақилияти халқи хешро таъмин намуда, онро аз хаёти мустамликавӣ озод кунанд. Минбаъд кори неки саркардаи онҳоро Исмоил давом дод. Ӯ мисли падару амакони хеш марди закӣ ва боирода буда, нақшаи пешгузаштагонашро пура анҷом дода, гул-гулшукуфии давлатдории тоҷикро таъмин намуд.

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки замони ба сари қудрат омадан ва фано шудани сулолаи Сомониёнро ба се давра тақсим кардан мумкин аст:

Давраи якум аз соли 817 оғоз шуда, соли 874 анҷом меёбад. Ин муддат ибтидои муборизаи халқи тоҷик барои истиқлолият ва ташкили давлати мутамарказонидашуда мебошад. Намояндагони ин давра Нӯх, Аҳмад ва бародаронашон мебошанд, ки дар натиҷаи кордонӣ ва ташкилотчигӣ тавонистанд дар хилофати араб обрӯ пайдо намуда, барои озодии халқи хеш замина тайёр кунанд.

Давраи дуюми ҳукмронии хонадони Сомониён аз соли 875 оғоз ёфта, дар ибтидои солҳои 60-уми асри X ба охир мерасад.

Аниқтар ин давра солҳои 875—960-ро дарбар мегирад. Намояндагони барҷастаи ин давра Исмоил ва Насри II ба ҳисоб мераванд.

Ниҳоят давраи сеюми ҳаёти хонадони Сомониён ба солҳои 961—999 рост меояд. Ин замоне буд, ки амирони Сомонӣ ба саргармӣ дода шуда, бо ду дасти адаб лашкар ва идоракунии онро ба ихтиёри ғуломони хеш доданд. Хулоса, дар ин муддат туркон соҳибмансаб шуда, давлати овозадори Сомониро, ки бештар аз 180 сол арзи вуҷуд дошт, аз байн бурданд.

## § 2. Оғози салтанати Сомониён

Дар таърихи башар тоҷик чун қавми бомаҳорату дилҷӯй ёд мешавад. Онҳое, ки худро бо ин ном муаррифӣ мекарданд, аз мардумони нексиришту пок буда, истеъдоди баланди ҳунарӣ зоҳир менамуданд. Аз ин рӯ сарчашманависони қадима ба ин қавм баҳои ҳаққонӣ дода, тоҷикро устоди аввалини каломи бадеъ меҳисобанд. Муаррихони бостонӣ итминон доранд, ки тоҷикон устодони аввалини назм ба шумор мераванд ва ин халқ асосгузори шеъри дарӣ мебошад. Бобои назми қадима Баҳроми Чӯбина аст. Мувофиқи гуфтаи сарчашмаҳо вай бобокалони Сомонхудот ба шумор меравад.

Баҳроми Чӯбина сарлашкари шуҷоъи Сосониён буд. Вай муддати тӯлонӣ бар зидди туркони бодиянишин ҷангида, аз болои онҳо (588) ғалаба ба даст овард. Аз корнамоии Баҳром шоҳи Сосониён Хурмузи IV (579—590) ба ҳарос афтод. Вай тарсид, ки Баҳром соҳиби тоҷу тахти шоҳигарӣ мешавад. Бинобар ин бар зидди Баҳром баромад. Барои рух надодани ҷангу ҷидоли дохилӣ Баҳром соли 590 милодӣ ба Ватани бобоӣ — Мовароуннаҳр баргашта, боқимондаи умрашро дар ин ҷо сипарӣ намуд.

Аммо дар бораи ҳаёти минбаъдаи зиндагии ӯ маълумотҳо хеле хираанд. Бисёре аз муҳаққиқони қадима ӯро чун бобокалони тоҷикон ёдовар мешаванд. Аммо ин ақида то чӣ андоза ба ҳақиқат наздик аст, касе ҷавоби саҳеҳ надодааст.

Баробари ин шарҳи рӯзгори худи Сомонхудот низ норавшан мебошад. То кунун давраи дар куҷо камолёбии ӯ маълум нест. Баъзе муаллифон қайд менамоянд, ки вай дар зодгоҳаш шаҳри Балх камол ёфта, бо ҳокиммақоми Хуросон Асад ибни Абдуллоҳи Қушайрӣ дӯстию рафоқат пайдо намуда бошад. Идаи дигари муаллифон дар он ақидаанд, ки Сомонхудот дар Балх ба дунё омада, айёми тифлӣ он ҷоро тарк намуда, ба шаҳри Марв меояд. Дар ин ҷо ба камол расида, соҳиби иззату икроми Асад ибни Абдуллоҳ мегардад. Шояд назари дуюм ба ҳақиқат наздик бошад. Зеро Марв пойтахти аввалини мустам-

лона иштирок менамуданд. Ин рафтори онҳо ба халиф писанд омад ва ӯ ба ҳокими Мовароуннаҳру Хуросон Ғисон ибни Ибод амр дод, ки писарони Асадро соҳибмулк гардонад. Ин фармони халифро Ибод пазируфт. Нӯҳ — ҳокими Самарқанд, Аҳмад — ҳокими Фарғона, Яҳё — ҳокими Чочу Истаравшан, Илёс — ҳокими Ҳирот шуданд.

То амири Самарқанд таин шудани Нӯҳ бини Асад дар он ҷо Лайс бини Саъд ҳоким буд. Аммо Ғисон ибни Ибод ӯро аз тахт вожгун сохта, Нӯҳро соҳибқудрат намуд. Нӯҳ, ки фарзанди калони Асад буд, дар фазилату корбарӣ ба падар пайравӣ менамуд. Вайро ворисн ҳақиқии Асад медонистанд.

Ҳарчанд ки Нӯҳ дар даст руҳсатномаи ҳукмронии мустақилонаро аз хилофат надошт, вале кӯшиш менамуд, ки чун сарвар ба додаронаш маслиҳатҳои муфид дода, онҳоро ба кори хайр ҳидоят намоид. Вай ҳар сари вақт додаронро ба Самарқанд хонда, ба онҳо дастурҳо медод. Натиҷаи ҳамин фазилаташ буд, ки додарон ӯро чун сарвари ягонаи хеш эътироф карда, ба номаш танга сикка мезаданд ва дар ҳалли масъалаҳои душвор вайро назди халиф ва амалдоронаш мефиристоданд.

Писари дуюми Асад Аҳмад дар фазилату кордонӣ, фарҳангдӯстиву сиёсатмадорӣ аз падару бародари калонаш камӣ надошт. Дар идора намудани мулки Фарғона ба комёбиҳо ноил шуд. Дӯстону душманони зиёд пайдо намуд. Наздикон ӯро дар душвориҳо дастгирӣ мекарданд. Барои амалӣ гаштани нақшаҳои давлатдорию инсонпарвариаш ба вай дасти кӯмак дароз менамуданд. Аммо душманони ислом — кӯчиён пеши роҳи ӯро мегирифтанд. Ба муқобилаш сӯиқасд ташкил мекарданд. Рақибон Аҳмад бини Асадро баъди як соли ҳоким таин шуданаш (819) аз мансаб дур карданд. Ӯ маҷбур шуд, ки ба паноҳи Нӯҳ ба Самарқанд ояд.

Муқобилони асосии ӯ туркони бодиянишин буданд, ки дар шимоли Фарғона ба чорводрой машғул шуда, аз қабули ислом ва додани боҷу хироҷ рӯ метофтанд. Бо тавсияи халиф Маъмун намояндаи хилофат Аҳмади Абухолид ба Хуросону Мовароуннаҳр омада, дар кори ба низом даровардани тартиботи ҳокимони маҳаллии тоҳириву сомонӣ мададгор шуд. Аз ҷумла Аҳмади Абдухолид алайҳи душманони хонадони Сомониён дар Фарғона бархост. Вай амалдорони маҳалливу туркконро маҷбур намуд ,ки ба қонуниятҳои хилофат итоат намоянд. Бо дастгирии ӯ Аҳмад бини Асад аз нав соҳиби мулк гашт.

Аз омадани Аҳмади Абдухолид мухолифини Яҳё дар Чочу Истаравшан ба ҳарос афтода, маҷбур шуданд, ки мувофиқи нишондодҳои шариати ислом амал намоянд.

Ибтидои ҳокимиятдории Сомониёнро дар Ҳирот Илёс бини

Асад мустаҳкам намуд. Агарчӣ аз марказ (Самарқанд) дур буд, вале фармонбардори Нӯҳ ба шумор мерафт. Ҳар сари вакт ба пойтахт омада аз бародари бузург маслиҳат гирифта, аз паи амалӣ намудани нақшаҳои ӯ мешуд.

Ҳамин тавр, ҳукуматдории Сомониён дар Мовароуннаҳр қавитар мегардад. Онҳоро обрӯ ва нуфуз боло мерафт. Мулкҳои хоса дар атрофи ҳокимиятҳои Сомониён муттаҳид мешуданд. Айёми болоравии ҷамъият Нӯҳ бини Асад (842) бо дунёи рӯшной падруд гуфт. Азбаски ҳокими Фарғона Аҳмад бини Асад дар фазилат аз ӯ мондани надошт, бинобар ин бо дастгирии хилофат ҷои бародарро гирифт. Чӣ хеле, ки Наршахӣ мегӯяд, «...Аҳмад бини Асад марде буд олим ва порсо ва ба Самарқанд мебуд, то аз дунё бирафт».

Аҳмад баъди қабули мансаби олӣ ба мустаҳкам намудани мулкҳои Сомонӣ камар баст. Пеш аз ҳама ба ташкили урдуи дарборӣ аҳамият дод. Баъди он ислоҳоти пулӣ гузаронид. Агар соли 819 дар Самарқанд ба номи Нӯҳ бини Асад тангаҳо сикка зада бошанд, пас дар рафти солҳои 858—859 дар зарробхонаҳои Самарқанд дар болои тангаҳо номи Аҳмад бини Асадро сикка заданд. Бо ин роҳ ӯ ба пешрафти иқтисодӣ муваффақ шуда, қудрати оли Сомонро дар Мовароуннаҳр боло бурд. Баробари ин ба ободии Самарқанд диққати хоса дод.

Соли 855 ҳокими Чочу Истаравшан Яҳё вафот кард. Сипас Аҳмад мулки доларашро ба заминҳои хеш муттаҳид намуда, идоракунии Ҳиротро баъди сари Илёс (856) ба бародарзодааш Иброҳим бини Илёс вогузор кард.

Аҳмад марди серфарзанде буд. Абунаср, Абӯюсуф Яъқуб, Абузакриё Яҳё, Абулшаъс Асад, Абуиброҳим Исмоил, Абуғоним Ҳамид ва Исҳоқ бини Аҳмад писарони ғаюри ӯ буданд. Ҳар яке дар замони салтанати падар соҳибмансаб шуданд. Писарони калонии ӯ мулкҳои алоҳидаро идора менамуданд.

Абунасрро Аҳмад бини Асад дар вақти қайди ҳаёт буданаш валиаҳди худ хонда буд. Бинобар ин Аҳмад ӯро дар корҳои пешбарии давлат месанҷид. Ба ӯ супоришҳои хоса дода, вайро аз мактаби ҳокимиятдорӣ бохабар менамуд. Ҳангоми ҳукмронии падар вай бо пастию баландии кор ошно шуда, низоми давлатдориро омӯхт.

Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки Абӯнаср бини Аҳмади Сомонӣ марди хирадманд, фозил, диндор буда, аз шеъру шоирӣ низ хабар дошт. Дар байни амирони Сомонӣ ӯро чун адиби фозил ном мебурданд.

Баробари ин Абунаср дар азбар намудани илмҳои замонаш низ талош дошт. Бо имлоди падар ба ӯ ва бародаронаш беҳтарин суханварону олимон дарс мегуфтанд. Барои коромӯзӣ

падар ӯро ба маҷлисҳои дарбор мебурд. Гоҳ-гоҳ ӯ дар ҷамъомадҳои дарбориён шеър мехонд. Бинобар ин вай то марги падар (соли 864) ҳамчун сиёсатмадори комил, устоди сухан, сарлашкари доно ба камол расид ва баъди даргузаштани Аҳмад бини Асад вазифаи амирии оли Сомонро ба дӯш гирифт.

Замони ҳукмронии Абӯнаср бини Аҳмад даврам авҷгирии муборизаҳои дохилӣ гашт. Зеро пайваста бо оли Сомон давлати Тоҳириён арзи вуҷуд дошт. Аммо Абӯнаср танҳо ба мустаҳкамкунии сарҳадҳо камар баста, бо Тоҳириён ҷангҳои тулонӣ накардааст. Харчанд, ки давлати Сомонӣ ташаккул меёфт, дар он таъсири хилофат пурзӯр мешуд. Бинобар Абӯнаср бештар ба ислом эътиқодманд шуда, дар роҳи паҳн намудани он шавқманд буд. Ғайр аз ин ӯ барои ободии пойтахт ва ба маркази илму фарҳанг табдил додани он мубориза мебурд. Дар Самарқанд шоирону олимони зиёд гирд омада, дар роҳи баланд шудани илму фарҳанг ба оли Сомон дасти кӯмак дароз менамуданд.

Хонадони Сомониён худ деҳқонзода буданд. Бинобар ин Абӯнаср барои инкишофи кишоварзию обёрӣ чораҳо дид. Вай барои обёрӣ намудани заминҳои водии Зарафшон талош намуд. Ин буд, ки дар замони ҳукуматдории ӯ дар ноҳияҳои алоҳидаи Зарафшону Сирдарё каналҳо канда шуданд. Дар водии Зарафшон рудҳои Харқонруд, Оби Хатфар, Самҷун, Байконруд, Кайфур, Зар, Нафар ва ғайра ҷараён доштанд.

Ҳамаи руду корезҳои номбаршуда дар натиҷаи заҳмати халқи меҳнаткаш ва ғуломони сохта шудаанд. Дар ин хусус Абӯбакри Наршахӣ чунин гуфтааст: «...Ва ҳар руде, ки ёд кардем рустоҳои бисёр дорад ва оби бисёр дорад. Ва чунин овардаанд, ки ҳама рудҳоро мардумон кандаанд, магар руди Оби Хатфарро, ки об худ кандааст бе заҳмати халқи он мавзеъ ва холо Бухориён руди Нафар хондаанд»[1].

Абӯнаср ва додарони ӯ тавонистанд, ки усули хуби обёриро ба роҳ монда, кишоварзиро тараққӣ диҳанд. Хизмати Абӯнаср бини Аҳмад дар устуворшавии оли Сомон ва мустақилияти он хеле калон аст. Вай дар рафти даҳ соли аввали амирии хеш (865—875) тавонист, ки пойдевори мустаҳками давлатдории оли Сомонро таъмин намоянд. Болоравии обрӯ ва нуфузи ӯ буд, ки оли Тоҳир (873) аз байн рафта, мулкҳои он ба Сомониён пайваст шуд. Вай тавонист, ки бо Яъқуби Саффорӣ наздик шуда, муборизаи муттаҳидаи мардуми форсизабонро бар зидди мустамликадорон ташкил намуда, соҳиби эътирофи хосаи хилофати араб гардад.

---

[1]. Таърихи Бухоро.—С. 30.

Кори неки саркардаи бародарро Исмоил бини Аҳмади Сомонӣ давом дод.

## § 3. Талошҳои Исмоил барои тамаркузи ҳокимият

Дар боло ёдовар шуда будем, ки Аҳмад бини Асади Сомонӣ дорои ҳафт писар буд, ки онҳо баробари падар дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросон саҳм мегузоштанд. Писарон аз падару амакҳои хеш дарси адабу давлатдориро омӯхта буданд. Дар қатори Абӯнаср Абӯиброҳим Исмоил бини Аҳмади Сомонӣ, ки фарзанди панчуми падар ба шумор мерафт, чун ҷавони ҳассосу зирак, кордону диллдарёб, сиёсатмадору инсондӯст ба камол расид. Ҳамин хислатҳои ҳамида буд, ки дар охир ӯ чун асосгузори давлати овозадори тоҷикон ном баровард.

Мувофиқи ахбори кулли сарчашмаҳо зодгоҳи Исмоил шаҳри Фарғона ба шумор меравад. Зеро падараш Аҳмад бини Асад солиёни зиёд ҳокимии ин мулки пурфайзро ба ӯҳда дошт. Дар замони ӯ Фарғона хеле пеш рафт ва дар роҳи мустаҳкам намудани дини ислом Аҳмад ба комёбиҳо ноил гашт. Беҳуда нест, ки хилофати Араб баъди вафоти бародари калонӣ Нӯҳ бини Асад (842) Аҳмадро волиаҳди ӯ таин намуда, тахту тоҷи Сомониёнро дар Самарқанд насиби ӯ гардонид.

Аммо Аҳмад бини Асад баъди амири Самарқанд таин шуданаш яку якбора ба Самарқанд наомадааст. Вай чун ҳокими Фарғона он ҷоро дӯст медошт. Аз ин рӯ, тӯлонӣ дар байни Самарқанду Фарғона рафтуомад дошт. Баъди устувории хеш дар ин мулкҳо ва аз олам даргузаштани ҳокими Чочу Истаравшан бародараш — Яҳё (855) ихтиёри Самарқанд намуда, он ҷоро пойтахти хонадони хеш қарор дод.

Исмоил дар айёми болоравии нуфузи хонадони Сомониён дар Мовароуннаҳр, дар оилаи чунин марди закӣ — Аҳмади Сомонӣ ба дунё омад. Чӣ хеле ки аз сарчашмаҳо маълум аст, Исмоил дар ибтидои моҳи марти соли 849 ба олами ҳастӣ чашм во намудааст. Овони тифлии ӯ дар шаҳри Фарғона ва давраи ҷавонию камолёбии вай дар Самарқанд сипарӣ шудааст. Самарқанд, ки маркази Мовароуннаҳру давлати Сомониён ба шумор мерафт, дар ташаккули ҷаҳонбинии Исмоилу ворисонаш саҳми муносиб гузошт.

Аҳмад бини Асади Сомонӣ марди фозилу фарҳангдӯст буд. Аз ин рӯ кӯшиш менамуд, ки дар Самарқанд аз дигар шаҳрҳои тобеи Сомониён беҳтарин олимону мутафаккиронро гирд оварда, аз дониш закавати онҳо халқи хеш, аз ҷумла фарзандонашро баҳраманд намояд. Ҳамин буд, ки писаронаш дар назди мураббиёну омӯзгорони бофазилат тарбия ёфта,

чун донишмандони соҳибқирон ба камол расиданд. Муҳити илмию фарҳангии шаҳри Самарқанд ба Исмоил бетаъсир намонд. Вай чун бародаронаш Абӯнаср, Яҳё, Яъқуб, Асад таълими хуб гирифта буд.

Баъзе сарчашмаҳо ахбор медиҳанд, ки худи Аҳмад ба таълими фарзандон бештар диққат медод. Ин гуфтаҳоро Наршахӣ тавқият дода, қайд менамояд, ки Аҳмад баробари марди сиёсатмадор буданаш, инчунин олим аст. Маҳз ҳамин олимиаш буд, ки ӯ нисбати фарзандон хеле серталабу ғамхор шуд.

Хусну таваччӯҳи хилофати араб нисбати Сомониён хуб мешуд. Зеро онҳо дар симои Асад, Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё, Илёс ташвиқотчиёни исломро медиданд. Онҳо барои сохтани масчиду мадрасаҳо дар шаҳрҳои зердасти худ ҳисса гузоштанд. Ин корро ворисонаш — Абӯнасру Исмоил низ идома доданд.

Чӣ хеле, ки ёд кардем Аҳмад бини Асади Сомонӣ ҳоло ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш Абӯнасрро ба худ валиаҳд хонда, идоракунии давлатро ба ӯ бовар намуд. Натичаи ҳамин аст, ки дар вақти сари қудрат будани Аҳмад дарбориён Абӯнасрро чун ворисн арзандаи тоҷу тахти Сомонӣ эътироф мекарданд. Наршахӣ менависад, ки Аҳмади Сомонӣ пеш аз маргаш Абӯнасрро ба чои «хеш халиф кард».

Соли 864 Аҳмад бини Асади Сомонӣ аз олам даргузашт ва ҳокимият ба дасти Абӯнаср гузашт. Абӯнаср ҳарчанд, ки чавон буд, аммо дар зери сояи падар дар кори идоракунии давлат малака ҳосил намуда буд. Бинобар ин ба пастию баландии рӯзгор оқилона сарфаҳм мерафт ва қарорҳои одилона қабул мекард. Аз ин рӯ, баъди ба чои падар амир шудан, ба худ ворисн арзанда кофт.

Зеро вай медонист, ки бояд баъди сараш давлатро шахси ӯҳдабаро идора кунад. Дар байни додарон чашмаш ба Исмоил афтод. Ҳарчанд ки вай нисбати додарони дигараш хурд буд, аммо худро чун чавони ботамкин, ҳассос, зирак ва кордон вонамуд мекард. Бинобаи Абӯнаср ӯро валиаҳди хеш хонд.

Абӯнаср беҳуда Исмоилро валиаҳди худ нахонда буд. Ӯ истеъдоди фавқулоддаи ташкилотчигии додарашро медонист. Дар байни шаш додар ӯро пайраву сазовор меҳисобид.

Абӯнаср бародараш Абӯиброҳим Исмоилро дар корҳои давлатдорӣ санчид. Ба ӯ супоришҳои хоса дода, аз рафтору кирдораш қаноатманд мешуд, боварнаш нисбати Исмоил қавитар мегашт. Исмоил чавони баркамол буд, ки падараш Аҳмад аз олам даргузашт. Ӯ ҳангоми реҳлати бузургвор понздаҳсола буд ва мулкҳои Фарғонагии падарро идора мекард. Дар корбарӣ, ҳатто ба Абӯнаср кӯмак расонида, ба ӯ маслиҳатҳои муфид медод. Аз кордонию роҳбарии Исмоил дасту дили Абӯнаср гарм шуд. Бинобар ин ичрои вазифаҳои душвори давлатро ба ӯ хаво-

ла мекард. Баробари ин Исмоилро ба ҳалли муаммоҳои сарбаста равона карда, аз натиҷааш қаноатманд мешуд. Бисёр вақтҳо Исмоил дар саркӯб намудани душманони хориҷи, аз ҷумлаи туркони бодиянишин ба ҷафарҳо ноил мегашт. Бо ҳамин роҳ ӯ чун сарлашкару марди ҷангӣ дар тамоми Мовароуннаҳр ном баровард. Аз ин қобилияти фавқулоддаи ӯ халифони араб низ огоҳ буданд.

Сомониён соҳиби шаҳрҳои бузурги Осиёи Миёна буданд. Танҳо шаҳри Бухоро аз итоати онҳо берун меистод. Баъди сарбардоштани Саффориён Бухоро гоҳ дар дасти онҳо ва гоҳ дар паноҳи Тоҳириён меистод. Дар натиҷаи аз даст ба даст гузарӣ шаҳр хеле харобу абгор гашт. Баъдтар он ба итоати Саффориён гузашт. Аз баски пойтахти онҳо аз Бухоро дур буд, бинобар он шаҳр дучори тохтутози аҷнабиён мешуд.

Соли 874 шаҳри Бухоро гирифтори ҳуҷуми ҳокими Хоразм Ҳусайн бини Тоҳир Ат-Той гашт. Тоҳир бо тайёрии пухта ба муҳосираи Бухоро шурӯъ кард. Ҳарчанд, ки ҳуҷуми ӯ барои шаҳриён ногаҳон буд, вале онҳо баробари шунидани хавфи ҷанг ба ҳимояи шаҳри хеш ба по хестанд. Душман муддати панҷ шабонарӯз мубориза карда, пас ба он мушарраф шуд, ки озими Бухоро гардад. Аз баски шаҳриён нисбати ғосибон мусаллаҳ набуданд, бинобар ин талафоти калон доданд. Ҷангиёни хоразми шаҳро ғорат карданд. Дуздию одамкушӣ ба авҷи аъло расид. Мардуми Бухоро сарҷамъ шуда, зидди золимон мубориза намуданд. Аз ду ҷониб одами бисёре кушта шуд. Ҳусайн бини Тоҳир аз фавҷи ҳаракати мардум тарсида, як муддат аз одамкушӣ худдорӣ кард. Аз фурсат истифода намуда шаҳриён барои наҷот ёфтан ба ҳар сӯ пош хӯрданд. Ҳусайн баъди чанде боз ба ҳарбу зарб омода шуд. Лашкари бухориён ночиз буд. Бинобар ин Ҳусайн одами зиёдро аз дами теғ гузаронида, сарват ғун кард. Халқро маҷбур сохт, ки хироҷи Бухороро ҷамъ намоянд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳусайн ғаниматӣ зиёд ҷамъ кард. Чӣ хеле ки Наршахӣ менависад: «Ва хироҷи Бухоро битамом гирифта буд, ҳама дирами «ғитрифӣ» ва дар миёни сарой рехта буд ва мехост, ки ба нуқра сарф кунад, замон наёфт ва он шаб деворро сӯрох кард ва бигрехт...»[1]. Ҳусайн пинҳонӣ ҳамроҳи наздиконаш шаҳрро тарк намуд. Лашкари гуруснаву бараҳнаи ӯ низ ба ҳар сӯ пош хӯрд. Мардуми Бухоро аз ин авзоъ воқиф гашта, чизу чораи ҷамъкардаи золимонро байни худ тақсим карданд.

Ҳусайн бини Тоҳир берун аз Бухоро рафт. Аммо дар шаҳр миш-миш шуд, ки ӯ ба ҳуҷуми навбатӣ омодагӣ дорад. Бинобар барои дуюмбора ба асорати вай дучор нашудан шаҳриён худро

---

[1]. Таърихи Бухоро, С. 67.

ба муборизаи зидди истилогарон тайёр намуданд. Мардони меҳанпараст ва фазилатманд халқро ба оромӣ даъват менамуданд. Онҳо медонистанд, ки душмани дигар дар Бухоро бетартибӣ карда наметавонад. Сарварони мубориза назди писари Хоҷа Абулҳафси Кабир Абдуллоҳ ал-Факеҳ, ки яке аз уламои обурӯманди Бухоро ба ҳисоб мерафт, гирд омада, тадбир ҷустанд. Машвараташон тӯлонӣ гашт. Пас ба хулосае омаданд, ки нисбати Саффориён Сомониён дар давлатдорӣ таҷрибаи бой доранд ва аз ин рӯ бояд сарпарастии ин хонадонро қабул намуд. Инро феодалону тоҷирон ва амалдорони бонуфузи Бухоро пазируфтанд ва тамоми ваколатро ба Абдуллоҳ ал-Факеҳ вогузор карданд.

Абдуллоҳ ҳамчун фарзанди шахси мӯътабар дар байни халқ обрӯю нуфузи калон дошт ва аз давлатдорию инсондӯстии хонадони Сомониён воқиф буд. Ҳатто намояндагони бонуфузи ин авлодро хуб мешинохт. Алалхусус дар бораи Абӯиброҳим Исмоил бини Аҳмади Сомонӣ, ки ҳокими Фарғона буд, маълумоти тоза дошт.

Абдуллоҳ баъди таҳаввули тӯлонӣ ба хулоса омад, ки ба унвони амири Сомонӣ Абӯнаср бини Аҳмад ба Самарқанд нома ирсол кунад. Ҳамин тавр ҳам шуд. Вай назди Абӯнаср қосид фиристода аз ӯ хоҳиш намуд, ки мулки Бухороро ба ҳайати давлати хеш ҳамроҳ карда, сарпарастиашро ба Исмоил бини Аҳмад вогузор кунад.

Абӯнаср номаро гирифт. Дар атрофи он хеле фикру андеша намуд, ки чаро Абдуллоҳ Исмоилро ба ҳокимии Бухоро пешбарӣ намудаасту бародарони аз ӯ бузургро не? Ба хулосае омад, ки бухориён аз корнамоиҳои Исмоил дар Фарғона воқиф шудаанд ва бинобар ин ӯро талаб доранд. Қосидони бухориро ҷавоби нек дода гуфт, ки роҷеъ ба ин масъала фикр мекунанд.

Аммо аз Исмоил дида ҳусни таваҷҷӯҳи Абӯнасро дар ин амр ба додари сеюмаш Яҳё зиёд буд. Ӯ мехост Яҳёро, ки нисбати Исмоил калонсол буд, ба Бухоро фиристад. Вале фикр мекард, ки Яҳё нисбати Исмоил ҷасур набуд. Аз ин рӯ, ночор ба талаби бухориён розӣ шуда, ба номи Абдуллоҳ ал-Факеҳ номаи шодбошӣ фиристод ва ваъда дод, ки Исмоил дар вақтҳои хеле наздик озими Бухоро хоҳад шуд.

Сипас Исмоилро аз Фарғона ба Самарқанд хонд. Ба ӯ талаби бухороиёнро ифшо намуд. Исмоил хеле ба фикр ғутта рафта, баъд ба Абӯнаср рӯ овард:

— Хизмат бародари бузургвор?

— Бухориён ба назди ман қосид фиристода, талаб доранд, ки ту ҳокими мулкашон шавӣ.

— Чаро ман? — дар таъаҷҷуб шуда пурсид Исмоил.

— Намедонам, аз афташ корбарию муборизаҳои зидди туркиат ба онҳо писанд омадааст, — гуфт Абӯнаср.

Исмоил дарак ёфта буд, ки Абӯнаср зоҳиран ӯро дастгирӣ кунад ҳам, тахти дил нисбати додар кина дорад. Бинобар ин хост, ки Абӯнасрро бори дигар санҷад.

— Ту чӣ ҷавоб додӣ? — пурсид Исмоил.

— Ман зид не. Ба Абдуллоҳ ал-Фақеҳ розигиамро додам, — гуфтАбӯнаср.

— Набошад фотиҳа деҳ, — ба бародар рӯ оварда Исмоил.

— Роҳат сафед! Лашкарро ба сафар омода соз...

Исмоил мувофиқи амри Абӯнаср амал кард. Чанд муддат дар Самарқанд истода, лашкар интихоб намуд. Ҷангиёнашро аз ҳисоби самарқандиҳою фарғонагиҳо пурра гардонд. Баъди дилпур шудан ба сӯи Бухоро ҳаракат намуд. Пеш аз озими шаҳр шудан чанд муддат дар Кармина қарор гирифт ва авзои Бухороро омӯхт. Зеро вай медонист, ки шаҳр дар зери тасарруфи Яъқуб ибни Лайси саффорӣ аст. Барои рӯҳ нолодани ҷангу ҷидол ба волии Бухоро Ҳусайн бини Муҳаммад ал-Хориҷӣ зару зевар ва моли зиёд фиристода, розигии ӯро гирифт.

Дар ин хусус Наршахӣ чунин навиштааст: Амир Исмоил аз омадан ба Бухоро пушаймон шуда буд, аз он ки бо вай ҳашами бисёр набуд ва Бухоро шӯрида буд ва ғавғо бархоста буд ва маълум набудаш, ки аҳли Бухоро дил ба вай чигунаанд. Чун Абдуллоҳ берун омад ва ба Кармина бирафт, дили вай қавӣ шуд...

Абдуллоҳ озими Кармина шуда, Исмоилро хуш пазируфт ва таклифи шаҳр кард. Пас Исмоил дилпур шуд, ки дар Бухоро ӯро хатар нест. Онҳо ҳамроҳ озими мулки хуррам гаштанд. Баробари қудуми муборакн Исмоил ба шаҳр (874) халиф Мӯътамид (869—892) мулки Бухороро аз номи Яъқуб бини Лайс баровардa, ба унвони Абӯнаср бини Аҳмади Сомонӣ хутба хонд. Пас аз ҳамон лаҳза сар карда Бухоро мулки хосаи Сомон гашт.

Ҳамин тавр, 23 июли соли 874 ҳамчун рӯзи нек ба тақдири Исмоили Сомонӣ доҳил гашт. Исмоил ба тахт нишастан замон аз паи мустаҳкам намудани Бухоро камар баст. Ин иқдом ба ӯ имконият дод, ки дар атрофаш одамони зиёдро гирд оварда, дӯстро аз душман фарқ кунад. Ӯ баъди пурқудрат шудан боварӣ ҳосил намуд, ки акнун барои саркӯб намудани душманони хориҷию доҳилӣ қувваш кофӣ аст.

Исмоил марди сиёсатмадору зирак буд. Вай медонист, ки имрӯз не, пагоҳ собиқ мансабдорони Бухоро бар зидди вай хуруҷ мекунанд. Бинобар ин барои сар назадани чунин ҳодиса чораҷӯӣ кард. Пеш аз ҳама ба таври махфӣ зидди собиқ бухорхудот Ҳусайн ал-Хориҷӣ кор бурда, аз дили ӯ огоҳ шуд.

Хусайн вакти кулай ноида зидди Исмоил ба ҳарб тайёрӣ медид. Бинобар ин Исмоил пешдастӣ намуда, ӯро ба ҳабс гирифт. Ин воқеа дар шаҳру деҳот овоза шуд. Душманони дигари вай ба пинҳонкорӣ гузаштанд. Бо ҷасорат пеши роҳи душманони дигари хешро гирифт. Аз фурсат истифода бурда, дарборро аз шахсони кӯрдил тоза намуд.

Аммо ин рафтори Исмоил ба бародараш Абӯнаср писанд набуд. Ҳарчанд, ки Исмоил барои шукӯҳи Бухоро кӯшиш ба харҷ медод, онро амир намеписандид. Дарбориёну бародарони бузург аз болоравии қудрати Исмоил рашк мебурданд. Онҳо муносибати вайро бо амир сард мекарданд. Абӯнаср ба гуфтаҳои онҳо гӯш меандохт. Ҳамин буд, ки дере нагузашта Исмоилро ба Самарқанд хонд. Исмоил аз мақсади бародар огоҳ набуд. Таклифи вайро хуб пазируфт.

Абӯнаср баъди аз Бухоро берун рафтани Исмоил ӯро аз вазифа сабукдӯш намуда, ба ҷояш бародараш Абӯзакриё Яҳё бини Аҳмадро ҳокими он ҷо таин намуд. Исмоил баробари озими Самарқанд шудан аз рафтори Абӯнаср сахт ранҷур шуд, аммо аз ақидааш нагашт.

Абӯнаср аз омадани Исмоил огоҳ шуда, дарбориёнро фармуд, ки ӯро хуш истиқбол кунанд. Вале худаш ба дидорбинӣ набаромад. Исмоил аз рафтори ногаҳонии бародараш дар таъаҷҷуб шуд. Ғазабаш омад. Хост, ки ба Бухоро баргардаду мардумро зидди Яҳё хезонад. Вале хеле фикр карду аз аспи ҷаҳл фуруд омад. Муддати тӯлонӣ дар Самарқанд истод, аммо вайро Абӯнаср қабул накард. Баъд бо наздиконаш, аз ҷумла амакбачаааш Муҳаммад бини Нӯҳ сӯҳбат намуда, ба хулосае омаданд, ки коре карда ба саломи Абӯнаср мушарраф гарданд. Муҳаммад бо чанд тан наздикони Абӯнаср сӯҳбатҳои хоса намуда, аз онҳо хоҳиш намуд, ки ба Исмоил дасти кӯмак дароз кунанд.

Муҳаммад дар охир ба он муваффақ шуд, ки чанд тан фозилонро, ки бо Абӯнаср наздикӣ доштанд, розӣ намуда, ҳамроҳ назди амир рафтанд. Абӯнаср дӯстонро хуб пазируфт. Ба суханонашон гӯш дод. Сӯҳбат дар атрофи кори Исмоил тӯлонӣ шуд. Абӯнаср медонист, ки Исмоил ҷавони диданарою корозмуд аст. Вале нисбати бародару додарон худписанд. Ин сирро ба наздиконаш ифшо намуд. Онҳо бо суханони хуб ӯро ноилпур намуданд, ки Исмоил дигар шудааст. Пас Абӯнаср ноҷор гапи дӯстонро рад накарда, Яҳёро аз Бухоро боз хонд ва Исмоил аз нав соҳиби мулк гардид.

Абӯнаср ба амакбачаааш Муҳаммад ва дӯсташ Абдуҷаббор фаҳмонд, ки Исмоил қайсар аст. Вай танҳо гапи худро гап мегӯяд. Аммо шоҳидон амирро бовар кунониданд, ки Исмоил дигар аз гуфтаи амир берун нахоҳад рафт.

Абӯнаср ба наздикон фаҳмонд, ки барои рух надодани носозиҳо ӯ ду-се тан наздикони худро ҳамроҳи Исмоил ба Бухоро мефиристад, то ки онҳо ба вай ёвар шаванд. Ҳамин тавр амир Исмат бини ал-Марвазиро вазир ва Фазл бини Аҳмад ал-Марвазиро дабир (котиб-мушовир) таин намуда, ба Бухоро фиристод.

Харчанд ки Абӯнаср такроран Исмоилро соҳиби тоҷу тахти Бухоро намуда бошад ҳам, аммо аз рафтори долар норозӣ буд. Ба гуфтаи Наршахӣ Абӯнаср ба Абдуҷаббор рӯ оварда мегӯяд:

— Андар чашмҳо ва шамоили вай хилоф ва исён ҳамебинам...

Пас аз анҷоми сӯҳбатҳо Исмоилу Абӯнаср бо ҳам вохӯрданд. Бародари бузург ӯро хеле сарзаниш кард ва фаҳмонд, ки ба саҳлкорӣ роҳ надиҳад. Исмоил такроран аз ӯ узр пурсид ва пас фотиҳа гирифта, рӯ ба Бухоро ниҳод....

Овозаи аз нав озими Бухоро шудани Исмоил дар дили шаҳриён нисбати вай эҳтиромро баланд намуд. Ҳама бесаброна интизорӣ мекашиданд. Инак он рӯз ҳам фаро расид. Охири соли 875 Исмоил ба пойтахти тоҷикон омад. Ҳарчанд ки аксари кулли мардуми Бухоро Исмоилро дастгирӣ мекарданд, аммо одамоне ёфт мешуданд, ки бо ҳар баҳона пеши роҳи ӯро мегирифтанд.

«Амир Исмоил чун ба Бухоро расид, аҳли Бухоро истиқбол карданд ва ба эъзози тамом ӯро ба шаҳр дароварданд, — навиштааст Абубакри Наршахӣ, — ва яке аз дуздон ҳалқеро ба худ гирд карда буд ва аз авбошон ва риндони русто чаҳор ҳазор мард ҷамъ шуда буданд ва ҳама дар миёни Ромитан ва Баркад роҳ мезаданд ва наздик буд, ки қасди шаҳр кунанд»[1]. Исмоил баробари ворили шаҳр шудан барои пешгирӣ намудани шӯриш чораҷӯӣ кард. Вай аз қувваи феодалони бонуфуз истифода бурда, кӯшиш намуд, ки мавҷи шӯриш паҳн нагардад.

Исмоил барои то ба Бухоро нарасидани дуздону роҳзанон тадбир ҷуст. Фармонбардорони хеш Хусайн бини ал-Алоъ ва Кӯи Алоъро ба ҳарбу зарби зидди дуздон равона кард. Онҳо зафар ёфтанд. Саркардаи дуздонро қатл намуда, наздиконашонро асир гирифтанд ва пеши Исмоил оварданд. Исмоил бошад, онҳоро ба Самарқанд фиристода, ҷазояшонро ба Абӯнаср ҳавола кард.

Ҳамин ки мубориза зидди дуздону роҳзанҳо анҷом ёфт, Исмоил ҳамроҳи наздиконаш ба ободонию некӯаҳволии Бухоро камар баст. Вале дар ҳамин айём хабари ҳуҷум навбатии Ҳусайн бини Тоҳир паҳн гашт. Ӯ фавран ба халқ рӯ

---

[1]. Таърихи Бухоро, с. 70.

оварда, лашкар ҷамъ намуда, ба харбу зарби навбатӣ омодагӣ гирифт. Пеш аз ба ҷанги зидди Ҳусайн рафтан ба ӯ косидонаш хабар расониданд, ки лашкари душман бештар аз ду ҳазор марди ҷангӣ аст, аллакай оби Ҷайҳунро убур кардааст. Исмоил ба сӯи душман шитофт. Дар соҳили Ҷайҳун задухӯрд ба вуқӯъ пайваст. Аз ду тараф талафоти калон шуд. Исмоил аз болои Ҳусайн бини Тоҳир ғолиб омад. Ҳусайн бини Тоҳир ба Марв гурехт. Ҳафтод нафар марди ҷангӣ асири Сомониён гаштанд. Исмоил онҳоро ба лагери худ овард, иззату икром намуд. Асирон дар тарс буданд, ки Исмоил онҳоро сар мезанад. Аммо амири одил ин тавр рафтор накард. Ӯ нисбати асирон инсондӯстӣ зоҳир намуда, ҷомаи карбосӣ пӯшонида, ба хонаҳояшон ҷавоб дод.

Баъди саркӯб шудани душман мавқеи Исмоил дар Бухоро мустаҳкам мешуд. Вале ҳарчанд рӯҳониёну феодалони олимартабаи Бухоро зоҳиран ӯро тарафдорӣ кунанд ҳам, аммо пинҳонӣ бар зидди вай кор мебурданд. Баъзеи онҳо ба корҳои дарборӣ даҳолат карда, идоракунии мулкро халал мерасониданд. Исмоил барои онҳоро аз худ дур сохтан чораҳо ҷуст. Вай пештар бо бародараш амир Абӯнаср маслиҳат намуда, аз ҳисоби бухороёни обрӯманд як дастаи вакилонро созмон дод. Бухороён медонистанд, ки баъди вокеаҳои солҳои охир муносибати бародарон нағзандон хуб аст. Инро Исмоил дарк мекард аз ин рӯ пеш аз сафари Самарқанд ба ҳайати бонуфуз чунин иброз кард: «...Аз баҳри ман ба Самарқанд равед ва пеши амир Абӯнаср бигӯед ва узр аз ман биходед»...[1]

Вакилон ин таклифи Исмоилро пазируфтанд ва аз ӯ чанд рӯз мӯҳлат пурсида, омодаи сафар гаштанд.

Ҳарчанд, ки ҳайати бонуфуз ба Исмоил сар фуровард, аммо дар тахти дил зидди ӯ кор мебурд. Яке аз онҳо собиқ бухорхудот Абӯмуҳаммад буд, ки соли 874 ҳангоми ба Бухоро омадани Исмоил муқобилияти сахт нишон дод. Дигараш бои калони Бухоро Абӯҳотами Ясорӣ буд, ки аз сабаби сарватманди калон буданаш ба подшоҳ сар намефуровард. Барои гирифтани пеши роҳи онҳо Исмоил тадбирҳои фаврӣ андешид.

Мақсади асосии Исмоил дар он зикр меёфт, ки бо фиристодани ҳайати бонуфуз ба Самарқанд, вақт ёфта корҳои давлатиро сомон диҳад. Зеро бою рӯҳониёни калон дар ин ҷода садди роҳи ӯ мешуданд. Бинобар он ба бародараш Абӯнаср мактуби махфӣ навишта, аз вай хоҳиш намуд, ки бойҳоро як муддат ҳабс намояд.

Чун ҳайати бонуфуз ба Самарқанд расид, Абӯнаср онҳоро

---

[1]. Таърихи Бухоро, с. 70.

хуб пазируфта, зиёфат намуд, баъди чанде ба ҳабс гирифт. Исмоил аз фурсат истифода бурда, дар Бухоро корҳои хешро анҷом дод. Исмоил дар муддати берун аз шаҳр будани одамони бонуфуз бо табақаҳои миёнаю поёни ҷомеа унс гирифт. Дар атрофи худ лашкари боинтизомро муттаҳид кард. Сипас дар Бухоро овоза паҳн гашт, ки бухорхудот Абӯмуҳаммад, сарватманд Абӯҳотами Ясорӣ ва дигарон дар Самарқанд ҳабс шудаанд. Ин овоза хешовандонашонро ба ташвиш мононд. Онҳо назди Исмоил омада аз ӯ хоҳиш намуданд, ки дар раҳо намудани сафирони хеш дасти кӯмак дароз кунад. Исмоил онҳоро бовар кунонид, ки асиронро фавран озод мекунад. Сонӣ ба номи Абӯнаср мактуб ирсол намуда, аз ӯ илтимос кард, ки вакилони Бухороро ҷавоб диҳад. Абӯнаср баъди гирифтани нома хоҳиши бародарашро ба ҷо оварда, бандиёнро ба Бухоро фиристод.

Ин ҳилаи ба кор бурдаи Исмоил обрӯ ва нуфузи вайро дар Бухоро баланд намуд. Бо ин ӯ тавонист, ки пеши роҳи феодалону рӯҳониёни саркашро гирад. Исмоил бо макру ҳила ва хушгӯию хушрафтории хеш ҳокимияташро дар Бухоро ҳалалнопазир кард.

Пеш аз ба мулки Бухоро соҳиб шудани Исмоил дар байни ӯ ва Абӯнаср созиш буд, ки аз даромади умумии мулк ба хазинаи аморати Сомонӣ соле 700 ҳазор дирҳам ирсол намуда, боқимонда 500 ҳазори онро барои харҷи Бухоро нигоҳ дорад. Даставвал Исмоил ба ин шартҳои Абӯнаср розӣ шуд.

Вақто ки Исмоил волии Бухоро гашт, ҷангу ҷидолҳо сар заданд. Худ аз худ яқин аст, ки сарвати ҷамъшуда барои пӯшонидани харҷу хароҷоти Исмоил намерасид. Аз ин рӯ вай дар муддати муайяншуда пулро ба хазинаи аморати марказӣ ирсол накард. Ба гуфтаи Наршахӣ, ки ӯ холдони ҳамон замон буд, ин рафтори Исмоил қаҳру ғазаби Абӯнасрро ба миён овард. Сипас Абӯнаср назди Исмоил қосид фиристода, аз ӯ талаби ҳатмӣ намуд, ки ба зудӣ хироҷи Бухороро фиристад.

Исмоил ӯро хуб гӯш карда, хоҳиш намуд, ки Абӯнаср каме сабр кунад. Вақто ки вазъи мулк ба эътидол ояд, он гоҳ вай тамоми қарзҳоро ба хазина бармегардонад. Ин хабар ба Абӯнаср расид. Вай бовар накард. Сипас бар зидди Исмоил ба ҳарбу зарб омодагӣ гирифт. Мақсад гузошт, ки ӯро аз тахт меронад. Бо ҳамин ният бо бародаронаш Абулаъбос Асад — ҳокими Фарғона ва Абӯюсуф Яъқуб —ҳокими Чоч маслиҳат карда ба муқобили Исмоил ба ҷанг омода гашт. Инчунин туркони Исфанҷобро низ ба по хезонд. Онҳо лашкари азиме ҷамъ намуда рӯ ба Бухоро ниҳоданд. Урдуи муттаҳида дар охири соли 885 ва ибтидои соли 886 озими Бухоро шуд.

Исмоил аз ҳодиса воқиф гашт. Барои сар назадани ҷанги бародаркуш чора ҷуст. Вай чанд рӯз пеш аз омадани баро-

даронаш ба Бухоро ба тарафи Фароб рафт. Абӯнаср ӯро дар Бухоро наёфта, ба Байканд (Пайканд) омад. Сокинони шаҳр ӯро хуб истиқбол карда, иззату икромашро ба ҷо оварданд ва бо инъомҳои зиёд ӯву ҳамроҳонашро ба Самарқанд гуселониданд.

Исмоил аз нақшаи бародаронаш пурра огоҳ шуд. Акнун ӯ илоҷ аз он раҳоёбиро ҷуст. Сабаб дар он буд, ки худи вай танҳо буд. Дигар бародарҳояш Абӯнасрро думболи мекарданд. Исмоил медонист, ки ин мунокиша бо тинҷӣ анҷом намеёбад. Бинобар илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ гуён, ба мубориза оянда омодагӣ гирифт.

Рофеъ бини Ҳарсама, ки ҳокими Хуросон буд, бо Исмоил дӯстию бародарӣ дошт. Исмоил хост, ки дар мубориза зидди бародарон аз қуввааи ӯ истифода барад. Бинобар ин Исмоил ба номи вай мактуб навишта, кӯмак пурсид. Рофеъ бини Ҳарсама таклифи Исмоилро пазируфт. Баъди андаке бо лашкари калон руди Ҷайҳуиро, ки сахт яx карда буд, убур намуда, озими Мовароуннаҳр гашт.

Аз воридн мулки Бухоро шудани Рофеъ бини Ҳарсама зидди Абӯнаср ба такону афтод. Исмоилу Рофеъ аҳд карданд, ки бо ҳар роҳ Самарқандро аз худ мекунанд. Бо ин ният сӯи биёбон рафта, роҳи Самарқандро пеш гирифтанд. Азбаски қишлоқҳои атрофи Бухоро дар ихтиёри Абӯнаср буд, бинобар ин лашкари муттаҳидаи Исмоилу Рофеъро деҳотиён хориҷӣ гуён, ба онҳо нон надоданд. Баробари ин аз сабаби хушксолӣ дар мамлакат қаҳтӣ шуд ва дар бозорҳо нарху наво хеле боло рафт. Дар натиҷаи гуруснагӣ лашкари Исмоилу Рофеъ талаф ёфт.

Абӯнаср бошад тайёрии пухта медид. Аз Кармина истода ба номи писараш Аҳмад мактуб ирсол намуд, ки аҳолии Самарқанд ва ғозиёнро ба ҷанги зидди амакаш омода созад. Вазъият ногувор шуд.

Одамони хайрхоҳе ёфт шуданд, ки пеши роҳи ҷангро гиранд. Онҳо ба Рофеъ бини Ҳарсама фаҳмониданд, ки ба ҷанҷоли байни бародарон шарик нашавад. Агар Абӯнасру Исмоил бо ҳам созиш кунанд, он гоҳ ӯ аз мулкҳои хеш маҳрум мегардад. Ин панд ба Рофеъ писанд омад. Баъд ӯ бо Абӯнаср бини Аҳмад сулҳ карда, ба Хуросон баргашт. Мувофиқи сулҳнома Исмоил ӯҳдадор шуд, ки аз мӯҳлат дер накарда, ҳар сол ба бародараш хироҷ медиҳад. Бо ин роҳ қариб якуним сол мунокишаҳои байни бародарон ҳомӯш гашт.

Аз сулҳнома понздаҳ моҳ сипарӣ шуд. Аммо Исмоил ба аҳдаш вафо накард. Хироҷи Бухороро аз худ намуд. Ин рафтори ӯ қаҳру ғазаби амир Абӯнасрро зиёд кард. Сипас ба унвони Рофеъ бини Ҳарсама ба Хуросон нома навишта, ӯро аз аҳдшикании Исмоил бори дигар огоҳ намуд. Дар навбати худ

Рофеъ ба Исмоил мактуб кард, ӯро таъкид намуд, ки ваъдахилофиро бас кунад. Аммо Исмоил на ба дӯғи Абӯнасру на ба номаи Рофеъ диққат надода, худро омодаи мубориза зидди бародар намуд.

Абӯнаср нисбати Исмоил бештар лашкари зиёд ҷамъ кард. Қариб тамоми сипоҳиёни Мовароуннаҳрро ҳамроҳи додараш Абулашъас Асад ба по хезонида, рӯ ба сӯи Бухоро овард. Абӯнаср ба Кармина расид. Аз он Исмоил воқиф шуда бо ҷангиёни хеш ба Тавоис омад. Даставвал Исмоил дар ҷанг бо додари хурдиаш Исҳоқ бини Аҳмад рӯ ба рӯ шуд. Исҳоқ дар мубориза зидди Исмоил тоб наоварда ба тарафи Фароб фирор кард ва минбаъд тарафи Исмоилро гирифт. Исмоил баъди ин ғалаба рӯҳбаланд шуда ба ҷангиёни Фарғона, ки ба онҳо бародараш Абулашъас Асад сардорӣ мекард, ҳамла оварда, маҷбур намуд, ки ба Самарқанд ақиб нишинанд. Абулашъас Асад ба Самарқанд нарасида, ӯро Абӯнаср аз роҳ гардонд. Вай аз нав ба ҷанги зидди Исмоил баромад. Исмоил ин дафъа сарлашкари Абӯнаср Аҳмад бини Мӯсо Мазрукро дар ноҳияи Рабинҷан асир карда, ба Бухоро фиристод. Дар ҷанг худи Исмоил низ талафоти калон дод. Бисёре ба ӯ хиёнат карда гурехтанд. Тарафдоронаш хеле кам монданд. Исмоил чораи фаврӣ ҷуст. Вай бародараш Исҳоқ бини Аҳмадро аз Фароб даъват намуд. Баробари ин аз ҳисоби ғозиёни Бухоро ду ҳазор лашкар созмон дод. Исмоил тамоми кӯшишро ба харҷ дод, ки лашкар ба ӯ содиқ бошад.

Амир Абӯнаср аз лашкари зердасташ дилпур буд. Дар баҳори соли 888 дар деҳаи Вазбандии ҳарбу зарби бародарон сурат гирифт. Даставвал Исмоил ба лашкари Фарғона, ки сарпарасташ Абулашъас Асад буд, рӯ ба рӯ шуд. Дар корзор лашкари фарғонагӣ ба ҳарбу зарби ҷангиёни Исмоил тоб наоварда рӯ ба гурез ниҳод. Амир Абӯнаср бо лашкар ночиз дар иҳотаи ҷангиёни Исмоил монд. Исмоил аз болои Абӯнаср ғалаба кард. Аммо мувофиқи шариати мусулмонӣ бо бародар мушт ба гиребон нашуд.

Исмоил нисбати Абӯнаср хурд буд. Бинобар ин дар назди ӯ худро гунаҳгор пиндошт. Аз асп фуруд омада рикоби ӯро бӯсида, аз вай узр пурсид. Дар ин хусус Абӯбакри Наршахӣ чунин навиштааст: — Амир Исмоил бирасид ва хештан аз асп биандохт ва пеш омад ва ниҳолинро бӯса дод ва гуфт:— Ё амир! Ҳукми худой ин буд, ки маро бар ту берун овард. Мо имрӯз ба чашми хеш мебинем ин кори бадин азимеро...

Амир Абӯнаср гуфт: —Мо мутааҷҷибем бадин кор, ки ту овардӣ, ки тоати амири худ надоштӣ ва ту авлитари ба фазл, ки ин гуноҳи бузург аз ман даргузаронӣ ва авф кун...

Исмоил гуфт: — Ё амир! Ман мукаррам, ки хато кардам ва

гунох хама марост ва ту авлитарӣ ба фазл, ки ин гуноҳи бузург аз ман даргузаронӣ ва авф кунӣ[1]...

Ҷанги бародарон поён ёфт. Ҳарду пушаймон буданд. Исмоил додараш Исҳоқро сарзаниш кард, ки бояд одами аз худ калонро хурмат намуд. Баъди суханони Исмоил Исҳоқ зуд аз асп фуромада, худро пеши пои Абӯнаср партофта, аз ӯ бахшиш хост.

Исмоил ва Исҳоқ аз рикоби зини аспи Абӯнаср дошта, ӯро тасалло медоданд ва илтиҷо менамуд, ки аз гуноҳашон гузарад. Дар чашмони Абӯнаср ашка ҳалқа зада, ба болои зин ва аз он ҷо ба замин мерехт. Ин ашки шодию ашки пушаймонӣ буд. Абӯнаср изҳор менамуд, ки беҳудаю баҳуда хуни ҳазорон бегуноҳ рехта шуд...

Додарон сулҳ карданд. Амири кулли Сомон Абӯнаср монд. Исмоилу Исҳоқ худро ворисони ӯ ҳисобида ба хидмат пардохтанд. Абӯнаср фазилатмандию одамдӯстиро пеша намуда, ба ободонии оли Сомон ва пешрафти илму маърифат камар баст. Аммо дере нагузашта, соли 892 аз олам даргузашт. Сабаби асосии фавти ӯ муборизаҳои тӯлонии бародарон барои тоҷу тахти подшоҳӣ буд. Абӯнаср ҷун марди фозилу илмдӯст ба кашмакашиҳои дохилӣ тоб наовард. Кори саркардаи вайро додараш Исмоил ба сомон расонд.

## § 4. Исмоил ва шукӯҳи оли Сомон

Вафоти Абӯнаср бини Аҳмад бини Асади Сомонӣ ба кашмакашиҳои дохили дарборӣ хотима гузошт. Исмоил худро ҳокими мутлақ эълон намуд. Ба Самарқанд омад. Аммо ин ҷоро пойтахт интихоб накард. Вай Бухороро маркази давлати тоҷик эълон намуда, идоракунии Самарқандро ба ӯҳдаи бародарзодаш Аҳмад бини Абӯнаср вогузор кард.

Исмоил баъди ба Бухоро омаданаш дигар ёди Самарқанд ва зодгоҳаш шаҳри Фарғона накард, ҳарчанд Самарқанд нисбати Бухорову дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ободу зебо буд. Ҷаро?

Исмоил мехост, ки дар қаламрави давлаташ мисли Самарқанд шаҳрҳои зиёди обод пайдо шаванд. Ҳарчанд ки Бухоро дар натиҷаи ҷангҳои бемавқеъ вайрон шуда буд, аммо Исмоил камар баст, ки онро обод намуда, ба маркази дини ислом табдил диҳад. Сабаби дигар дар он буд, ки Исмоил ба молу мулки дар Бухоро доштаи хеш дилкашолӣ менамуд. Вай дар солҳои аввали волии Бухоро шуданаш замин ва молу мулки собиқ

[1] Таърихи Бухоро, с. 73.

Бухорхудот Абӯисҳоқ бини Иброхимро ба маблағи 20 миллион дирҳам харида, васиқа намуда буд.

Исмоил баъди амири умум шудан ба масъалаҳои баланд бардоштани иктисодиёт, инкишофи кишоварзӣ, пешрафти саноати кӯҳӣ, ҳунармандию косибичигӣ, ободонии шаҳрҳо, болоравии тиҷорат, маданият, илму фарҳанги тоҷикон машғул гашт.

Барои амалӣ гардонидани чунин накшаҳо оромию осудагӣ зарур буд. Ҳарчанд ки муборизаи дохилии хонадони Сомонӣ барои тоҷу тахт анҷом пазируфта бошад ҳам, вале амнияти берунии давлат таъмин набуд. Зеро аз тамоми канорҳои мамлакат бодиянишинон барои аз по афтонидани хонадони Сомонӣ мубориза мекарданд. Исмоил аз ин ҳодисаҳо хуб бохабар буд. Дар даврай волии Бухоро буданаш ӯ борҳо бар зидди ғузҳо, ва дигар қабилаҳои бодиянишини туркӣ мубориза карда, таъсири хешро ба онҳо гузаронида, пеши роҳи забткориҳои кӯчиёнро гирифт. Дар рафти ин муборизаҳои кӯтоҳ ӯ бо сохтмони лашкар, аслиҳаю силоҳи ҷангии онҳо шинос шуд.

Баъди амири Сомонӣ шудан дар назди ӯ вазифаи хеле мураккаб меистад. Баробари ба эътидол даровардани вазъи дохилию берунии кишвар, инчунин масъалаи дуруст намудани муносибат бо хилофати араб дар мадди аввал баромад. Вай дар замоне соҳибихтиёр шуд, ки халифи араб Мӯътазид (892-902) ба тахт нишаст. Мӯътазид низ мисли пешгузаштагони хеш мехост, ки таъсири хилофатро ба мустамликаҳои собиқ пурзӯр намояд. Исмоил чун сиёсатмадори оқил аз ин сир бохабар буд. Бинобар он хеле оқилона рафтори карда, дили дӯсту душманро ба даст меовард. Бо роҳи муросокорӣ бисёр масъалаҳои душворро ба фоидаи хеш ҳал менамуд.

Ба хилофат нишон медод, ки ӯ паҳнкунандаи ислом аст. Дар ҳақиқат дар ин ҷода ӯ корҳои зиёдеро ба сомон расонд. Бо баҳонаи тарғиби ислом аз болои кӯчиҳо зафарҳо мекард.

Туркони бодиянишин зуд-зуд ба шаҳрҳои Осиёи Миёна ҳуҷум намуда, халқро ғорат мекарданд. Исмоил бошад барои гирифтани пеши роҳи чунин ғоратгариҳо чора ҷуст. Баъди амири Сомонӣ гаштан ӯ дар соли 893 ба Тироз лашкар кашида, ба туркҳо таъсири хешро гузаронд. Мувофиқи ахбори Наршахӣ юриши аввалини Исмоил ба Шимол душвориҳои зиёдеро садди роҳи ӯ гардонд. Аммо вай бо лашкари хеле қавӣ ба Шимол ҳаракат намуда, дар байни кӯчиён онди қабули ислом корҳои зиёдеро анҷом дод. Вай дар шаҳри Тироз масҷиди ҷомеъ сохта, онро ба унвони халиф Мӯътазид номгузорӣ кард. Дар рафти ҷангҳо аз болои подшоҳи туркҳо ғалаба карда, падару модари ӯро асир гирифта, ба Самарқанд овард. Лашкаркашии Исмоил ба Тироз обрӯ ва эътибори вайро дар Шимолу Шарқии Осиёи

Миёна, хусусан дар байни туркҳо баланд намуд. Бо ҳамин ӯ ба ҳуҷумҳои ноғаҳонии кӯчиёни Шимол хотима гузошт.

Амир Исмоил аз юриши шимол бо ғанимати калон баргашт. Вай баробари боигарӣ, инчунин рамаҳои гӯсфанду буз, галаи аспу уштурҳо овард. Дар қатори он ҷавонони зиёди туркро асир намуда, ғулом кард ва аз қувваи онҳо дар кишоварзию бинокорӣ, обёрию чорводорӣ истифода бурд.

Аммо ин фотеҳии Исмоил ба хилофат маъқул набуд. Халифҳо Исмоилро рӯякӣ дастгирӣ кунанд ҳам, аммо тахти дил ӯро бад медиданд. Бо ҳар роҳ кӯшиш менамуданд, ки иқтидори ӯро суст гардонанд. Бинобар ин кӯшиш менамуданд, ки вайро ба ҷангҳои дохилӣ андармон кунанд.

Дар ин роҳ Мӯътамид, ки бисту се сол (869—892) халиф буд, таҷрибаи кофӣ дошт. Ӯ кӯшиш менамуд, ки дар дохили мустамлика оромӣ набошад. Бинобаи зиддияти вай бо Яъқуб бинни Лайс хеле боло гирифт. Аммо Яъқуб ба ӯ сар нафуровард.

Баъди сари Яъқуб додараш Амр бинни Лайс ба тахт нишаст. Халиф гумон дошт, ки Амр итоати ӯро қабул мекунад. Вале вай низ кори саркардаи бародараш Яъқубро идома дод. Он гоҳ хилофат бар зидди ӯ баромада тоҷикро ба тоҷик ҷанг андохт.

Халиф Мӯътазид сабабгори ҷанги байни Исмоилу Амри Саффорӣ гашт. Дар ин бора Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ, машҳур ба Низомулмулк дар китоби «Сиёсатнома»-и хеш менависад, ки халиф Мӯътазид аз худсариҳои Амр дар Хуросон ба ҳарос афтода, ба Бухоро назди Исмоил қосид фиристод, то ки ӯ ба муқобили Амр лашкар кашида, мулки вайро зеру забар намояд. Исмоил ба гуфтаи халиф гӯш дод. «Пас суханони халиф дар дили ӯ кор кард ва азм дуруст гардонид, ки бо Амри Лайс мухолифат кунад ва лашкар, ки дошт, — ёдовар шудааст Низомулмулк, — ҳамаро гирд карду аз Ҷайҳун бигзашт ва ба сар тозиёна бишумурд, даҳ ҳазор баромад, чунон ки бештар аз лашкари ӯ рикобҳои чӯбин доштанд ва аз ҳар даҳ тан яке сипар дошту аз ҳар бист тан яке ҷавшан ва аз ҳар панҷоҳ якеро найза буд ва мард буд, ки аз бесутурӣ ҷавшан бар фитроқ баста. Ва чунин лашкаре аз Омӯй бардошт ва ба Марв омад ва хабар ба Амри Лайс бурданд, ки Исмоил ибни Аҳмад аз Ҷайҳун бигузашт ва ба шаҳри Марв омад ва шаҳнаи Марв бигрехт ва талаби мамлакат мекунад. Амри Лайс дар Нишопур буд. Ҳафтод ҳазор савор арз дод»[1]. Баъзе сарчашманависон дар он ақидаанд, ки Амри Саффорӣ бар зидди Ис-

---

[1] Низомулмулк. Сиёсатнома, С. 21.

моили Сомонӣ ба ҷанг омодагӣ мегирифт. Аз он арабҳо устокорона истифода бурданд.

Исмоил ҳам марди андешапарваре буд. пеш аз он ки бо Амр ҳарб кунад, вай лашкари хешро қави намуд. Баробари ин аз байни душманони Саффорӣ дӯстон пайдо кард. Яке аз онҳо подшоҳи мулки Форс Алӣ бини Ҳусайн буд, ки дар рафти солҳои 869—871 бо Яъқуб бини Лайс ҷангида, мағлуб шуд. Аз ин рӯ нисбати Саффориён кина дошт. Бинобар ин Исмоил уро ба ҷанги якҷояи зидди Амр даъват намуд. Алӣ бини Ҳусайн бошад таклифи Исмоилро хуб пазируфт ва лашкарашро омодаи ҷанг намуд. Алӣ бини Ҳусайн дар охири соли 896 Ҷайҳунро убур карда, ворили Мовароуннаҳр гашт. Баъди чанде озими Бухоро шуд. Вайро амир Исмоил хуб пешвоз гирифт ва баъди андаке тавақуф ба шаҳри Фароб фиристод, то ин ки ӯ дар он ҷо ба мубориза тайёр шавад. Аммо баъди сездаҳ моҳи дар Фароб будан Алӣ бини Ҳусайнро писараш шаҳид намуд.

Амр ба дӯстони худ — Абӯдовуд — ҳокими Балх ва Аҳмад бинь Фаригун, ки амири Гузгониён буд, нома ирсол карда, онҳоро наздаш хонд. Чунин номаро ба унвони Исмоил низ фиристод. Амр аз Исмоил хоҳиш намуд, ки бо ҳам дӯст бошанд. Исмоил онро рад намуд ва ба қосиди Амр чунин иброз кард: — Худованди ту бадон нодонест, ки маро бо ишон яке мекунад ва ишон маро бандаанд. Ҷавоби ман шамшеру тир аст ва миёни ман ва ӯ ҷуз ҳарб нест, бозгард ва ӯро хабар деҳ, то асбоби ҳарб соз кунад...[1]

Амр то баргаштани қосид дар он ақида буд, ки Исмоил таклифи вайро қабул менамояд. Вақто ки қосид ҷавоби номаро ба Амр расонд, авзои вай дигар шуд. Тамоми бузургонро гирд оварда, маслиҳати ба даст даровардани дили Исмоилро кард. Аз онҳо гурӯҳи бонуфуз созмон дода, назди ӯ фиристод. Дар номаи навбатӣ ба Исмоил фаҳмонд, ки бояд дӯстона зиндагӣ кунанд. Вақто ки одамони мӯътабари Нишопур ба сӯи Бухоро роҳ паймуданд, аз он Исмоил огоҳ шуда, аз Ҷайҳун гузаштан намонд. Чизу чораи овардаашонро қабул накард. Ҳарчанд ки мардони маъруфи Нишопур ӯро зорӣ намуданд, аммо Исмоил ғазашро ду накард.

Ин нописандии Исмоил хашму ғазаби Амрро овард. Вай фавран ба ҷанг омодагӣ гирифт. Ба сипаҳсолораш Алӣ бини Суруш супориш дод, ки лашкарро ба ҳолати ҷангӣ қарор дода, интизори фармон шавад. Ба сипаҳсолори дигараш Муҳаммад бини Лайс чунин амр дод: — Бо Алӣ бини Суруш тадбир кунед ва сипоҳро бидоред ва ҳар кӣ аз он ҷо ба амон ояд, амон

[1] Таърихи Бухоро, С. 75.

лихед ва некӯ доред ва киштиҳо сохта кунед ва ҷосусон фиристед...

Аз омодагирии Амр Исмоил бохабар шуда лашкарашро ба сӯи Ҷайҳун равон кард. Шабонгаҳ бист ҳазор ҷангиёни Исмоил дарёро убур карданд. Дар Балх ҷанги шадид ба амал омад. Аз ду тараф талафот калон шуд. Бештар ҷангиёни Амр нобуд гаштанд. Алӣ бини Суруш, писари Амр ва маъруфони Нишопур низ кушта шуданд. Исмоил асиру ғаниматы зиёд гирифт. Қисме аз ҷанг осеб наёфтаи лашкари саффориён худро ба наздики Амр бурд. Исмоил асиронро хӯрок дода, сару либоси нав пӯшонида, ба хонаҳояшон ҷавоб дод. Аз ин рафтори Исмоил сарлашкаронаш норозӣ шуданд. Он гоҳ ӯ чунин гуфт:

— Чӣ хоҳед аз ин бечорагон, бимонед то ба мулки хеш бираванд. Ишон ҳаргиз ба ҳарби шумо боз наоянд ва дигаронро дил табоҳ кунанд...

Исмоил сарвати ғункардаашро ба Бухоро оварда, барои ободонии шаҳр сарф намуд. Сипас омодагии хешро барои мустаҳкам намудани сарҳадҳои давлат дод. Аммо дере нагузашта боз Амр сар бардошт. Вай барои гирифтани қассоси писару сарлашкараш Алӣ бини Суруш баъди як сол бар зидди Исмоил ба ҷанг хест. Исмоил ҳамроҳи Мансуру Қаротегин ва Порс Байкандӣ ва сӣ ҳазор ихтиёриёни Туркистону Фарғона ба ҷанг ҳозир шуданд. 21 ноябри соли 900 Исмоил сарлашкараш Муҳаммад бини Хорунро ба сафи пеш фиристода, худаш рӯзи дигар аз оби Ҷайҳун гузашт. Ба Исмоил аз Хоразм, Самарқанд, Чоч, Фарғона ва дигар мулкҳо кӯмак расид. Дар як муддати хеле кӯтоҳ лашкари Исмоил дучанд афзуд. Қувваи асосии Исмоил ва Амр дар Балх гирд омад. Исмоил пеш аз оғози ҷанг сарлашкар Алӣ бини Аҳмадро ба Фороб фиристод, то ки наздикони Амрро нест карда, бо ғанимат баргардад.

Амр тамоми лашкарашро дар қалъаи Балх гирд овард. Исмоил низ муддати се рӯз дар он ҷо омодагӣ гирифт. Сипас ҷанг оғоз шуд. Лашкари Исмоил нисбати ҷангиёни Амр тайёрии пухта дошт. Бинобар ин дар рӯзи якуми задухӯрд сипоҳиёни Амр шикаст хӯрданд.

Исмоил Амрро асир намуд. Аммо Амр асло таслим шудан намехост. Зеро чунин мепиндошт, ки Исмоил боигарии ӯро гирифта,вайро ҷавоб медиҳад. Вале ин тавр нашуд. Исмоил дар ҷанг дастболо гардид. Амр дар ҳарбу зарб аз хуш рафт. Ӯ ёдовар мешавад, ки баъди мағлубият дар болои сараш танҳо ду ғуломи меҳрубони хешро медид, ки онҳо ба вай нигоҳубини мекарданд. Баъди се рӯз дар байни анбӯҳи одамон ҷашмаш ба

Исмоил мерасад: «Ва дар ин миён амир Исмоилро дилам аз дур хостам, ки фуруд оям ба ҷон ва сари хеш савганд додам, ки фурӯмояи дили ман қарор гирифт ва маро ба саропарда фуруд овард.... Пас амир Исмоил наздики ман андаромад ва маро бинавохт ва аҳд кард, ки туро накушам»[1].

Исмоил нисбати Амир ғамхорӣ намуд. Ба хизматгоронаш бифармуд, ки ӯро хӯрок диҳанд. Дарбориён фармони подшоҳро ба ҷо оварданд. Сипас Амрро ба Самарқанд burданд.

Дар ин хусус Низомулмулк чунин навиштааст: «...Амри Лайс дар Нишопур буд. Ҳафтод ҳазор савор арз дод, ҳама баргустувондор ба силоҳ ва иддати тамом рӯ ба Балх ниҳод. Ва чун ба якдигар расиданд, масоф карданд. Иттифоқ чунон афтод, ки Амри Лайс шикаст шуду ҳафтод ҳазор савор ҳама ҳазимат рафтанд, чунон ки як танро ҷароҳате нарасид ва на касе асир гашт, ило аз миёни ҳама Амри Лайс гирифтор шуд ва чун ӯро пеши Исмоил бурданд, бифармуд, то ӯро ба рӯзбонон супурданд...[2]

Амр аз кори кардааш пушаймон шуд. Вале дигар пушаймонӣ суд надошт. Бинобар ин аз Исмоил хоҳиш намуд, ки ӯ ва аҳли оилаашро некӯ нигаҳ дорад. Ба назди Исмоил одам фиристода, хоҳиш намуд, ки таклифашро ба вай расонанд:

— Ту Исмоилро бигӯй, маро на ту шикастӣ, балки диёнату сирату некӯ ва эътиқоди софӣ ва ноҳушнудии амиралмӯъминин шикаст ва ин мамлакатро худои таоло аз ман биситод ва ба ту дод ва ту бад ин некӣ арзонию сазоворӣ. Ва ман мувофиқати худои таоло кардам ва туро ҷуз нек нахоҳам ва ту дар ин ҳол мулк нав гирифтаӣ, валекин хизона ва истизҳоре надорӣ. Маро ва бародари маро ганҷҳо ва дафинаҳост бисёр ва нусхати ҷумла бо ман аст. Ман он ҳамаро ба ту арзонӣ доштам, то ту бад-он мустазҳар ва қавиҳол шавӣ ва олати иддат созӣ...[3]

Амр ба қосид калиди хазинаро дод, ки ба амир Исмоил супорад. Баробари ин номгӯи ганҷҳоро хост, ки ба ӯ диҳад. Ин рафтори Амр қаҳру ғазаби Исмоилро овард. Вай ганҷномаи фиристодаи Амрро назди қосид гузошту гуфт:

— Инро бад ӯ боздеҳ ва бигӯй, ки азбаски ҷалдӣ меҳоҳӣ, ки аз сари ҳама берун ҷаҳӣ. Туро ва бародари туро ганҷ аз куҷо омад, ки падари шумо мардӣ рӯйгар буд ва шуморо рӯйгарӣ омӯхт? Аз иттифоқи осмонӣ мулк ба тағаллуб фурӯ гирифтед ва ба таҳаввур кори шумо баромад ва ин ганҷҳо ва

---

[1] Таърихи Бухоро, С. 78.
[2] Сиёсатнома.—С. 21—22.
[3] Дар ҳамон ҷо.

дираму динор, ҳама он аст, ки аз мардум ба тазаллум ва ноҳак ситодаед, баҳои ресмони ғандапирон ва моли ғарибону ятимон ва заифон аст. Ва ҷавоби ҳама фардо пеши худои таоло шуморо мебояд дод ва ба ҷуз ӯ полош ҷашидан. Ту ҷалдӣ мехоҳӣ, ки мазламро дар гардани ман кунӣ, то чун фардо ба қиёмат хасмон шуморо бигиранд, ки моли мо ба ноҳақ аз мо ситодаед, боздиҳед ва гӯед: «Ҳар чӣ ситодаем, ба Исмоил додем. Аз ӯ талаб кунед», ки ман тоқати ҷавоби хасмон надорам[1]...

Исмоил марди худотарс буд. Аз хӯрдани ҳаққи мардумон худро канор мекашид. Ҳарчи меёфт, онро пешкаши бенавоён мекард. Аз ин рӯ аз гирифтани чизу чораи Амр бини Лайси Саффорӣ худдорӣ намуд. Зеро он моли кас буд. Исмоил чун бандаи худо медонист, ки моли аз роҳзанӣ ба даст омада, ба кас кудрат нахоҳад кард.

Исмоил баъди асир шудани Амр ӯро як муддат дар маҳкама нигоҳ дошт. Вайро катл накард. Дар ин ҷода андеша намуд. Пас ӯро соли 901 ба нятнёри халиф ба шаҳри Бағдод фиристод. Ҳарчанд, ки Амр ба халиф Мӯътазид илтиҷо намуд, аммо ӯ аз гуноҳаш нагузашт ва дар соли 902 вайро ба катл расонд. Бо ҳамин хонадони Саффорӣ низ аз байн рафт. Тамоми заминҳо роҳ карда шуд.

Пас аз ғалаба аз болои Амр обрӯ ва нуфузи Исмоил дар хилофат боло рафт. Сарҳади давлат хеле васеъ шуд. Хуросон, Мовароуннаҳр, Мозандарон, Райю Исфаҳон, Туркистон, Синду Гургон ва ғайра мулки хоси Сомониён гардид.

Акнун муносибати халиф Мӯътазид нисбати амир Исмоил хуб шуд. Халиф ба шарафи ғалаба ба Исмоил хилъати зар ва дигар инъомҳои қимат фиристод. Баробари ин 700 ҳазор дирҳам тӯҳфа дод.

Хилофат ҷазои ҳокимони саркашро ба Исмоил ҳавола менамуд. Ин буд,ки волии Табаристон Муҳаммад бини Зайди Алавӣ аз нишондоди халифу Исмоил беруи рафт. Исмоил назди ӯ кас фиристода насиҳат кард. Аммо насиҳат ба ӯ рост наомад. Пас Исмоил сарлашкари хеш Муҳаммад бини Ҳорунро ба саркӯб намудани Алавӣ фиристод. Муҳаммад Ҳорун ӯро шикаст дод... Дар ҷангҳо Алавӣ захмин шуда, баъди андаке вафот ёфт.

Исмоил бошад дилсӯзӣ намуда, сарлашкараш Муҳаммад бини Ҳорунро ҳокими мулкҳои Ҷурҷону Табаристон таин кард. Баъди чанде Исмоил ӯро ба дарбор хонд. Аммо Муҳаммад бини Ҳорун аз Исмоил рӯ тофт ва мардуми Райро зидди вай ба исён хезонд. Дар рафти шӯриш намояндаи халиф бо бародарону писаронаш кушта шуд.

[1]. Сиёсатнома.—С. 23.

Аз ин воқеа халиф огоҳ гашт. Вай назди Исмоил қосид фиристод, ки ба Рай рафта, пеши роҳи Муҳаммад бини Ҳорунро гирад. Исмоил лашкар омода сохт ва баъди андаке озими Рай шуд. Муҳаммад бини Ҳорун аз омадани Исмоил хабар ёфта, ба тарафи Қазвину Занҷон рафт ва аз он ҷо ба Табаристон гурехт. Исмоил бошад, Райро ба зери тасарруфи худ гирифта, баъд ба забти Қазвин камар баст.

Дар ин бора Мирхонд менависад, ки амир Исмоил ҳукумати Райро ба бародарзодаи худ — Абдусалоҳ Мансур бини Исҳоқ дод. Табиб Муҳаммад бини Закариёи Розӣ муддати шаш моҳ ба ӯ мушовир шуд.

Исмоил пас аз шикасти Муҳаммад бини Ҳорун ба Бухоро баргашт ва ба корҳои мустаҳкамкунии давлат камар баст. Аммо дере нагузашта туркон ба ҷунбиш даромаданд. Исмоил дар соли 904 ба Туркистон лашкар кашида, мавқеашро дар Шимолу Шарқии мамлакат устувортар намуд.

Як муддат ҷангҳо басанда шуданд. Мардум рӯ ба некӯию фароғат ниҳоданд. Аҳли Бухоро барои дастнорасии пойтахт камар бастанд. Барои аз душманон эмин нигоҳ доштани шаҳр аз подшоҳ хоҳиш карданд, ки дар атрофи Бухоро девор созад Дар ин хусус подшоҳ дар як маҷлиси бошукӯҳи шаҳриён чунин иброз намуд:

«То вақте ки зиндаам, қалъаи Бухоро ман ҳастам». Зеро Исмоил медонист, ки девор харҷу хароҷоти зиёдро талаб мекард. Аз ин рӯ ҷасурӣ карда, худро чун девори касногузар тавсиф намуд ва котеона ҳимояи шаҳру давлатро ба ӯҳдаи хеш гирифт.

Исмоил сиёсатмадори тавонои замони худ буд. Ҳар як душвориеро, ки сар мезад, мустақилона ҳал мекард. «...Ҳеҷ кас аз оли Сомон боснёсаттар аз вай набуд» — гуфтааст Наршахӣ. Аз ин рӯ дар замони амирии ӯ давлатдории Сомонӣ ба дараҷаи баланди тараққиёти хеш расид. Вай тавонист, ки ба мубориза҅ҳои дохилӣ хотима зада, аз болои душманони хориҷӣ ғалаба карда, мулкро васеъ намояд ва амнияти давлатро таъмин кунад. Ғалабаи Исмоили Сомонӣ аз болои туркони бодиянишин ва подшоҳи Сaффориён Амр ибни Лайс бори дигар шоҳиди сарлашкари тавоно будани ӯ мебошад.

Исмоили Сомонӣ барои боз ҳам мустаҳкам шудани иқтидори иқтисодии давлат, дастнорас будани сарҳадҳои он барои хориҷиён, устувории дарбори амирӣ, ташкили гвардияи бонизом ва ғайра ислоҳотҳо гузарондааст. Баробари ин ӯ каму беш барои инкишофи илм роҳ кушод, ки минбаъд ворисонаш шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Марв, Кеш, Насафро ба марказҳои инкишофи илми асримиёнагии тоҷик табдил доданд.

Ҳамаи чораҷӯиҳое ки Исмоили Сомонӣ дар роҳи мустақилӣ ва дастнорасии давлат кард, ба минбаъда пеш рафтани иқтисодиёт, хоҷагии кишлоқ, ҳунармандӣ, тиҷорат, ҷустуҷӯи маъдан, шаҳрсозӣ, маданият ва ғайра роҳ кушод. Вале мо бо ин исбот карданӣ нестем, ки бобокалони миллат Исмоили Сомонӣ ғамхори ҳамаи табақаҳои ҷамъият буд. Ҳаргиз ин тавр не. Ӯ худ, ки аз табақаҳои феодалони калон буд, бешубҳа тарафи заминдорони бузург, рӯҳониён, феодалони мансаблор, савдогарону судхӯронро мегирифт. Дар замони ӯ ва ворисонаш халқи заҳматкаш бераҳмона истисмор карда мешуд.

Хизмати бузурги Абуиброҳим Исмоил бини Аҳмад нисбати пешгузаштагонаш дар он зикр меёбад, ки вай тавонист сарҷамъии халқияту давлати тоҷикро ба итмом расонад. Ӯ Саффориёнро аз байн бурда, туркҳои бодиянишинро таслим намуда, таъсири хешро аз болои хилофати араб гузаронд. Дигар халифони араб ба давлати Сомонӣ ҳамчун мустамлика не, балки ҳамчун олии мустақил муносибат менамуданд. Беҳуда нест, ки халифон Мӯътамид, Мӯътазид ва дигарон дар саркӯб намудани душманони хориҷии хеш аз қувваи Исмоили Сомонӣ ва ворисони вай истифода мебурданд.

Кишваркушоиҳои Исмоил шаъну шӯҳрати ӯро баланд менамуданд. Ӯ дар айни камолоти давлатдориаш лашкаркашӣ буд.

Олимону таърихдӯстони зиёде ба мақоми Исмоил дар устувор шудани давлатдории Сомониён баҳо додаанд. Аз ҷумла академик Б. Ғафуров чунин менависад: «Исмоили Сомонӣ аз муборизаи оммаи халқ барои истиқлолият истифода бурда, нахустин бор пас аз истилои араб сарзамини дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ парешонгардидаро ба ҳам муттаҳид намуд ва давлати бузург мустақиле ба вуҷуд овард. Вай дар баробари барҳам додани ҳукумати Саффориён ҳокимияти худро на танҳо дар Мовароуннаҳр ва Хуросон мустаҳкам кард, балки ба як қатор вилоятҳои Шарқӣ ва Шимолии Эрон соҳиб гардида, истиқлолияти ҳақиқии давлати ташкилкардаи худро нисбат ба хилофати Араб таъмин намуд»[1].

Исмоили Сомонӣ дар айёми болоравии сохти феодалӣ давлати овозадори тоҷикро сарварӣ намуд. Вай тавонист, ки шаъну шӯҳрати тоҷикро дар асрҳои миёна боло барад. Ӯ дар ин ҷода ниятҳои амиқ дошт. Аммо афсӯс, ки марг даста надод. Исмоил дар синни 58-солагӣ, 25 ноябри соли 907 дар деҳаи Зармони атрофи Бухоро аз олам даргузашт. Кори некӯи саркардаашро ба ворисонаш ҳавола намуд.

---

[1]. Б. Ғафуров. Тоҷикон, ч. 1.—С. 453—454.

## § 5. Сирати Исмоил

Дар таърихнигории кӯҳану навин чеҳраи Исмоил пурра кушода нашудааст. Қисми кулли пажӯҳишгарон муборизаи ӯро барои ташкили давлати Сомониён нишон дода, баъзе лаҳзаҳоро Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» ва Низомулмулк дар «Сиёсатнома» овардаанд.

— Амирони одил аз ҷумлаи Сомониён яке будааст, ки ӯро Исмоил ибни Аҳмад гуфтандӣ, — қайд менамояд Низомулмулк, сахт одил будааст ва ӯро сиратҳои некӯ бисёр будааст, бо худои таоло эътиқоди софе дошт ва дарвешбахшое буд ва аз сияри ӯ бознамудаанд...[1]

Пеш аз он ки мо дар атрофи сирату одамияти Исмоил гап занем, бояд аввал ба чеҳраи сиёсатмадории ӯ равшанӣ андозем. Пас мо собит созем, ки Исмоил асосгузори давлати Сомонӣ буд ё бобою падару амакону бародари ӯ? Бинобар ин мо замони сиёсатмадории ӯро ба ду давра тақсим намуда, сипас ба саволҳои гузаштаи хеш ҷавоб меҷӯем.

Давраи аввал ба солҳои 874—892 рост меояд. Дар ин фасл Исмоил қадамҳои устувори хешро барои ҳокимият гузошта, дар рафти солҳои 875—888, ки ӯ барои давлат талошҳо дошт, сиёсатмадориашро ифшо намуд. Баъди он ки дар Бухоро қудрат пайдо менамояд ва ба эътирофи умум соҳиб мешавад, он гоҳ нуфузи сиёсатмадори вай боло мегирад.

Аммо бояд ҳамин нуқтаро тақвият дод, ки бо вуҷуди обрӯманд гаштани Исмоил хилофат ӯро чун амири Сомонӣ эътироф накарда буд. Азбаски тамоми Мовароуннаҳрро аз номи хилофат Абӯнаср бини Аҳмад роҳбарӣ мекард ва аз ин рӯ соли 874 халиф маншур фиристод то ба унвони ӯ хутба хонда шавад. Биноан Абӯнаср дар роҳи устуворшавии мавқеи хеш ҷонбозиҳо кард.

Азбаски Абӯнаср бини Аҳмад марди фозилу адиби маъруф буд, бинобар ин кӯшиш менамуд, ки худро ба мунокишаҳо шарик накунад. Аммо Исмоил нисбати вай ҷасуртару сиёсатмадортар буд. Аз ин рӯ дар ҳалли масъалаҳо чобукдастӣ менамуд. Танҳо баъди воқеаҳои соли 888 Исмоил хоксорӣ зоҳир карда, худро аз бародари бузургаш Абӯнаср паст гирифт. Исмоил ба Абӯнаср чунин иброз намуд:

— Е амир! Ман мукаррам, ки хато кардам ва гуноҳ ҳама марост ва ту авлитарӣ ба фазл, ки ин гуноҳи бузург аз ман даргузаронӣ ва авф кунӣ...

Баъди ин пушаймонӣ Абӯнаср Исмоилро чун ворисн хеш эътироф намуд. Агар ӯро бародари бузург ворис эълон намекард, он гоҳ яқин буд, ки баъди вафоти Абӯнаср писараш Ах-

---

[1]. Сиёсатнома.—С. 17—18.

мад талоши тоҷу тахт мекард. Он гоҳ тахти амирӣ ба Исмоил насиб намекард.

Дигар, ҳамин воқеа сабабгор шуд, ки Исмоил ба роҳбарии ошкорои давлатдорӣ даст зада, аз таҷрибаи сиёсатмадории бародар каму беш баҳраманд шавад. Акнун Исмоил сазовори боварии кулли Абӯнаср гашт.

Муноқишаи байни хонадони Сомонӣ ва воқеаҳои соли 888 обрӯ ва нуфузи Исмоилро дар арсаи олам боло бурданд. Акнун сиёсатмадорони дигар ба Исмоил на ин ки чун волии Бухоро, балки ҳамчун ҳокими Мовароуннаҳр муроҷиат мекардагӣ шуданд. Абӯнаср бошад дар ҳалли масъалаҳои душвор албатта, аз маслиҳати Исмоил баҳраманд мешуд.

Давраи дуввуми сиёсатмадории Исмоил (892—907) ба замони мустақилияти вай рост меояд. Дар ин давра Исмоил ҳамчун муттаҳидкунандаи мулкҳои Сомониён дар Хуросону Мовароуннаҳр намудор мешавад. Зеро баъди вафоти Абӯнаср бини Аҳмад (892) ӯ кори бародарро давом медиҳад ва ҳамчун сиёсатмадори пурзӯр на ин ки дар Мовароуннаҳр, балки дар Хуросону мулкҳои дигар маъруф мегардад. Шаҳомати вай хилофати арабро ба ларза меорад. Халифҳо ба таҳлука афтода, барои паст намудани қудрати давлатдории ӯ чораҳои махфӣ меандешанд. Замони волии Бухоро будани Исмоил ба давраи ҳукмронии халиф Муътамид (869—892) ва ибтидои мутлақияти вай ба рӯзгори халифон Муътазид (892—902) ва Муътакиф (902—908) рост меояд.

Дар ин давра халиф Муътазид аз болоравии ду хонадони тоҷикӣ — Сомонию Саффорӣ — дар симои Исмоил ва Амр бини Лайс тарсида, онҳоро байни худ ҷанг меандозад. Бо ин халиф мақсад гузошта буд, ки яке аз хонадонҳоро аз байн бурда, иқтидори дигареро суст намуда, таъсири хешро нигаҳ дорад. Барои амалӣ шудани ҳамин мақсад дар байни хонадонҳои номбурда нотифоқӣ хезонида, онҳоро ба ҷангӣ бародаркуш кашид. Он имконият дод, ки хонадони Саффорӣ аз байн равад. Баръакси ҷашмдошти халиф баъди ин воқеа обрӯ ва нуфузи хонадони Сомонӣ боло гирифт.

Зафарҳои Исмоил аз болои Саффориён, туркони бодиянишин обрӯ ва қудрати вайро боло бурд. Ӯ тавонист, ки нав бастагии пурраи Сомониёнро аз хилофати араб таъмин намояд. Ин имконият дод, ки Исмоил бини Аҳмад поягузор ва ташаккулдиҳандаи давлати гул-гулшукуфтаи Сомонӣ гардад ва чун асосгузори давлати ташаккулёфта ном барорад.

Мумкин аст, саволе ба миёнояд, ки чунин қудратро дар вақташ падару бародари Исмоил: Аҳмаду Абӯнаср низ соҳиб буданд. Чаро онҳоро асосгузори давлати муқтадир нашуморем? Чунин савол бемантиқ нест. Аммо набояд фаромӯш кард, ки

Аҳмаду Абӯнасрро таърих чун амирони тоҳирӣ ёд мекунад. Зеро хилофати араб Тоҳириёнро ҳамчун хонадони мустақил эътироф намуда буд. Биноан то саркӯб шудани Тоҳириён Сомониёнро тобеи онон мешумориданд. Инро хилофат чунин эътироф мекард. Вале хонадони Сомонӣ нисбати тоҳирӣ пештар арзи вуҷуд дошт. Агар Сомониён, ба гуфтаи Наршахӣ солҳои 817—818 соҳиби Мовароуннаҳр шуда бошанд, пас Тоҳириён ба ин қудрат соли 821 соҳиб гаштанд. Ҳарчанд ки баъзе аз сарчашмаҳо ба Тоҳириён тобеъ будани Сомониёнро ёд кунанд ҳам, аммо онҳо аморати хоси хешро тахти сарпарастии Нӯҳ бини Асади Сомонӣ дар ибтидои солҳои 20-уми асри IX созмон дода буданд ва он барои Исмоил мактаби таълим гардид. Вай аз таърихи гузаштаи хеш хуб огаҳӣ ёфта, ҷиҳатҳои некӯи ҳокимиятдории бобоёнро аз худ намуд.

Ҳамин ибрат буд, ки вай ҳамчун амири одил, марди адолатпараст, сиёсатмадори қавӣ, заковатпеша ва шуҷоатманд ба камол расид. Кӯшиш менамуд, ки дар тамоми давлатдорӣ адолатпарастӣ ва некӯхоҳиро пеша намояд.

Адолати ӯ ба ҳадде буд, ки оиди он ривоятҳо сохтаю бофта мешуданд. Аз ҷумла, қисса мекунанд, ки Исмоил боре аз чунин воқеа огаҳӣ ёфт: дар Рай санги зарри хироҷ нисбати ченаки давлатӣ вазнин будааст. Ин хабар ӯро ба ташвиш монанд. Фавран чора ҷуст. Намояндаи хазина Ҷир-Элчиро ба Рай фиристод, то сангҳоро мӯҳр зада ба Бухоро орад. Ҳангоме ки Ҷир-Элчӣ озими Рай шуд, мардум дар тарс афтоданд, ки ӯ гунаҳкоронро ҷазо медиҳад. Аммо вай мувофиқи супориши Исмоил амал карда, дарҳои девонхонаро мӯҳр намуда, арбобони девонро аз кор дур кард. Пас сангҳоро ба Бухоро бурд. Хазинадорон онҳоро чен намуда, овозаро тасдиқ карданд. Сонӣ бо амри подшоҳ сангҳои навро, ки ба ченаки муқаррарӣ баробар буданд, ба Рай фиристоданд. Исмоил амр дод, ки тамом даромади ғайриқонунии хазинаро ҳисоб кунанд ва онро аз хазинадор ситонда, ба соҳибонаш баргардонанд..

Исмоил насиҳатҳои падарро дар гӯш дошт. Зеро падараш Аҳмад бини Асад дар вақти сӯҳбатҳои хоса бо писаронаш онҳоро ба хоксорию диндорӣ ҳидоят мекард. Мефаҳмонд, ки мансаб чирки даст аст. Барои инсон аз ҳама боло одамият мебошад. Ин панди падар дар замири Исмоил маскани абадӣ пайдо намуд. Дар тамоми умри хеш пеш аз даст задан ба коре аввал панди падари бузургворро пеши назар мекард. Аҳмад ба писаронаш васият намуда буд, ки дар интихоби дӯст, ба кор таъин намудани ин ё он шахс, набояд ба шитобкорӣ роҳ дод, зеро шитобкорӣ пушаймонӣ меорад, охираш суд надорад.

Сарчашманависон ҳикоят мекунанд, ки баъди сари Абӯнаср бини Аҳмад Исмоил подшоҳи кулли давлати Сомонӣ шуд. Он

гоҳ бисёриҳо пиндоштанд, ки ӯ бузург шуду нисбати зердастону дӯстон муносибаташро тағйир медиҳад. Боре ба ӯ суол карданд, ки Шумо амири бузург шудеду чаро муносибататон ба дӯстонатон мисли пештара монд. Ӯ чунин ҷавоб дод:

— Ин мартабаю сарватро ба мо худо ато кардааст. Мо амир шудем гӯён аз дӯстон рӯ наметобем, худро аз онон баланд намегирем. Зеро мо ҳама бандаи худо ҳастем...

Исмоил чун марди худотарс бештар ба дин такя менамуд. Ӯ «Қуръон»-ро хуб аз бар карда буд. Дар кадом шароите набошад, намози худро мехонд. Аз ӯ ибрат гирифта, тамоми дарбориёну сипоҳиён суннатҳои исломро ба ҷо меоварданд. Исмоил барои сохтани масҷидҳои намози ҷумъаҳонӣ бештар диққат медод. Дар Бухоро соли 713 аввалин чунин масҷидро Қутайба ибни Муслим сохта буд. Чӣ хеле ки муаллифи китоби «Ал-бадеъ-т-таърих» Мақдисӣ менависад, Исмоил дар Бухоро масҷиди нави намози ҷумъахонӣ бунёд кард.

Баробари ин Исмоили Сомонӣ марди одил ва дилсӯзи бенавоён буд. Вай кӯшиш менамуд, ки дар қаламрави мулкаш бенавоёну бепарасторон кам бошанд. Ба сари мулк баромада, кӯшиш менамуд, ки ба муҳтоҷон дасти кӯмак дароз кунад. Аз сарчашмаҳо бар меояд, ки Исмоил аз одамон манзилҳои хароб-шударо харида, онҳоро таъмир намуда, пешкаши муҳтоҷон мегардонд.

Исмоил амири хеле одил буд. Аммо нисбати дуздону дурӯғгӯён чораҳои сазовор медид. Вай ба зердастонаш супоришҳо дода, аз болои иҷрониши онҳо назорати хоса мебурд. Агар касе хабари бардурӯғ меовард, ӯро фавран аз мансаб меронд.

Вай рӯзҳои барфу борон ба кӯчаҳои Бухоро мебаромад ва арзи фуқароро гӯш мекард. Ба қадри имкон ба дармондагон кӯмак мерасонд. Муаллифи китоби «Зинат-ул-маҷолис» онди хоксорию инсондӯстии амир Исмоил чунин навиштааст: «Гӯянд, ки амир Исмоили Сомонӣ, ки подшоҳи аввал аст аз мулуки бани Сомон дар рӯзҳои барфу борон савор шуда ба майдон рафтӣ то агар касе ҳоҷате ба ӯ арз кунад. Ва чун аз майдон берун омадӣ гирди маҳаллот баромада мардумро садақа додӣ. Навбате бад-ӯ гуфтанд, ки салотин дар ин рӯзҳо аз хона берун намеоянд, сабаб чист ки амир иртикоби машаққати чунин намояд? Ҷавоб дод, ки дар чунин рӯзҳо ғарибон ва ситамрасидагон парешонтар мебошанд, чун дар он ҳолат муҳими эшон гарсохта гардад шояд, ки дуъое бо асар дар бораи ман содир гардад...».

Исмоил кӯшиш менамуд, ки худ шахсан аз аҳволи шаҳру шаҳрдорӣ бохабар бошад. Бинобар ин ҳар сари чанд вақт бадали либоси амирӣ намуда, чун қаландар дар кӯчаҳои Бухоро

мегашт. Бо чашмони хеш аз авзоъи шаҳру бозорҳо хабардор мешуд. Сипас дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ онди ин ё он масъала ҳукм мебаровард. Бо ин пеши роҳи дурӯғгӯёну бӯҳтончиёнро мегирифт...

Амир Исмоил нисбати тарбияи фарзанд хеле марди сахтгир буд. Кӯшиш менамуд, ки фарзандонаш дар рӯҳияи ростқавлию инсондӯстӣ ба камол расанд.

Соҳиби очерки таърихии «Сомониён» Мирхонд менависад, ки амир Исмоил дар тарбияи писараш Аҳмад кӯшиши зиёде ба харч додааст. Азбаски Аҳмад фарзанди калонии ӯ буд, бинобар ин ба таълиму тарбияи вай диққати асосӣ медод... Беҳтарин омӯзгоронро ба дарбор мехонд, ки ба вай дарс гӯянд. Аммо Аҳмад чавобан ба ғамхориҳои падар хуб дарсҳоро азбар намекард. Рӯзе муаллим аз рафтору кирдори Аҳмад ба хашм омада, ба ӯ мегӯяд: «баракат диҳад худой туро ва онро, ки ту аз вай пайдо шудӣ». Исмоил, ки дар хонаи дигар маҷлис мекард, аз суханони муаллим гӯшовоз шуда, назди Аҳмад меояд. Фарзандашро сахт сарзаниш мекунад. Муаллим дар ҳарос монда, аз подшоҳ узр мепурсад. Аммо Исмоил ба ӯ рӯ оварда мегӯяд:

— Ташаккур ба Шумо....

Исмоил баъди ба хона омадан Аҳмадро танбеҳ медиҳад. Сипас ба наздиконаш мефармояд, ки чизу чора гирифта, ба хонаи устоди Аҳмад рафта, аз номи падар аз ӯ узр пурсанд...

Амир Исмоил нисбати сарлашкарону сипоҳиён низ серталаб буд. Ӯ кӯшиш ба харч медод, ки лашкараш боинтизому машаққаткаш бошад. Ҳар гоҳ, ки лашкар ба юриши навбатӣ омодагӣ мегирифт, ӯ ҳозиринро таъкид менамуд, ки нисбати молу мулки мардум парҳезкор бошанд.

Боре лашкари вай озими шаҳри Рай мегардад. Роҳ аз байни боғу токзорҳо мегузашт. Исмоил сипаҳсолорро огоҳ намуд, ки сипоҳиён ба дуздӣ даст назананд. Аммо ду тан аз онҳо гурусначашмӣ карда, чанд дона себро аз боғе дуздиданд. Подшоҳ аз ин ҳодиса воқиф шуд. Он ду танро ёфт. Бо амри вай дасти ростаашон бурида шуд. Сипаҳсолор бошад, аз вазифа сабукдӯш гашт.

Ин тадбири ӯ барои дигарон дарси ибрат шуд. Дигар лашкар ба торочгарӣ роҳ намедод. Аз ин мардуми шаҳру деҳот ба сипоҳиёни Сомониён — чун муҳофизонашон дил бастанд.

Сиратҳои Исмоил бепоёнанд. Муаллифи китоби «Зинат-ул-маҷолис» менависад, ки Исмоил сайру шикорро дӯст медошт. Боре дар атрофи шаҳри Марв ба шикор машғул буд, ки ноҳост назараш ба шутуре афтод. Дид, ки он шутур ба шутури амир шабоҳат дорад. Пешхизматро фармуд, ки доғи шутурро бинад. Вай шутури амир буданашро исбот кард. Сорбон савганд хӯрд

ки вай ба ҷустуҷӯи шутур баромадааст. Пас Исмоил аз ӯ пурсон шуд, ки: шутури ман дар киштзори мусулмонон чӣ кор мекунад? Сорбон фаҳмонд, ки шутур аз гала берун омадааст ва ӯ аз паси баргардониданн вай мебошад. Амир узри ӯро қабул намуду пас ба соҳиби киштзор рӯ оварда гуфт: — Нуқсони онро баён кун...

Соҳибмулк даступо хӯрд. Ба амир ҷавоб дод, ки шутур ба киштзори вай зараре наовардааст. Аммо подшоҳ ӯро ба ин ҳол намонда, як миқдор пуле, ки деҳқон ба забон овард, онро ба вай дод...

Исмоил заковатмандтарин подшоҳи Сомониён буд. вай бештар ба илму фарҳанг рӯ оварда, дар Бухорою Самарқанд донишмандони овозадори замонро ҷамъ кард. Бо ин роҳ ӯ тавонист, ки дар замири халқи хеш тухми илму маърифатро кишт намояд. Исмоил дар он ақида буд, ки ҳар навигарие дар пойтахти хилофат — шаҳри Бағдод рухдода харчи зудтар дар Бухорою Самарқанд низ ҷорӣ шавад. Натиҷаи кӯшишҳои хосаи вай буд, ки шаҳрҳои азими Осиёи Миёна ибтидои ободии хешро дар замони сари қудрат будани ӯ сар карданд.

Хулоса, Исмоил ба ворисонаш сиратн нотакрори хешро мерос гузошт, ки он дар симои наберааш Насри II бини Аҳмад таҷассум ёфт.

## § 6. Насри II ва авҷи оли Сомон

Амир Исмоил ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш писараш Аҳмадро ворисн тоҷу тахт эълон намуд. Ба вай васият намуда буд, ки низоми давлатдории падарро дигар накунад. Баъди 25 ноябри соли 907 бо ба хок супоридани Исмоил Аҳмад кулоҳи амириро ба сар гузошт. Пас аз чанде ба дигаргунсозии сохтору тартиботи дарбор даст зад. Бе маслиҳати вазирону удабои дарбор ислоҳот гузаронд. Пеш аз ҳама, худро ба хилофати араб ширин намуда, коргузории дарборро ба забони аҷнабиён созмон дод. Шахсонеро, ки забони арабиро намедонистанд ё сиро наменисандидаңд, аз кор ронд. Ҳамин тавр, вай дар симои дарбориёну гвардияи туркӣ душман пайдо намуд.

Азбаски замони ҳукмронии Аҳмад бини Исмоил (907—914) давраи хеле кӯтоҳ буд, бинобар ин дар сарчашмаҳо оиди ҳукмронии ӯ маълумотҳо хира мебошанд. Оиди амирии ӯ Наршахӣ нақли хеле кӯтоҳ намуда, як лаҳза лашкаркашии вайро ёд мекунад. Дар замони Исмоил тамоми вилоятҳо дар зери дасти оли Сомон муттаҳид буданд. Аммо баъди марги ӯ баъзе аз навоҳии Хуросон аз итоат ба Сомониён рӯ тофтанд. Бинобар ин Аҳмад дар назди хеш мақсад гузошт, ки таъсири худро ба

он ҷоҳо расонад. Инчунин дар Мовароуннаҳр низ вазъи давлат начандон хуб буд. Амаки Аҳмад Исҳоқ бар зидди хонадони Сомонӣ хеста, кӯшиш менамуд, ки Самарқандро дар зери тасарруфи худ нигоҳ дорад. Агар Аҳмад пеши роҳи амакашро намегирифт, мумкин буд, ки Исҳоқ дар ғайби бародарзодааш табаддулоти дарборӣ гузаронида, худро амири кулли Сомонӣ эълон намояд. Ба ҳамин хотир ӯ аз бармаҳал лашкар кашидан ба Хуросон худдорӣ намуд.

Иброҳими Зайд, ки мушовири дабири ӯ буд, ба Аҳмад бини Исмоил фаҳмонд, ки бояд даставвал ба Исҳоқ чора ҷуст. Иброҳимро ба Самарқанд фиристод. Қосид ба он ҷо рафта, ба Исҳоқ фаҳмонд, ки ӯро Аҳмад ба Бухоро мехонад. Исҳоқ ба воқеияти номаи бародарзодааш бовар карда ба Бухоро омад. Аҳмад бошад амакро ба ҳабс гирифт ва акнун дилаш пур шуд, ки ақибгоҳаш мустаҳкам гардид. Сипас ба мулкҳои Хуросонии хеш сафарҳо созмон дод.

Аҳмад бини Исмоил озими Нишопур гашт. Аз омадани вай ҳокими мулки Ҷурҷон Борас Алкабир тарсида, бо молу чизу чораи зиёде роҳи Бағдодро пеш гирифт ва хост, ки дар зери қаноти халиф Муқтафӣ паноҳ ёбад. Сабаби тарси Борас дар он буд, ки вай аз Рай, Табаристон ва Ҷурҷон хироҷи зиёде ҷамъ намуда, онро ба хазинаи аморати Сомонӣ ирсол накард. Ӯ ба андозаи ҳаштод ҳазор зару зеварро бо худ бурд.

Борас Алкабир ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт будани амир Исмоил хироҷи ҷамъкардаашро ба шутурҳо бор карда, ба Бухоро равон шуда буд. Аммо дар роҳ аз марги амир огоҳ ёфта, боз ба Ҷурҷон баргашт. Ин сабаби бар зидди ӯ лашкар кашидани Аҳмад бини Исмоил шуд.

Баъди бозгашт ба Бухоро Аҳмад ба корҳои дарбор андармон мешуд. Ҳар боре, ки кор душворӣ менамуд, вай роҳи шикорро пеш мегирифт. Баҳори соли 910 ӯ ба соҳили Ҷайҳун рафта, як муддат машғули шикор гашт. Баъди чанде ба Бухоро баргашта, аз ҳокими Табаристон Абулаббос нома гирифт. Ӯ амир Аҳмадро огоҳ намуд, ки Ҳусайн ибни Алоъ хуруҷ карда, вилоятҳои Гургону Табаристонро соҳиб шудааст. Аз ин хабар Аҳмад хеле дилтанг шуд. Сабаб дар он буд, ки вилоятҳои Гургону Табаристон мулки пурфайз ба шумор мерафтанд. Аз даст рафтани онҳо барои подшоҳ ба марг баробар буд. Зеро қисми кулли даромади хазинаро ин мулкҳо медоданд. Дар ин хусус Наршахӣ аз номи Аҳмад чунин навиштааст: «Бор худоё! Агар ин мулк аз ман хоҳад рафт, маро марг деҳ...»

Аҳмад бини Исмоил тамоми чораҳоро ҷуст, ки мулкҳои номбурдаро аз даст надиҳад. Яке аз тадбирҳои асосии ӯ он гардид, ки Алптегини туркро, ки дар лашкаркашӣ ҳамто надошт, ба худ ошно кард. Баробари ӯ, инчунин ба сардорони

дигари лашкараш Аҳмад бини Сахл, Муҳаммад бини Сахл, Муҳаммад бини Музаффар, Симҷурии Давокӣ ва Ҳусайн бини Алии Марврудӣ ва дигарон такя намуда, онҳоро ба Сиистон гуселонид.

Лашкари Сомонӣ озими Сиистон гашт. Мардум аз омадани сипоҳиёни Сомонӣ хушнуд буданд. Зеро медонистанд, ки ҷангиёни ин хонадон мардони боадолат мебошанд. Лашкари зиёди душман ба шаҳри Буст тахти сарпарастии Муҳаммад бини Алӣ гирд омад. Аммо Муҳаммад бини Алӣ таҷрибаи кофии ҷангӣ надошт. Аз ин рӯ ба ҳарби сипоҳиёни Сомонӣ тоб наоварда, мағлуб шуд. Пас аз он тамоми қаламрави Сиистон дар зери ҳокимияти Сомониён боз монд...

Чӣ хеле ки дар боло гуфтем, дар таърихи хонадони Сомонӣ даврон ҳукмронии амир Аҳмад бини Исмоил тира мебошад. Муаррихон ва сарчашмаҳоивисон ин давраро начандон равшан баён кардаанд. Ӯ муддати хеле кӯтоҳ дар сари қудрат буд бинобар мумкин аст, ки даврони кӯтоҳи ҳокимиятдории вай аз назари пажӯҳишгарон дур монда бошад. Аз тарафи дигар, давраи ӯ дар байни амирони соҳибтаҷрибаву соҳибқудрат Исмоил ва Насри II сипарӣ мегардад, ки онҳо дар таърих нақши нотакрори хешро гузоштанд. Мумкин аст, ки олимон бештар ба онҳо диққат дода, ба замони Аҳмад кам аҳамият додаанд.

Баробари ин таърихи кушта шудани Аҳмад низ баҳснок мебошад. Чӣ хеле ки дар боло гуфтем, зиддияти ӯ бо аҳли дарбор ва гвардияи туркӣ мумкин аст, сабаби кушта шудани амир бошад. Азбаски Аҳмад шикорро дӯст медошт мумкин аст, ки дар саҳро ба ҷони вай қасд карда бошанд. Зеро Наршахӣ ёдовар мешавад, ки «ӯро ба Бухоро оварданд ва дар гӯрхонаи навканда ниҳоданд....» Аз ин бармеояд, ки Аҳмад берун аз Бухоро кушта шудааст. Баъзе сарчашмаҳо таърихи замони Аҳмадро ёд карда, қайд менамоянд, ки вай дар хонааш, дар шаҳри Бухоро ба шаҳодат расида бошад.

Аз ҳама сарчашмаи аниқ асари Наршахӣ «Таърихи Бухоро» мебошад. Гуфтаҳои ин муаллиф ба ҳақиқат хеле наздиканд. Вай қайд менамояд, ки Аҳмад аз ташкили сӯиқасд ба ҷонаш хеле барвақт огоҳ буд. Аз ин рӯ посбононро ба низом андохта, тартиботро хеле сахт намуд. Ҳатто барои ба амир наздик нашудани душман дар дари ӯ шери ғурронро мебастанд, ки бо наъраааш бонги хатар мезад. Вале душман-душманӣ кард. Қотилон ғуломони дарбори амирро хариданд ва онҳо шаби 12 январи соли 914 шерро ба дари амир набастанд. Аз ҳамин истифода карда, гурӯҳи мусаллаҳ ба хонаи амир даромада, ӯро дар ҷойгаҳ шаҳид намуданд.

Чӣ хеле ки ёд кардем сабаби кушта шудани Аҳмад номаълум мондааст. Иддае аз муҳаққиқон, аз ҷумла муаллифони

«Таърихи Табарӣ» ва «Таърихи Бухоро» дар он ақидаанд ,ки ӯро ғуломони турк куштаанд. Сардори посбонони амир Абулҳасанро дар Бухоро ба дор кашиданд. Ва он ғуломонеро, ки кушта буданд, — менависад Наршахӣ, — баъзе ёфтанд ва бикуштанд ва баъзе ба Туркистон бигрехтанд[1].

Аҳмадро ба хок супориданду масъалаи амири нав ба рӯзнома омад. Аҳмад хеле ҷавон аз ҳаёт чашм пӯшидаю ҳанӯз ӯ аз паи интихоби ворис набуд. Умед дошт, ки пир мешаваду сипас Наср ё писари дигарашро валиаҳди хеш мехонад. Аммо душманон пеши роҳи амалӣ гаштани орзуҳои вай шуданд.

Писараш Наср ҳамагӣ ҳаштсола буд. Ҳокими шаҳри Бухоро Аҳмад бини Муҳаммад дар ин роҳ ҷонбозӣ кард. Вай бо тамоми ҳастӣ кӯшиш намуд, ки писари Аҳмад Насри II-ро соҳибтоҷ гардонад.

Субҳи 13 январи соли 914 Аҳмад бини Муҳаммад Насри II-ро ба сари китф бардошта, сӯи маҷлисгоҳ равон шуд. Нохост кӯдак шӯрид: —Маро сар диҳед, мехоҳед, ки чун падарам бикушед?

— Не, мо туро ба ҷои падар, ба тахти амирӣ мешинонем. Натарс, — ҷавоб дод Аҳмад бини Муҳаммад.

Ҳамин тавр бо дастгирии аҳли дарбор Насри II амир эълон шуд. Аммо вай тифл буд. Барои ӯро ба камол расонидан одами донишманду хирадпеша лозим шуд. Дар дарбори Сомониён чунин заковатмандон хеле зиёд буданд. Абӯабдуллоҳ бини Аҳмад Ҷайҳонӣ марди фозилу олими нотакрор ва мураббии ғамхор менамуд. Ҷайҳонӣ олими забардасти соҳаи ҷуғрофия, фалсафа ва мунаҷҷими асри X тоҷик ба шумор меравад. Ҷумла мутафаккирон номзадии ӯро дастгирӣ намуданд. Ҷайҳонӣ вазири кулли Сомонӣ шуд.

Аммо ба ғайр аз аҳли Бухоро, мардуми дигар ноҳияҳои аморат аз подшоҳии Насри II норозӣ шуданд. Онҳо дар он ақида буданд, ки марди солору закӣ Исҳоқ бини Аҳмад амир шавад. Инро худи Исҳоқ орзу мекард. Вай хабари кушта шудани Аҳмад ва ба тахт нишастани Насри II-ро фаҳмида, барои соҳиб шудан ба мансаби амирӣ ба сӯи Бухоро лашкар кашид. Аз он Ҷайҳонӣ огоҳ шуда, сарлашкар Ҳамуяро ба ҷанги зидди Исҳоқ равона кард. Лашкари амир нисбати сипоҳиёни Исҳоқ таҷрибаи хуби ҷангӣ дошт. Дар рӯзи аввали ҳарбу зарб Исҳоқ шикаст хӯрда, ба Самарқанд ақибнишинӣ кард.

Исҳоқ аз мағлубият панд нагирифта, бори дуюм бар зидди амири ҷавон ба ҷанг омодагӣ гирифт. Дар Самарқанд аз нав лашкари зиёде гирд намуда, боз ба сӯи Бухоро роҳ паймуд. Амир Наср бо маслиҳати дарбориён боз Ҳамуяро ба ҷанги зид-

[1]. Таърихи Бухоро.—С. 80—81.

ди Исҳоқ фиристод. Ин дафъа Ҳамуя ба Исҳоқ зарбаи ҳалокатовар расонд. Исҳоқ лашкари зиёдеро талаф дода, худаш ба Самарқанд гурехт. Сипоҳиёни амир Самаркандро ғасб намуданд. Исҳоқ дар Самарқанд пинҳон шуду писараш Илёс ба Фарғона гурехт. Ҳамуя шаҳрро муҳосира намуд, то ки Исҳоқ аз Самарқанд беруи наравад. Дар охир ӯро дастгир карданд. Исҳоқ аз Ҳамуя амон хост. Аммо Ҳамуя ба он розӣ нашуда, Исҳоқро асир карда, ба Бухоро фиристод. Бо фармони Насри II Исҳоқ ба ҳабс гирифта шуд ва дар он ҷо вафот кард.

Аммо бо ин муборизаҳои дохилии хонадони Сомониён хомӯш нашуд. Амир Насри II бо дастгирии мутафаккирон баҳри он кӯшид, ки ба ин норасоиҳо хотима бахшад. Ин буд, ки дар охири соли 914 ва ибтидои соли 915 Мансур бини Исҳоқ аз ноболиғии подшоҳ истифода бурда, дар Самарқанд исён бардошт.

Дар замони сари қудрат будани Аҳмад бини Исмоил Ҳусайн бини Алии Марврудӣ ду маротиба ба Сиистон лашкар кашида, он мулкро талаб кард. Аммо Аҳмад ба талаби вай розӣ нашуда Симҷури Давокро ҳокими Сиистон таъин намуд. Ин ғазаби Ҳусайнро овард. Сипас ӯ бар зидди амир Наср ба муборизa омода шуд. Вай бо Мансур бини Исҳоқ наздик гашт. Бо дастгирии вай Мансур дар Ҳироту Нишопур бар зидди Насри II аҳолиро ба исён хезонд. Баъдтар ҳокими Бухоро Муҳаммад бини Ҷунайд, ки ғапаш бо амир Наср гурехта буд, ба Ҳусайн бини Алии Марврудӣ пайваст шуд. Сипас бо дастгирии Ҳусайн бародари Мансур ҳокими Ҳирот тани гашт. Аз ҳодиса Насри II ва аҳли дарбор огоҳ ёфтанд ва Аҳмад бини Саҳл, ки яке аз бузургони дарбор ба шумор мерафт, ба ҳарбу зарби зидди душманон фиристоданд. Аҳмад бини Саҳл ба Хуросон омад. Дар байни ӯ ва лашкари муттаҳидаи Алии Марврудӣ ва Муҳаммад Ҷунайд задухӯрди сахт рух дод. Онҳо шикаст хӯрданд. Пас Аҳмад бини Саҳл Ҳусайн бини Алии Марврудӣ ва Муҳаммад Ҷунайдро асир карда, ба Бухоро овард. Бо фармони амир Наср Муҳаммад бини Ҷунайд ба Хоразм фиристода шуд, ки дере нагузашта дар он ҷо вафот кард. Марврудиро дар Бухоро ба ҳабс гирифтанд. Ба ивази ин хизмат Насри II дар дарбори хеш ба Аҳмад ибни Саҳл вазифа ваъда намуд. Аммо подшоҳ ваъдахилофӣ карда, дӯстро душман гардонд. Ин буд, ки Аҳмад бини Саҳл назди халифи аббосиён Муктадир (908—932) рафта, аз ӯ кӯмак пурсид. Сонӣ дар Нишопур қувват гирифта, аз болои ҳокими Ҷурҷон Қаротегин ғолиб омада, мулки ӯро гирифт. Баъди зиёд намудани тарафдорони хеш ба шаҳри Марв омада, худро ба ҷанги зидди Насри II омода сохт. Бо супориши Насри II сарлашкари ҷасури Сомониён Ҳамуя ба ҳарби зидди Аҳмад ибни Саҳл

баромада, ӯро асир гирифта, дар Бухоро зиндонӣ намуд. Баъди чанде ӯ дар он ҷо вафот кард. Пас аз ӯ Лайлӣ ибни Нӯъмон сар бардошт. Лайлӣ Хуросонро гирифт ва қувваи зиёде ҷамъ намуда, ба юриши Мовароуннаҳр тайёрӣ дид. Аз ин вазъ Насри II огоҳ шуд. Вай Ҳамуяро ба муҳориба равона кард. Аммо қувваи ӯ кофӣ набуд. Дар охир сарфармондеҳиро вазир Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ, сарлашкар Абӯҷаъфар Саълук ба ӯҳда гирифтанд. Азбаски қувваи душман зиёд буд, Насри II барои ёрӣ ба Хоразмшоҳ муроҷиат намуд. Қувваҳои муттаҳида тавонистанд, ки дар атрофи Тӯс лашкари Лайлиро шикаст диҳанд. Баъди он худи Лайлӣ ибни Нӯъмон дастгир ва қатл карда шуд. Дар рафти солҳои 925—929 ҳокимони вилоятҳои алоҳидаи Хуросон ба муқобили ҳукумати марказии Сомониён хуруҷҳо намуда, бо дастгирии хилофати араб ба ҷудоандозии мулкҳо даст заданд. Аммо амир Насри II тавонист, ки хуруҷҳоро сари вақт фурӯ нишонда, барои никишофи давлат замина тайёр кунад. Дар солҳои охири ҳаёти хеш ӯ ҳокимиятро дар Нишопуру Рай ва дигар мулкҳои Хуросон мустаҳкам намуд.

Чӣ хеле ки сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, тамоми хислатҳои одамгарӣ ва ҳокимии бобояш Исмоил бини Аҳмад дар Насри II таҷассум ёфта буданд. «...У аз падари хеш одилтар буд» — қайд мекунад Наршахӣ. Вай дар ҳалли масъалаҳои мухталиф ба саросемакорӣ роҳ надода, ҳаматарафа вазъиятро омӯхта, таҳлил намуда, сипас қарор қабул мекард. Харчанд ки дар муҳорибаҳои ҷангӣ ширкат варзида, таҷриба ҳосил намуда бошад ҳам, вале саросемавор ва худсарона дастур намедод. Даставвал масъаларо шахсан омӯхта, сипас бо кӯмаки сарлашкарони санҷидашуда онди он фармон мебаровард. Нисбат ба аҳли дарбор, умуман фуқаро одами раҳмдил буд. Ҳаман ин хислатҳои хуби инсониро вай аз вазирони оқилу донои Сомониён Абдуллоҳи Ҷайҳонӣ ва Абулфазли Балъамӣ мерос гирифт. Онҳо баробари сарпарастӣ ба ӯ дарси одаму одамгариро омӯзониданд.

Вақте вай кулли хислатҳои ҳамидаро омӯхт ва дар умури давлатдорӣ баладият ёфт, ба амир Наср лозим омад, ки мустақилона масъалаҳоро ҳал намояд. Ҳамзамон вай кӯшиш ба харҷ медод, ки дар ҳалли масъалаҳои ҷангу сулҳ аз маслиҳати вазирони оқил низ бебаҳра намонад. Дар соли 925 Фотак ном ғуломи Юсуф ибни Абулҳайёҷ шаҳри Райро ишғол кард. Аз он халиф Муқтадир огоҳ ёфта, фавран назди амир Наср ба Бухоро қосид фиристод, то ки ӯ пеши роҳи ин ғуломро гирад. Амир Наср баъди гирифтани пайғоми халиф озими Рай гашт. Аммо Фотак ба ӯ муқобилият накарда, пинҳон шуд. Наср муд-

дати ду моҳ дар Рай монд. Баъд Райро ба Симҷурии Давоқӣ дода, худ ба Хуросону Мовароуннаҳр омад.

Дере нагузашта бо хоҳиши Наср Муҳаммад ибни Саълук ба ҷои Симҷурии Давоқи ҳоким шуд. Соли 928 Саълук бемор гашт. Дар давраи ранҷурии Саълук Ҳасан ибни Қосим Мокон ибни Қосимро аз Табаристон даъват намуда, хоҳиш кард, ки Райро ба зери тасарруфаш дарорад. Аммо тираш хок хӯрд. Баъди вафоти Муҳаммад ибни Саълук Исфор ибни Ширӯя, ки бо хонадони Сомониён наздик буд, дар кори ба зери тасарруфи Насри II гузаштани Рай, Табаристон, Қазвин, Қум ва Ларкучак дасти ёрӣ дароз кард. Амир Наср Исфорро ҳоким Рай таин кард. Исфор дере нагузашта, аз мансаб сӯиистеъмол намуд. Вай ба мардумозорӣ даст зад. Мазлумон ба халиф арзу шикоят намуданд, ки пеши роҳи Исфорро гирад. Халиф ин корро ба ӯҳдаи амир Наср ҳавола намуд. Пас Исфори дӯст душмани Наср шуд.

Наср баҳори соли 929 аз Бухоро берун шуда, ба Рай омад. Исфор ба Нишопур гурехта, бар зидди Наср ба ҷанг омодагӣ мегирифт. Аммо наздикони Исфор ба ӯ фаҳмонданд, ки дар ҷанг шикаст мехӯрад. Исфор роҳи муросокориро пеш гирифт. Пас бо вазири хеш Муҳаммад ибни Ҷурҷонӣ маслиҳат намуда, назди Насри II расул фиристод. Наср қосиди Исфорро бодиққат гӯш карда, баъд сухан оғоз намуд:

— Ҷанг хуб аст ё сулҳ? Албатта, сулҳ. Зеро сулҳ ба мардум амният мебахшад. Ман ба таклифи Исфор розӣ, бигузор мулки Рай дар ихтиёри ӯ монаду бетаъхир хироҷашро ба хазина ирсол кунад...

Исфор пешниҳоди амир Насрро маъқул донист. Вай кӯшиш намуд, ки хироҷи Райро саривақт ба хазина равон кунад.

Амир Наср машғули ҷангҳои берун бахри нигоҳ доштани оли Сомон буд. Дар дохили мамлакат нотинҷӣ шуд. Душманони подшоҳ додарони ӯро ба доми хеш дароварда, ташвикот намуданд, ки бар зидди подшоҳ исён кунанд. Аммо ба мақсад нарасиданд. Баъди ба Бухоро баргаштани ӯ ҷангу ҷидолҳо хотима ёфтанд.

Дар атрофи корнамоиҳои Насри II бини Аҳмад оиди пуриқтидор гардониданн оли Сомон батафсил сухан рондан мумкин аст. Вале бояд ҳаминро тазаккур дод, ки Наср бини Аҳмад ҳамчун амири сеюми давраи болоравии оли Сомон дар устуворшавии давлатдории тоҷик нақши нотакрори хешро гузошт. Вай тавонист, ки мактаби давлатдорию инсондӯстии бобояш — Исмоилро аз нав зинда карда, ба ҷаҳониён собит намояд, ки тоҷик қудрати бузурги давлатдорӣ дорад.

Ҷиҳати ба худ хоси ҳокимиятдории Насри II дар он зикр меёбад, ки вай нисбати падару бобо ба пояи баланд инкишоф

ёфтани илму фарҳанги тоҷик роҳ кушод. Агар бобояш Исмоили Сомонӣ устувории давлатдории тоҷикро асос гузошта бошад, пас Насри II саравлоди таҷдиди маданияти классикии тоҷик шуд.

Ҳарчанд ки Исмоилро марди соддафеъл мегуфтанд, аммо дар корбарӣ ғайр аз Насри II, дигар кас ба ӯ баробар намешуд. Вай марди ростқавл, дар гуфти хеш устувор, инсондӯст, мушоҳидакор, доно ва қавиирода буд. Ҳар як супорише, ки ба зердастон медод, албатта, аз болои он назорат мебурд. Вақт ёфта мардумро ба ҳузур мепазируфт. Ба арзи фуқаро гӯш медод. Нисбати лашкару лашкариён дилсӯз буд.

Амир Насри II бини Аҳмад марди худотарс ва хурофотпараст буд. Биноан дар таърих бо лақаби «Амири Саъид» ёд мешавад. Сабаб дар он аст, ки вай кори саркардаи бобояшро идома дод. Кӯшиш намуд, ки дар қаламрави мулки хеш ба ислом роҳ кушояд. Кореро, ки Исмоил дар роҳи устувории ислом ба субот нарасонид, онро Наср анҷом дод.

Амир Наср II бештар сайёҳату истироҳатро дӯст медошт. Муддатҳои тӯлонӣ ба сайёҳат мерафт. Шикор мекард. Аз ҳама хислати хубаш дар он зикр меёфт, ки ӯ бештар вақт ёфта бо олимон, шоирон ҳамсӯҳбат мешуд. Худаш шеър иншо намекардааст, аммо шеъру шоириро дӯст медошт. Беҳуда нест, ки бо дастгирии вай Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён роҳ ёфта, ҳамчун «Маликушшуарро» ном баровард, ки оиди он дар фаслҳои оянда сухан меравад...

Дар замони ҳукмронии Насри II ҷараёнҳои мухталиф сурат гирифтанд. Яке аз онҳо ҳаракати «Қарматия» ба шумор мерафт. Ин ҳаракат дар ибтидои пайдоишаш ҳаракати инсонпарварӣ буд, барои ҳимояи ҳуқуқҳои мардум мубориза мекард. Аз ин ҷост, ки он аз тарафи аҳли илму адаб эътироф карда мешуд. Бисёре аз саромадани илму маърифати тоҷик — аз қабили Рӯдакӣ, Берунӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино ва дигарон худро пайравони ин ҷараён шуморида буданд. Ҳатто подшоҳ Насри II бини Аҳмад низ ба ин ҳаракат дода шуд. Исломпарастони ашаддӣ аз болоравии ин ҳаракат ба таҳлука афтоданд. Онҳо пиндоштанд, ки ин ҳаракат тарафдорони зиёд пайдо карда, ҷои исломро мегирад. Бинобар ин кӯшиш ба харҷ доданд, ки пеши роҳи ин ҷараёнро гиранд. Оҳиста-оҳиста бар зидди қарматиҳо дастаҳои қасосгириро созмон доданд. Кӯшиш намуданд, намояндагони машҳури онро дар симои Насри II ба ҳалокат расонанд. Зеро аз ба ҳаракати қарматия рӯ овардани Насри II бини Аҳмад туркони дарборӣ ва гвардияи подшоҳӣ розӣ набуданд.

— Туркон ва сарлашкаронро нохуш омад, ки подшоҳ қарматӣ шуд ва аз он рӯзгор ҳар кӣ дар ин мазҳаб шуд, ӯро «қар-

матӣ» хонданд, — ёдовар шудааст Низомулмулк. — Пас, олимону қозиёни шаҳру навоҳӣ гирд омаданд ва ҷумла пеши сипаҳсолорони лашкар шуданду гуфтанд: — Дарёбед, ки мусулмонӣ аз Мовароуннаҳр рафт ва ин мардаки Нахшабӣ подшоҳро аз роҳ бурд ва қарматӣ кард, инак кори ӯ ба ҷое расид, ки даъват ошкоро кард ва беш аз ин хомӯш натавонем будан...[1]

Сипаҳсолор подшоҳро огоҳонид, ки аз роҳи пешгирифтааш баргардад, аммо Наср розӣ нашуд. Вай дӯстию наздикии хешро бо қарматиён идома дод.

Яке аз пешвоёни ин ҳаракат ҳанӯз дар солҳои ҳукмронии Насри II ба муқобили ҳукумати марказӣ баромада, дар Бухоро ба ҳабс гирифта шуда буд. Вай бо номи Ҳусайн бини Алии Марврудӣ (Марвазӣ) машҳур буд, ки дар ҳабсхона вафот ёфт. Сипас тарғибкунандаи назарияи ӯ Нахшабӣ худро ба амир хеле наздик намуд. Насри II ба суханони вай гӯш медодагӣ шуд. Ҳар талабе, ки ба миён меовард, онро албатта иҷро менамуд. Боре Нахшабӣ аз амир Наср хоҳиш намуд, ки барои хуни Марвазӣ, ки дар ҳабсхонаи Бухоро ҷон ба шаҳодат супорида буд, ба андозаи 119 ҳазор динор пул диҳад. Бе маслиҳат бо вазирон Наср ин талаби Нахшабиро ба ҷо овард. Нахшабӣ ваъда дод, ки пулро ба хазинаи халиф ба Бағдод ирсол мекунад. Ин рафтори Наср ба аҳли дин писанд наомад. Онҳо аз подшоҳ норозӣ шуданд. Он гоҳ ба ӯ сӯиқасд тайёр намуданд. Хостанд, ки вақти қулай ёфта, Насрро мисли падар шаҳид гардонанд. Куштани Насрро бо маслиҳати сипоҳии солхӯрда Талаи Лавкон сипаҳсолори дарбор ба ӯҳда гирифт. Онҳо барои дӯстон зиёфат ороста, аз Наср чизу чораи зиёд талабида, вақти куллаи қуштанашонро поиданд. Аммо тарафдорони Наср аз ин сӯиқасд воқиф шуда, ӯро саривақт хабардор карданд. Пеш аз ҳама писараш Нӯҳ аз ин ходиса падарро огоҳонид. Душманон мехостанд, ки баъди кайфу сафо подшоҳро дар ҳарамхонааш ба шаҳодат расонанд. Як рӯз пеш аз зиёфат сипаҳсолорро ба дарбор хонданд. Вай шод шуд, ки бо амир боз наздик мешавад. Сарашон фош намегардад. Бо хурсандӣ вориди даргоҳ гашт. Амир худро ба водонӣ зада, вайро хуб пазируфт, сӯҳбати хоса намуд. Пас аз он ҷаллодро даъват намуда, амр дод, ки сарашро аз тан ҷудо карда, дар халта ҷой кунад. Амри подшоҳ воҷиб гашт ...

Мувофиқи анъана подшоҳон пеш аз шикору набард рафтан дар даргоҳ базм созмон дода, наздикони худро ба хурсандӣ даъват менамуданд. Насри II низ чунин анъанаро идома медод. Вай нисбати бобою падараш бештар ба шикор шуғл дошт. Ҳар вақт пеш аз шикорравӣ, баъдӣ анҷоми он ва зафар-

---

[1]. Сиёсатнома.—С. 153.

хо аз болои душман хурсандӣ карда, базмҳои калон ташкил менамуд. Ин даъфа ҳам ба базми ҷамшедӣ тайёрии пухта дид. Дӯстони зиёдеро даъват намуд. Базм дар саҳни даргоҳ сурат гирифт. Мисли пештара дар маҷлисгоҳ сухаронихо нашуд. Аҳли дарбор дар базмгоҳ оташ афрӯхтанд, ҳама интизори омадани подшоҳ шуданд. Соати омадани ӯ фаро расид. Аввал писараш Нӯҳ озими базмгаҳ шуд. Сипас Наср дар иҳотаи дӯстон бо чеҳраи хандон ворид маҷлис гашт. Ҳозирин ӯро бо кафкӯбӣ истиқбол карданд. Табъи подшоҳ чунон болида буд, ки дарбориён ҳеҷ гоҳ ӯро чунин хандон надида буданд. Ба пеш баромад. Бо ишораи сар ба аҳли маҷлис салом доду сипас сухан кард:

— Бидонед, ки аз он чи Шумо дар ҳаққи ман андешидаед, маро хабар шуд, ки қасди ман хостед кардан. Дили шумо бар ман бад шуд ва дили ман бар шумо. Дар миёни мо рӯи эминӣ дигар намондааст. Агар ман аз роҳи суннат бирафтаму мазҳаби бад гирифтам, дилҳои шумо аз ин сабаб бад шуд. Нӯҳро, ки писари ман аст, дар ӯ ҳеҷ айб ҳаст? ...Ӯро валиаҳди хеш кардам. Подшоҳи шумо акнун ӯст. Агар хато кардаму агар савоб, баъд аз ин ба узру тавба машғул шавам ва мағфират аз худои таоло мехоҳам, ки магар худои таоло тавбаи маро қабул кунад. Ва он кас, ки шуморо бар ин дошт, ҷазои хеш ёфт....[1]

Наср аз минбар дур шуда фармуд, ки сари буридаи сипаҳсолорро зери по партоянд. Ба он ишора намуда фаҳмонд, ки ҳар касе қасди ҷони подшоҳ кунад, ҳолаш ҳамин мешавад. Бо ишораи сар Нӯҳро ба назди хеш даъват намуда, соҳибтоҷ гардонид. Худ ба маҷлиси пирон рафта, машғули тоату ибодат гашт. Сипас Нӯҳ бо иҷозаи падар ба сухан оғоз кард:

— Ман дар ҳама маонӣ Нӯҳам, на Наср. Ҳар чӣ рафт, рафт. Ман ин хатои шумо ба сад савоб бардоштам ва муродҳои шумо ҳама аз ман ҳосил аст. Гӯш ба фармони ман доред ва бар сари айши хеш бошед...[2]

Нӯҳ хурсанд ва тахти дил оташин буд. Ҳозиринро ба зиёфат таклиф намуд. Сухаронии падару писар ҳамаро ба ҳайрат мононд. Ҳозирин байни якдигар бо ишора гуфтугӯ менамуданд. Гурӯҳе ба Нӯҳ изҳор карданд, ки ин кори сипаҳсолор аст, онҳо фармонбардор мебошанд. Шахсоне, ки аз сӯиқасди подшоҳ огоҳ буданд, оҳиста маҷлисро тарк намуда, ба хилват рафтанд.

Нӯҳ ҳангоми зиёфат худро ба даст гирифта, боз дар назди ҷамъомадагон сухан намуд.

---

[1]. Сиёсатнома.—С. 156—157.
[2]. Дар ҳамон ҷо.

— Агар сипаҳсолор дар ҳакқи мо андешаи бад кард, ҷазои хеш ёфт ва агар падарам аз роҳи суннат биафтод, сазои хеш мебинад...[1]

Нӯҳ ҳозиринро даъват намуд, ки бар зидди душманони ислом муборизаи беамон баранд. Ҳар ки ба ҳаракати карматия алоқа дошт, ӯро сар буранд. Ҳамин тавр куштору ҷазолаҳӣ сар шуд.

Нӯҳ бо ин дӯғу пӯписа бисёр тарафдорони ҳаракати карматияро гурезонд. Дар байни онҳо одамони дилсӯзи давлат низ буданд. Онҳо аз ҷаллодии Нӯҳ ба тарс афтода, худро ба ҳар сӯ заданд. Ин тадбири пешгирифтаи Нӯҳ бини Наср ба парокандагии сиёсии давлати Сомониён замина тайёр кард.

Нӯҳ баъди ба тахт (10 апрели соли 943) нишастан ба дигаргунсозии кори дарбор камар баст. Даставвал ба мукобили тарафдорони ҳаракати карматия баромад. Вай тарафдорони фаъоли ин ҳаракатро ба катл расонд. Пас аз ором намудани дарбор ба масъалаи ташкили катли яке аз пешвоёни ин ҳаракат Нахшаби машғул гашт. Вай Нахшабиро ба дарбор хонда, аз ӯ хоҳиш намуд, ки дар назди рӯҳониёни ислом дурустии фикри хешро исбот намояд. Дар мунозираи тӯлонӣ фуқаҳои ислом ғолиб омаданд. Пас сирри Нахшаби фош гашт. Зеро вай аз ҳисоби 119 ҳазор динори ба ивази хуни Ҳусайн бини Алии Марвази ҷудо намудаи Насри II 40 ҳазорашро ба фоидаи хеш истифода намуда буд. Аз ин рӯ Нӯҳ бини Насри II ҳукм баровард, ки вай дар майдони Регистони Бухоро ба дор кашида шавад. Ҳукми подшоҳ воҷиб гашт. Нахшабиро ба дор кашиданд. Ҷасадаш як шабонарӯз дар дор кашол истод. Тарафдоронаш вакти кулай ёфта, ҷасадро дуздиданд. Аммо дар куҷо ба хок супорида шудани ҷасади вай номаълум монд.

Наср бини Аҳмад ҳанӯз дар замони сарикудрат буданаш писари калониаш Исмоилро валиаҳди худ хонда буд. Аммо Исмоил то он рӯз назиста, аз олам даргузашт. Пас тоҷу тахт насиби Нӯҳ гашт. Нӯҳ аз сарпарастии Абӯфазл ибни Аҳмади Ҳамуя, ки яке аз наздикони Насри II буд, рӯ тофт. Бинобар ин Абӯфазли Ҳамуя аз рафтори Нӯҳ ранҷида, баъди вафоти Насри II дарбори Сомониёнро тарк намуд. Ӯ ба Омул рафт. Абуфазл дар байни мардум таъсири калон дошт. Аз ин подшоҳ тарсид. Пас аз чанде Нӯҳ ӯро ба Бухоро хонда, идоракунии Самаркандро ба вай вогузор намуд. Аммо бо ин роҳ ба муборизаҳои дохилии давлат хотима гузошта натавонист.

Мисли пештара баробари муборизаи зидди душманони хориҷӣ, инчунин задухӯрди дарборӣ хотима наёфт. Дар дохили дарбор ноороми ҳукмфармо гашт .Амаки подшоҳ Иброҳим бини

---

[1]. Сиёсатнома.—С. 157.

Аҳмад ба табаддулоти дохилии дарборӣ омодагӣ мегирифт. Бо ин мақсад вай бо феодали калони Чағониён Абӯалии Чағонӣ унс гирифта, зидди додарзодааш Нӯҳ баромад. Онҳо моҳи январи соли 947 бо ҳам забон як карда, бар зидди Нӯҳ исён бардоштанд. Абӯалии Чағонӣ Иброҳими Сомониро ба он тела медод, ки ба Бухоро соҳиб шавад, он гоҳ зери даст намудани дигар мулкҳо осон мегардад. «Ба Бухоро рав ва мулк бигир, — мегуфт Абӯалии Чағонӣ ба Иброҳим бини Аҳмад. — Чун ман бо ту бошам , амир бо ту муқобила натавон кардан»[1]. Ҳамин тавр ҳам шуд. Абӯалии Чағонӣ ва Иброҳим бини Аҳмад аз норозигии гвардияи дарборӣ истифода бурда, Бухороро гирифтанд. Он гоҳ Нӯҳ маҷбур шуд, ки ба Самарқанд равад. Абӯалӣ баъди забти Бухоро Нӯҳро маҷбур намуд, ки онро мулки хосаи Иброҳим донад. Аммо дере нагузашта Абӯалӣ аз Иброҳим ҷудо шуда, ба Туркистон рафт. Душманон дар байни Иброҳиму Абӯалӣ ҷудоандозӣ намуданд. Баъди рафтани Абӯалӣ Иброҳим дар Бухоро танҳо монд.

Мансури Қаратегин, ки дӯсти хонадони Сомониён буд, бо амри Абӯалии Чағонӣ дар Нишопур бандӣ шуд. Дар вақти аз Нишопур берун шудани Абӯалӣ ӯ роҳи халосиро ҷуст. Дар охир Мансур бо ҳиллаву найранг аз ҳабс гурехт, ба Самарқанд омада, паноҳ ёфт.

Иброҳим танҳо монд. Вай дар он ақида буд, ки ба Нӯҳ сарлашкар шаваду якҷоя бар зидди Абӯалии Чағонӣ ҷанганд. Мардуми Бухоро низ дар ин ақида буданд.

Аммо амир Нӯҳ ба ин фикр розӣ нашуд. Сонӣ Абӯалӣ ба Бухоро баргашт. Нӯҳ аз ворида Бухоро гаштани Абӯалӣ тарсида, дар кӯҳ пинҳон шуд. Абӯалӣ ба мардуми Бухоро ситам карда хост, ки шаҳрро оташ занад, аммо халқ бародари Нӯҳ Абӯҷаъфар Муҳаммад бини Насрро даъват намуд, ки пеши роҳи ин беадолатиҳоро гирад.Чунин созиш шуд. Абӯҷаъфар ҳокими Бухоро гардид ва баъди созиш Абӯалӣ бо баҳонаи ба Самарқанд рафтан, аз Бухоро берун омада, озими Чағониён гашт. Аммо бо ин муборизаи байни Нӯҳ ва Абӯалии Чағонӣ хотима наёфт. Нӯҳ солҳои охири умри хешро дар муборизаҳои зидди Абӯалӣ гузаронд. Вале дар охир маҷбур шуд, ки бо ӯ муросокорӣ кунад. Вай дар соли 952 Абӯалии Чағониро ҳокими мулкҳои Сомониён дар Хуросон таъин намуд.

Нӯҳ баъди муросокорӣ бо Абӯалӣ ба Бухоро баргашт. Сипас хост, ки ба муборизаи дохили хонадони хеш хотима бахшад. Бо ин ният ба чашмони амакаш Иброҳим ва додаронаш Абӯҷаъфару Аҳмад мил кашида, онҳоро кӯр кард.

---

[1]. Наршахӣ. Таърихи Бухоро.—С. 83.

Даврам ҳукмронии амир Нӯҳ бини Насри II (943—954) оғози ба бӯҳрони иктисодӣ ва сиёсӣ гирифтор шудани давлати Сомониён буд. Сабаби он ҷангҳои тӯлонии байни феодалони мансабпараст ва норозигии лашкар мебошад. Ибтидои ин бӯҳрон ҳанӯз дар соли охири ҳукмронии худи Насри II, яъне соли 942 сар зада буд, ки барои пур намудани хазина аз халқ дар як сол ду маротиба андоз ҷамъ карда буданд. Нӯҳ онди пешгирӣ намудани бӯҳрони иктисодӣ ва ҷангу ҷидолҳои дохилӣ чораҷӯии зиёде кард. Ҳатто дар ин роҳ вазири хешро ба қатл расонд. Вале аз он фоидае набуд.

Сиёсати дар ибтидои фаъолияташ пеш гирифтаи амир Нӯҳ ашрофони баландиуфузро писанд набуд. Аз ин рӯ вай кӯшиш менамуд, ки бо баъзеашон муросо карда, коро пеш барад. Аммо гурӯҳҳое низ ёфт мешуданд, ки бар зидди сиёсати амир баромада, дар ҳалли масъалаҳои давлатӣ ба ӯ халал мерасониданд. Яке аз онҳо Алӣ бини Муҳаммад ал-Қазвинӣ буд, ки аз Марв истода, ба муқобили Нӯҳ исён созмон медод. Инро Нӯҳ зуд дарк намуда, сипаҳсолори хеш Мансури Қаротегинро ба Марв фиристода хост, ки пеши роҳи Қазвинро бигирад. Мансури Қаротегин аз болои ӯ ғолиб омада, вайро асир карда ба Бухоро оварда, зиндонӣ намуд. Ҳамин тавр, Нӯҳ бо роҳи зӯрӣ ва зиракӣ аз болои душманони хеш дастболо мешуд. Аммо ӯ медонист, ки бо ин роҳ тамоми душманонро маҳв карданн аз имкон берун аст. Бинобар бо баъзе онҳо муросо карда, дар рафти солҳои 952—953 ба болоравии зиддияти дохилии мулк хотима гузошт. Ҳарчанд, ки Нӯҳ амонии дохилии давлатро таъмин кард, вале марг ба ӯ даст надод, ки кори оғозкардаашро сомон диҳад. Ӯ 12 августи соли 954 аз олам даргузашту кори саркардаашро ба писари ноболиғаш Абдумалик мерос гузошт.

### § 7. Рӯ ба инқироз кардани оли Сомон.

Вафоти Нӯҳ ба вазъияти дохилӣ ва хориҷии давлати Сомониён таъсири хосе нарасонд. Мисли пештара парокандагии феодалӣ ва мубориза барои соҳиб шудан ба мулкҳои алоҳидаи Сомонӣ идома дошт. Баробари ин саркардагони гвардияи дарбор низ талоши мансаб намуда, аз итоат ба ҳукумати марказӣ саркашӣ менамуданд. Дар ҳамин шароити вазнин тоҷу тахти давлати Сомониён насиби Абдумалик бини Нӯҳ (954—961) гашт. Азбаски Абдумалик хеле ҷавон буд, аз ин рӯ як муддат идоракунии ҳокимиятро шахси бонуфузи дарбор Абубакр ибни Малик ба зимма гирифт. Баъди он ки Абдумалик дар кори идоракунии давлат малака ҳосил намуд,

сонӣ Абубакр ибни Малик ба Хуросон рафт. Дар замони Абдумалик таъсири туркон дар дарбор боло гирифт. Оҳиста-оҳиста фаношавии оли Сомон назаррас мешуд. Туркон дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ ва хоҷагию байналхалқии давлати Сомонӣ нуфуз пайдо карданд. Дар тамоми соҳаҳо реша давониданд. Онҳо қувваи асосӣ ва ҳалкунандаи дарборро ташкил медоданд. Подшоҳ бе розигии ҳоҷиби бузург Алптегин масъаларо ҳал намекард. Ҳатто кор ба ҷое расида, ки бе рухсати ӯ ягон шахсро аз мансаб гирифта, ба мансаб таъин карда наметавонист. Ҳамин буд, ки дар муддати панҷ сол (954—959) чор маротиба вазирони Сомонӣ иваз шуданд. Абӯалии Балъамӣ яке аз бузургони асри X ба шумор мерафт. Вай дар дарбори Сомониён ба камол расида, ба туфайли вазирии падараш Абулфазл Балъамӣ дар назди шоҳони Сомонӣ ба обрӯ ва нуфузи хоса соҳиб буд. Аммо дар замони Нӯҳ ва Абдумалик оҳиста аз дарбор дур шуда, бо туркон унс гирифт. Хусусан, дӯстии ӯ бо сипаҳсолори бузург Алптегин хеле қавӣ шуд. Бо кӯмаки ӯ Балъамӣ соҳибмансаб гашт. Дар охир бо вазир таъин шудани дӯсти Алптегин Балъамӣ ҷо ба ҷо гузории ҳокимон хотима дода шуд. Чӣ хеле ки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд Алптегин ва Абӯалии Балъамӣ аҳд карда буданд, ки бе маслиҳати якдигар кор намекунанд.

Марги ногаҳонии Абдумалик бини Нӯҳ боиси кашмакашиҳои дохилию норозигии умум гашт. 20 ноябри соли 961 ҳангоми бузкашӣ Абдумалик шаҳид шуд. Бо талаби Алптегин писари хурдсоли вай Насри III-ро ба тахт шинонданд. Вале подшоҳии ӯ ҳамагӣ як рӯз давом кард. Зеро подшоҳ таъин намудани кӯдак ба Алптегин имконият медод, ки пурра давлатдории Сомониро дар итоати хеш дароварда, ҳокими мутлақ гардад. Аммо феодалони калон ба ин розӣ нашуда, бародари Абдумалик Мансур бини Нӯҳро (961—976) ба тахт шиноиданд. Алптегин аз ин норозӣ буд. Зеро медонист, ки Мансур ба гапҳои ӯ начандон гӯш медиҳад. Бинобар ин Алптегин ба Хуросон рафт. Мансур аз паси вай қосид фиристода, ба дарбор баргаштанашро талаб намуд. Вале ӯ рӯ тофта, ба Ғазна рафта, худро мустақил шуморид. Алптегин аз ғуломии Сомониён то ба дараҷаи ҳоҷиби бузург сабзида расид. Ҳангоме, ки Мансур бини Нӯҳ ба тахт нишаст, аллакай ӯ марди солхӯрда буд. Вай ба подшоҳи ҷавон имконият намедод, ки озодона амал кунад. Бинобар дарбориён Мансурро ёд доданд, ки Алптегини пирро ба Бухоро хонда, сарашро аз тан ҷудо намояд, он гоҳ кораш омад мекунад. Расул номаи Мансурро ба ӯ супорид. Вай хеле андеша намуда, қосидро ҷавоб дод ва ӯро бовар кунонид, ки худаш ба Бухоро меравад. Пас бо наздикон машварат кард. Онҳо ба вай фаҳмониданд, ки Мансур ӯро чун падар, барои

маслиҳат даъват намудааст. Вале пири ботадбир гуфтаи дӯстонро рад намуд.

— Не! Амир маро барои машварату маслиҳат не, балки барои куштан ба Бухоро даъват намудааст, — гуфт ӯ.

Наздикон ба вай маслиҳат доданд, ки бар зидди Мансур бини Нӯҳ ба ҳарб омодагӣ гирад. Бояд ба вай фаҳмонд, ки агар дар Мовароуннаҳр қарор нагирад, он гоҳ Самарқанду Бухоро низ аз дасташ меравад.

Дӯстон Алптегинро бардор менамуданд, ки Хоразму Хуросон, Нимрӯзу Ғазна мулки туст. Боз Мансур чӣ мехоҳад? Ҳатман бар зидди ӯ ба ҷанг омода шав.

Сипаҳсолори пир ба гапи дӯстон гӯш дода, ба омодагии лашкар даст зад. Дар муддати кӯтоҳ сӣ ҳазор ҷангиёнро ба ҳарбу зарб тайёр намуд.

Алптегин пеш аз он ки ба мубориза бароянд, хеле андеша намуд. Пирони рӯзгордида, ҳамрокон, дӯстон ва некхоҳони худро ба ҳузур пазируфта, аз онҳо маслиҳат пурсид. Нисбати Мансур сухан иброз намуд, ки вай кӯдак аст, аз даҳонаш бӯи шир меояд. Ӯро бадхоҳони хонадони Сомонӣ ба ин беақлӣ бурдаанд.

— Ман метавонам, ки аз ӯ мулк бисито̄нам, ё худ ба дасти худ гирам, валекин меандешам, ки ҷавон гӯяд:

— Алптегин шаст сол хонадони Сомониёнро, ки худованди ӯ буданд, нигоҳ дошт ва ба оқибат, ки умраш ба ҳаштод расид, бар худовандзодагон ба набард берун омад ва ба шамшер мулк аз эшон ситонду ба ҷои худовандони хеш нишаст ва куфрони неъмат кард, — дар сари ғазаб шуда суханашро идома дод сипаҳсолори пир. — Умрам ба некномӣ гузоштаам. Акнун, ки ба лаби гӯр расидам, наҳоҳам коре кунам, ки зиштном шавам ва ҳарчанд маълум аст, ки гуноҳ аз ҷониби амир Мансур аст, лекин ҳама мардум ин маънӣ надонанд...[1].

Алптегин аз амир Мансур не, балки аз дарбориёни Сомонӣ хеле малул гашт. Вай хуб медонист, ки бар зиддаш на амир, балки атрофиёнаш ба ҷанг омодагӣ медиданд. Аз ин рӯ дӯстон ва сарлашкаронро ба назди хеш хонда, бо онҳо видоъ менамуд. Алптегин бо баҳонаи қаҳр роҳи Ҳиндустонро пеш гирифтан мехост, ки дӯстро аз душман фарқ кунад. Бо ин ният дар атрофи худ беҳтарин қувваҳои ҷангии Сомониёнро муттаҳид намуд.

Аммо бисёриҳо ба ин найранги Алптегин боварӣ надоштанд. Зеро вай дар Хуросону Мовароуннаҳр соҳиби иззату икроми баланду сармояи зиёд буд. Бо хуросониён хайру хуш намуда, рӯзи дигар кӯч баст ва тарки манзил намуда, роҳи Балхро

[1]. Сиёсатнома.—С. 89—90.

пеш гирифт ва ният кард, ки як-ду моҳ дар он ҷо истода, сипас нақшаи навро мекашад. Вай, ки озими Балх гашт, аз Мовароуннаҳру Тахористон ҷангиёни зиёде гирд омада, ӯро дар сафар думболӣ карданд.

Умарои Сомонӣ дар атрофи амир Мансур муттаҳид гаштанд. Қисми солорашон аз рафтани Алптегин афсӯс мехӯрданд. Аммо онҳое, ки бо вай зид буданд, хурсандӣ намуда, худро дар зери каноти амири ҷавон ҷой менамуданд. Бадхоҳони дарбор бо ҳар роҳ мехостанд, ки Мансур бар зидди Алптегин ба ҷанг бароянд. «Вай гурги пир аст, аз ӯ эмин натавон буд», — мегуфтанд онҳо.

Насиҳати душманони дарбор амир Мансурро писанд омад. Вай фавран лашкар ҷамъ намуда, аз думболи Алптегин шуд. Лашкари даҳҳазора созмон дода, онро ба набарди зидди сипаҳсолор ба Балх фиристод. Вақте, ки лашкари амир ба шаҳри Тирмиз расиду Ҷайҳунро убур кард, Алптегин берун аз Балх дар мавзеи Халам қарор гирифт. Халам дараи танг буд. Бо фармони Алптегин ҷангиёнаш дар он ҷо камин гирифта, омадани аскарони амирро интизор мешуданд. Лашкари амир ба Балх омада Алптегину наздиконашро пайдо накард. Сипас сӯи Халам роҳ паймуда, ба задухӯрди шадид рӯ ба рӯ шуданд. Азбаски лашкари Алптегин мавзеъро хуб аз худ намуда буд, аз ин рӯ ба дастаи амир зарбаи ҳалокатовар расонд. Чӣ хеле, ки Низомулмулк дар «Сиёсатнома» ёдовар шудааст, дар ин ҷанги бемаънӣ Сомониён чаҳор ҳазору ҳафтсаду панҷ марди ҷангӣ ва ғаниматҳи зиёдеро талаф доданд.

Дар ҷангҳои тарафи Алптегин домодаш — собиқ ғуломи Сомониён Сабуктегин низ корнамоии бемислу монанд нишон дод. Ҳамаи ду ҳазор ғуломи шамшерзани Сомонӣ ӯро думболӣ намуда, дар дара ва ҳамвораи Халам ҷангиёни амир Мансурро нобуд сохтанд.

Мағлубияти амир Мансур дар Балх ба сустшавии пояи сиёсию иқтисодии давлати Сомониён сабаб гашта, барои манбаъи соҳибтоҷ шудани ғуломони турк роҳи васеъ кушод. Маҳз давраи салтанати Мансур бини Нӯҳ (961—976) оғози замони фурӯравии оли Сомон ба шумор меравад. Зеро вай гаправӣ карда, ба муборизаи шадидӣ Алптегину Сабуктегин пурра омода нашуд.

Амир Мансур роҳи наҷотдиҳии оли Сомонро дар иваз намудани сипаҳсолор дид. Вай дар ғайби Алптегин ба ҷои ӯ Абулҳусайни Симҷуриро ҳоҷиби бузург таъин намуд. Аммо дере нагузашта сипаҳсолори собиқи Сомониён Алптегин дар Ғазна вафот кард. Мансур фавран ба он ҷо лашкар фиристода аз нав Ғазнаро ба зери тасарруфи худ гирифт.

Мансур бини Нӯҳ нисбати Алптегин, ки бештар аз 60 соли

умри хешро дар роҳи пойдору устувор намудани оли Сомон сипарӣ намуда буд, беҳурматӣ кард. Ба сари Алптегин шамшер бардоштан ба он баробар буд, ки Сомониён ба решаи худ теша заданд. Дар ин хусус Низомулмулк чунин навиштааст: «...Бояд, ки эътимод зиёдат гардад, ки хонадонҳою шаҳрҳо ба ҳар вақте ба марде бозбаста бошад, ки чун ӯро аз ҷое бармегиранд, хонадонҳо ва шаҳрҳо вайрон мешавад ва он мулк зеру забар мебошад. Чунон, ки Алптегин, ки бандаи нек буд ва Сомониён бад ӯ устувор буданд, қадри ӯ надонистанд ва қасди ӯ карданд. Чун ӯ бирафт, давлат аз хонадони Сомонӣ бирафт»[1].

Дар ҳақиқат Алптегин дар роҳи устувории давлати Сомонӣ ҷонбозиҳо намуда буд. Сомониён, ки дар пирӣ ҳурмати ӯро надоштанд, пас ворисони вай барои такрор нашудани чунин ҳолат Сомониёнро дастгирӣ накарда, ба пора намудани мулкҳои онҳо даст заданд.

Мисли пештара мулкҳои Хуросонии Сомониён дар итоати собиқ сарлашкару ҳокимони онҳо буд. Ҳарчанд ки Мансур бинни Нӯҳ понздаҳ сол дар сари таҳвораи давлатдории Сомониён истод, аммо оташи муборизаҳои дохилиро хомӯш карда натавонист.

Пас аз олам даргузаштани Мансур (25 сентябри соли 976) ба тахт писараш Нӯҳи II бинни Мансур (976—997) нишаст. Баъди огози амирии Нӯҳи II феодалони калон маслиҳат намуда, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад бинни Аҳмад ал-Ҷайҳониро аз нав вазири Сомониён интихоб карданд. Сабаб дар он ки Ҷайҳонӣ шахси озмудашуда буд ва мебоист, ки аз таҷрибаи ӯ подшоҳи ҷавон баҳраманд мегардид. Аммо аз сабаби пирӣ ӯ ин вазифаро адо карда натавонист. Вазири нав Абдуллоҳ ибни Азиз таҷрибаи бой надошт. Вай мисли подшоҳ аз сиёсату сиёсатмадорӣ дур меистод. Аз ин рӯ барои рафъ намудани масъалаҳои душвор наметавонист, ки маслиҳатҳои муфид диҳад. Пас давраи ҳукмронии Нӯҳ II боиси пастравии давлатдории Сомонӣ шуд. Замони ҳукмронии ӯ сабаби боз ҳам болоравии ҷангу ҷидолҳои дохилӣ ва пурзӯр шудани нуфузи туркон гашт. Ин норозигию зиддиятҳои дохилӣ давлатро аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳарбӣ тамоман камқувват намуд. Аз заифшавии давлат душманони хориҷӣ, аз ҷумла туркони бодиянишин воқиф буданд. Онҳо вақт пойда дар соли 992 ба давлати Сомониён ҳуҷуми аввалин намуданд. Қабилаҳои турк аз шимоли Ҳафтруд ворид и Мовароуннаҳр гашта, дар иттиҳоди қабилаҳои Қароҳониён муттаҳид шуданд. Қароҳониён аз пароканда гии феодалии давлати Сомониён хуб истифода бурда, дар ибтидои солҳои 90-уми асри

---

[1]. Сиёсатнома.—С. 96—97.

X ба мулкҳои Ҳафрудӣ ва Туркистони Шарқии (Қашқар) Сомониён соҳиб шуданд.

Нӯҳи II бини Мансур барои пешгирӣ намудани муборизаи мусаллаҳонаи кӯчманчиён тадбирҳои ҳарбӣ андешид. Аммо онҳо суд набахшиданд. Зеро лашкари дарбор дар дасти одамони нопоку кӯрдил қарор дошт. Онҳо ба ҷои ҳимояи Ватан, онро фурӯхта, ба тарафи душман гузаштанд. Яке аз онҳо қоимақоми хуросонии Сомониён Абӯалӣ ибни Абулҳасани Симчурӣ буд. Хонадони Сомониён нисбати ӯ эҳтиром доштанд. Бинобар ин ба ӯ идоракунии мулкҳои хосаро вобаста намуданд. Аммо ӯ кӯрнамакӣ намуд. Бо душманони Сомониён ошноӣ кард. Ӯ ба таври махфӣ бо Буғрохони қарахонӣ иттифоқ баста, ҳангоми аз тарафи туркон истило шудани Мовароуннаҳр лашкаращро ба ҳимояи Ватан нафиристод. Дар баробари вай сарлашкари Сомониён Абулҳасани Фоиқ низ хоинӣ карда, бо ҷангиёни хеш ба тарафи Буғрохон гузашта, якҷоя ба Бухоро ҳуҷум намуданд. Дар натиҷа қарохониҳо Бухороро ишғол карданд ва Нӯҳи II маҷбуран ба Омул гурехт.

Нӯҳ баъди аз пойтахт фирор кардан боз ба Симҷурии турк дил баст. Вай аз сирри пинҳонии ӯ воқиф набуд. Бинобар ин ба Симҷурӣ муроҷиат намуд, ки ҳамроҳ бар зидди Буғрохон ҷанганд. Симҷурӣ сиращро фош накарда, иззатталабӣ намуд. Аз Нӯҳ хоҳиш кард, ба ӯ лақаби «Амир алмӯминин»-ро, ки ба хонадони худи Сомониён хос буд, муносиб донад. Амир Нӯҳ барои наҷоти давлат ночор ба ин таклиф розӣ шуд. Дере нагузашта болу ҳавои Бухоро ба Буғрохон намефорад ва ӯ шаҳрро тарк намуд ва пас аз чанде вафот кард. Қарохониҳо шаҳрҳои Сомониёнро ғорат карда, бо ғаниматҳи бисёр ба мулкҳои хеш бармегарданд.

Сипас Нӯҳ ба Бухоро баргашт. Аз ин ҳодиса Абӯалии Симҷурӣ воқиф шуда, молу чизи зиёде тайёр карда хост, ки ба Бухоро рафта, аз Нӯҳ узр пурсад. Дар ҳамин асно Фоиқ назди Симҷурӣ омада, ӯро аз роҳ баровард ва ҳарду зидди Нӯҳ иттифоқ бастанд. Онҳо соли 992 дар Балх бар зидди Сомониён исён бардоштанд.

Марги Буғрохон ва ақиб гаштани лашкари қарохониён ба Нӯҳи II шароит фароҳам овард, ки аз нав ба муборизаи зидди душманони дохилию хориҷӣ омода шавад. Вай вазъиятро омӯхта, ба хулосае омад, ки бо қувваи лашкари Сомонӣ ба муваффақият соҳиб гаштан душвор аст. Аз ин рӯ маҷбур шуд, ки ба собиқ ғуломи бобояш ҳокими Ғазна Сабуктегин, ки истеъдоди фавқулоддаи ҷангӣ дошт, муроҷиат намуда, бо ҳамин аз бӯҳрон барояд. Сабуктегин дар гвардияи туркии Сомониён хизмат карда, малакаи хуби ҷангию сарлашкарӣ дошт. Илова ба ин вай домоди Алптегин буд. Бо вуҷуди ин Сабуктегин ба Со-

мониён содиқ набуд. Вай зоҳиран точиконро дастгирӣ мекарда бошад ҳам, аммо таҳти дил онҳоро бад медид. Ӯ дар он ақида буд, ки дар пирӣ мисли Алптегин хор мегардад. Аммо инро Нӯҳ ва дигар дарбориён дарк намекарданд. Ӯ таклифи Сомониёнро пазируфт. Зеро худи Сабуктегин дар ин орзу буд. Вай аз парокандагии дохилии давлати Сомонӣ кайҳо огоҳ буда, вақти қулай забти вилоятҳои алоҳидаи онро мепоид.

Алптегин вафот кард. Аммо ғайр аз Сабуктегин дигар вориси арзанда надошт. Аз ин рӯ наздикон аз ӯ хоҳиш намуданд, ки соҳибточ шавад. Аммо вай худдорӣ менамуд. Вале таҳти дил дар орзуи давлат буд. Бо имдоди феодалон соҳибмулк шуд. Баъди он савганд хӯрд, ки ҳар кас, ки ба ӯ хиёнат мекунад, сарашро аз тан чудо хоҳад кард. Вай, пас аз соҳиб шудан ба мулки Ғазна ба замини ҳамсояҳо ҳучум намуда, таъсири хешро гузаронд. Дар соли 964 ба Зобулистон лашкар кашида, он чоро тасхир кард. Пас духтари ҳокими Зобулистонро ба занӣ гирифт, ки аз вай вориси точу тахташ Маҳмуд ба дунё омад. Маҳмуд бузург шуд. Аз тачрибаҳои чангии падар баҳраманд гашт. Зеро Сабуктегин ӯро ҳамроҳи худ ба муҳорибаҳо бурда, дарси чанговарӣ меомӯзонд.

Сабуктегину писараш Маҳмуд ба таври рӯякӣ ба Сомониён итоат мекарданд. Вале дар таҳти дил душмани ғаддори ин хонадон буданд. Онҳо зоҳиран худро тарафдори Нӯҳи II нишон медоданд. Аз ин рӯ Нӯҳ дар муборизаи зидди душманони хоричӣ ба онҳо боварӣ мекард. Нӯҳ аз падару писар хоҳиш намуд, ки дар муборизаи зидди душманон ӯро дастгирӣ намоянд. Сабуктегин таклифи Нӯҳи II-ро бо мамнуният пазируфт ва фавран бо лашкари 20 ҳазорнафара ба Мовароуннаҳр омад. Ӯ даставвал ба Насаф (Қаршӣ) расид. Аз ин амир Нӯҳи II воқиф шуда Сабуктегинро дар Кеш (Шаҳрисабз) истиқбол кард. Сипас ба муборизаи якчоя бар зидди Абӯалии Симчурӣ ва Абулҳасани Фоиқ омода гашта, онҳоро торумор намуданд. Баъди шикаст Абӯалӣ ва Фоиқ ба Гургон гурехтанд. Нӯҳ аз корнамоии Сабуктегин ба вачд омада, ба ӯ лақаби «Носир-уд-дин в-ад-давла» («ҳомии дину давлат»)-ро дод. Ба писараш Маҳмуд лақаби «Сайф-уд- давла» («шамшери давлат»)-ро мувофиқ дониста, мулкҳои Хуросонии хешро, ки ба Абӯалии Симчурӣ тааллуқ доштанд, ба онҳо дод. Ин амалиёти Нӯҳ II ба таъсиси давлати аввалини туркон — ғазнавиён роҳ кушод. Сабуктегин ва писараш Маҳмуд худро дар Хуросон ҳокими мутлақ ҳисоб намуданд. Баъди ин амалиёти якчоя танҳо Мовароуннаҳр дар ихтиёри Сомониён монду халос.

Солҳои 995—996 низ давраи муборизаҳои дохилӣ буд. Дар натичаи ҳамин кашмакашиҳои давлат тамоман истиқлолияташро аз даст дод. Аз ин парешонҳолии хонадони Сомониён исти-

фода бурда, ҳокимони мулкҳои алоҳида, бо дастгирии турконн қароҳонӣ бар зидди Сомониён ҷангу ҷидолро оғоз намуданд. Ин буд, ки боз Нӯҳи II ба кӯмаки Сабуктегин мӯҳтоҷ гашт. Нӯҳ ночор ба ӯ муроҷиат намуд. Бо ёрии ғазнавиён исёнҳоро пахш намуда, аз ҳуҷуми қароҳониён Бухороро эмин нигоҳ дошт. Бо вуҷуди ин ноҳияҳои шимолу шарқии давлати Сомониёнро туркони қароҳонӣ аз даст надоданд.

Иттифоқи соли 992 бастаи Симҷурию Фоиқ дер давом накард. Ин буд, ки онҳоро Сомониён шикаст доданд. Дар натиҷа дӯстон ба ҳам душман гаштанд. Абӯалии Симҷурӣ асир гардид ва бо амри Нӯҳ соли 997 ба қатл расонда шуд. Фоиқ бошад, худро ба паноҳи Илекхон гирифт. Илекхон низ барои мулкҳои Сомониён талош дошт. Вай дар сарҳади онҳо қарор дошт. Нӯҳ аз он воқиф шуда, ба Сабуктегин нома карда, аз ӯ хоҳиш намуд, ки пеши роҳи Илекхонро гирад. Дар навбати худ Илекхон ба Сабуктегин мактуб навишта, амалиёти якҷояи зидди Сомониёнро талаб кард. Аммо Сабуктегин онро рад намуд.

Вазири Сомониён Абдуллоҳи Ғарир буд. Вай ба Нӯҳ хиёнат кард. Он гоҳ бо тавсияи Сабуктегин Абӯнаср Бини Абӯзайя вазири Сомониён таъин гашт. Аммо ӯ тӯлонӣ кор накарда, баъди панҷ моҳ аз дасти ғуломаш кушта шуд. Пас Абӯмузаффари Базғашӣ вазир эълон шуд. Вай дар дарбори Сомониён зиёд кор накарда, Нӯҳ ва Сабуктегин паи ҳам вафот карданд.

Писари Нӯҳ Мансур (997—999) ба тахт нишаст. Муҳаббати Мансур нисбати Фоиқ боло шуд. Ӯ душмани оли Сомонро ба дарбор хонд. Фоиқ таклифи амирро қабул кард, ба вазифаи вазири охири хонадони Сомонӣ Абулқосим Бармакиро тавсия намуданд. Аммо Фоиқ тахти дил душмани Сомониён буд. Тоҷу тахти Сомониён насиби писари Нӯҳ Мансури II ва Ғазна аз они Маҳмуди турк гашт. Таъсири Маҳмуди Ғазнавӣ дар давлатдории Сомонӣ боло гирифт. Аз ин наздикии Сомониёну Ғазнавиён ҳокими Нишопур Бектузун ва дӯсташ Фоиқ ба ташвиш афтода, роҳи қатли Мансури II-ро меҷустанд. Ниҳоят онҳо ба мақсад расиданд. Дар моҳи январи соли 999 дар Сарахс ба чашмони Мансури II бини Нӯҳ мил кашиданд. Бо ҳамин алам аввали моҳи феврали ҳамон сол Мансур аз олам даргузашт. Бектузуну Фоиқ аз кори кардаи хеш пушаймон шуда, аз тарси Маҳмуди Ғазнавӣ зуд бародари хурди Мансур Абдумалики II бини Нӯҳро (феврал-октябри соли 999) ба тахт шинонданд. Аз бесарусомонии дохилии давлати овозадори Сомонӣ истифода бурда, Маҳмуди ғазнавӣ ба ноҳияҳои Шимоли Афғонистон соҳиб шуд ва сипас тамоми Хуросонро ба зери тасарруфи хеш даровард.

Аз мунокишаҳои дохили дарбори Сомониён душманони хо-

ричию дохилӣ истифода бурданд. Пеш аз ҳама, турконӣ қарахонӣ дар орзуи соҳиб шудан ба мулкҳои нозании буданд. Азбаски мардуми кӯчӣ ҳунари шаҳрсозӣ надоштанд, бинобар ин кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ҳарчӣ зудтар соҳиби мулкҳои пурфайзу шаҳрҳои обод шаванд. Бо ҳамин мақсад вақт мепоиданд. Онҳо аз бетаҷрибагии амири ҷавону бесару сомонии дар охири асри X руҳдода истифода намуда, кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ҳарчи зудтар соҳиби Бухоро шаванд. Бо ҳамин мақсад Илекхони қарохонӣ моҳи октябр соли 999 аз Қашқар озими Бухоро гашт. Вайро дар атрофи Бухоро душманони дохилии Сомониён Бетузун, Янолтегин ва дигарон хуш истиқбол карда, сипас дарвозаҳои шаҳрро ба рӯи ӯ кушоданд. Ҷанги сахт ба амал омад, вале лашкари Сомониён ба он тоб наовард. Гуфтан мумкин аст, ки Сомониён аллакай лашкари содиқи хешро надоштанд. Лашкари кироян туркӣ худро фурӯхт. Амир сару калобаашро гум кард. Аз даҳшати ҷанг тарсида бистарӣ гашта, худро пинҳон кард. Илекхон шаҳрро тороҷ карда, Абдумаликро дастгир намуда, ҳамроҳи аҳли оилааш ба зиндони Узгенд фиристод.

Ҳамин тавр, давлати бештар аз 180 сол арзи вуҷуд доштаи тоҷикон — Сомониён дар натиҷаи зарбаҳои туркони бодиянишин 23 октябри соли 999 аз байн рафт. Ба ҷои давлати Сомониён — давлатҳои туркӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон ташкил шуданд. Дареғо оли Сомон!

## § 8. Сомониён ва ислом

Кишваркушоии арабҳо баъди сари Муҳаммад (632) авҷ гирифт. Онҳо роҳу усули хоси забткории мамлакатҳои ҳамсояро аз бар намуданд. Пеш аз ҳама ба мулкҳое сар медароварданд, ки дар он ҷойҳо муборизаи синфӣ ба қиём расида буд. Арабҳо чун хайрхоҳ кӯшиш менамуданд, ки ба мазлумони ин ё он кишвари ба шӯр омада дасти «кӯмак» дароз кунанд. Бо ин роҳ охиста-охиста он сарзаминро ба мустамликаи хеш табдил медоданд.

Усули дигари муборизаи хосашон дар он зикр меёфт, ки ба мамлакатҳои ҳамсоя бо роҳи наздикшавӣ таъсири исломро мегузарониданд. Одатан дар ибтидои футуҳот шиорҳои авомфиребонаи баробарӣ, бародарӣ, дӯстӣ, ҳамкорӣ, сулҳ ва ғайраро ба миён гузошта, диққати умумиро ба худ ҷалб мекарданд. Аз ин лабдабаҳои холӣ халқҳои дар зери азобу шиканҷа будаи ин ё он мамлакати ҳамсоя ба ваҷд омада, баҳри он мекӯшиданд, ки дар зери байрақи ислом бошанд.

Онҳо дар шароите ба ҳамсояи шимолиашон — давлати Со-

сониён рӯ ба рӯ шуданд, ки дар замони ҳукмронии намояндаи охирини ин сулола Яздигурди III (632—651) мамлакатро норозигии умум фаро гирифта буд. Аҳволи иҷтимоии мардум хароб гашт. Косаи сабри онҳо лабрез шуд. Барои аз бӯҳрон баровардан дар мамлакат шароит набуд. Инро ҷосусони араб хуб медонистанд. Аз ин рӯ аз паи аз по афтонидани давлати овозадор шуданд. Тақдири давлатро муҳорибаҳои Қуддусия (636) ва Наҳованд (642) ҳал намуданд.

Баъди он саросари мулкро бенизомӣ фаро гирифт. Яздигурди III чун лӯхтак аз адои вазифа набаромад. Рафтори ваи ба арабҳо имконият дод, ки то соли 651 тамоми Эронро забт карда, Марвро ба пойтахти Хуросонии хеш табдил диҳанд.

Арабҳо пас аз забти Эрон рӯ ба Осиёи Миёна ниҳоданд. Пиндоштанд, ки ин мулкро ба осонӣ тасхир мекунанд. Аммо ин тавр нашуд. Агар Эронро дар зарфи даҳ сол мутеъ карда бошанд, пас барои ба Мовароуннаҳр сар даровардан зиёда аз 50 сол талош намуданд. Хулоса дар замони хилофати бани Умавиён (661—750) ба он муваффақ гаштанд.

Арабҳо баъди соҳибқудрат шудан шиорҳои авомфиребонаи худро фаромӯш карда, ба таҳқири халқҳои соҳибмаърифат даст заданд. Бо ин онҳо аз илму фарҳанг дур будани хешро собит карданд. Аммо халқ онҳоро ба ҳоли худ нагузошт. Пай дар пай шӯришҳо сар заданд. Далерони замон Абӯмуслим, Сумбод, Бобак, Муқаннаъ халқро ба муборизаи зидди мустамликадорон хезониданд. Ин ҳаракатҳо як дараҷа пеши роҳи ҷаҳолатпарастии онҳоро гирифт. Хилофатҳо, аз ҷумла Аббосиён (750—1258) маҷбур шуданд, ки ҳақиқати ҳолро ба инобат гиранд.

Чӣ хеле ки дар боло ёдовар шудем, акнун мустамликадорон барои дигар сар назадани муборизаҳои дохилӣ бо хонадонҳои бонуфузи маҳаллӣ унс мегирифтанд. Даставвал аз қувваи Бармакиён, сипас Сомониёну Тоҳириёну Саффориён истифода карданд.

Бояд ҳамин нуктаи назарро тазаккур дод, ки халифони араб хонадонҳои номбурдаро ба манфиатҳои шахсии хеш истифода мекарданд. Масалан, хонадонҳои Сомонию Тоҳирӣ дар фурӯ нишондани шӯриши Рофеъ ибни Лайс (806—810) ба Ҳорунаррашид кӯмак расониданд. Тоҳир бошад, дар муборизаҳои писарони Ҳорунаррашид Амину Маъмун (811—813) иштирок карда, ғалабаи Маъмунро таъмин намуд. Бинобар ин ҳусни таваҷҷуҳи халифони аббосӣ нисбати Сомониён ба Тоҳириён зиёд гашт. Аз ин рӯ, то аз байн рафтани Тоҳириён (873) онҳоро соҳибдавлат шумурида, супоришҳои хосаро ба номи амирони Тоҳирӣ медод.

Аммо мо бо ин гуфтанӣ нестем, ки Сомониён дастнигари

Тоҳириён буданд. Ҳаргиз ин тавр не. Ин ду хонаводаи баробарҳуқуқи тоҷики яке дар Хуросону дигаре дар Мовароуннаҳр таъсир доштанд. Азбаски Нишопур нисбати Самарқанд ба пойтахти хилофат (Бағдод) наздик буд, аз ин рӯ бештар хабарҳои нодир аввал дастраси Тоҳириён мешуд.

Арабҳо дар ибтидои футуҳоти худ пиндоштанд, ки исломро дар кишварҳои зердасташон ба таври зӯрӣ ҷорӣ мекунанд. Ҳатто чунин роҳро пеш гирифтанд, ки халқи муқимиро базӯри дар хонаҳои хеш ичоранишин карда, лашкариёну ҷорчиёни исломро соҳибхона мегардониданд. Бо ин роҳ мехостанд, ки исломро дар майнаи онҳо ҷой кунанд. Мардум ба таври зоҳирӣ онҳоро дастгирӣ менамуданд, аммо таҳти дил бад медиданд. «Ислом ба забон овардаанд ва ба дил ба ҳамон кори хеш машғуланд», ёловар шудааст Наршахӣ. Вале ин найрангҳо фоида надод. Сипас маҷбур шуданд, ки роҳи дигарро ҷӯянд.

Мумкин аст, ки ҳамин сабабҳо Сомонхудот ва Асад ибни Абдуллоҳро бо ҳам наздик сохта бошад. Ё худ Сомонхудот аз куштор ва ваҳшиёнати содиркардаи арабҳо тарсида, халқро ба он ҳидоят намуда бошад, ки исломро қабул намуда, пеши роҳи хунрезиҳоро гиранд. Вай валангоршавии шаҳру деҳот, сӯхтору қатли омро дида, ба ворисонаш васият намуда бошад, ки аз барои наҷоти халқ шуда, талаботи мустамликадоронро бемамоният қабул кунанд. Аз ин рӯ, вай аввалин шуда исломро пазируфт ва ҷорчии асосии он гашт. Ин ба хонадони Сомониён имконият дод, ки пеши роҳи саросар арабикунонии мардуми маҳаллиро гирифта, забони тоҷикиро дар қаламрави форсигӯён эмин нигаҳ дорад.

Ворисони Сомонхудот — набераҳояш Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс чун тарғиботчиёни аввалини ислом баромад карда, дар роҳи устуворшавии он дар кишварҳои хеш хизмати босазое намуданд. Онҳо тавонистанд, ки баробари тоҷикон, инчунин туркони бодиянишинро низ ба имон оранд. Чӣ хеле ки дар боло қайд намудем, дар роҳи ташаккули дини ислом дар сарзаминҳои тоҷикнишин Аҳмаду Яҳё хизмати босазое намуданд. Мулки онҳо ки бо бодиянишинон ҳамсарҳад буд, бинобар ин бештар кӯшиш ба харҷ доданд, ки кӯчиёнро аз қоидаю қонунҳои ислом баҳраманд намоянд.

Бисёре аз сарчашмаҳо Исмоилро чун паҳнкунанда ва байрақбардори ислом дар Осиёи Миёна ёд мекунанд. Онҳо қайд менамоянд, ки агар тарғиботҳои ӯ дар роҳи паҳн намудани ислом ба халифаи Аббосӣ Мӯътазид маълум намебуд, он гоҳ яқин, ки мустамликадор ӯро ба чунин мартаба пешбарӣ намекард. Дар ин ҷода Наршахӣ чунин гуфтааст: «Исмоил пайваста халифаро итоат намуди. Ва дар умри хеш як соат бар халифа осӣ нашудӣ ва фармони ӯро бағоят устувор доштӣ».

Зеро Сомониён аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан ба ҳимояи халқ гузашта, ваҳдатро пеш гирифтанд. Аз ин рӯ, барои наҷоти миллату мазҳаб шуда бо хилофат иртиботи наздик пайдо намуданд. Ин имконият дод, ки халифҳои араб пештар аз мақсади Сомониён бохабар гашта, ба корҳои дохилии онҳо дахолат накунанд. Ин рафтори оли Сомон обрӯ ва нуфузи тоҷикон ва умуман даризабонҳоро дар назди хилофати Аббосӣ боло бурд.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки агар Сомониён дар симои Исмоил ба хилофат гӯш намедоданд, дар Шарқ ба чунин қудрату ҳашамат намерасиданд. Инро худи Исмоил, ки марди донишманду зирак буд, хеле барвақт пайхас кард. Зеро медонист, ки хилофат дар тамоми Эрону Хуросон таъсири хешро гузаронида аст. Аз ин рӯ метавонист, ки бо роҳи хунрезиҳои тӯлони таъсири худро дар Осиёи Миёна низ баланд намояд. Исмоил барои рух надодани чунин ҳодиса пешдастӣ намуд. Ғайр аз ин Исмоил медонист, ки тамоми мардуми Эрону Хуросон ба ислом дода шуда, онро хуб назируфта буданд, аз ин рӯ ӯ кӯшиш намуд, ки дар ин роҳ ба онҳо пайваст гардад. Баъд соҳибқудрат шуданаш бо хилофат хеле наздик шуда, дар роҳи болоравии ислом дар Мовароуннаҳр ва тамоми Шарқ кӯшиши зиёде ба харҷ додааст.

Баъди сарнагун сохтани оли Саффорӣ боварии хилофат нисбати Исмоил қавитар шуд. Акнун халифҳо дар ҳар як муборизаи душвор аз қувваю қудрати вай ва ворисонаш истифода мебурданд. Исмоил бештар ба саркӯб намудани бодиянишинон эътибор дода, дар рафти кишваркушоиҳояш ба тарғиботи ислом машғул мешуд. Ҳангоми юришҳои зидди туркӣ ба он муваффақ мегашт, ки пайваста бо гирифтани ғанимат, инчунин дар байни халқиятҳои ғайритоҷикӣ тарғиботҳои исломӣ барад.

Ҳар як юриши вай мақсаднок буд. Дар рафти он баробари тарғиби ислом, инчунин сарҳадҳои хешро мустаҳкам менамуд. Яке аз чунин юришҳояш соли 893 ба Шимол рух дода буд. Ба гуфтаи В. Бартольд ӯ тавонист, ки дар роҳи тарғиби ислом дар байни туркон ба муваффақиятҳо ноил гардад. Баробари ба ислом рӯ овардани қавмҳои ғайримусулмон, барои онҳо шароитҳо фароҳам менамуд. Масҷидҳо сохта, донандагони беҳтарини забони арабию дини исломро ба мулкҳои зеридасткардаи хеш намоянда мефиристад.

Ин кори саркардаи Исмоил ва ворисони вай писанди хилофат гашта, боварии мустамликадорон нисбати хонадони Сомониён қавитар мешуд. Бинобар ин ҳар талаботе, ки амирони Сомонӣ дар назди хилофат мегузоштанд, бемамоният ҳал мешуд. Дар навбати худ хилофат дар саркӯб намудани душма-

иони дохилию хориҷӣ аз оли Сомон пуштибонӣ медид. Ба ин нобуд сохтани хонадони Саффориён, аз байн бурдани тохтутозҳои туркони бодиянишин, юришҳои Исмоил ба Исфанҷоби Тироз, Узганд ва ғайра мисол шуда метавонанд.

Роҳи пешгирифтаи Исмоилу ворисонаш дар устуворшавии ислом писанди хилофат буд.Арабҳо минбаъд кӯшиш ба харҷ доданд, ки ба воситаи Сомониён таъсири хешро ба мулкҳои берун аз Осиёи Миёна низ расонанд. Акнун сайёҳону сафирони худро ба мулкҳои дигар ба воситаи Кавкоз не, балки бо роҳи Бухоро мефиристоданд. Дар замони ҳукмронии Насри II муносибати оли Сомон бо Поволжье қавитар гашт. Арабҳо инро ба инобат гирифта, савдогарону сайёҳони хешро ба давлати Рус ба воситаи Бухорою Хоразм мефиристоданд. Сафари яке аз чунин ҳайатҳои вакилони бонуфуз солҳои 921—922 ба Поволжье сурат гирифта буд. Ҳайати вакилон 21 июни соли 921 аз Бағдод ба роҳ баромаду 12 май соли 922 ба соҳили Волга расид. Дар рафти ин сафари арабҳо намояндагони хонадони Сомониён низ роҳбаладӣ намуданд. Мувофиқи гуфтаи Аҳмади Фазлон ин сафарҳо дар роҳи паҳн намудани ислом дар байни халқҳои соҳиби Волга ҳисса гузоштаанд.

Дар хусуси қабули ислом аз тарафи мардуми Шимол Аҳмади Фазлон дар китоби хеш «Сафарнома» хеле хуб навиштааст. Зеро вай яке аз шоҳидони ҳақиқии сафорати соли 921 ба соҳили Волга мебошад. Дар бораи аз тарафи қабилаи ғузҳо пазируфтани ислом ӯ чунин ёловар шудааст: «Аз онҳо (ғузҳо — А. М.) шунидам, ки мегуфтанд: «ло илоҳа иллоллоҳу Муҳаммадун Расулуллоҳ». Албатта, ин каломро на аз рӯи ақида, балки барои наздик шудан ба мусулмононе, ки наздашон мераванд, ба забон меоранд».

Дар натиҷаи сафоратҳои зиёди мусулмонону омадани корвонҳои тоҷирони арабу форсу тоҷик ғузҳо оҳиста-оҳиста ба ислом рӯ оварданд. Бинобар ин дар рафти муборизаи Мунтасир (999—1005) барои аз нав наҷот додани давлати Сомониён, ғузҳо ӯро думболӣ намуданд.

Ҳамин тавр, Сомониён дар қатори кишваркушоиҳои хеш тавонистанд, ки ҷуғрофияи мусулмониро васеъ намуда, халқу қабилаҳои мухталифро ба ислом даъват кунанд.

Ҳарчанд, ки Насри II-ро ҳайрхоҳи ҳаракати қарматия меноманд, вале ӯ дар роҳи паҳн ва устуворшавии ислом дар давлати Сомониён ва берун аз ҳудудҳои он саҳм гузоштааст. Ҳамаи сафару корвонҳои тиҷоратию тарғибӣ маҳз дар замони Насри II созмон ёфта буданд.

Дар байни амирони Сомонӣ Нӯҳ бини Наср дар роҳи устувор нигаҳ доштани ислом кори зиёде кард. Чӣ хеле ки ном бур-

дем, баъди ба тахт нишастан (943) ӯ яке аз ливобардорони асосии ислом дар Мовароуннаҳру Хуросон шуд. Ба вай муяссар гардид, ки сипари ислом шуда, бар зидди муқобилони он баромад кунад. Нӯҳ бо ин кӯшишҳои бя харҷ додааш тавонист, ки исломро дар қаламрави хеш боз ҳам устувортар намояд.

## § 9. Кӯшиши Мунтасир барои аз нав барқарор намудани давлатдории Сомонӣ

Аз тарафи Қарохониён забт шудани Бухоро оташи мубориза намояндагони охирини хонадони Сомониёнро хомӯш карда натавонист. Абӯиброҳими Исмоил бини Нӯҳ, ки ҳамроҳи бародараш Абдумалик дар Ӯзганд ҳабс шуда буд, бо кӯмаки канизаке либоси занона ба бар карда, аз зиндон гурехт. Ӯ ба худ лақаби Мунтасир (Фотеҳ)-ро муносиб донист а бо дастгирии наздиконаш — Абӯяъқуб, Абӯзакриё ва Абӯсолеҳ ба мубориза зидди истилогарон баромад. Онҳо муддати чанде ба омода сохтани лашкар камар бастанд.

Дар рафти муборизаҳои тӯлонӣ лашкари пуриқтидори Сомониён пош хӯрд. Сабаб дар он буд, ки аз ибтидои солҳои 60-ӯми асри X сар карда, дар дарбори Сомониён таъсири сипаҳсолор боло гирифт. Азбаски сипаҳсолорони Сомонӣ аз қабилаҳои турки буданд, аз ин рӯ бештар дар урдуи давлат нуфузи ҷанговарони туркнажод боло мегирифт. Бинобар ин, вақте ки туркони қарохонӣ Бухороро ишғол намуданд, дар он муддат лашкари Сомонӣ ба тарафи душман гузашт. Агар онҳо ба хуҷаинони хеш содиқ мешуданд, мумкин буд, ки чунин ҳолат рух намедод. Инро мо дар симои сарлашкарони Сомонӣ мебинем, ки дар боло ёдовар шудем. Бо вуҷуди ин муборизи далер Мунтасир аз ҳабс гурехта, назди собиқ дастнигарони падару бобоҳояш омад. Ба умеде, ки онҳо вайро тарафгирӣ намуда, боз ба сари гаҳвораи оли Сомон меоранд. Мунтасиру наздиконаш бо ҳамин умед омодаи мубориза гаштанд.

Дар охир ба он муваффақ шуданд, ки аз ҳисоби содиқони гвардияи туркӣ наздикони хешро гирд оварданд. Баробари ҷамъ шудани ҷангиён, дар нимаи аввали соли 1000 Сомониён ба харбу зарби зидди қарохониён тайёр шуданд. Ҳамин сол лашкари Мунтасир тахти сарпарастии Арслон Болу озими Бухоро шуда, пойтахтро гирифт. Баъди Бухоро Арслон Болу ба Самарқанд ҳамла намуд. Он вақт Самарқандро бародари хони қарохониён Ҷаъфартегин идора мекард. Ӯ бо қувваи муттаҳидаи бухориёну самарқандиҳо бар зидди лашкари Сомониён баромад. Арслони Болу дастболо шуд. Сонӣ ӯ Ҷафъартегинро бо ҳафтдаҳ нафар наздиконаш асир гирифта, ба ивази зиндониёни Сомонӣ ба Ӯзганд фиристод.

Ҳоҷиб ғолиб омада, сарлашкари Сомониён Абулқосими Симҷурӣ ва тобеъёни ӯро асир намуд.

Абуиброҳими Мунтасир дар ҷанг талафоти калон дод. Барои боз ҷамъ намудани лашкар рӯ ба ҷониби ғузони турк кард. Онҳо дар поёноби рӯди Сир ва ҷанубии баҳри Арал умр ба сар мебурданд. Дар замони сари қудрат будани Сомониён хизмати эшонро адо мекарданд. Мунтасир ба кӯмаки ғузон дилпур шуда, аз нав барои забти Мовароуннаҳр омода гашт. Дар ҳудуди Самарқанд дар байни лашкари Наср Иликхони қарохонӣ ва ғузони кироии Мунтасир ҷанги нав ба амал омад. Моҳи августи соли 1003 ғузон дар Самарқанд Иликхонро шикаст дода, 18 нафар сарлашкарони ӯро асир гирифтанд. Ғузҳо аз сулҳ кардан бо қарохониён рӯ нагардониданд. Мунтасир аз ин иттифоқ тарсида, роҳи аз байни ғузону қарохониҳо ҷудо шуданро ҷуст. «Мунтасир аз ин қазия мусташъир (дар тарс) шуд ва ҳафтсад кас хаввосу сиқати (эътиқодмандон) хеш ихтиёр карда ва аз миёни ҳашами ғузон (берун) омада, ба канори об расид. Ва чун Ҷайҳун аз бурудати (сармо) ҳаво мунҷамид шуда (ях баста) буд, қаҳ бар рӯи ях рехта, аз об бигузаштанд», навиштааст Мирхонд. Аз ҳаракати Мунтасир ғузон бохабар шуда, ӯро таъқибкунон то соҳили Ому рафтанд. Даме, ки ғузон ба дарё наздик шуданд, ях об шуд ва онҳо рудро убур карда натавониста, ақиб гаштанд. Хулоса Мунтасир бо умеди мадад ба Султон Маҳмуди Ғазнавӣ мурочиат намуд, ки барои гирифтани Бухоро кӯмак расонад.

Лашкари зархариди ғузҳо ба Мунтасир хиёнат кард. Вай бо кӯмаки онҳо Бухоро ғасб карда бошад ҳам, аммо дар охир ғузҳо аз ҷангу ҷидоли дар пеш истода тарсида, ба мулки хеш гурехтанд. Онгоҳ Мунтасир маҷбур шуд, ки ба рақиби асосии хонадони хеш Султон Маҳмуди Ғазнавӣ мурочиат кунад. Сабаби ба Ғазнавиён рӯ овардани Мунтасир дар он зикр меёфт, ки онҳо нисбати дигар қабилаҳои туркии Мовароуннаҳру Хуросон ба Сомониён наздик буданд. Ҳарчанд, ки нажодашон туркӣ буд, аммо онҳо дар мулкҳои тоҷикӣ хӯҷаинӣ мекарданд. Бинобар ин вай нисбати дигарон Султон Маҳмудро наздики хеш ҳисобида, ба ӯ байтҳои зерини хешро бахшид:

> Аз ҷон ки надошт ҳеҷ судам ту беҳӣ,
> Дидам ҳамарову озмудам, ту беҳӣ.
> Аз дида, ки нақши ту намудам, ту беҳӣ,
> В-аз дил ки фуру гузашт зудам, ту беҳӣ.

Маҳмуд хоҳиши Мунтасиррро пазируфт. Ва Мунтасир роҳи Абевардро пеш гирифт. Султон Маҳмуд дар қабули пайғом ва икроми расули ӯ осори лутфу карам ба ҳузур овард, тӯҳфаи

Сипас Мунтасир ба Бухоро омад, аҳолӣ ба қудуми ӯ шодмониҳо кард. Ҳатто, дар зарробхонаи Бухоро ба номи Мунтасир тангаҳо сикка заданд.

Мунтасир аз дастгирии ҳамшаҳриён шод шуда, боварӣ ҳосил кард, ки аз нав ба тоҷу тахти бобои соҳиб мешавад. Вале қувваааш кофӣ набуд. Бисёре аз ашрофони ҳирспарасти Сомонӣ худро бегона ҳисобида, даст ба домани душман заданд. Дар вақти зарурӣ Мунтасиру шариконашро дастгирӣ накарданд. Бинобар ин барои нигоҳ доштани Бухоро қувваи ӯ кифоя накард. Сарлашкари қарохониён Наср ибни Носируддин бе муқобилият ба шаҳри Бухоро соҳиб шуд. Абуиброҳими Мунтасир маҷбур гардид, ки барои дарёфти кӯмак ба Хуросон равад.

Дар Хуросон Абулқосими Симҷурӣ ба муқобили Султон Маҳмуди Ғазнавӣ меҷангид. Дар муборизаи зидди Маҳмуд Мунтасир бо Симҷурӣ иттифоқчӣ шуд. Онҳо дар ҷанги зидди Султон Маҳмуд ба баъзе муваффақиятҳо ноил гашта, ҳатто моҳи марти соли 1001 шаҳри Нишопурро ба даст даровардаид. Султон Маҳмуд аз ин ҳодиса ба ташвиш афтода, роҳи халосӣ ҷуст. Вай ба пеши Наср ибни Носируддин кас фиристода, аз ӯ кӯмак пурсид. Онҳо бар зидди Мунтасиру Симҷурӣ иттифоқ бастанд. Барои боз ҳам мустаҳкам шудани дӯстии байни ғазнавиёну қарохониён Султон Маҳмуд духтари Наср ибни Носируддинро ба занӣ гирифт. Баъди он иттифоқи ҳақиқии зидди Сомониён ташкил ёфт.

Мунтасир аз ин бохт ноумед нашуд. Вай медонист, ки мардуми тоҳҷони дар қаламрави оли Сомон буда ҳурмати хонадонро ба ҷо меоварданд. Яке аз шаҳрҳои ғарбии давлат Рай ба шумор мерафт. Бинобар ин вай ба сӯи ин шаҳри серну фуз рафт. Мунтасирро мардуми Рай хуб пазируфтанд ва барои нест кардани душман дар атрофи ӯ муттаҳид шуданд. Вай баъди қувваи зиёд ҷамъ намудан охирҳои моҳи август ва аввали моҳи сентябри соли 1001 аз нав озими Нишопур гашт. Дар ин ҷо ҷанги шадиде байни Мунтасиру лашкари муттаҳидаи туркони ғазнавию қарохонӣ сурат гирифт. Ба қувваи душман сарлашкари Султон Маҳмуд Олтунтош Ҳоҷиб сарвар буд. Муҳорибаи сахте ба амал омад. Аз ҳарбу зарб тарсида Арслони Болу ба Сомониён хиёнат карда хост, ки ба тарафи душман гузарад. Мунтасир аз он ба тезӣ воқиф гашта, ӯро қатл намуд.

Арслон Болу дар байни ҷангиёни хеш обрӯ ва нуфузи баландро соҳиб буд. Бинобар ин қатли вай норозигии лашкариёнро ба миён овард. Аз ин ҳолат душман воқиф шуда, ба бенизомшавии тартиботи дохилии урду роҳ кушод. Ин буд, ки дар муҳорибаи Сарахс лашкар ба Мунтасир хиёнат кард. Олтунтош

Ҳоҷиб ғолиб омада, сарлашкари Сомониён Абулқосими Симҷурӣ ва тобеёни ӯро асир намуд.

Абуиброҳими Мунтасир дар ҷанг талафоти калон дод. Барои боз ҷамъ намудани лашкар рӯ ба ҷонибҳи ғузони турк кард. Онҳо дар поёноби руди Сир ва ҷанубии баҳри Арал умр ба сар мебурданд. Дар замони сари қудрат будани Сомониён хизмати эшонро адо мекарданд. Мунтасир ба кӯмаки ғузон дилпур шуда, аз нав барои забти Мовароуннаҳр омада гашт. Дар ҳудуди Самарқанд дар байни лашкари Наср Иликхони қарохонӣ ва ғузони кироян Мунтасир ҷанги нав ба амал омад. Моҳи августи соли 1003 ғузон дар Самарқанд Иликхонро шикаст дода, 18 нафар сарлашкарони ӯро асир гирифтанд. Ғузҳо аз сулҳ кардан бо қарохониён рӯ нагардониданд. Мунтасир аз ин иттифоқ тарсида, роҳи аз байни ғузону қарохониҳо ҷудо шуданро ҷуст. «Мунтасир аз ин қазия мусташъир (дар тарс) шуд ва ҳафтсад кас хаввосу сиқати (эътиқодмандон) хеш ихтиёр карда ва аз миёни ҳашами ғузон (берун) омада, ба канори об расид. Ва чун Ҷайҳун аз бурудати (сармо) ҳаво мунҷамид шуда (ях баста) буд, каҳ бар рӯи ях рехта, аз об бигузаштанд», навиштааст Мирхонд. Аз ҳаракати Мунтасир ғузон бохабар шуда, ӯро таъқибкунон то соҳили Ому рафтанд. Даме, ки ғузон ба дарё наздик шуданд, ях об шуд ва онҳо рудро убур карда натавониста, ақиб гаштанд. Хулоса Мунтасир бо умеди мадад ба Султон Маҳмуди Ғазнавӣ муроҷиат намуд, ки барои гирифтани Бухоро кӯмак расонад.

Лашкари зархариди ғузҳо ба Мунтасир хиёнат кард. Вай бо кӯмаки онҳо Бухоро ғасб карда бошад ҳам, аммо дар охир ғузҳо аз ҷангу ҷидоли дар пеш истода тарсида, ба мулки хеш гурехтанд. Онгоҳ Мунтасир маҷбур шуд, ки ба рақиби асосии хонадони хеш Султон Маҳмуди Ғазнавӣ муроҷиат кунад. Сабаби ба Ғазнавиён рӯ овардани Мунтасир дар он зикр меёфт, ки онҳо нисбати дигар қабилаҳои туркии Мовароуннаҳру Хуросон ба Сомониён наздик буданд. Ҳарчанд, ки нажодашон туркӣ буд, аммо онҳо дар мулкҳои тоҷикӣ хӯҷаинӣ мекарданд. Бинобар ин вай нисбати дигарон Султон Маҳмудро наздики хеш ҳисобида, ба ӯ байтҳои зерини хешро бахшид:

Аз ҷон ки надошт ҳеҷ судам ту беҳӣ,
Дидам ҳамарову озмудам, ту беҳӣ.
Аз дида, ки нақши ту намудам, ту беҳӣ,
В-аз дил ки фуру гузашт зудам, ту беҳӣ.

Маҳмуд хоҳиши Мунтасирро пазируфт. Ва Мунтасир роҳи Абевардро пеш гирифт. Султон Маҳмуд дар қабули пайғом ва икроми расули ӯ осори лутфу карам ба ҳузур овард, тӯҳфаи

ловиқ фиристод.... Султон Маҳмуд Абевардро ба ихтиёри Мунтасир гузошта, ба тарафдории хонадони Сомониён бaромада бошад ҳам, аммо дар дил нисбати ин дудмон кинаву адоват дошт.

Бинобар ин панди бобояш Алптегинро ба хотир оварда, баҳри он мекӯшид, ки дигар тоҷик соҳибқудрат нашавад. Вай бо Мунтасир муносибати рӯякӣ дошт. Султон Маҳмуд ба таври пинҳонӣ бо Хоразмшоҳ наздик шуда, иттифоқи зидди Сомониёнро созмон дод. Бо ташаббуси вай Хоразмшоҳ бар зидди Мунтасир лашкар кашида, вайро шикаст дод. Баъди он Мунтасир ба Мовароуннаҳр баргашт. Аз мағлубиятҳои боло хулосаи даркорӣ бароварда, диққати асосии худро ба мустаҳкамкунии лашкараш равона намуд. Дар муддати кӯтоҳ ба ҳарбу зарби навбатии зидди қароxониён омода сохт. Пас дар ҷанги наздикии Дабусия лашкари қароxониёнро шикаст дод. Ин ғалаба уро рӯҳбаланд намуд. Вай боварӣ ҳосил кард, ки ба табақаҳои мухталифи аҳолӣ такя намуда, аз нав соҳиби Бухоро мешавад. Ҳамин тавр, лашкар ҷамъ кард. Уро даставвал ғозиён тарафдорӣ намуда, таҳти сарпарастии Ҳорис се ҳазор лашкар созмон доданд. «Ва хоҷагони Самарқанд сад ғуломи туркро ба моли вофир ба хидматаш фиристоданд», гуфтааст Мирхонд. Бaробари ин ғузон низ ба лашкари Мунтасир пайвастанд. Дар натиҷа Мунтасир тавонист, ки ҷангиёни зиёдеро ҷамъ кунад. Насри Илакхон низ аз омодагии Мунтасир ба ҳарбу зарби оянда бохабар шуда, урдуи худро дар ҳолати ҷангӣ нигаҳ дошт. Чи хеле ки Мирхонд ёдовар шудааст моҳҳои май-июни соли 1004 дар наздики Самарқанд муҳорибаи сахт рух медиҳад. Насри Илакхон шикаст хӯрда ба Фарғона ақиб мeнишинад ва лашкари нав ҷамъ намуда, боз ба ҷанги зидди Мунтасир мебарояд. Дар натиҷа дар Ҷиззаху Хавос байни Мунтасиру Насри Илакхон ҳарбу зарби нав ба амал меояд. Дар ин ҷанг ғузон ба Сомониён бевафоӣ намуданд. Сарлашкари Мунтасир Абулҳусайни Той бо панҷ ҳазор марди ҷангӣ ба тарафи душман гузашт. Сипас Мунтасир маҷбур шуд, ки барои боз ҷамъ намудани тарафдорон ба Хуросон равад. Ӯ ба соҳили Ому омад. Азбаски дар он ҷо киштӣ ё қаике ҳозир набуд, бинобар ин дарахтонро бурида, амал сохту сонӣ дарёро убур кард. Ва чизу чора ва чорвои дар ихтиёр доштаашро дар байни ҷангиён тақсим намуд. Баъди он бо роҳи биёбон ба Пули Роғул расид. Аз омадани ӯ Султон Муҳмуд огоҳ шуд. Ӯ фавран аз шаҳри Ғазна ба Балх омада, барои нобуд сохтани Мунтасир тайёрӣ дид. Вай ба Қарикуи ибни Муҳаммад чил нафар марди ҷангиро ҳамроҳ кард, то ки онҳо Мунтасирро дастгир кунанд. Мунтасир аз мақсади нопоки Султон Маҳмуд хабар ёфта, роҳи Узгандро пеш гирифт. Наср бини Носируддин, волии Тӯс Арслон Ҷозиб ва ҳокими Сарахс Буғрочук аз думболи ӯ шуданд. Моҳи

декабри соли 1004 Мунтасир аз шаҳр ба шаҳр, аз деҳа ба деҳа роҳ паймуда, аз душманон пинҳон мешуд.

Вай ҳамаи тарафдоронро аз даст дод, вале дар дил умед дошт, ки деҳа ба деҳа гашта, мумкин аст дӯстони нав пайдо кунад. Аммо шоҳзодаро касе пуштибонӣ намекард. Аз ин рӯ, умедашро канда, ба пинҳонкорӣ гузашт.

Наср Иликхон барои дастгир намудани ӯ писари Сурхаки Сомониро ба доми худ кашида, нома ба ӯ дод, ки ба Мунтасир, расонад. Дар он ваъда дода буданд, ки барои гирифтани Бухоро кӯмак мекунанд. Аммо Мунтасир аз пинҳонкорӣ набаромад. Он гоҳ Султон Маҳмуд наздикони худро ба қатли Мунтасир омода сохт. «...Чун шаб даромад, — менависад Мирхонд, — тоифае аз аъроб ҳуҷум оварда ҷони азизи он шаҳзодаи бемол барбод доданд ва хуни шарифи ӯ бар хок рехтанд... Ва якборагӣ шӯълаи давлати оли Сомон интифо пазируфт (хомӯш шуд) ва кавкаби иқболу шарафи эшон ба дараҷаи хубут расид (фуруд омад)».

Ҳамин тавр, оташи мубориза панҷсолаи Абуиброҳим Исмоил Мунтасир, ки барои барқарор намудани тахту тоҷи Сомониён фурӯзон шуда буд, моҳи январи соли 1005 хомӯш гашт. Сабаб дар он буд, ки Мунтасир дар ихтиёри хеш лашкари санҷидашудаи миллиро надошт.

Дигар он ки ҷангиёну сарлашкарони зархарид ҳар сари қадам ба ӯ хиёнат намуданд. Вақтҳои зарурӣ ба тарафи душман гузаштанд.

Сабаби дигари ноомади кори Мунтасирро дар он мебинем, ки вай дар корзор танҳо буд. Намояндагони дигари хонадони Сомониён, собиқ дарбориён, уламои дин, феодалони бонуфуз ҳисси миллиро аз даст дода, худро зери пои туркони кӯчманчӣ карданд. Агар онҳо таҳти сарпарастии Мунтасир даромада, вайро илҳом мебахшиданд, яқин буд, ки аз нав оли Сомон соҳиби тоҷу тахт мешуд. Сад афсӯс, ки онҳо манфиатҳои хешро аз манфиати халқ боло донистанд...

## § 10. Сохтори оли Сомон

Ташкили хуби идоракунии давлат бешак аз рушду камоли он саҳми муносиб мегузорад. Инро хонадони Сомониён нағз медонистанд. Яке аз намояндагони олимақоми ин хонадони бонуфуз — Исмоил инро хуб дарк мекард. Аз ин рӯ, баробари ба сари қудрат омадани хеш масъалаи аз рӯи нақша ташкилу амал намудани давлатро ба миён гузошт. Баъди ғалабаи Исмоил аз болои Саффориён (соли 900) Сомониён ташкили идо-

ракунии бонизомро ба миён гузоштанд. Исмоил шакли беҳтарини идоракунии давлатро дар девонҳо (вазоратҳо) медид. Вай таҷрибаи давлатҳои гузаштаро ба инобат гирифта, бо роҳи девонҳо идора намуданро асоси мешуморид. Онҳо дар замони арзи вуҷуд кардани давлати Сосониён ташкил шуда буданд. Ин усулро арабҳо низ истифода намуданд. Ҳангоми дар хилофат ҳукмрон будани Аббосиён бо кӯмаки тоҷикону эрониҳо онҳо бо роҳи девонҳо идора намудани давлатро таҷриба карданд. Яке аз сабабҳои асосии дар дарбори хилофати араб роҳ ёфтани оли Бармакиён низ дар ҳамин зикр меёбад. Зеро онҳо дар замони ҳукмронии Сосониён вазирони ин давлати муқтадир буда, дар такмили идоракунии мамлакат саҳми муносиби хешро гузошта буданд. Азбаски онҳо мардони заковатманд буданду дар идоракунии мулк таҷрибаи хоса доштанд, бинобар ин арабҳо ба онҳо такя намуда, аз таҷрибаашон баҳраманд шуданд. Аммо Сомониён сохтори арабию сосонии идоракунии давлатро хеле такмил доданд.

Давлати Сомониён аз ҷиҳати сохт феодалӣ буд, ба ду қисм: даргоҳ (дарбори подшоҳӣ) ва девонҳо ( яъне вазоратҳо ё идораҳои ҳарбӣ-гражданӣ) тақсим мешуд. Аммо бояд ҳаминро хотирнишон сохт, ки ҳангоми таъин намудани ин ё он шахс ба вазифаи раиси девон мансабдорони олимартабаи Сомонӣ ба подшоҳ халал мерасониданд. Бештар кӯшиш ба харҷ медоданд, ки тарафдорони наздики хешро сари қудрат оранд.

Исмоил тарҳи усули идоракунии давлатро кашид. Онро ҳаматарафа такмил дод, ки идоракунии даргоҳ ва дарбор осон бошад. Мувофиқи нақша давлат дар як даст бояд муттаҳид мешуд. Он гоҳ идоракунии он аз марказ хеле осон буд. Аммо Исмоил ба мақсад нарасид. Кори саркардаашро писараш Аҳмад бини Исмоил ба сомон нарасонд. Вай ба корҳои дуюмдараҷа машғул шуда, орзуи падарро амалӣ накард. Танҳо баъди сари ӯ дар замони ҳукмронии писараш Насри II бо ташаббуси вазирони оқилу донои Сомонӣ Абуабдуллоҳ Муҳаммад бини Ҷайҳонӣ (914—918) ва Абулфазл Муҳаммад бини Убайдуллоҳи Балъамӣ (918—938) орзуи Исмоил ҷомаи амал пӯшид. Бо ин мақсад ҳанӯз дар солҳои аввали асри X Исмоили Сомонӣ дар Регистони Бухоро ба бино намудани иморатҳои пуршукӯҳ камар баст. Ба гуфтаи Абубакри Наршахӣ кори саркардаи боборо наберааш Насри II (914—943) давом дода, сохтмони иморатҳои Регистонро тезонид. Ҳар як девон ба худ бинои хоса дошт, ки он аз ҳуҷраҳои мухталиф иборат буд. Идораҳои девонҳо дар рӯ ба рӯ биноҳои дарбори подшоҳ қарор доштанд. Ҳамаи биноҳо бо усули ҷӯбкорӣ сохта мешуд. Бинобар ин вақту бевақт бо ҳаргуна баҳона биноҳои девон-

хонахоро оташ мезаланд. Дар замони ҳукмронии Мансур бини Нӯҳ (961—976) меъморон бинои девонҳоро бо тарҳи нав сохтанд, ки онҳо мувофиқи талаботи замон бошанд. Дар ин хусус Абубакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» чунин ёдовар шудааст: «Ва дигар аз дари Регистон то Даштак ба тамом хонаҳои мавзунимунақаши олии сангин ва меҳмонхонаҳои мусаввар ва чаҳорбоғҳои хуш ва сарҳавзҳои некӯ ва дарахтонҳои качам хирагаҳо буда ба навъе ки заррае офтоб аз ҷониби шарқӣ ва ғарбӣ ба нишастгоҳи сарҳавз намеафтода». (с. 26).

Баъди сӯхторҳои калон Регистон хароб шуд. Аз ин рӯ дарбор ба мавзеи Ҷӯи Мӯлиён кӯчид. Бинобар ин қарор доданд, ки биноҳои девонҳо низ дар қаламравӣ он мавзеи зебоманзар бунёд шавад. Ҳамин тавр, Ҷӯи Мӯлиён дар замони Насри хуррам шуда, дар даврони ҳукмронии ворисонаш ба бӯстонсаройӣ табдил ёфт. Ҳамаи маҷлисҳои дарбор ва ҷашнвораҳои шоҳӣ дар он маҳал баргузор мешуданд. Баробари ин амирони Сомонӣ дар он ҷо подшоҳону сафирони мулкҳои дигарро ба ҳузури хеш мехонданд.

Сомониён барои пуриқудрат шудани дарбору дастгоҳи давлатдорӣ аз роҳу усулҳои мухталифи идоракунӣ истифода мебурданд. Сохторҳои давлатдории гузаштаро ҳаматарафа омӯхта, сипас шакли беҳтарини онро дар худ таҷассум менамуданд. Дар ин хусус Абубакри Наршахӣ навиштааст, ки Сомониён усули аз ҳама санҷидашудаи идоракунии давлатро дар девонҳо диданд. Бинобар ин идоракунии мулки хешро аз рӯи девонҳо созмон доданд. Вай қайд менамояд, ки дар замони амирии Насри II бини Аҳмад дар Регистони Бухоро даҳ девон амал мекард. Онҳо чуниянд:

**1. Девони вазир ё Хоҷаи бузург.** — Он калонтарин девон ба шумор мерафт. Тамоми девонҳои дигар тобеи он буда, ҳар сари вақт ба он ҳисобот пешкаш менамуданд. Сардори девон дар дарбор ба мавқеи хоса соҳиб буд. Вай баъди амир шахси дуюм ба шумор мерафт. Ҳангоми ба мамлакатҳои хориҷӣ сафар намудан, ба шикору истироҳат рафтани амир вай вазифаи роҳбари кулли дарборро ба ӯҳда дошт. Баробари ин масъалаҳои гуфтушуниди байни давлатҳои хориҷӣ, сулҳу ҷанг ва ғайраро ин девон ҳал менамуд.

Амир ҳангоми таъин кардани сардорони девонҳои дигар, албатта ,бо хоҷаи бузург маслиҳат намуда, фикру мулоҳизаи вайро ба инобат мегирифт .

Раиси девони номбурда чун шахси боварноки амир доимо дар фармони ӯ буд. Идораи вай ба даргоҳи амир хеле наздик буда, дафтардоронаш тамоми фармонҳои амирро китобат намуда, сипас пешкаши девонҳои дигар мекарданд.

Ҳукми сардори ин девон дар тамоми мулкҳо раво буд. Аз

номи амир фармонҳо бароварда, аз паи иҷрои онҳо мешуд.

Амир дар интихоби сардорони ин девон хеле эҳтиёткорӣ менамуд. Зеро он ҳалкунандаи тақдири давлат буд. Бинобар ин амирони Сомонӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки одамони дасти тозадошта, дилсоф, олиму сиёсатмадорро интихоб намуда, сарпарастии ин девонро ба онҳо вогузор намоянд.

2. **Девони муставфӣ ё хазинадор.** — Он онди воридоту содирот кор мебурд. Муставфӣ — девонсолор баъди ҳоҷиби бузург дар дарбор шахси дуюми обрӯманд ба шумор мерафт. Подшоҳ ба вазифаи муставфӣ одамони ба худ содиқ ва шикастанафасро ба ин мансаб пешбарӣ мекард. Зеро тамоми боигарӣ ва амволи мамлакат дар зери дасти вай нигоҳ дошта мешуд. Бо тавсияи сардори ин девон одамони худотарс, парҳезгар, боинсоф ба вилоятҳо муставфӣ таъин мешуданд.

3. **Девони Расоил ё амид-ул-мулк.** — Девон корҳои муҳими давлатиро иҷро мекард. Сирҳои асосии давлатдориро он дар худ таҷассум намуда, ҳамчун идораи умури сиёсӣ бо кишварҳои хориҷиро бар ӯҳда дошт. Сардори ин девонро низ аз одамони ба амир наздик таъин менамуданд. Ӯ ҳамчун шахси сиёсатпеша доимо дар дарбор буда, гӯш ба фармонҳои амир медод. Дар масъалаҳои мухталифи сиёсию байналмилалӣ амирро мушовир буд.

4. **Девони соҳибушарта ё артиш.** — Девон вазифаи вазири мудофиа (ҷангӣ)-ро адо мекард. Дар замони Сомониён он сипаҳсолор ном дошт. Сомониён ба сипаҳсолор ҳусну таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, ӯро дар мулкҳои Хуросонии хеш нигаҳ медоштанд. Дар замони ворисони Исмоил (Аҳмад, Насри II, Нӯҳ, Абдумалик) вазифаи сипаҳсолориро Алптегин ба дӯш гирифта буд. Сипаҳсолорро худи амир таъин мекард ва ӯ аз болои кори артиш, таъминоти он бо озуқа, сару либос кор мебурд. Сардори девон соле як маротиба сафкашии ҳарбӣ созмон медод. Сафкашии низомиро, ки аз ҳисоби қӯшуни савора, пиёдагард, найзазан ва филҳои ҷангӣ ташкил мешуд, худи подшоҳ қабул мекард. Инчунин девони соҳибушарта вазифаи посбонӣ ва таъмини амнияти мулкро ба ӯҳда дошт.

5. **Девони соҳиб-ул-барид ё алоқа.** — Яке аз муҳимтарини девонҳои давлатӣ ба шумор мерафт. Дар ихтиёри он ҳама воситаҳои ахборӣ буд. Тамоми хабару воқеоте, ки дар қаламрави давлат рух медод, албатта, ин девон ба самъи подшоҳ ва дарбориён мерасонд. Вай хату чеки махфии давлатро мӯҳрнамуда, ба халиф мерасонад. Сардори ин девон ҳуқуқ дошт, ки бо подшоҳ ва халиф озодона гуфтугӯ намуда, кори хешро ҳал кунад. Коркунони девон дар маҳаллҳо аз тарафи марказ таъин ва тасдиқ карда мешуданд. Онҳо ба ҳокимони маҳаллӣ итоат накарда, аз болои онҳо назорати махфӣ мебурданд. Ин девон

дар ихтиёри худ амволи зиёди нақлиётӣ, кабӯтарони хатбар ва чизҳои дигар дошт. Қормандони он танҳо хизмати ҳукуматдоронро ба ҷо меоварданд. Хату номаҳои мардуми оддиро аз маҳал ба маҳал намебурданд. Ба ин нигоҳ накарда обрӯ ва нуфузи кормандони ин дастгоҳ дар шаҳру деҳот баланд буд.

**6. Девони муҳтасиб.** — Муҳтасибон дар даргоҳи Сомониён мақоми махсусро соҳиб буданд. Онҳо тахти сарпарастии сардори девони хеш аз болои кори бозорҳо, фурӯши маҳсулот, тарозудорӣ, сифати моли воридмешудагӣ назорат мебурданд. Баробари ин кӯшиш ба харҷ дода, зидди ҳаннотону ҷаллобон мубориза бурда, дар бозорҳо ва дуконҳо нарху наворо ба танзим меандохтанд.

Баробари ин муҳтасибон аз болои тартиботи шаҳрдорӣ назорат карда, пеши роҳи майнӯшону авбошонро мегирифтанд. Ғайр аз ин ба муқобили дуздию фосиқӣ чораҳои зарурӣ меандешиданд. Дар замони Сомониён намояндагони ин девон ба ҳуқуқҳои васеъ соҳиб буданд: 1. Бар зидди қалобони бозор; 2. Муқобили исрофкорони моли хориҷӣ; 3. Ифроқ ба чорво; 4. Ба зидди вайронкориҳои беасоси хонаҳо; 5. Гирифтани пеши роҳи омӯзгорон аз дуразаниҳои бемаънӣ ба пушти шогирдон; 6. Ба тартиб даровардани кори пизишкон; 7. Аз тарафи қозиҳо дуруст анҷом додани мурофиаҳои судӣ ва ғайра назорат мекарданд.

Муҳтасибон аз ҳисоби зердастони хеш дастаи махсус созмон дода, дар маҳаллҳо мегаштанд. Шахсоне, ки дар вақти ҷиноят аз тарафи онҳо дастгир мешуданд, дар маҷлиси васеи аҳли маҳал муҳокима намуда, ба онҳо ҷазои сазовор медоданд.

**7. Девони мушриф ё ишроф.** — Сардори ин девонро мушриф мегуфтанд. Дар «Таърихи Байҳақӣ» мушриф чун хазинадор ёд карда мешавад. Вай аз болои даромаду баромади хазинаи подшоҳ назорат мебурд. Баробари ин мушриф вазифаи нигоҳ доштани сирру асрори давлатиро иҷро мекард. Бо супориши амир ё подшоҳ аз паси шахсони масъул назорат мебурд.

8. **Девони амлоки хосаи султон ё азиёъ.** — Дар замони ҳукмронии халифони Аббосӣ онро чун девони азиёъ ё идораи амволи халиф меномиданд. Вазифаи ин девон аз ҷамъ намудани амлок ва ҳисобот додани он ба халифа иборат буд. Дар замони оли Сомон низ ин девон вазифаи ҷамъ намудани амлокро аз мулкҳои султонӣ (давлатӣ) адо мекард.

9. **Девони алқазо ё қозӣ.** — Ин девон, ки ба даъвоҳои мардум расидагӣ мекард, тақрибан дар ҳукми вазорати долгустари буд. Раис ё вазири онро дар марказ қозиюлқузот мегуфтанд. Шахсе, ки фиқҳу шаръи исломӣ медонист ба ҳамин мансаб таъин мешуд. Оштӣ додани мухолифин, назорату сарпа-

растии ба шавҳар додани духтарони беволидайн, содир намудани ҳукмҳои доғгустарӣ, назорат аз болои вақфномаҳо, кайфар (ҷазо) додани қарздорон ва ғайра вазифаҳои ин девон ба шумор мерафтанд. Дар мартабаи болотарини девони мазолим (козӣ) дарбор ё даргоҳи султон буда, ки аз қадим вуҷуд дошт. Низомулмулк дар «Сиёсатнома» ёдовар шудааст, ки подшоҳон бояд ҳафтае ду маротиба дар курсии сардори ин девон нишинанд.

10. **Девони авқоф ё вақф.** — Он масъули назорат бар масоҷид ва арозиву амокини (замину макон) вақфӣ ва кори мутаваллиён буд. Сиёсати ҳукумати марказӣ ба он нигаронида шуда буд, ки соҳибони вақфро дар хидмати хеш нигаҳ доранд.

Бо девонҳо идора намудани мамлакат кори давлатдоронро як дараҷа ба тартиб медаровард. Зеро сардорони девонҳо вазифаи дар наздашон будаpo бе таъхир иҷро менамуданд. Ба ғайр аз девони алоқа, девонҳои дигар ҳам ба ҳокимони маҳалҳо ва ҳам ба ҳукумати марказӣ итоат мекарданд.

Сардорони вилоятҳо аз хонадони подшоҳ, хешовандони ӯ, аҳли дарбор ва феодалони обрӯманд таъин мегардиданд. Вале кори аз ҳама душвор дар идоракунии девонҳо дар он зикр меёфт, ки мансабталабию мансабхоҳии феодалон хеле тезутунд мешуд. Мувофиқи карори амир мебоист, ки сардорони девонҳоро бо маслиҳати ҳоҷаи бузург ба подшоҳ тавсия мешуданд. Аммо ҳолатҳое рух медоданд, ки бе рухсати ҳоҷиби бузург номзадии ин ё он сардори девон ба подшоҳ пешкаш мегашт. Бештар вақт вазифаи сардори девон меросӣ гуфта, шахсони ноӯҳдабаро ба курсӣ менишастанд.

Одамони донишманду бофазилат ба мансаби девонбошӣ тавсия намешуданд. Аксаран шахсони сармоядор, рӯҳонӣ, тоҷир талоши мансаб мекарданд. Аммо дар ҳаёти давлати Сомониён мулкҳое низ буданд, ки онҳо ба таври рӯякӣ ба ҳукумати марказӣ итоат намуда, дар асл худашонро мустақил мехисобиданд. Масалан, тамоми қаламрави Хуросон бевосита ба сипаҳсолор итоат менамуд. Вай аз Нишопур истода, ба амир ҳисобот медод.

Яке аз вазифаҳои асосии намояндагони давлатӣ дар деҳот иборат аз он буд, ки бештар хироҷ ҷамъ карда, хазинаи давлатиро пурра намоянд.

Сомониён барои нигоҳ доштани иқтидори давлатдории хеш ба саркардагони дастаҳои мусаллаҳи туркон такя намуда, бароmадҳои халқӣ ва вайронкориҳои аҷнабиёнро фурӯ менишонданд. Аммо ин таҷрибаҳои онҳо натиҷаи хуб набахшид. Саркардагони гвардияи туркӣ аз норозигии феодалону муборизаи дохилии синфӣ истифода бурда, бар зидди ҳукумати марказӣ

чангида. ба он муяссар мешуданд, ки дар мулкҳои алоҳида мустақил шаванд.

Дар болои идораҳои маҳаллӣ ҳоким ё худ кадхудо меистод. Вазифаи сипаҳсолорӣ ҳам мавҷуд буд. Шаҳрҳоро раисҳо идора мекарданд, ки онҳо аз ҳисоби шаҳриёни бой ва рӯҳониён таъин карда мешуданд. Ба рӯҳониён устод, шайх-ул-ислом ва хатиб таъсири калон доштанд.

Дар роҳи устувор нигоҳ доштани давлату дарбори Сомонӣ мансабу вазифаҳои дуюмдараҷа низ ҳисса мегузоштанд.

**Вакил** — дар нигоҳ доштани номаҳо ва ба тартиб овардани онҳо хизмате ба харҷ медод. Вай ҳамаи номаҳои ба унвони дарбор ворид гаштаро таҳлил намуда, мухтассариёти онро ба саъми амирон мерасонд.

**Нақиб** — аз наздикони подшоҳ таъин мегардид. Вай ҳуҷҷатҳоро ба маҷлиси дарбор омода сохта, дар ташкили он ҳисса мегузошт. Инчунин нақиб аз болои хизматгорони дарбор ва пайкорҳо назорат мебурд.

**Расулдор** — шахсеро меноманд, ки масъули қабул ва гусели сафирон буд.

**Авон** — посбон ва маъмури иҷрои девонҳоро ба ӯҳда дошт.

**Остонадор** — бузургтарин шахси масъул буд, ки аз тарафи халиф ё амир таъин мешуд. Вай маъмури баркарории амният, оромӣ ва вусули молиёт аз мардум буд. Ӯ аз наздикони амир ё хешони вай таъин мешуд. Вазифаҳояш: 1. Нигаҳдории тартибот; 2. Ҷамъоварии молиёт ва закот; 3. Таблиғи мазҳабӣ ва давлатӣ; 4. Иҷрои аҳкоми шариат; 5. Имомати мусулмин; 6. Роҳбаладии корвони ҳаҷ ва ғайра.

**Девонбон** — таъминкунандаи амнияту посбонии биноҳои идораи девонҳо.

**Хонсолор** — сардори дастгоҳи хизмат оид ба таъмини ғизо барои дарбориёну меҳмонон.

**Ҳоҷиб** — омодасозандаи дафтари қабул ва муайянкунандаи вақту соатҳои мулоқот.

**Надим** — шахси наздиктарини подшоҳ ба шумор мерафт, ки дар вақтҳои дамгирии амирон ба онҳо хизмат мерасонд ва бебокона сухан мекард.

Арбобони замони Сомониён ҷумлагӣ аз ҳисоби намояндагони синфи ҳукмрон таъин мешуданд ва онҳо ҳатман бояд маълумотнок буда забони тоҷикию арабиро нағз донанд.

Аммо мо бо ин гуфтанӣ нестем, ки замони ҳукмронии сулолаи сомониҳо давраи гул-гулшукуфии давлат ва ҳаёти хуши халқи меҳнаткаш бошад. Ҳаргиз ин тавр не. Дар дохили давлат норасогиҳо хеле зиёд буданд. Ин камбудиҳоро ашрофону феодалони амалталаб ба миён меоварданд. Онҳо баҳри мансаб

шуда ҷангу чанчолхои нораворо созмон медоданд. Ҳамаи онҳо сабабгори аз по афтодани давлати овозадори Сомонӣ гаштан".

## § 11. Созмони лашкар

Таърихи таъсиси лашкар ба пайдоиши аввали давлатҳо зич алоқаманд аст. Зеро лашкар бе давлату ҳокимият вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин рӯ, давлатҳои аввалини барои таъмини амнияти шаҳрвандон ва посбонии марзҳояшон ҷузъу томҳои мухталифи лашкар созмон медоданд.

Ташкилёбии лашкар таърихи хеле куҳан дорад. Сарчашмаҳо низ инро тасдиқ мекунанд. Пеш аз ҳама, дар бораи лашкари тавонои **давлатҳои Суғду Бохтар, Хоразму** Ашкониён ва баъдтар давлати Ҳахоманишиҳо низ ахбор додаанд. Бештар навиштаҷотҳои қадима ва адабиёти навини Эрон оиди лашкари қавии Куруши Кабир ва Дорои I маълумотҳо медиҳанд.

Лашкари бонитизоми Искандари Мақдунӣ низ дар асоси урдуи халқҳои номбурда созмон дидааст. Вай тавонист, ки аз таҷрибаи мамлакатҳои мухталиф истифода намуда, ӯрдуи бонитизоми хешро созмон дода, дар рафти муборизаҳо ба комёбиҳо ноил гардад. Дар бораи лашкари вай, усули муборизааш маълумотҳо хеле зиёданд. Аз ҷумла, академик Б. Ғафуров низ ба ин масъала машғул шуда буд. Вай дар асари охиринаш «Искандари Мақдунӣ ва Шарқ», ки ҳамроҳи Д. И. Цибукидис ба табъ расонида буд, оиди ташкили лашкару усули ҷангкунии он маълумотҳои муфид додааст. Муаллифон дар асоси маъхазҳо тавонистанд, ки усули ба қисмҳо тақсим шудани артиши юнону македониро нишон диҳанд.

Ташкили артиши юнону мақдунӣ, ки нисбати лашкари давлатҳои қадимтарин ташаккулёфта буд, барои мамлакатҳои навтаъсис дарси ибрат гардид. Давлатҳои нав, аз ҷумла Кӯшониён, Ҳайтолиён Хионитҳо, Кидориҳо ва ғайра асоси ташкили артиши юнону македониро қабул намуданд. Артиши кӯшониён дар замони кишваркушоиҳои Канишкаи I хеле овозадор гашт. Вай тавонист, ки бо қувваи лашкар империяи хешро устувор гардонад. Дар ҳайати лашкари кӯшонӣ суғдиҳо, хоразмиҳо, бохтариҳо, парфиянҳо, сакоиҳо, форсҳо ва ғайра муттаҳид буданд.

Ҷангиёни ҳайтолиён ҷавонони далеру ҷасур буданд. Онҳо барои ба мақсад расидан худро ба ҳарбу зарб хуб обутоб медоданд. Машқҳои мухталиф менамуданд. Ҳатто доир ба ғаввосӣ низ амалиёт мегузарониданд. Онҳо метавонистанд, ки муддати тӯлонӣ дар зери об истода, душманро интизор ша-

ванд. Тартиби лашкарсозмондиҳии онҳо барои давлатҳои минбаъда дарси ибрат гашт.

Арабҳо аз таҷрибаи давлатҳои қадимаи Осиёи Миёна истифода бурданд. Онҳо бештар лашкариёни худро аз ҳисоби ҷавонони ҷусту ҷолоки асиргирифтаашон ташкил медоданд. Асиронро муддати тӯлонӣ тарбия ва машқ дода, сипас ба ҷанг сафарбар менамуданд.

Давлатҳои дар рафти муборизаи арабҳо созмонёфта, аз таҷрибаи пешгузаштагон истифода бурданд. Зеро машқҳои ҳарбии суғдиён, бохтариён, сакоиён, парфиён, хоразмиён, ҳахоманишиҳо ва ғайра барои мустамликадорони араб дарси ибрат гашта буд. Онҳо таҷрибаи ҷангии халқҳои номбурда ва юнону македониҳоро такмил дода, лашкари хеле бонуфузу бонизоми худро ба ҳарбу зарбҳо омода сохтанд. Пас таҷрибаи онҳоро давлатҳои миллии баъдиарабӣ истифода намуданд.

Дар замони сулолаҳои Сомониён, Тоҳириён ва Сафориён артиши давлат аз ҳисоби дастаҳои зархариди кӯчманчиён ва ё ғуломон ташкил мешуданд. Онҳо ба таҷрибаи пешгузаштагони хеш такя намуда, артиши миллиро созмон медоданд.

Тоҳириён бошанд, артиши миллии хешро аз рӯи тарҳи арабӣ сохтанд. Аммо баръакси онҳо, саффориён урдуи миллии худро ба таври нав ба ҳарбу зарб омода намуданд.. Мо дар боло бо баъзе аз лаҳзаҳои кори Яъқуби Саффорӣ бо лашкар шинос гаштем. Вай марди қавирода ва дар интихоби лашкар ҷиддӣ буд. Пеш аз ҳама, ба саломатии ҷисмонии ҳар як сарбоз диққат медод. Баъди имтиҳони ҷиддии вай сарбоз ҳуқуқ пайдо менамуд, ки ба сафи лашкар омада, соҳиби сару либос, яроқ ва маош гардад.

Сомониён ҳанӯз дар ибтидои ба сари қудрат омадани худ ба созмони артиши миллӣ камар бастанд. Артиши Сомониён даставвал дар Самарқанд, Чочу Истаравшан, Ҳироту Фарғона ташкил ёфт. Зеро ҳокимони ин мулкҳо, аз қабили Нӯҳ (Самарқанд), Аҳмад (Фарғона), Яҳё (Чочу Истаравшан), Илёс (Ҳирот) барои таъмини амнияти хеш артиши худро ташкил дода буданд, ки он дар охир асоси урдуи миллии Сомониён гашт.

Ба хизмати лашкар гирифтани ғуломони турк ҳанӯз дар замони халиф Мӯътасим (833—842) оғоз ёфта буд. Баъдтар онро Сомониёну Тоҳириёну Саффориён низ идома доданд. Сомониён асосан ғуломонро аз даштҳои соҳили руди Сир мехариданд. Баъди тарбияи муайян ба онҳо боварӣ ҳосил намуда, дар ҷангҳои зидди душманони хонадонашон истифода мебурданд. Дар аҳди Исмоил бини Аҳмад (892—907) сипаҳсо-

лори кӯшуни вай як ғулом буд. Умарои Сомониро матлаб ин буд, ки ба воситаи он ғуломон дар ҷангҳо зафар ёбанд.

Аҳамияти урдуи ғуломон дар он зикр меёфт, ки онҳо мардумонии бекас буданд ва дар муҳит хешу ақрабо надоштанд. Аз ин рӯ дар рафти мубориза ҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ба хӯҷаинони хеш содиқона хизмат кунанд. Худро побанди амир медонистанд ва бо бовафоӣ фарқ мекарданд.

Пажӯҳиши доманадори таърихи оли Сомон собит менамояд, ки то кунун тамоми паҳлӯҳои давлатдории ин хонадон, аз ҷумла созмони артиши миллии он пурра омӯхта нашудааст. Танҳо дар сарчашмаҳои номбаршуда ва эҷодиёти олимони навин баъзе аз лаҳзаҳои созмонёбии артиш ва нигоҳ доштани он ёдовар мешавад. Аз ҷумла дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк таърихи ташаккули артиши Сомонӣ ёд шудааст. Муаллиф доир ба ташкили урдуи Сомонӣ ҳарф зада, қайд менамояд, ки чанини асосии онро ғуломон ташкил медоданд.

Сомониён аз арабҳо ибрат гирифта, барои созмони артиш аз ҳисоби ғуломон кӯшишҳо ба харҷ медоданд. Давлатдорон ҷавонони 14—16 солаи солимро харида, онҳоро аз дараҷаи тарбияи махсус мегузарониданд. Чӣ хеле ки Низомулмулк мегӯяд, ғуломон дар муддати 30—35 сол зинаҳои муайяни тарбияро тай намуда, ба боварии кулли Сомониён даромада, сипас соҳиби мулку мансабҳои калони давлатию ҳарбӣ мешуданд. «Ҳанӯз дар рӯзгори Сомониён — нақл намудааст ӯ, — он тартиб бар ҷой буд, ки ба тадриҷ бар андозаи хидмату ҳунар ва шоистагӣ ғуломонро дараҷа меафзуданд» (с. 84).

Сомониён ғуломонро муддати тӯлонӣ тарбия ва машқ медоданд. Ғуломбачагон дар назди ғуломони «соҳибтаҷриба» тарбия гирифта, аз тамоми сиру асрори дарбор ва лашкари миллӣ бохабар мегаштанд. Ғуломбача дар соли аввал танҳо дар саисхона кор мекард. Вай аспҳоро нигоҳубин намуда, таги пои онҳо тоза менамуд, об медод, ба ҷаро мебурд. Ӯ ҳуқуқ надошт, ки дар соли аввали хидмат ошкоро ва пинҳонӣ ба асп савор шавад. Агар қондаро вайрон кунад, ӯро сахт гӯшмол дода, мӯҳлати болоравнашро дароз мекарданд. Агар такроран мешуд, умрбод ғулом мемонд. Аз ин рӯ «устодон» аз рӯзҳои нахустини ба даргоҳи шоҳӣ пой монданн ғуломон онҳоро таъкид менамуданд, ки қондаҳои дохилиро вайрон накунанд.

Баъди он ки ғуломон қондаҳоро пурра риоя мекарданд, дар соли дуюми хидмат вусоқбошӣ (яъне соҳибхона) шуда, ба онҳо сару либос, пойафзол дода, аспи лоғарро вобаста менамуданд. Он гоҳ ғулом ҳуқуқ пайдо мекунад, ки дар соли дуюми хизматаш ба асп савор шавад. Он низ ба худ қондаҳои махсус дошт. Ғулом — сарбози ояида аспрозӣ, чаҳидан, аз

болои асп истода шамшер задану найза партофтан, дар вақти барфу борон амалиёти ҳарбӣ намуданро меомӯхт. Сипас барои ба зинаи сеюм баромадан аз санҷиши махсус мегузашт. Агар аз имтиҳон гузаранд, он гоҳ ба унвони «қароҷӯрӣ» соҳиб мешаванд. Сонӣ вай ҳуқуқ пайдо мекунад ,ки тиру камон ва шамшер дошта бошад. Баробари баланд шудани мартабаи ғулом зину афзоли аспаш низ тағйир меёфт. Он гоҳ вай имконият пайдо мекунад, ки зини аспашро бо рӯйкаши гулдор оро диҳад. Дар соли панҷум ӯ ҳуқуқ дошт, ки дар қоши зин гурз овезад. Соли шашуми хизмат мартабааш боло меравад ва имконият пайдо мекунад, ки дар соли ҳафтум меҳнати ӯ аз тарафи лашкарбошӣ тақдир карда шавад. Ба вай барои хизматҳои содиқонааш ҷомаи нав мепӯшонанд. Сипас ба ӯ рухсат дода мешавад, ки соҳиби лашкар бошад ва барои таъмини амнияташ се нафар ғуломи навхаридро вобаста мекунанд. Баъд ба ӯ лақаби «вусоқбошӣ» дода, ба сараш кулоҳи намадини бо сим оро дода шуда пӯшонида, ба вай ҳуқуқи сардори даста шуданро медиҳанд. Сипас ӯ марди комилҳуқуқ мегардад. Дар мӯҳлати муайян ба вай ҷомаҳои нав ба нав мебурданд. Ҳамин тавр ғуломон сӣ-сиюпанҷ сол хизмат намуда, баъди соҳиби обрӯю иззату икром мегаштанд. Яке аз онҳо Алптегин буд, ки аз ғуломи оддии оли Сомон, то ба дараҷаи сипаҳсолори ин хонадон расида, соҳиби мулк ва обрӯи баланд гашт..

«..Алптегин, ки банда ва парвардаи Сомониён буд, — навиштааст Низомулмулк, — ба сию панҷ сол сипаҳсолории Хуросон ёфт. Боаҳду вафо буд ва мардона ва бораъйу тадбир ва мардумдору хайлдӯст (лашкардӯст — А. М.) ва ҷавонмарду фаррохнону намак ва худойтарс буд ва ҳама сирати Сомониён доштӣ ва Хуросону Ироқ солҳо ӯ доштӣ. Ҳазору ҳафтсад ғуломи бандаи турк дошт». (с. 84—85).

Дар замони Исмоил ва ворисони вай асоси артиши давлатиро ғуломон ташкил медоданд. Афсари олирутбаи қӯшуни ғуломон дар даврaи Сомониён «солори ғуломон» номида мешуд. Роҳбари солор аз сипаҳсолори умумӣ як дараҷа поён меистод. Баъдтар онҳоро «солори ғуломони саройӣ» низ меномиданд. Аммо ҳарду солор дар як маънӣ буданд.

Исмоил, Аҳмад, Насри II, Нӯҳ ва ворисони онҳо гвардияи шахсии хешро доштанд, ки он амнияти амирро таъмин мекард. Онро гарди амирӣ, султонӣ ё худ ғуломони саройи султонӣ меномиданд. Дар сарчашмаю маъхазҳо оиди миқдори онҳо маълумотҳо хеле кам дарҷ шуданд..

Мувофиқи ҳидояти сарчашмаҳо ва гуфтаҳои Низомулмулк асоси лашкари давлати Сомониёнро ғуломон ташкил медоданд. Онҳо баробари аз бозорҳо харидани ғуломон, инчунин

асирони дар рафти ҷангҳо ғуломшударо низ тарбия намуда, ҷавонони солиму шуҷоъашро ба сафи лашкари хеш дохил менамуданд.

Дар сарчашмаҳо оиди рутбаҳои ҳарбии Сомониёну давлатҳои баъди онҳо ақидаи ягона нест. Масалан, истилоҳи «хилтош»-ро рутбаи ҳарбӣ маънидод карда, қайд менамоянд, ки дар ихтиёри вай даҳ нафар сарбоз (ғулом) қарор доштааст. Пайваста бо ин аз ҳисоби ғуломони сарой «силоҳдорон», «чатрдорон» ва «аламбардорон» (байрақбардорон) низ буданд.

Сарчашмаҳо дар атрофи ташаккули нажодии лашкари Сомониён баҳс мекунанд. Худ аз худ маълум мешавад, ки урдуи давлати Сомонӣ гуногуннажод мебошад. Дар артиш баробари тоҷикон, туркҳо, инчунин арабҳо, форсҳо, русҳо, курдҳо, ҳиндуён ва намояндагони дигари халқиятҳо хизмат менамуданд. Қисми савори лашкарро тоҷикон, дайламиён, курдҳо, арабҳо ташкил медоданд. Ҳиндуҳо ромкунанда ва саворани филҳои ҷангӣ буданд.

Сомониён дар рафти кишваркушоиҳои хеш баробари асирону ғанимат, инчунин бонгарии зиёдро зердаст мекарданд. Аз Фарғона, Тахористон, Чағониён, Хатлон, Туркистон бештар аспҳоро мегирифтанд. Зеро дар вақти муҳорибаҳо аз ҳисоби аспҳои болпо лашкари саворан хешро созмон медоданд. Дар ин сурат аввал филҳои ҷангӣ роҳкушо мешуданд. Подаи филҳо пеш мерафт. Сипас дар аспҳо найзазанони савора ҳаракат менамуданд. Аз паси онҳо артиши пиёдаи тирандозу шамшерзан созмон меёфтанд.

Дар рафти ҷанг, шутурҳоро чун нақлиёти боркаш истифода мебурданд. Сомониён подаи калони шутурҳоро низ мепарвариданд. Онҳоро ҳамчун воситаи боркашонӣ истифода мебурданд. Шутурҳоро бештар аз Туркманистону Чӯли қазоқ мехариданд.

Сипаҳсолорони Сомонӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки лашкари бонизоми ҷангӣ созмон диҳанд. Бинобар ин саъй менамуданд, ки аз таҷрибаи пешгузаштагони хеш бохабар шаванд. Ба ҳар як сарлашкару афсар усулу таҷрибаи ҷангии давлатҳои гузаштаро меомӯзониданд. Бештар ба машқу санҷишҳои лашкари пиёдагарди даргоҳӣ аҳамият медоданд. Артиши пиёданизомро дар ҷангҳои дурдаст ба шутуру филҳо савор карда мебурданд. То ин ки ҷангиён хаста нашаванд. Зеро баъди пиёда гаштан метавонистанд, ки дар ҷангҳои тан ба тан аз болои душман зуд ғолиб оянд. Ин усул ба ҷангиёни Сомонӣ имконият медод, ки душманро ба осонӣ маҳв намоянд.

Сомониён, инчунин аз ҳисоби ғозиён низ артиш доштанд. Онҳо дар адои хизмати ҳарбӣ роли бузург мебозиданд. Дар

лашкаркашиҳо фаъолона иштирок менамуданд. Номи ғозиён дар девони «соҳибушарта» (артиш) монанди сипоҳиёни доимӣ, ки маошхӯр буданд, сабт нашуда ба таври алоҳида ба онҳо барои рӯзгузаронӣ маблағ ҷудо карда мешуд. Он ба таври иловагӣ ба рӯйхати девони «Муставфӣ ё хазинадор» дохил буд. Аммо дар ҳуҷҷатҳои асосии хазина номи ин солор ба қайд гирифта намешуд. Зеро онҳоро чун урдуи доимӣ ба хизмат даъват намекарданд. Танҳо дар вактҳои зарурӣ (ҳангоми ҳуҷумҳои ногаҳонии душман, гузаронидани машқҳои тӯлонӣ ва ғайра) онҳоро даъват менамуданд. Бинобар ин маоши «солори ғозиён» ба номгӯи пулҳои захиравӣ дохил мешуд.

Сомониён барои дилгарм шудани лашкар тадбир меандешиданд. Ин буд, ки ба сипоҳиён се моҳ пеш маош медоданд. Он ҳавасмандии ҷангиёнро боло мебурд. Аз ин рӯ касе аз хизмат рӯ наметофт. Бо дасту дили гарм омодаи хизмат мешуд. Ҳангоми ҳукмронии Мансур (961—976), Нӯҳи II (976—997), Мансури II (997—999) онҳо чун «солори ғозиён» вуҷуд доштанд. Мунтасир бошад дар вақти ҷангҳояш баҳри аз нав эҳё намудани давлатдории Сомониён (999—1005) ба қувваи «солори ғозиён» такя намуда буд. Аммо «солори ғозиён», ки аз халқҳои бегона созмон ёфта буд, ба ҳуқанноии хеш хиёнат намуданд. Чӣ хеле, ки дар боби «Талошҳои Мунтасир баҳри аз нав эҳё намудани оли Сомон» ёдовар шуда будем, набудани лашкари миллӣ давлати аввалини тоҷиконро аз по афтонд.

Амирони Сомонӣ шахсан аз болои лашкар назорат мебурданд. Рӯйхати умумии лашкарро сардори девони «соҳибушарта» дар ду нусха тартиб дода, онро пешкаши амир менамуд. Баъди аз тарафи амир маъқул шудани рӯйхат онро маҷлиси дарбор тасдиқ менамуд. Он гоҳ як нусхаи рӯйхати лашкар дар девони «соҳибушарта» монда, нусхаи дуюмашро ба девони «муставфӣ ё хазинадор» мефиристоданд. Онро дар замони Сомониён «ал-ҷаридату савдоъ» меномиданд. Ҳуҷҷатгузори дарборро «нақиб» меномиданд.

Ӯ тамоми рӯйхатҳои мухталифи аз назорати амир ва тасдиқи маҷлиси дарбор мегузаштагонро тайёр намуда, махфӣ нигоҳ медошт. Назорат, аз болои «нақиб» низ пурзӯр буд. Аз ин рӯ вай кӯшиш ба харҷ медод, ки душманон аз сирри дохили дарбор ва миқдори лашкар бохабар набошанд.

Сипаҳсолор ҳуқуқҳои васеъ дошт. Зеро ӯ ба омодагии лашкар ба ҳарбу зарб, таъминоти он, интихоби сарбозону ҷангиён, сарлашкарону нақлиёт ҷавоб медод. Вай барои дар сафар бо хӯрокаву маош таъмин намудани урду низ ҷавобгӯ буд.

Сипаҳсолор дар назди давлат шахси масъул буд. Бо рухсати амиру маҷлиси дарбор ӯ бе мамоният аз хазинаи маҳал

маблағ мегирифт. Ҳангоми ҳисобот маблағи аз маҳалҳо гирифташонро дарҷ менамуд. Он гоҳ бо фармони амир он маблағ пардохта мешуд.

Бештар вақт худи амирони Сомонӣ дар ҳарбу зарбҳо ширкат меварзиданд. Дар замони ҳокими Самарқанду кулли оли Сомон будани Нӯҳ бини Асад (818—842) вай худаш вазифаи сарлашкариро адо мекард. Рафтори вай ба додарзодагонаш Абӯнасру Исмоил бини Аҳмад дарси ибрат гаштанд. Аз давраи ҳукмронии Аҳмад бини Исмоил (907—914) сар карда, дар дарбори оли Сомон мавқеи сипаҳсолор боло рафт. Чӣ хеле, ки ёд кардем, ин вазифаро одамони зиёде ишғол намуда буданд. Аммо машҳуртарини онҳо Алптегин ба шумор мерафт.

Алптегин аз таҷрибаи лашкаркашиҳои қадима хуб бохабар буд. Аз ин рӯ кӯшиш ба харҷ медод, ки барои бобарор гузаштани зуду хӯрдҳо тадбирҳои муфид андешад. Бинобар ин дар ҳайати лашкар дастаи махсуси муҳандисони кӯпрӯксоз, кӯҳнавард, роҳсозу обдонҳоро ташкил намуда, дар вақтҳои душворӣ аз қувваи онҳо истифода мебурд. Онҳо роҳҳои осонгузарро барои ҷангиён кашф намуда, қисмҳои вайронаи роҳу ҷару ҷӯйро бо кӯпрук мустаҳкам менамуданд.

### § 12. Сабабҳои шикасту фурӯрезии оли Сомон

Сомониён дар арзи бештар аз 50 соли мубориза (817—874) тавонистанд, ки мустақилияти пурраи хешро аз мустамликадорони араб таъмин карда, империяи тавоно созмон диҳанд. Ин давлат дар замони Исмоил (892—907) ва Насри II (914—943) хеле боло рафта, аз ҷиҳати иқтисодию маданӣ мустаҳкам гашта, дар ҷаҳон овозадор шуд. Сомониён тавонистанд, ки як муддат ба муборизаҳои дохилӣ ва хориҷӣ хотима зада, барои тараққиёти хоҷагии кишлоқ, саноати кӯҳӣ, ҳунармандию шаҳрсозӣ, маданият ва ғайра шароит фароҳам оранд. Баробари ин дар асри X давлати Сомонӣ бо Машриқу Мағриб муносибатҳои савдоӣ пайдо намуда, пояи иқтисодии ҳокимияти хешро устувор сохт.

Вале ҳамаи ин пешравиҳо танҳо дар замони Исмоил ба вуқӯъ пайваст. Дар давраи ворисонаш бошад низоъҳои халқӣ боло гирифта, норозигии омма рӯз то рӯз ҷашмрас мешуд. Зеро амалдорони Сомонӣ мансабталабӣ намуда, байни худ ҷангу ҷидол мекарданд ва ба аҳволи халқ парво надоштанд. Мулкҳое, ки ба ном дар ҳайати давлати Сомонӣ буданд, худро холис меҳисобиданд. Ҳатто ба номи худ тангаҳои мисин сикка мезаданд. Ҳамин тавр, мулк аз мулки дигар панд гирифта, барои мустақилият мубориза мекард.

Баробари сарнафуровардани ашрофони алоҳида, инчунин

муборизаи байни хонадони худи Сомонӣ тезу тунд мешуд. Чӣ хеле, ки дар боло ёдовар шуда будем, баъли сари Аҳмад бини Исмоил (914) додари вай Исҳоқ аз ҷавонии бародарзодааш Насри II истифода карда, дар солҳои 914—915 дар Самарқанд исён бардошта, пояи давлатро суст намуда, душманони дудмони худро зиёд кард. Аз Исҳоқ писараш Мансур ва наздикаш Илёс илҳом гирифта, дар Нишопуру Фарғона (922) ба муқобили ҳукумати Насри II сар бардоштанд. Баробари ин саркардаи ҳарбии Сомониён Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ (918), ки ба қарматия майли сахт дошт, бар зидди Сомониён хуруҷ кард.

Замони Насри II-ро ҳарчанд ки болоравии ҳаёт меномем, аммо мардум кашшоқ шуда буд. Лашкару халқ бо маводи хӯрданию пӯшиданӣ таъмин набуданд. Аммо Сомониён дар роҳи ташкили лашкари боинтизом ба бемуваффақиятӣ дучор шуданд. Лашкари Сомониён, аз гвардия ва қисмҳои ихтиёрии муваққатӣ иборат буд. Сабаб дар он ки Сомониён ба зӯрӣ ва тавоноии амирони хеш бовар карда, лашкари миллии тоҷикиро созмон надоданд. Агар баробари созмон додани идораҳои давлатӣ ба ташкили урдуи миллӣ камар мебастанд, он гоҳ мумкин буд, ки давлати бузурги Сомонӣ ба зудӣ аз по намеафтод. Онҳо соҳибқудрат шуда метавонистанд, ки аз лашкари зархарид даст кашида, ӯрдуи миллии хешро созанд.

Гвардияро асосан ғуломон — туркҷавононе ташкил медоданд, ки бодиянишинон онҳоро ба Сомониён мефурӯхтанд. Баробари ин дар рафти ҷангҳои зидди бодиянишинон бештар ҷавонони асир ба ғуломӣ табдил меёфтанд. Дар давлати Сомониён тарбияи махсуси ғуломони гвардия ҷой дошт. Ғуломоне, ки хизмати хуб мекарданд ва ӯҳдабаро буданд, дар гвардия ҳаргуна вазифаҳоро соҳиб мешуданд. Онҳо ба ғуломон бовар карда, аскар ва мулкҳои беҳтарини худро пешкаш менамуданд. Дар охир ғуломони турк мустақил гашта, сабабгори асосии барҳам хӯрдани давлати Сомониён шуданд. Масалан, яке аз онҳо Алптегин баъди 35 соли хизматаш сипаҳсолори Хуросон таъин шуд, ки дар ихтиёраш 1700 ҷанговар дошт. Ғуломи дигари Сомониён Сабуктегин мавқеашро пурзӯр карда, асоси давлати Ғазнавиёнро гузошт.

Дар аҳди Насри II бисёр душвориҳои молӣ-пулӣ сар заданд. Барои ҳамин Насри II аз ҳаққи муқаррарӣ дида, аз аҳолӣ бештар андоз мегирифт. Гвардия, ки дар вақташ ҳаққи хизматашро гирифта натавонист, ба ҷунбиш даромад. Оқибат дар натиҷаи майл кардан ба ҳаракати қарматиён ва сӯиқасди рӯҳониёни мутаассиб Насри II ба фоидаи писараш Нӯҳ бини Наср (943—954) аз тахт даст кашид.

Аммо давраи ба сари ҳокимият омадани Нӯҳ бини Насри II, ки мо ӯро чун мубориз ва давомдиҳандаи кори бобокалону падараш тасвир намудем, замони ноороми ва оғози муборизаҳои рӯйрости дарборию душманони хориҷии Сомониён гашт. Аз солҳои аввали ба сари қудрат омадани вай зиддияти дохили дарборӣ ва рӯ ба нарокандагӣ ниҳодани оли Сомонро хотима набахшид. «Давраи ҳукмронии Нӯҳ бини Наср (943—954) аломатҳои таназули давлати Сомонӣ ба таври равшан падидор мешаванд, — менависад Б. Ғафуров. — Давлат дар солҳои аввали ҳукмронии Нӯҳ ба душвории сахти молиявӣ рӯ оварда буд»[1] Ин душворӣ ҳоло дар солҳои охири ҳукмронии падараш Насри II низ сар зада буд. Азбаски хазина фано шуда буд, биноан соли 942 барои пурра намудани он ду маротиба аз мардум хироҷ ҷамъ карданд. Аммо ҳамаи ин тадбирҳо суд набахшиданд. Мамлакат рӯ ба харобӣ ниҳод. Шоҳон бо дар назардошти хоҳиши мардум мулкро идора карда натавонистанд. Дар ҳамин шароити душвор боз парешонии оли Сомон боло гирифт. Амаки Нӯҳ — Иброҳим бини Аҳмад даст ба домани душмани ғаддори Сомониён Абӯалии Чағонӣ зада, моҳи январи соли 947 соҳиби мулк шуд.

Сомониҳо ба душвории калони иқтисодӣ дучор гаштанд. Аз миёнаи солҳои ҳукмронии Нӯҳ сар карда, муборизаи амалдорони маҳаллӣ, алалхусус туркҳо, барои ба даст овардани мулкҳои алоҳида сар шуд. Хусусан ин аҳвол дар мулкҳои Хуросонии Сомониён ғайримуқаррарӣ буд. Дар мулкҳои Хуросонии Сомонӣ ва қисми Хафрудию Туркистонии он бештар аз 80 сол мубориза давом дошт. Ҳамаи ин кашмакашиҳо сабаби суст гаштани империяи бузурги феодалӣ шуданд.

Таҳлили фаъолияти бештар аз 180 солаи империяи Сомонӣ нишон медиҳад, ки дар сафи лашкар ягонагӣ набуд. Сабаб дар он аст, ки девони «Соҳибушарта» ба масъалаи аз ҳисоби тоҷикон тайёр намудани сарлашкарони бонстеъдод аҳамият надод. Лашкар, ки ҳалкунандаи тақдири давлат аст, сардар дасти аҷнабиён буд. Аз ин рӯ дар вақти танг омадаи сардар лашкарони кироя ба давлат хиёнат карданд. Онҳо ба ҷои дар атрофи ҳукумат муттаҳид шуда, бар зидди душман мубориза бурдан, роҳи ташкили мулкҳои хосаро пеш гирифтанд. Инчунин муборизаи Абӯиброҳим Исмоил — Мунтасир нишон дод, ки туркони қароҳонӣ, ғазнавӣ, хоразмӣ, салҷӯқӣ ва ғайра барои нест кардани давлати Сомониён иттифоқи мустаҳкам баста буданд. Зеро онҳо дар ҷангҳо бо Мунтасир ба ҷои дастгирӣ намудани собиқ сарпарасти худ, зидди вай баромаданд.

Сарлашкароне, ки Сомониён доштанд, чун гург зидди

---

[1] Б. Ғафуров. Тоҷикон, ч. 1, с. 459.

гӯсфанд ашк тез мекарданд. Онҳо интизори болоравии мунокишаҳои дохилӣ ва паст гаштани иктидори давлатдории Сомониро мешуданд. Ба ин талошҳои Мунтасир мисоли равшан аст, ки собиқ ғуломони бобою падараш ба ҳӯҷаинони худ хиёнат карданд.

Сабабҳои асосии аз байн рафтани давлати Сомониён аз қонуниятҳои умумии тараққиёти феодализм иборат буданд. Дар натиҷаи тақсим кардану инъом додани замин кӯшишҳои марказгурезии феодалон пурзӯр гардида, давлат ба амлоки хос ё худ вилоятҳои ҷудогона тақсим шудан гирифт. Муборизаи феодалони маҳаллӣ ва саркардагони турк ҳам бар зидди ҳокимияти марказӣ яке аз сабабҳои суст шудани он гардид. Вале сабаби асосии барҳам хӯрдани давлат он буд, ки солҳои охир амирони Сомонӣ зулму истисмори халқро пурзӯр карда, аз ёрӣ ва дастгирии он дур шуданд.

Давлати Сомониён ҳимоягари манфиати синфи ҳукмрони феодалӣ буд. Бо вуҷуди ин, оромӣ ва осоиштагии нисбие, ки дар замони ҳукмронии Сомониён барқарор гардид, Осиёи Миёнаро дар муддати бештар аз дусад сол аз ҳуҷуми ачнабиёни хориҷӣ ва бодиянишин нигоҳ дошт ва аҳволи халқро нисбатан сабук гардонид. Тоҷикон аз асорати арабҳо наҷот ёфта, дар ҳаёти иқтисодӣ ва маданиии худ муваффақиятҳои калон ба даст оварданд.

## БОБИ 4

## БА ИТМОМ РАСИДАНИ ТАШАККУЛЕБИИ ХАЛҚИЯТИ ТОҶИК

### § 1. Макон ва насаби тоҷик

Яке аз масъалаҳои муҳими таърихи замони Сомониён — ин ташаккулёбии халқияту давлатдории тоҷик мебошад. Онди ин масъала дар байни пажӯҳишгарон баҳсу мунозираҳо давом дорад. Хусусан дар атрофи кай пайдо шудани калимаи «тоҷик» фикру ақидаҳо якхела нестанд.

Бештар аз 150 сол мешавад, ки пажӯҳишгарон барои ба саволҳои хеш онди пайдоиши номи тоҷик ҷавоб ёфтан баҳсу мунозира доранд. Яке аз аввалинҳо дипломати рус Н. Хаников мебошад, ки дар нимаи якуми асри XIX дар Эрон кор карда, ба таҳқиқи калимаи тоҷик машғул шудааст. Вай бо мардуми маърифатпарвару фарҳангдӯсти Хуросон, ки худро чун тоҷик муаррифӣ мекарданд, шинос шуда, ба хулосае омадааст, ки маънои калимаи тоҷик аз «тоҷ» аст. Ақидаи Н. Ханиковро шарқшиносон шарҳ доданд ва онро дастгирӣ намуданд. Пажӯҳишгарон А. Вамберӣ, Л. Будагов, М. С. Андреев, А. Бобринский, А. Кримский, В. Миллер, А. Боровков, А. Н. Бернштам, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, Н. Неъматов, Ю. Яъқубов ба ақидаи Н. Хаников пайравӣ намуданд. Гурӯҳи дуюми олимон ақидаи В. Бартольдро дастгирӣ намуда, калимаи тоҷикро таҷассуми тойи арабӣ меноманд. Ин ақидаро Х. Арнолд, И. Калимбург, Ф. Енгел, А. Хромов ва дигарон писандиданд.

Аммо ақидаи дуюм ба ҳақиқат наздик нест. Дар ин ҷо ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи тезбин Юсуф Яъқубов аст. Ӯ ба устодон С. Айнӣ, Б. Ғафуров пайравӣ намуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки маънои калимаи тоҷик ва аслу насаби онро аз нуқтаи назари илмӣ асоснок гардонад. Вай дар асари тозабунёди хеш «Тоҷикон» онди фикру мулоҳизаи гурӯҳҳои оли-

мони дар боло зикршуда, чунин навиштааст: «Ба ақидаи ман тарафдорони ақидаи дуюм ба ахбори сарчашмаҳо дуруст шинос нестанд. Зеро ҳамаи муаллифони дар боло зикршуда махсус ба пайдоиши калимаи тоҷик ҷиддан машғул набуданд ва аз таърихи он дуруст огоҳӣ надоранд, ҳатто бисёр олимони гурӯҳи якум низ. Бинобар ин ба ахбори сарчашмаҳои таърих оиди калимаи тозӣ, тоҷик, тожик мепардозем то ки аниқ шавад, ки истифодакунандагони калимаҳои номбаршуда, ба мазмун ва мундариҷаи онҳо сарфаҳм мерафтанд ё не? Ба ақидаи ман дар исботи калимаи тоҷик саҳми устод С. Айнӣ хеле назаррас аст». (с. 28).

Муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки устод С. Айнӣ оиди пайдоиши калимаи «тоҷик» кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода, ақидаи кӯр-кӯронаи бисёр «таърихдонон»-ро рад намудааст. Вай пайдоиши вожаи тоҷикро пеш аз истилои арабҳо медонад. Зеро ин калима дар байни мардум ҳанӯз то аз тарафи туркҳо истило шудани Осиёи Миёна (563) вуҷуд дошт. Омадани туркон ба мулки пурфайзи Осиёи Миёна на ин ки ба ҳаёти моддӣ таъсир расонд, балки раванди фарҳангиро каме боз дошт. Ба гуфтаи С. Айнӣ ва тақвияти Ю. Яъқубов гӯё омадани туркҳо калимаи тоҷикро ба тозик ё тожик бадал карда бошад. Онҳо Осиёи Миёнаро тасхир намуда, забони тоҷикиро ёд гирифтанд. Зеро ин забон забони гуфтугӯйи ва кории подшоҳону олимон буд. Туркҳо, ки бо тоҷикон омезиш карданд, акнун забони онҳоро низ азбар намуданд. Дар ин бобат Низомулмулк дар «Сиёсатнома»-и хеш гуфтааст: «...Турку тозик ҳарду лақаби амирон бар худ хештан банданд ва ба забони подшоҳ фармон диҳанд. Ва кори шариат заиф шаваду лашкариён дароздаст шаванд ва тамиз аз миёни халқ бархезад ва касе тадоруки корҳо накунад. Агар турке даҳ тозикро ба кадхудой бозлорад, шояд ва агар тоҷике кадхудоии даҳ турк дорад, шояд ва ҳеч айбе надорад». (с.109).

Дар ин ҷо баробари аз тарафи туркҳо тозик талаффуз шудани калимаи тоҷик, инчунин олим дар бораи бо ҳам қарин гаштани турку тоҷик сухан кардааст. Чӣ тавре ки Маҳмуди Қошғар дар асри XI гуфтааст; «турк бе тожик наметавонад зистан, чӣ тавре, ки сар бе тупӣ наметавонад буд»...

Раванди ташаккулёбии халқияти тоҷик давраи тӯлониро дарбар мегирад. Он ҳанӯз замони арзи вуҷуд доштани империяи кӯшониён сурат гирифта буд. Кӯшониён дар муддати се-чор асри давлатдории хеш тавонистанд, ки муттаҳидии халқҳои даризабонро ташкил намоянд.

Ю. Яъқубов оиди сарчамъии тоҷикон ва ташаккулёбии онҳо чунин ёдовар шудааст: «Ватани ташаккулёбии тоҷикон дар маънои васеъаш аз Ироқ то марзи Чин ва аз Хоразм то

водии Синдро дарбар мегирад Халки точик дар рустохо ва вилоятхо зерини Ирони Шаркӣ (Хуросони бузург): Хуросони кунунӣ ва Систони Ирон, Афғонистон, Точикистон, Туркманистон, Ўзбекистон, вилоятхои Чимкенту Чамбули Казокистон, Ўши Киркизистон, Синсияни Чин дохил мешаванд. Раванди ташаккулёбӣ асрхои I—IX мелодиро дарбар мегирад» (с.59).

Аз ин гуфтахо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки раванди ташаккулёбии халкияти точик давраи дуру дарози таърихиро дарбар гирифта, дар ибтидои асри IX пурра ба итмом расидааст. Яъне хонадони Сомониён баробари таъмин намудани истиклолияти куллии хеш аз истилогарони араб, инчунин дар рохи анчоми ташаккулёбии халкияти точик низ сахми муносибе гузоштаанд.

Аммо чӣ хеле ки сарчашмахои таърихӣ собит менамоянд, истилои араб раванди ташаккулёбии халкияти точикро кариб дусад сол акиб партофт. Агар истилои ачнабиён сар намезад, он гох мумкин буд, ки сарчамъии точикон холо дар нимаи якуми асри VII ба итмом мерасид. Ханӯз дар охири асри VI ва ибтидои асри VII ба туфайли пайдоиши муносибатхои зичи иктисодӣ дар байни халкиятхои алохида шароитхо барои ташаккули халкияти точик пайдо шуда буд. Ин холат дар байни суғдиён, хоразмиён, фарғониён мушохида мешуд. Забони онхо ба забони мардуми эрони шаркӣ шабохат дошт.

Дар хаёти маданиии точикон хайтолиён низ сахми худро гузоштанд. Баъди аз тарафи туркхо истило шудани давлати Хайтолиён (солхои 563 ва 567) бодиянишинон дар зери таъсири халкхои махаллӣ ба зиндагии мукимӣ кадам гузоштанд.

Дар замони тохириён ва сомониён — раванди ташаккулёбии халкияти точик ба итмом расид. Дар ин давра точикон умумияти пурраи забонӣ, худудӣ ва маданиятро доштанд.

Гурӯххои этникии халкияти точик бохтарихо, суғдихо, хуросонихо, фарғонагихо ва баъзе кабилахои сакохои Осиёи Миёна, аз чумла мардуми Бадахшон мебошанд.

Ба гурӯххои иловагӣ хионитхо, хайтолиён, туркхо ва арабхои дар Мовароуннахр монда дохил мешаванд, ки дертар пайдоиши этникии худро гум карда, ба ахолии махаллӣ омехта гардидаанд.

Хионитхо-хайтолиён барои ташакулёбии халкияти точик хиссае гузошта, давлати марказиятноки худро дар худуди точикнишинон ташкил доданд ва то асри VIII ба точикон омехта шуданд. Хайтолиён мустакилияти Осиёи Миёнаро аз Сосониён нигох доштаанд.

То кунун чой ва вакти пайдоиши забони точикӣ маълум нест. Хамииро гуфтан чоиз аст, ки дар асрхои IV—VI дар Суғд забони суғдӣ, дар нохияхои кӯхии Тахористон ва Ба-

дахшон забони сакой, дар водиҳои Тахористон забони бохтарӣ ва дар Хуросон забони дарӣ ба ҷои забони парфиянҳо фаъолият доштанд.

Дар асри VII—VIII ҳам дар Суғд, Кеш ва Истаравшан забони маъмурӣ забони суғдӣ буд. Дар Тахористон бошад, дар ин давра забони дарӣ забони умумии мардум гардид. Дар асри VIII дар Бухоро ва Самарқанд тарғиботи ислом бо забони дарӣ мегузашт.

Дар асри X забони дарӣ дар Хуросон, Тахористон, Бухоро, Самарқанд ва Фарғона паҳн гардида, лаҳҷаи суғдӣ танҳо дар баъзе гӯшаҳои дурдасти водии Зарафшон боқӣ монда буд.

Дар асрҳои IX—X шеваи дарии Мовароуннаҳр ва Хуросон аз шеваи форсии Эрони Ғарбӣ фарқи калон дошт. Шеваи Мовароуннаҳру Хуросон асоси забони адабии хаттии форсӣ (тоҷикӣ)-ро ташкил дода буд, ки онро форсӣ-дарӣ меномиданд.

Дар асрҳои VIII—X бо забони форсӣ-дарӣ асарҳои зиёди назму наср таълиф ёфта, нуфузи забони арабиро танг карданд.

Хидмати аз ҷиҳати худудӣ дар дохили як давлат муттаҳид кардани Осиёи Миёна ба хайтолиён тааллуқ дорад. Вале ин муттаҳидӣ дар натиҷаи ғоратгариҳои ҳоқонати Ғарбии Турк рӯ ба парокандагӣ ниҳод.

Дар асрҳои VIII—IX аз тарафи арабҳо истило шудани Осиёи Миёна кӯшишҳои муттаҳидшавии халқро ба мубориза и умумӣ бар зидди арабҳои ғоратгар пурзӯр кард. Дар натиҷа сулолаҳои маҳаллии Тоҳириён ва Сомониён ба вуҷуд омаданд. Ба ҳайати давлати Сомониён ҳамон вилоятҳое дохил шуданд, ки аҳолии онҳоро халқияти тоҷик ташкил дод.

Чунон ки дар боло ёдовар шудем, то кунун дар атрофи пайдоиши калимаи «тоҷик» баҳсу мунозира идома дорад. Бисёре аз муҳаққиқон, аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ чунин шуморидааст, ки калимаи «тоҷик» — дар истилоҳи умумихалқӣ дар асри VII, яъне то истилои арабҳо пайдо шудааст.

Хулоса, дар ташаккулёбии забони гуфтугӯии тоҷикӣ саҳми забони суғдӣ хеле назаррас аст. Он аллакай дар асрҳои VI—VII бо забони бохтарӣ, парфиёни омезиш хӯрда, раванди болоравӣ ва устуворшавии забонии ягонаи мардуми Осиёи Миёнаро ташкил дод. Дар ин хусус сайёҳи Чин Сюан-Цзан, ки дар соли 630 ба Осиёи Миёна омада буд, қайд намудааст, ки аз мулки Даван (Фарғона) то ба Порт ҳама ба як забон ҳарф мезананд ва он танҳо бо лаҳҷа фарқ мекунад. Гуфтаи сайёҳ ба ҳақиқат хеле наздик аст. Зеро дар нимаи дуюми асри VI ва аввали асри VII раванди ташаккулёбии забони тоҷикӣ суръат мегирад. Болоравии сохти феодалӣ ва

водии Синдро дарбар мегирад Халки точик дар рустохо ва вилоятхо зерини Ирони Шаркй (Хуросони бузург): Хуросони кунунй ва Систони Ирон, Афғонистон, Точикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, вилоятхои Чимкенту Чамбули Қазоқистон, Ӯши Қирқизистон, Синсияни Чин дохил мешуданд. Раванди ташаккулёби асрхои I—IX melодиро дарбар мегирад» (с.59).

Аз ин гуфтахо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки раванди ташаккулёбии халқияти точик даврани дуру дарози таърихиро дарбар гирифта, дар ибтидои асри IX пурра ба итмом расидааст. Яъне хонадони Сомониён баробари таъмин намудани истиқлолияти куллии хеш аз истилогарони араб, инчунин дар рохи анчоми ташаккулёбии халқияти точик низ сахми муносибе гузоштаанд.

Аммо чӣ хеле ки сарчашмахои таърихӣ собит менамоянд, истилои араб раванди ташаккулёбии халқияти точикро қариб дусад сол ақиб партофт. Агар истилои ачнабиён сар намезад, он гох мумкин буд, ки сарчамъии точикон холо дар нимаи якуми асри VII ба итмом мерасид. Ханӯз дар охири асри VI ва ибтидои асри VII ба туфайли пайдоиши муносибатхои зичи иқтисодӣ дар байни халқиятхои алохида шароитхо барои ташаккули халқияти точик пайдо шуда буд. Ин холат дар байни суғдиён, хоразмиён, фарғониён мушохида мешуд. Забони онхо ба забони мардуми эрони шаркӣ шабохат дошт.

Дар хаёти маданин точикон хайтолиён низ сахми худро гузоштанд. Баъди аз тарафи туркхо истило шудани давлати Хайтолиён (солхои 563 ва 567) бодиянишинон дар зери таъсири халкхои махаллӣ ба зиндагии муқимӣ кадам гузоштанд.

Дар замони тохириён ва сомониён — раванди ташаккулёбии халқияти точик ба итмом расид. Дар ин давра точикон умумияти пурраи забонӣ, худудӣ ва маданиятро доштанд.

Гурӯххои этникии халқияти точик бохтарихо, суғдихо, хуросонихо, фарғонагихо ва баъзе қабилахои сакохои Осиёи Миёна, аз чумла мардуми Балахшон мебошанд.

Ба гурӯххои иловагӣ хионитхо, хайтолиён, туркхо ва арабхои дар Мовароуннахр монда дохил мешаванд, ки дертар пайдоиши этникии худро гум карда, ба ахолии махаллӣ омехта гардидаанд.

Хионитхо-хайтолиён барои ташакулёбии халқияти точик хиссаи гузошта, давлати марказиятноки худро дар худуди точикнишинон ташкил доданд ва то асри VIII ба точикон омехта шуданд. Хайтолиён мустақилияти Осиёи Миёнаро аз Сосониён нигох доштаанд.

То кунун чой ва вакти пайдоиши забони точикӣ маълум нест. Хаминро гуфтан чоиз аст, ки дар асрхои IV—VI дар Суғд забони суғдӣ, дар нохияхои кӯхии Тахористон ва Ба-

дахшон забони сакой, дар водиҳои Тахористон забони бохтарӣ ва дар Хуросон забони дарӣ ба ҷои забони парфиянҳо фаъолият доштанд.

Дар асри VII—VIII ҳам дар Суғд, Кеш ва Истаравшан забони маъмурӣ забони суғдӣ буд. Дар Тахористон бошад, дар ин давра забони дарӣ забони умумии мардум гардид. Дар асри VIII дар Бухоро ва Самарқанд тарғиботи ислом бо забони дарӣ мегузашт.

Дар асри X забони дарӣ дар Хуросон, Тахористон, Бухоро, Самарқанд ва Фарғона паҳн гардида, лаҳҷаи суғдӣ танҳо дар баъзе гӯшаҳои дурдасти водии Зарафшон боқӣ монда буд.

Дар асрҳои IX—X шеваи дарии Мовароуннаҳр ва Хуросон аз шеваи форсии Эрони Ғарбӣ фарқи калон дошт. Шеваи Мовароуннаҳру Хуросон асоси забони адабии хаттии форсӣ (тоҷикӣ)-ро ташкил дода буд, ки онро форсӣ-дарӣ меномиданд.

Дар асрҳои VIII—X бо забони форсӣ-дарӣ асарҳои зиёди назму наср таълиф ёфта, нуфузи забони арабиро танг карданд.

Хидмати аз ҷиҳати ҳудудӣ дар дохили як давлат муттаҳид кардани Осиёи Миёна ба ҳайтолиён тааллуқ дорад. Вале ин муттаҳидӣ дар натиҷаи ғоратгариҳои ҳоқонати Ғарбии Турк рӯ ба парокандагӣ ниҳод.

Дар асрҳои VIII—IX аз тарафи арабҳо истило шудани Осиёи Миёна кӯшишҳои муттаҳидшавии халқро ба мубориза умумӣ бар зидди арабҳои ғоратгар пурзӯр кард. Дар натиҷа сулолаҳои маҳаллии Тоҳириён ва Сомониён ба вуҷуд омаданд. Ба ҳайати давлати Сомониён ҳамон вилоятҳое дохил шуданд, ки аҳолии онҳоро халқияти тоҷик ташкил дод.

Чунон ки дар боло ёдовар шудем, то кунун дар атрофи пайдоиши калимаи «тоҷик» баҳсу мунозира идома дорад. Бисёре аз муҳаққиқон, аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ чунин шумоpидааст, ки калимаи «тоҷик» — дар истилои умумихалқӣ дар асри VII, яъне то истилои арабҳо пайдо шудааст.

Хулоса, дар ташаккулёбии забони гуфтугӯии тоҷикӣ саҳми забони суғдӣ хеле назаррас аст. Он аллакай дар асрҳои VI—VII бо забони бохтарӣ, парфиёнӣ омезиш хӯрда, раванди болоравӣ ва устуворшавии забонии ягонаи мардуми Осиёи Миёнаро ташкил дод. Дар ин хусус сайёҳи Чин Сюан-Цзан, ки дар соли 630 ба Осиёи Миёна омада буд, қайд намудааст, ки аз мулки Даван (Фарғона) то ба Порт ҳама ба як забон ҳарф мезананд ва он танҳо бо лаҳҷа фарқ мекунад. Гуфтаи сайёҳ ба ҳақиқат хеле наздик аст. Зеро дар нимаи дуюми асри VI ва аввали асри VII раванди ташаккулёбии забони тоҷикӣ суръат мегирад. Болоравии сохти феодалӣ ва

пайдо шудани шаҳрҳо ба инкишофи забони ягона роҳ мекушоянд. Акнун ба ин забон баробари суғдиён, бохтариёну парфиён, инчунин туркон низ гап мезананд. Яъне пайдоиши забони ягона — забони тоҷикӣ дар муттаҳид намудани турку тоҷик саҳми муносиб гузошт.

## § 22. Пайдоиш ва инкишофи забони классикии тоҷик

Дар таърихи халқи тоҷик асри Х давраи нашъунамои баланди адабиёти классикӣ ба шумор меравад. Ин давра замони гул-гулшукуфии илму маданияти халқҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрони Шарқӣ, Шимолу Ғарбии Ҳиндустон ва бисёр мамолики Шарқи Наздик буд.

Пеш аз он ки оиди пайдоишу инкишофи забони адабии классикии тоҷик ҳарф занем, бояд бо таърихи он аз наздик шинос шавем. Зеро дар арафаи ташаккулёбии забону адабиёти тоҷик мардуми сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр гирифтори зулму асорати арабҳо шуданд. Бешак он ба баҳамназдикшавии забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ таъсири манфӣ расонида, як муддат пеши роҳи пайдоиши забони ягона — забони адабии тоҷикро боздошт. Ҷорӣ шудани ислом ва алифбои арабӣ низ ба мавҷудияти хатҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ, насроӣ, монӣ хотима гузошт.

Арабҳо баъди истилои Марв (соли 651), онро ба такягоҳи асосии хеш дар ҷануби Осиёи Миёна табдил дода, аз ибтидои асри VIII сар карда, забони арабиро барои мардуми Хуросон забони давлатӣ эълон намуданд. Сипас аз соли 742 инҷониб баробари Хуросон, инчунин дар Мовароуннаҳр забони арабӣ мақоми давлатӣ пайдо намуд. Бо забони арабӣ хондану навиштанро донистан на ин ки табақаҳои болоӣ, балки ҳокимони вилоятҳои алоҳида низ маҷбур буданд. Дар ин хусус ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ (соли 1933) нақл мекунанд. Аз ин рӯ ин ҳуҷҷатҳо маълум мешавад, ки ҳокими Панҷакент Деваштич, (718—719) ба номи ҳокими Хуросонии хилофат ба забони арабӣ мактуб ирсол намудааст.

Забони давлатӣ эълон шудани забони арабӣ инчунин боиси забони илму адабиёт қарор ёфтани он гашт. Шоирону нависандагон, олимону пажӯҳишгарон маҷбуран ба забон «давлатӣ» асарҳо эҷод менамуданд. Баробари ин асарҳои ғайри алифбои арабӣ бераҳмона нобуд карда мешуданд. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда танҳо дар охири асри VIII ва ибтидои асри IX зиёда аз 119 шоири дарizабон маҷбуран ба забони арабӣ шеъру достонҳо сурудаанд. Дар солҳои аввали истилои Мовароуннаҳр арабҳо ба таври зӯрӣ ба майнаи мардуми ин

кишвар дини исломУ забони арабиро чой карда, харчанд точикро дар шахрхои Самарканду Бухоро барои ёд гирифтани забони мустамликадор, дар хонаи худ ицоранишин намуда бошанд хам, аммо тамоми оммаро мачбурй ба ин забон гузаронида натавонистанд. Танхо кисми кями ашрофони шахрнишини точик забони бегонаро кабул карданду бас. Вале кисми кулли ахолй забони хешро гум накард. Дар дехоту нохияхо забони асосии гуфтугўй забони точикй буд. Дар музофотхои берунназшахрй забони точикй — забони шеъру суруд ба шумор мерафт. Аз сабаби он ки мардуми дехот хатти арабиро хеле дер ва бо душворй кабул намуд, аз ин рў эчодиёти дахонии халк бо забони арабй боки намонд.

Забони арабй бо вучуди унсурхои лексикии худро ба забони халкхои махаллй гузаронидан, ба забони хукмрон табдил наёфта, дар доираи расмй, маъмулй ва аристократи махдуд монд. Ин забон баъди арабхо низ як давра чун забони илмй ва адабй мураввич буд. Забони махаллиро танхо халки оддй дар гуфтугў ва эчодиёти дахонакии худ нигох дошт ва онро дар чараёни таърихии ташаккул ёфтани худ ба хамдигар омезиш дода, дар рафти муборизахои озодхохй ба забони ягонаи умумихалкй мубаддал кард, онро дар даврай таърихи нав забони форсии дарй номиданд.

Чй хеле, ки дар боло кайд намудем дар асрхои IX—X як кисми олимон асархои хешро ба забони арабй эчод намуданд. Ба ин пеш аз хама олимон — Мўсо Ал-Хоразмй (солхои 780—847), Ал-Фарғонй (асри IX), Ахмад ибни Абдуллох Ал-Марвазй (асри X), Абунасри Форобй (асри X), Табарй (асри X), Абучаъфар Мухаммад бини Наршахй (асри X) ва дигарон дохиланд.

Харчанд ки арабхо баробари чорй шудани ислом бо тамоми куввваи хеш барои забони давлатй гаштани забони арабй муборуза бурда бошанд хам, аммо забони модарии халки махаллии Осиёи Миёна бо номи забони «форси-дарй» бокй монд ва дар ахди Сомониён (солхои 817—999) забони дарборй ва илмию адабии мардуми Мовароуннахру Хуросон гашт. Ба ин забон олимону адибони точик шеъру асархо эчод намуданд. Ба забони форсии дарй шеъру асархо таълиф намудани шуарои пешкадами точик шохиди мустакилияти хонадони Сомониён мебошад. Хатто дар замони хукмронии саффориён (873—900) — забони арабй дар дарбори Яъкуб ибни Лайс чун забони давлатй эътироф карда намешуд. Сабаб дар он ки худи Яъкуб танхо ба забони модарй гуфтугў мекард. Инчунин ў шеърхои ба забони арабй иншо гаштаро намеписандид.

Боз чиҳати ба худ хоси ташаккулёбии забони адабии тоҷикро дар он мебинем, ки дар асрҳои VIII—IX новобаста аз таъқиби хилофати араб, дар вилоятҳои тоҷикнишин шеъру достонҳо ба забони модарӣ навишта мешуданд. Марказҳои асосии инкишофи забони тоҷикӣ-форсӣ Мовароуннаҳр, Хуросон, Сиистон гаштанд, ки дар ин мулкҳо раванди сарчашъии халқи тоҷик ва забони адабии он ба амал омада буд. Маҳз дар асрҳои IX—X раванди ташаккулёбии адабиёти классикии тоҷик ба анҷом расид, ки асосгузори он Абуабдуллоҳ бинни Ҷаъфар Рӯдакӣ мебошад. Ворисони Рӯдакӣ шеъру асарҳои хешро танҳо ба забони тоҷикӣ иншо мекарданд. Дар ибтидои асри XI ҳокимони туркнажод ба сари қудрат омаданд. Аммо забони асосии давлатдории онҳо забони тоҷикӣ-форсӣ буд. Инро мо дар мисоли хонадонҳои ғазнавиён, қарохониён дида метавонем.

Ба туфайли давлатдории Сомониён дар асрҳои миёна асарҳои илмию адабии ба забони тоҷикӣ-форсӣ эҷод гашта шӯҳрати тоҷиконро на ин ки дар Хуросону Мовароуннаҳр, балки дар мамлакатҳои берун аз Осиёи Миёна низ баланд карданд. Ин буд, ки баробари тоҷикон, инчунин аҳли илму адаби Озарбойҷон, Курдистон, Афғонистон, Ҳиндустони Шимолӣ, Туркистони Шимолу Шарқӣ ва ғайра ба ин забон асарҳо эҷод менамуданд. Таъсири илму адаби тоҷик дар асрҳои IX—X то дараҷае баланд гашт, ки ҳатто мардумони мулкҳои дар боло номбаршуда, забони тоҷикӣ-форсиро — забони асосии адабиёти хатти хеш донистанд.

Ҳамчунон дар замони истилои араб забонҳои мухталифи эронӣ, аз ҷумла суғдӣ, хоразмӣ, паҳлавӣ ва ғайра низ як муддат зинда монданд, аммо ба ин забонҳо асарҳо эҷод нашуданд.

Забони форсии миёна — паҳлавиро зардуштиён, махсусан онҳое, ки исломро қабул накарда, ба Ҳиндустон муҳоҷират карда буданд, то охири асри XIII нигоҳ доштанд ва бо ин забон асарҳои худро эҷод намуданд. Баъдҳо онҳо низ ба забони форсӣ-дарӣ асарҳо навишта, забони қадимаи форсиро фаромӯш карданд.

Аз осори адабӣ ва забони даврҳои қадиму замони нав маълум мегардад, ки давраи феодалӣ бо дунёи қадим алоқаи узвӣ дорад. Забони нави форсӣ (тоҷикӣ)-и давраи нав — забони дарӣ инкишофи забони форсии миёна буда, адабиёти бадеи ҳам, махсусан, дар мисоли асарҳои даҳонии халқ давоми бевоситаи адабиёти қадима мебошад.

Дар асрҳои IX—X дар истилоҳи адабӣ забони «дарӣ» низ пайдо шуд. Ин аслан забони дарборӣ мебошад. Зеро арабҳо онро забони тоҷикӣ нагуфта, чун забони «дарӣ» маънидод ме-

карданд. Ҳатто, чунин мешумориданд, ки забони форсию дарӣ ва тоҷикӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Ин чандон саҳеҳ нест. Зеро забонҳои номбурда аз як сарчашма буда, танҳо бо лаҳҷа фарқ мекунанд. Забони тоҷикӣ-форсӣ ё форсии миёна ва забони форсӣ ду-се аср пештар аз истилои араб не, балки якуним ҳазор сол пеш пайдо шудааст. Кофтуковҳои бостонӣ собит намуданд, ки ёдгориҳои хаттии забони форсӣ ба асри VI то милод тааллуқ дорад.

Оиди ташаккули забони тоҷикӣ академик Б. Ғафуров қайд намудааст, ки дар ин роҳ вуҷуд доштани ду фикр хатои кулл аст. «Забони адабиёти классикӣи тоҷику форс дар ҳудуди Мовароуннаҳр, Сиистон, Хуросон ташаккул ёфтааст. Маҳз дар ҳамин ҷо (асрҳои IX—X) пояи забони адабие, ки дар ҳаёти таърихию маданни Осиёи Миёна, Эрон ва мамлакатҳои дигари Шарқи Наздик ва Миёна роли бузург бозидааст, устувор гардид. Маҳз аз Бухоро, Самарқанд, Балх, Ҳирот, Тӯс ва дигар вилоятҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Сиистон аввалин эҷодкорони бузурги ин адабиёт ба зуҳур омадаанд. Ном гирифтани Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём кифоя аст. Ин ҳам тасодуф нест, ки бузургтарин шоирони дарбори Ғанавиён ва Салҷуқиён аз вилоятҳои мазкур (Унсурӣ аз Балх, Фаррухӣ аз Сиистон, Анварӣ аз Сарахс, Муиззӣ аз Нишопур ва ғайра) баромадаанд. Мувофиқи маълумоти тазкираи Муҳаммад Авфӣ «Лубоб-ул-албоб» (1221,1222), ки қадимтарин тазкираи то ба замони мо расида ба шумор меравад, аз 106 шоири замони Салҷуқиҳо 68 нафарашон дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ва танҳо 16 нафари онҳо дар вилоятҳои ғарбии Эрон ба дунё омадаанд»[1].

Имрӯз бисёре аз пажӯҳишгарон исбот кардани мешаванд, ки макони тавлиди забони классикӣ ва адабиёти форсзабон Эрони Ғарбӣ аст. Ҳол он ки далелҳои дар боло овардаи мо собит менамоянд, ки макони ҳақиқии тавлиди адабиёти форсзабон Мовароуннаҳр, Хуросон, Сиистон мебошад. Зеро дар ин мавзеъҳо асосгузорони назми классикии тоҷику форс Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ба дунё омада, зиндагӣ карда, асарҳои баландмазмун офаридаанд.

Дар хусуси макони ҳақиқии ташаккулёбии забони адабии тоҷик низ баҳсу мунозираҳо ҳастанд. Оиди ин масъала фикру ақидаҳо гуногун буданд. Аммо устод С. Айнӣ оиди пайдоиши забони адабии тоҷик чанд мақола эҷод карда исбот намудааст, ки макони асосии забони адабии тоҷик водии Зарафшон (асосан шаҳрҳои Самарқанду Панҷакент) ва Кони Бодом мебошад. Аз ҳамин ҷо забони ҳақиқии адабии тоҷик

[1]. Б. Ғафуров. Тоҷикон, ҷилди 1,—с. 510.

ба дигар мулкҳои Мовароуннаҳру Хуросон таъсири мусбат расонда, дар ташаккули забони гуфтугӯии адабии имрӯзаи тоҷикон ҳисса гузоштааст.

Ҳамин тавр забону адабиёти классикии тоҷик дар мубоPизаҳои шадид аз болои забони арабӣ ғолиб омада, ба забони умумихалқии мардумони Мовароуннаҳру Хуросон, Сиистону Бадахшон табдил ёфта буд. Ин забон дар муддати бештар аз даҳ аср забони дарбории ҳокимони туркнажоди ин кишварҳо ба шумор мерафт.

# БОБИ 5

## МАРЗҲОИ МУЛКИ СОМОН

### § 1. Ҳудуди сарҷамъии тоҷикон

Чӣ хеле ки ёдовар шудем, Сомониён ибтидои давлатдории хешро аз ду мулки пурфайз—Мовароуннаҳру Хуросон оғоз намуда буданд. Оҳиста-оҳиста мулкҳои дигар низ худро ба ҳимояи ин оли овозадор гирифтанд. Ҳамин тавр дар замони сари қудрат омадани Исмоил умумияти ҳудудии Сомониён ташкил ёфта мулкҳои онҳо аз Тироз ба Сиистон (шимолу ҷануб), аз Рай ба Бадахшон (ғарбу шарқ) доман паҳн намуд. Акнун хонадони Сомониён тасмим гирифт, ки бехатарии мардуми дар қаламравашбударо таъмин намояд.

Сомониён дар қатори ободонии пойтахтҳояшон — Самарқанд, Бухоро, инчунин ба пикишофи иқтисодию маданни мулкҳои алоҳида, аз ҷумла шаҳрҳои Чоч, Истаравшан, Хуҷанд, Тироз, Исфиҷоб, Урганҷ, Фарғона, Кеш, Насаф, Муик, Хуталон, Қубодиён, Ҳоловерд (Хеловард), Рашт, Тирмиз ва ғайра диққати хоса доданд. Пайваста бо ин ба пешрафти шаҳрҳои Нишопур, Балх, Ҳирот, Марв, Сарахс, Тӯс, Сабзавор, Ғазна, Фирӯзкӯҳ, Толиқон ва ғайра, ки дар Хуросон ҷойгиранд, кӯшишҳо намуданд. Дар ҳамаи мулкҳои номбаршуда мардуми форсизабон (тоҷикон, дариҳо ва эрониён) умр ба сар мебурданд.

Дар ин ҷо иштирокдагони халқҳои берун аз қаламрави Сомониён зиндагӣ мекардагӣ мумкин аст ба шӯр омада, эътироз намоянд, ки пайваста бо тоҷикон қабилаҳои мухталифи туркӣ умр ба сар мебурданд. Ин дуруст аст. Аммо миқдори онҳо хеле ночиз буд. Онҳо хизмати хонадони ҳукмронро ба ҷо меоварданд. Туркҳо дар асри VI ба Осиёи Миёна сар даровардa, баъди аз тарафи арабҳо истило шудани ин сарзамин ба мулкҳои бобоии хеш баргаштанд. Танҳо ба сари қудрат омадани Сомониён ва қатъ гардидани хунрезиҳои бемаҳал боз шароит фароҳам овард, ки туркони кӯчманчӣ бори

дуюм ба Осиёи Миёна баргарданд. Ин дафъа онҳо на ҳамчун истилогар, балки чун ғуломи Сомониён ба ин кишвар пой ниҳоданд. Аммо баъзе тадқиқотчиёни осори мардуми туркинажод таърихро таҳриф намуда, кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд, ки кӯчиён то истилои араб сокини муқимии Осиёи Миёна бошанд.

Ин қабил муаллифон дар атрофи масъалаи ҳудуди ҷуғрофии оли Сомон фикру ақидаҳои бардурӯғ доранд. Гӯё Сомониён мулкҳои зердасти худро, ки аз Ироқ то Чин ва аз Ҳафруд то ба Систон доман паҳн карда буд, забт намуда бошанд. Ин нодуруст аст. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки оли Сомон на ҳамчун истилогар, балки чун хонадони муттаҳидкунанда ном баровардааст. Онҳо дар тӯли ҳукмронии бардавоми хеш тавонистанд, ки ба муттаҳидӣ ва сарҷамъии мардуми форсигӯ мушарраф шаванд.

Сарҷамъии мардуми форсигӯ дар замони сари қудрат будани Исмоили Сомонӣ сохмон гирифт. Кишваркушоиҳои вай шароит фароҳам овард, ки дар ибтидои асри X марзи муайяни давлати тоҷик дар Хуросону Мовароуннаҳр ва берун аз ҳудуди он муайян шавад.

Мовароуннаҳр мулки пурфайзи башар аст. Онро чӣ дар гузаштаву чӣ имрӯза чун замини зархезу водиҳои пурнеъмат ёд мекунанд. Бинобар ин диққати аҷнабиён, аз Искандари Мақдунӣ сар карда, то муғул ба ин сарзамини пурфайз равона карда шуда буд. Ҳаминро дониста дар ибтидои асри VIII арабҳо низ ба ин сарзамин бештар ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ба он муваффақ шуданд, ки дар натиҷаи мубориза-ҳои тӯлонӣ соҳиби ин диёри ободгардонд. Зеро ин Ватан бо водиҳои зарнисору рӯдҳои пуртуғён, кӯҳҳои пурганҷу ҷӯлҳои бепоён, мардумони дилҷӯву ҳунарманди хеш дар арсаи олам ном баровардa буд. Аз ин рӯ, ҳар як аҷнабие, ки дар бораи Мовароуннаҳр тасаввуре дошт, кӯшиш ба харҷ медод, ки ин мулкро бинад. Давлатдорону сарлашкарон орзуи тасхири онро дар дил мепарвариданд. Муаллифи китоби «Ҳудуд-ул-олам» оиди Мовароуннаҳр чунин навиштааст: «...Ва ин ноҳиятест азим ва ободон ва бисёрнеъмат ва дари Туркистон ва ҷои бузургон. Ва мардумонеанд ҷангӣ ва ғозипеша ва тирандоз ва покдин. Ва ин ноҳияти бодод ва адл аст. Ва андар кӯҳҳои вай маъдани сим аст ва зар, сахт бисёр бо ҳамаи ҷавҳарҳои гузоранда, ки аз кӯҳ хезад бо ҳама доруҳо, ки аз кӯҳ хезад чун: зок ва зарник ва гӯгирд ва навшодир». (с.68).

Маъхазҳо ҳидоят мекунанд, ки водии Зарафшон яке аз мулкҳои пурфайзи Мовароуннаҳр ба шумор мерафтааст. Овозаи ин водиро қуллаҳои осмонбӯс, рудҳои пуртуғён, кӯҳҳои пурганҷ, мардумони хирадманд ва шаҳрҳои зебоманзараш боло бурдаанд. Маҳз дар ҳамин водии пурфайз шаҳрҳои обо-

ду зебон тоҷик — Самарқанду Бухоро арзи вуҷуд кардаанд. Сарчашмаҳо Бухороро марзи аввалини Мовароуннаҳр меноманд. Он дуруст аст. Зеро ин шаҳр таърихи ба худ хос дорад, ки мо дар поён онди он харф хоҳем зад.

Абӯисҳоқи Истахрӣ доир ба омӯхтани таъриху ҷуғрофияи Мовароуннаҳр кӯшиш ба харҷ дода, дар асари хеш «Китоб-ул-масолик ва-л-мамолик» онди ин шаҳр чунин гуфтааст: «Оғоз ба Мовароуннаҳр кунем ва аз Қуран Бухоро гирем, ки сарҳад аст ва дорулмулки Мовароуннаҳр аст... Ва дар ҳамаи иқлимҳо ҳеҷ ҷойгоҳи хуштар ва бо назокаттар аз Мовароуннаҳр нест, бахосса Бухоро. Ва агар касе ба куҳандизи Бухоро бар шавад, ҷандон ки чашм кор кунад, ҷузъ сабзӣ ҳеҷ чизи дигар набинад, чунон ки сабзии замин бо кабудии осмон пиндори ба ҳам як шудааст».

Деҳоти атроф, ки бо шаҳр дар ҳамшафат буданд, ба ҳусни Бухоро ҳусни иловаги зам менамуданд. Мувофиқи гуфтаи Истахрӣ маълум мешавад, ки шаҳрро 22 деҳа иҳота намуда, аз рӯи тарҳи марказ зебу зинат меёфтанд. Ромитан, Искичкат, Афшина, Баркант, Вобкан, Тароб, Наршах, Сомон ва ғайра аз қабили онҳо буданд.

Наршахӣ менависад, ки ба туфайли руди Зарафшон (Зар) Бухоро ба мулки обшору сабзу хуррам табдил ёфта буд. У қайд намудааст, ки шаҳрро дувоздаҳ руд печонида гирифта буданд, ки ҳар кадоме дар ободонии шаҳр ва бо обҳои нӯшокию кишоварзӣ таъмин намудани он хизмат мекарданд. Бузургтарини онҳо рудҳои Кармина, Шофирком, Харконат, Харконруд, Оби Хатфар, Сомҷун, Байконруд, Арвон, Қайфур, Зар ва ғайра ба шумор мерафтанд.

Самарқанд дар дили водии Зарфшон маскан пайдо намудааст. Он нисбати Бухоро шаҳри сернуфуз буд. Зеро чӣ хеле, ки ёдовар шудем он аввалин пойтахти Сомониён (817—892) ба шумор мерафт. Аз ин рӯ аҳолиаш нисбатан зиёд буд. «Самарқанд — шаҳри бузург аст ва ободон аст ва бо неъмати бисёр ва ҷои бузургони ҳамаи ҷаҳон аст, — ёдовар шудааст муаллифи китоби «Ҳудуд-ул-олам» — Ва ӯро шаҳристон аст ва кӯҳандиз аст ва рабаз аст ва аз болои бомиi бозорашон яке ҷӯи об равон аст, аз арзиз. Ва об аз кӯҳ биёварда. Ва андар вай хонақоҳои монавиён аст ва ишонро Нағушоқ хонанд. Ва аз вай коғаз хезад, ки ба ҳама ҷаҳон бибаранд ва ришта̄н канаб хезад. Ва руди Бухоро (Зарафшон — А. М.) бар дари шаҳри Самарқанд бигзарад». (с. 69).

Дар замони истилои араб шаҳрҳои Осиёи Миёна обод нашуданд. Арабҳо ба ваҳшиёнат роҳ дода, бисёр марказҳои тамаддунро сӯзонида, шаҳрҳоро хароб карда буданд. Онҳо Афросиёб, Панҷакент, Варахша, Пайканд, Бунҷикат ва ғайра-

ро оташ заданд. Дар сохтани Шерозу Қум бошад ҳисса гузоштанд.

Дар қисмати пойтахтҳои Сомониён ёдовар шудем, ки асоси Самарқандро дар маҳаллаи Афросиёб гузошта буданд. Аммо баъди истилои араб (712) ва пайдо шудани давлати Сомониён (817) тарҳи шаҳри нави Самарқанд гузошта шуд, ки дар он хидмати Нӯҳ бини Асад хеле бузург аст. Нӯҳ дар замони ҳукмронии (818—842) ба Самарқанд ҳамчун пойтахти аввалини оли Сомон бештар диққат дод. Ӯ дар рафти юриши соли 840 ба Исфанҷоб кардааш сарҳади шимоли мулки Сомонро мустаҳкам намуда, баробари ғанимат ба Самарқанд асирон ва устоҳоро оварда, дар ободонии шаҳр аз қувваи онҳо истифода бурд.

Самарқандро мисли Бухоро шаҳру деҳоти зиёде печонида гирифтаанд. Дар «Ҳудуд-ул-олам» бо номҳои Иштихан, Дабусия, Дарон, Варағсар, Панчекас ва ғайра ёд шудаанд. Баробари боғшаҳр будани Самарқанд, инчунин маъхазҳо ёд мекунанд, ки гирду атрофи онро сабзазорҳо печонида гирифтаанд. Шаҳр дар иҳотаи анбӯҳи дарахтону деҳаҳои кишоварзи ҷойгир буд. Зеро бозори асримиёнагии Самарқанд сермолтарин маркази савдои Мовароуннаҳр ба шумор мерафт.

Аз нақли ҷуғрофонуи таърихнависон бар меояд, ки дар асрҳои миёна байни Самарқанду Панҷакенту Бухоро замини холӣ мавҷуд набудааст. Ҳама боғзору токзор ва диёри кишоварзон буданд. Дар байни шаҳру деҳоти водии Зарафшон муносибати хоси долу гирифт ҷой доштааст.

Сарчашмаҳои ҷуғрофии асри Х ин гуфтаҳои моро тасдиқ мекунанд. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» менависад, ки Самарқанд шаҳру деҳоти Панчекас (Панҷакент), Варағсар (эҳтимол Ғӯсари имрӯза бошад — А. М.), Маймурғ, Санҷарфағон, Дарғом, Абғор, Шавдар, Иштихон, Кушония, Ведар, Марзбон ва ғайраро ба худ мепайваст. Аз инҳо Панҷакент, Иштихон, Кушония, Рабинҷан, Дабусия ва ғайра мисли Самарқанду Бухоро шаҳрҳои калону сераҳолӣ буданд.

Дар Мовароуннаҳр дар қатори водии Зарафшон, мулкҳои водии Фарғона пурфайз ба шумор мерафтанд. Пеш аз ҳама, муаллифони қадима ба Сурушана (Усрушана ё Истаравшан) бештар ҳусну таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Зеро ин ноҳия ҳамчун маркази калони тиҷоратӣ дар муайян намудани роҳҳои байни Шарқу Ғарб мақоми хоса дошт.

«Сурушана ноҳияест ва ободон ва бо неъмати бисёр ва ӯро шаҳр ва рустоҳои бисёр, — омадааст дар «Ҳудуд-ул-олам». — Ва аз вай набид (шароб — А. М.) бисёр хезад. Ва аз кӯҳҳои вай оҳан хезад». (с. 70—71).

Мардуми ин мулк далеру шуҷоъ буданд. Онҳо бар зидди

душманон муборизахо бурда, аз болояшон ғолиб меомаданд. Дар рафти забткориҳои Искандари Макдунӣ дар Осиёи Миёна (329—327 то мелод) мардуми ин мулк бар зидди лашкари мусаллаҳи юнону макдуниҳо истодагарӣ кард. Далерии онҳо буд, ки арабҳо фақат баъди бештар аз сад соли тасхири Мовароуннаҳр ба Истаравшан сар даровардаид. Онҳо бо роҳи ваҳшиёният ва сӯхтор тавонистанд, ки соли 822 яке аз шаҳрҳои ободи Истаравшан — Бунҷикатро забт намоянд. Даставвал он дар ҳайати мулки писари Асад Яҳё буд (818 — 855), пас онро Аҳмад ба зери тасарруфи худ даровард. Дар замони Абӯнаср бини Аҳмад (864—892) Истаравшан дар итоати вай қарор дошт. Баъди соҳибқудрат шудани Исмоил бини Аҳмад (892—907) он мулки хосаи Сомониён гашт. Вале ҳокимони алоҳида аз итоат ба ҳукумати марказӣ саркашӣ менамуданд. Аз ин рӯ ба Исмоил муяссар шуд, ки соли 893 ҳокимҳои маҳаллии Истаравшанро пурра аз байн барад.

Дар бораи мулки хосаи точик будани Истаравшан муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» ва Абӯисҳоқи Истахрӣ маълумотҳои хоса додаид. Онҳо хотирнишон месозанд, ки Истаравшан аз 18 русто созмон ёфтааст. Бунчикат, Зомин, Хавос, Сабот, Марсманда, Дизак, Минк, Куркас, Собат, Ғазак, Фағкас ва ғайра аз қабили маҳалҳои сераҳолии Истаравшан ба шумор мерафтанд. Истахрӣ ёд мекунад, ки Бунчикат шаҳри пурфайзу сераҳолӣ будааст. Вай мегӯяд, ки «...қариб даҳ ҳазор мард дар ин шаҳр бошад».

Ба гуфтаи маъхазҳо, ҳарчанд арабҳо ин шаҳрро хеле дер тасхир намуданд, аммо исломро дар ин ҷо ба таври ғайричашмдошт ба зудӣ паҳн намуданд. Аллакай дар солҳои 30-юми асри IX дар Бунҷикат ва ҳамаи деҳоти атрофи он масчидҳои ҷомеъ ташкил гардиданд. Оиди шаҳри калону замонавӣ будани Бунчикат Истахрӣ дар ҷои дигари асараш «Масолик ва-л-мамолик» чунин навиштааст: «Ва шаҳристони дарунӣ ду дарвоза дорад: якеро дарвозаи болойӣ хонанд ва дигареро дарвозаи шаҳристон. Масҷиди одина дар шаҳристони дарунӣ аст ва куҳандиз. Ва дар шаҳристон бар канори об дарахтон шинонда. Ва бозор дар шаҳристон аст ва дар работ низ ҳаст. Ва масоҳати шаҳр як фарсанг бувад. Ва оби хандақ (чашма — А. М.) ба саройҳо ва кушкҳо ва боғҳо ва киштзорҳо меравад»...

Яке аз мулкҳои ободу зебои байни Фарғонаву Истаравшан-Хучанд аст. Он шаҳри қадимаи точикон мебошад. Дар маъхазҳои таърихию ҷуғрофӣ номи ин шаҳр хеле пештар вомехӯрад. Он дар замони ҳуҷуми ҳахоманишинҳо (асри VI то мелод), истилои юнону македониҳо (нимаи охири асри IV то мелод) арзи вуҷуд дошт. Дар даврани забткории арабҳо (ибти-

дои асри VIII) хеле харобу абгор гашт. Аммо ба ҳамаи ин таҳдидҳо нигоҳ накарда шаҳр мақоми хешро нигаҳ дошт. Дар замони Сомониён аз нав эёҳ шуда, дар мақоми шаҳрдорию бозоргонӣ ба Самарқанду Бухоро, Чочу Ҳирот, Балху Нишопур баробар гашт.

Мардуми Хуҷанд дар қатори дигар халқҳои Мовароуннаҳр яке аз аввалинҳо шуда исломро пазируфтанд. Ташкили яке аз аввалин масҷидҳои ҷомеъ аз он шаҳодат медиҳад.

Пайваста бо Хуҷанд дар асрҳои миёна шаҳри Канд (Конибодоми имрӯза) яке аз марказҳои калони водии фарғонагии Сомониён ба шумор мерафт. Дар китоби сарчашмавии «Ҳудуд-ул-олам» қайд гардида аст, ки водии Фарғона мулки хеле пурфайз мебошад, ки он дар иҳотаи куллаҳои барфинапӯши Туркистон ҷой гирифта, замини ҳосилхезу серне'матро дорост. Инчунин Фарғона, ки дар баъзе сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла маъхазҳои чинӣ чун Даван ёд мешавад, мулки чорводорӣ аст. Фарғона бештар бо аспҳои болпои хеш ва рамаҳои бузу гӯсфандон машҳур буд. Хусусан, аспҳои «болпо» ё «осмонӣ»-и Фарғона диққати хориҷиёнро ба худ ҷалб менамуд. Сарчашмаҳои чинӣ ёдовар мешаванд, ки ба аспҳои фарғонагӣ бештар хитоиҳо мароқ зоҳир намуда буданд. Онҳо барои ба даст овардани ин аспҳо борҳо ҷангҳо созмон доданд. Яке аз онҳо соли 104 то мелод ба вуқӯъ пайваста буд, ки даваниҳо лашкари шастҳазораи душманро нобуд сохтанд. Баъдтар дар асри II мелодӣ низ ин мунокишаҳо давом дошт. Ба чиниҳо муяссар гардид, ки зоти аспҳои болпои хешро аз Фарғона баранд.

Муҳаққиқ В. В. Бартольд ба сарчашмаҳои мухталифи чинӣ, арабӣ, тоҷикӣ такя намуда, ҳудуди Сомониёнро муайян карда, ба ҳар як шаҳру навоҳӣ аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ баҳо додааст. Шаҳру навоҳии водии Фарғона аз қабили Сӯх, Риштон, Кӯканд (Хваканд), Марғелон (Маргинон), Андиҷон, (Андукан), Қува, Уш, Ҳуршат ва ғайра иборат буданд, ки имрӯз низ арзи вуҷуд доранд.

Дар аҳди Сомониён шаҳрҳои водии Фарғона хеле ободу зебо гаштанд. Пеш аз ҳама шаҳрҳои Фарғона, Андиҷон, Марғелон, Қуқанд хеле тараққӣ карданд.

Фарғона дар замони ҳукмронии Аҳмади бини Асад (818—864), Исмоил бини Аҳмад (864—874) хеле обод шуда буд. Дар даврaи сарикудрат будани набераи Исмоил Насри II бини Аҳмад (914—943) Ҳатлом ном шаҳреро бунёд кард, ки дар охир он бо унвони Насробод ёд мешуд.

Муаллифони қадима, аз ҷумлаи Истахрӣ, Муқаддасӣ ва таълифкунандаи китоби «Ҳудуд-ул-олам» дар бораи шаҳрҳои Чоч, Илоқ, Исфиҷоб, Хоразм ва ғайра маълумотҳои қиммат

додаанд. Аз рӯи он маълумотҳо Илок мулки хеле хуррам будааст, шаҳру деҳаҳои ободро бо ҳам пайваст менамудааст. Ҳудуди Илок бо Чочу Фарғона пайваст мебошад. Дар ҳайати он Навкас, Кӯҳи Сим, Яҳудланг, Абраланг, Итулах, Алхачос барин шаҳрҳо мавҷуд буданд.

«Чоч ноҳиявест бузург ва ободон ва мардумони ғозипеша ва ҷангҷӯй ва тавонгар ва бисёрнеъмат, — омадааст дар «Ҳудуд-ул-олам», — Ва аз вай камон ва тири хаданг ва чӯби халанҷ бисёр афтад. Ва мулуки вай андар қадим мулуки атроф буданд» (с. 73).

Чоч мисли дигар шаҳрҳои асримиёнагӣ аз шаҳристону работ иборат буд. Мувофиқи гуфтаи сарчашманависон он дорои бозорҳои сермол, масҷиди намози ҷумъахонӣ, корвонсаройҳо будааст. Дар замони ҳукмронии оли Сомон шаҳр хеле тараққӣ кард. Ҳангоме ки Яҳё бини Асад (818—855) ҳокими ин мулк буд, дар Чоч зарбхона кор мекард. Тангаҳои нуқрагини дар Чоч сикка задашуда дар мулкҳои дигар гардиш менамуданд.

Сабаби болоравии Чоч нисбати дигар шаҳрҳо дар чист? Пеш аз ҳама Чоч маркази Мовароуннаҳр ба шумор мерафт. Баробари Самарқанду Бухоро дар пешравии ҳаёти иқтисодии Осиёи Миёна нақши хешро мегузошт. Зеро шаҳр дар маркази асосии корвонгузари байни шарқу ғарб ва ҷанубу шимол воқеъ буда, чун танзимкунандаи тартибот хизмат мекард. Бешак он ба болоравии иқтисодиёт ва афзудани шумораи аҳолии он сабаб мешуд.

Таъсири иқтисодӣ ва мадании Чоч ба шаҳрҳои гирду атроф калон буд. Шаҳрдорони онҳоро аз рӯи тарҳи Чоч бино карда, инкишоф медоданд. Ба ин шаҳрҳои Шутуркат, Чинochкат (Чиноз), Заликанд, Гадраик, Қабрана, Навкат, Биникат ва ғайра дохил мешуданд.

Давлати Сомониён мулкҳои зиёди шимолро дар зери тасаррифи хеш нигоҳ медошт. Ба ин пеш аз ҳама шаҳрҳои Утрор, Тироз, Исфанҷоб (Исбиҷоб) дар шарқу шимолаш Узганд дохил буданд. Исбиҷоб ё Исфанҷоб яке аз ноҳияҳои пурфайзи Сомониён ба шумор мерафт. Ин шаҳр дар замони сари қудрат будани Нӯҳ бини Асад ба ҳудуди мулки Сомониён ҳамроҳ гардид. Аммо ҳокимони Исфанҷоб аз носозиҳои дохилии хонадони Сомониён истифода бурда, як муддат аз додани андоз саркашӣ намуданд. Ин буд, ки Исмоили Сомонӣ баъди як соли ҳокими мутлақ шуданаш (893) ба шимол юриш карда, таъсири хешро ба Исфанҷоб гузаронд.

Сомониён дар шаҳру деҳоти зердасти хеш ба ободӣ диққати хоса медоданд. Дар шаҳрҳо кӯшиш ба харҷ дода масҷидҳо, корвонсаройҳо, бозору работҳо месохтанд. Яке аз

работхои калоне, ки Насри II дар шимоли мамлакати хеш бунёд намуд, Бараб ном дошт, ки дертар он чун шаҳри таърихии Утрор машҳур гашт.

Хонадони Сомонӣ дар ободу зебо намудани Пороб (шаҳри Фароб), ки дар сарҳади Осиёи Миёна ва мулки қазоқ ҷой гирифтааст, хизмати калон намуд. Сабаби асосии ба шаҳрҳои шимол диққат додани Сомониён дар он зикр меёфт, ки бештар туркони бодиянишин ба мулкҳои хуррзм ҳамла намуда, онҳоро хоку туроб мекарданд. Бинобар аз замони Исмоил сар карда Сомониён ба мустаҳкамкунии сарҳадҳои шимолии хеш бештар диққат медоданд. Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки барои аз ҳуҷумҳои ғоратгаронаи ғузҳо эмин нигоҳ доштани шаҳри Саброн атрофи онро бо хафт қабат девор мустаҳкам намуда буданд.

Бинобар ахбори сарчашмаҳои ҷуғрофӣ Хоразм низ яке аз мулкҳои шимолу ғарбии давлати Сомониён ба шумор мерафтааст. Хафриётҳои бостонӣ ва ёдгориҳои хаттӣ дар бораи шаҳрҳои ин мулк маълумотҳо медиҳанд. Мувофиқи тадқиқотҳо аввалини пойтахти Хоразм — шаҳри Кат ба шумор мерафтааст. Аммо он дар натиҷаи обхезӣ, дар нимаи дуюми асри X аз байн меравад. Пойтахти нави Хоразм бо номи Гурганҷ (Урганч) аз соли 995 арзи вуҷуд мекунад. Гурганҷ дар замоне пойтахти Хоразм мешавад, ки давлати Сомониён рӯ ба таназзул мениҳад. Аммо он дар даврai ҳукмронии хонадонҳои туркӣ хеле боло меравад. Урганҷ нисбати пойтахти пешина Хоразм босуръат тараққӣ кард. Барои аз ҳуҷуми аҷнабиён эмин нигоҳ доштани шаҳр атрофашро бо девор иҳота намуда, аз чор тарафи он дарвозаҳои мустаҳкам ташкил намуданд. Шаҳрҳои атрофи Урганҷ низ мисли пойтахт инкишоф меёфтанд. Ҳазорасп, Хива, Мидра, Миздаҳкан ва ғайра калонтарину ободтарини шаҳрҳои он замон ба шумор мерафтанд.

Дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ки Хива шаҳру шаҳракҳои зеринро: «Чанд, Ҳавора, Деҳи Нав се шаҳранд бар канораи руди Чоч ниҳода, аз Хоразм бар даҳ манзил ва аз Пороб бар бист манзил»-ро дарбар мегирад. (с. 77). Деҳи Нав шаҳри подшоҳнишин ба шумор мерафтааст. Дар фасли зимистон он қароргоҳи ҳокимони ғуз буд.

Хоразм ва атрофи он тавассути каналу наҳрҳои аз рудхои Омӯ ва Сир об гирифта, хеле тараққӣ карда буданд. Дар натиҷаи пешрафти кишоварзӣ Хоразм ба макони асосии чорводорӣ табдил ёфт. Онди он сарчашмаҳои ҷуғрофӣ маълумотҳои хоса медиҳанд, ки дар боби кишоварзӣ бо онҳо шинос хоҳем шуд.

Сарчашмаҳои ҷуғрофии қадима дар қатори дигар водиҳо, инчунин дар бораи водиҳои Қашқадарё, Чағониён, Шодмон

(Хисор), Вахш, Хатлон ва ғайра низ маълумотҳо додаанд. Бештар шаҳрҳои ободи асримиёнагии тоҷик — Кеш, Насаф, Тирмиз, Ҳоловерд, Ҳулбук, Мунк, Қубодиён ва ғайра ёд карда мешаванд. Ин шаҳрҳо, ки марказҳои асосии тиҷоратию фарҳангии вилоятҳои калон ба шумор мерафтанд, инчунин шаҳрак ва рустоҳои зиёдро бо ҳам муттаҳид менамуданд.

Шаҳрҳои Кеш ва атрофи он хеле дилрабоаст. Дар тамоми фасли сол иқлими он ҷо мўътадил мебошад. Шаҳр ба шаҳристон, кўҳандиз ва работ тақсим мешавад. Дар асри X, яъне дар давраи ҳукмронии оли Сомон он яке аз мавзеъҳои ҷуртаровату истироҳатгоҳи амирону вазирон ба шумор мерафтааст. Шаҳрро ду руди азим убур менамуданд, ки онҳо дар роҳи ободони ва киштзор хизмати арзанда менамуданд. Нахшаб низ яке аз шаҳрҳои ободу зебои асрҳои IX—X буд. Шаҳри Насаф таърихи куҳан дорад. Он дар дили чўли Қаршӣ бунёд гаштааст. Дар замони хонадони Сомониён яке аз ободтарин шаҳрҳои водии Қашқадарё буд.

Тирмиз шаҳри қадимаи бандарӣ аст. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» онро чун «боргаҳи» Хатлону Чағониён ёд кардааст. Зеро аз қадим боз дар ин руди азим киштиҳо шино мекарданд. Боре, ки аз мулки форсу Ғарб ба Осиёи Миёна ворид мегашт, ба воситаи ҳамин руд ба мулкҳои мухталиф кашонида мешуд. Борро аз Тирмиз ба тарафи Хатлон ба воситаи киштиҳо мебурданд. Онро дар гузаргоҳи Чубак тақсим менамуданд. Моли водии Шумону мулки Чағониёнро ба воситаи корвонҳои аспу шутур, ҳару хачир мекашониданд. Сарчашмаҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла Мукаддасӣ тасдиқ менамоянд, ки Чағониён водии сераҳолӣ ба шумор мерафтааст. Он аз Тирмиз ибтидо гирифта, то ба сарҳади Шодмон доман паҳн карда буд. Мувофиқи ахбори маъхазҳо ва инчунин ҳафриётҳои бостонӣ дар ҳудуди Чағониён бештар аз 16 ҳазор деҳа мавҷуд будааст. Баробари ин шаҳру деҳаҳои Басанд, Зинвор, Буроб, Санггарлак, Регдашт, Қумғанон ва ғайра Тирмизу Чағониёнро бо ҳам пайваст менамуданд. Он шоҳиди дар асрҳои IX—X, яъне замони оли Сомон ниқишоф ёфтани ин мулкҳо мебошад.

Дар асрҳои IX—X муносибатҳои тиҷоратии байни Чағониёну Шумон хеле мустаҳкам будааст. Дар ин хусус бозёфтҳои куҳан ва ёдгориҳои хаттӣ шоҳидӣ медиҳанд. Мувофиқи гуфтаи ҷуғрофони Шумону Ахорун бойтарин ноҳияҳои асри миёна ба шумор мерафтанд. Инчунин Қумед, Элок, Зомул, Рашт ва ғайра марказҳои асосии тиҷоратӣ буданд.

Сарчашмаҳо ёловар мешаванд, ки Хатлон мулки пурнозу неъмати Мовароуннаҳр будааст. Он дар асрҳои IX—X сарзамини сернуфуз ба шумор мерафт. Шаҳру деҳоти ободу хуррам дошт. Ҳулбук, ки шаҳри сераҳолитарини он замон буд,

вазифаи пойтахти Хатлонро иҷро мекард. Аз он ҷо ба шаҳри Муик, Бадахшон, Дарвоз корвонҳо созмон меёфтанд Ҳафриётҳои бостоншиносӣ собит намуданд, ки мардуми шаҳрҳои номбурда, дар қатори инкишоф додани тиҷорату ҳунармандӣ, инчунин дар сохтани биноҳои истиқоматию маъмурӣ низ таҷрибаи бой доштанд. Онҳо аз сӯхторҳои пай дар пай шаҳрҳои бузург огаҳ шуда, хонаҳои хешро бештар аз хишти пухта ва санг месохтанд. Зеро ин лавозимотҳои бинокорӣ ба оташ тобовар буданд. Онҳо ғайр аз ин усули нави гармидиҳии маркази хонаҳоро ихтироъ намуданд. Баробари девор дар дохили он аз хишту гаҷ қубурҳои махсуси девории фаршӣ месохтанд, ки ба воситаи онҳо дуди оташдон ба бино тақсим шуда, хонаҳоро дар фасли сармо гарм мекарданд.

Бинобар хабари сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ Хатлон баробари дигар ноҳияҳои Мовароуннаҳр тараққӣ карда буд. Дар замони Сомониён он яке аз мулкҳои пурфайзи шарқии давлат ба ҳисоб мерафт.

Дар боло ёдовар шудем, ки Чағониён мулкҳои мухталифи водии Шумонро бо ҳам мепайваст. Номи Шумон (Шодмон) қариб дар ҳамаи сарчашмаҳои қадима вомехӯрад. Аммо дар куҷо воқеъ будани ин мулки овозадор то кунун баҳсталаб аст. Муҳаққиқони таърихи қадима онро ба Сари Осиё, Ҳисор, Душанбе, Навбозор (Кофарниҳон) мансуб медиҳанд. Аксари куллашон Шумон гуфта — Душанберо дар назар доранд.

Шумон ҳамчун маркази тиҷоратӣ дар байни маҳалҳои шарқию ғарбии водии Ҳисор ҷойгир буд. Мо низ дар куҷо воқеъ будани онро аниқ гуфта наметавонем. Танҳо фикрҳоро тақвият медиҳем, ки он дили водии Ҳисорро ташкил медод. Он ҷун маркази асосии тиҷорати байни шарқу ғарб ва ҷануб хизмат мекард. Вай бо Қумед, Зомул, Рашт, Элок ҳамҳудуд буд. Инро бисёре аз сарчашманависон тасдиқ менамоянд. Кофтуковҳои бостоншиносие, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе гузаронида шуданд, дар бораи мардуми ҳунарманд будани сокинонаш маълумотҳо медиҳанд. Зеро дар натиҷаи ин ҳафриётҳо харобаҳои устохонаҳои шишапазирро дар қисми ғарбии шаҳр ёфтанд.

Муносибатҳои молию пулӣ ва равобити дӯстию ҳамкории мардуми Шумон бо аҳолии водии зархисори Вахш хеле қавӣ буд. Инро сарчашмаҳо низ тасдиқ мекунанд. Дар «Ҳудуд-ул-олам» қайд шудааст, ки водии Вахш мулки пурфайзу тароват мебошад. Мардумаш саховатманду ҳунарпеша ва далеру шуҷоъанд. Ин анъана то рӯзҳои мо боқӣ монд.

Маркази Вахш шаҳри Халовард (ё Холоверд) аст. Ҳафриётҳои бостоние, ки дар он гузаронида шуданд, аз таърихи қадима доштанаш ҳикоят мекунанд. Машғулияти асосии

мардум аз барзгарӣ, чорводорӣ ва косибчигӣ иборат будааст. Зеро харобаҳои Халоверд (Кӯрғонтеппа), Ачинатеппа (шаҳри Чорғултеппа), калъаи Золи Зард ва ғайра дар ин хусус маълумот медиҳанд.

Яке аз мулкҳои қадимаи кишвари мо Тахористон ба шумор меравад, ки он дар қадим қаламрави Бохтарияро ба худ таҷассум менамуд. Ин мавзеъ номи хешро аз қабилаҳои бодиянишини тахориён, ки сокинони кӯҳҳои Осиёи Миёна ба шумор мераванд, гирифтааст. Сайёҳи Чин Сюан Цзян, ки дар ибтидои асри VII ба Осиёи Миёна омада буд, дар бораи шароити ҷуғрофии Тахористон маълумотҳои гаронбаҳо ҷамъ намуда аст. Ӯ инчунин дар хусуси дар ҳайати Тахористон мавҷуд будани давлатчаҳои хурд низ маълумот медиҳад. Вай хотирнишон намудааст, ки дар соли 630 дар қаламрави Тахористон 27 давлатчаи хурд вуҷуд дошт. Муаррихону ҷуғрофони асрҳои VII—X форсу тоҷику арабизабон ба ҳайати Тахористон дохил будани Балх, Тирмиз, Чағониён, Аҳоруи, Шумон, Қабодиён, Вахш, Вашгирд, Рашт, Хуталон, Балахшон, Кумед ва ғайраро тасдиқ мекунанд. Дар аҳди Сомониён тамоми ҳудуди Тахористон ба ҳайати давлати онҳо доҳил мешуд.

Дар таърихи халқи тоҷик шаҳри Балх мақоми хос дорад. Он пойтахти давлати Бохтария буда, дар асрҳои VII—VI то милод овозаи ҷаҳонӣ дошт. Он дар замони баъди истилои араб (асрҳои VII—VIII) номбардори халқи тоҷик гашт. Зеро Балх худро чун таваллудгари нахустхонадонҳои муаффари тоҷикӣ (бармакиёну сомониён) дар гетӣ номашро машҳур гардонд. Ба таври дигар гӯем, Балх маркази тавлиди халқҳои ориёинажод низ ба шумор меравад. Давраи болоравӣ ва гул-гулшукуфии аввалаи вай ба асрҳои VI—V то милод рост меояд. Баъди истилои юнону мақдуниҳо ва инқирози давлати Бохтария, шаҳри Балх шӯҳрати хешро аз даст надод. Он ҳамчун роҳи абрешим тараққӣ кард. Ба воситаи Балх корвонҳои тоҷирон ба Ҳиндустон ва аз он ҷо ба Чин мерафтанд.

Балх дар рафти истилои араб хароб шуд. Танҳо аз соли 785 сар карда он рӯ ба тараққӣ ниҳод. Дар замони бармакиёни бошаҳд (асрҳои VIII—IX), он аз нав ба шӯҳрати қадимаи хеш соҳиб гашт. Ба сари қудрат омадани хонадони Сомониён шаъну шарафи Балхро боло бурд. Он яке аз пойтахтҳои Хуросони ин оли овозадор ба шумор мерафт. Хусусан, он дар замони амирии Насри II (914—943) ба авҷи тараққиёти худ расид. Ворисони вай низ барои шукӯҳи Балх мубориза бурданд.

Мақоми шаҳри Ғазна (Ғазнин) низ дар шукӯҳи оли Сомон

кам набуд. Он яке аз марказҳои калони тиҷоратию илму фарҳангии асрҳои IX—XI ба шумор меравад. Ғазна то ба сари қудрат омадани хонадони Сабуктегин дар ҳайати давлати Сомониён буд. Писари Сабуктегин Султон Маҳмуд (998—1030) онро пойтахти давлати Ғазнавиён қарор дод.

Сарчашмаҳо баён мекунанд, ки дар шимоли Тахористон шаҳри Толиқон мавҷуд будааст, ки он мулки сераҳолӣ ба шумор мерафт. Ҳафриётҳои бостонӣе, ки дар харобаҳои Толиқон (Афғонистон) гузаронида шуданд, дар борам ҳунари волои заргарону мисгарони он маълумотҳо доданд. Он шаҳр Бадахшонро бо Хатлону Балх ва дигар мавзеъҳои Осиёи Марказӣ пайваст менамуд.

Бадахшон дар тасаввури умум мулки кӯҳистон аст. Инро сарчашмаҳо низ тасдиқ мекунанд. Аммо он кишвари пурфайз ба шумор мерафт. Вай ҳамчун маркази тиҷоратии байни Шарқу Ғарб хизмат мекард. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» қайд намудааст, ки «Бадахшон шаҳрест бисёрнеъмат ва ҷои бозургонон. Ва андар вай маъдани сим аст ва зар ва беҷола (сурхранг — А. М.) ва лоҷвард» (с. 68). Ҳамин муаллиф ёд кардааст, ки Бадахшон ин дарвозаи шарқии оли Сомон аст. Ҳануз дар замони имомати халиф Маъмун (813—833) дар дараҳои «Тозиён»-у «Туббат»-и Бадахшон боҷхонаҳо амал мекарданд.

Ҳар як шаҳру навоҳӣ бо ҳунари мардумонашон дар кишварҳои хориҷа машҳур мегаштанд. Агар дар асрҳои миёна Самарқанд бо коғазу шишаи аълосифат, Бухоро бо гилему парчаҳои бозоргир ном бароварда бошанд, пас Ҷузҷон бо чарму пойафзолҳои зебои хеш дар арсаи олам машҳур буд. Шаҳру деҳоти атрофи Ҷузҷон аз оби мусаффои руди Маймана баҳраманд шуда, чун кишоварзони мумтоз ном бароварда буданд. Дар замони Сомониён Шибирғон (Ушпурхон) пойтахти Ҷузҷон ба шумор мерафт. Хокимони Ҷузҷон дар асрҳои IX—X худро чун «амир» ёд мекарданд. Ин амирон ба ҳукумати марказии Сомонӣ боҷу хироҷ медоданд.

Ҳамаи мулкҳои бузурги соҳили чапи руди Ҷайҳунро Хуросон меномиданд. Он таърихи хеле кӯҳан дошта, дар тамоми сарчашмаҳои калимаи таърихию ҷуғрофӣ ёд мешавад. Дар бораи Хуросон дар китоби «Ҳудуд-ул-олам» навишта шудааст, ки он «ноҳияест машриқи вай Ҳиндустон аст, аз ҷануби вай баъзе ба биёбони Каргаскӯҳ ва мағриби вай навоҳии Гургон аст ва ҳудуди Ғур ва шимоли вай руди Ҷайҳун аст» (с. 59).

Дар китоби номбурда ёд мешавад, ки то оли Сомон мулкҳои Хуросону Мовароуннаҳр ба худ амирони хоса доштанд. Баъди ба сари қудрат омадани Сомониён ва хусусан дар давраи ҳукмронии Исмоилу ворисонаш Хуросону Мовароуннаҳр

дар итоати як хонадон карор доштанд. Истахрӣ менависад, ки Хуросон маҳз дар замони оли Сомон шукӯҳ ёфта, чун мулки пурфайз ва дарвозаи Шарқ овозадор шуд.

Хуросон шаҳру деҳоти бешуморро ба худ мепайвандад. Мо аллакай оиди баъзе аз онҳо сухан кардем. Ҳаминро бояд хотиринишон созем, ки Систон пурфайзтарин мулк дар ҷануби Хуросон буд. Он пайвандкунандаи мулкҳои Шимолу Ғарб бо мамолики хориҷӣ ба шумор мерафт.

Марв яке аз шаҳрҳои ободтарини асримиёнагии Осиёи Миёна буд. Он низ мисли Балху Ғазна, Бухорову Самарқанд таърихи кӯҳан дорад ва дар инкишофи тамаддуни шаҳрсозии тоҷик мақоми хосро соҳиб аст. Ин шаҳр дар болоравии оли Сомон низ хизмати калон кард. Чӣ хеле ки ёдовар шудем, арабҳо соли 651 давлати овозадори Сосониёнро аз по афтонида, шаҳри Марвро ба пойтахти мустамликавии худ табдил доданд. Ҳарчанд ки онҳо бар сари халқи бегуноҳ ҷабру ситамро раво диданд, аммо ба зудӣ оташи муборизахоҳонаи мардумро хомӯш карда натавонистанд. Бинобар ин роҳи пойдоршавии худро дар мулки бегона ҷустанд. Онҳо ба хулосае омаданд, ки ягона роҳи бонуфузгардӣ ин такя ба амалдорони маҳаллӣ аст. Аз ин рӯ ба хонадонҳои бонуфузи тоҷикии бармакӣ, сомонӣ, тоҳирӣ, саффорӣ такя карда, дар идоракунии хилофат аз қувваи онҳо истифода бурданд. Маҳз аз ҳамин шаҳр Сомонхудоту ворисонаш ба арсаи шӯҳратёбӣ қадам ниҳода буданд.

Шаҳри Марв ибтидои хешро аз Султонқалъа гирифта, дар асрҳои VIII—IX оҳиста-оҳиста ба болоравӣ сар кард. Хусусан, дар замони Сомониён он хеле тараққӣ карда, ба яке аз марказҳои тиҷоратии Хуросон табдил ёфт. То Сомониён вай пойтахти мулки Хуросон ба шумор мерафт. Маъхазнависон ёд мекунанд, ки Марв калонтарин ва сермолтарин бозори Шарқ ба шумор мерафтааст.

Марв бо сабаби камобиаш мулки кишоварзон ба шумор мерафт. Пеш аз ҳама он бо пахтаи маҳиннаху харбузаҳои амирии хеш машҳуру маълум гашта буд.

Нишопур дар накӯӣ аз Марв мондагӣ надошт. Он чун пойтахти Тоҳириёну (821—873) Саффориён (873—900) шӯҳрат ёфта буд. Аммо баъди саркӯб шудану катл гардидани Амр бини Лайси саффорӣ ба яке аз шаҳрҳои бонуфузи ғарбии оли Сомон табдил ёфт. Ин шаҳр, ки дар иҳотаи чашмасорон бунёд гаштааст, сарсабзу хуррам мебошад. Пахтаи маҳиннаху абрешимаш овозаи вайро ба арши олам бурдаанд. Он бештар аз сездаҳ шаҳраку деҳистонро муттаҳид менамуда аст.

Сарчашмаҳо шаҳри Нисоро, ки дар қисмати шимолии Ху-

росон чойгир аст, ба Нишопуру Марв баробар мекунанд. Зеро он шаҳр дар доманаи кӯҳҳои Фирӯза ҷойгир буда, аз дарёи Мурғоб об мегирад. Нисо шаҳри хеле қадима аст. Он пойтахти давлати Парфиён (Ашкониён) ба шумор мерафт. Дар замони арзи вуҷуд доштани ин давлат сатҳи зиндагии мардумаш нисбати дигар ноҳияҳо хуб будааст. Зеро онҳо баробари барзгарӣ, инчунин ба ҳунармандӣ, пеш аз ҳама заргарӣ машғул буданд. Ҳафриётҳои харобаҳои шаҳри Нисо аз он дарак медиҳанд.

Тӯс нисбати дигар мулкҳо шаҳри сераҳолӣ будааст. Дар китоби «Ҳудуд-ул-олам» ёд мешавад, ки «...ноҳияест ва андар вай шаҳракҳост чун: Таварон ва Навкон, Барӯғун, Роягон, Банвода ва андар миёни кӯҳҳост» (с. 60). Кӯҳҳояш макони зару зеваранд.

Ин шаҳри бузургворон аст. Дар он ҷо яке аз халифони араб Ҳорунаррашид (809) хок шудааст, ки мадфангоҳаш зиёратгоҳи мусулмонон мебошад. Шӯҳрати Тӯсро фарзандонаш баланд менамоянд. Зеро ин шаҳр нобиғаҳои илму адабро пешкаши оламиён намудааст. Яке аз он алломаҳо Абулқосим Фирдавсӣ мебошад, ки дар замини ҳамин шаҳр ба дунёи ҳастӣ омада дар синаи хоки он ба худ маскан ёфт. Тӯс ӯро бузург намуд ва «Шоҳнома»-и безаволаш номи вайро дар таърихи илму фарҳанги ҷаҳонӣ ҷовидон гардонид.

Сарчашмаҳо дар бораи мавқеи Ҳирот дар болоравии оли Сомон бисёр далелҳо овардаанд. Ин шаҳри қадимаи Хуросон ба шумор меравад, ки дар водии хушманзари Ҳарируд доман паҳн кардааст. Дар замони Тоҳириёну Сомониён мавқеи Ҳирот дар болоравии тиҷорати Осиёи Марказӣ бо шаҳрҳои ҷанубу ғарбии Эрон хеле калон буд. Тоҷирон дар ин шаҳр қароргоҳҳои хешро сохтмон дода, аз он ҷо ба шаҳру деҳоти наздик мол мебурданд. Бештар тоҷирони ҳиротӣ бо мардуми шаҳрҳои Балх, Кушк, Сиистон, Нишопур ва ғайра савдо мекарданд.

Ҳирот мисли дигар шаҳрҳои асримиёнагӣ сохта мешуд. Тарҳи бинокории он аз шаҳрҳои дигар мондани надошт. Он аз кӯҳандиз (қалъа), шаҳристон ва работ иборат буд. Атрофи Ҳиротро девор иҳота мекард. Сабаби асосии деворгирии қадима дар он зикр меёфт, ки шаҳр аз ҳуҷуми ногаҳонии аҷнабиён эмин бошад.

Ба тавассути Ҳарируд Ҳирот ба боғшаҳр табдил ёфта буд. Атрофи онро шаҳру деҳоти сабзу хуррам печонида гирифта буданд. Сабзавор, Бушанг, Адраскан, Қаҷрусток, Бодғис ва ғайра аз қабили мулкҳои ободи Ҳирот ба шумор мерафтанд.

Ҳирот дар инкишофи хонадонҳои Тоҳириёну Сомониён нақши хешро гузошт. Он пойтахти Хуросонии оли Сомон низ

ба шумор мерафт. Азбаски он дар дили Хуросон ҷойгир аст, бинобар ин амирони Сомонӣ онро чун қароргоҳи хеш дар мулкҳои соҳили чапи руди Ҷайҳун истифода менамуданд.

Мулки тоҷик беканор аст. Он аз водиҳои фароҳдомани ибтидо гирифта, бо қуллаҳои осмонбӯси кӯҳҳо анҷом меёбад. Қуллаҳо баробари даштҳоро сероб намудан, инчунин дар тарбияи уқобон саҳмгузор мешаванд. Чунин қуллаҳои пурсаховат, ки соҳиби симу зар ва уқобони далеранд — кӯҳҳои Ғур мебошанд. Ин мулки баландкӯҳ мардони далерро ба камол расонидааст, ки то кунун чун уқобон ҷасуру баландпарвозанд.

Дар ҳақиқат сарчашмаҳо далерию ҷолокии мардуми Ғурро ба назари эътибор гирифта, онҳоро ба уқобон ташбеҳ додаанд. Ғурриён аз қадимулайём инҷониб мардуми заҳматкашанд. Азбаски онҳо зардуштӣ буданд, аз ин рӯ дар қаламрави Хуросон аз ҳама охир исломро қабул карданд.

Мардуми ин навоҳӣ ҳунарманданд. Онҳо аз ҳамаи касбҳои заргарию яроқсозӣ бохабаранд. Шамшеру найза, сипару ҷавшан, камону туфангчаҳои сохтаи устоҳои ғурӣ машҳури олам буд. Ҳунармандони далер то кунун аз касби бобоии хеш даст накашидаанд.

Ғурриҳо баробари ҳунармандию косибчигӣ, инчунин кишоварзони машҳур буданд. Хусусан дар парвои чорво таҷрибаи бой доштанд. Онҳо гов, қутос, гӯсфанд, буз, асп, хар ва дигар навъҳои ҳайвонотро мепарвариданд. Аз ҳисоби асп, хар ва шутурҳо корвонҳои тиҷоратӣ созмон медоданд.

Систон ё Сиистон мулки аз ҳама ҷанубу гармтарини давлати Сомониён ба шумор мерафт. Тоҷирону сафирони Сомонӣ ба воситаи Сиистон ба мамлакатҳои соҳили баҳр мебаромаданд. Маркази асосии Сиистон шаҳри Заранг аст, ки дар мавзеи хеле хушободу ҳавои диёр ҷойгир буда, онро ҷашмасорон, рудҳои пуртуғён иҳота намудаанд. Шаҳр дорои қалъа ва работу шаҳристон буд. Барои мусофирон дар работ корвонсаройю меҳмонхонаҳо кор мекарданд. Шаҳр бо девори мустаҳкам иҳота шуда, дорои сездаҳ дарвозаи оҳанин будааст. Сиистон мулки гарм аст, ки дар таърихаш барфро надидааст. Он макони меваҳои ситрусӣ ба шумор меравад.

Дар қаламрави Сиистон шаҳру деҳоти ободу хуррам зиёд буданд. Сераҳолитарини он шаҳри Тоқ ба шумор меравад, ки бо хурмоҳои қандини хеш машҳур аст.

Шаҳри Каш (ё Кеш) дар соҳили рудҳои пуртуғён доман паҳн кардааст. Он дорои обҳои ширину ҳавои серун, меваҳои лазизу оламони дастурхондор буд. Ниҳ, Нимрӯз низ мисли Каш шаҳракҳои пурфайзи кишоварзон ба шумор мерафтанд.

Дар Сиистон шаҳру воҳаҳои пурфайз хеле зиёданд. Яке

аз онҳо шаҳри Бӯст будааст, ки дар соҳили руди Ҳирманд ҷойгир аст. Он ҷанубтарин маркази тиҷорати мамлакатҳои араб ва Эрон бо Ҳиндустон ба шумор меравад. Мардуми Бӯст ба кишоварзӣ, алалхусус ба боғу токпарварӣ машғуланд. Онҳо мавиз, хурмо, анҷир ва дигар меваҳоро хушконида, ба бозорҳои ҷаҳонӣ мебурданд. Сарчашмаҳо дар бораи ҳунари карбосбофию собунпазии мардуми ин шаҳр маълумот медиҳанд. Ҳарчанд, ки Бӯст аз ҳайати оли Сомон берун менстод, вале чун шаҳри сарҳадӣ, таъсири шимолиён ба он пурзӯр буд.

Дар харитаи давлати Сомониён мулки Табаристон аз он берун мондааст. Аммо маъхазҳои таърихи, алалхусус очерки Мирхонд «Сомониён» шаҳодат медиҳад, ки Табаристон ва маркази он шаҳри Рай дар итоати Сомониён будааст. Дар хусуси мулки пурфайз будани Раю Табаристон, инчунин муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» низ шаҳодат медиҳад. Азбаски Табаристон дар ҷанубии баҳри Хазар ҷойгир аст, бинобар он шаҳри боду ҳавояш мӯътадилу сербориш ба шумор меравад. Машғулияти асосии кишоварзонашро шоликорӣ ташкил медод. Дар бозорҳои ҷаҳонӣ биринҷи Рай ва атрофи он ном бароварда буд. Мардуми Табаристон, инчунин ба моҳидорӣ низ машғул буданд.

Азбаски боду ҳавои Табаристон дар тамоми фаслҳои сол намнок аст, бинобар ин мардумаш тарзи ба худ хоси хонасозӣ доштанд. Онҳо хонаҳоро аз хишти пухта бунёд карда, болои бомҳоро бо сафолпораҳои сурхи нафис маҳкам мекарданд.

Деҳистон қисми ғарбии мулки Сомониён буда, мисли Табаристон дар соҳили ҷанубу шарқии баҳри Хазар ҷойгир аст. Боду ҳавои он ҷо низ намнок буда, сербориш мебошад. Мардум ба душворӣ нигоҳ накарда барзгариро инкишоф медоданд. Ғайр аз ин, шаҳрҳои Гургон, Догмон ва шаҳракҳои атрофи онҳо тиҷоратро пеш мебурданд. Шаҳри Гургон бойтарин мулки Деҳистон буда, дар ҳамсарҳадӣ бо Хуросон ҷойгир шудааст. Руди Ҳиранд аз миёнаи шаҳр гузашта, онро ба Шаҳристон ва Бакробод тақсим мекард. Ин руд, инчунин байни Гургону Тӯс ҳамчун роҳи тиҷорат низ хизмат мекард. Мардуми ин ҷо дар қатори дигар касбҳо, инчунин ба пиллапарварӣ ва истеҳсоли шоҳӣ машғуланд.

Дар ҷануби Гургон шаҳри азими Домғон мавҷуд буд. Мардумонаш ҷасуру нотарс буданд. Он дар домани кӯҳҳо қомат афрохта боғу токзори зиёде дошт. Ҳунармандию косибчигӣ инкишоф меёфт. Мардум баробари дигар ҳунарҳо, дар шаробпазӣ ном бароварда буданд. Дар атрофи Гургону Домғон шаҳракҳои пурфайзи Бистом, Симнон, Вима, Шаланба ҷой гирифтаанд.

Лимросак бо намаки ошии хеш на ин ки дар Деҳистону

Гургон, ҳатто берун аз он низ машҳур аст. Қӯмиш, ки дар байни Рай ва Домғон ҷойгир аст, шаҳри ободу зебои асрҳои IX—X ба шумор мерафт. Занҳои Кумиш бо чеварии худ машҳури замон гашта буданд. Хусусан, нархи ҷомаҳои карбосии онҳо дар бозорҳои Гургону Табаристон, Хуросону Мовароуннаҳр хеле боло буд.

Таҳлили мухтасари марзҳои оли Сомон шоҳиди онанд, ки аҷдодони гузаштаи мо дар роҳи устувории давлати хеш хизмати арзанда намудаанд. Онҳо мисли шоҳони давлатҳои пешгузаштаву баъди худ торочгарию одамозорӣ накарда, дар сарҷамъии мулки тоҷик хизмати босазое кардаанд. Бо сулҳу муросокорӣ ба дили мардуми ин ё он қаламрав роҳ ёфта, дар болоравии тамаддун, инкишофи иқтисодиёту илму фарҳангашон саҳми муносиб гузоштанд. Ҳамин хайрхоҳии Сомониён буд, ки дар тамоми мулкҳои фатҳкардаашон онҳоро бо табъи болидаву чеҳраи хандон истиқбол менамуданд. Кор ба ҷое мерасид, ки маҳаллиён ҷангиёни сомониро на ҳамчун истилогар, балки чун наҷотдиҳандаи хеш пешвоз мегирифтанд. Зеро онҳо овозаи ин лашкари меҳанпарасту озодибахшро шунавида, худашон Сомониёнро бо нону намак хайрамақдам мегуфтанд. Натиҷаи ҳамин хиради воло буд, ки Исмоилӣ Сомонӣ дар арзи понздаҳ сол (892—907) тавонист, ки марзи бутуни оли Сомонро аз Тироз то Систон, аз Табаристон то Бадахшон созмон диҳад.

Ихдоми неки Исмоилро ворисонаш то ба охир нигаҳ дошта натавонистанд. Ҳамин буд, ки аз охири солҳои 50-уми асри X сар карда, оҳиста-оҳиста марзҳои мулки сомон пора шуда, дар охир сабабгори аз байн рафтани давлати овозадори тоҷик гардиданд.

## § 2. Пойтахтҳои Сомониён

Дар таърихи халқи тоҷик Сомониён ба худ мақоми хос доштанд. Ин оли бузург аз ибтидои пайдоиши хеш бо шаҳрсозию ободонӣ ном баровардааст. Ҳанӯз дар замони сари қудрат омадани хонадони Сомонхудот ворисони вай ба бинокорию шаҳрсозӣ камар бастанд. Ҳангоме ки набераҳои Сомонхудот ба тахт нишастанд, пеш аз ҳама, ободиро пеша намуданд. Соли 818 Нӯҳ бинни Асад ҳокими Самарқанд шуду ҳамono ба азнавсозии шаҳр сар кард. Аҳмад бошад, Фарғонаро сохта ба яке аз шаҳрҳои зебои асримиёнагӣ бадал намуд. Яҳё шаҳри Чочро бино карда, онро ба маркази мубодилаи байни Шарқу Ғарб табдил дод. Хизмати Илёс дар мустаҳкам

аз онҳо шаҳри Бӯст будааст, ки дар соҳили руди Хирманд ҷойгир аст. Он ҷанубтарин маркази тиҷоратӣ мамлакатҳои араб ва Эрон бо Ҳиндустон ба шумор меравад. Мардуми Бӯст ба кишоварзӣ, алалхусус ба боғу токпарварӣ машғуланд. Онҳо мавиз, хурмо, анҷир ва дигар меваҳоро хушконида, ба бозорҳои ҷаҳонӣ мебурданд. Сарчашмаҳо дар бораи ҳунари карбосбофию собунпазии мардуми ин шаҳр маълумот медиҳанд. Ҳарчанд, ки Бӯст аз ҳайати оли Сомон беруи меистод, вале чун шаҳри сарҳадӣ, таъсири шимолиён ба он пурзӯр буд.

Дар харитаи давлати Сомониён мулки Табаристон аз он беруи мондааст. Аммо маъхазҳои таърихи, алалхусус очерки Мирхонд «Сомониён» шаҳодат медиҳад, ки Табаристон ва маркази он шаҳри Рай дар итоати Сомониён будааст. Дар хусуси мулки пурфайз будани Раю Табаристон, инчунин муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» низ шаҳодат медиҳад. Азбаски Табаристон дар ҷанубии баҳри Хазар ҷойгир аст, бинобар он шаҳр-и боду ҳавояш мӯътадилу сербориш ба шумор меравад. Машғулияти асосии кишоварзонашро шоликорӣ ташкил медод. Дар бозорҳои ҷаҳонӣ биринҷи Рай ва атрофи он ном баровардa буд. Мардуми Табаристон, инчунин ба моҳидорӣ низ машғул буданд.

Азбаски боду ҳавои Табаристон дар тамоми фаслҳои сол намнок аст, бинобар ин мардумаш тарзи ба худ хоси хонасозӣ доштанд. Онҳо хонаҳоро аз хишти пухта бунёд карда, болои бомҳоро бо сафолпораҳои сурхи нафис маҳкам мекарданд.

Деҳистон қисми ғарбии мулки Сомониён буда, мисли Табаристон дар соҳили ҷанубу шарқии баҳри Хазар ҷойгир аст. Боду ҳавои он ҷо низ намнок буда, сербориш мебошад. Мардум ба душворӣ нигоҳ накарда барзгариро инкишоф медоданд. Ғайр аз ин, шаҳрҳои Гургон, Доғмон ва шаҳракҳои атрофи онҳо тиҷоратро пеш мебурданд. Шаҳри Гургон бойтарин мулки Деҳистон буда, дар ҳамсарҳадӣ бо Хуросон ҷойгир шудааст. Руди Ҳиранд аз миёнаи шаҳр гузашта, онро ба Шаҳристон ва Бакробод тақсим мекард. Ин руд, инчунин байни Гургону Тӯс ҳамчун роҳи тиҷорат низ хизмат мекард. Мардуми ин ҷо дар қатори дигар касбҳо, инчунин ба пиллапарварӣ ва истеҳсоли шоҳӣ машғуланд.

Дар ҷануби Гургон шаҳри азими Домғон мавҷуд буд. Мардумонаш ҷасуру нотарс буданд. Он дар домани кӯҳҳо қомат афрохта боғу токзори зиёде дошт. Ҳунармандию косибчигӣ инкишоф меёфт. Мардум баробари дигар ҳунарҳо, дар шаробпазӣ ном баровардa буданд. Дар атрофи Гургону Домғон шаҳракҳои пурфайзи Бистом, Симнон, Вима, Шаланба ҷой гирифтаанд.

Лимросак бо намаки ошии хеш на ин ки дар Деҳистону

Гургон, ҳатто берун аз он низ машҳур аст. Қӯмиш, ки дар байни Рай ва Домғон чойгир аст, шаҳри ободу зебои аср-ҳои IX—X ба шумор мерафт. Занҳои Кумиш бо чеварии худ машҳури замон гашта буданд. Хусусан, нархи чомаҳои карбо-сии онҳо дар бозорҳои Гургону Табаристон, Хуросону Мова-роуннаҳр хеле боло буд.

Таҳлили мухтасари марзҳои олн Сомон шоҳиди онанд, ки ачдодони гузаштаи мо дар роҳи устувории давлати хеш хиз-мати арзанда намудаанд. Онҳо мисли шоҳони давлатҳои пеш-гузаштаву баъди худ торочгарию одамозорӣ накарда, дар сарчамъии мулки точик хизмати босазое кардаанд. Бо сулҳу муросокорӣ ба дили мардуми ин ё он қаламрав роҳ ёфта, дар болоравии тамаддун, инкишофи иқтисодиёту илму фарҳангашон саҳми муносиб гузоштанд. Ҳамин хайрхоҳии Сомониён буд, ки дар тамоми мулкҳои фатҳкардаашон онҳо-ро бо табъи болидаву чеҳраи хандон истиқбол менамуданд. Кор ба чое мерасид, ки маҳаллиён чангиёни сомониро на ҳамчун истилогар , балки чун начотдиҳандаи хеш пешвоз ме-гирифтанд. Зеро онҳо овозаи ин лашкари меҳанпарасту озо-дибахшро шунавида, худашон Сомониёнро бо нону намак хай-ромақдам мегуфтанд. Натичаи ҳамин хиради воло буд, ки Исмоили Сомонӣ дар арзи понздаҳ сол (892—907) тавонист, ки марзи бутуни оли Сомонро аз Тироз то Систон, аз Таба-ристон то Бадахшон созмон диҳад.

Иқдоми неки Исмоилро ворисонаш то ба охир нигаҳ дошта натавонистанд. Ҳамин буд, ки аз охири солҳои 50-уми асри X сар карда, оҳиста-оҳиста марзҳои мулки сомон пора шуда, дар охир сабабгори аз байн рафтани давлати овозадори точик гардиданд.

## § 2. Пойтахтҳои Сомониён

Дар таърихи халқи точик Сомониён ба худ мақоми хос доштанд. Ин оли бузург аз ибтидои пайдоиши хеш бо шаҳр-созию ободонӣ ном баровардааст. Ҳанӯз дар замони сари куд-рат омадани хонадони Сомонхудот ворисони вай ба биноко-рию шаҳрсозӣ камар бастанд. Ҳангоме ки наберахои Сомон-худот ба тахт нишастанд, пеш аз ҳама, ободиро пеша наму-данд. Соли 818 Нӯҳ бини Асад ҳокими Самарқанд шуду ҳа-моно ба азнавсозии шаҳр сар кард. Аҳмад бошад, Фарғонаро сохта ба яке аз шаҳрҳои зебои асримиёнагӣ бадал намуд. Яҳё шаҳри Чочро бино карда, онро ба маркази мубодилаи байни Шарқу Ғарб табдил дод. Хизмати Илёс дар мустаҳкам

намудани пойдеворн Хирот калон буд. Вай тавонист, ки пойтахти Хуросонии Сомониёнро бо усули хоса бино кунад. Ҳамин тавр ин оли овозадор дар ташкили шаҳрҳою равнақу ривочи тиҷорат дар асрҳои миёна саҳми муносиби хешро гузошт.

Аммо дар замони Сомониён Самарқанд ба худ шукӯҳи хоса дошт. Зеро он аз соли 817 то 892 пойтахти нахустини давлатдории тоҷикон ба шумор мерафт. Дар сари гаҳвораи аввалин пойтахти Сомониён — Нӯҳу Аҳмад бини Асад ва Абӯнаср бини Аҳмад меистоданд.

Самарқанд таърихи хеле кӯҳан дорад. Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки асоси шаҳр ҳанӯз дар асрҳои VII—VI то милод пайдо шуда, то асри V ба худ номи Афросиёбро дошт. Баъди асри V онро Мароканд ном карданд. Дар асрҳои V—VII милодӣ номи Самаркандро гирифтааст.

Самарқанд маркази аввалини тавлиди шиша, қоғаз, кулолгарӣ, кандакорӣ ба шумор мерафт. Ҳафриётҳои бостонии Афросиёб собит намуданд, ки баъди тохтутози юнону македониҳо (329—327) асоси пойдевори атрофи Афросиёб сохта шудааст. Мардум барои аз душман дастнорас гаштани шаҳр атрофи онро девор гирифтаанд.

Муборизаи самаркандиҳо бар зидди арабҳо ва аз тарафи Қутайба ибни Муслим (712) хароб карда шудани шаҳр мардумро водор сохт, ки пойдевори онро мустаҳкам намоянд. Он имконият дод, ки шаҳриён аз ҳуҷумҳои ногаҳонии кӯчиёнтуркони бодиянишин эмин бошанд.

Сомониён баробари ба сари қудрат омадан, ба ободонии Самарқанд машғул шуданд. Дар солҳои ҳукмронии Нӯҳ бини Асад (818—842) шаҳри Самарқанд аз рӯи тархи нав сохта шуд. Бо ташаббуси амир баробари даргоҳи подшоҳ, инчунин марказҳои маъмурию тиҷоратӣ бино шуданд. Яке аз хизматҳои бузурги Нӯҳ дар он зикр меёбад, ки вай Самарқандро ба пойтахти аввалини давлати Сомонӣ табдил дод. Дар қатори даргоҳи подшоҳ, инчунин марказҳои маъмурию тиҷоратӣ бино шуданд. Бо ташаббуси ӯ дар Самарқанд зарробхона ташкил шуд, ки тангаҳои он дар тамоми мулкҳои Сомониён гардиш мекард. Баробари ин Нӯҳ ба ислом рӯ оварда, дар Самарқанд масҷидҳо бино карда, нуфузи хешро дар назди хилофат баланд намуд.

Баъди сари Нӯҳ (842) мулкҳои Самарқанду Фарғона дар дасти Аҳмад бини Асад (842—864) муттаҳид шуд. Вай кори саркардаи бародарро идома дода, Самарқандро ба шаҳри калони тиҷоратӣ ва бозори Мовароуннаҳр табдил дод. Пас аз вафоти Яҳё (855) мулкҳои Чочу Истаравшан низ ба итоати Аҳмад гузошта, ба Самарқанд гӯш медоданд. Аҳмад тавонист, ки Самарқандро ба шаҳри овозадори асримиёнагии

тоҷик табдил диҳад. Дар давраи Аҳмад атрофи шаҳр бо «Девори қиёмат» хеле мустаҳкам шуд. Бо ташаббуси амирони Сомонӣ шаҳр соҳиби дарвозаҳои «Навбаҳор», «Оҳанин», «Бухоро» ва «Шарқ» гашт.

Аҳмад вафот кард. Кори саркардаи вайро оиди ободонии Самарқанд писараш Абӯнаср (864—892) идома дод. Вай тавонист, ки баробари дигар сохтмонҳо, инчунин ба ташкили тими савдоӣ ва бо об таъмин намудани шаҳр ҳисса гузорад. Яке аз марказҳои калони бо об таъминкунии Самарқанд «Ҷӯи арзиз» ба шумор меравфт, ки асоси онро дар нимаи дуюми асри IX Абӯнаср бини Аҳмад гузошта буд. Он ҷӯй ҷун усули қубурӣ бо хишти пухтаи калонҳаҷм бино шуда, аз руди Зарафшон оби мусаффоро ба шаҳр медод. Дар дохили шаҳр он ба воситаи қубурҳо тақсим мешуд.

Абӯисҳоқи Истахрӣ ёд кардааст, ки «... дар шаҳри Самарқанд ҳазор ҷойгоҳ оби яхи сабилӣ ниҳодаанд».

Дар замони ҳукмронии Насрӣ II бини Аҳмад Самарқандро ҷуғрофи машҳури тоҷику форс Абӯисҳоқ Истахрӣ сайёҳат намуда, дар китоби хеш «Масолик ва-л-мамолик» оиди ин шаҳри овозадор чунин навиштааст: «.... Аз мӯътамидун шунидам, ки дар шаҳри Самарқанд ҳазор ҷойгоҳ он аст, ки оби яхи сабилӣ ниҳодаанд... Руде аз арзиз сохтаанд бар садди баланд. Рӯи ин руд арзиз аст. Ва гирд бар гирди шаҳр хандақи азим аст...».

Абӯнаср бини Аҳмад Сомонӣ марди фозили илму фарҳангдӯст буд. Чӣ хеле, ки сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, худи ӯ шеър мегуфт. Бинобар ин дар замони вай ва ворисонаш Самарқанд ба шаҳри шоирону мусиқанавозон, ҳофизону донишмандон табдил ёфт. Беҳуда нест, ки Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ибтидои шеъргӯию шеърнависии хешро аз Самарқанд сар кардааст. Шоирон — пешгузаштагони Рӯдакӣ Абулҳафси Суғдӣ, Абулянбоғи, Аббос ибни Тархони Самарқандӣ (Абӯтакӣ) ва дигарон дар ҳамин шаҳри овозадор ба шеъргӯӣ сар карда буданд.

Нӯҳ, Аҳмад, Абӯнаср кӯшишҳо ба харҷ доданд, ки Самарқанд мисли пойтахтҳои давлатҳои пешқадам ба маркази илму фарҳанг табдил ёбад. Истахрӣ навиштааст, ки дар Самарқанд калонтарин китобхонаи асримиёнагӣ созмон ёфта буд.

Ҳарчанд ки баъд аз сари Абӯнаср (892) пойтахти Сомониён ба Бухоро кӯчид, аммо ба ин нигоҳ накарда, таъсири амирони Сомонӣ ба Самарқанд калон буд. Самарқанд ҳамчун шаҳри марказӣ дар болоравии обрӯ ва нуфузи оли Сомон хизмати бузурге намудааст. Амирони Сомонӣ тавонистанд, ки Самарқандро ба «Сайқали рӯи замин» мубаддал намоянд.

намудани пойдевори Ҳирот калон буд. Вай тавонист, ки пойтахти Хуросонии Сомониёнро бо усули хоса бино кунад. Ҳамин тавр ин оли овозадор дар ташкили шаҳрҳою равнақу ривоҷи тиҷорат дар асрҳои миёна саҳми муносиби хешро гузошт.

Аммо дар замони Сомониён Самарқанд ба худ шукӯҳи хоса дошт. Зеро он аз соли 817 то 892 пойтахти нахустини давлатдории тоҷикон ба шумор мерафт. Дар сари гаҳвораи аввалини пойтахти Сомониён — Нӯҳу Аҳмад бини Асад ва Абӯнаср бини Аҳмад меистоданд.

Самарқанд таърихи хеле кӯҳан дорад. Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки асоси шаҳр ҳанӯз дар асрҳои VII—VI то милод пайдо шуда, то асри V ба худ номи Афросиёбро дошт. Баъди асри V онро Мароқанд ном карданд. Дар асрҳои V—VII милодӣ номи Самарқандро гирифтааст.

Самарқанд маркази аввалини таҳлиди шиша, коғаз, кулолгарӣ, кандакорӣ ба шумор мерафт. Ҳафриётҳои бостонии Афросиёб собит намуданд, ки баъди тохтутози юнону македониҳо (329—327) асоси пойдевори атрофи Афросиёб сохта шудааст. Мардум барои аз душман дастнорас гаштани шаҳр атрофи онро девор гирифтаанд.

Муборизаи самарқандиҳо бар зидди арабҳо ва аз тарафи Қутайба ибни Муслим (712) хароб карда шудани шаҳр мардумро водор сохт, ки пойдевори онро мустаҳкам намоянд. Он имконият дод, ки шаҳриён аз ҳуҷумҳои ногаҳонии кӯчиён-туркони бодиянишин эмин бошанд.

Сомониён баробари ба сари қудрат омадан, ба ободонии Самарқанд машғул шуданд. Дар солҳои ҳукмронии Нӯҳ бини Асад (818—842) шаҳри Самарқанд аз рӯи тарҳи нав сохта шуд. Бо ташаббуси амир баробари даргоҳи подшоҳ, инчунин марказҳои маъмурию тиҷоратӣ бино шуданд. Яке аз хизматҳои бузурги Нӯҳ дар он зикр мегардад, ки вай Самарқандро ба пойтахти аввалини давлати Сомонӣ табдил дод. Дар қатори даргоҳи подшоҳ, инчунин марказҳои маъмурию тиҷоратӣ бино шуданд. Бо ташаббуси ӯ дар Самарқанд зарробхона ташкил шуд, ки тангаҳои он дар тамоми мулкҳои Сомониён гардиш мекард. Баробари ин Нӯҳ ба ислом рӯ оварда, дар Самарқанд масҷидҳо бино карда, нуфузи хешро дар назди хилофат баланд намуд.

Баъди сари Нӯҳ (842) мулкҳои Самарқанду Фарғона дар дасти Аҳмад бини Асад (842—864) муттаҳид шуд. Вай кори саркардаи бародарро идома дода, Самарқандро ба шаҳри калони тиҷоратӣ ва бозори Мовароуннаҳр табдил дод. Пас аз вафоти Яҳё (855) мулкҳои Чочу Истаравшан низ ба итоати Аҳмад гузошта, ба Самарқанд гӯш медоданд. Аҳмад тавонист, ки Самарқандро ба шаҳри овозадори асримиёнагии

тоҷик табдил диҳад. Дар даврaн Аҳмад атрофи шаҳр бо «Девори қиёмат» хеле мустаҳкам шуд. Бо ташаббуси амирони Сомонӣ шаҳр соҳиби дарвозаҳои «Навбаҳор», «Оҳанин», «Бухоро» ва «Шарқ» гашт.

Аҳмад вафот кард. Қори саркардаи вайро оиди ободонии Самарқанд писараш Абӯнаср (864—892) идома дод. Вай тавонист, ки баробари дигар сохтмонҳо, инчунин ба ташкили тими савдоӣ ва бо об таъмин намудани шаҳр ҳисса гузорад. Яке аз марказҳои калони бо об таъминкунии Самарқанд «Ҷӯи арзиз» ба шумор мерафт, ки асоси онро дар нимаи дуюми асри IX Абӯнаср бини Аҳмад гузошта буд. Он ҷӯй чун усули қубурӣ бо хишти пухтаи калонҳаҷм бино шуда, аз руди Зарафшон оби мусаффоро ба шаҳр мелод. Дар дохили шаҳр он ба воситаи қубурҳо тақсим мешуд.

Абӯисҳоқи Истахрӣ ёд кардааст, ки «... дар шаҳри Самарқанд хазор ҷойгоҳ оби яхи сабилӣ ниҳодаанд».

Дар замони ҳукмронии Насрӣ II бини Аҳмад Самарқандро ҷуғрофи машҳури тоҷику форс Абӯисҳоқ Истахрӣ сайёҳат намуда, дар китоби хеш «Масолик ва-л-мамолик» оиди ин шаҳри овозадор чунин навиштааст: «... Аз мӯътамидун шунидам, ки дар шаҳри Самарқанд ҳазор ҷойгоҳ он аст, ки оби яхи сабилӣ ниҳодаанд... Руде аз арзиз сохтаанд бар садди баланд. Рӯи ин руд арзиз аст. Ва гирд бар гирди шаҳр хандақи азим аст...».

Абӯнаср бини Аҳмад Сомонӣ марди фозили илму фарҳангдӯст буд. Чӣ хеле, ки сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, худи ӯ шеър мегуфт. Бинобар ин дар замони вай ва ворисонаш Самарқанд ба шаҳри шоирону мусиқанавозон, ҳофизону донишмандон табдил ёфт. Беҳуда нест, ки Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ибтидои шеъргӯию шеърнависии хешро аз Самарқанд сар кардааст. Шоирон — пешгузаштагони Рӯдакӣ Абулҳафси Суғдӣ, Абулянбоғӣ, Аббос ибни Тархони Самарқандӣ (Абӯтақӣ) ва дигарон дар ҳамин шаҳри овозадор ба шеъргӯӣ сар карда буданд.

Нӯҳ, Аҳмад, Абӯнаср кӯшишҳо ба харҷ доданд, ки Самарқанд мисли пойтахтҳои давлатҳои пешқадам ба маркази илму фарҳанг табдил ёбад. Истахрӣ навиштааст, ки дар Самарқанд калонтарин китобхонаи асримиёнагӣ созмон ёфта буд.

Харчанд ки баъд аз сари Абӯнаср (892) пойтахти Сомониён ба Бухоро кӯчид, аммо ба ин ягоҳ накарда, таъсири амирони Сомонӣ ба Самарқанд калон буд. Самарқанд ҳамчун шаҳри марказӣ дар болоравии обрӯ ва нуфузи оли Сомон хизмати бузурге намудааст. Амирони Сомонӣ тавонистанд, ки Самарқандро ба «Сайқали рӯи замин» мубаддал намоянд.

Тоҷикон дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ некӯкоранд. Онҳо аз қадим боз кӯшишҳо ба харҷ медиҳанд, ки дасти фитодаеро бигиранд. Ин хислатҳо дар мардуми шаҳрнишин таҷассуми волои хешро ёфтааст. Ҳатто, маъхазҳои таърихӣ дар бораи мардуми некиҳоҳу инсондӯст будани тоҷикон маълумотҳои хоса додаанд. Муаллифи китоби «Масолик ва мамолик» Абӯисҳоқи Истахрӣ, ки дар замони хукмронии Насри II асари хешро иншо намудааст, дар бораи меҳмоннавозию дастархондории самарқандиён наклҳои аҷоибе намудааст. У қайд мекунад, ки дар мулки тоҷикон тамоми дарҳо ба рӯи меҳмону мусофир кушодааст. Ҳатто вақтҳое мешуд, ки шаҳриён барои меҳмон шуда, байни худ мунокиша менамуданд. Кӯшиш ба харҷ медоданд, ки мусофир аз даргоҳи онҳо ноумед наравад. Дар ин хусус Истахрӣ чунин навиштааст: «...Ва чун меҳмон фаро расад, худованди хона шодӣ намояд ва тозарӯйӣ кунад. Ва ин маънӣ дар ҳеҷ иклим нашунидаам, магар дар ин диёр».

Истахрӣ Самаркандро пойтахти Мовароуннаҳр- ҳисобида, қайд менамояд, ки меҳмоннавозии тоҷикон дар саросари ин қаламрав як зайл аст. «...ҳама Мовароуннаҳр ба ин маънӣ як хона аст», — мегӯяд муҳаққиқ.

Тааммули неки самарқандиёнро тамоми хонадонҳои тоҷикӣ дастгирӣ менамуданд. Меҳмону мусофир дар ҳама ҷо тоҷи сари онҳо буд.

Бухоро шаҳри дуюми овозадори тоҷикон аст, ки аз соли 892 то соли 999 пойтахти давлати Сомониён буд. Бухоро чун дигар шаҳрҳои қадимаи тоҷикӣ дар шӯҳрат пайдо намудани оли Сомон хизмат кардааст.

Бухоро мисли дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр таърихи кӯҳан дорад. Сарчашмаҳо ёд мекунанд, ки шаҳр дар поёноби рӯди Зарафшон бунёд гаштааст. Онди шаҳри Бухоро муаллифи китоби «Ҳудуд-ул-олам» чунин навиштааст: «Бухоро шаҳри бузург аст ва ободтарин шаҳрест андар Мовароуннаҳр ва мустақари малики машриқ аст. Ва ҷои намнок аст ва бисёр меваҳо ва бо обҳои равон» (с. 68).

Муаллифи «Таърихи Бухоро» Наршахӣ ёд кардааст, ки шаҳр дар даврy замони мухталиф такроран бунёд шудааст. Бухоро хусусан дар асрҳои VI!—VIII хеле ободу зебо гашта, ба худ номи «Мадина-ут-туҷҷора», яъне шаҳри бозоргононро гирифта буд. Беҳуда нест, ки арабҳо онро ба маркази тарғиботи дини ислом табдил дода, аввалин масҷидро соли 713 дар ин ҷо бунёд намуданд.

Аммо Бухоро дар рафти ҷангҳои бемаънӣ бо душманони хориҷӣ хароб шуд. Мардуми шаҳр барои аз ҳуҷуми душманон эмин нигоҳ доштани он тадбир андешиданд. «Деворе ба гирди ин ҳама даркашида боз якбора ва ҳамаи работҳо ва деҳқонон андаруни ин девор аст», ёд шудааст дар «Ҳудуд-ул-

олам». Дар асри IV баробари равнақёбии шаҳр, тарҳи девори атрофи онро кашиданд. Сипас дар солҳои 849—850 барои боз ҳам мустаҳкам намудани девори шаҳр кӯшишҳо ба харҷ доданд.

Дар роҳи ободу дилрабо гаштани шаҳри Бухоро нақши Исмоили Сомонӣ нотакрор аст. Вай аз рӯзҳои нахустини ба Бухоро пой ниҳоданаш (874) дар сар фикри ободии шаҳрро парварид. Кӯшиш ба харҷ дод, ки Бухороро мувофиқи талаби рӯз бунёд карда, ба яке аз шаҳрҳои зебоманзари асримиёнагии Мовароуннаҳр табдил диҳад. Бинобар ин дар муддати сию се соли (874—907) сокини Бухоро буданаш шаҳрро хеле обод намуд. Наршахӣ ёдовар мешавад, ки аз амирони Сомонӣ касе аз Исмоил дида, бештар Бухороро дӯст намедошт. Бесабаб нест, ки баъди вафоти Абӯнаср (892) Исмоил пойтахтро аз Самарқанд ба Бухоро кӯчонид. Вай кӯшиш намуд, ки Бухоро дар ободонию зебоӣ аз пойтахти хилофат ақиб намонад.

Хизмати Исмоил оиди ободонии Бухоро дар он зикр меёбад, ки ӯ харҷӣ аз Бухорхудот мерос гирифт, онро таъмир намуда, зебу зинат бахшид. Пеш аз ҳама қалъаи Бухоро мувофиқи талаботи рӯз аз нав сохта, хеле васеъ намуд. Дар он ҷо баробари даргоҳи амир, инчунин биноҳои хазина, маҷлиси дарбор ва ғайра сохт.

Исмоил шаҳрро бе корхонаву устохонаҳо, корвонсарою меҳмонхонаҳо, масҷиду мадрасаҳо, хиёбону кӯчаҳо тасаввур намекард. Бинобар ин ба сохтани чунин иншоотҳо маблағро дареғ намедошт. Таърихшиноси асримиёнагӣ Муқаддасӣ дар китоби худ «Ал бадеъ ва-т-таърих» навиштааст, ки Исмоил дар ривоҷи саноати бофандагӣ дар Бухоро хизмати босазое намудааст. Вай менависад, ки амир дар ҳамшафатии масҷиди намози ҷумъахонии шаҳри Бухоро корхонаи бофандагӣ бунёд кардааст. Дар ин корхона қолин, парча, шоҳӣ, алоча, гилем мебофтанд. Маҳсулоти истеҳсолмекардагии ин корхона хеле хушсифат буда, талаботи мардуми дохилию хориҷӣ ба он хеле калон будааст. Хусусан, тоҷирони Миср, Сурия, Рум, Чин, Ҳиндустон ва дигар мамолики хамҷавор ба маҳсулоти корхонаҳои Бухоро эҳтиёҷманд будаанд.

Наршахӣ ин корхонаро «Байтуттироз» номида, қайд намудааст, ки коргарони он ҳунари воло доштанд. Овозаи онҳо дар тамоми қаламрави мулки Сомон паҳн гашт. Бинобар зиёд гаштани талабот ба моли он дар шаҳрҳои Хуросон низ чунин корхонаҳо бунёд шуданд.

Устоҳои заркори бухороӣ ба мулкҳои дигар рафта, касби хешро ба мардум меомӯзониданд. Ҳатто, дар Бағдод чунин корхона сохтанд.

Чӯи Мӯлиён чои писандидаи амирони Сомонӣ ба шумор мерафт. Он мавзеи дӯстдоштатарини Исмоили Сомонӣ буд. Бинобар ин барои боз ҳам пуртароват шудани ин мавзеъ кӯшишҳо ба харҷ медод. Ин зиёратгоҳ дар гузашта мулки бухорхудот Тагшода ба шумор мерафт ки ба фарзандонаш мерос монда буд. Онро Исмоили Сомонӣ аз ворисн вай Муҳаммад бини Толут харида ба бӯстонсарои амирони Сомонӣ табдил дод. «Худои таоло рӯзи кард, — навиштааст Наршахӣ, — то ҷумла бихарид ва ба мавлиён (ғуломони зархарид — А. М.) дод, то Ҷӯи Маволиён ном шуд ва оммаи мардум Ҷӯи Мӯлиён гӯянд».

Ҳар мавзеъ, ки ба Исмоил писанд меомад, албатта, онро бо розигии соҳибонаш аэхуд намуда, ба ворисонаш ҳадя менамуд. Мавзеи Даштакро аз Ҳасан бини Муҳаммад бини Толут харида, ба фарзандону наберагони хеш ёдгор гузошт.

Баробари ин ӯ дар атрофи шаҳри Бухоро бисёр мулкҳоро харида, ба моли хосаи дарбори хеш табдил дод. Яке аз онҳо деҳаи Баркади Алавиёи мебошад. Вай онро харида, вақф намуда, пешкаши уламо гардонд.

Абӯбакри Наршахӣ дар бораи ободонии Бухоро ёдовар шуда, қайд менамояд, ки Исмоил барои шукӯҳи шаҳри хеш ҷонбозиҳо намудааст. Вай хонаҳои кӯҳнаро таъмир намуда, чун биноп идора ба хизмати девонҳо пешкаш менамуд. Азбаски эътиқоди омма нисбати ислом қавитар мешуд, бинобар ин мардум бештар ба тоату ибодат рӯ оварда, аз ҳокимон талаб менамуданд, ки масҷидҳо бино кунанд. Инро Исмоил пазируфт. Вай масҷиди соли 713 бунёд кардаи Кутайба ибни Муслимро хуб таъмир намуда, пешкаши девонҳо кард. Сипас масҷиди нав бунёд намуда, онро ба рӯҳониён супорид.

Исмоил марди хеле зираку доно буд. Ӯ баъди сафарҳои хеш ба пойтахти хилофат — шаҳри Бағдод ба хулосае омад, ки мояи асосии ободӣ тиҷорат аст. Агар он ривоҷ ёбад он гоҳ деҳот симои хешро дигар мекунад. Бинобар ин, ба ободонии бозорҳо пардохт. Кӯшиш ба харҷ дод, ки Бухоро мисли Маккаю Мадина ба шаҳрҳои бозоргонон табдил ёбад. Аз ин рӯ ба ободонии «Бозори Моҳрӯз» кӯшишҳо ба харҷ дод. Сарчашмаҳо, аз ҷумла Абулҳасани Нишопурӣ дар китоби хеш «Хазоин ул-улум» ёдовар шудааст, ки дар қадим подшоҳи Бухоро Моҳ ном доштааст. Ӯ бозори азим ташкил намудааст, ки баъди ӯ ба унвонаш номгузорӣ шудааст. Онро Исмоилу ворисонаш аз нав таъмир карда, ба бозори ҷаҳонӣ мубадал намуданд. Мувофиқи гуфтаи Наршахӣ соле ду маротиба бозори ҷаҳонӣ созмон мееёфтааст. Аз ин рӯ Бухоро дар замони Исмоилу пайравонаш номи «Мадина-ул-туҷҷор», яъне номи шаҳри бозоргононро гирифтааст.

Маҳз ҳамин кӯшиши Исмоил ва наберааш Насри II буд, ки Бухоро дар асри X ба маркази муҳими тиҷоратии байни мамлакатҳо табдил ёфт.

Қори саркардаи Исмоилро баҳри ободонии Бухоро Насри II идома дод. Агар Исмоил баҳри сохтани масчидҳо кӯшиш ба харҷ дода бошад, пас Насри II барои ба шаҳри илму адаб табдил ёфтани Бухоро камар баст. Ба вай муяссар шуд, ки як силсила мактабу мадрасаҳо соҳта, мардумро аз илму адаб бохабар созад.

Доир ба таърихи ободшавии Бухоро Абӯисҳоқи Истахрӣ дар асари хеш маълумотҳои гаронбаҳо додааст. Ӯ Бухороро чун боғшаҳр ёд мекунад. Вай қайд намудааст, ки агар ибтидои шукуҳи Бухороро Исмоили Сомонӣ гузошта бошад, пас дар замони амирии набераи ӯ Насри II шаҳр хеле васеъ шуда, ободу зебо гашт. Бо фармони амир дар рафти солҳои 930—933 деворҳои шаҳр хеле мустаҳкам карда шуданд. Истахрӣ ба пойтахти оли Сомон баҳо дода, чунин навиштааст: «...Дар Хуросону Мовароуннаҳр ҳеҷ шаҳр анбӯҳтар аз Бухоро нест. Ва руди Суғд (Зарафшон — А. М.) дар миёни шаҳр меравад. Ва аз он ҷо ба осиё ва мазорҳо расад ва то ҳадди Байканд биравад.

...Ва Бухоро ҳафт дарвоза ҳаст: Якеро Дари Шаҳристон хонанд ва дигареро Дари Нур ва дигар Дари Канда ва чаҳорум Дари Оҳанин ва панҷум Дари Кӯҳандиз ва шашум Дарвозаи Меҳр, ки Дарвозаи Бани Асад ҳам хонанд ва ҳафтум Дарвозаи Бани Саъд ва Кӯҳандизро ду дарвоза аст: Дари Регистон ва Дарвозаи Масчиди Одина».

Насри II кӯшиш ба харҷ дод, ки Бухоро дар ободонӣ аз пойтахти хилофат шаҳри Бағдод мондаӣ надошта бошад. Дар ин хусус устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, ки қисми умри хешро дар дарбори Насри II сипарӣ намудааст оиди ободии Бухоро чунин гуфтааст:

> Имрӯз ба ҳар ҳол Бағдод Бухорост,
> Куҷо мири Хуросон аст пирӯзӣ он ҷост.

Амирони Сомонӣ баробари бунёди масчиду мадрасаҳо, инчунин дар ташкили хазинаҳои дониш — китобхонаҳо низ хизмати шоиста намуданд. Яке аз ин ганҷхонаҳо — китобхонаи овозадори Сомониён «Савонеҳ-ул-ҳикмат» буд, ки асосашро Исмоил бунёд кард ва дар замони Насри II он аз нав таъмиру бо адабиёти нодиртарини илмию фарҳангии ҷаҳонӣ ҷиҳозонида шуд.

Китобхона шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд. Бинобар ин беҳтарин шоиронy нависандагон, олимону табибон мутолиагарони доимии он шуданд. Насри II нусхаи асарҳои дар китобхонаи

Бағдод маҳфуз бударо пайдо карда, дар китобхонаи худ гузошт.

Дар замони ҳукмронии амир Мансури II (997—999) Абӯалӣ ибни Сино мутолиачии асосии ин китобхона ба шумор мерафт. Вай амирро аз марг наҷот дод ва ба ивази хизматаш ба ин китобхонаи овозадор роҳ ёфт.

Дар ободонии Бухоро Мансур бини Нӯҳ (961—976) саҳм гузор буд. Вай кори саркардаи бобоҳояшро идома дод. Мисли Исмоилу Насри II дар кори васеъ намудани иморатҳои Ҷӯи Мӯлиён хизмат кард. Мувофиқи гуфтаи Наршахӣ ӯ дар рафти солҳои 966—967 дар деҳаи Сомон, ки берун аз шаҳри Бухоро воқеъ гаштааст, маркази калони тоату ибодати исломӣ бунёд намуд.

Шаҳри овозадори Бухоро баъди сустшавии қудрати оли Сомон рӯ ба фано ниҳод. Ҳуҷумҳои пай дар пай бодиянишинон, хусусан қарохониён (992) шаҳрро ҳароб кард. Мардуми аз илму фарҳанг дур ҳатто китобхонаи овозадори Сомониёнро оташ заданд. Ин буд, ки 23 октябри соли 999 шӯълаи давлатдории оли Сомон хомӯш гашт ва туркон соҳиби шаҳрҳои бузурги тоҷикон — Самарқанду Бухоро шуданд.

Азбаски кӯчиён аз мулкободкунӣ дур буданд, бинобар ин як муддат шаҳрҳои бостонии тоҷик хароб шуданд. Соҳибмулкони нав шаҳрсозиро чун хаймабунёдкунӣ пиндошта, ба ободии онҳо аз таҳти дил камар набастанд. Шаҳрҳои обод рӯ ба харобӣ ниҳоданд. «Чун мулк аз Сомониён бирафт, он хароб шуд», — гуфтааст Наршахӣ.

## § 3. Шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ

Шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ яке аз хусусиятҳои ба худ хоси замони феодалӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ Сомониён дар арсаи давлатдории хеш ба ин масъала низ аҳамияти калон медоданд. Онҳо баробари бунёди шаҳрҳои нав, инчунин ба ободу зебо ва боз ҳам васеъ намудани шаҳрҳои қадима камар бастанд. Бо чидду ҷаҳди онҳо дар асрҳои IX—X шаҳрҳои Нишопур, Марв, Балх, Ҳирот, Бухоро, Самарқанд, Тирмиз, Кеш, Насаф , Чоч, Истаравшан, Хуҷанд, Фарғона ва ғайра хеле пеш рафта, ободу зебо гаштанд. Хизмати хонадони ҳукмрон дар он зикр ёфт, ки шаҳрҳои номбурдаро васеъ намуда, атрофашонро девор гирифта, онҳоро аз ҳуҷуми бодиянишинон эмин нигоҳ доштанд.

Яке аз намунаҳои мустаҳкам шудани муносибатҳои феодалӣ дар асрҳои IX—X ташаккул ёфтани шаҳрсозии тоҷик мебошад. Усули шаҳрсозию шаҳрнигаҳдории тоҷик ба кӯчманчиён таъсири хоси хешро расонд, ки онҳо оҳиста-оҳиста ба

ҳаёти муқимӣ рӯ ниҳоданд. Дар замони Сомониён шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон бо усули ба худ хос бунёд мешуд. Баъзе шаҳрҳо дар дохили шаҳристонҳо қомат афрохта, тараққӣ мекарданд. Дигар шаҳрҳо дар работҳо ривоҷ ёфта, намуди навро мегирифтанд. Гурӯҳи сеюми шаҳрҳо — дар асоси мустақиман навсозии шаҳрҳои кӯҳна пайдо мешуданд.

Мо дар боло дар бораи ба пойтахти дуюми тоҷикон табдил ёфтани Бухоро сухан кардем. Аммо дар хусуси сохтор ва ҷойгиршавии он чизе нагуфтаем. Яке аз шаҳрҳои калони ҳамон давра —Бухоро ба шумор мерафт. Ин шаҳр аз се қисм: арк, шаҳристон ва работ иборат буд. Шаҳристон маркази иқтисодӣ-сиёсӣ буда, дар он ҷо бозор, маҳаллаҳои ҳунармандон, корвонсаройҳо, масҷид, қасру боргоҳҳои шаҳсӣ ҷойгир буданд. Дар қисми Регистон бошад, дарбори амир, идораи девонҳо ва дигар муассисаҳои давлатӣ қарор доштанд. Берун аз девори шаҳристон, яъне дар работ дуконҳои атторон, бозорҳо, меҳмонхонаҳо, гузарҳои савдогарону ҳунармандон сохта мешуданд, ки онҳо ҷои сераҳолии шаҳрро ташкил медоданд. Работ бо девори баланд иҳота карда шуда, ёздаҳ дарвоза дошт.

Замони Сомониён дар шаҳрсозӣ боз аз он фарқ мекунад, ки онҳо биноҳои шаҳрро аз рӯи нақша месохтанд. Кӯчаю хиёбонҳои шаҳр хеле росту васеъ буда, ба роҳҳои нақлиётию пиёдагард тақсим мешуданд.

Девори иморат ва хонаҳоро аз хишти пухтаю хом, пахса, санг, қалама (чӯбин) бино мекарданд. То сӯхторҳои ибтидои асри X тамоми биноҳои маъмурию амирӣ ва хонаҳои истиқоматиро бо усули қалама месохтанд. Зеро ин роҳ харҷи камро талаб мекарду ба зилзила тобовар буд. Аз ин рӯ, мардуми каламрави Сомонӣ ин усулро меписандиданд. Кӯчаҳои Бухоро сангфарш буда, бинандагонро дар ҳайрат мемонданд.

Сохтмони пуравҷи асрҳои IX—X Самарқанду Бухоро, Ҳироту Балх ва меъмории онҳо барои дигарон дарси ибрат буд. Ҳокимони вилояту ноҳияҳои зердасти Сомониён кӯшиш ба харҷ медоданд, ки шаҳрҳоро аз рӯи тарҳу усули шаҳрсозии марказ бунёд намоянд. Бештар ба кандакории болои чӯб ва гачкории деворҳои хонаву биноҳои маъмурӣ диққат медоданд.

Сарчашмаю маъхазҳои таърихию ҷуғрофӣ ва дастовардҳои ҳафриётҳои бостонӣ собит мекунанд, ки усули шаҳрсозӣ ва ороиши биноҳоро Сомониён аз аҷдодони пешгузаштаи хеш мерос гирифтаанд. Зеро дар замони пайдоиши шаҳрҳои феодалӣ (асрҳои IV—V) бинокорон ба ороиши хона аз гач, санг, чӯб, камиш ва ғайра бештар аҳамият медодаанд. Дар бораи ороишҳои гачу санг ҳафриётҳои Варахша, Бунҷикат, Панҷекат, Афросиёб ва ғайра дастовардҳои нодир доданд. Умуман гу-

заронида шудани ҳафриётҳо дар шаҳрҳои асримиёнагӣ дар бораи кандакории болои чӯб маълумот медиҳанд. Муаллифи ин сатрҳо шоҳиди ҳафриётҳои бостонӣ дар Истаравшану Панҷакент аст. Аз шаҳрҳои Бунҷекату Панҷакент наққошии болои чӯб дарёфт шуд, ки онҳо ба асрҳои VII—IX тааллуқ доштанд. Ин нақшҳо дар болои чӯбҳои сӯхта боқӣ монда, то рӯзҳои мо омада расиданд.

Аз таърих маълум аст, ки истилои араб раванди ташаккулёбии шаҳрҳои бостонии тоҷикро як муддати тӯлонӣ боз дошт. Зеро арабҳо бо роҳи сӯхтор бисёр шаҳрҳои ободу зебои моро ба хок яксон намуданд. Ба ин ваҳшонияти дар рафти солҳои 720—721 дар Панҷакент ва соли 822 дар Бунҷекат (Шаҳристон) содир намудаи истилогарон мисоли равшан шуда метавонад. Ҳафриёти бостонии ин ду шаҳри бузург нишон дод, ки дар онҳо иморатҳои ду-се ошёна қомат афрохта буданд. Болои хонаҳоро бо чӯби бурс (арча), бед, сафедор, чормағз, тут пӯшонида, бомашро бо гил андова мекарданд. Ба болои болор васса партофта, бо хасу тароша мустаҳкам намуда, сипас гил рехта, онро нам карда, бо бомкӯб мустаҳкам менамуданд. Он бо ҳам васл шуда, дигар обро намегузаронид.

Дар замони оли Сомон бинокорию шаҳрсозӣ хеле такмил ёфт. Хусусан дар ороиши дохили хона тағйиротҳо калон буданд. Зеро аввал болои хонаҳоро бо қамишу чӯбҳои сайқалнаёфта мепӯшониданд. Баъдтар усули истифодаи чӯбҳои чортарошро кор карда, пас болои онҳоро бо қамишҳои ғафси вассамонанд мепӯшониданд. Оҳиста-оҳиста кандакории болои чӯб ривоҷ ёфт. Акнун устоҳои гулдаст дар болои болорҳои хона нақшу нигорро ёд гирифтанд. Ин буд, ки дар замони дар Фарғона ҳоким будани Аҳмаду писараш Исмоил беҳтарин ҳунари кандакории болои чӯб дар он ҷо ташаккул ёфт. Сипас баъди рафтуоми озод дар байни Бағдоду Мовароуннаҳр боз ҳам шакли хонасозӣ тағйир ёфт. Меъморону устоҳои чирадаст кӯшиш ба харҷ медоданд, ки аз нақшҳои беҳтарини устоҳои мухталиф истифода бараид.

Қандакории болои чӯб авҷ гирифт. Ҳамин тавр усули кавзагии болопӯшкунии хонаҳо ҷорӣ шуд. Байни устоҳо як навъ сабқате дар ҳунармандӣ мураввадҷ гашт. Аз ин рӯ, дар Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Чоч. Фарғона, Панҷакент, Ҳирот, Тирмиз, Балх, Кеш, Насаф, Марв ва ғайра шаҳрҳо бо усули кавзаю арақ сохтани хонаҳои истиқоматӣ ба расмият даромад. Дар шаҳру деҳоте, ки чӯб камчин буд, усули бо гаҷ зебу зинат додани хонаҳо ривоҷ меёфт. Ингуна хонасозӣ бештар дар Варахша, Пайканд. Ромитан, Насаф, Тирмиз, Марв, Ҳирот, Чоч ва дигар мулкҳо ба чашм мерасид.

Истахрӣ дар бораи ободии шаҳру деҳот ва меҳмондории мардуми Мовароуннаҳр маълумотҳои хоса додааст. Вай қайд менамояд, ки ба калом манзиле пой гузошта бошад, албатта, соҳиби иззату икроми баланди тоҷикон гаштааст. Зеро тоҷик дар шаҳру деҳ кӯшиш ба харҷ дода, меҳмонхона сохта, барои нигоҳ доштани колои мусофирон оғилу саройро низ месохт. «Ва ҳар шаҳру манзилу биёбон ки бинӣ, дар Мовароуннаҳр алока ба ҳар манзил работе ва ҷойгоҳе сохтаанд, — ёдовар шудааст ӯ. — Ва шунидам, ки дар Мовароуннаҳр зиёдат аз даҳ ҳазор работ ҳаст».

Маркази иқтисодӣ ва сиёсӣ оҳиста-оҳиста аз шаҳристон ба работҳо кӯчид ва работҳо дар ташкилёбии шаҳрҳои феодалӣ ҳиссаи муносиб гузоштанд. Чунин тараққиётро дар Самарқанд, Марв, Нишопур ва дигар шаҳрҳои он давра дидан мумкин буд.

Бояд қайд кард, ки на ҳамаи шаҳрҳои Осиёи Миёна шаҳристон, арк ва регистон доштанд. Аз ин ҷост, ки шаҳрҳои феодалӣ ҳам хархела бунёд мегардиданд. Ташаккулёбии шаҳрҳо яке аз нишондиҳандаҳои асосии феодализми тараққикарда мебошад.

Дар ин шаҳрҳо қасрҳои феодалон, савдогарон, рӯҳониён, арбобони сиёсӣ, биноҳои идораҳои давлатӣ, масҷиду мадрасаҳо, хонақоҳу мазорҳо ва ғайраҳо қомат рост мекарданд. Дар қатори чунин биноҳои боҳашамат дар шаҳрҳо кулба ва хоначаҳои пастсангини рутубатноки камбағалона ҳам хеле зиёд буда, ба табақаҳо тақсим шудани сокинони шаҳрҳоро нишон медоданд.

Шаҳрҳо бо ёрии кориз ҳо, наҳрҳои зери заминӣ, лулаҳои сафолин ва ҳавзҳои сунъӣ аз об таъмин карда мешуданд. Дар дохили шаҳрҳо ҳаммомҳои мувофиқ сохта мешуданд. Шаҳрҳои Осиёи Миёна дар асрҳои IX—X назар ба шаҳрҳои Европа бештар тараққӣ карда, тақрибан зиёдтар аз сад сол пеш рафта буданд.

Инкишофи шаҳрҳо ба зиёдшавии аҳолии онҳо сабаб мешуд. Чуночӣ дар асрҳои IX—X шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд ва Марв то 200 ҳазорӣ аҳолӣ доштанд. Гурӯҳои ҳукмрони аҳолии шаҳрҳо заминдорон, савдогарони калон, рӯҳониён ва арбобони давлатӣ буданд. Гурӯҳҳо, ки асосан дар шаҳрҳо зиндагӣ мекарданд, дар дохили шаҳрҳо дӯконҳо ва дар деҳот замину боғоти зиёде доштанд. Масалан, рӯҳониён, ки дар миёни ҳамаи табақаҳои аҳолии шаҳрҳо нуфузи калоне доштанд, аз болои корҳои динӣ, қозигӣ ва мактаб назорат мекарданд. Онҳо соҳибони заминҳои калон, корвонсаройҳо ва дӯконҳои савдогарию ҳунармандӣ буданд.

Тараққиёти шаҳрҳо ба болоравии тақсими меҳнат ҳидоят мекард. Оҳиста-оҳиста касбу кори ҳунармандон ба худ хусусияти муносиб пайдо мекард. Онҳо ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, ба номи хеш раста, гузар, маҳал ва ғайраро созмон медоданд. Ин усули тақсими меҳнат корро осон намуда, барои инкишофи минбаъдаи бозор роҳ мекушод. Ҳамин тавр гузару маҳалҳои кӯзагарон, сӯзангарон, чармгарон, кулолон, ҳарротон, дегрезон, қаннодон, собунпазон, ҳалвогарон, чархрезон, калобаресон, карбосбофон, пойафзолдӯзон, сартарошон, нонпазон, оҳангарон ва ғайра созмон меёфтанд. Ин усули ба маҳалҳо тақсим шудани меҳнат сифати маҳсулотро баланд намуда, шумораи харидоронро зиёд мекард. Чунин усул танҳо ба шаҳрҳои мардуми тоҷику форс хос буд.

Ҳунармандону косибон то дараҷае ба савдогарону феодалони сармоядор вобаста буданд. Зеро онҳо барои ташкили кор аз бойҳо маблағҳои калон қарз мегирифтанд. Бисёрашон дар муддати муайяншуда қарзро канда, худро аз побандию феодалону судхӯрон раҳо менамуданд. Аммо шахсоне, ки сари вақт қарзро адо карда наметавонистанд, як умр побанди хӯҷаин мемонданд.

Дар ҳунармандӣ тақсимоти синфӣ ва меҳнатӣ мушоҳида карда мешуд. Косибон ба устод — хӯҷаин, муздвор — ёрдамчии устод ва шогирд тақсим мешуданд. Дар соҳаи ҳунармандӣ хусусан дар бофандагӣ ва ресандагӣ меҳнати занону марди-корон ҳам ба кор бурда мешуд. Аз болои ҳунармандон корҷунони девони мӯҳтасиб назорат мекарданд.

Сомониён худ мардуми шаҳрӣ буданд. Аз ин рӯ кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки шаҳрҳояшон тозаю озода бошад. Онҳо дар замони сариқудрат буданашон ба мардуми бегона маданияти шаҳрнишиниро омӯзониданд.

Шаҳрдорӣ яке аз масъалаҳои хеле мураккаб ба шумор мерафт. Шаҳрро сохтан осон буд, вале озода нигоҳ доштани он яке аз ташвишҳои асосии рӯз ба шумор мерафт. Онҳо мардуми бегона, аз ҷумла кӯчиёни шаҳрҳохро як муддат муайян дар мулкҳои беруи аз шаҳрӣ тартибот омӯзонида, сипас барои зиндагии муқимӣ рухсат медоданд. Аз сарчашмаҳои қадима ва аз ҷумла аз нақли Наршахӣ маълум аст, ки Сомониён дар солҳои ҳокими мулкҳои алоҳидаи Осиёи Миёна таин шуданашон ба масъалаи бехатарӣ ва тозагии пойтахти ҳокимиятҳо кӯшида, атрофи аксари шаҳрҳоро девор гирифтаанд.

Минбаъд усули шаҳрсозию шаҳрдории Сомониён барои халқҳои омадаи Осиёи Миёна мактаби ибрат шуд. Агар араб-ҳо ҳаёти муқиминишиниию шаҳрсозиро аз тоҷикон омӯхта бошанд, пас ин анъана дар замони ба Мовароуннаҳр сар даровардани туркони бодиянишин низ давом кард.

Шаҳрсозии асрҳои IX—X ба пешрафти санъати меъмории тоҷик роҳ кушод. Дар ин муддат баробари сохтани бинои истиқоматию маъмурии дохили шаҳрӣ, инчунин бунёди мақбараю масҷидҳо ба расмият даромад.

Мақбараи Исмоили Сомонӣ яке аз аввалин ва нодиртарин ёдгориҳои меъмории асри X ба шумор меравад, ки дар аҳди Аҳмад бини Исмоил (907—914) ва Насри II бини Аҳмад (914—943) бино гардид. Он пурра аз хишти пухта сохта шудааст. Онро барои наслҳои оянда мерос гузоштанд. Пас аз он мақбарасозӣ ба ҳукми анъана даромад. Минбаъд амирону ҳокимон, мутафаккирону рӯҳониён ба оли Сомон тақлид намуда, ба мақбарабунёдкунӣ даст заданд.

Яке аз онҳо ёдгории нимаи дуюми асри X мақбараи Аработа дар Тим мебошад, ки солҳои 977—978 бунёд шудааст. Ин мақбара низ бо санъати баланди меъморӣ аз хишти пухта бунёд гаштааст. Баробари он, инчунин мақбараҳои Мирсаидбаҳром дар Кармина ва Оқ-Останабобо дар наздикии Ӯзун қомат афрохтаанд.

Шаҳрсозию мақбарабунёдкунӣ ба пешрафти саноати бинокорӣ сабаб шуданд. Дар атрофи шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Марв, Панҷакент, Ҳулбук, Нишопур, Ҳирот, Тирмиз, Истаравшан, Хуҷанд ва ғайра хумдонҳои истеҳсоли хишти пухта амал мекарданд. Дар асоси ҳафриётҳои бостонӣ маълум мешавад, ки маконя асосии тавлиди хишти пухта шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Тирмизу Варахша ба шумор мерафтанд.

Баробари ороиш, инчунин ба ҳолати гигиении шаҳрҳо диққати махсус дода мешуд. Дар шаҳрҳои қадима баробари кандани чоҳҳои обхӯрӣ, инчунин усули бо қубур обгузаронӣ низ инкишоф ёфта буд. Ҳафриётҳои бостонии Панҷакенти қадима исбот намуданд, ки суғдиён ҳанӯз дар асрҳои V—VII аз усули бо қубур об гузаронидан истифода мебурдаанд. Дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Марву Ҳирот низ ин усул ҷорӣ буд.

Баробари усули бо қубур об гузаронидан ба шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон, ҳамчунон роҳҳои гармигузаронии хонаҳо дар фасли зимистон ҷорӣ буд. Инро ҳафриётҳои бостонии бисёр шаҳрҳои қадимаи мо исбот мекунанд. Бештар хонаҳоро хиштфарш намуда, ба воситаи ҷӯйҳои болопӯшидаи хиштин ба хонаҳо гарми равона мекарданд.

Дар маҷмӯъ, Сомониён анъанаи шаҳрозиву шаҳрдории пешинро ба инобат гирифта, худ низ дастовардҳои илмии замонашонро барои беҳтар намудани сатҳи рафоҳи шаҳриён истифода намуданд. Аз таҷрибаи Оли Сомон давлатҳои минбаъда фаровон истифода карданд.

# БОБИ 6

## ТАРАҚҚИЕТИ КИШОВАРЗӢ

### § 1. Пешрафти хоҷагии қишлоқ ва обёрӣ

Дар фасли гузашта ёловар шудем, ки Сомониён соҳиби мулкҳои фароҳдоману кӯҳҳои ганҷноку шаҳрҳои хурраму мардуми меҳнаткарин буданд. Оиди он ҷуғрофону олимони қадима, аз ҷумла Истахрӣ, Низомулмулк, Муқаддасӣ, муаллифи китоби «Ҳудуд-ул-олам» низ нақлҳои аҷоибе кардаанд. Бисёре аз онҳо ҳикоят менамоянд, ки оли Сомон дар қатори таъмин намудани сарчашъии мардуми форсигӯ, инчунин ба муттаҳидии қаламравҳои хуррами Мовароуннаҳру Хуросон низ мушарраф гашт. Дар ин хусус дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ки «...подшои Хуросон андар қадим ҷудо будӣ ва подшои Мовароуннаҳр ҷудо. Ва акнун ҳарду якест ва мири Хуросон ба Бухоро нишинад ва аз оли Сомон аст ва аз фарзандони Баҳроми Чӯбинаанд. Ва эшонро малики Машриқ хонанд. Ва андра ҳама Хуросон уммоли ӯ бошанд» (с. 59—60).

Оғози муттаҳидии ин ду қаламрави бузург ҳанӯз дар замони Нӯҳ бини Асад (818—842) ва додаронаш Аҳмаду Яҳёю Илёс ба вуқӯъ пайваст буд. Дар солҳои сари қудрат будани писарони Аҳмад Абӯнаср (864—992) ва Исмоил (892—907) умумияти мулкҳои тоҷик анҷом ёфт ва баробари мустақилияти кулли давлатдории Сомонӣ онҳо ба пешрафту инкишофи кишоварзӣ низ муваффақ шуданд.

Дар асрҳои IX—X Хуросону Мовароуннаҳр кишварҳои зироатӣ ба шумор мерафтанд. Кишту кори деҳқонони ин мулкҳо дар заминҳои лалмию обӣ созмон мегирифт. Дар заминҳои сернаму водиҳои сербориш асосан кишти лалмӣ мешуд. Зеро он имконият медод, ки деҳқонон худро бо ҷав, гандум, зағир

таъмин кунанд. Сабаб дар он буд, ки зироатхои номбурда дар шароити иқлими мўътадил ҳосили дилхоҳ медоданд.

Аммо файзи замини обӣ дигар буд. Аз ин рў кишоварзони Мовароуннаҳру Хуросон бештар кўшиш ба харҷ медоданд, ки заминҳои обиро зиёд намоянд. Зеро кишварҳои номбурда дорои захираҳои бои обӣ низ буданд. Рудҳои азими Ому, Сир, Зарафшон аз ҳамин мулкҳо ҷорӣ мешуданд. Инчунин рудҳои Кофарниҳон, Қашқадарё, Мурғоб, Ҳарируд ва ғайра, ки мисли дарёҳои азим аз қуллаҳои барфинапўш ибтидо мегиранд, дар обшор намудани водиҳо, ташкили хуби зироатчигию боғу токпарварӣ ҳиссаи муносиб мегузоштанд.

Давлатдорони Сомонӣ тамоми кўшишҳоро ба харҷ медоданд, ки дар пешрафти кишоварзӣ ба комёбиҳо ноил гарданд. Зеро дар шароити асримиёнагӣ инкишофи зироатчигию пешрафти обёрии мулк боиси рўсурхии мулкдорон буд.

Амирони Сомонӣ аз қадамҳои нахустини соҳибмансаб гаштани хеш ба масъалаи пеш рафти кишоварзӣ диққат медоданд. Аз ин рў Аҳмад бини Асади Сомонӣ аз рўзи аввали ба Фарғона (818) по гузоштани хеш кўшиш ба харҷ дод, ки хоҷагии кишлоқи ин мулк рушду камол ёфта, мардумаш серу пур зиндагӣ кунанд. «Фарғона андар қадим аз мулки атроф будандӣ ва ишонро деҳқон хонданди», омадааст дар «Ҳудуд-ул-олам». Маҳз ин деҳқонии қадимаро хонадони Сомониён дар он мулк устувор намуд. Онҳо тавонистанд, ки Фарғонаро ба водии ҳақиқии пахтакорӣ, чорводорӣ, зироатчигӣ, боғу токпарварӣ табдил диҳанд.

Дар асри IX Сомониён ба инкишофи иқтисодиёт ва пешрафти хоҷагии қишлоқ роҳи васеъ кушоданд. Зеро дар замони давлатдории онҳо Мовароуннаҳр, ки маркази рудҳои пуртуғён ба шумор мерафт, ба мулки пурфайзи кишоварзӣ табдил ёфт. Кишоварзӣ бештар дар водиҳои пуртароватy сероб инкишоф меёфт. Дар водиҳои Мурғоб, Сир, Зарафшон, Қашқадарё, Омударё, Табаристон, Деҳистон, Систон, Кобул, Хатлон, Шодмон ва ғайра бештар кишоварзӣ пеш мерафт.

Сарчашмаҳои қадимаи таърихию ҷуғрофӣ нақл мекунанд, ки барои ба роҳ мондани хоҷагии қишлоқ пеш аз ҳама каналу ҷўйборҳо саҳм мегузоштанд. Азбаски Самарқанд маркази Мовароуннаҳр ба шумор меравад, бинобар ин маъхазҳо ба усули кишоварзии ин мулкҳо диққати хоса медиҳанд. Ҳафриётҳои бостонӣ собит менамоянд, ки обёрӣ ва кишоварзӣ дар водии Зарафшон таърихи кўҳан доштааст. Ҳафриётҳои Саразми ноҳияи Панҷакент исбот намуданд, ки мардуми ин қаламрав бештар аз 5,5—6 ҳазор сол пеш чун деҳқонони асил ном бароварда буданд. Барои обшор намудани заминҳои

ҳосилхези атрофи Самарқанд наҳру ҷӯйборҳое, ки аз дарёи Зарафшон об мегирифтанд, мақоми хос доштанд. Онҳо аввалин шуда усули обёрии сунъиро низ ҷорӣ карданд. Канали калоне, ки аз рӯди Зарафшон ба тарафи Самарқанд ҷорӣ буд, қариб 85 фоизи заминҳои атрофи шаҳрро обшор менамуд. Яке аз он наҳрҳо, ки Самарқандро обёрӣ мекард, Бараш ном дошт. Маъхазҳо онро қадимтарин меҳисобанд. Мумкин аст он канали Работи Хӯҷа бошад, ки имрӯз Самарқанду Ӯргут, Ҷомбой ва атрофи онро обёрӣ мекунад.

Мувофиқи маълумотҳои қадима, дар баробари бо ҷӯйборҳо обшор намудани водиҳо, инчунин усули аз чоҳҳои зеризаминӣ об гирифтан низ маълум буд. Хусусан, усули аз чоҳҳои зеризаминӣ об гирифтан дар ноҳияҳои Ҷизах, Чоч, Истаравшан, Мурғоб, Суғд, Фарғона ва ғайра машҳур буданд. Аз чоҳҳои зеризаминӣ бо усули чувоз обро ба боло кашида, ба ҷӯйборҳо ҷорӣ менамуданд. Барои гардон намудани чархи обкашӣ бештар аз қувваи шутур, хачир, хар, асп, барзагов истифода мебурданд. Ин роҳ хусусан дар ноҳияҳои водии Мурғоб расм шуда буд.

Кишоварзӣ ва обёрӣ баробари ҳаёти инсонӣ таърих доранд. Зеро одам баъди ба олами ҳастӣ чашм вокарданаш ба масъалаи ғизо мепардозад. Медонад, ки бе он зиндагӣ номумкин аст. Аз ин рӯ барои кишту кор камар баста, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки роҳҳои дарёфти ҳосили баланди ғаллаю меваро ёбад. Он об аст. Бинобар ин аз ин неъмати фаровони табиат хуб истифода мебарад. Дар ҷойҳое, ки об нест, усули ҳосил намудани он неъмати ноёфтро меҷӯстанд. Ин буд, ки дар замонҳои хеле қадим усули дар янтоқзор кишт карданро ёд гирифтанд. Решаи янтоқ дар заминҳои беоб ба чуқурии тӯлонӣ рафта, ба об мерасад ва ба воситаи найчаҳояш обро ба боло кашида, ба шоху баргҳо дода, онҳоро сабз нигаҳ медорад. Инро аҷдодони мо хуб медонистанд. Барои таҷриба дар зери буттаи янтоқ тухми харбуза шинонида, аз он ҳосили шакарин мерӯёниданд. Сипас тухми тарбузу кадуро санҷиданд. Баъдтар дар янтоқзорҳо алафи юнучқа корида, аз он низ ҳосили хуб гирифтанд. Бинобар ин киштукори лалмӣ ба расмият даромад. Аммо янтоқ дар ҳама мавзеъҳо намерӯяд. Аз ин рӯ кишоварзони қадима роҳҳои дигари дарёб намудани обро ҷӯстанд. Ин усули бо корезҳо обёрӣ намудани заминҳои ташналаб буд.

Корезу корезсозӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон таърихи хеле қадима дорад. Хафриётҳои бостонӣе, ки дар водии Мурғобу атрофи Марв гузаронида шуданд, ин ақидаро тасдиқ менамоянд. Онҳо ҳикоят мекунанд, ки бо роҳи корезҳо (ҷӯйҳои зеризаминӣ) обёрӣ кардани заминҳо ҳанӯз дар замони Ха-

хоманишинҳо (асрҳои VI—IV то милод) вуҷуд доштааст. Пас дар асрҳои миёна ин усули санчидашуда дар дигар мулкҳои Мовароуннаҳру Хуросон низ ҷорӣ шуд. Тадқиқотҳои бостоншиносӣ дар водии Мурғоби Туркманистон нишон медиҳанд, ки корезҳои ин ноҳияҳо дар замони Сомониён низ вуҷуд доштаанд. Баъзе маъхазҳо тасдиқ мекунанд, ки кишоварзони сомонӣ аз обҳои корезӣ истифода бурда, ҳатто пахтакориро дар Марв ва дигар ноҳияҳои атрофи он инкишоф додаанд.

Шакли нодири корезҳои асримиёнагӣ дар водии Зарафшон низ боқӣ мондааст. Ин усул асоси канали «Навад корез»-и Панҷакентро низ ташкил медиҳанд. Сарчашмаҳо бунёди ин иншоотро ба охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX мансуб медиҳанд. Аммо омӯзиши амиқи онҳо шаҳодат медиҳад, ки ин канал дар асрҳои VIII—IX сохта шудааст. Яъне баъди он ки арабҳо дар солҳои 720—721 Панҷакенти бостониро оташ зада, шаҳрро ба хок яксон намуданд, сипас аз охири асри VIII ва ибтидои асри IX асоси шаҳри имрӯзаи Панҷакент гузошта шуд. Вале баъди ташкили шаҳри нав сокинону кишоварзонаш ба оби нӯшокию кишоварзӣ мӯҳтоҷ буданд. Як чашмаи «Қайнар» талаботи умумро қонеъ гардонида наметавонист. Аз ин рӯ мумкин аст, ки дар асрҳои IX—X масъалаи сохтмони канали «Навад корез» ба миён омада бошад. Аммо сатҳ ва андозаи он бо мурури замон тағйир ёфт.

Наршахӣ нисбати дигарон дар бораи таърихи обёрӣ ва рудҳои водии Зарафшон маълумотҳои аниқ додааст. Яке аз он рудҳои азими Бухоро, ки ӯ ёдовар шудааст, канали «Шопурком» мебошад, ки то имрӯз номи хешро нигоҳ доштааст. Наршахӣ қайд менамояд, ки он рудро Бухорхудот гӯё ба шарафи Шопури сосонӣ номгузорӣ карда бошад. Инчунин ӯ тавкият медиҳад, ки Шопур дар ободию обшоркунии Бухоро саҳмгузор шуда, дар атрофи шаҳр рудҳои зиёде сохта аст. Пас аз сари ӯ кори саркардаи вайро писаронаш идома дода, рудҳои бисёре сохта, Бухороро обшор намуданд. Мо дар фаслҳои гузашта баъзе аз онҳоро ёд кардем. Инҳо рудҳои Кармина, Харконат-ул-улё, Сомчун, Фаровез-ул-улё, Фаровез-ус-Сифло ё Коми Даймун, Арвон ва ғайра мебошанд. Умуман Наршахӣ онди дувоздаҳ руди калони водии Зарафшон маълумот додааст.

Пайваста бо Бухоро, инчунин рудҳои калони атрофи Самарқанд, ба монанди Бузманҷон, Синавоб (Сиёҳоб), Иштихон, Фай ва ғайра низ ёд шудаанд. Ҳамаи руду ҷӯйҳои калоне, ки сарчашмаҳо ёдовар шудаанд, аз дарёи Зарафшон об мегирифтанд.

Дар тамоми давру замонҳо истифодаи об ва захираҳои он дар мадди аввали назари ҳокимон буд. Зеро об халкунандаи

тақдири ҷамъият ва манбаи фаровонии ҳосили мамлакат ба шумор мерафт. Сомониён ба ин масъала аз Нӯҳ бини Асад сар карда, то намояндагони охирини сулолашон диққати аввалиндараҷа медоданд. Ҳатто худи Нӯҳ баъди ба сари қудрат омаданаш (818) баробари гузаронидани ислоҳоти пулӣ (819), ба масъалаи ислоҳоти обу замин низ диққати асосӣ дод. Сабаб дар он буд, ки оби рӯди Зарафшон барои сарсар обёр намудани заминҳои водӣ кифоят намекард. Аз ин рӯ ӯ доир ба сарфакорона истифода бурдани об тадбирҳо андешида, пеш аз ҳама вазифаи миробҳоро аниқ намуда, тақсими обро ба танзим даровард.

Дар замони ҳокими Чочу Истаравшан будани Яҳё бини Асад (818—855) доир ба обёри намудани кишвар чораҷӯиҳо карда шуд. Азбаски Истаравшану Чоч аз об танқисӣ мекашиданд, бинобар он ҳокимон барои ташкили обанборҳо камар мебастанд. Бо ин роҳ кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки на танҳо заминҳои Истаравшан, балки мулкҳои Ҷиззаху Хавосро низ обёр гардонанд.

Абӯнаср бини Аҳмад бошад, кори саркардаи амаки хешро инкишоф дод. Вай тавонист, ки канаду ҷӯйборҳои нав сохта, навбати тақсими обро ба танзим дарорад. Зеро ғайр аз рӯди Зарафшон дигар манбаи калони бо об таъмин сохтани водӣ вуҷуд надошт.

Исмоил ислоҳоти саркардаи амаку бародари бузургро идома дод. Вай дар ибтидои фаъолияти хеш бештар барои бо об таъмин намудани мулки Бухоро кӯшишҳо кард. Зеро нисбати дигар ноҳияҳои водии Зарафшон Бухоро мулки камоб ба шумор мерафт. Бинобар ин Исмоил кӯшишҳо ба харҷ дода, масъалаи бо оби нӯшокӣ ва кишоварзӣ таъмин намудани пойтахти хешро кор карда баромад. Бо маслиҳати вай дар ҷойҳои қулай обанборҳо сохтанд. Исмоил баъди амири кулл эълон шудан (892) кӯшиш намуд, ки тамоми мулкаш обёрӣ шавад. Бинобар ин бо дахолати вай дар рафти солҳои 893—895 обанбори шаҳри Марв, ки дар натиҷаи ҷангҳои бемаънӣ хароб гашта буд, аз нав сохта шуда, масоҳату ҳаҷми обгунҷоиш хеле васеъ гардид. Дар шаҳри Тавовис (эҳтимол Каттақӯрғони имрӯза бошад) обанборе сохтанд, ки аз он заминҳои Кармина, Рабинҷон ва ғайра обёр мешуданд.

Насри II низ дар замони подшоҳии хеш ба беҳтаршавии вазъи обёрӣ ва кишоварзии мулкҳои алоҳида диққати хоса дод. Бо кӯшиши вай дар водиҳои Фарғона, Вахш, Кобул, Кашқадарё ва ғайра чандин каналҳо канда шуданд. Машҳуртарини онҳо рӯди Хошрат дар водии Фарғона буд. Наср баробари дигар мулкҳо, инчунин ба вазъи кишоварзии Балх бештар

аҳамият медод. Азбаски боду ҳавои ин кишвар писанди амирон буд, Насру ворисонаш бештар вақт истироҳати хешро дар он ҷо гузаронида, баҳри ободию обшории ин мулк кӯшишҳо менамуданд.

Дар кӯҳистон усули ба худ хоси обёрӣ амал мекард. Заминҳои он ҷойҳоро аз ҳисоби чашмасорон обшор менамуданд. Ин усул дар тамоми кӯҳсори Мовароуннаҳру Хуросон ҷорӣ буд. Ҳатто дар «Ҳудуд-ул-олам» ҳамаи мавзеъҳои ба воситаи чашмаҳо обшор мешудагӣ қайд гардидаанд. «Урашт, Ҳирсоб ду шаҳраканд бе обҳои равон», ҳосили зиёд медиҳанд, ёд намудааст муаллифи китоби номбурда.

Наср талаботи бозорҳои ҷаҳониро ба маҳсулоти кишоварзон ба назари эътибор гирифта, барои зиёд намудани истеҳсоли пахта (хусусан пахтаи маҳиниах), пӯсти қарокулӣ, пашм, меваи хушк ва ғайра диққат дод. Аз ин рӯ водиҳои Вахшу Фарғона, Марву Мурғоб ба истеҳсоли пахта, Истаравшану Чоч, Утрору Тироз, Исфанҷобу Домғон ба истеҳсоли ғалла, водии Зарафшону Сир ба макони мева, Систон ба мулки меваҳои ситрусӣ, Деҳистону Хоразм ба парвариши шолӣ махсус гардонида шуда буданд.

Баробари ин обёрии заминҳои кӯҳистон низ дар асрҳои IX—X тараққӣ кард. Дар ноҳияҳои Рашт (Ғарм), Элок (Файзобод), Мунк (Ховалинг), Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим ва ғайра ба воситаи ҷӯйборҳои хурд-хурд заминҳои начандон калонро обшор мегардониданд. Обшор намудани заминҳои кӯҳистон заҳмати зиёде талаб мекард. Азбаски дар он замонҳо моддаҳои тарканда набуданд, одамон бо нӯги зогнулу метин дили кӯҳро шикофта об мегузарониданд. Дар ҷойҳои қалбу касногузари кӯҳҳо оташ афрӯхта, пас ба он об зада, сангҳоро метарконданд. Пас аз он сангпораҳоро тоза намуда, ҷӯй меканданд.

Заминҳои водиҳои Осиёи Миёна хеле серҳосил буданд. Дар ин ҷо зироатчигӣ пеш мерафт. Барои обёрии заминҳо аз дарёҳои Ому, Сир, Зарафшон, Мурғоб, Ҳерируд, Қашқадарё, Вахш, Кофарниҳон ва ғайра истифода бурда мешуд. Ин дарёҳо ба воситаи сохтани дарғотҳо ва наҳру ҷӯйҳо заминҳои ҳосилхези Осиёи Миёнаро аз об таъмин мекарданд. Одамон ба душвориҳои он давра нигоҳ накарда, барои обшор намудани мулки хеш мубориза карда, наҳру обанборҳои бузурге месохтанд.

Дар аксари ноҳияҳои Мовароуннаҳру Хуросон синаи кӯҳҳоро шикофта, аз руду чашмаҳои мусаффо истифода мебурданд. Усули дар обанборҳо ҷамъ намудани оби барфу борон ва истифодаи он натиҷаҳои хуб медод. Бештар ҷӯю каналҳои дили кӯҳро бо сӯрох намудани санг, чидани ҷӯбу чим ме-

сохтанд. Усули коркардаи бобоён имрўз дар ноҳияҳои Бадахшони кўҳӣ, Айниву Мастчоҳи кўҳӣ арзи вучуд доранд.

Дар заминҳои обёришавандаи Хуросону Мовароуннаҳр гандум, чав, шолӣ, арзан, кўнок, лўбиё, офтобпараст, наҳўд, загир ва дигар зироатҳоро мекоштанд. Дар ин музофотҳо ба парвариши пахта ва кирми абрешим низ аҳамияти хеле калон медоданд. Пахтакорӣ дар Марву Кубодиён нисбатан хуб тараққӣ карда буд. Тачрибаи бисёрасраи кишоварзӣ собит намуд, ки водиҳои Марву Кубодиён маркази асосии истеҳсоли пахтаи маҳиннах будаанд. Сабаб дар он буд, ки нахи пахтаи ин ноҳияҳо нисбати дигар мулкҳо дарозу хушсифат буд. Аз наҳре, ки дар асри VI то милод дар дохили Кубодиён канда шуда, аз дарёи Кофарниҳон об мегирифт, пахтакорӣ инкишоф меёфт.

Дар бораи макони шолӣ будани Осиёи Миёна низ маълумотҳои нодир ҳастанд. Давлати Сомониён дар бобати истеҳсоли шолӣ низ дар асрҳои миёна ном баровара буд. Дар ин бора Абўисҳоқи Истахрӣ ва муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» маълумотҳо додаанд. Онҳо дар бораи истеҳсоли шолӣ ва дар мулкҳои мухталиф ҳосил гаштани он нақл мекунанд. Маъхазҳо ба шолии Хоразм, Деҳистон, Табаристон, водиҳои Зарафшону Сир, Вахшу Шолмон, Фарғона баҳои баланд додаанд. Ҳафриётҳои бостоншиносие, ки дар Панчакенти қадима, водии Фарғона, Самарқанд, Хоразм ва ғайра гузаронида шуданд, гуфтаҳои болоро тақвият медиҳанд. Азбаски шолӣ бештар обро талаб мекунад, он дар соҳилҳои пасти рудҳои Зарафшон, Сир, Ому, Қашқадарё парвариш карда мешуд.

Наршахӣ қисми кулли умри хешро дар Бухоро сипарӣ намуда, оиди он маълумотҳои нодир медиҳад. Ў баробари таърихи сиёсии оли Сомон, инчунин дар хусуси мулки пурфайзу таровати будани Бухоро ва атрофи он ёдовар мешавад. Муаллиф дар бораи «Чўи Мўлиён» сухан карда, дар симои он пешрафти кишоварзиро дар атрофи Бухоро нишон додааст.

Абўисҳоқи Истахрӣ дар асари хеш дар бораи мулки кишоварзону далерон будани Осиёи Миёнаи замони Сомониён далелҳои зиёде овардааст. Дар асари вай таҳлили боғу токзорҳои Мовароуннаҳр ба худ мақоми хос доранд. Вай мулки сарсабзу хуррам будани Самарқандро дар асрҳои IX—X исбот намудааст. Ў қайд менамояд, ки ҳар як шаҳри Осиёи Миёна дар иҳотаи боғу бўстонҳо бунёд шудааст. «Танаи шаҳр ба боғу бўстон бошад» мегўяд ў. Инро вай ба Самарқанд, Панчакент, Чоч, Хучанд, Канд (Конибодом), Фарғона, Исфичоб ва ғайра нисбат медиҳад. Маъхазҳои қадима дар бораи навъҳои меваю мевачоти дар қаламрави Сомониён мерўидагӣ низ маълумот додаанд.

Дар боғҳои зебо ва дилкушо зардолу, шафтолу, себ, нок, биҳӣ, олуча, гелос, олу, анор, анҷир, чормағз, бодом ва дигар меваҳоро парвариш мекарданд. Навъҳои гуногун ва ширину сершарбати ангур дар токзорҳои Осиёи Миёна хеле зиёд буданд. Харбузаҳои марвӣ ва бухорой ба номҳои «Амирӣ», «Асадӣ», «Беҳзодӣ», «Гулобӣ», «Даҳбедӣ», «Шерозӣ», «Шакарпора», «Қамол», «Баргӣ», «Зарметанӣ», «Марвӣ», «Ҳиротӣ» ва ғайра парвариш карда мешуд. Дар водиҳои Мурғобу Зарафшон бештар ба парвариши харбузаи навъи «Марвӣ»-ю, «Амирӣ» диққат медоданд. Зеро ин харбузаҳоро муҳлати дароз нигоҳ доштан мумкин буд. Бинобар ин дар бозорҳои Хуросону Мовароуннаҳр ба ин навъи харбузаҳо талабот калон буд. Чунин харбузаҳо дар рӯзи иди «Наврӯз» дастархони ҳар як хонадонро оро медод.

Дар қатори харбуза, инчунин ба парвариши тарбуз, каду низ диққати хоса медоданд . Ин навъи маҳсулотро низ то иди Соли Нав — «Наврӯз» нигаҳ медоштанд.

Ангур низ яке аз меваҳои шакарин аст. Он таърихи куҳани хешро дорад. Макони асосии он Осиёи Миёна ба шумор меравад. Беҳуда нест, ки дар сарчашмаҳои қадимаи таърихӣ дар бораи макони ангур будани Осиёи Миёна маълумотҳо зиёданд. Чӣ хеле дар бобҳои аввал хотирнишон намудем, хитоиҳо қаламчаи токи ангурро аз Осиёи Миёна бурда буданд. Дар соли 126 то милод сайёҳи Чин Чжан Цян аз Фарғона қаламчаи токро ба ватани хеш бурда, ба ангурпарварию шарбаткашӣ асос гузошт.

Мувофиқи маълумоҳои ҷуғрофиянависони қадима дар асрҳои IX—X дар Осиёи Миёна токзорҳои беканор доман паҳн карда буданд. Ин сарчашмаҳо ҳикоят мекунанд, ки дар замони сари қудрат будани хонадони Сомониён дар ин кишвар бештар аз 350 навъи ангур парвариш карда мешудааст. Пеш аз ҳама дар токзорҳои Сомониён навъҳои пешпазак, афшон, чиллагӣ, навъи миёнапазаки кишмиши сафеду сиёҳ, ҳусайнӣ, лаъли яклона, чарс, ҷавс, фахрӣ, шакарангур, навъи дерпазак бахтиёрӣ, дили қафтар, биҳиштӣ, нимранг, хамирак ва ғайра мавҷуд буданд. Ангури кишмиш бештар аз 50 навъро ташкил медод.

Дар баробари ангур, инчунин дар боғҳои Сомониён себ, зардолу, шафтолу, олу, гелос, бодом ва ғайра парвариш мешуд. Қадимтарин навъи зардолу — мирсанчалӣ, пешпазак, қандак, чиллагӣ ва ғайра ба шумор мерафт. Мовароуннаҳру Хуросони замони Сомониён дар қатори ангурҳои шакарин, чун мулки анорҳои донаю анҷирҳои ширадор ёд мешаванд. Дар маъхазҳо ба анҷири Самарқанду Дарвоз, ангури Хуҷанду Қубодиён, гелоси Истаравшану Чоч, олуи Фарғона, биҳии Рай,

тути Балху Ҳирот, Марву Деҳистон ва ғайра баҳои хоса дода мешавад. Дар «Ҳудуд-ул-олам» маконҳи аниқи меваҳои шаҳду шакарин муайян гаштаанд.

Исмоили Сомонӣ ба пешрафти кишоварзӣ диққати хоса медод. Аз ин рӯ барои боз ҳам ривоҷ ёфтани кори деҳқонӣ чораҷӯиҳо намуд. Ин буд, ки оиди пахтакорӣ, ташкили коркарди он чораҳои фаврӣ ҷуст. Вай шахсан аз болои истеҳсоли пахтаи маҳиннахи Марву Қабодиён назорат менамуд. Зеро пахтаи ин мавзеъҳо хеле хушсифат буда, аз он матоъҳои нафис бофта мешуданд.

Пайваста бо пахта, инчунин гандуми Мовароуннаҳру Хуросон дар бозорҳои ҷаҳонӣ қиммати баланд дошт. Дар «Ҳудуд-ул-олам» омадааст, ки дашту водиҳои Хуросону Мовароуннаҳр маркази асосии истеҳсоли ғалладона ба шумор мерафтанд. Муаллифи ин асар ба қабили мардуми ғаллакор аҳолии Хатлон, Фарғона, Чоч, Истаравшан, Ҳирот, Деҳистон, Сиистон, Кобул ва ғайраро дохил кардааст. Абуисҳоқи Истахрӣ бошад дар бораи ғаллакор будани халқҳои Осиёи Миёна маълумот дода, қайд намудааст, ки мардуми водии Фарғона ғаллаи зиёдатии хешро ба киштиҳо бор карда, ба мулкҳои дигар ба савдо мебурданд. «Аз Фарғона ва Истаравшан ва дигар навоҳӣ ғалла он ҷо баранд бо кишти дар руди Чоч». Аз ин гуфта маълум мешавад, ки ғаллаи Осиёи Миёна ба воситаи баҳри Хоразм (Арал) ба мамлакатҳои Европа, аз ҷумла ба давлати Руси Киевӣ низ бурда мешудааст.

Ғаллакорӣ ва афзудани хошоку дон ба чорводорӣ роҳи васеъ мекушояд. Аз ин рӯ Сомониён барои ташкили заминаи мустаҳками хошок камар баста ,дар ин асос ба инкишофи чорводорӣ мувофақ шуданд.

Дар ҳар давру замон чорводорӣ соҳаи асосии хоҷагии қишлоқ ба шумор меравад. Дар замони Сомониён низ он яке аз соҳаҳои асосии кишоварзиро ташкил медод. Чӣ хеле, ки сарчашмаҳои қадима чуғрофӣ маълумот додаанд Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои миёна маркази калони чорводорӣ буданд. Дар водиҳои Мурғоб, Ҳирот, Нишопур, Зарафшон, Сир, Шодмон, Вахш, Муик ва ғайра рамаҳои калони бузу гӯсфанд, подаи шутуру асп ва гов парво карда мешуд. Подаи калони шутурҳоро бештар дар водии Мурғоб дидан мумкин буд. Ба парвариши шутур, асп ва хачир, ки вазифаи нақлиёти боркашро адо менамуданд, бештар диққат медоданд. Зеро асоси нақлиёти тиҷорати Сомониёнро шутур, хачир ва аспҳо ташкил медоданд. Онҳо асосан шутурро дар водии Мурғоб, хачирро дар Бухорою Самарқанд, аспро дар водиҳои Чағониён, Шодмон, Фарғона, Зарафшон парвариш менамуданд.

Дар «Ҳудуд-ул олам» номи Чағониён бештар зикр мешавад. Дар қатори рамаҳои бузу гӯсфанд, инчунин дар он чо асппарварӣ хеле тараққӣ карда буд. Аспҳои он мулк дар бозорҳои ҷаҳонӣ қиммати арзанда доштанд. Аспҳои боркашу бузкашии Чағониён ҳатто дар Бағдод ном баровярда буданд. Аз ин рӯ чорводорони Чағониён, Шодмон, Фарғона ва дигар мулкҳои қаламрави Мовароуннаҳр кушишҳо ба харч медоданд, ки бештар зотҳои хуби аспҳои маҳаллиро парво намоянд.

Аз қадимулайём фил, шутур, хачир, асп, хар, гови кутос ҳайвонҳои нақлиётӣ буданд. Хусусан, дар шароити кӯҳистони аспу хару хачир нақлиёти камхарҷ мебошанд. Дар созмон додани корвонҳои тиҷоратӣ саҳми фил, шутур, асп калон буд. Дар замони Сомониён ва пеш аз онҳо низ усули бо чигина кашонидани ғалла, алаф, ҳезум ва ғайра ҷой дошт. Дар чигина бештар аз қуввaи барзаговҳои ҷуфтӣ истифода мебурданд.

Ноҳияҳои кӯҳистони Осиёи Миёна низ дар парвариши чорвои нақлиётӣ, аз ҷумла аспу хар таҷриба доштанд. Вале бештар дар кӯҳистони қаҳратуни ин мавзеъҳо ба парвариши гови кутос машғул мешуданд. Ин зоти гов баробари додани ширу гӯшти фаровон, чун нақлиёт истифода мешуд. Дар асрҳои IX—X дар Осиёи Миёна рамаҳои калони гӯсфанду буз парво карда мешуд. Дар хусуси пешрафти рамаҳои бузу гӯсфанди Сомониён маъхазҳои таърихӣ маълумот медиҳанд. Асосан навъҳои гӯсфандони серпашм, сергӯшту равған (ҳисорӣ), қарокӯлӣ, ҳиротӣ, балхӣ, кобулӣ ва ғайра парво карда мешуд. Рамаҳои калони бузу гӯсфанди Сомониён дар даштҳои Хафруд, Ҷиззах, Кеш, Насаф, Вахш, Мунк, Балх, Ғазна, Нишопур, Рай, Деҳистон, Марв мечариданд. Қисми кулли чӯпонҳоро ғуломони турк ташкил медоданд.

Ҳамин тавр дар натиҷаи инкишофи кишоварзӣ барои баланд шудани иқтисодиёти давлати Сомониён шароитҳо фароҳам омаданд. Давлат тавонист, ки худро бо маҳсулоти ғалла, мева, гӯшту шир таъмин кунад. Аммо бо ин гуфтанӣ нестем, ки тамоми табақаҳои аҳолӣ аз маҳсулоти кишоварзӣ фаровон истеъмол мекарданд. Ин тавр не. Дар замони давлатдории Сомониён қисми кулли мардум бенавою хонабардӯш буданд. Аз ин ҷост, ки пай дар пай ҳаракатҳои халқӣ сар зада, давлатдоронро ба ташвиш мемониданд.

## § 2. Мулк ва мулкдории Сомониён

Осиёи Миёна нисбати дигар мамлакатҳо дорои мулкҳои пурфайз ба шумор мерафт. Дар замони хонадони Сомониён баробари тараққиёти соҳаҳои мухталиф, инчунин ба инкишофи хоҷагии кишлоқ диққати асосӣ медоданд. Замини пурсаховати ин кишвар асосан дар дасти як гурӯҳи хурди амалдорони хонадонҳои Тоҳириёну Сомониён буд. Замину боигарии асосии давлат дар ихтиёри феодалҳои калони худи хонадони амирони Сомонию Тоҳирӣ қарор дошт. Ҳар кадоме аз он заминдорон дар мулки хеш ҳокими мутлақ ба шумор мерафтанд. Яке аз онҳо Муҳаммади Тоҳирӣ буд. Дар ихтиёри ӯ мулкҳои зиёди пурфайз қарор доштанд. Ҳукмронии хонадони Сомониён ба бойшавии як гурӯҳи хурди собиқ ғуломон роҳ кушод. Зеро заминҳои калони мамлакат дар баробари хонадони подшоҳ, инчунин дар ихтиёри Алптегин, Сабуктегин барин собиқ ғуломон буд. Як қисми дигари замини Сомонӣ дар дасти судхӯрону тоҷирони калон меништод. Онҳо аз ҳисоби иҷораи замин даромадҳои безаҳмат мегирифтанд. Зеро мустамликадорон заминҳои серҳосилу обии кишварро аз дасти хӯҷаинонашон кашида гирифта, ба мулки холиси хеш табдил медоданд. Ин усулро феодалони Сомонӣ низ инкишоф доданд. Онҳо аз дасти халқ заминҳояшонро мегирифтанд. Агар шахсе аз ҳимоятгарони халқ ҷуръат карда бар зидди беинсофии ҳокимон баромад мекард, ӯро фавран ба қатл мерасониданд. Бинобар ин касе ҷуръат намуда пеши роҳи сиёсати Сомониёнро гирифта наметавонист. Аз ин рӯ, замин асосан дар дасти як гурӯҳи хурди амалдорон муттаҳид буд.

Феодалону амирони Сомонӣ ғами деҳқононро намехӯрданд. Пеши роҳи хонабардӯшшавии оммаи васеъи чорякорону панҷякоронро намегирифтанд. Қӯшинҳо ба харҷ медоданд, ки бештар деҳқонон хонасалоту бенаво шуда, сафи ғуломонро зиёд намоянд. Роҳи пешгирифтаи онҳо шумораи бекоронро зиёд менамуд. Онҳо маҷбур мешуданд, ки ба отрядҳои ғуломон дохил гашта, баҳри рӯзгузаронии хеш хизматҳои хеле душвору вазнини феодалони калону амалдорони даргоҳи Сомониёнро ба ҷо оранд.

Ривоҷёбии савдо ва ҳунармандӣ раванди аз хоҷагии кишлоқ ҷудо шудани косибчигӣ ва тақсимоти меҳнатро дар байни шаҳру деҳот тезонид. Дар деҳот ашрофони сомонӣ бо тамоми ҳастиашон, барои нигоҳ доштани замину об ва лобанди хеш гардониданӣ деҳқонони камбағал мубориза мебурданд. Аз рӯи ҳуҷҷатҳо заминдории Сомониёнро ба якчанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи заминдорони калон хонаводаҳои Тоҳириёну Со-

моннён, намояндагони номдори он замон — деҳқонон, рӯҳониён ва савдогарони калон дохил мешуданд. Дар замони Сомониён хизматчиёни гвардияи туркии дарбор низ соҳиби замин ва боигариҳои зиёд буданд.

Яке аз шаклҳои асосии заминдорӣ — **мулки султонӣ-давлатӣ** ба шумор мерафт. Ҳудуди замини султонӣ нитиҳо надошт. Қалом водӣ ё дашти серҳосилу серобе, ки будани мулки амирон ба шумор мерафт. Он заминҳоро оммаи асосии деҳқонони побандии амирӣ кор мекарданд. Аз болои ин навъ заминҳо девони «Аз-Зиё» назорат мебурд. Андоз ва хироҷи ин заминҳо ба хазинаи амир дохил мешуд.

**Шакли дуюми заминдориро мулкҳои шахсии** баъзе намояндагони хонаводаи Сомониён — деҳқонҳо, рӯҳониёни олимартаба, арбобон, савдогарон ва саркардагони ҳарбии гвардия ташкил медоданд.

Шакли сеюми заминдориро вакф меномиданд, ки он ба муассисаҳои динӣ тааллуқ дошта, дар ихтиёри рӯҳониёни олирутба буд.

Ғайр аз заминҳои аз тарафи давлат бартарӣ дода шуда, дигар аз ҳама заминҳои корӣ ба фоидаи давлат хироҷ ситонида мешуд. Хироҷ сарчашмаи асосии даромади давлат ба шумор мерафт. Сомониён кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки зердастонашон аз сиёсати пешгирифтаи онҳо розӣ бошанд. Аз ин рӯ роҳҳои беҳбудии зиндагӣ ва тобеияти хизматгорони хешро меҷустанд. Бештар ба низомиёни даргоҳи подшоҳӣ диққат медоданд. Бинобар ин онҳо дар замони ҳукмронии худ барои дар назди давлат хизматҳои шоён кардан инъомҳо сохмон доданд. Ба ашхоси чулогона тартиботи шартан ба онҳо тақдим намудани замин ҷорӣ гардид, ки бо мурури замон ин заминҳои ҳадя карда шуда, ба мулкҳои шахсӣ табдил меёфтанд. Ин навъ заминҳоро **«иқта»** номида, соҳибони онҳоро **«иқтадор»** мегуфтанд.

Шакли паҳншудатарини заминдории феодалӣ ба иҷора додани он буд. Яъне заминдорони калон ба деҳқонони безамину камзамин бо шартҳои муайян мулкҳоишонро иҷора дода, дар ивази хизмат ба онҳо ҳаққи ночизе медоданд. Ин усул пеш аз Сомониён низ ҷорӣ буд. Бо ин роҳ заминдорон даромадҳои бедарди миён мегирифтанд. Агар талабот ба ин усули иҷораи замин зиёд мешуд, албатта, шарту шароитро тағйир медоданд. Масалан, агар шумораи ками одамон ба ин кор даст заданд, аз онҳо аз ду як ҳиссаи ҳосилро ситонида, дасту дили иҷоракоронро ба мулкҳои хеш гарм менамуданд. Баъди одат карданн иҷоракорон аз онҳо аз се ду ҳиссаи даромади заминро мерӯёниданд. Сипас чоряк-

кору панчяккорро сохмон медоданд. Ҳаман ин «тадбирҳо» хонаи деҳқони бебизоатро боз ҳам хароблар менамуд. Аммо барои рӯзгузарони шуда, онҳо аз побандии хӯчаин дур намешуданд. Афзудани шумораи ичоракорон нархи заминро боло бурда, обрӯи мулкдорро меафзоянд. Деҳқонон камшоқ мешуданд. Вале амирони Сомонӣ онди беҳбудшавии шароити зиндагии деҳқонон кӯшиш намекарданд.

Баъзе деҳқонони камбағал ба умеди нигоҳ доштани замини худ, онро ба мулкҳои заминдорони калон ҳамроҳ карда, ба зери «ҳимояи» феодалон медаромаданд. Феодалон бошанд, чунин заминҳоро бо осонӣ азони худ карда, соҳибони онҳоро ба худ тобеъ менамуданд. Деҳқон ҳаматарафа истисмор мешуд. Азбаски хӯчаини замину об давлат набуд, бинобар ин деҳқонони ичоракор сетарафа зарар медиданд. Аз як тараф давлат, аз тарафи дигар заминдорон ва шахси сеюм мироб-ҳо онҳоро хонабардуш менамуданд. Ичоракор маҷбур буд, ки ҳосили ҷамъкардаашро аввал ба хӯчаин ва пас ба ивази оби истифодабурда ба миробҳо диҳад.

Аҳли меҳнат ғайр аз додани хироч, дар тоза кардани ва сохтмони наҳрҳо, роҳҳои, пулҳо, девори шаҳрҳо, қасрҳо, мақбараҳо ва ғайра бераҳмона истисмор карда мешуд.

Дар замони ҳукмронии хонадони Сомониён гурӯҳи асосии истеҳсолкунандагон асосан ба ду тақсим мешуданд: деҳқонони ҷамоатӣ ва деҳқонони ичоракор. Аммо агар дурусттар таҳлил намоем асосан дар байни онҳо фарқ набуд. Зеро натанҳо деҳқонони безамин, балки деҳқонони камзамин низ ба роҳи ичоракорӣ гузашта, чоряккору панчяккор мешуданд.

Ҳолати истифодаи обу замин ва истисмори деҳқонон аз тарафи давлату заминдорон дар маъхазҳои таърихӣ нақши худро ёфтаанд. Бисёре аз муҳаққиқони маъхазнавис ба ҳолати замину об ва истисмори деҳқонон дар асрҳои IX—X баҳои ҳақиқӣ додаанд.

Муҳаққиқони таърихи асрҳои миёна, аз қабили В. В. Бартольд, Б. Ғафуров, Н. Неъматов ва дигарон ба ин масъала аҳамияти аввалиндарача дода, кӯшиш намудаанд, ки ба қадри имкон раванди истисмори деҳқонро дар замони Сомониён боз ҳам равшан намоянд. Аз ҷумла Б. Ғафуров ҳолати заминдории замони Сомониёнро омӯхта, дар ҷилди якуми «Тоҷикон» оиди истисмори деҳқонон ёдовар шудааст, ки шаклҳои маъмули истисмори феодалӣ (хеле афзудани рентаи феодалии замин) дар як сол ду бор хироҷи солона ситондан; равнаку ривоҷи иқтаъ ва туъма; ичора додани замин ва ғайра, ки дар аҳди Сомониён вуҷуд дошт, боиси ҳамин гардид, ки аҳли сершумори меҳнат аз замин тамоман маҳрум шуда, битамом побанди заминдорони калон мегардид. Аҳли меҳнат — деҳқо-

нону косибон зиндагии кашшоқона ба сар бурда, беш аз пеш хонабардӯш мешуданд (с. 492—93).

Феодалону амалдорони Сомонӣ бо ин роҳ халқро истисмор менамуданд. Аз ҳисоби хироче, ки аз оммаҳои меҳнаткаш ба даст меомад, касру даргоҳҳои боҳашамат, мадрасаю масчидҳо сохта, дар назди аҳли башар фасоди дохили дарборро рӯйпӯш менамуданд.

Дар замони Сомониён дар баробари адо намудани мачбурият ва андозҳои зиёд, аҳолӣ аз тарафи ҳокимони маҳаллӣ, чамъкунандагони андозҳо ва рӯҳониён фанду фиреб карда мешуд.

Зулму истисмори пурзӯри феодалӣ косаи сабри оммаи халқро лабрез кард. Шӯришҳои халқӣ бар зидди хилофат ва феодалони маҳаллӣ то рафт оммавӣ ва зиёд мешуданд. Чунин шӯришҳо дар солҳои 30-юм ва 70-уми асри X дар Мовароуннаҳру Хуросон рух дода буданд. Масалан, соли 961 аҳли Бухоро шӯриш бардошта, касру дарбори амирро тороҷ намуда, оташ заданд. Ин шӯриш дар зери талабҳои иқтисодӣ гузашт. Мансур бини Нӯҳ онро пахш намуда, ба хулосаи даркорие наомад, ки барои беҳбудии фуқаро кӯшанд. Аз ин рӯ чунин чунбишҳо барои ваю ворисонаш муқаррарӣ шуданд.

Сомониён кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки найрангҳои хешро оиди истисмори оммаи деҳқонон пинҳон нигаҳ доранд. Бинобар ин шаклу усули мухталифи ба хешу ақрабо, сарлашкарону дӯстонашон додани заминро кор карда мебаромаданд. Онҳо баъди ба «иқтаъ» додани замин, шакли нави тӯҳфадиҳиро дар «инъом» донистанд. Аз ин рӯ, дар асрҳои IX—X яке аз шаклҳои паҳншудаи заминдории Сомонӣ «инъом» гашт. Ин усулро онҳо аз мустамликадорони араб мерос гирифтанд. Зеро халифони араб ба тоҷиконе, ки ба онҳо содиқона хизмат мекарданд, замини худашонро «инъом» менамуданд. Сомониҳо бошанд, валинеъматӣ карда, заминҳои беҳтарини Мовароуннаҳру Хуросонро ба ғуломони худ «инъом» медоданд. Чӣ хеле, ки дар боло ёдовар шудем бо ин роҳ собиқ ғуломон соҳиби мулк шуда, мардуми муқимиро аз заминҳояшон бенасиб менамуданд. Дар замони амирии хеш Нӯҳ бини Мансур (976—997) ба Бакр бини Малик барои хизматҳояш шаҳри Насрободи водии Фарғонаро тӯҳфа намуд. Баъдтар Бакр ин шаҳрро ба падараш Малик инъом кард. Оҳиста-оҳиста ин шаҳр ба «мулки хури холис»-и хонадони маликиён табдил ёфт. Сомониён ҳатто, аз инъоми мулкҳои калон низ рӯ намегардониданд.

Мувофиқи шарту шароити қонуннномаи феодалӣ замин танҳо ба хонадони подшоҳ, шахсони олимансаб, сарлашкарон, амалдорони калони ҳарбӣ, шаҳрвандони бонуфуз инъом дода

мешуд. Аммо давлатдорон қоидаю қонунҳои дохилии худро риоя намекарданд. Кӯшиш ба харҷ медоданд, ки мулкҳоро аз дохил вайрон кунанд. Ҳатто вакте мешуд, ки амирзодагони сомонӣ ба шахсони наздики хеш замин тӯҳфа мекарданд. Дар баъзе мулкҳо пешхезии инъомгирифтагон ба ҷое мерасид, ки онҳо худсарона ба номи хеш танга сикка зада, ҳукумати марказиро эътироф намекарданд. Ана, ин буд, яке аз заминаҳои асосии суст гаштани иқтидори давлатдории амирони сомонӣ. Кор ба ҷое расида буд, ки заминдорони калон ниншондодҳои амиронро ба инобат намегирифтанд. Ҳавобаландӣ, савлатмандӣ ва худписандии амирону вазирон сабабгори аз дохил порапора шудани давлат мегардид.

Инъоми замин истисмори одамро аз тарафи одам зиёд кард. Ҳамин буд, ки замони Сомониён заминҳои дар дасти бойҳо буда, бештар ба шакли сеяк, чоряк, панҷяк ба иҷора дода мешуд. Бо ин роҳ заминдорони калон фоидаҳои бедардимиён мегирифтанд. Ҳатто соле мешуд, ки иҷоракор ҳаққи хӯҷаинро дода, худаш аз ҳосил бенасиб мегашт.

Ҳамин тавр усули заминдории ҷорикардаи хонадони Сомониён ба беназо шудани гурӯҳи калони деҳотиён ва бой гаштани як дастаи ночизи муфтхӯрон оварда мерасонд. Ҳеҷ гоҳ амирону вазирони Сомонӣ барои баробари аҳли ҷамъият мубориза набурдаанд.

Дар охир ҳаминро бояд хотирнишон созем, ки замининъомдиҳии Сомониён ба сари худашон фалокатро овард. Онҳо аз оқибатҳои бади «инъом» огаҳ нашуда, заминро ба хизматгорони турк, яъне собиқ ғуломонашон тақдим намуданд, ки он боиси оғози дар солҳои 70-уми асри X порашавии мулки оли Сомон гардид.

## БОБИ 7

## ИНКИШОФИ САНОАТИ КӮҲӢ ВА ҲУНАРМАНДӢ

### § 1. Истеҳсоли маъдан

Маълум аст, ки аз қадимулайём Хуросону Мовароуннаҳр марказҳои асосии тавлиди канданиҳои фоиданок буданд. Дар ин хусус маъхазҳои таърихӣ ва рӯзномаҳои сайёҳон шоҳидӣ медиҳанд. Дар бораи пурганҷ будани кӯҳҳои мулкҳои номбурда, аз ҷумла Абӯисҳоқи Истахрӣ, Муқаддасӣ, муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» ва дигарон хабар додаанд. Ин гуфтаи сарчашмаҳоро кофтуковҳои бостоншиносон дар конҳои қадима ва дигар бозёфтҳои хафриётӣ тасдиқ менамоянд. Истахрӣ дар китоби хеш «Масолик ва мамолик» дар бораи қаламрави пурфайзу неъмат будани Мовароуннаҳр маълумотҳои хоса додааст. Аз ҷумла ӯ дар бораи маъданҳои зеризаминии ин кишвар низ нақл мекунад. «Ва маъодани зару симу забиқу (жева) оҳан дар вилояти Мовароуннаҳр бисёр аст,—навишта буд ӯ.—Ва маъданҳои эшон беҳ аз дигар маъданҳо аст... Аммо зару жеваю мис ва он чи аз маъдан хезад ҳама мовароуннаҳрӣ беҳтар бувад. Ва маъдани навшодир дар ҳамаи ҷаҳон он ҷо аст».

Бинобар ин истеҳсоли маъданҳо дар замони Сомониён хеле боло рафт. Онҳо кӯшиш ба харҷ доданд, ки харҷӣ бештар конҳои нав кофта, истеҳсоли оҳан, тилло, нуқра, симоб, мис, сурб (кӯрғошим), қалъагӣ, навшодир, ангиштсанг ва дигар чизҳоро дуруст ба роҳ монанд. Дар ин бобат водии Фарғона намуна буд. Фарғонаро сарчашмаҳо чун мулки ободу пурфайз ёдовар мешаванд. «Ва андар кӯҳҳои вай маъдани зар ва сим аст бисёр ва маъдани мис ва сурб ва навшодир ва симоб ва чароғсанг»—ёдовар шудааст муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» (с. 71).

Фарғонаро, шаҳру деҳоташро кӯҳҳо иҳота намудаанд, ки онҳо махзани ганҷанд. Маълум мешавад, ки дар асрҳои миёна аз Ахсикат (Оксикан)-и Фарғона тиллову сим истеҳсол мекар-

даанд. Шаҳракҳои Ташшуҳ Тамохас, Номзинокас, Овол, Риштон, Ҳавоқанд (Қуканд), Ӯш, Ҳатлом, Сух ва ғайра низ аз канданиҳои фоиданок бой буданд. Сарчашмаҳо дар бораи конҳои қадима ёдовар шуда, дар хусуси дар Фарғона мавҷуд будани кони Гут нақл мекунанд. Баробари ин маълумотҳои аниқ дар бораи конҳои кӯҳи Қаромазор низ ҳастанд. Дар ин кӯҳ даҳ кон аз қабили Чаркамар, Қаратшкӯтан, Адрасмон, Лашкарак. Қонҷол, Консой мавҷуд буданд. Аз конҳои водии Фарғона оҳан, нуқра, қалъагӣ, симоб, сурб, навшодир истеҳсол менамуданд.

Яке аз калонтарин марказҳои маъданистеҳсолкунии асримиёнагӣ кони Мансур ба шумор мерафт, ки он аз замонҳои қадим то рӯзҳои мо овоза дорад. Дар асрҳои IX—X, яъне замони ҳукмронии хонадони Сомониён низ он вуҷуд дошт. Ҳафриётҳои бостонии дар ин конҳо гузаронидаи муҳаққиқон собит менамоянд, ки дар асрҳои миёна он яке аз калонтарин маркази истеҳсоли маъдан будааст. Бозёфтҳои кони Мансур барои минбаъда ҳамчун дастгоҳи таҷрибавӣ хизмат намуданд. Ин кон то андозаи 350 метр кофта шуда, шифташ бо тиргакҳои чӯбин мустаҳкам карда шуда буд. Ин усул имконият медод, ки кӯҳканон то ба охири маъдан расанд. Ҳаминро хотирнишон кардан ҷоиз аст, ки усули маъданистеҳсолкунӣ ва тиргакгузории конҳои асримиёнагӣ дар замони мо чун ашёи айёнӣ хизмат кард. Роҳҳои аз масофаҳои чуқуру дур баровардани маъданро низ кор карда баромаданд. Бештар маъдани коркардашударо ба воситаи сабату кашукҳои чӯбин (кӯттӣ) ба хару хачир бор карда, аз конҳо берун меоварданд. Пас дар устоҳонаҳои махсус онҳоро оташ зада, аз сангпораҳо маъдани холис ба даст меоварданд. Инро ҳафриётҳои дохили конҳои қадима собит мекунанд. Аз дохили онҳо сафолпора, наъли хар ва дигар чизҳоро дарёфт намуданд. Аз харобаи конҳо ба миқдори зиёд ёфт шудани чароғҳои сиёҳ шоҳиданд, ки пеши роҳи кӯҳканҳоро равшан мегардонидаанд.

Ҳафриётҳои бостонӣ ва ҷустуҷӯҳои геологӣ дар конҳои қадима собит менамоянд, ки бобою бобокалонҳоямон усулҳои хеле мураккаби истеҳсоли маъданро аз қаъри замин кор карда баромада будаанд. Баробари кандани конҳои дарозрӯяи тиргакдор, инчунин роҳҳои мухталифи ба даст овардани маъданро кашф намуданд. Онҳо пеш аз ба кори ҷустуҷӯи сар намудан, аввал хокаи сангро гирифта, маъдани таркиби вай ва сатҳи чуқуриашро муайян намуда, сипас ба канданаш камар мебастанд.

Дар ҷойҳое, ки маъдан болои замин хобидааст, хоки онро тоза намуда, баъд ба истеҳсоли вай даст мезаданд. Навишта-

чотҳои қадима ва изи конҳои болои заминӣ нишон медиҳанд, ки одамон усулҳои гуногуни ҳосил намудани маъдани тозаро кашф карда будаанд. Як қисми конҳоро ба шакли чоҳ то дарёфтани маъдан, ба андозаи се-чор метр кофта, пас дар дохили он оташи сахт созмон медоданд. Баъди ба дараҷаи баланд тафсидани дохили чоҳ, баъзе аз маъданҳо, аз қабили тилло, нуқра, қурғошим, симоб ва ғайра аз қаъри сангҳо ҷудо шуда, чун маҳсулоти соф дар маркази чоҳ ҷамъ мешуд. Агар ҳосил зиёд бошад, он гоҳ кӯҳканон кори хешро идома медиҳанд. Чоҳи муқаррариро боз ду-се метри дигар кофта, аз нав оташ мегиронданд. Баъд масофаи ба чоҳ об шуда рехтани маъданҳоро тадқиқ намуда, пас дар ҳамшафатии он боз корро идома медоданд. Ҳамин тавр карда як масоҳати калонро тадқиқ намуда, ҳосили дилхоҳ мегирифтанд.

Тадқиқотҳои бостоншиносию геологие, ки дар кӯҳҳои Қаромазор, Зарафшон, Бадахшон ва дигар ҷойҳо гузаронида шуданд, дар бораи роҳҳои мухталифи истихроҷи маъдан маълумотҳои аниқ доданд. Онҳо нишон медиҳанд, ки кӯҳканҳои асримиёнагӣ таҷрибаи хеле бои маъданистеҳсолкунӣ доштаанд. Дар мавзеъҳое, ки маъдан хеле чуқур ҷойгир аст, усули конҳои дарозрӯяю гузоштани тиргакҳоро кор карда баромадаанд. Ҳафриётҳои кони Мансур ин гуфтаҳоро тавқият медиҳанд.

Сарчашмаҳо ва тадқиқотҳои бостонию геологӣ исбот менамоянд, ки кони Мансур муассисаи давлатӣ будааст. Аз он нуқраи софу қалъагӣ истеҳсол мекарданд. Аз ин рӯ амирони Сомонӣ ба рафти кор дар ин кон диққати хоса дода, маҳсулоташро зери назорат гирифта буданд.

Баробари ин усули дигари истеҳсоли маъдан низ маъмул буд. Дар он ҷойҳое, ки захираи оҳану мис хеле зиёд аст, чоҳҳои калон кофта, дохили онҳоро бо хезуми арча пур мекарданд. Баъд оташ мезаданд. Дар натиҷаи ҳарорати баланд сангҳо тафсида, сурх мегаштанд. Он гоҳ ба болои сангҳои тафсон оби хунук мерехтанд. Дар натиҷа сангҳо ба сардӣ тоб наоварда, пора-пора мешуданд. Кӯҳканон пораҳои сангро дар сабату қашуқҳо ҷой намуда, ба устохонаҳои махсус бурда, аз онҳо маъдани дилхоҳ мегирифтанд.

Ин усулҳо имконият дод, ки дар асрҳои IX—X истеҳсоли тилло, нуқра зиёд шавад. Кофтукови конҳои кӯҳнаи водиҳои Зарафшону ноҳияҳои Дарвозу Рӯшон, Шуғнону Роштқалъаи Бадахшон низ аз он шаҳодат медиҳанд. Дар ин ҷойҳо конҳо чандон чуқур буданд. Бештар маъдани дар болои замин хобидаро дастрас менамуданд. Барои кандани маъдани қаъри кӯҳ усулҳои муқаррариро истифода мебурданд.

Муаллифони асримиёнагии тоҷику форс дар бораи таъриху ҷуғрофияи Мовароуннаҳру Хуросон асарҳо эҷод намуда, он-

ди макони зару зевар будани Осиёи Миёна маълумотҳои хоса додаанд. Дар «Ҳудуд-ул-олам» ин масъала бештар халли хешро ёфтааст. Ин муаллиф ҳамаи ноҳияҳои оламро хуб омӯхта, онди маъданҳо ва макони онҳо низ маълумот додааст. Мувофиқи гуфтаи сарчашмаҳо дар Хатлон конҳои нуқра, тилло ва намак бисёр буданд. Умуман дар Осиёи Миёна тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳо, оҳан, мис, қалъагӣ, биринҷӣ, навшодир, мум, симоб, ангиштсанг, нафт, намак, қӯрғошим, мармар, ақиқ, фирӯза ва дигар маъданҳоро истеҳсол мекарданд.

Тамоми навъи металлҳои номбурдаамон дар конҳои Олтин Топкан, Қонсой, Кӯҳи Сим, Кони Нуқра, Конҷоч, Кони Гут, Амондара, Киштут, рӯди Сабоҳ (дар болооби Зарафшон) ва дигар ҷойҳо хеле зиёд буданд. Конҳо дар чуқуриҳои то 150 метр кофта мешуданд. Ба дохили конҳо аз беруи ҳаво дода, даруни онҳоро бо чароғҳои нафтӣ равшан менамуданд. Боқимондаҳои асбобу анҷоми рӯшноидиҳандаи асримиёнагӣ аз Кони нуқраи деҳаи Некноти шаҳри Панҷакент ёфт шудаанд. Ин кон ҳанӯз дар асрҳои IX—X арзи вуҷуд доштааст. Дар солҳои аз тарафи Россия истило шудани Осиёи Миёна онро аз нав кор кардаанд.

Олотҳои кории кӯҳканҳо хеле оддӣ буда, аз путкҳои сангину оҳанин, болғачаю зоғнӯл ва каланду бел иборат буданд. Чӣ хеле ки ёдовар шудем, конҳоро бо ёрии посутуну тиргакҳо бехатар менамуданд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ дар қатори Фарғона, Истаравшану Чоч номи Илок (ё Илоқ) бештар ёд мешавад. Онро ҳамаи муаллифони қадимаи номбаркардаамон ба забон меоранд. Он мулк дар ҷои имрӯза ноҳияи Оҳангарони вилояти Тошкандни Ӯзбекистон воқеъ будааст. Муаллифи китоби «Ҳудуд-ул-олам» дар бораи Илок ҳарф зада, онро мулки хеле хурраму обшор тасвир намуда гуфтааст, ки «андар миёни кӯҳ ва саҳро» ҷойгир шудааст. Ин гуфтаи муҳаққиқро ҳолати имрӯзаи он ноҳия тасдиқ менамояд. Зеро то кунун Илок чун замини пурганҷ арзи вуҷуд дорад. Агар ба гуфтаи муаллифони қадима, он макони симу тилло бошад, пас то имрӯз низ захираҳои вай давом дорад. Илок дар дили Кӯҳи Сим домани пахн кардааст. Аз ин ҷо худ аз худ бар меояд, ки он дар асрҳои миёна низ яке аз марказҳои асосии истеҳсоли маъдании давлати Сомониён ба шумор мерафтааст. Аз кӯҳҳои Илок баробари тиллову нуқра, мису сурб, инчунин марги муш низ истеҳсол мекардаанд. Шаҳракҳои атрофи Илок—Даҳкас, Кӯҳи Сим, Яхудлиг, Абралиг, Итулах, Алхаҷос, Соми Сабрак, ки ин мулкро бо водии Фарғона пайваст менамоянд, марказҳои асосии ихроҷи маъдани асрҳои IX—X ба шумор мерафтанд.

Маъхазҳо дар қатори дигар маъдану сангҳои қимматбаҳо,

ба тиллои Бадахшон диккати махсус додаанд. Ин маъдани қимматбаҳо дар Бадахшони Шарқӣ захираи бой доштааст. Ҳафриёти геологии соҳили рӯди Бозордара аз он шаҳодат медиҳанд.

Сарчашмаҳо дар қатори марказҳи асоси истеҳсоли тиллову нуқраи соф доир ба манбаи бузурги оҳани баландсифат будани Осиёи Миёна, маълумот додаанд. Мувофиқи онҳо маълум мешавад, ки дар Илоқ, Фарғона, Зарафшон, Дарвоз, Ванҷ ва дигар мулкҳои Мовароуннаҳр оҳани хушсифат тавлид мешудааст, ки он бо сифати баланди хеш дар кишварҳои ҳамҷавор низ машҳур будааст. Ҳатто, онро ба мамлакатҳои Европа мебурданд. Дар ин хусус тадқиқотҳои нодири олимони тоҷик низ шаҳодат медиҳанд.

Б. Ғафуров ба адабиёти таърихӣ ва сарчашмаҳо такя намуда, оиди коркарди маъдани кӯҳӣ маълумотҳои зиёде гирд овардааст. Аз ҷумла ӯ менависад, ки ҷуғрофи қадими араб Абдулқосим ибни Ҳавқал қайд кардааст, ки дар атрофи Истаравшан бо номи Марсманд ва Минк ду ҷой буд, ки оҳан истеҳсол карда мешуд. Маҳсули ин конҳо то дараҷае буд, ки на танҳо Фарғонаро таъмин менамуд, балки оҳан ва асбобҳои аз маҳсули ин конҳо тайёр карда шуда ба Хуросон, Бағдод ва Ироқ бурда мешуд. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» низ тасдиқ мекунад, ки дар Марсманд ҳар сол як маротиба бозор шуда, маҳсули оҳани он ҷо ба фурӯш бароварда мешуд. Инчунин худи ҳамин муаллиф қайд мекунад, ки дар асри X дар Осиёи Миёна, ҳамчуи даврaи Аббосиён аз нафт барои корҳои ҳарбӣ хеле зиёд истифода мебурданд. Дар вақти муҳосираи шаҳрҳо бомбаҳои оташдиҳӣ мепартофтанд, ки дар онҳо нафт ба кор бурда мешуд. Хулоса, чӣ хеле ки ҷуғрофи араб Истахрӣ гувоҳӣ медиҳад, дар даврaи Сомониён аҳолии Мовароуннаҳр «... аз ҳамаи чизҳои даркорӣ ба хубӣ таъмин буданд ва ба ҳеҷ як чизи истеҳсолмекардагии мамлакати дигар эҳтиёҷ надоштанд».

Истахрӣ ва муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» дар бораи макони канданиҳои фоиданок будани Хуросон маълумотҳои аниқ додаанд. Аз Бадахшон—тилло, лоҷуворд, бечода, аз Нишопур—фирӯза, Гарҷистон тилло, аз атрофи Нишопур—нуқра, оҳан, мис, аз Марв — мис, аз Балх — сурб, марги муш, аз Тӯс — фирӯза, мис, сурб, мармар, аз Толиқон — оҳан, сурма, мис, аз Бағлон—намак, аз Панҷшер—мис, оҳан ва ғайра чизҳоро истеҳсол менамуданд.

Мовароуннаҳру Хуросон аз қадим боз чун марказҳои асосии захираи нафту газ, ангиштсангу намак ном баровардаанд. Дар тамоми гӯшаву канори ин мулкҳо захираи калони сӯзишворӣ—ангиштсанг мавҷуд аст. Аз замонҳои қадим боз захираҳои ангишти коксии водии Зарафшон маълум аст. Истеҳсоли

он ҳанӯз то асрҳои IX—X ба роҳ монда шуда буд. Имрӯз низ он конҳо корро идома дода истодаанд.

Дар сарчашмаҳо номи Асбара (Исфара) чун маркази калони нафту ангиштсанг дар водии Фарғона ёд мешавад. Он ҷо то кунун дорои захираи хеле бои сӯзишворӣ мебошад. Ангишти он ҷоро аз замонҳои қадим ба шакли чоҳҳои рӯйкушода истеҳсол менамуданд. Истахрӣ дар бораи ангиштсанги водии Фарғона нақл намуда, ба конҳои Исфара бештар диққат додааст. Вай мегӯяд, ки «кӯҳе буд аз санги сиёҳ ва он мисли ангишт (чӯб) месӯхт, хокистараш барои сафед намудани либос хизмат мекунад». Аз он бар меояд, ки ангишти Исфара қиммати хуб доштааст. Аз ин рӯ талаботи мардум ба он калон буд. Онро мардуми водии Фарғонаю Чочу Истаравшан чун сӯзишворӣ истифода мебурданд.

Фарғона бо нафти хеш дар олам машҳур аст. Маъхазҳо дар бораи макони нафту ангишт буданаш ҳидоят мекунанд. Ҳатто, дар замони аз тарафи Искандари Мақдунӣ (329—327 то милод) истило шудани Осиёи Миёна чоҳҳои нафти Фарғона арзи вуҷуд доштанд. Арабҳо онро ба манфиати хеш истифода бурда, аз он моддаҳои тарканда месохтанд. Дар асрҳои IX—X аз нафти Фарғона бештар сӯзишвории равшандиҳанда истеҳсол мекарданд. Равғани онро дар чароғҳои сиёҳ гирифта, хонаҳоро равшан менамуданд. Баробари ин нафтро дар истеҳсоли маҳсулоти заргарӣ низ истифода мекарданд. Онро дар зарфҳои махсус сӯзонида, хӯлаи тилло, нуқра, сурб ва ғайраро мулоим менамуданд. Мовароуннаҳру Хуросон дар қатори маъданҳои нодир, инчунин маркази асосии тавлиди намак ба шумор мераванд. Аз қадимулайём намаки ошии Хуҷистон (Ашт), Хоҷамӯмину Хоҷасартези Хатлон машҳур аст. Намаки конҳои мавзеъҳои номбурда, баробари Осиёи Миёна, инчунин ба мамлакатҳои хориҷа кашонида мешуданд. Инчунин намаки оширо дар Қубодиён, Шодмон, Боботоғ, Чағониён низ истеҳсол мекарданд.

Тадқиқотҳои бостонию геологӣ дар кону чоҳҳои қадима собит менамоянд, ки баробари муассисаҳои давлатӣ, инчунин шуморан конҳои хусусӣ низ зиёд будааст. Зеро аксари чоҳҳои дусе ё чор-панҷ метр кандашуда нишон медиҳад, ки шахсони алоҳида низ барои ривоҷи кори маъданистеҳсолкунӣ кӯшишҳо ба харҷ додаанд. Бо изу паи ингуна чоҳҳо қариб дар тамоми қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр дучор шудан мумкин аст.

Давлат барои зиёд намудани истеҳсоли маъдан мубориза мебурд. Аммо барои шароити зисту зиндагонии кӯҳканҳо ғамхорӣ зоҳир намекард. Мувофиқи гуфтаи сарчашманависон дар конҳои давлатӣ қувваи асосии кориро ғуломон ташкил медоданд. Вале шароити корию зиндагии онҳо ба талабот ҷавоб

дода наметавонист. Дохили конҳо рутубатнок буда, ҳавои тоза намерасид. Илова ба ин бештар вақт дар натиҷаи риоя нашудани техникаи корӣ садамаҳо рух дода, даҳҳо коргарон ҳалок мешуданд.

Сарватмандону амирон аз пай беҳтар намудани шароити корию зиндагии коргарон нашуда, онҳоро маҷбур менамуданд, ки ҳаррӯз 14—16 соат умри хешро дар зери замин гузаронанд. Муҳайё набудани шароити корӣ ва хурду хӯрок оммаи коргаронро гирифтори касалиҳои сироятkунанда менамуд. Аз ин рӯ мурииш дар байни кӯҳканҳо зиёд мешуд. Ба ин ҳам хӯҷаинон парвое надоштанд. Зеро ҷои фавтидагонро аз ҳисоби ғуломону асирони нав пурра мекарданд. Инро ҳафриётҳои бостонию геологии Кони Мансур тасдиқ намуданд. Зеро ҳангоми кофтуқови конҳои кӯҳна бештар ҳалқаҳои (ишкелҳои) оҳанин ёфт шуданд, ки бо онҳо пои ғуломону асиронро баста, кор мефармуданд. Онҳоро бештар аз ҳафриётҳои Кони Мансур дарёфт намуданд.

Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда дар асрҳои миёна ба истеҳсоли маъдан диққати хоса медоданд. Зеро аз тилло, нуқра, навшодир, намак ва ғайра даромадҳои калон мегирифтанд. Инро амирони Сомонӣ хуб медонистанд. Аз ин рӯ кӯшиш менамуданд, ки истеҳсоли маъдан, хусусан тиллоро хуб ба роҳ монанд. Баъди сикка задани тангаҳои тиллоӣ ба номи Исмоили Сомонӣ, давлат ба истеҳсоли тилло диққати хоса медод. Конҳои тиллои дар ҳудуди Сомониён буда, хуб назорат карда мешуд. Нисбати дигар конҳо ба тиллоконон бештар диққат медоданд.

Хулоса, асрҳои IX—X даврaи болоравии саноати кӯҳӣ ва истихроҷи маъданҳои нав буд. Сомониён бо ин роҳ тавонистанд, ки нисбати пешгузаштагони хеш соҳаҳои нави истеҳсолот, хусусан ҳунармандию косибчигиро инкишоф диҳанд.

## § 2. Ҳунармандӣ ва косибчигӣ

Таҳлили мухтасари ҳаёти кӯҳканон собит менамоянд, ки ихроҷи маъдан барои инкишофи касбу кори гуногун сабабгор шуд. Он имконият дод, ки дар шаҳру деҳот корхонаҳои мухталифи ҳунармандию косибчигӣ сохтмон ёфта, барои болоравии касбу кори гуногун роҳ кушоянд. Пеш аз ҳама ҳунармандӣ дар шаҳрҳо ривоҷ ёфт. Косибону устоҳо роҳҳои асосии коркарди тилло, нуқра, сурб, оҳан, навшодир, сурма, калъагӣ, сафол, коғаз, чарм, матоъ ва ғайраро ихтироъ намуданд.

Дар чодан тавлиди аввалин касбу ҳунари заргарию бофандагӣ, кулолгарию шишапазӣ шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Нишопуру Нисо, Марву Балх, Ҳироту Рай ва ғайра таҷрибаи хоса доштанд. Маҳз аввалин касбҳои ҳунари нафисаи инсонӣ дар ҳамин шаҳрҳо тавлид шуда, сипас дар мулкҳои дигар паҳн шуданд.

Болоравии истеҳсоли маъданҳои зеризаминӣ раванди инкишофи касбу ҳунари заргарӣ, мисгарӣ, тиллокорӣ, оҳангарӣ ва ғайраро тезонид. Он шароит фароҳам овард, ки дар шаҳрҳои калони каламрави Мовароуннаҳру Хуросон бевосита гузарҳои махсуси ҳунармандону косибони асримиёнагӣ созмон ёбанд.

Ҳафриётҳои бостоние, ки дар харобаи шаҳрҳои қадимаи Хуросону Мовароуннаҳр гузаронида шуданд, фикри моро тасдиқ намуда, доир ба пешрафти ҳунармандӣ ва косибчигии аҷдодони гузаштаамон ҳуҷҷатҳои нодир доданд. Бештар зарфу чизҳое ёфт шуданд, ки онҳо аз шиша, сафол, биринҷӣ, мис, сурб, тилло, оҳан ва ғайра сохта шудаанд. Махсусан зарфҳои аз шиша сохташуда диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб мекунад.

Шиша дар Осиёи Миёна таърихи дуру дарози худро дорад. Марказҳои асосии тавлиди он шаҳрҳои бостонии Самарқанд, Бухоро, Варахша ба шумор мераванд. Маҳз дар ҳамон ҷойҳо аввалин устохонаҳои истеҳсоли зарфҳои шишагӣ ба роҳ монда шуда буд. Шишапазони моҳири асримиёнагӣ роҳи ба болои зарфҳо гул ва наққошӣ намуданро низ ихтироъ карда буданд. Зарфҳои шишагине, ки дар гӯшаву канорҳои мухталифи давлати Сомониён тайёр карда мешуданд, ба ҳамдигар шабоҳат надоштанд. Ҳар як усто аз рӯи эҷодиёти хеш ба ин ё он зарф нақш мегузошт.

Ҳафриётҳои бостонии дар харобаҳои устохонаҳои Кулзортеппаи атрофи Самарқанд собит намуданд, ки шишаи беҳтарин дар водии Зарафшон истеҳсол карда мешудааст. Шишаҳои аз Варахша, Нисо ва дигар мавзеъҳо ёфт шуда ба маснуоти Кулзортеппа шабоҳат доштанд. Аз ин ҷо бештар шишаҳои атриёт, дӯлчаҳои дастадор, косаву пиёла, ҷом ва як силсила ҳайкалчаҳо ба даст омаданд. Баъдтар, тахминан дар асрҳои X—XI ҳунари шишапазони самарқандӣ дар дигар мулкҳои Мовароуннаҳр низ паҳн шуд.

Шишапазию зарфсозӣ нисбат ба Самарқанду атрофи он, дар Хатлон дертар пайдо шуда бошад ҳам, аммо зарфҳои шишагини дар Ҳулбук тайёр карда шуда, аз ҷиҳати нақшу нигор аз онҳо монанди надоштанд. Дар байни зарфҳои шишагине, ки дар Ҳулбук ёфт шуданд, обгина, сурмадон ва ғайра бо нақшу нигори зебои худ диққатҷалбкунанда мебошанд.

Шишапазону зарфсозони асримиёнагӣ эчодкор буданд. Барои бозоргир шудани маҳсулоти истеҳсолмекардаашон бештар кӯшиш ба харч медоданд. Чахд менамуданд, ки зарфҳои месохтагиашон нусхаи маҳсули дастранчи ҳунармандони дигар ноҳияву шаҳр набошад. Агар косибони самаркандӣ кӯзаву обгина, кадаҳу дӯлчаи шишагиро бо нақшу нигор сохта бошанд, пас устоҳои Шолмону Хатлон шакли онҳоро дигар карданд. Онҳо ба болои табақ, гулдон, обгина, дӯлча ва ғайра ба чои нақш, инчунин сурати паррандаҳоро мекашиданд. Шакл ва маҳсулоташ якхела бошад ҳам оройишаш фарқ мекард. Аз ин рӯ, якрангии зарфҳои шишагии ноҳияю шаҳрҳои мухталифи Сомонӣ такрор намеёфт.

Хафриётҳои бостоние, ки дар каламрави Хуросону Мовароуннаҳр гузаронида шуданд, дар бораи ҳунари волои шишапазони Афросиёб, Варахша, Мунк, Хучанд, Нисо, Балх, Марв, Ҳирот, Тирмиз, Холоверд (Қӯрғонтеппа), Дандонакон, Асбара (Исфара) ва ғайра маълумотҳои аниқ доданд. Ин устохонаҳо ба асрҳои IX—X таалуқ доранд, ки маҳсулоташон гуногунсифат мебошад.

Баъдтар шишапазҳо шаклу усулҳои нави истеҳсоли онро кор карда баромаданд. Ҳангоми хафриётҳо бештар шишаҳои тиреза вомехӯранд. Инро хафриётҳои бостонии Афросиёб исбот намуданд, ки устоҳои ҳунарманди асрҳои IX—X, инчунин дар истеҳсоли шишаи тиреза низ таҷрибаи бой доштаанд. Аз шишаҳои истеҳсолкардаи устоҳои асримиёнагӣ тирезаҳои хонаҳои шаҳриёни бонуфуз, кушку даргоҳҳои амирону ҳокимон низ зинат дода мешуданд.

Кофтуковҳои бостоншиносие, ки дар харобаҳои шаҳрҳои қадимаи Мовароуннаҳр—Варахша, Мунк, Нисо, Марв, Холоверд, Хулбук ва ғайра гузаронида шуданд, аз санъати баланди шишапазони асримиёнагии мо дарк медиҳанд. Дар баробари Афросиёби Самарқанд, инчунин устохонаҳои истеҳсоли шишаи тиреза дар шаҳрҳои зикршуда низ ба роҳ монда шуда буд. Шишаҳои тиреза дар қолибҳои паҳну нафиси махсус рехта мешуд. Баробари тиреза, аз маснуоти шишагӣ зарфҳои доругирӣ, атриёт тайёр мекарданд...

Ачдодони гузаштаи мо сафолро хеле барвақт кашф намуда, аз он зарфҳои гуногун месохтанд. Ин буд, ки дар асрҳои IX—X аз сафол тайёр намудани зарфҳо барои рӯзгор чои намоёнро ишғол мекард. Яке аз масъалаҳои баҳсталаби соҳаи сафолсозӣ пайдоиши сиру ранг мебошад. Қисми кулли муҳаққиқони соҳаи сафол пайдоиши сирро ба нобайни асрҳои миёна мансуб медонанд. Аммо хафриётҳои бостонии замони Сомониён собит намуданд, ки сиру ранг дар коркарди сафол таърихи кухан дошта, дар асрҳои IX—X инкишоф ёфтаанд.

Кӯзасозӣ, табақсозӣ, хеле ривоҷ ёфт. Аҷоиботаш дар он ки дар замони Сомониён зарфҳои бо сири гуногунранг оро дода шудаи сафолин пайдо шуд. Дар Мовароуннаҳру Хуросон шаҳр ё ноҳияҳоро ёфтан душвор аст, ки дар он ҷо хумдонҳои истеҳсоли кӯза, табақ, коса, чойник, пиёла набошад.

Кулолҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки маҳсулоти месохтагиашонро аз гили хуб истеҳсол намоянд. Зеро хоку гили мувофиқ сифати маҳсулотро баланд мекунад. Инро ба назар гирифта, маҳсулоти беҳтаринро ба бозорҳои ҷаҳонӣ мебароварданд. Бештар табақ, коса, чойник, пиёла, кӯза ва дигар зарфҳои истеҳсолмекардагии кулолони шаҳрҳои қадимаро чорводорону кӯчиёни турк мехариданд. Маҳсули дастранҷи кулолҳои самарқандию бухороӣ ҳатто дар Бағдод, Қавқоз, Ҳиндустон ба фурӯш мерафт. Савдогарони Чин ба ивази маснуоти чинивории хеш табақу косаҳои гулкории устоҳои Мовароуннаҳрро мебурданд. Сабаб дар он буд, ки устоҳо маҳсули дастранҷи хешро бо сири хушсифат ороиш дода, нақшҳои диққатҷалбкунанда мекашиданд. Аз ин рӯ кулолҳои асримиёнагӣ ҳангоми тайёр намудани зарфҳо ва ба онҳо сир давондан бештар ба таркиби гил ва ранг диққат медоданд. Барои устоҳои кулол расм шуда буд, ки дар болои кӯзаву табақҳои месохтагиашон номи хешро нависанд. Ҳангоми ҳафриётҳои бостонии Панҷакент кӯзае ёфт шудааст, ки дар болои он нақши дастони усто Иброҳими суғдӣ гузошта шудааст, ки он ба асри X тааллуқ дорад. Аз ин маълум мешавад, ки устоҳои беҳтарини кулолгарӣ дар Панҷакент низ ҳунарнамоӣ мекарданд. Баъзе сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки тоҷирони чинӣ маҳсули кулолгарони Самарқанду Бухороро ба мулки хеш мебурданд. Устоҳои чинирезии Хитой бошанд ба рӯи зарфҳои месохтагии хеш акси нақшҳои устоҳои кулолгарро сабт менамуданд. Ҳамин тавр, ба воситаи нақш маҳсули устоҳои маҳаллӣ дар мамлакатҳои ҳамсоя машҳур мегашт.

Баробари кулолӣ, инчунин заргарӣ яке аз касбҳои асосии ҳунармандони асрҳои IX—X ба шумор меравад. Заргарӣ бештар дар шаҳрҳои Бухоро, Варахша, Ҳирот, Марв, Нишопур, Самарқанд, Хуҷанд, Истравшан, Чоч, Фарғона инкишоф ёфта буд. Заргарҳо аз тилло, нуқра асбобҳои зебу зинати занону духтарон, гӯшвор, дастбона, бозубанд ва дигар чизҳо месохтанд, ки нархи онҳо дар бозорҳои Шарқи Наздик хеле баланд буд. Хусусан, ба гӯшвору дастбонаҳои устоҳои Самарқанду Бухоро бештар тоҷирони ҳиндӣ ҳусни таваҷҷӯҳ пайдо намуда буданд.

Яке аз ҳунарҳои волои косибони асримиёнагӣ—гилембофӣ буд. Ин ҳунар ҳам таърихи хеле қадима дорад. Аммо дар асрҳои IX—X он хеле такмил ёфт. Дар ин муддат гилембофон ху-

нари худро сайқал доданд. Баробари гилеми қоқма, инчунин қолинҳои рангин истеҳсол мешуданд. Талабот хусусан ба қолинҳои ҳиротӣ, марвӣ, нишопурӣ, бухороӣ, самарқандӣ хеле калон буд. Зеро ин қолинҳо танҳо аз пашм бофта шуда, ба он канаб, пахта ҳамроҳ намекарданд.

Намадрезӣ низ яке аз касбҳои хеле кӯҳани мардуми чорводор аст. Даставвал онро ба шакли дағал туркони бодиянишин тайёр мекарданд. Баъдтар онро мардуми шаҳрнишин қабул намуда, шаклашро тағйир доданд. Акнун намадҳои рангину гулдор мерехтанд, ки нархи харидн онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ баланд буд. Намадрезӣ дар кӯҳистони Мовароуннаҳр тараққӣ кард.

Матоъҳои пахтагин дар Самарқанд, Дебусӣ, Бухоро, Ҳирот, Марв, Нишопур, Насаф, Кеш, Бинокат ва дигар ҷойҳо бофта мешуданд. Бинобар хабари сарчашмаҳо бофандагӣ дар давлати Сомониён тараққӣ намуда буд. Дар шаҳрҳои калони қаламрави оли Сомон корхонаҳои азими бофандагӣ амал мекарданд. Дар бораи яке аз он коргоҳҳои бузург Абубакри Наршахӣ маълумот додааст. Вай дар «Таърихи Бухоро» дар бораи «Байтуттироз» ном доштани корхонаи бофандагии шаҳри Бухоро маълумот медиҳад. Дар он ҷо мегӯяд вай, гилем, қолин, матоъҳои мухталиф мебофтанд. Маҳсулоти он ба тамоми мамлакатҳои Шарқи Наздик бароварда мешуд. Чӣ хеле ки ӯ мегӯяд, матоъҳои рангину гилемҳои Бухороро бештар ба бозорҳои Шом, Миср, Рум ва ғайра мебурданд. Наршахӣ ба сифати маҳсулоти истеҳсолмекардагии коргарони корхонаи давлатии «Байтуттироз» баҳои баланд медиҳад. Вай қайд менамояд, ки устою бофандагони чирадасти ин корхона тамоми кӯшишро ба харҷ медоданд, ки моли истеҳсолкардаашон бозоргир бошад. Аз ин рӯ ҳаракат намуда, шаклу нусхаҳои нав ба навро эҷод менамуданд, ки он писанди умум мегашт. Ба моли ин корхона, талаби амирону ҳокимон калон буд. Дар ин хусус Наршахӣ мегӯяд: «Ва ҳеҷ подшоҳ ва амир ва раис ва соҳибмансаб набудӣ, ки вайро аз ин ҷома набудӣ. Ва ранги вай сурх ва сафед ва сабз буди. ...Он ҷома маъруф аст ба ҳамаи вилоятҳо».

Аз гуфтаи сарчашманавис бармеояд, ки «Байтуттироз» дар шаҳру рустоҳои атрофи Бухоро низ корхонаҳои зердасти хешро дошт. Нусхаҳои беҳтарини матоъҳо дар Самарқанд низ бофта мешуданд. Инчунин талабот ба моли корхонаҳои Чоч, Хуҷанд низ калон буд. Бофандагони самарқандӣ матоъҳои қиматбаҳои симин, парча, мумарчал, алоча, шоҳӣ ва абрешимӣ истеҳсол мекарданд.

Матоъҳои пахтагин ва абрешимии Хуросон дар тамоми дунё ном бароварда буд. Калонтарин марказҳои истеҳсоли чунин

молҳо Нишопур ва Марв буданд. Дар ин шаҳрҳо босма, парча, шоҳиҷоӣ ва казни мулҳам барин зеботарин матоъҳои ҷаҳонӣ истеҳсол карда мешуданд. Аз ин матоъҳо либосҳои аттабӣ, сандӣ, зарангфӣ, саллаҳои шоҳҳоӣ, рӯбанд, рӯпӯш, яктаҳ, пардаи токчаҳо ва болои кӯрпаҳо тайёр мекарданд.

Болоравии ҳаёт касбу кори мухталифро тавлид менамояд. Одамон барои зиндагӣ шуда роҳҳои мухталифи корро меҷустанд. Яке аз касбҳои қадима, ки дар асрҳои IX—X нашъу намо кард—касби чармгарӣ мебошад. Он низ таърихи хеле куҳан дорад. Аммо дар асрҳои миёна такмил ёфт ва ба ҳунари асосии мардумӣ бадал шуд. Аз чарм пеш аз ҳама либос, пойафзол тайёр мекарданд. Оҳиста-оҳиста номгуи маҳсулоти чармӣ афзуд. Баъдтар аз он зину лаҷоми асп, тасма, машк, саноч, хурҷин, ғилоф, қамчин ва дигар чизҳоро истеҳсол мекарданд. Чармгарӣ бештар дар Самарқанд, Бухоро, Чоч, Истаравшан, Хуҷанд, Фарғона, Исфиҷоб, Тироз, Утрор, Узганд, Фароб, Ғазна, Фирӯзкӯҳ, Балх, Ҳирот ва ғайра тараққӣ намуда буд. Дар аксари шаҳру ноҳияҳои номбурда маҳаллаҳои махсуси чармгарон низ арзи вуҷуд доштанд.

Худ аз худ маълум аст, ки ривоҷи чармгарӣ ба инкишофи касбу ҳунарҳои дигар, аз ҷумлаи пойафзолдӯзӣ роҳ мекушод. Мардуми аз маданияти шаҳрию чармгарӣ дурбуда, аз пӯсти чорпо барои худ ҳомак, мӯкӣ (чорук) ва дигар чизҳоро месохтанд. Шаҳриён бошанд, аз чармҳои қимматбаҳо мӯза, маҳсӣ, кафш медӯхтанд.

Талабот ба пойафзолҳои истеҳсоли шаҳрҳои Бухорою Самарқанд меафзуд. Ҳатто мӯзаҳои истеҳсоли ин шаҳрҳоро дар бозорҳои мулки рус дидан мумкин буд. Оҳиста-оҳиста кӯчиёну чорводорони давлатманди турк ба ин молҳо завқ пайдо намуданд. Онҳо ба таври яклухт мол харид намуда, ба бозорҳои беруни аз қаламрави давлати Сомониён низ мебурданд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо пойафзолҳои истеҳсоли устоҳои Мовароуннаҳр дар Қашқар ва дигар шаҳрҳои Чин машҳур буданд.

Зиёд шудани истеҳсоли маъдан касбу ҳунарҳои мухталифи яроқсозӣ, дегрезӣ, кордсозӣ, кафкиру ҷумча, кафлесу оташгирак ва ғайраро ба миён овард. Пеш аз ҳама истеҳсоли камон, шамшер, ханҷар ба роҳ монда шуд. Дар асрҳои миёна онли ин касбҳо устоҳои Мевк, Марсеманда дар Мовароуннаҳр номдор буданд. Аммо дар бозорҳои ҷаҳонӣ талабот ба яроқу аслиҳаи устоҳои моҳири Ғур хеле калон буд. Зеро оҳане, ки аз он устоҳои ғурӣ сипар, шамшер, ханҷар, милтиқ месохтанд, талаботашон боз ҳам зиёд мешуд. Аслиҳаи сохтаи онҳо нисбати мулкҳои дигар сифати баланд дошт.

Истеҳсоли чӯян ба дегрезӣ роҳи васеъ кушод. Дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр шаҳреро ёфтан душвор буд, ки дар он ҷо устохонаҳои дегрезӣ набошад. Ҳатто дар деҳаҳои баландкӯҳ низ устохонаҳои дегрезӣ амал мекарданд. Ҳафриётҳои бостонии дар мавзеи Сарези деҳаи Нениоти шаҳри Панҷакент гузаронидашуда ин гуфтаҳоро тасдиқ менамоянд. Бостоншиносон дар он ҷо паи якчанд устохонаҳои дегрезиро тадқиқ намуданд, ки онҳо ба асрҳои миёна тааллуқ доштанд.

Маълумотҳои сарчашмаҳо ва ҳафриётҳои бостонӣ собит менамоянд, ки аҷдодони мо дар асрҳои миёна доир ба техника ва технологияи коркарди металл маълумотҳои кофӣ доштанд. Онҳо аз комёбиҳои илми кимиё хуб бохабар будаанд.

Дар қатори яроқсозӣ, инчунин аз оҳан барои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ низ маҳсулот тайёр мекардаанд. Аз ҷумлаи ҷуволдӯз (тевона), искана, парма, ранда, искоба, чангак, кафкир кафлес ва ғайра, ки барои рӯзгору истеҳсолот ба кор мерафт. Инчунин аз оҳан занҷирҳои ҳалқадор низ месохтанд. Ғайр аз ин барои аспу хар мех, наъл истеҳсол менамуданд.

Рӯзгор маҷбур намуд, ки одамон ба коркарди санг низ даст зананд. Аз санг чархҳои калон сохта, осиёҳои обиро гардон менамуданд. Устохонаҳои чархтарошӣ бештар дар кӯҳҳо ташкил шуда буд. Аз сангҳои сахти хорои сиёҳу кабуд бештар сангҳои осиёи метарошиданд. Дар кӯҳистони Мовароуннаҳру Хуросон ин касби воло то кунун арзи вуҷуд дорад. Устохонаҳои калони сангтарошӣ дар Ванҷ, Рӯшон, Вахон, Амонкӯтан (Самарқанд), Уреҷ (Панҷакент), Шаҳристон, Масчоҳ, Фирӯзкӯҳ, Балх ва ғайра ёфт шудаанд.

Дар қатори осиёи ордкашӣ, инчунин устохонаҳои равғанкашӣ низ буданд. Дар аксари ҷойҳо равғани загир, кунҷид, андов, чигитро дар ҷувозхонаҳое истеҳсол менамуданд, ки онҳо бо қувваи аспу гов ба ҳаракат андохта мешуданд. Инчунин дар кӯҳистон ҷувозҳои обӣ низ амал мекард. Дар қатори загиру кунҷид, инчунин аз донаки бодом, шафтолу, зардолу низ равғани хушсифат ба даст меоварданд.

Заргарӣ яке аз касбҳои писандидаи аҷдодони мо буд. Заргарҳо касби хешро аз авлод ба авлод мегузоштанд. Ҳамин аст, ки дар шаҳрҳои қадима устоҳои авлодӣ ҳунарнамоӣ мекунанд. Ин касбу ҳунар шаҳрҳоро ба гузарҳои мухталиф: сӯзангарон, атторон, баққолон, дегрезон, заргарон, ғаҳворасозон, кулолгарон, сандуқсозон, наългарон, иишоллопазон, қаннодон, ҷовбоён, кафшдӯзон, гилембофон, калобаресон ва ғайра тақсим намуд. Аз ин рӯ, ҳар як ҳунарманд кӯшиш ба харҷ медод, ки сифати корашро беҳтар намуда, диққати харидоронро ба худ ҷалб намояд. Дар асрҳои IX—X чунин гузарҳо дар Самарқанду Бухоро, Марву Ҳирот, Чочу Истаравшан бештар созмон ёф-

та буданд, ки имрӯз низ анъанаашон идома меёбад. Дар қатори дигар касбу ҳунар, инчунин фонуссозӣ дар асрҳои IX—X инкишоф ёфт. Асосгузорони он устоҳои самарқандӣ буданд. Сарчашмаҳо ҳидоят менамоянд, ки фонусу дегҳои мисини Самарқанд дар бозорҳои мулки араб, аз ҷумла шаҳри Бағдод қиммати баланд доштанд.

Қоғазистеҳсолкунӣ яке аз касбҳои хеле қадимаи мардуми Мовароуннаҳр аст. Агар пештар дар болои пӯст, пӯстлох, барги папирус ва чӯб хат нависанд, пас дар асрҳои VI—VII дар Осиёи Миёна ба истеҳсоли қоғаз камар бастанд. Академик А. А. Семёнов аз рӯи маъхазҳои қадима таърихи технологияи истеҳсоли қоғази Самарқандро омӯхта, ба кори устоҳои пухтакор баҳои ҳаққонӣ додааст.

Дар Самарқанд қоғази баландсифате истеҳсол карда мешуд, ки дар тамоми мамлакатҳои Шарқ мисլаш набуд. Аввалин маротиба устоҳои ҳамин шаҳр усули аз латакӯҳна истеҳсол намудани қоғази навъи аълоро кор карда баромаданд. Пас қоғази Самарқанд дар ҷаҳон овозадор шуд. Ҳанӯз дар солҳои 650—651 арабҳо дар бораи қоғази Самарқанд тасаввурот доштанд. Баъди истилои араб мустамликадорон қоғази хешро аз Самарқанд мекашониданд. Аз асри VIII сар карда дар Самарқанд шаш намуди қоғаз истеҳсол мешуд. Азбаски навиштаҷоти болои қоғаз хушсифат буд, аз ин рӯ халиф Ҳорунаррашид (786—809) фармони махсус бароварда, амр дод, ки фақат дар болои қоғаз нависанд. Пас аз ин фармонаш қиммати қоғази Самарқанд боло рафт. Баъди дар Осиёи Миёна пурра паҳн шудани қоғази самарқандӣ, дар замони ҳукмронии Насри II усули коркарди он барои хориҷиён маълум шуд. Аввалин шуда аз рӯи технологияи самарқандӣ дар Сурия қоғаз тайёр карданд.

Абӯисҳоқи Истахрӣ, ки бо чашмони худ Самарқандро дидааст, дар бораи гузарҳои ҳунармандони ин шаҳр нақлҳои аҷоиб намуда, ба ҳар як касб ва сифати маҳсулот баҳои хоса додааст. Алалхусус дар бораи устоҳои қоғазсозӣ Самарқанд ва кори пухтаи онҳо нақл намудааст. «Ва чун қоғази самарқандӣ ҳеҷ ҷой дигар набувад»,—ёдовар шудааст ӯ.

Мо дар боло оиди нишоллопазӣ гуфтем. Он аз қадимулайём касби хосаи мардуми шаҳрист. Маркази асосии тавлиди нишолло шаҳри Самарқанд ва ноҳияҳои атрофи он мебошад. Баробари он дар асрҳои IX—X қаннодӣ хеле пеш рафт. Шаҳрҳои азими Сомонӣ ба ин касбу кор бештар диққат медоданд. Истахрӣ дар бораи қаннодони Самарқанду Бухоро нақл мекунад. Ӯ қайд менамояд, ки баробари мавиз, ғӯлинг, писта, инчунин дастархони мардумро маҳсули дастони қаннодони маҳаллӣ зеб медиҳад. Бештар қандро аз шаҳди ангур, зардолу, гелос, лаблабу ва дигар меваҳои ширин истеҳсол менамуданд.

Ҳамин тавр дар замони Сомониён баробари кашфиётҳои зиёде оиди истеҳсоли маъдан, инчунин дар роҳи ташаккули касбу ҳунар муваффақиятҳо ба даст омаданд. Ҳунармандони тоҷик тавонистанд, ки дар асрҳои IX—X истеҳсоли маҳсулотро зиёд намуда, ба пешрафти тиҷорату инкишофи муомилоти молию пулӣ роҳи васеъ кушоянд.

# БОБИ 8

## МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЮ ПУЛӢ

### § 1. Пул ва гардиши он

Сомониён аз давраҳои соҳибқудрат шудани хеш ба масъалаи ташкили тиҷорат ва инкишофи муносибатҳои молӣ-пулӣ диққат доданд. Онҳо аз таҷрибаи давлатҳои пешгузашта медонистанд, ки барои абарқудрат гаштани ҳокимияташон пеш аз ҳама сиккаи пул аҳамияти хоса дорад. Инро бародарони мулкдор пайхас намуда, ба ваҳдат омаданд ва соли 819 ба номи Нӯҳ бини Асади Сомонӣ тангаҳои мисиро сикка заданд, ки он дар тамоми қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон ба кор рафт. Дар болои тангаҳо ному насаби Нӯҳ акс мешуд. Аввалин зарробхонаҳоро дар Бухоро, Самарқанд, Балх, Бомиён, Тирмиз ва ғайра сохта буданд.

Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» оиди ташкили нахустзарробхонаҳои Бухорхудот маълумот додааст. Вай қайд менамояд, ки Ғитриф бини Ато амири Хуросон (801) аввалин шуда, тангаҳоро ба номи хеш сикка зад, ки он дар замони Сомониён қурбашро гум накард. Тангаҳои «ғитрифӣ» аз омехтаи тилло, нуқра, мис, оҳан ва ғайра иборат буд. Баъдтар аз нуқраи холис низ танга сикка заданд, аммо сифати онҳо нисбати пулҳои «ғитрифӣ» паст шуд. Сабаб дар он буд, ки тангаи нуқрагӣ сиёҳ мешуд ва талаботи мардум ба он кам мегардид. Наршахӣ мегӯяд, ки он арзиши тангаҳои «ғитрифӣ»-ро боло бурд. Аз ин рӯ хироҷи Бухоро низ бо арзиши тангаҳои—«ғитрифӣ» рӯёнида мешуд.

Амирони Сомонӣ инро медонистанд. Аммо то замони Исмоил (892) аз тангаҳои мисину «ғитрифӣ» истифода мебурданд. Ҳатто, Аҳмад бини Асади Сомонӣ, ки соли 842 ба ҷои Нӯх ба тахти Самарқанд нишаст, ба сиккаи тангаҳои нуқрагию тил-

лой даст назад. Вай танҳо соли 858 ба номи хеш пулҳои мисин баровард.

Пешравии замона ва болоравии кудрати оли Сомон дар даврам амирии Исмоил бини Аҳмад шароит фароҳам овард, ки дирҳам истеҳсол шавад. Акнун заробхонаҳои Сомониён ҳуқуқ пайдо намуданд, ки аз тилло дирҳам сикка зананд. Ин обрӯ ва мавкеи хонадони Сомониро дар хориҷи мамлакат боло намуд. Зеро рӯз то рӯз талаботи тоҷирон, алалхусус савдогарони аврупоӣ ба динорҳои бухорӣ меафзуд.

Дар бораи қадру қиммати динорҳои Бухоро дар бозорҳои ҷаҳонӣ сарчашмаҳои таърихӣ баҳо медиҳанд. Аз ҷумла Абӯисҳоқи Истахрӣ дар асари хеш «Масолик ва-л мамолик» динорҳои Бухоро таъриф кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки мардуми ин мулк муомилотро бо дирҳам ба ҷо меоваранд.

Сабаби боло рафтани овозаи тангаҳои тиллоии бухороӣ нисбати дигар мулкҳо дар чист? Пеш аз ҳама дар сифату вазни онҳо мебошад. Зеро таърих гувоҳ аст, ки тиллои зардчатоби бухороӣ аз лиҳози сифат бебаҳост. Аз ин рӯ, дар бозорҳои ҷаҳонӣ талаботи тоҷирон ба он беш аз пеш меафзуд. Он дар баробари мамлакатҳои Шарк, инчунин дар давлатҳои назди Балтика низ қадру қиммат дошт. Бозоргонони ин мулкҳо тангаҳои тиллоии бухороиро ба таври яклухт мехариданд.

Аммо динорҳои тиллоиро худи мардуми таҳҷоӣ кам медиданд. Дар ин хусус Аҳмади Фазлон, ки соли 921 дар Бухоро будаасту онди пулҳои ин ҷо тадқиқот бурда, дар асари хеш «Сафарнома» ёдовар шудааст. Вай бештар ба тангаҳои «ғитрифӣ» марок доштани бухориёнро нишон додааст. Дар бораи танҳо дар диёри хеш гардиш намудани пулҳои «ғитрифӣ»-и Сомонӣ Истахрӣ низ чунин навиштааст: «Мардумони Бухоро фозилон бошанд ва муомилот бо дирҳам кунанд ва сими эшон ғитрифӣ бошанд ва ҷуз ба диёри Мовароуннаҳр наравад». Тангаҳои «ғитрифӣ» бештар дар мулкҳои маҳаллӣ гардиш мекарданд.

Сомониён барои равнақ ва гардиши муомилоти пулӣ чораҳо ҷустанд. Онҳо тавонистанд, ки дар охири асри IX ва асри X дирҳамҳои мухталиф сикка зада, муносибатҳои молияю пулии дохили давлати хешро ба танзим андозанд. Дар замони Исмоил баробари тангаҳои тиллоию «ғитрифӣ», инчунин пулҳои нуқрагиро низ ба таври васеъ ба гардиш баровардаид.

Исмоил бошад баъди соҳибкудрат шудан ба заробхонаҳо рухсат дод, ки ба номи вай тангаҳои тиллоӣ сикка занад. Аз ин рӯ аз ибтидои асри X сар карда аз номи Исмоили Сомонӣ тангаҳои тиллоии «Исмоилӣ» ба муомилот баромаданд. Ба гардиш баромадани дирҳамҳои «Исмоилӣ» баробари мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин муомилоти молияю пулии дохили давлатро тезо-

нид. Он шароит фароҳам овард, ки иктисодиёти дохили мамлакат боло равад.

Мисли пештара талаботи хориҷиён ба тангаҳои тиллоии «Исмоилӣ» меафзуд. Зеро дар хориҷи мамлакат онҳоро на ба шакли донабайъ, балки аз рӯи вазнашон мехариданд. Ҳарчанд ки сиккаҳо вазнашон зиёд мебуд, талабот ба онҳо калон мешуд. Инро ба назар гирифта, баъдҳо вазни тангаҳоро тағйир дода, онҳоро каму зиёд намуданд. Сабаб дар он ки ҳукумат қасодшавии хазинаи давлатиро ба назар гирифта, кӯшиш ба харҷ дод, ки сиккаи онҳоро соддаю камхарҷ намояд. Аммо дар бозорҳо қадри ин сиккаҳо баланд буд. Мисли тангаҳои «Исмоилӣ» ноёфт мешуданд.

Сиккаи тангаҳо дар Осиёи Миёна ва беруи аз он таърихи қадима доранд. Дар сиккаҳои аввала дар болои тангаҳо харгуна аксҳоро мекашиданд. Кушониён аз замони Герай сар карда, дар болои тангаҳо сари шоҳонро акс менамуданд. Инро Сосониён низ қабул карданд. Онҳо дар болои тангаҳо акси нимтанаи шоҳонро кашида, мувофиқи анъанаи зардуштиён дар тарафи муқобили он бошад сурати оташу посбонро чун рамзи муқаддас акс менамуданд. Дар асрҳои IX—X ин рамзро Сомониён қабул намуданд. Дар замони онҳо, дар қатори тангаҳои «Исмоилӣ», «ғитрифӣ», инчунин пулҳои «хоразмӣ», «мусайябӣ», «муҳаммадӣ» ба муомилот баромаданд. Хусусияти фарқкунандаи тангаҳои номбурда аз «Исмоилӣ» дар он буд, ки суратҳои гуногун доштанд. Тангаҳоро аз тилло, нуқра, биринҷӣ, мис, оҳан ва ғайра сикка мезаданд. Чӣ хеле ки ёдовар шудем, Истахрӣ дар бораи сиккаҳои давлати Сомониён сухан карда, қайд менамояд, ки бисёр тангаҳо омехтаҳои мухталиф доранд. Аз ҷумла вай навиштааст, ки дирҳами «муҳаммадӣ» аз омехтаи нуқра, мис, оҳан сикка зада мешуд. Ӯ хотирнишон мекунад, ки барои зиёд шудани гардиши пул ва ривоҷи бозор тангаҳои «ғитрифӣ» аз биринҷии холис низ тайёр мекарданд. Бинобар ин дар бозорҳо нарху навои ин тангаҳо мухталиф буданд. Ҳар як сикка мувофиқи талаби рӯз гардиш мекард.

Дар ибтидои асри X дар бозорҳои Мовароуннаҳру Хуросон қурби тангаҳои «исмоилӣ» оҳиста-оҳиста паст мешуд. Маъхазҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар хариди мол қурби он аз тангаҳои «мусайябӣ», «муҳаммадӣ» ва «ғитрифӣ» паст буд. Сабаб дар он буд, ки давлатдорон барои бой намудани хазина ба ивази пули тилло аз мардум молу чизи зиёд талаб менамуданд.

Сомониён барои нигоҳ доштани қурби пулҳои худ мубориза бурданд. Онҳо кӯшишҳо ба харҷ доданд, ки дар бозорҳои дохилӣ қадри пули худро нисбати тангаҳои бегона баланд кунанд. Аз ин рӯ, ба хулоса омаданд, ки савдои вилоятҳои алоҳидаро ба танзим оранд. Бинобар ин дар савдои чакана пули сиёҳ, ё

худ «фулус»-ро ба кор бурданд. «Миқдори муайяни «фулус» бо як тангаи нуқра баробар карда мешуд,—менависад Б. Ғафуров,—вале ин миқдор дар ҳар ҷо ҳар хел буд. Масалан, дар Бухоро як тангаи нуқра 24 фулус буд. Фулус одатан дар худи ҳудуди вилоят ба кор мерафт, вале амалан аз ҳудуди вилоят берун ҳам истифода мешуд, лекин дар ин сурат қурби он андак паст мегашт. Чунончӣ, дар худи ҳамон соли 921 дар Бухоро ба як фулуси Самарқанд фақат 2/3 ҳиссаи он чизро харидан мумкин буд, ки ба як фулуси Бухоро ба фурӯш мерафт».[1]

Сиккаҳои «фулусӣ» мухталиф буданд. Чи хеле ки гуфтем, онҳоро бештар барои ривоҷи савдои дохилӣ ба кор мебурданд. Аз ин рӯ тангаҳои сиёҳ ба номи амирон, баъзан ба унвони сардори сулола ё ҳокимони вилоятҳои алоҳида сикка зада мешуданд.

Ташкили хуби муомилоти молӣ-пулӣ ба болоравии мустақилияти иқтисодии давлат сабаб мешавад. Сомониён то андозае дар нимаи якуми асри X ба он муваффақ шуданд. Насри II барои ривоҷи бозорҳои дохилию хориҷӣ кӯшишҳои зиёде намуд. Пеш аз ҳама барои вазни муқарраршии тангаҳои дар муомилот буда мубориза намуд. Вай бо ин саъю кӯшиш ба харҷ додан хеш тавонист, ки мустақилияти иқтисодии давлат ва вилоятҳои онро таъмин намояд.

Амирони Сомонӣ аз болои кори зарробхонаҳо назорати шахсӣ мебурданд. Хусусан марказҳои асосии пулбарории давлатӣ—Бухоро, Самарқанд, Чоч, Нишопур, Балх, Тирмиз дар қайди махсуси подшоҳон меистоданд. Аз болои сифати кори зарробхонаҳои Андроб, Ахсекат, Бинкат, Балх, Бомиён, Истаравшан, Исфиҷоб, Насробод, Тирмиз, Тункат ва ғайра девони молиёт назорат мекард.

Сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, ки дар савдои дохилию хориҷии замони Сомониён, инчунин аз қоғазҳои арзишнок низ васеъ истифода мебурданд.

Тоҷирон метавонистанд, ки дар шароити зарурӣ қоғазҳои арзишнокро ба мол ё ба пул иваз намоянд. Он қоғазҳои қиммат дар мамлакатҳои берун аз қаламрави Сомониён низ ба кор мерафтанд.

Сомониён дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани муомилоти пулӣ ба муваффақиятҳо ноил шуданд. Онҳо тавонистанд, ки бо ҷорӣ намудани сиккаҳои мухталиф тиҷорат ва умуман муомилоти молию пулиро ба танзим андозанд. Усули пешгирифтаи онҳо ба инкишофи тиҷорати дохилию хориҷӣ роҳи васеъ кушод.

---

[1] Тоҷикон., ч. 1, с. 483.

## § 2. Тиҷорат

Аз қадимулайём тиҷорат дар болоравии иқтисодии ҳаёти мардум ва давлат саҳми муносиб мегузорад. Зеро он воситаи асосии некӯаҳволии заҳматкашон аст. Аз ин рӯ шаҳрдорону амирон кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки дар мулки хеш бозорҳои зиёд созмон дода, ба инкишофи савдои дохилию хориҷӣ роҳи васеъ кушоянд. Дар ин хусус сарчашмаҳо низ шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла Абуисҳоқи Истахрӣ, Абӯбакри Наршахӣ, Ибни Хавқал, муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» ва дигарон дар бораи бозорҳои ободу сермолу чизи замони Сомониён маълумотҳо додаанд. Бозорҳои калон дар Самарқанд, Бухоро, Марв, Тирмиз, Чоч, Истаравшан, Балх, Ҳирот, Нишопур, Рай, Ғазна амал мекарданд. Аз ҳама бозори калон дар Самарқанд буд. Истахрӣ ин шаҳрро маркази Мовароуннаҳр номидааст. Зеро тамоми моли бозорҳои Осиёи Миёна дар ин ҷо тақсим мешуд.

Дар хусуси маркази тиҷорати Мовароуннаҳр будани Самарқанд Истахрӣ чунин навиштааст: «Ва аз Тобат ва Хархиз мушк нахуст он ҷо оранд ва аз он ҷо ба офоқ бибаранд. Ва пӯсти рӯбоҳу самуру санҷоб бисёр бошаду боз аз Мовароуннаҳр гиранд».

Абӯбакри Наршахӣ бозори калони шаҳри Бухороро бо номи «Моҳ» ёдовар мешавад. Ӯ қайд намудааст, ки он то истилои араб яке аз марказҳои калони тиҷоратӣ ба шумор мерафт.

Азбаски бозорҳо даромади калон меоваранд, бинобар ин шаҳрдорон ба ободагии онҳо диққати хоса медоданд. Барои тоҷирон ҳамаи шароитҳоро муҳайё менамуданд. Сайёҳ ва котиби сафорати араб дар солҳои 921—922 Аҳмади Фазлон дар «Сафарнома»-и хеш навиштааст, ки дар назди бозорҳои калони шаҳрҳои азим корвонсарою меҳмонхонаҳо амал мекарданд. Вай аз корвонсаройҳои Бухоро, Самарқанд, Баласоғун, Урганҷ ва ғайра ёд намудааст. Истахрӣ дар бораи ободагии бозорҳо истода, қайд намудааст, ки «дар Самарқанд оби равон дар бозорҳою маҳаллаҳою масканҳо меравад». Ӯ дар бораи бо дӯлаҳои сафолину ҷӯйҳои болопӯши хиштин ҷорӣ шудани обҳои нӯшокӣ дахл намуда, қайд кардааст, ки дар шаҳри Самарқанд ҳазор нуқтаи обнӯшӣ мавҷуд аст. Дар бозорҳои шаҳр об бо қубурҳо ҷорӣ шуда, чирку чарб низ ба воситаи ҷӯйҳои махсус равона карда мешуд.

Дар асрҳои IX—X тараққиёти иқтисодии Осиёи Миёна бевосита ба пешрафту инкишофи тиҷорат вобаста буд. Дар замони Сомониён бештар ривоҷёбии тиҷорат мувофиқи талаботи харидорони дохилию хориҷӣ сурат мегирифт. Азбаски туркони бодиянишин ба маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ҳунармандону косибони Осиёи Миёна бештар ниёз доштанд, аз ин рӯ онҳо бо-

зорҳои ин кишварро метезониданд. Бодиянишинон, асосан чорводор буда, аз маданияти зироатчигию косибчигӣ хеле дур меистоданд. Аз ин рӯ, кӯшиш менамуданд, ки ба ивази чорво, гӯшт, пӯсту мӯина аз бозорҳои Мовароуннаҳру Хуросон бештар ғалла, гилем, коса, табоқ, корд, кафгир, дег, сандуқ ва дигар чизҳоро харанд.

Замони ҳукмронии хонадони Сомониён ба савдои байналхалқӣ роҳ кушод. Акнун савдогарони маҳаллӣ имконият пайдо намуданд, ки на танҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон, балки берун аз он низ мол бароранд. Бештар моли Осиёи Миёна ба бозорҳои Ҳинду Чин бурда мешуд. Аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустону Чин парча, шоҳӣ, тилло, нуқра, гилем, гӯшвор ва дигар чизҳоро бурда, аз он ҷо бошад чой, чинӣ, абрешим, молҳои зебу зинати занонро меоварданд.

Марказҳои асосии савдои шаҳру навоҳӣ бозорҳо буданд. Ба гурӯҳи чунин шаҳрҳои сербозор Бухоро, Самарқанд, Бинкат, Хуҷанд, Марв, Тирмиз, Балх, Ҳирот, Чоч, Нишопур ва ғайра дохил мешуданд. Ин шаҳрҳо марказҳои мубодилаи молҳои Шарқу Ғарб ба шумор мерафтанд.

Ҳар як шаҳр ва бозорҳо ба худ мақоми хос доштанд. Агар Самарқанд маркази асосии тақсими мол ба шумор равад, пас бозорҳои шаҳрҳои калони Мовароуннаҳру Хуросон дар тақсими молу дарёфти чизҳои нодир ба гурӯҳҳо ҷудо мешуданд. Масалан, биринҷи беҳтаринро аз бозорҳои Марв, Тирмиз, Урганҷ ба даст меоварданд. Маҳсулоти заргарию ҳунармандиро бештар аз бозорҳои Чоч, Истаравшан, Нишопур мехариданд. Дар роҳи савдои чорво бозорҳои Фарғона, Исфиҷоб, Балосоғун, Иссиққӯл ва ғайра ном баровардa буданд. Дар соҳаи савдои гӯсфандони сергӯшту равған бозорҳои Шодмон дар ҷои аввал меистоданд.

Дар асрҳои IX—X марказҳои махсуси яклухтфурӯшӣ вуҷуд доштанд. Тоҷирони мамлакатҳои мухталиф дар он ҷо гирд омада, молҳои дилхоҳи хешро ба даст меоварданд. Яке аз ин марказҳо дар шаҳри Марсмандаи Истаравшан воқеъ гардида буд. Муомилоти молии ин ҷо, ки маркази истеҳсоли асбобу анҷомҳои металлӣ буд, то 100 ҳазор динорро ташкил медод. Молҳои истеҳсоли Марсманда сифати баланд доштанд. Аз ин рӯ талаботи харидорони мамлакатҳои мухталиф ба яроқу аслиҳаи истеҳсоли Марсманда беш аз пеш меафзуд. Савдогарон молҳои ин ҷоро ба Шарқу Ғарб мекашониданд. Хусусан, талаботи мамлакатҳои араб ба яроқи Мовароуннаҳр калон буд.

Чӣ хеле ки қайд карда шуд, савдо бо бодиянишинон манфиати калон меовард. Марказҳои асосии муомилоти савдогарони Мовароуннаҳр бо бодиянишинон дар шаҳрҳои сарҳади байни Осиёи Миёнаю даштҳои маскани кӯчманчиён ҷойгир шу-

да буданд. Бодиянишинон аз ҳунармандон, зироаткорон ва савдогарон матоъҳои пахтагин, пашмин, абрешимин, ғалладона, яроқ ва зарфҳо харида, ба онҳо асп ва ғуломонро низ мефурӯхтанд.

Савдогарони Мовароуннаҳру Хуросон ба бозори ҷаҳонӣ молҳои гуногун, аз ҷумла матоъҳои пахтагин, заррин, пашмин, абрешимин, симин, гилем, рӯбанд, пардаи дару тоқҳо ва болопӯши ҷои хоб, гилемчаҳои ҷои намоз, фонусҳои мисин, зин, лаҷом, ҷорво, харбуза, ҷомаҳои аз матоъҳои гуногун дӯхташуда, шоҳивор, дег, тасма, ярок, ғуломон, оҳан, навшодир, коғаз, яктаҳ, хайма, хӯрҷин, ғалла, сӯзан, дарафш, ғилоф, собун, кунҷит, биринҷ, чормағз, бодом, писта, кишмиш, аспҳои бодпо, муина, шутур, сангҳои қимматбаҳо ба монанди: лаъл, лоҷвард, дурру марворид ва ғайраро мебаровcovered.

Агар то асрҳои IX—X дар тиҷорат асбобу ороиши аз тилло, нуқра ва сангҳои қимматбаҳо сохташуда, ярокҳои қимматбаҳо, зарфҳои мисину биринҷӣ, шишагӣ ва матоъҳои баландсифат мавкеи асосиро ишғол мекарда бошанд, он гоҳ дар савдои асрҳои IX—X хӯроквориӣ ва ашёи хом барои истеҳсолоти ҳунармандӣ ва маҳсулоти касбӣ мақоми ҳалкунанда доштанд.

Савдогарони кӯчманчӣ дар роҳи инкишофи тиҷорат бо мардуми ташаккулёфта ба комёбиҳо ноил мешуданд. Онҳо баробари хариди мол, инчунин аз маданияти рӯзгордорӣ баҳра мебардоштанд. Дар муддати кӯтоҳи зиндагӣ дар шаҳрҳои тиҷоратӣ бо одоби меҳмондорӣ ва тарики қабули мусофирон ошно мегаштанд.

Азбаски аксари кулли онҳо дар хаймаҳо умр ба сар мебурданд, бо ҳаёти шаҳриншинон аз наздик шинос гашта, кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки оҳиста-оҳиста ба зиндагии муқимӣ қадам ниҳанд. Тоҷикон бо ин роҳ дар ташаккули шаҳрҳои нав низ саҳми муносиб мегузоштанд. Дар навбати худ тоҷирони тоҷик барои хариди ҷорвою ғуломон ба мулкҳои кӯчиён рафта, як муддат зиндагӣ намуда, дар роҳи устувории ҳаёт ба онҳо ибрати нек нишон медоданд. Ҳамин тавр, шаҳрҳои Баласоғун, Исфиҷоб, Тироз ва ғайра бо кӯмаку дастгирии тоҷирону устоҳои Мовароуннаҳр сохта шуданд. Бинокорон кӯшишҳо ба харҷ доданд, ки шаҳрҳои номбурдаро аз рӯи тарҳу қолиби пойтахтҳои Сомониён бунёд намоянд.

Дар мулкҳои кӯчиён сохта шудани шаҳрҳои нав ба бунёди бозору корвонсаройҳои тоза роҳи васеъ кушоданд. Онҳо ба марказҳои ҳақиқии тиҷорат табдил ёфта, дар роҳи ташкили корвонҳои бузурги савдоӣ хизмати арзанда намуданд.

Корвонҳои Осиёи Миёна ба Европаи ҷанубу шарқӣ, Муғулистон, Эрон, Кавказ, Бағдод, Бобулистон ва дигар мамлакат-

ҳо рафту омад доштанд. Аз ҳудуди Хуросон ва Мовароуннаҳр роҳҳои савдои мамлакатҳои Шарқ мегузаштанд.

Дар асрҳои IX—X молҳои Осиёи Миёна—биринч, меваи хушк ва матоъҳои пахтагин, пашмин, абрешимин то ба давлати Руси Киевӣ мерасиданд. Аз Россия булғорҳо ва ҳазарҳо ба Осиёи Миёна мўина, асал, пўст, чорво ва ғуломони турку славянӣ меоварданд.

Тамоми муаллифони сарчашманавис дар атрофи тиҷорат ва боигарии шаҳру ноҳияҳои Хуросону Мовароуннаҳр ҳарф задаанд. Муаллифи китоби «Ҳудуд-ул-олам» ба ҳар як шаҳру ноҳияи қаламрави дунё баҳои хоса дода, касбу кори ононро муайян сохтааст. Вай ба боигариву ҳунармандии мардуми Мовароуннаҳру Хуросон баҳои хоса додааст. Навиштаҷотҳои ўро сарчашманависи дигари асри X Истахрӣ низ тавқият бахшида, ҳунари мардумони ин қаламравҳоро ба гурўҳҳо тақсим намудааст. Мувофиқи гуфтаи маъхазҳои ёдшуда мардуми Ғазнаву Балосоғун ба чорводорӣ машғул буданд. Арзиши гўсфандони ин мулкҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ баланд буд. Харбузаву пўстҳои қароқулии Бухорову Марв дар бозорҳо арзиши хуб доштанд. Аз асрҳои VII—VIII сар карда қоғази Самарқанд дар арсаи олам машҳур шуд. Пайваста бо он дар асрҳои IX—X истеҳсоли шиша пеш рафт. Дар ин ҷода низ устоҳои самарқандӣ овозадор шуданд. Талаботи тоҷирон ба шишаҳои тирезаи истеҳсоли Самарқанд меафзуд.

Пахтакорию чорводорӣ ба истеҳсоли калони сару либоси карбосию пашмин роҳ кушод. Ин буд, ки устоҳои моҳири Чочу Фарғона бо истеҳсоли алочаҳои рангину гилемҳои пашмин ном бароварданд. Моли онҳо бештар дар байни кўчманчиёни турк ба фурўш мерафт. Туркҳо ба ивази газвору гилем ба бозорҳои Осиёи Миёна бештар чорво, пашм, пўст ва ғайраро ворид менамуданд. Ҳатто дар байни тоҷирон созишҳо низ вуҷуд дошт. Туркон бештар пўсти корнакардаро ба бозорҳои Осиёи Миёна оварда, аз рўи шартнома ба устохонаҳои пўстгаркунӣ месупориданд. Баъди даббоғӣ шудан онро гирифта ба ватани хеш ё бозорҳои дигар мебурданд. Дар ин роҳ тоҷирону устоҳои Самарқанд, Бухоро, Чоч Истаравшан, Марв, Балх, Нишопур ва ғайра таҷрибаи бой доштанд.

Дўкону устохонаҳои Осиёи Миёна дар асоси шартномаҳои тарафайн кор мекарданд. Тоҷирони ин ё он шаҳр талаботи харидорони хешро ба инобат гирифта, молҳои заруриро аз шаҳр ба шаҳр мебурданд. Аз ин рў аз бозорҳои марказӣ бештар чакман, корд, қайчӣ, сўзан, даравш, ҷавшан, зин, лаҷом мехариданд. Талаботи тоҷирон ба маҳсулоти кишоварзӣ низ калон буд. Зеро эҳтиёҷоти мардум ба ному намак, ширинию мева зиёд мешуд. Бинобар ин нархи харидни маҳсулоти кишоварзони Балх,

аз ҷумлаи кунчит, биринҷ, чормағз, бодом, мавиз, равған ва ғайра дар бозорҳо боло мерафт.

Мардуми Ғур бо истеҳсоли шамшеру камон машҳур буданд. Талаботи тоҷирон ба ин маҳсулот низ калон буд. Меваҳои ситрусӣ дар Систону атрофи он истеҳсол мешуданд. Аз ин рӯ аз Фараҳ, Қария, Қаш, Буст, Сарвон ва ғайра бештар хурмо, кишмиш мехариданд. Тоҷирони мамлакатҳои беруна ба навшодир ва гӯгирди Мовароуннаҳр завқ доштанд. Зеро нархи онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ баланд буд.

Сомониён дар ташкилу ташаккули савдои дохилӣ ба муваффақиятҳо ноил шуданд. Пешрафти тиҷорат ба инкишофи савдои хориҷӣ низ роҳи васеъ кушод. Онҳо дар ин ҷода низ ком ёб буданд. Зеро дар рафти юришҳои ҷангӣ, дар баробари васеъ намудани мулк ва ба даст овардани ғаниматҳои зиёд, инчунин барои ривоҷи савдои байналхалқӣ роҳ кушоданд. Кишваркушоии Исмоил дар соли 893 ба Шимол шароит фароҳам овард, ки роҳҳои савдои байни шаҳрҳои бузурги Сомониён бо кӯчманчиён кавӣ гардад. Ин имконият дод, ки савдои Мовароуннаҳр бо давлати Чин ва дигар мулкҳои ҳамсарҳад васеъ шавад. Ривоҷи савдои байналхалқӣ шароит фароҳам овард, ки бештар молҳои ниёзи мардуми кишварҳои ҳамсоя байни ҳам гардиш карда, талаботи харидорон қонеъ гардад. Хусусияти ба худ хоси савдои байналхалқӣ дар он намудор мешуд, ки ба воситаи омаду рафти корвонҳо талаботи рӯзафзуни харидорони ин ё он шаҳр ба молҳои хушсифати мамлакатҳои дигар зиёд мешуд. Он шароит фароҳам меовард, ки талаботи харидорони сершумор ба моли хориҷа ба нобат гирифта шавад. Дар навбати худ Сомониён низ имконият пайдо менамуданд, ки талаботи тоҷирони мамлакатҳои наздику дурро ба моли хеш қонеъ гардонанд. Агар дар асрҳои VII—VIII талаботи мамлакатҳои араб ба коғази истеҳсоли Самарқанд зиёд шуда бошад, пас дар асри X овози он ба давлати Рус ва мамлакатҳои назди Балтика расид. Афзудани талабот ба қоғаз шаҳрдорону ҳунармандони Осиёи Миёнаро водор менамуд, ки боз манбаъҳои нав бунёд карда, кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки истеҳсоли онро зиёду сифаташро баланд намоянд.

Болоравии савдо, инкишофи шаҳрҳо, зиёд шудани истеҳсоли молҳои сермасриф шароит фароҳам меовард, ки роҳҳои корвонгузар тағйир ёбанд. Овозаи молҳои хушсифати Самарқанд, Бухоро, Чочу Истаравшан роҳҳои корвонгузари Шарқу Ғарбро ба воситаи Самарқанд созмон дод. Тоҷирони мамлакатҳои араб корвонҳои хешро ба воситаи Бухоро, Самарқанд ба тарафи Чину давлати Рус мебурданд. Сабаби асосии тағйир ёфтани роҳҳои корвонгузар дар он буд, ки шароити зиндагӣ ва нигоҳубини чорвои наклиётӣ нисбати дигар мулкҳо дар қаламра-

ви Мовароуннахр хуб буд. Дар ин хусус Истахрӣ чунин гуфтааст: «...Ман дар Суғд (Самарқанд—А. М.) сарое дидам ва дари он саройи ба девор боз дӯхта буданд ба мех. Пурсидам чӣ маънӣ дорад. Гуфтанд, сад сол зиёд аст, ки ин дар боз аст, ки шабурӯз набастаанд. Ва бувад, ки сад савор ва бештар ногоҳ бе хангом бирасанд ва худованди саройро ҳочат набувад, ки аз чои худ бичунбад». Зеро дар работу корвонсаройҳои Мовароуннахр тамоми шароитҳо барои точирон муҳайё буд. Дар назди корвонсаройҳо, баробари меҳмонхонаҳо, инчунин масчидҳо низ амал мекарданд. Созмон додани шароити хуби корию истироҳатӣ имконият дод, ки Самарқанд ба маркази асосии роҳҳои корвонгузар табдил ёбад. Точирон баъди истироҳати кӯтоҳ ва ошношавӣ бо шаҳру деҳоти Мовароуннахр ба мамлакатҳои Шарқу Ғарб роҳ мепаймуданд.

Овозаи меҳмоннавозӣ ва ташкили хуби шароити зисту зиндагӣ дар корвонсаройҳои Мовароуннахр ба мамлакатҳои мухталиф паҳн мешуд. Аз ин рӯ роҳҳои корвонгузар низ тағйир меёфтанд. Яке аз корвонҳои калоне, ки 21 июни соли 921 аз шаҳри Бағдод баромада, 4 марти соли 922 ба мулки Булғорхо расид, мисоли равшани он аст, ки мо дар поён онро шарҳ медиҳем.

Барои нигоҳ доштани бехатарии корвонҳо дар сари роҳҳо бандарҳо (заставаҳо) сохта шуда буданд, ки дар ҳамшафатии онҳо барои истироҳати корвонбошиҳо меҳмонхонаҳо низ амал мекарданд. Давлат аз савдогарон бочи зиёде мегирифт. Корвонҳое, ки ба мамлакатҳои хоричӣ мерафтанд, хеле серпуфуз буданд. Масалан, Аҳмади Фазлон, ки солҳои 921—922 ба сифати котиби сафорати халифа Муктадир ба мулки Булғор (Россия) сафар карда буд, менависад, ки корвони сафарӣ аз 5 ҳазор кас, 3 ҳазор аспу уштур иборат буд. Корвонҳои мукаррарӣ ин қадар калон намешуданд. Аксар вакт ба ҳайати корвон ғайр аз точирон, инчунин косибон, ҳунармандон, олимон, рассомон, сайёҳон ҳам ҳамкорӣ мекарданд. Сафирон низ одатан бо корвон мерафтанд. Дар ин ҳолатҳо корвон хеле калон мешуд ва барои муҳофизати он дастаи мусаллаҳ низ фиристода мешуд.

Савдо муомилоти молию пулиро низ тезонид. Дар асрҳои IX—X дар Осиёи Миёна тангаҳои тилло, нуқра ва мис сикка зада мешуданд. Вале тангаҳои тиллоӣ ба муомилот хеле кам бароварда мешуданд. Асосан дар муомилот тангаҳои нуқрагӣ гардиш мекарданд. Чӣ хеле ки дар боло ёдовар шудем, сабаби кам шудани тангаҳои тиллоӣ дар муомилоти молию пулии байналхалқӣ дар он зикр меёфт, ки давлатдорон барои нигоҳ доштани хазина ва қурби пул гардиши тангаҳои қимматро кам намуданд.

Хусусиятҳои истифодаи дирҳамҳои мусаябӣ, муҳаммадӣ,

ғитрифӣ ва фулус нишон медиханд, ки дар асри X давлати Сомониён барин империяи бузург дар муомилоти пулӣ мутаказоннда нашуда буд. Аз рӯи воҳиди пул маълум мешавад, ки ҳар як вилоят ба сари худ савдо мекард. Аз ин рӯ ҳукумат маҷбур буд, ки ба муросокорӣ роҳ дода, пули ҳамаи вилоятҳоро эътироф намояд.

Дар аҳди Сомониён алоқаҳои савдоии Осиёи Миёна, инчунин бо Кавказу давлати Руси Киевӣ ташкил шуда буд. Кофтуковҳои бостоншиносие, ки дар харобаҳои шаҳрҳои соҳили Волга гузаронида шуданд, оиди равнақи тиҷорати ғарбу шарқ бисёр материалҳои нодир доданд. Аз ҷумла пулҳои сиёҳ ё фулуси бухороии сомонӣ ёфт шуданд, ки онҳо ба асри X тааллуқ доштанд. Ин алоқаҳо дар ибтидои ба сари қудрат омадани хонадони Сомониён барқарор шуда буданд.

Ривоҷи тиҷорат баробари сермолу чиз намудани бозорҳои дохили ин ё он мамлакат, инчунин дар мустаҳкам шудани дӯстию ҳамкории байни халқҳои мухталиф саҳмгузор шуд. Он шароит фароҳам овард, ки муносибатҳои доду гирифти байни Шимолу Ҷануб ва Шарқу Ғарб боз ҳам инкишоф ёфта, сабабгори ташаккули бозори ягона шавад.

## §. 3. Усули андозситонӣ

Давлат бе таҳкурсии молиявӣ вуҷуд дошта наметавонад. Инро сарчашмаҳои қадима низ собит мекунанд. Муаллифони маъхазҳои мухталиф оиди ин масъала факту рақамҳои аникро пешкаш намудаанд. Сарчашманависон Наршахӣ, Аҳмади Фазлон, Истахрӣ, Хурдодбеҳ, Муқаддасӣ ва дигарон дар бораи мавҷуд будани андоз ва усули ситонидани он нақл менамоянд. Аксари кулли ин маъхазҳо дар бораи ҳолати андозгундории замони Сомониён низ баҳс мекунанд.

Яке аз манбаъҳои пурра намудани хазинаи давлати Сомониён низ хироҷ ба шумор мерафт. Онҳо танҳо бо роҳи ҷамъ намудани андозҳои вазнин тартиботи дохилии давлати хешро ба низом медароварданд.

Усули хироҷҷамъкунӣ ихтироъи Сомониён набуд. Онро давлатдорони Сосонию хилофати араб мерос гузошта буданд. Сомониён танҳо онро такмил дода, ба замонаи хеш мувофиқ гардониданд. Онҳо бо усули ба худ хоси ситонидани хироҷ империяи бузургро мутеи хеш нигоҳ медоштанд.

Аммо дар атрофи миқдори хироҷи ҷамъмешудагӣ ҳар муаллиф ҳар хел фикрро пешкаш намудааст. Азбаски дар он замон (асрҳои IX—X) воҳиди ягонаи хироҷҷамъкунӣ вуҷуд надошт, аз ин рӯ сарчашманависон ба таври хеш миқдори тахминии пулро нишон додаанд.

Яке аз муаллифони кадимаи ҳақиқатнигор Абӯбакри Наршахӣ мебошад, ки доир ба хироҷи замони Сомониён аз шаҳри Бухоро ақидаи хешро иброз намудааст. Вай дар «Таърихи Бухоро» хотирнишон мекунад, ки даставвал хироҷи Бухоро 200 ҳазор дирами нуқраро ташкил медодааст. (с. 33). Аммо вақте ки пули «ғитрифӣ» ба муомилот баромад, он гоҳ қурбн вай баланд шуда, каму беш қадри дирҳам боло меравад. Акнун як дирҳами нуқрагӣ ба шаш «ғитрифӣ» баробар мешавад. Он гоҳ хироҷи мулки Бухоро 1200 ҳазор дирҳами ғитрифиро ташкил медиҳад.

Чӣ хеле ки дар боло ёдовар шудем, оҳиста-оҳиста қурби дирҳами «ғитрифӣ»—дар бозорҳо боло рафт. Он ба андоз низ бетаъсир намонд. Аллакай дар замони ҳукмронии Насри II бинн Аҳмад қурби «ғитрифӣ» боло шуд. Соли 921-ӯм 10 дирҳами нуқрагӣ ба ҳафт дирҳами «ғитрифӣ» баробар буд. Аз ин рӯ Сомониён кӯшиш менамуданд, ки хироҷи мамлакатро аз рӯи дирҳамҳои «ғитрифӣ» рӯёнанд.

Азбаски дар асрҳои миёна ҳисобу китоби муайяни андоз вуҷуд надошт, ҳар як муаллифи қадима оид ба даст овардани хироҷи ин ё он мулк факту рақамҳои тахмини хешро пешниҳод кардааст. Масалан, Наршахӣ менависад, ки вилояти Бухоро ба хазинаи марказии давлати Сомонӣ ба андозаи 1168567, Ибни Хурдодбеҳ ёд кардааст ба андозаи 118 9200, Муқаддасӣ ба андозаи 1166897 дирҳам бо ченаки нуқраи тоза андоз ирсол мекарданд. Аз рақамҳо маълум, ки дар байни онҳо тафовути калон нест. Аммо ба ҳақиқат рақамҳои нишондодаи Наршахӣ хеле наздиканд. Зеро ӯ яке аз ҳамзамонони Аҳмад бини Исмоил, Насри II бини Аҳмад ва Нӯҳ бини Наср ба шумор мерафт. Вай бевосита бо даромаду баромади хазинаи аморати Сомониён шинос буд.

Мисли сарчашманависони дар боло ёд шуда, дар атрофи ҳаҷми хироҷи умумии мулки Сомониён фикру мулоҳизаҳои олимони пажӯҳишгари ин хонадон гуногун аст. Тадқиқотчиён В. Бартолд, Б. Ғафуров, М. Шукуров, А. Раҳматуллоев ва дигарон ба маъхазҳои асрҳои IX—X такя намуда, андозаи умумии хироҷи Сомониёнро ба 45 миллион дирҳам баробар намудаанд. Дар хусуси ҳаҷми андозаи вилояту ноҳияҳои тобеи Сомониён низ фикру ақидаҳо гуногунанд.

Мо ҳамаи рақамҳои дар поён нишондодаамонро таҳлил намуда, бештар ба сарчашмаҳои дар замони Сомониён таълифшуда такя намудем. Зеро онҳо ба ҳақиқати ҳол хеле наздиканд.

Чӣ хеле ки дар боло гуфтем, то ташаккули пурраи мамлакатдории Сомониён дар назди хилофат қудрати хонадони Тоҳириён боло буд. Бинобар ин ҳамаи сарчашмаҳои асрҳои IX—X хироҷи умумии мулкҳои Мовароуннаҳру Хуросонро ба номи

Тоҳириён ёд мекунанд. Бештар дар ин хусус Ибни Хурдодбеҳ, Муқаддасӣ маълумотҳо ғирд овардаанд. Онҳо ёдовар шудаанд, ки танҳо мулки Суғд ба хазинаи хилофат ба воситаи давлати Тоҳириён ба андозаи 1089 ҳазор дирҳами муҳаммадӣ андоз ирсол мекардааст. Аз ҷумла Самарқанд 328 ҳазор, вилояти Бухоро 1189200 дирҳами ғитрифӣ хироҷ месупоридаанд. Ибни Хурдодбеҳ онди ҷамъ намудани хироҷ тадқиқот гузаронида, дар бораи андози дар солҳои 826—827 ба хазинаи хилофат дохил намудаи Абдуллоҳ Тоҳирӣ бештар диққат додааст. Вай қайд менамояд, ки ҳамон сол мустамликадорон аз давлати Тоҳириён ба хазинаи хеш 44846 ҳазор дирҳам, 13 аспи зотӣ, 2 ҳазор сар гӯсфанд, 2 ҳазор нафар ғулом, ба воҳиди 600 ҳазор дирҳам чизу чораи қимматбаҳо, 1187 тӯб матоъ, 1300 пораи оҳан ва дигар чизҳо супоридаанд. Бино ба хабари сарчашмаҳо хироҷи солонаи Тоҳириён ҷамъ мекардагӣ ба 40—48 миллион дирҳам баробар буд.

Дар хусуси хироҷи давлати Сомониён маълумотҳо пароканда мебошанд. Сарчашманависон факту рақамҳои мухталиф овардаанд. Муҳаққиқи эронӣ Ғуломризо Инсофпур кӯшиши зиёде ба харҷ дода, ҷаҳд намудааст, ки меъёри аниқи хироҷи оли Сомонро муайян кунад. Вай дар асари хеш «Сохтори давлат дар Эрон» ба мавзӯи дастзадаи мо низ дахл карда, факту рақамҳои нисбатан аниқро онди хироҷи давлати Сомониён таҳлил намудааст.

Дар роҳи ҷамъ намудани хироҷ хизмати девони барид калон аст. Намояндагони он дар шаҳру вилоятҳои мамлакат кӯшиш ба харҷ дода хироҷро саривақт ба хазина ворид мекунанд. Зеро хироҷ шарти асосии арзи қудрат намудани давлат мебошад. Аз ин рӯ шоҳон, аз ҷумла амирони Сомонӣ тамоми кӯшишро ба харҷ медоданд, ки аз мулкҳои зердасти хеш саривақт андоз гиранд. Чӣ хеле, ки дар боло ёдовар шуда будем, Аҳмад бини Исмоил онди саривақт ба хазина дохил шудани хироҷи Рай, Гургону Табаристон кӯшишҳои зиёд менамуд. Зеро ин вилоятҳо мулки бойтарини ғарбии давлати Сомонӣ ба шумор мерафтанд. Аз ин рӯ, аз даст рафтани онҳоро Сомониён ба марг баробар мекарданд.

Мувофиқи гуфтаи сарчашмаҳо ва нишондоди Инсофпур хироҷи солонаи аз мулкҳои хеш ҷамъ мекардагии Сомониён чунин буд: Самарқанд—750 ҳазор дирҳам, Арнабчон—300 ҳазор дирҳам, Истаравшан—300 ҳазор дирҳам, Хуҷанд—300 ҳазор дирҳам, Хатлон—400 ҳазор дирҳам, Омул ва Зер—400 ҳазор дирҳам, Зам—300 ҳазор дирҳам, Гургон—300 ҳазор дирҳам, Марв—700 ҳазор дирҳам, Сарахс—600 ҳазор дирҳам, Кеш—300 ҳазор дирҳам, Абевард—500 ҳазор дирҳам, Бодғис—300 ҳазор дирҳам, Гузгонон—600 ҳазор дирҳам, Толиқон—300 ҳазор

дирҳам, Қаҳистон — 300 ҳазор дирҳам, Нишопур — 300 ҳазор дирҳам, Чагониён — 300 ҳазор дирҳам, Аштихан ва Қашония — 300 ҳазор дирҳам, Чоч—700 ҳазор дирҳам, Фушанг—300 ҳазор дирҳам, Элок — 300 ҳазор дирҳам, Фарғона — як миллион дирҳам, Ганҷрусто — 300 ҳазор дирҳам, Мавруд — 300 ҳазор дирҳам, Балху Ҳума — 3 миллион дирҳам, Ҳирот — як миллион дирҳам, Қубодиён — 200 ҳазор дирҳам, Шумон — 300 ҳазор дирҳам, Тирмиз — 300 ҳазор дирҳам ва ғайра хироҷ ҷамъ мекардаанд.

Аммо ин ба қадри инсоф буд. Солҳое низ мешуд, ки Сомониён дучори бӯҳрони молию пулӣ мегаштанд. Он гоҳ маҷбур мешуданд, ки боз ба кисаи халқ даст зананд. Ҳаминро хотирнишон сохтан ба маврид аст, ки Сомониён дар соли охирини ҳукумрони Насри II (942) барои пурра намудани хазинаи давлатӣ аз халқ ду маротиба андоз ҷамъ намуданд. Ин вазъият дар солҳои аввали ҳукмронии Нӯҳ бини Наср (943—954) ва ворисонаш низ давом дошт.

Дар баробари хироҷ, инчунин аз қувваи халқ дар сохтмонҳои шаҳру деҳот, қасру боргоҳҳои амирон, дарғоту каналҳо ва ғайра истифода мебурданд.

Маҷбуриятҳо дар замони Сомониён мухталиф буданд. Сарварон кӯшиш менамуданд, ки бо ҳар роҳ аз ҳисоби халқ хазинаро бой гардонанд. Аз ин рӯ онҳо маҷбуриятҳои зеринро ҷорӣ намуда буданд: хироҷ—аз замине, ки бо роҳи ҷанг ё сулҳ ба даст омадааст, гирифта мешуд. Баробари хироҷ, инчунин ушр низ ҷорӣ буд. Он навъи молиёте, ки аз даҳ як ситонида мешуд. Дар замони Сомониён закот ё хироҷи чорво хеле тараққӣ карда буд. Мулкдорон закотро аз ҳисоби чорводорон, хусусан туркони бодиянишини молу холдор бештар меситониданд. Сомониён устодони ҳақиқии маъданистеҳсолкунӣ будани хешро собит намуданд. Аз ин рӯ барои ғанимати ҷангию истеҳсоли маъдан низ «хумс» ном андозро ҷорӣ карданд. Он низ яке аз воситаҳои қуллаи бой гардонидани хазина буд.

Ислом ва шариатпарастони он барои нигоҳ доштани обрӯ ва эътибори хеш аз мардуми ғайримусулмон чун ҷарима андоз мегирифтанд, ки он «ҷизия» ном дошт. Азбаски баҳрҳои Хазар (Каспий), Хоразм (Арал) ва рудҳои бузурги Сир, Зарафшон, Омӯ дар ҳудуди мулки Сомон буд, бинобар ин аз шахсоне, ки ин иншоотҳои обиро убур мекарданд, бо номи «сибулбаҳр» андоз медоданд.

Дар замони Сомониён муассисаҳои динӣ дар пур намудани хазинаи давлатӣ мақоми хос доштанд. Зеро масҷиду мадрасаҳои асрҳои IX—X дар ихтиёри худ заминҳу мулкҳои зиёд доштанд. Аз онҳо низ ба тарзи «вақф» андоз гирифта мешуд.

Ҳамин он воситаи ғораткунии оммаи васеи мардумон буд. Хироҷу андозҳои вазнини ҷорикардаи амирони Сомонӣ халқи мазлумро хонабардӯш мекард. Аз ин рӯ мазлумон ба он тоқат накарда, бар зидди зулму истибдоди шоҳон ба шӯриш мехестанд.

## § 4. Ҷунбишҳои халқӣ

Аз навиштаҷоти мо ва васфи амирони Сомонӣ чунин бар меоянд, ки гӯё онҳо баробарҳуқуқии комили тамоми табақаҳои ҷамъиятро таъмин карда бошанд. Ҳаргиз ин тавр не. Сомониён низ мисли пешгузаштагони хеш зиндагиашонро аз ҳисоби халқи меҳнатӣ созмон медоданд. Чӣ хеле, ки дар боло ёдовар шудем, ситоиндани хироҷи зиёд ба онҳо шароит фароҳам меовард, ки хуб зиндагию айшу ишрат намоянд. Аммо онро ба ҳисоб намегирифтанд, ки ҳамаи қудраташон аз паси халқ буд. Ба ин нигоҳ накарда оммаро бераҳмона истисмор менамуданд, ки он ба ҷунбиш ва нехзатҳои халқӣ меовард. Мо дар бобҳои мухталиф аз онҳо ёд кардем. Боз кӯшиш намудем, ки ба таври иловагӣ рафти ошӯбҳои зиддидавлатии Сомониро нишон диҳем.

Чунин ҷунбиш дар соли аввали (874) ба Бухоро пой ниҳодани Исмоил бини Аҳмад рух дод. Асосан ин шӯриш зидди хонадони Сомониён буд. Ҳарчанд ки ҳокимони Бухоро ба таври рӯякӣ Сомониёнро тарафдорӣ мекарданд, аммо дар асл зидди онҳо мубориза мебурданд. Бинобар ин ба ҷои хуб истиқбол намудани Исмоил, ӯро бо хунрезӣ пешвоз гирифтанд. Ҳокимони Бухоро худашон рӯйрост бар зидди Сомониён набаромада, дуздону роҳзанонро харида, онҳоро ба нехзат тела доданд. Дар ин хусус Абӯбакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» чунин навиштааст: «Ва яке аз дуздон халқеро ба худ гирд карда буд ва аз авбошон ва риндони рустo чаҳор ҳазор мард ҷамъ шуда буданд ва ҳама дар миёни Ромитан ва Баркад роҳ мезаданд ва наздик буд, ки қасди шаҳр кунанд» (с. 70).

Мумкин аст, ки халқ аз аҳволи вазнинаш ба шӯр омада, зидди тартиботу ҳокими нав ба шӯриш хеста бошад. Аз он ҳокими нав огаҳ набуд. Ӯ барои нишон додани қурби худ, онро ба хун оғушта намуд. Саркардагони ҳаракат ҷазои сазовор гирифтанд...

Бисёр вақтҳо созмондиҳандагони шӯришҳо худи намояндагони хонадони Сомонӣ мешуданд. Онҳо ҳангоми талоши мансаб кӯшиш ба харҷ дода, аз қувваи оммаи халқ истифода мебурданд. Мо дар боло оиди кӯшишҳои бародари Исмоил Исҳоқ бини Аҳмад барои соҳиб шудан ба тоҷу тахти давлат, сухан карда будем. Вай талош намуд, ки аз камтаҷрибагии бародарзодааш

Аҳмад бини Исмоил истифода бурда, бо роҳи шӯриш ҳокимиятро ба даст орад.

Баробари Исҳоқ, инчунин бародарони Наср низ мансабталошӣ намуданд. Онҳо ҳанӯз дар солҳои аввали сари қудрат омадани Насри II ҳамроҳи душманони хонадони Сомониён бар зидди ӯ ба муборизаи рӯйрост хеста буданд. Наср бо ёрии наздиконаш пеши роҳи додаронашро гирифт. Ба ӯ муяссар шуд, ки баробари амак, инчунин онҳоро ҳабс кунад. Ҳангоми дар соли 930 ба Нишопур рафтани Наср додаронаш аз ҳабс гурехта, зидди ӯ шӯриш карданд. Аз он Наср огоҳ шуд ва зуд ба пойтахт баргашт. Дар муддати кӯтоҳ шӯришро пахш намуда, ба саркардагонаш ҷазои сазовор дод.

Дар мулкҳои алоҳидаи Сомониён хуруҷҳои халқӣ бар зидди зулму истибдоди ҳокимон сар мезаданд. Яке аз чунин шӯришҳо солҳои 913—914 дар аҳди Аҳмаду писараш Насри II дар мулкҳои ғарбии мамлакат сар зада буд. Шӯришгарон, ки асосан мардуми шиамазҳаб буданд, барои ҳуқуқҳои хеш мубориза карданд. Онҳо талаб менамуданд, ки ҳокимони мулкҳо авлодӣ набошанд. Ба вазифаи роҳбарӣ одамони доною кордон пешбарӣ карда шаванд. Аз ин рӯ шӯришгарон волии Сомониёнро дар Табаристон аз мансаб ронданд...

Дар қатори гӯшаву канорҳо, инчунин ҳаракатҳои халқӣ дар пойтахтҳои Сомониён низ сурат мегирифтанд. Мардум аз сиёсати дохилии мулкдорон ба қиём омада, ба шӯриш даст мезаданд. Яке аз чунин норозигиҳо дар ибтидои ба сари тахт нишастани Насри II рух дод. Дар замони падараш Аҳмад мардуми шаҳри Бухоро хеле бенаво шуданд. Амир аз он бохабар буд, аммо илоҷ намеёфт, ки пеши ҳаракатро гирад. Баъди сари вай омма аз ноболиғии Насри II истифода бурда, соли 916 ба шӯриш бархест. Халқ дар хашм буд, ки мардум гурусnaву бараҳна, аммо амирон машғули сохтани қасру боргоҳҳои бошукӯҳанд. Аз ин рӯ шӯришгарон вақти муносиб ноида, бисёр биноҳои боҳашамату бодабдабаро оташ заданд. Ҳокимон аз алангагирии шаҳру болоравии мавҷи шӯриш тарсида, чораҳои зарурӣ андешиданд. Вазири хирадманди дарбор Ҷайҳонӣ тадбири фаврӣ дид, ки мавҷи шӯриш дигар шаҳрҳоро фаро нагирад.

Шӯришҳо дар натиҷаи рӯёнидани хироҷҳои вазнин сар мезаданд. Аммо бештар вақт дар зери ниқоби динӣ мегузаштанд. Чӣ хеле ки дар боло гуфтем, шӯришҳо дар худ муборизаи байни шоҳаҳои дини исломро ифода менамуданд. Дар замони Сомониён чунин шӯришҳо дар Бухоро, Сиистон, Чағониён, Табаристон, Деҳистон ва ғайра сар зада буданд.

Халқ ба муқобили хӯҷаинон муборизаи рӯйрост карда наметавонист. Аз ин рӯ, роҳбарони ин хунрезиҳо аз ҳаракатҳои динӣ бештар истифода намуда, халқро ба ҷониби худ ҷалб ме-

намуданд. Яке аз ҳаракатҳои маъмули асрҳои IX—X—ҳаракати карматия ба шумор мерафт, ки мо оиди он дар атрофи фаъолияти Насри II сухан карда, пас дар фасли дигар таърихи пайдоиш ва мақсади онро шарҳ додем. Қарматиён ҳаракати маздакро тавкият бахшида, баҳри он кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки бояд оммаи деҳқонон озод ва ҳамаи аъзоёни ҷамъият баробарҳуқуқ бошанд. Ин таълимот ба онҳо имконият медод, ки бештар деҳқононро дар сафҳои хеш гирд оранд. Онҳо бо ин роҳ муборизони зидди сохти феодалӣ будани хешро исбот менамуданд.

Давлати Сомониён нисбати хонадонҳои Тоҳириёну Саффориён бештар арзи вуҷуд дошт. Онҳо аз таҷрибаи пешгузаштагони худ истифода бурда, кӯшиш ба харҷ доданд, ки аҳволи иҷтимоию иқтисодии халқ нисбати хонадонҳои пешгузашта хуб бошад. Аз ин рӯ, дар оли Сомон зиддиятҳо кам ба чашм мерасад. Мо бо ин гуфтанӣ нестем, ки замони давлатдории оли Сомон даврани гул-гулшукуфии сатҳи зиндагии халқ буд. Харгиз ин тавр не. Сомониён низ мисли давлатҳои пешгузашта истисморгар буданд. Созмони даргоҳ, лашкар ва ғайра аз ҳисоби халқи заҳматкаш буд. Вале онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки тартиботи хуби мулкдориро ҷорӣ намуда, пеши роҳи ҳама гуна бетартибиҳоро саривақт гиранд. Аз ин рӯ халқ ҷуръат намекард, ки вақту бевақт зидди ҳокимияти марказӣ ҷунбиш кунад.

## БОБИ 9

## ҶАРАЁНҲОИ ДИНИЮ ФАЛСАФӢ ДАР АҲДИ СОМОНИЁН ВА БАЪДИ ОНҲО

### § 1. Исмоилия

Истилои араб ва паҳн шудани дини ислом дар Осиёи Миёна сабабгори дар асрҳои VIII—IX паҳн шудани маслакҳои мусулмонӣ гардид. Чӣ хеле ки дар бобҳои гузашта ёдовар шуда будем, муборизаи байни хонадонҳои Аббосиёну Умавиҳо барои соҳиб гаштан ба тоҷу тахти хилофат ба пешрафти осоиштаи ҳаёт таъсири манфӣ расонд. Дар натиҷаи игвогариҳо ба Аббосиён, яъне тарафдорони амаки Муҳаммад—Аббос муяссар шуд, ки дар соли 750 аз болои рақибони ғоявии хеш—умавиҳо ғолиб омада, соҳиби хилофат гарданд. Дар мубориза баҳри ҳокимият ба Аббосиён, инчунин имомати шиа бо сардории имоми шашум Ҷаъфари Содиқ (702—765) барои ба сари қудрат омадани онҳо кӯмак расонд. Дар рафти муборизаҳо Ҷаъфар душманони зиёд пайдо кард. Ин зиддият ба ҳаракати дохили шиа оварда расонд ва дар натиҷа аз шиа равияҳои зиёде пайдо шуданд. Яке аз он ҷараёнҳо мазҳаби исмоилиён мебошад. Ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш худи Ҷаъфари Содиқ писари калониаш Исмоилро валиаҳди тахти имомати шиа таъин намуд. Аммо Исмоил қоидаҳои шариатро риоя накарда, ба тарафи душманони падараш гузашт. Аз ин Ҷаъфари Содиқ дар ғазаб шуда, ба ҷои Исмоил писари хурди худ Мӯсо Козимро (745—799) ворис таъин кард. Ин рафтори имом ба шиаҳо писанд наомад. Зеро ӯ қоидаҳои меросгузориро вайрон намуд. Мувофиқи расму русуми шиаҳо тахти имомат танҳо ба писари калонӣ мерос монда мешуд. Баъди вафоти Исмоил (762) шиаҳо талаб намуданд, ки имомат дар ихтиёри пайравони ӯ монад. Аз ин рӯ, писари Исмоил Муҳаммадро имом эълон карданд. Ҷаъфари Содиқ, аз имом таъин шудани набераащ норозӣ гашт.

Он гоҳ пайравони Исмоил аз шиаҳо ҷудо шуда, дар соли 765 бо номи Исмоилия мазҳаби алоҳида созмон доданд.

Ҳаракати Исмоилия дар охири асри VIII пайдо шуда, тарафдорони зиёди худро дошт. Дар ибтидо ин ҳаракат мамлакатҳои араб, Осиёи Миёна ва Эронро фаро гирифт. Исмоилиҳо ҳам авлоди худро ба Алӣ ва Фотима бурда, танҳо ҳафт имомро эътироф мекарданд, ки ҳафтум ва охирини он Исмоил буд. Даставвал пайравони ҳаракати исмоилия тарғиботи пинҳонӣ мебурданд ва баъдтар ба ташвиқоти ошкоро гузаштанд. Аввалин тарғиботчии рӯйрости исмоилиён Маймун бинни Дайсони Аҳвозӣ ба шумор меравад. Пайравони ӯ дар Шарқу Ғарби хилофат ба тарафдории исмоилиён баромад мекарданд. Онҳо дар мулки арабу шимоли Африқо тарафдорони зиёде пайдо карданд. Дар он мулкҳо давлати Исмоилиён бо номи Фотимиён машҳур гашт. Исмоилиён, ки зидди хилофати Аббосиён буданд, дар Осиёи Миёна ва Эрон низ тарафдорони зиёд пайдо карданд.

Исмоилиён таълимоти «Қуръон»-ро дар бораи офариниши олам инкор карда, чунин мегуфтанд, ки оламро Ақли Кулл якҷоя бо Нафси Кулл офаридааст ва тамоми тараққиёти олам ба ин ду ҷавҳари рӯҳӣ вобастааст. Исмоилиён шариатро мувофиқи таълимоти худ вобаста ба маънои ботинии «Қуръон» маънидод мекарданд. Ба ақидаи тарафдорони исмоилия он одамоне, ки таълимоти мазҳаби исмоилиро комилан аз бар карда буданд, метавонистанд ба дин пайравӣ накунанд. Аз ин рӯ, рӯҳониёни ислом исмоилиёнро «кофир» хонда, онҳоро сахт таъқиб мекарданд. Ба ин нигоҳ накарда ҳаракати исмоилия дар асрҳои X—XII аксар мамлакатҳои Шарқро фаро гирифт.

Дар охири асри XI ҳаракати Исмоилия ба ҷараёни реакционӣ мубаддал шуд. Исмоилизм чун дигар мазҳабҳои динӣ ба бозичаи дасти гурӯҳи хурди феодалон табдил ёфта, воситаи истисмори халқ гардид.

Мувофиқи таълимоти исмоилия ҳафт зинаи ҳастӣ вуҷуд дорад. Одам бо қувваи худ ба ҳақиқат расида наметавонад, вай ба таълими ақли кул эҳтиёҷманд аст, ки ҳар вақт дар шакли нотиқ (пайғомбар) пайдо шуда, ба одамон мувофиқи ақлу идрокашон ҳақиқати рӯҳиро таълим медиҳад.

Шахси ба ҳалқаи исмоилия дохилшаванда як навъ тайёрии муайянро аз сар мегузаронд ва аз санҷиши ҷиддӣ мегузашт. Вай қасам ёд мекард, ки сирру асрори исмоилияро ошкор намекунад, аз дараҷаи нишондоди қоидаи исмоилия берун намебарояд. Исмоилия таълим медод, ки ба ҳақиқат расидан бо роҳи худомӯзӣ намешавад. Барои ба мақсад ноил гардидан одам бояд ба ҳалқаи аҳли исмоилия дохил шуда, даст дар домани пир занад ва аз ӯ таълим гирад.

Исмоилиён расмиятҳои исломӣ: намоз, ҳаҷ, рӯза ва ғайраро сарзаниш карда, онҳоро ба таври худ тавзеҳ медоданд. Онҳо дар таълимоташон ҳаргуна догмаҳои диниро рад карда, тасдиқ мекарданд, ки ҳар кас бояд чунин нуқтаи назареро интихоб намояд, ки ба ақли ӯ мувофиқат кунад.

Дар охири асри XI ва ибтидои асри XII нишонаҳои ба ҳаракати касосгирӣ табдил ёфтани исмоилия назаррас буд. Бисёр шахсони аз мансабҳо маҳрумшуда ба ин ҳаракат майл намуда, гурӯҳҳои махфии худ, аз аъзоёни оддие, ки фидоӣ ном доштанд, истифода мебурданд. Яке аз саркардагони ин гурӯҳ Ҳасан Саббоҳ (солҳои шайхиаш 1090—1124) буд. Вай чун сарвари гурӯҳ дар наздикии шаҳри Қазвин шӯриш ташкил намуда, қалъаи дастнораси Аламутро забт намуда, он ҷоро ба маркази қатлу куштори оламони бегуноҳ табдил дод. Исмоилиҳо баъди ташкили гурӯҳи фидоӣ ба куштори рӯйрост даст заданд. Ин буд, ки онҳо моҳи октябри соли 1092 вазири донову маорифпарвари давлати Салҷуқиён Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ машҳур ба Низомулмулкро куштанд.

Исмоилиҳо баъди ин куштор подшоҳонро низ тарсониданд. Онҳо Султон Санҷарро чунон тарс доданд, ки вай дигар ҷуръати сарбардоштан надошт.

Зоҳиран ин ҳаракат ба худ фикри баробарӣ ва поймол нашудани ҳуқуқҳои табақаҳои мухталифи аҳолиро таҷассум менамуд. Аз ин рӯ, даставвал онро ғуломон, табақаҳои безамини аҳолӣ, тоифаҳои кӯчманчиёну бодиянишинон дастгирӣ мекарданд. Аз ибтидои пайдоиш то асри XI ин ҷараён ба муборизаи табақаҳои поёнии ҷамъият бар зидди феодалон, амалдорон, зулмгарон ва ғайра асос ёфта буд.

Дар замони ҳукмронии Салҷуқиён (1037—1193) таъқиби ислом оғоз ёфт. Аз ин рӯ, шоҳони ин хонадон бар зидди шарҳу басти озодонаи «Қуръон» баромада, озодфикриро маҳдуд месохтанд. Ҳатто, муқобили инкишофи илмҳои тиб, риёзиёт, ҳайат ва ғайра буда, тарғиби онҳоро манъ намуда буданд.

Аз ин рӯ бисёр олимони машҳури динпарасти асримиёнагӣ таълимоти исмоилиёнро написандида, онҳоро душманони рӯйрости дини ислом эълон намуданд.

Аммо бо вуҷуди таъқибҳо тарафдорони ҳаракати исмоилиён амалиёти хешро давом доданд. Онҳо соли 1090 ташкилоти махфии фидоиёни исломро ташкил намуданд, ки он то соли 1256 вуҷуд дошт.

## § 2. Қарматия

Мо ҳангоми таҳлили таърихи сиёсии Сомониён онди ҳаракати қарматия ақидаҳоя мухтасари хешро баён намуда будем. Чи хеле ки ёдовар шудем, ҳаракати қарматия дар ибтидои пайдоиши худ пайравони зиёде дошт. Сабаб дар он буд, ки вай мазлумон ва хонабардӯшонро ҳимоя мекард. Аз ин рӯ, ба ин ҳаракат деҳқонони мазлум, косибон, зиёиёни тараққипарвар, аз қабили Рӯдакӣ, Балъамӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав ва ғайра пайравӣ мекарданд.

Асосгузори ҷараёни қарматия Ҳамдони Қармат ба шумор меравад, ки вай соли 868 ин ҳаракатро таъсис додааст. Даст аввал ин ҳаракат махфӣ буд. Баъди шӯриши ғуломон дар Хуросон (873) тарафдорони ин ҷараён ба амалиёти рӯйрост гузаштанд. Ба шӯриши деҳқонон дар Ироқ бевосита худи Ҳамдон Қармат роҳбарӣ мекард. Ниҳоят соли 883 шӯриш аз тарафи хилофат пахш карда шуд. Ҳарчанд шӯриш пахш шуда бошад ҳам, аммо он пурра хотима наёфт. Сабаб дар он буд, ки деҳқонон ба умеди рӯзи нек шуда ин ҳаракатро идома медоданд.

Қарматиён низ мисли исмоилиён ба таълимоти ислом сар намефуроварданд. Қарматиён таълим медоданд, ки Муҳаммад ибни Исмоил имоми ҳафтум аст. Онҳо имомҳои баъди ӯ бародаро намеписандиданд. Бинобар ин қарматиёнро сабъия (ҳафтум) меномидагӣ шуданд. Қарматиён дар таълимоти худ зиёрати қабристон, ҷойҳои муқаддас, аз ҷумла хонаи Каъбаро эътироф намекарданд. Онҳо ибодатҳои дини исломро риоя накарда, намози панҷвақтаро инкор менамуданд, рӯза намедоштанд.

Аз ин рӯ намояндагони ислом Карматҳоро ба бединӣ айбдор менамуданд. Сабаб дар он буд, ки карматҳо на танҳо ба муқобили халифон, балки бар зидди онҳое низ мубориза мебурданд, ки пеши роҳи таълимоташонро мегирифтанд.

Ҳаракати қарматия дар охири асри IX ва асри X нашъунамо кард. Чӣ хеле ки Абӯрайҳони Берунӣ навиштааст, қарматиҳо баъди тасхири Осиёи Миёна, дар солҳои 20-уми асри X таъсири хешро ба Ҳиндустон расонданд. Ба онҳо муяссар шуд, ки шаҳри Мултонии он ҷоро ба маркази хеш қарор диҳанд. Танҳо Султон Маҳмуди Ғазнавӣ тавонистааст, ки дар рафти юришҳои худ онҳоро аз мулки Ҳинд ронад. Пешвоёни қарматиён аз шӯришҳои халқӣ, ҳаракатҳои кӯчманчиёну бодиянишинон истифода мебурданд.

Мо дар боло ёдовар шудем, ки дар замони ҳукмронии Насри II бини Аҳмад таъсири қарматиён дар давлати Сомониён назаррас шуд. Аз он уламои ислом ва гвардияи дарборӣ ба ҳарос

афтода хостанд, ки бо роҳи нобуд сохтани Насри II ба карматия низ хотима гузоранд. Аммо ин ба онҳо муяссар нашуд. Танҳо писари Наср Нӯҳ тавонист, ки намояндагони бонуфузи онҳоро дар симои Аҳмади Нахшабӣ қатл кунад.

Дар натиҷа ибтидои асри X ҳаракати қарматия мисли ҳаракати исмоилия ба худ шакли никорпарастиро гирифт. Қарматиҳо оҳиста-оҳиста ба ташкилоти роҳзанӣ мубаддал шуданд. Ҳамин буд, ки соли 924 отряди қарматиҳо иборат аз 800 нафар савора ва як ҳазор нафар пиёдагард ба корвони ҳоҷиён ҳамла намуда, 2200 нафар мард ва 300 нафар занро қатл карданд. Соли 930 бошад, қарматҳо бо сардории пешвои худ Абӯтоҳир ба Макка ҳуҷум намуда, шаҳрро горат карданд ва 30 ҳазор касро куштанд. Ҳатто, онҳо маъбуди Қаъбаро мусодира карда буданд. Маъбуд танҳо дар замони ҳукмронии халифати фотимиёни Миср (910—1256) ба Макка баргардонида шуд.

Вале мухолифони қарматия бар зидди тарафдорони ин ҳаракат чораҳои амалӣ диданд. Дар натиҷа одамони маъруф, ки ба ин ҳаракат майл доштанд, ҷазо диданд. Ба ин аз тахт фуроварда шудани Насри II (943), кӯр карда шудани Рӯдакӣ, аз дарбор ронда шудани вай, мусодира гаштани молу мулкаш, ба ҳамин бало гирифтор шудани Балъамӣ, дертар қатл гардидани Дақиқӣ, оворагардиҳои Фирдавсию Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав ва ғайра мисол шуда метавонанд.

Умуман ба шахсоне, ки таълимоти қарматияро қабул намекарданд, ҷазоҳои сахт раво дида мешуд. Бинобар ин бераҳмии қарматиён нисбати фуқаҳои ислом қаҳру ғазаби оммаро ба миён овард ва аз ин рӯ халқ онҳоро дигар дастгирӣ намекард. Баъди муборизаи рӯйрости Сомониён хилофати Аббосӣ низ барои нест кардани қарматиён камар баст. Оҳиста-оҳиста пайравонаш дар охири асри XII пурра торумор карда шуданд.

## § 3. Тасаввуф (Сӯфия)

Тасаввуф низ мисли ҷараёнҳои исмоилия ва қарматия таърихи кӯҳан дорад. Мувофиқи нишондоди сарчашмаҳо оғози пайдоиши он ба асрҳои VI—IX мансуб мебошад. Тасаввуф дар ибтидои хеш ҳамчун ҷараёни зиддифеодалӣ ва ҳимоятгари табақаҳои поёнии ҷамъият амал мекард. Оммаҳои васеи камбизоатони шаҳру деҳот ва равшанфикрон асоси аҳли тасаввуфро ташкил менамуданд. Дар аввали паҳншавии тасаввуф на танҳо аъзоён, балки пешвоёни он низ аз аҳли ҳунар буданд. Бештар тарафдорони тасаввуф дар мамлакатҳои зери тасарруфи хилофати араб буда зиёд мешуданд. Зеро дар давраи аввали пайдоиши хеш ин ҳаракат—ҳаракати зидди мустамликавӣ буд.

Бинобар ин хилофати араб ва рӯҳониёни ислом аз ҳаракати тасаввуф хавфи калон доштанд. Аз ин рӯ кӯшиш менамуданд, ки бо ҳар роҳ пеши ин ҷараёнро гиранд. Барои тарсонидани чашми омма бисёр роҳбарони тасаввуф, аз ҷумлаи Боязиди Бастомӣ, Маҷиддини Бағдодӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Шиҳобуддини Сӯҳравардӣ, Иброҳим Машраби Намангонӣ ва дигарон ба қатл расонида шуданд. Аммо халифаҳои Аббосӣ бо ҷазодиҳӣ пеши роҳи тарафдорони ҳаракати тасаввуфро гирифта натавонистанд. Бинобар ин кӯшиш намуданд, ки ҳаракатро аз дарун боз доранд. Дар ин бобат файласуфи идеалист Муҳаммад Ғазолӣ (1058—1111) хизмати калон кард. Вай дар «Кимёи саодат» ном асари хеш ҷавҳари назариявии тасаввуфро асоснок намуда, онро бо ислом омехта маънидод намуд.

Тасаввуф дар Осиёи Миёна, дар асри XI расмӣ гашт. Асосгузори он Юсуфи Ҳамадонӣ мебошад. Мувофиқи таълимоти Ҳамадонӣ шахсоне, ки тасаввуфро мепарастанд, бояд ҳалолкор ва покиза бошанд. Сӯфиёни машҳури Осиёи Миёна шоир Саноӣ, Аҳмади Ясавӣ, Хоҷа Абулхолиқи Ғиждувонӣ—шогирдони Юсуфи Ҳамадонӣ ба шумор мерафтанд.

Дар ибтидои пайдоиши хеш ҳаракати тасаввуф ҳарчанд, ки ба зидди мустамликадорони иғаронида шуда буд, вале ҷиҳатҳои манфӣ низ дошт. Ин ҷараён садди роҳи ҳаргуна тараққиёт низ мешуд. Оҳиста-оҳиста дар натиҷаи инкишофи шаҳрҳо, ҳунармандӣ ва тиҷорат ин ҳаракат низ равияи хешро тағйир дод.

Дар асри XII бошад, ба ҳаракати тасаввуф ҷараёнҳои нави «хуфия» ва «ҷаҳрия» пайваст шуданд. Асосгузори ҷаҳрия дар Осиёи Миёна Хоҷа Абулхолиқи Ғиждувонӣ ва Хоҷа Баҳоваддини Накшбанд ба шумор мерафтанд. Нисбат ба «хуфия», ки одамонро ба гӯшанишинӣ ва дунёбезорӣ даъват мекард, «ҷаҳрия» ё накшбандия тарки дунё кардан ва гӯшанишиниро тарафдорӣ намекард. Пешвоёни «ҷаҳрия» дар байни аҳолии туркзабони Осиёи Миёна Аҳмади Ясавӣ ва дар байни форсзабонон Наҷмиддини Кубро ва Абдулқодири Гелонӣ ба шумор мерафтанд. Аммо ҷараёнҳои тасаввуф дар дасти амалдорон ва рӯҳониён ҳамчун аслиҳаи истисмор хизмат мекарданд. Барои тақвияти фикри хеш бузургтарин шайхи тасаввуфи накшбандия—Хоҷа Аҳрори Валиро мисол меорем. Ӯ яке аз бонуфузтарин шахсони асри XV ба шумор мерафт. Хоҷа Аҳрор дар Мовароуннаҳру Хуросон соҳиби замини зиёд буд. Вай ҳарчанд ки худро тарафдори халқ меҳисобид, вале дар асл оммаро бераҳмона истисмор менамуд. Ҷи хеле ки сарчашмаҳо ёдовар мешаванд Хоҷа Аҳрор дар Насаф 300 ҷуфти гов дошт. Танҳо аз ғалла ба ҳукумати темуриҳо ба сифати ушр (даҳяк) 80 ҳазор мани Самарқанд (яъне ман ба 8 пут баробар) андоз медод. Дар мулкҳои ӯ бештар аз

сад хазор ғуломон, ки онҳоро вай мурид меҳисобид, кор мекарданд.

Баробари ин Хоча Аҳрор ба корҳои дохилии давлати Темуриён дахолат мекард. Бо амри ӯ сиёсатмадор ва олими номӣ Мирзо Улуғбек (1449) дар синни 55 солагӣ ба қатл расонида шуд. Сипас пайравони тасаввуф шоир Ҳилолиро (1536) куштанд.

Дар асрҳои IX—XIV тасаввуф ба чараёнҳои хурд мубаддал шуд. Ҳар як чараён бо номи пешвои хеш пеш мерафт. Масалан, ташкилотҳои тасаввуфӣ, ки бо номи роҳбаронашон машҳуранд, ба тариқи зерин аст: 1. Тайфуриён —аз номи Боязиди Бастомӣ (835—874), ки номи аслиаш—Тайфур мебошад; 2. Чунайдиён—аз номи Чунайди Бағдодӣ (соли вафоташ 910); 3. Қодириён—аз номи Абдулқодири Гелонӣ (с. в. 1165—1166); 4. Кубриён—аз номи Шайх Начмиддини Кубро (с. в. 1221); 5. Сӯҳравардиён—аз номи Шиҳобиддини Сӯҳравардӣ (с. в. 1234); 6. Чиштиён—аз номи Муиниддини Санчарии Чиштӣ (1142—1235); Нақшбандиён—аз номи Хоча Баҳоваддини Нақшбанд (с. в. 1388).

Чараёни тасаввуф дар худ ду равия—тарафдорони аристократия ва халқро тачассум менамуд. Тарафдорони халқ, ки аз ҳисоби табақаҳои поёнии аҳолии шаҳру деҳот баромада буданд, барои рӯзи нек мубориза мекарданд. Гурӯҳи иртичоии тасаввуф мардумро ба зери азобу шиканча гирифта ба гӯшанишинӣ, дунёбезорӣ талқин мекарданд.

Тасаввуф аз асри XI сар карда таъсири хешро ба адабиёти классикии точику форс низ расонд. Ин буд, ки намояндагони барчастаи адабиёт Саноӣ, Аттор, Чалолиддини Румӣ, Аҳмади Чомӣ, Бобо Кӯҳӣ, Абуабдуллоҳ Ансорӣ, Низомии Ганчавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Чомӣ ва дигарон ба тасаввуф рӯ оварда буданд.

Чӣ хеле ки дар боло ёдовар шудем, намояндагони барчастаи тасаввуф Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ буд, ки дар роҳи мустаҳкам намудани алоқаи тасаввуф бо ислом хизмати шоиста намуда, пеши роҳи чаллодӣ ва дунёбезории сӯфиёнро гирифтааст.

# БОБИ 10

## НАШЪУНАМОИ ИЛМ ДАР АСРҲОИ IX—X

### § 1. Илм то асри X

Аз бобҳои гузашта чунин бармеояд, ки арабҳо бо истилои Мовароуннаҳру Хуросон, Систон ва давлатӣ гардониданн забони хеш ба пешрафти илму адаб начандон таъсир расонида тавонистанд. Бо вуҷуди таъқибу маъикуниҳо забону адабиёти тоҷик бо раванди таърихии худ пеш рафт ва ташаккул ёфт. Дар даврaи пайдо шудани хонадонҳои аввалини мустақили Тоҳириён (821—873), Саффориён (873—900) таъсири забони арабӣ калон буд. Подшоҳони ин хонадонҳо, алалхусус Тоҳириён ба масъалаи миллӣ аҳамияти дуюмдарача дода, побанди забони арабӣ гаштанд. Дар замони тоҳириён қисми кулли асарҳо ба забони мустамликадорон навишта мешуд. Ин тақозои замона буд. Зеро Тоҳириён бо кӯмаку дастгирии бевоситаи арабҳо соҳибтоҷ гашта буданд. Бинобар ин фармонҳои халифонро бетаъхир иҷро мекарданд. Ғайр аз саркашию ба ҳалокат расидани сарсулолаашон Тоҳир низ барои наслҳои минбаъдаашон дарси ибрат нашуд. Аз ин рӯ, асарҳои дар замони Тоҳириён навиштаи олимону адибон бештар ба забони мустамликадорон эҷод мегаштанд. Ин анъана оҳиста-оҳиста аз байн бардошта шуд.

Замони ба сари қудрат омадани хонадони нисбатан ғаюри тоҷикӣ—Сомониён (817—999) пеши роҳи сарос ар арабизабоншавии мардумро боз дошта, ба нобиғаҳои илму адаб шароит фароҳам овард, ки асарҳояшонро озодона ба забони модарӣ иншо намоянд. Зеро асосгузорони хонадони Сомониён медонистанд, ки бе такя ба гузашта ва анъанаҳои неки халқи хеш ба муваффақият соҳиб шудан мумкин набуд.

Ташкили давлати Сомониён мардуми Мовароуннаҳру Хуросон ва Систонро аз зулми мустамликадорони араб, ҳуҷумҳои

ғоратгаронаи туркони бодиянишин эмин нигоҳ дошта, ба мубоРизаҳои дохили дарборӣ як дарача хотима гузошт. Хаёти осоиштаи нимаи дуюми (875—960) ҳукмронииСомониён ба инкишофи иқтисодиёт, хоҷагии қишлоқ, тиҷорат, илму маданият роҳи васеъ кушод. Баробари ташкилёбии давлати Сомониёи Шарқ манбаи асосии илму фарҳанг гардид. Шаҳрҳои машҳури Осиёи Миёна ва Хуросон—Нишопур, Марв, Урганч, Бухоро, Самарқанд, Балх ва ғайра марказҳои калони илмию адабии он давра гаштанд.

Бо ташаббуси маърифатпарварон Бухоро ба шаҳри илму фарҳанг табдил ёфт. Дар Бухоро ташкил шудани китобхонаи подшоҳии «Савонеҳ-ул-ҳикмат» (Ганҷинаи ҳикмат) аз тараққиёти илму фан дар асри IX дарак медод. Зеро дар ин китобхона нодиртарин адабиёти ҷаҳонӣ гирд оварда шуда буд. Аз ин рӯ беҳтарин олимони давр кӯшиш менамуданд, ки аз ин ганҷҳои бебаҳои хазинаи илму маърифати Сомониён баҳра баранд. Бинобар ин онҳо аз мамлакатҳои мухталиф ба Бухоро омада, доираи илмию адабии пойтахти Сомониёнро васеъ менамуданд.

Баъди истилои араб ва ҷорӣ шудани дини ислом як гурӯҳи олимону адибони даризабон дар мавзӯъҳои дин, ҷуғрофия, таърих ва адабиёт асарҳо таълиф намуда, анъанаҳои миллиро нигоҳ доштанд. Оиди ин мавзӯъҳо олимони мухталиф асарҳо эҷод намуданд. Яке аз асарҳои машҳури он давра «Динкард» мебошад. Асари мазкур асосан аз нӯҳ ҷилд иборат буда, то рӯзҳои мо ҳафт китоби он омада расидааст. Номи асосии ин асар «Занд окосия» буда, дар адабиёти паҳлавӣ бо номи «Динкард» шӯҳрат ёфтааст. «Занд окосия» ба қалами Отур Фарон Баг Фарухзод (Озар Фари Баг писари Фаррухзод) мансуб буда, ба асрҳои УIII—IX тааллуқ дорад.

Таҳлили китобҳои то мо расида собит менамоянд, ки мундариҷаи «Динкард» ба ақоиди зардуштия, таърихи пайғамбарон, ҷаҳон, қавму қабилаҳои мухталиф бахшида шудааст. Баробари ин шарҳи мухтасари «Авасто» дар он таҷассум ёфтааст. Қисмҳои алоҳидаи асар масъалаҳои дину фалсафаи халқҳои форсинажодро дарбар мегиранд. «Динкард» эҳёбахши «Авасто» ба шумор меравад. Зеро дар он таърихи истилогариҳои Искандари Мақлунӣ ва аз тарафи вай сӯзонида шудани нусхаи нодири асари нотакрор нақл карда мешавад. Муаллифони «Динкард» тавонистанд, ки таърихи аз нав эҳё шудани «Авасто»-ро дар замони Шопури 1 ба қалам диханд. «Динкард»-ро муҳаққиқони минбаъда ҳамчун маъхаз истифода бурдаанд.

Қиммати «Динкард» дар он аст, ки вай оиди таърих, ҷуғрофия, мардумшиносӣ, равияҳои динии замони Сосониён ва иб-

тилои аз тарафи арабҳо истило шудани Эрону Хуросон маълумот медиҳад.

«Динкард» ба забонҳои мухталифи мардуми гетӣ тарҷима шудааст. Аз ҷумла падару писар Паштутан ва Дороб Синҷониҳо дар шаҳри Бомбеи Ҳиндустон онро ба забони англисӣ гардонида, пешкаши аҳли илм намуданд.

Азбаски арабҳо дар давраи болоравии сохти феодалӣ ва инкишофи дини зардуштӣ ба Эрону Осиёи Миёна сар даровардa буданд, аз ин рӯ дар қарнҳои VIII—IX бештар асарҳое эҷод мешуданд, ки характери динӣ дошта, муборизаи исломy зардуштияро акс менамуданд. Яке аз онҳо асари машҳур «Бундахишӣ» мебошад, ки он оиди дини зардуштӣ ва таъриху ҷуғрофияи Эрон, Хуросон, Мовароуннаҳр ва ғайра баҳс мекунад. Фасли 33 китоб ба таърих бахшида шудааст. Он таърихи қадимтарин, қадимаи халқҳои Эронро то истилои араб дарбар мегирад. Дар боби 31 дар бораи дарёҳо, шаҳру маҳаллаҳо, кӯҳҳо сухан меравад.

Баъди истилои араб ва ҷорӣ шудани забони он тарҷумаи асарҳои форсӣ-тоҷикӣ ба забони арабӣ хеле ривоҷ ёфт. Нахусттарҷимонҳо Ибни Муқаффаъ Ҷабалата бини Салим, Муҳаммад бини Ҷаҳм-ал-Бармакӣ, Баҳроми Ҳиравии Маҷусӣ, Умар бини Тархони Табарӣ, Навбахти Мунаҷҷим ва чанде дигарон машҳуру маълум буданд. Онҳо асарҳои зиёдеро оиди таърих, ҷуғрофия, адабиёт, ҳикмат аз забони форсӣ-тоҷикӣ ба арабӣ тарҷума намудаанд. Яке аз он асарҳое, ки аз забони форсӣ-дарӣ ба арабӣ тарҷума шудааст «Худойнома» мебошад. Он бо номҳои мухталифи «Шоҳнома», «Сайр-ул-мулк», «Таърих-ал-мулук-ал-фурс», «Сайрат-ал-фурс» ва ғайра ёд карда мешавад. Китобҳои дигар «Достони Искандар», «Китоб-ал-Сувар» (сурати подшоҳони Сосонӣ—27 марду ду зан), «Китоб-ал-саксекин» (дар бораи Рустами достон), «Оиннома», «Гоҳнома», «Достони Рустам ва Исфандиёр», «Достони пирони Вис», «Достони Баҳроми Чӯбина», «Достони Доро ва бути заррин», «Китоби Маздак» ва дигар асарҳо, ки оиди таъриху адабиёт, ҷуғрофияю ҳикояю афсонаҳои мардуми Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр нақл мекунанд.

Намояндагони бузурги илму адаби асрҳои VIII—IX дар замони мустамликавӣ маҷбуран ба забони арабӣ асарҳо эҷод менамуданд. Аз ҷумла, **Ибни Муқаффаъ** (724—759), номи тоҷикиаш **Рӯзбеҳ, Ибни Хурдодбеҳ** (820—912), **ал-Хурсеймӣ** (асри VIII), **Сучл** ва дигарон бо эҷод намудани асарҳои баландмазмун машҳур гашта буданд.

Мулки Хуросону Мовароуннаҳр ба ҷаҳониён нобиғаҳои нотакрори илму фарҳангро тақдим намудааст. Яке аз он алломаҳои бузурги асрҳои миёна **Ибни Муқаффаъ** мебошад, ки дар

шаҳри Фирӯзободи Эрон (724—759) ба дунё омадааст. Вай яке аз аввалин адибу олими арабизабони форсу тоҷик ба шумор меравад. Номи асосиаш **Рӯзбеҳ бини Додвеҳ** буда, баъди қабули ислом **Муқаффаъро** ба худ тахаллус намуда, бо он асар эҷод кардааст. Падараш яке аз мансабдорони калони хилофат ба шумор мерафт. Аз ин рӯ, баъди ба шаҳри Басра кӯчидани падар Рӯзбеҳ низ ба он ҷо рафта, таҳсилро ба забони арабӣ идома дод. Даврам ба Басра омадани хонадони Рӯзбеҳ ба солҳои заволи бани Умавиёну ба сари қудрат омадани Аббосиён (750) рост омад.

Муқаффаъ (Рӯзбеҳ) дар Басра обрӯманд шуд. Вай дар он ҷо хизмати бародарон Исо ва Сулаймон ибни Алиро ба ҷо овард. Дар давраи хизматгорӣ забони арабиро хуб азбар намуд. Донистани забони арабӣ ба ӯ имконият дод, ки бештар асарҳои навро мутолиа намуда, савияи дониши илмию фарҳангии хешро бой гардонад. Ӯ баъди ба синни бист қадам ниҳодан ба эҷод намудани асарҳои пурмазмун камар баст. Дар натиҷа бо сирру асрори замон ва зулми мустамликавӣ аз наздик ошно гашт. Вай бар зидди зулми мустамликавӣ мубориза оғоз намуд. Ин буд, ки ӯ ба ҷавонони меҳанпараст пайравӣ намуда, ба ҳаракати «Шуубия» ҳамроҳ шуд. Азбаски таъсири Муқаффаъ дар байни ҳамсолонаш калон буд, аз ин рӯ ҳокимон аз паи аз байн бурданаш гаштанд. Ва ниҳоят ӯро дар синни сиюпанҷсолагӣ дар танӯр сӯзониданд. Ҳарчанд, Рӯзбеҳ ғӯрамарг шуд, вале аз худ осори пурқиммати илмию адабӣ мерос гузошт.

Пеш аз ҳама, ӯ чун мутарҷим ном баровард. Вай дар кори аз забони арабӣ ба забони модарӣ тарҷума намудани асарҳо роҳкушо гашт.

Ибни Муқаффаъ дар қатори тарҷумаи асарҳои илмию адабии тоҷикию форсӣ ба забони арабӣ, инчунин худаш як силсила асарҳои безавол эҷод намудааст. Пеш аз ҳама асарҳои ӯ ба масъалаҳои тарбияи фард, ахлоқу одоб бахшида шудаанд. Яке аз чунин китобҳои ӯ «Ал-адаб-ул-кабир» ба сиёсат ва одоби муошират бахшида шудааст. Муаллиф ба масъалаи шаҳрдорию давлатдорӣ дахолат намуда, қайд кардааст, ки бояд подшоҳ оламони хирадмандро дар атрофи хеш гирд оварда, аз заковати онон баҳра гирад, ба айшу ишрат дода нашуда, дуруг нагӯяд. Вай тамоми роҳҳои болоравии давлатро дар китоби дигараш «Рисолат-ул-саҳоба», ки дар бораи кишвардорӣ баҳс мекунад, баён намудааст. Муқаффаъ дар хусуси таълиму тарбияи кӯдакон низ кӯшишҳо ба харҷ додааст. Дар асари безаволаш «Ал-адаб-ус-сағир» масъалаҳои таълими кӯдаконро ба мадди аввал гузоштааст. Ӯ таъкид намудааст, ки ҷинини асосии тарбияи инсон аз кӯдакӣ оғоз меёбад.

Рӯзбеҳ ҷаҳонбинии фалсафии Афлотун, Арасту ва дигар

олимони пешгузаштаи хешро омӯхта, аз худ мероси бой гузоштааст, ки он барои наслҳои оянда мактаби ҳаётӣ гашт. Вайро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абулқосим Фирдавсӣ ва дигарон, ки дар поён оиди онҳо ҳарф мезанем, чун устоди хеш медонанд. Онҳо эҷодиёти адабию фалсафии ӯро сармашқи ҷакидаҳои худ намудаанд.

Мо дар боби илму адаби Сомониён номи як зумра олимону адибони то асрҳои IX—X-ро ба забон овардем. Мумкин аст хонандагон эрод гиранд, ки онҳо ба мавзӯи дастзадаи муаллиф дахл надоранд. Ин дуруст аст. Танҳо кӯшиш ба харҷ додем, ки шуморо бо баъзе аз нобиғаҳои илму адаби то Сомониёни тоҷик шинос намоем. Зеро онҳо устодони ҳақиқии олимону адибони замони Сомониён ба шумор мерафтанд ва дар Мағрибу Машриқ овозадор буданд. Яке аз онҳо **ибни Ҳайён Ҷобир** аст, ки соли 721 дар Тӯс ба дунё омада, соли 815 дар Хуф аз олам даргузаштааст. Вай яке аз олимони машҳури кимёгари асримиёнагии форсу тоҷик ба шумор мерафт. Дар Европа ӯ чун Гебер машҳур мебошад. Дар мактабҳои олии тиббии мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳони имрӯза низ асарҳои ибни Ҳайён китоби дарсӣ мебошад.

Ибни Ҳайён дар оилаи донишманди дорусозу доруфурӯш ё табиб ба дунё омадааст. Вай бо кӯмаки падар ба олами илм қадамҳои устувор гузошта, забонҳои арабию лотиниро хуб азбар намудааст. Забондонӣ ба ӯ даст медиҳад, ки бо эҷодиёти Арасту, Афлотун, Буқрот, Ҷолинус, Уклидус, инчунин олимони машҳури Мовароуннаҳру Хуросон оид ба кимё, тиб, астрономия, илми ҳисоб, оптика, фалсафа, кори ҳарбӣ ва ғайра шинос гашта, сатҳи донишашро бой гардонад. Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки олим умри тӯлонӣ дида, бо пастию баландии ҳаёт шинос будааст. Ба вай муяссар мегардад, ки зиёда аз 500 асар таълиф намояд. Аммо ба мурури замон ҳамаи онҳо то рӯзҳои мо омада нарасидаанд. Танҳо 85 асари ибни Ҳайён маълум аст, ки машҳуртарини онҳо «Китоб-ус-сабъин» («Ҳафтод китоб»), «Китоб-ул-мизон» («Китоби тарозу»), «Китоб-урраҳма» («Китоби шафқат») ва ғайра дар Шарқу Ғарб маълум буданд. Ибни Ҳайён дар таърихи кимёи башар падари назарияи истеҳсоли сулфуру симобии пайдоиши металлҳо ба шумор меравад. Ӯро имрӯз дар Шарқу Ғарб чун падари алхимия эътироф мекунанд.

Дар байни олимону адибони асри IX **Абӯҳанифаи Диноварӣ** (815—895) мақоми хоса дорад. Ӯ адиб ва олими забардасти замони қудратёбии оли Сомон ба шумор меравад. Дар қатори таъриху адабиёт, инчунин аз илмҳои ҷуғрофия, коинот, алҷабр, табиат ва ғайра бохабар буд. Аммо аз эҷодиёти табиатшино-

сию ҳисобдонии олим то ба мо осори хеле кам боқӣ мондааст. Асарҳои вай «Китоб-уш-шеър в-ашшуаро», «Китоб-ул-фасоҳат», аз ҷумлаи таълифоти адабии шоиранд. Олим оиди омӯхтани олами наботот кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода, асарҳояшро ба гиёҳҳо ва аҳамияти шифоии онҳо бахшидааст. Ҳамаи эҷодиёти табиатшиносии Диноварӣ дар асари сечилдаи вай «Китоб ул-набот» ҷамъбаст шудааст. Танҳо асари ба забони арабӣ иншокардаи олим ва нависанда таҳти унвони «Китоб-ул-ахбор-иттивол», ки ба насри арабиасос бахшида шудааст, то мо пурра омада расидааст.

Замони ташаккули оли Сомон давраи болоравии ҳаёти илмию адабии Мовароуннаҳру Хуросон ба шумор мерафт. Дар ҳамин давра илмҳои дақиқ рушту нумӯ менамуданд. Беҳтарин табиатшиносон, мунаҷҷимон, ҳисобдонон ба олами ҳастӣ қадам ниҳода, номбардори халқи хеш гаштанд. Яке аз онҳо математик ва коинотшиноси форсу тоҷик **Абуҷаъфари Хозин** машҳур бо номи **Муҳаммад ибни Ҳусайни Хуросонӣ** мебошад, ки дар замони ҳукмронии Аҳмад бини Асад (818—864) умр ба сар бурда, асарҳои зиёде эҷод намудааст. Ӯ пеш аз ҳама оиди тадқиқи илмҳои ҳисобу коинот кӯшишҳо намудааст. Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-бақия» ва Насриддини Тӯсӣ дар «Шакл-ул-китъа» аз асарҳои ба коинот бахшидаи Абӯҷаъфари Хозин сухан кардаанд. Аз осори математикии Хозин танҳо китоби вай «Шарҳ-ул-мақола-ал-ошира мин китоб Уклидус» (шарҳи мақолаи даҳум аз китоби Евклид) боқӣ мондааст. Хозин чун олим дар Европа машҳур буд. Аз ин рӯ чанд нусхаи дастхати асари вай дар китобхонаҳои Берлин, Истамбул, Париж маҳфузанд. Ба эҷодиёти доманадори Хозин Умари Хайём низ баҳои сазовор додааст. Вай дар «Алҷабр ва ал-муқобила»-и хеш қайд намудааст, ки олим бори нахуст муодилаҳои кубии навъи $x^3-a=cx^2$-ро бо ёрии буришҳои конусӣ ҳал намудааст.

Аз Хозин мероси бои илмӣ боқӣ мондааст. Аммо бо мурури замон онҳо то ба мо омада нарасидаанд. Дар илми ҳисоб асарҳои вай таҳти сарлавҳаи «Китоб зиҷ ис-сафоик» (Китоби зиҷи сатҳҳо), «Китоб ул-масоил ил ададийя» (Китоби масъалаҳои ҳисоб) машҳуру маълуманд.

Оғози давлатдории Сомониён, ки ибтидои асри IX-ро дар бар мегирад, дар роҳи ташаккули илми тоҷик мақоми хос дорад. Дар ин давра дар Мовароуннаҳру Хуросон нобиғаҳои нотакрори илму адаб ба камол расида, дар қатори забони модарии хеш, инчунин забони арабиро низ азбар намуда, дар роҳи эҷод кардани асарҳои баландмазмун ба комёбиҳо ноил гаштанд. Яке аз онҳо **Абулаббос ибни Муҳаммад ибни Касир**, ки бо номи **Аҳмади Фарғонӣ** машҳур аст, дар пешрафти илми риёзиёт, коинот ва ҷуғрофияи асрҳои миёна саҳми бузург дорад.

Вай дар замони ба итмом расидани хунрезиҳо ва ба зиндагии осоишта рӯ овардани арабҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон умр ба сар бурдааст. Аз ин рӯ мустамликадорон дар симои халиф Маъмун (813—833) кӯшишҳо ба харҷ доданд, ки беҳтарин нобиғаҳои замонро дар пойтахти хеш гирд оварда, дар болоравии илмҳои дақиқ ҳисса гузоранд. Яке аз онҳо Аҳмади Фарғонӣ буд. Ӯ дар Шарқ бо тахаллуси «Ҳосиб» (математик) ва дар Ғарб чун Алфраганус (Ал-Фарғонӣ) машҳур мебошад.

Аҳмади Фарғонӣ бештар чун мунаҷҷим машҳур шуда буд. Вай дар асараш «Мадхол-ун-нуҷум» фикру ақидаҳои хешро оиди тадқиқи коинот иброз намуд. Ҳангоми сохтани расадхонаҳои Бағдоду Димишқ аз дониши Аҳмад истифода бурданд. Ӯ дар бораи курашакл будани замин, ҳаракати он дар гирди меҳвараш тадқиқотҳои доманадор гузаронида, яке аз аввалинҳо шуда, оиди гирифтани офтоб ва доимо дар ҳаракат будани замин пешгӯӣ намуда буд. Аҳмад ин фикрҳои хешро соли 812 дар расадхонаи Бағдод ҷамъбаст намуд. Дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ асарҳои зиёди илмӣ таълиф намуд, ки онҳо дар омӯхтани коинот, математика, ҷуғрофия, кишоварзию обёрӣ мақоми хос доранд. Машҳуртарин асарҳои вай «Китоб-ул-комил фил-устурлоб», «Фӣ санъат-ил-устурлоб», «Рисолат-ул-фусул мадхал фи-л-Маҷастӣ» («Рисола доир ба Маҷастӣ»), «Рисола фӣ маърифат-ил-авқот-ил-латӣ якун-ул-камару фиҳо фавқ-ал-арзи ав таҳтаҳо» («Китоб оид ба маърифати Моҳ ва ҳаракати он»), «Ҳисоб-ул-аколим-ис-сабъа» («Ҳисоби ҳафт иқлим»), «Китоб-ул-амал-ирруҳомот» («Китоб доир ба коркарди мармар») ва ғайра мебошанд.

Аҳмади Фарғонӣ барои омӯхтани коинот кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ додааст. Вай баробари моҳ, офтоб, замин, инчунин оиди сайёраҳои мухталиф тадқиқоти илмӣ бурда, ҳаракати онҳоро муайян намудааст. Пажӯҳишҳои ӯ оиди коинот дар асари калонҳаҷмаш «Китоб-ул-ҳаракат-ус-самовия ва ҷавомеъ-ун-нуҷум» («Китоби ҳаракати чирмҳои осмонӣ ва маҷмӯи ситораҳо») ҷамъбаст шудаанд.

Шӯҳрати Аҳмади Фарғонӣ чун олими дақиқшинос дар мамлакатҳои мухталифи дунё хеле баланд аст. Бинобар ин асарҳои нодиру нотакрори вай дар китобхонаҳои Париж, Оксфорд, Лондон, Берлин, Қоҳира ва дигар шаҳрҳои овозадори ҷаҳон маҳфузанд.

Арабҳо баъди ташаккули сохти мустамликавӣ барои болоравии илму фарҳанги хеш диққат доданд. Дар рафти истилогарии хеш диданд, ки мардуми таҳҷоӣ нисбати онҳо бомаърифату соҳибистеъдоданд. Бинобар ин кӯшиданд, ки аз заковати маҳаллиён бараҳманд гарданд. Пеш аз ҳама шаҳрҳои калони хеш, аз ҷумла Бағдод, Димишқ ва ғайраро ба маркази илму

фарҳанг табдил диҳанд. Онҳо бо ин мақсад дар шаҳрҳои калони хеш китобхонаҳо кушода, нодиртарин адабиёти илмию фарҳангиро дастрас намуда, диққати донишманду фозилонро ба худ ҷалб менамуданд. Кӯшишҳо ба харҷ дода беҳтарин олимону шоиронро ба дарбори хеш мехонданд.

Яке аз он шахсони овозадори асримиёнагии тоҷику форс **Абулқосим Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ** (820—912), ки бо номи Хурдодбеҳ машҳур аст, қисми кулли умри хешро дар дарбори халиф Мӯътамид (870—892) сипарӣ намудааст. Хурдодбеҳ зодаи Хуросон аст. Вай баробари забони модарӣ, инчунин забони арабиро хуб азбар намуда буд. То ба Бағдод омадан ӯ чун олими баркамол ва мутарҷими варзида ном баровард. Баъди ба забони модарӣ тарҷима намудани «Ҷуғрофия»-и олими Юнон Клавдиус Птолемей шӯҳрати Хурдодбеҳ боло рафт. Вай аз эҷодиёти олимони варзидаи ҷаҳонӣ илҳом гирифта, солҳои 846—847 ба таълифи асари калонҳаҷми ҷуғрофии хеш «Китоб-ул-масолик ва-л-мамолик» (Китоб оид ба роҳҳо ва мамлакатҳо) даст зад. Онро бо усули «Сафарнома» навишт. Ин асар овозаи вайро хеле боло бурд. Ин буд, ки ибни Хурдодбеҳ ба дарбори хилофати араб ба Бағдод даъват шуд. Сипас кӯшиш намуда, дар рафти солҳои 885—886 «Сафарнома»-ро аз нав кор кард. Ӯ дар асари хеш оид ба шакли сатҳи Замин маълумотҳои нав гирд овард. Таърихи ҳокимони қадими Шарқ (Хуросон, Мовароуннаҳр, Чин), инчунин роҳҳои тиҷоратии Ғарбу Шарқ (аз Ироқ то Осиёи Миёна, Закавказия, Ҳиндустон, ба Ғарб аз Ироқ то Туркия ва Испания) ба мамлакатҳои ҷанубӣ муайян намуд. Хурдодбеҳ харитаи тиҷорати мулки форсу арабро ба Ҳиндустону мамлакатҳои дигари укёнусҳои Ҳинду Ором кор карда баромад. Инчунин роҳҳои тиҷорати обии савдоро бо давлати Рус кашф намуд. Вай дар рафти сафарҳои хеш оиди қасрҳо, боргоҳҳо, қалъаҳо, кӯҳҳо, баҳрҳо, дарёҳо маълумотҳои тоза гирд оварда, чунин асари мукаммалро нашр намуд.

Ибни Хурдодбеҳ баробари ҷуғрофия, инчунин ба таърих низ бештар диққат дод. Ба қалами ӯ асарҳои «Китоб-ул-ахбор» ва «Китоб-ул-вузаро» («Китоби вазирон») тааллуқ доранд, ки то замони мо нарасидаанд. Ин асарҳо ба таърихи халқу қабилаҳои эронинажод, вазирону ҳокимони он замон бахшида шудаанд. Вай кӯшиш намуда тарҷимаи ҳоли сиёсатмадорони асри IX ва ибтидои асри X-ро ба қалам додааст. Эҳтимол, ки дар асари ӯ шарҳи ҳоли намояндагони аввалини хонадони Сомониёну Тоҳириён ва Саффориён бошад.

Яке аз ҳамзамонони Хурдодбеҳ **Абӯбакри Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Фақеҳ** мебошад, ки бо асарҳои илмию адабии хеш машҳури оламиён гашта буд. Фақеҳ ҳаёти худро ба омӯзиши ҷуғрофияи кишварҳо бахшида аст. Азбаски замона ба

забони ачнабиён асар эҷод намуданро ҳидоят мекард, бинобар ин олим дар баробари забони модарӣ, ба забони арабӣ низ китобҳо таълиф намудааст. Яке аз асарҳои аввалини ҷуғрофии Фақеҳ «Китоб ул-аҷоиб» ва «Китоб ул-булдон» (Китоби кишварҳо) мебошад. Як қисми «Китоб ул-булдон» то мо омада расидааст, ки он аз панҷ қисм иборат аст. Асари эҷодкардаи ибни Фақеҳ дар бораи олами набототу ҳайвонот, ҳаёти башар ва мардумшиносӣ маълумот медиҳад. Муаллиф оиди шаҳру навоҳӣ, баҳру укёнус, дарёю халиҷҳои мулки Чин, Ҳиндустон, Миср, Яман, Мағриб, Ҳабашистон, Байнаннаҳрайн, мамлакатҳои Осиёи Хурд ва ғайра маълумотҳо додааст.

Қисми дуюми «Китоб ул-булдон» ба ҳаёти мардуми Хуросону Мовароуннаҳр, Озарбойҷону Арманистон бахшида шудааст. Сайёҳ оиди роҳҳои тиҷоратии Мовароуннаҳр нақл намуда, марзҳои муҳими савдоии аз Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Қанд, Фарғонаву Истаравшан, Кешу Чағониён, Шодмону Хатлон, Тирмизу Балахшон мегузаштагиро аниқ намудааст. Баробари ин ба тасвири мардумшиносии халқҳои славяну турк диққати хоса додааст. Эҷодиёти ҷуғрофию мардумшиносии Ибни Фақеҳ роҳкушои эҷодиёти олимони минбаъда гашт.

Дар соҳаи тадқиқи забону адабиёт, таъриху фарҳанги халқҳои тоҷику форс олимони зиёде саҳм гузоштаанд. Яке аз онҳо **Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Муслим Марвазии Диноварӣ** (828—889) мебошад. Вай дар ҷодаи тадқиқи таърихи халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон хизмати арзанда намудааст. Асари бузургҳаҷми вай «Айн-ул-ахбор» (Сарчашмаи ахбор) мебошад, ки аз даҳ ҷилд иборат буда, ба масъалаҳои давлатдорӣ, мубориазаҳои дохилии хонадонҳои ҳукмрони Хуросону Мовароуннаҳр дар асри IX бахшида шудааст. Диноварӣ ба таърихи муборизаи халқҳои Осиёи Миёна бар зидди арабҳо низ дахл намудааст.

Диноварӣ дар ҷодаи эҷод намудани асарҳои бадеӣ низ қувваозмоӣ намудааст. Вай бо тахаллуси Ал-Қутайба асарҳо навиштааст. Маҳсули адабии ӯ дар «Адаб-ул-китоб» (Санъати навсисандагӣ) ва «Аш-шеър ва-л-шуаро» ном асарҳояш гирд оварда шудааст.

Диноварӣ дар илми таърихшиносии асримиёнагии тоҷик чун устоди муаррихони минбаъда ёд мешавад.

Таҳлили мухтасари илми тоҷик то асри X собит менамояд, ки ба пастию баландиҳои замона нигоҳ накарда, дар ин ҷода бузургон ба миён омаданд. Онҳо бо ақлу хиради хеш тавонистанд, ки дар пешрафти ҷамъият саҳми муносиб гузоранд. Қисми кулли онҳо кӯшиш ба харҷ доданд, ки мактаби хешро созмон диҳанд. Дар комёбшавии онҳо шаҳрҳои Бағдод, Бухоро,

Балх, Самарканд, Ҳирот, Нишопур, Хуҷанд, Чоч ва ғайра мавкеи хоса доштанд. Маҳз дар ҳамин шаҳрҳои овозадор пояи устувори илму фарҳанги замони Сомониён ташаккул ёфт ва карни X дар таърихи халкҳои тоҷику форс ба асри тиллоӣ мубаддал шуд.

### § 2. Комёбиҳои илм дар аҳди Сомониён

Асри X дар таърихи халкҳои даризабон чун замони эҳёи хонадони Сомониён машҳуру маълум гашта, дар рушту камоли илм низ ҷои намоёнро ишғол мекунад. Илми тоҷик баробари адабиёти классикиаш дар ҷаҳон овозадор шуд.

Олимони замони Сомонӣ асарҳои хешро бештар ба забони арабӣ эҷод менамуданд. Ин сабаби хос дошт. Зеро бисёр муҳаккикон барои он асарҳои худро ба забони арабӣ эҷод мекарданд, ки ба воситаи он забон чакидаи хомаи онҳо дар арсаи байналхалкӣ машҳур мегашт. Ба забони бегона асар эҷод намудан на танҳо барои тоҷикон, балки барои мардуми Европа низ хос буд. Чуноне ки маълум аст, асрҳои зиёде аврупоиён забони лотиниро забони давлатии худ пиндошта, барои машҳури олам шудан ба он асар эҷод менамуданд.

Олимони замони Сомониён дар ҳамаи соҳаҳои илм кувва озмудаанд. Онҳо бешуморанд. Мо кӯшиш менамоем, ки бузургтарини онҳоро дар ин китоб номбар кунем.

**Абӯҷаъфар Муҳаммад бини Ҷарири Табарӣ**—таърихшиноси барҷастаи охири асри IX ва аввали асри X ба шумор меравад. Зодгоҳи олим шаҳри Омули Табаристон (838 ё 839) мебошад. Ӯ дар шаҳрҳои Рай, Бағдод, Басра, Куфа, инчунин Сурияю Миср шуда, бо илмҳои замонаш ошно гаштааст. Вай пас аз сафарҳои тӯлонӣ ва васеъ гаштани дараҷаи донишаш шаҳри Бағдодро маркази охирати хеш (923) карор дода, дар он ҷо асарҳои безавол эҷод намуд. Асари калони вай «Таърих-ар расул ва ал-мулук» ном дорад. Муаллиф кӯшишҳо ба харҷ дода, дар катори ишои таърихи пайдоиши ҳаёт, инчунин таърихи ислому мулки арабро низ ба калам додааст. Асари Табарӣ инчунин таърихи умумии замони Сомониёнро дар бар мегирад. Он бо амри Исмоил бини Аҳмад навишта шудааст. Баъдтар онро Абуалии Балъамӣ ба таври хеле мухтасар ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст.

**Абубакр Муҳаммад бини Ҷаъфар Наршахӣ**—дар Наршах ном деҳаи атрофи Бухоро соли 899 таваллуд шуда, соли 959 вафот кардааст. Вай муаллифи асари барҷастаи карни X «Таърихи Бухоро» мебошад. Чи хеле ки дар сарсухани китоб омадааст Наршахӣ онро бо супориши амир Абумуҳаммад Нӯҳ бини Насри II дар солҳои 943—944 навиштааст. Ин китобро Абу-

наср Аҳмад бини Муҳаммад бини Наср ал-Қубавӣ (соли 1128) аз арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума намудааст. Дар ин хусус мутарҷим чунин арз кардааст: «Ва бештар мардум ба хондани китоби арабӣ рағбат нанамоянд, дӯстон ай мар дархост карданд, ки ин китобро ба порсӣ тарҷума кун» (с. 8).

«Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ нодиртарин асар дар бораи оли Сомон аст. Зеро муаллиф дар замони давлатдории Насри II (914—943) ба камол расидааст. Вай шоҳиди воқеаҳои асосии ибтидои ҳукмронии Исмоил, писару набераю аберагони вай Аҳмад (907—914), Насри II, Нӯҳ (943—954), Абдумалик (954—961) ва дигарон мебошад. Ӯ тавонистааст, ки воқеоти ҳақиқиро онди ташаккулёбӣ ва гул-гулшукуфии давлати Сомониён ба қалам диҳад. Наршахӣ инчунин ба сарчашмаҳои аввалин рӯ оварда, муборизаи мардуми Мовароуннаҳрро бар зидди арабҳо тасвир намудааст. Ғайр аз ин хизмати муаллиф дар он зикр мебад, ки ӯ тавонистааст таърихи пойтахти Сомониён—шаҳри Бухороро ба тафсил шарҳ диҳад.

**Абӯалӣ Ҳусайн ибни Аҳмади Салломӣ**—муаррихи машҳури миёнаи асри X ба шумор меравад. Салломӣ дар соли 955 «Ат-таърих фи ахбори вулоти Хуросон»-ро ба забони арабӣ навиштааст. Афсӯс, ки то замони мо аз эҷодиёти Салломӣ хеле кам боқӣ мондааст. Ба тавассути навиштаҷоти олимони ҳамзамонаш мо тавонистем, ки онди эҷодиёти муаррих баъзе маълумотҳо гирем.

Исмоили Сомонӣ барои рушду нумӯи давлат шуда беҳтарин донишмандону арбобони сохаи илму фарҳангро ба дарбори худ даъват менамуд. Анъанаи давлатдории вайро наберааш Насри II идома дод. Чи хеле ки дар боло ёд шуд, ӯ ноболиғ соҳиби тоҷу тахт гашт. Аз ин рӯ пирони хирад, ки аз мактаби давлатдории бобояш таълим гирифта буданд, ба таҷрибаи гузаштагон такя намуда, одамони маъруфи замон, аз қабили Ҷайҳонӣ, Балъамӣ ва Утбиро чун вазир ба дарбор хонданд. Дар замони Насри II аввал **Ҷайҳонӣ (914—918)** ва сипас **Абулфазл Муҳаммад бини Убайдуллоҳ Балъамӣ (918—938)** вазирони оли Сомон буданд. Бо ташаббуси онҳо гулчини маърифатпарварони асрҳои миёнаи Хуросону Мовароуннаҳр дар дарбори Сомониён гирд омаданд. Ба тавассути заковати Балъамӣ Бухоро ба марказн ҳақиқии илму фарҳанги классикии тоҷик табдил ёфта буд. Ӯ тавонист, ки беҳтарин нобиғаҳоро ҷамъ намояд. Маҳз ҷидду ҷаҳди Балъамӣ буд, ки сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Бухоро омада, овозаи ҷаҳонӣ пайдо намуд. Балъамӣ чун муҳандис дар роҳи ободонию хуррамии шаҳрҳои Бухорою Марв кӯшишҳо намудааст. Аз рӯи нақшаҳои вай беҳтарин биноҳои пурҳашамати ин шаҳрҳо қомат афрохтанд. Қори саркардаи вайро писараш идома дод.

**Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ**—(соли таваллудаш номаълум, 27. 03. 974 Бухоро). Вай писари Абдулфазл Балъамии вазири Насри II бини Аҳмад мебошад. Муҳаммад Балъамӣ, ки дар оилаи шахси бонуфуз ба камол расидааст, аз илмҳои замони хеш бохабар буд. Аз ин рӯ ӯ ба таърих бештар дил бохтааст. Мувофиқи гуфтаи Мирхонд Балъамӣ бо кӯмаки дӯсташ Алптегин дар аҳди Абдумалик бини Нӯҳ (954—961) ва Мансур бини Нӯҳ (961—976) вазири хонадони Сомониён будааст. Балъамӣ баробари шахси сиёсатмадор буданаш, инчунин ба илм ва хусусан тарҷума сарукор доштааст. Вай соли 963 асари машҳур—«Таърихи Табарӣ»-ро ба забони тоҷикӣ эҷодкорона тарҷума намудааст. Балъамӣ ба бисёр лаҳзаҳои ҳаёти халқҳои форсизабон, аз ҷумла достони «Баҳроми Чӯбина» иловаҳо намудааст. Балъамӣ бо аз забони арабӣ тарҷума намудани асари калонҳаҷми «Таърихи Табарӣ» номи хешро дар илму фарҳанги тоҷик абадӣ гардонд.

**Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Юсуфи Хоразмӣ**—дар нимаи дуюми асри X чун мирзои дарбори Сомониён ном бароварда буд. Ӯ зодаи Балх буда, дар Нишопур ба камол расида, давраи гул-гулшукуфии ҳаёташро дар дарбори Сомониён гузаронидааст. Вай чун мирзои вазири Сомониён Убайдуллоҳи Утбӣ дар корҳои идора намудани давлат ширкат варзидааст. Абӯабдуллоҳи Хоразмӣ дар солҳои берун аз кори дарбор ба эҷод намудани асарҳои баландмазмуни таърихӣ, ҳуқуқшиносӣ, забоншиносӣ, давлатдорӣ даст зада, солҳои 976—991 китоби «Мифтох-ул-улум»-ро навиштааст. Асари эҷодкардаи ӯ аз 15 боб иборат буда, доир ба масъалаҳои таърих, ҷуғрофия, андоз, кишоварзӣ, идоракунии давлат, кимё ва ғайра баҳс мекунад.

**Абӯнаср Муҳаммад ибни Тархон Форобӣ** (873—Фороб—950—Димишқ)—олими машҳури фалсафаи шарқи наздику Миёна ба шумор меравад. Форобӣ дониши ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, сипас барои такмили дониш ба Бухоро ва Бағдод сафар мекунад. Форобӣ пас аз хатми таҳсил ба як қатор шаҳру мамлакатҳои Араб, аз ҷумлаи Димишқ, Ҳалаб, Ҳеррон, Миср ва ғайра сафар намуда, бо ҳаёти илмии он ҷойҳо шинос гаштааст. Форобӣ аз наздик бо мактаби файласуфони Юнони қадим шинос шуда, аксари асарҳои барҷастаи Арасту, Буқрот, Афлотун ва ғайраро тафсир кардааст. Вай солҳои охири зиндагии хешро дар Димишқ ва Ҳалаб ба таълиму таълиф бахшидааст. Чи тавре ки сарчашмаҳо ёдовар мешаванд Форобӣ олими сермаҳсули замон буда, аз ӯ бештар аз 160 асар боқӣ мондааст. Қисми зиёди асарҳои ӯ ба шарҳу эзоҳи асарҳои файласуфони қадима бахшида шудааст. Ӯ «Метафизика», «Этика», «Риторика», «Софистика»-и Арастуро шарҳ додааст.

Дар баробари ин худи олим асарҳои зиёди фалсафӣ эҷод

намудааст. Ба гурӯҳи асарҳои бузургҳаҷми вай «Қалом фил-ақл-ил-кабир», «Китоб-фил-ақл-ис-сағир», «Китоб-ул-мухтасар-ил-кабир фил-мантиқ», «Китоб-ул-бурҳон», «Қалом-фил-ҷавҳар», «Рисола фи моҳият-иннафс», «Уюн-ул-масоил» ба масъалаҳои мантиқу фалсафа бахшида шудаанд. Асарҳои дигараш «Китоб фи усули илм-ит-табиа», «Китоб ул-мадахл фил-ҳисоб», «Макола фи вуҷуби саноат-ил-кимё вар-радд-ало мутилиҳо» дар бораи илмҳои табиатшиносӣ баҳс мекунанд. Форобӣ ба мавзӯъҳои иҷтимоию сиёсӣ низ асарҳо бахшидааст, ки ба он «Китоб-ул-мадинат-ил-фозила», «Ас-сиёсат-ул-мудуния», «Рисолат-ул-ахлоқ», «Китоб-ул-мусиқа-ал-кабир» дохил мебошанд, ки масъалаҳои иҷтимоиёт, мусиқӣ ва ғайраро дарбар мегиранд. Хулоса ӯ яке аз олимони бузургу шинохтаи замони хеш ба шумор меравад.

Мисли дигар марказҳои илму фарҳанги замони Сомониён шаҳри Рай дар ташаккулу болоравии маданияти классикии тоҷику форс саҳми муносиб гузошт. Аз ин шаҳри овозадор нобиғаҳои бузурги соҳаҳои мухталифи илму адаб ба дунёи ҳастӣ қадам ниҳоданд. Яке аз кашшофони нотакрор **Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ** (28. VIII—865—25. X—925) мебошад. Вай чун олими пухтакор дар замони сариқудрат будани Исмоил, Аҳмад ва Насри II овозадор гашта буд. Исмоили Сомонӣ ҳатто дар идора намудани мулкҳои Ғарбии империян хеш аз маслиҳату фазилати ин марди донишманд истифода мебурд.

Абӯбакри Розӣ дар таърих чун табиби ҳозиқ ва файласуфи пурмаҳсул машҳур аст. Пеш аз ҳама вай бо асарҳои тиббии хеш дар байни аҳли илми Шарқу Ғарб ном баровард. Азбаски ӯ табиби донишманд буд, бинобар ин амирони маҳаллӣ вайро ба дарбори хеш хонда, аз донишу заковаташ истифода мебурданд. Вай ҳамин хизматро дар дарбори амири хуросонии Сомониён Абӯсолеҳ бини Исҳоқи Мансур (915) ба ҷо оварда буд.

Розӣ олими сермаҳсул ба шумор мерафт. Вай дар ҷодаи тиб «Китоб-ул-асрор», «Китобу сирр-ил-асрор», «Аттибб-ур-руҳонӣ», «Аттибб-ул-фуқаро», «Китоб ут-тибб-ил-Мансурӣ» ё «Алқонун-ул-Мансурӣ», «Аттибб-ул-мулкӣ» ва ғайра асарҳо эҷод кардааст. Ӯ танҳо оиди илми тиб бештар аз 60 асари илмӣ офаридааст.

Вай дар асараш «Китоб-ул-ҷадрӣ в-ал-ҳасба» усули пешгирӣ намудани касалии талқиҳӣ (гулбарорӣ), обила, сурхак ва ғайраро нишон дода, инчунин роҳҳои табобати онро низ зикр намудааст. Ин асари ҷовиди ӯ китоби рӯимизии табибони ҷаҳон гашт. Он ба забонҳои лотинӣ, англисӣ, олмонӣ ва ғайра тарҷума шуда, такроран бештар аз чил маротиба чоп шудааст.

Абӯбакри Розӣ аз қабили он олимон аст, ки вай дар асрҳои миёна нахустин шуда ба ҳам пайваст шудани назарияю ама-

лияро дар тибби қадима кор карда баромадааст. Вай аввалин табибест, ки таърихи бемориро ҷорӣ намуда, шогирдонро аз рӯи он таълим медод. Асари машҳури вай «Китоб-ул-ҳовӣ» ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст. Ӯ нахустин шуда назария ва амалияи илми ҷарроҳиро кор карда баромадааст.

Илми тиб бо кимё зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ Закариёи Розӣ оид илми кимё низ асарҳои безавол офаридааст. «Китоб-ул-асрор» ва «Китобу-сирр-ил-асрор» ба масъалаҳои кимё низ бахшида шудаанд. Ӯ роҳҳои асосии истеҳсол ва тоза намудани оҳан, кислотаи намак, намаки ошӣ, гӯгирд, шиша ва ғайраро ихтироъ намудааст.

Розӣ баробари табиби ҳозиқ буданаш, инчунин файласуфи машҳури замони хеш ба шумор меравад. Ӯ дар асарҳои нодираш «Аттиб-ур-рӯҳонӣ», «Сирра-ул-фалсафия», «Китоб-ул-лаззат» ва ғайра ба масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ, роҳу воситаҳои ба саодатмандӣ расидани одамиятро нишон додааст.

Роҳе, ки Розӣ кушод, барои табибону файласуфони минбаъда мактаби ҳаёт гардид. Аксари кулли онҳо ӯро устоди хеш шуморида, ба вай пайравӣ намуданд. Аз ҷумла, мактаби Закариё ибни Синоро ба бузургӣ овард.

Сомониён кӯшишҳо ба харҷ доданд, ки дар қатори дигар илмҳо тиб тараққӣ кунад. Аз ин рӯ, олимони номиро ба дарбори хеш мехонданд. Яке аз онҳо табиби овозадори тоҷик **Абӯбакр Рабӣ ибни Аҳмад Аҳовайнии Бухорой** ба шумор мерафт ки ба забони модарӣ оид тиб асарҳои зиёди илмӣ таълиф намудааст. Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки устоди ҳақиқии Ӯ Абулқосими Маконӣ ба шумор мерафтааст. Машҳуртарин асари Аховайнӣ «Китоби ҳидоят ул-мӯътаъаллимин» ба шумор меравад. Асари ӯ қадимтарин китоб оид тиб ва муолиҷа мебошад. Китоб аз ду қисм иборат буда, дар бораи одам ва роҳҳои табобати касалиҳои мухталиф бахшида шудааст. Инчунин дар қисми дуюми китоб номгӯи доруҳо оид касалиҳои гуногун акси хешро ёфтаанд.

Худи Аховайнӣ ёдовар шудааст, ки бештар аз сӣ соли умри хешро дар роҳи табобати касалиҳои рӯҳӣ сипарӣ кард. Вай оид роҳҳои табобат ва пешгирии ин касалӣ низ асарҳо эҷод намудааст. Ӯ ташвиқкунандаи усули табобатии Розӣ мебошад.

Хизмати бузурги Аховайнӣ дар он зикр меёбад, ки анъанаҳои тиббии Закариёи Розиро давом дода, бевосита ба забони тоҷикӣ асарҳои илми эҷод намудааст.

Бисёр аз табибони замони Сомониён асарҳои хешро ба забони тоҷикӣ иншо менамуданд. Зеро ин забон нисбати арабӣ маълумтар буд. Аз ин рӯ, олими соҳаи тибби асри X **Ҳакими Майсарӣ** кӯшиш намуд, ки ба забони модарӣ китобҳо таълиф намояд. Майсарӣ ба Розӣ ва Аховайнӣ пайравӣ намуда, асар

хои зиёд эчод намуда буд. Аммо аз сабаби нотинчиҳои замона ҳамаи онҳо то рӯзҳои мо омада нарасидаанд. Танҳо «Донишнома»-и ӯ, ки солҳои 978—981 иншо гаштааст, то мо омада расидааст. Қиммати «Донишнома» дар он зикр меёбад, ки муаллиф онро ба назм чун маснавии тиббӣ ба қалам додааст. Маъхазнависон хотирнишон намудаанд, ки рисола дар замони ҳукмронии Нӯҳ (976—997) эчод шудааст. Худи олим ёдовар мешавад, ки китобро ба форсӣ эчод намудааст.

Олими дорусози асри X **Абӯмансур Муваффақ бини Алии Ҳиравӣ** буд, ки дар соли 977 ба забони тоҷикӣ асари доруворӣ хеш «Ал-абниё-ан-ҳақоиқ-ул-адвия». (Маълумот дар бораи хусусиятҳои дору)-ро навиштааст. Ӯ дар китоби хеш бештар аз 585 навъи доруро номбар кардааст.

Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки маҳз ҳамин олимону табибони ҳозиқ дар роҳи инкишофи ҷаҳонбинии илми Абӯалӣ ибни Сино роҳкушо гаштанд.

Бояд қайд кард, ки бисёр мутафаккирони асрҳои миёна фикрҳои озодидустӣ ва пешқадами худро дар зери пардаи фикрҳои тасаввуфи баён мекарданд, то ин ки аз таҳдиди подшоҳони золим ва рӯҳониёни мутаассиб дар амон бошанд.

**Абӯалӣ ибни Сино** — соли 980 дар деҳаи Афшинаи наздикии Рометани Бухоро дар оилаи амалдор таваллуд ёфтааст. Падари Абӯалӣ Абдуллоҳро дар замони ҳукмронии амир Нӯҳ бини Мансури Сомонӣ (976—997) бо тавсияи девони корҳои молиёт ба қарияи Рометан, ба вазифае таъин намуданд. Абдуллоҳ дар деҳаи Афшина ба Ситорабону ном духтаре хонадор шуд, ки аз ӯ олими бузурги асри миёна ибни Сино ба дунё омад. Аҳли оилаи Абдуллоҳ баъди синни панҷсолагиро пур кардани Сино ба шаҳри Бухоро кӯчид. Ибни Сино дар Бухоро хонда, хатту савод баровард. Вай доир ба дин, забону адабиёт, таърих, мусиқӣ ва дигар фанҳо маълумот гирифт. Дар синни даҳсолагиаш сарфу наҳв ва илми адабро хуб азбар кард. Сипас падараш ӯро назди олим Маҳмуди Массоҳ, ки дар шаҳри Бухоро баққолӣ мекард, ба шогирдӣ дод. Баъди камолёбӣ ӯ ба илми тиб дил бохт. Дар охир ба омӯзиши тиб шурӯъ намуда, ин илмро низ ба хӯбӣ омӯхт. «Рӯз ба рӯз, дарҳои дониш ба рӯям боз мешуд. Он гоҳ рӯй ба илми тиб овардам ва ба мутолиаи китоби тиб пардохтам. Чун тиб чандон душвор набуд, дар андак замоне пояи маҳоратам дар ин фан ба андозае боло рафт, ки бисёре аз атиббои вақт барои омӯхтани тиб назди ман зону мезаданд»—қайд кардааст ибни Сино дар «Рисолаи шарҳи ҳол»-и худ. Дар ҳақиқат ӯ ба омӯзиши илмҳои замонаш аз таҳти дил машғул шуд. Чӣ хеле, ки сарчашмаҳо ва Абӯрайҳони Берунӣ ёдовар мешаванд, ибни Сино аллакай дар синни 17-солагӣ олими баркамол ба шумор мерафт.

Шӯхрати ибни Сино баъди табобати амир Мансури Сомонӣ баланд шуд. Ба ивази хизмати хеш ӯ ба китобхонаи бои Сомониён роҳ ёфта, дониши худро хеле такмил дод. Чӣ хеле ки худи ӯ мегӯяд дар ҳаждаҳсолагиаш (соли 998) дониши вай ҳамаи илмҳои замонашро фаро гирифта буд.

Марги падар ва аз по афтидани давлати Сомониён ба ҳаёти минбаъдаи Абӯалӣ ибни Сино таъсири манфӣ расонд. Азбаски туркони қарахониию ғазнавӣ шаҳри Бухороро ғорат намуданд, аз ин рӯ пойтахти Сомониёнро тарк намуда, роҳи Хоразмро пеш гирифт. Зеро шаҳри Урганҷ низ мисли Бухоро яке аз марказҳои адабию илмии Осиёи Миёна ба шумор мерафт. Аммо дере нагузашта Султон Маҳмуд ба Хоразм омад ва барои баланд намудани шӯҳрати пойтахти давлати хеш ба Абулфазл Хасан бини Мекол супориш дод, ки Шайхурраис ва дигар уламои пешқадамро ба Ғазнин барад. Овозаи ба Ғазнин рафтанро фаҳмида, ибни Сино ва Абӯсаҳли Масеҳии табиб ба таври махфӣ Урганҷро тарк намуданд. Азбаски Абӯсаҳл пир ва нотавон буд, дар роҳ аз ташнагӣ ҷон ба ҳақ супорид. Абӯалӣ бо машаққати зиёде ба Абевард ва пас ба Ҷурҷон расид. Дар ин ҷо Абӯубайди Ҷурҷонӣ ба Шайхурраис ҳамроҳ шуда, то охири умр хизмати устодро ба ҷо овард. Баъди дӯстони нав пайдо кардан Шайхурраис ба корҳои табобат камар баст. Дӯсти наваш Абӯмуҳаммади Шерозӣ хонае барои ӯ пайдо намуд. Вале дере нагузашта вай дар зери таъқиби Султон Маҳмуд Ҷурҷонро низ тарк намуда, ба Рай рафт. Дар он ҷо ҳам Султон ӯро рӯз надод. Сипас ба Ҳамадон омада, дар хонаи яке аз дӯстонаш чил рӯз зист кард ва ба табобати одамон машғул шуд. Ӯ пеш аз омаданаш ба Ҳамадон китоби хеш «Ал-Қонун»-ро навишт. Соли 1023 ба Исфаҳон омада, асарҳои машҳураш «Китоб-ул-наҷот», «Ишорат ва тавзеҳот», «Донишнома» ва ғайраро ба итмом расонд.

Осори Абӯалӣ ибни Сино хеле бузург аст. Ба қалами вай бештар аз 400 асар тааллуқ дорад. Аммо то замони мо қисми пурраи асарҳои ӯ омада нарасидааст. Аз ҷумлаи асарҳои ибни Сино, «Китоб-ул-инсоф» аз бист ҷилд иборат буда, «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ул-наҷот», «Ал-ҳаёт ва-л-маҳсул», «Ишорат ва танбеҳот», «Донишнома», «Ал-Қонун фи-т-тиб» ва ғайра аҳамияти калони илмӣ-тадқиқотӣ доранд.

Зиддияти байни ҳокимони маҳаллӣ ба ҳаёти ибни Сино бетаъсир намонданд. Аз ҷумлаи он мунокишаҳои байни ҳокимони Ҳамадону Исфаҳон мебошад. Ҳатто, ӯро муддати чор моҳ дар яке аз қалъаҳои атрофи Ҳамадон ба ҳабс гирифтанд. Вай дар маҳкама кори илмиро идома дода, қисми мантиқии китоби «Шифо»-ро тамом кард. Абӯалӣ пас аз озод шудан аз ҳабс ҳамроҳи бародараш Маҳмуд ва шогирдаш Абӯубайди Ҷурҷонӣ ба

Исфаҳон боз гашта, то охир дар хизмати ҳокими он ҷо Ало-уд-Давла монд.

Ҳиҷрат, ҷудой аз Ватан ва таъқиби мансаблорони феодалӣ ба ҷисму ҷони Абӯалӣ ибни Сино таъсири манфӣ расониданд. Ӯ низ гирифтори бемории қулунҷ ва дигар касалҳо гашт. Беморӣ оҳиста-оҳиста ҷисму ҷони олими бузургро фаро гирифт. Аммо ба ин нигоҳ накарда ӯ корро идома медод. Вай ҳамроҳи Ало-уд-Давла ба Ҳамадон сафар кард. Бемориаш дар роҳ авҷ гирифт. Дигар пеши роҳи аҷалро гирифта нашуд. Ин буд, ки Абӯалӣ ибни Сино 18 июни соли 1037 дар шаҳри Ҳамадони Эрон аз олам дар гузашт.

Ҳарчанд ки ӯ ҷавон аз олам чашм пӯшид, вале умри бобаракат дид. Асарҳои ҷовидонаи илмӣ офарида номи хешро дар таърих абадӣ гардонд. Хусусан хизмати ибни Сино дар соҳаи инкишоф додани илми тиббӣ асримиёнагии тоҷик бузург аст.

Пешравӣ ва гул-гулшукуфии илми тиб дар ин давра бо номи олими забардасти тоҷик Абӯалӣ ибни Сино зич вобаста аст.

Абӯалӣ ибни Сино тамоми илмҳои замони худро аз худ намуда, онҳоро баланд бардошт.

Китоби муҳимми дар соҳаи тиб таълифнамудаи ӯ «Ал-қонун фит-тиб», ки аз панҷ қисм иборат аст, асари энциклопедии соҳаи тиб ба шумор меравад. Дар давоми қарнҳои зиёд ин асар китоби рӯимизии табибон ва коркунону олимони соҳаи тиббӣ мамолики Шарқ ва Ғарб буд. Дар «Ал-қонун» Абӯалӣ ибни Сино назарияи умумии тиб, анатомия, физиология, ҷарроҳӣ, ташхиси касалиҳои вазнину решадор, усули табобат, воситаҳои пешгирӣ ва доруворро кор карда баромадааст. Ин асар дар Европа бештар аз 40 маротиба ба забонҳои гуногун нашр шудааст.

Абӯалӣ ибни Сино бо вуҷуди олими бузурги соҳаи тиб буданаш, натавонист, ки пеши роҳи аҷалро гирад. Дар ин хусус худи ӯ чунин гуфтааст:

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд магар банди аҷал.

Дар баробари кашфиётҳои тиббӣ, инчунин ибни Сино дар соҳаҳои дигари илм, аз ҷумла фалсафа низ қувва озмудааст. Абӯалӣ ибни Сино масъалаи асосии фалсафаро дуалистона ҳал намудааст. Ӯ чун Арасту моҳияти табиатро қайд намуда, ҳақиқати ҷаҳони берунаро нишон медод. Вале ибни Сино аксарияти масъалаҳои фалсафавиро материалистона ҳал мекард. Вай аллакай ҳаракат ва вақтро материалистона шарҳ дода, тасдиқ мекард, ки «вақтро танҳо бо ҳаракат тасаввур кардан

мумкин мебошад. Дар ҷое, ки ҳаракат нест, вақт ҳам нест». Ӯ вақтро ченаки ҳаракатҳои гуногун мешуморид. «Вақт,—мегуфт Абӯалӣ ибни Сино—ҳақиқӣ ва доимӣ берун аз шуури мо вуҷуд дорад». Ӯ ҳаракатро хосияти ҷудонашавандаи материя мешуморид.

Сино дар асарҳои фалсафии худ «Китоб-уш-шифо» ва «Донишнома» ба омӯхтани табиат аҳамияти калон дод. Хусусиятҳои ягонагии тафаккури мантиқӣ ва таҷриба, ақл ва таҷрибаро ҳимоя мекард. Вай танҳо ҳамон илмро таъсирнок медонист, ки дар он назария бо амалия мутобиқат кунад.

Баъзе асарҳои Сино ба масъалаҳои мантиқ бахшида шудаанд. Хизмати Абӯалӣ ибни Сино барои ба соҳаҳо ҷудо намудани илмҳо калон аст. Умуман, фалсафаи Сино барои ҳамон даврaҳо аҳамияти прогрессивӣ дошт.

**Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Мӯсо-ал-Хоразмӣ (780-и Хива, 850—Бағдод)**—яке аз забардасттарин олимони соҳаи риёзиёт, нуҷум ва ҷуғрофияи аввали асри IX ба шумор меравад. Фаъолияти илмии ал-Хоразмӣ дар академияи илмии Бағдод оғоз шудааст. Дар замони худ ӯ ба илми риёзиёти ҷаҳонӣ, усули ҳисобкунии ҳиндӣ ва асосҳои алҷабрро дахл намуда, бо ин восита дар илми риёзиёт як давраи навро кушод. Ин кашфиёти ал Хоразмӣ ӯро машҳури ҷаҳон гардонид. Яке аз таърихшиносони номӣ—Сартон нимаи якуми асри IX-ро—«замони ал-Хоразмӣ» номидааст.

Дар соҳаи нуҷум ҳам ал-Хоразмӣ ҷадвалҳои пурқимате тартиб дода буд, ки онҳо асоси корҳои илмии бисёр мунаҷҷимони минбаъда гардида, аҳамияти худро то ба имрӯз гум накардаанд.

Ал-Хоразмӣ аз ҷавонӣ ба омӯзиши илмҳои замонаш пардохта, барои такмил додани дониш аввал ба Ҳиндустон ва баъд ба шаҳри Бағдод рафтааст. Сабаб дар он ки дар замони ҳокимиятдории аббосиён Бағдод ба яке аз марказҳои калони илмии асри миёна табдил ёфта буд. Дар натиҷаи малакаи илмӣ пайдо кардан ал-Хоразмӣ ба эҷод намудани асарҳо камар баст. Яке аз китобҳои аввалини ӯ «Сурат-ул-арз» мебошад, ки он ба маҳалли ҷойгиршавии шаҳрҳо, кӯҳҳо, дарёҳо, баҳру ҷазираҳо маълумоти зиёде медиҳад. Инчунин ал-Хоразмӣ ҷадвали арзу тӯли шаҳрҳоеро тартиб додааст, ки паси хатти истиво (экватор) ҷой гирифтаанд. Дар ҳамин асар ӯ харитаҳоеро ҷой намудааст, ки онҳо бо забони арабӣ ба табъ расида, дар илми ҷуғрофӣ қадимтарин ба шумор меравaнд. Асари дигари ӯ «Зиҷи Хоразмӣ» ё бо номи «Зиҷи Маъмунӣ» машҳур аст.

Ал-Хоразмӣ ба масъалаи ситорашиносӣ бештар диққат додааст. Вай дар асари хеш «Амал-ул-устурлоб» оиди ин масъала маълумотҳо медиҳад. Ғайр аз ин Хоразмӣ яке аз асосгузо-

рони асбоби ситорашиноси «секстант» мебошад, ӯ онро дар расадхонаи «Шамсия»-и Маъмун дар Бағдод истифода бурдааст.

**Ал-Хоразмӣ** яке аз асосгузорони илми алҷабри асримиёнагӣ низ мебошад. Вай дар асараш «Алҷабр ва-л-муқобила» ҳалли муодилаҳои квадратиро тадқиқ намуда, ба илми алгебра асос гузоштааст. Дар Ғарб номи ал-Хоразмӣ бо Алгоризм машҳур буда, аз асари ӯ «Либер Алгоризм» истифода мебаранд.

Муридону шогирдони ал-Хоразмӣ хеле зиёданд. Яке аз онҳо ҳисобдони машҳури Хуросонӣ **Абулвафо Муҳаммад бини Муҳаммади Бузҷонӣ** (940—998) мебошад. Вай пайваста бо забони модариаш инчунин забони арабиро низ хуб медонист. Аз ин рӯ, қисми кулли ҳаёти хешро дар Бағдод сипарӣ намуд. Вай бо олимони машҳури соҳаи илми алҷабр аз наздик шиносоӣ пайдо намуда, пас ба офаридани асарҳои баландмазмуни математикӣ камар баст. Абулвафо ба ал-Хоразмӣ пайравӣ намуда, дар роҳи ҳалли муодилаҳои квадратӣ бештар тадқиқот гузарониадааст. Ӯ ҷадвали синус ва тангенсро тартиб дода, ҳамаи шаш хусусияти тригонометрияро тадқиқ намуд. Абулвафо бо олимони шинохтаи араб ҳамкорӣ намуда, чун устоди тригонометрияи асримиёнагӣ ном баровард.

Олими машҳури соҳаи илми ҳисобу нуҷум **Абӯҳамид Устурлобии Сағонӣ** мебошад. Вай дар охири асри X умр ба сар бурда, оиди математика ва илми ситорашиносӣ асарҳои зиёде таълиф намудааст. Асари барҷастаи вай «Маҷмӯъи шоҳӣ» мебошад, ки аз 15 рисола иборат аст. Дар қатори Сағонӣ инчунин муаллифи асари математикии «Сад фасл» **Аҳмад бини Абдуҷалили Саҷикӣ**, асарҳои ба нуҷуму тригонометрия бахшидаи **Абӯнасри Арроқи Хоразмӣ** ва дигарон дар илми дақиқи асрҳои миёна мақоми хос доштанд.

Тоҷикон дар асрҳои миёна дар тадқиқи коинот ва омӯзиши сайёраҳо саҳми муносиб гузоштанд. Олимони замони Сомониён ба ин масъала аҳамияти аввалиндараҷа медоданд. Яке аз онҳо **Ҳомид ибни Ҳизр** мебошад, ки дар таърих бо номи **Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ** машҳур гаштааст. Зодгоҳи ӯ шаҳри Хуҷанд мебошад. Аммо соли таваллудаш маълум нест. Сарчашмаҳо ёд мекунанд, ки Абӯмаҳмуд дар асри X ба дунё омада, давраи камолёбию охири умрашро дар шаҳрҳои Бағдоду Рай гузаронидааст. Азбаски ӯ тахминан дар охири асри X аз олам даргузарад, давраи камолёбии эҷодиёташ ба замони ҳукмронии Мансур ва Нӯҳи Сомонӣ рост меояд. Аз сабаби он ки дар аҳди амирии онҳо давлати овозадори Сомонӣ рӯ ба таназзул мениҳад, мумкин аст, ки аз ҳамин сабаб Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ Бухоро, Самарқанду Марвро тарк намуда, роҳи Бағдодро пеш гирифта бошад. Зеро пойтахти хилофат нисбати Хуросону Мова-

роуннаҳр мулки ободу ватани озод буд. Ҳамин тинҷиву оромӣ Абӯмаҳмудро ба он ҷо овард.

Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ қисми кулли эҷодиёти хешро ба ихтироъ намудани асбобҳои ситорашиносӣ бахшидааст. Аз ин рӯ ихтирои секстант (суде) ва устурлоб ба ӯ тааллуқ дорад.

Абӯрайҳони Берунӣ дар асари хеш «Китобу таҳдиди ниҳоёт-ил-масокин» («Геодезия») навиштааст, ки тадқиқотҳои Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ дар устурлобу дигар олоти расадӣ ягонаанд. Ӯ баробари ситорашиносӣ, инчунин оиди математика низ асарҳои зиёде таълиф намудааст. Аммо ба мурури замона асарҳои математикии вай то мо омада нарасидаанд. Асарҳои доир ба ситорашиносӣ эҷод кардааш каму беш боқӣ мондаанд. Аз осори ӯ «Фӣ иъмол-ил-олот ил-омма» («Тарзи истифодаи асбобҳои умумии ситорашиносӣ») боқӣ мондааст, ки нусхааш дар китобхонаи Оксфорд маҳфуз аст. Инчунин китобҳои дигари вай «Рисола фӣ-тасҳеҳ-ил-майл ва арз-ил-балад» («Рисола дар тасхеҳи майл ва арзи кишвар») дар ганҷинаи Бейрут ва «Қонун-ул-ҳайъа» дар Қоҳира мебошанд.

Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ бо эҷод намудани асбобҳои ситорашиносӣ номи хешро дар илми ҷаҳонӣ ҷовид сохт. Секстанти ӯ бо номи Секстанти Фахрӣ машҳур аст. Асбобҳои сохтаи вай дар расадхонаҳои олам—Мароға (асри XIII), Самарқанд, (асри XУ), Ҷайпур (асри XУII) ва ғайра гузошта шудаанд. Олимони баъдина ба асбобҳои вай баҳои ҳақиқӣ додаанд. Аз ҷумла Ҷамшеди Кошонӣ (асри XУ) дар «Рисола дар шарҳи олоти расадӣ» ва Бирҷандӣ (асри XУI) дар «Шарҳи бист боби устурлоби Тӯсӣ» ном асарҳояшон ба Секстанти Фахрии Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ баҳои баланд додаанд.

Хоразм низ мактаби асосии тарбияи ҳисобдонону ситорашиносон ба шумор мерафт. Дар замони Сомониён овозаи ин шаҳр хеле боло рафта буд. Дар ин ҷо яке аз ҳамзамонони Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ **Абӯнасри Мансур** умр ба сар бурдааст. Сарчашмаҳо ӯро чун устоди аввалини Абӯрайҳони Берунӣ ёд мекунанд. Ба қалами Мансур асарҳои зиёди математикию ситорашиносӣ тааллуқ доранд. Шоир, олим ва мутафаккири забардасти тоҷику форс Умари Хайём **Абӯнасри Мансурро** риёзидони бузурги замонаш номидааст. Аз гуфтаи Берунӣ ва Хайём бармеояд, ки Абӯнаср дар Хоразм соҳиби мактаби махсус буда, беҳтарин нобиғаҳои илму фарҳанг, аз қабили Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯсаҳли Масеҳӣ, Абулхайри Хаммор ва дигаронро ҷамъ намуда, ба онҳо ҳамкорӣ намудааст. Вай ба илмҳои ҳисоб (тригонометрия, алгебра), ситорашиносӣ асарҳои зиёде бахшидааст. «Алмачастӣ аш-шоҳӣ» («Алмачастии шоҳӣ»), «Рисола фил-устурлоб» («Китоб доир ба устурлоб») аз қабили асарҳои ҷовидонаи Абӯнаср Мансури Хо-

размӣ мебошанд. Ӯ инчунин асарҳои олимони Юнони қадимро ба забони тоҷикӣ шарҳ додааст.

Таъсири мактаби математикию ситорашиносии Хоразм ба шаҳрҳои дигар калон буд. Дар замони Сомониён чун **Абӯнасри Мансур**, инчунин **Абӯсаиди Санҷурӣ, Абӯсаиди Сиҷзӣ** (951—1024) ном баровварда буданд. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуҷалил машҳур бо номи **Абӯсаиди Санҷурӣ** ситорашиносу ҳисобдони асри X ба шумор меравад. Оиди коинот ва илми ҳисоб асарҳои зиёде эҷод намудааст. Машҳуртарини онҳо «Ҷомеаи шоҳӣ», «Таҳсил-ул-кавонин» («Тартиб додани қонунҳо»), «Зоиҷот ул-кавониб» («Зиҷи ситораҳо»), «Таҳлили қавонин ил-ҳандаса ал-маҳдуда» («Ба вуҷуд овардани қонунҳои муайяни геометрӣ»), «Китоб фӣ-масоҳат ил-кура» («Китоб дар бораи масоҳати олам») ва ғайра мебошанд.

Аз **Абӯсаиди Сиҷзӣ** то рӯзҳои мо қариб сӣ рисола омада расидааст, ки онҳо дар китобхонаҳои машҳури олам маҳфузанд. Асарҳои ӯ асосан ба илми ситорашиносӣ, геометрия бахшида шудаанд. Онҳо бештар масъалаҳои буриши конусӣ, шаклсозиҳои геометрӣ ва ситораҳоро дарбар мегиранд. Дар байни онҳо «Рисола фӣ васф ил-кутуъ ил-махрутия» («Китоб дар васфи буришҳои конусӣ»), «Китоб таркиб ил-афлок» («Асар роҷеъ ба таркиби фалакҳо»), «Китоб миҷозот ил-кавокиб» («Китоб дар бораи миҷози ситораҳо» ва ғайра асарҳои асосии **Абӯсаиди Сиҷзӣ** (Сиҷистонӣ) ба шумор мераванд. Асарҳои вай дар инкишофи илми ситорашиносию математикаи ҷаҳон ҳиссаи муносиб гузоштанд.

**Забардасттарин риёзиётдони асри X Абулвафо Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Ҷузҷонии Хуросонӣ** (солҳои 940—998) дар соҳаи риёзиёт ва нуҷум якчанд асар эҷод карда, асоси тригонометрияро мегузорад.

Олими машҳури хуросонӣ **Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад ал-Насавӣ** (охири асри X—аввали асри XI) ба забони тоҷикӣ дар соҳаи риёзиёт асарҳо навишта буд.

Дар асрҳои миёна дар қатори илмҳои нуҷум, ҳисоб, кимё, инчунин ба омӯхтани ҷуғрофия бештар диққат дода мешуд. Дар ин ҷо олимони зиёде қувва санҷида, асарҳои безавол эҷод намудаанд.

Олимони Осиёи Миёна дар соҳаи ҷуғрофия низ ҳиссаи бузурге гузоштаанд. Яке аз ҷуғрофҳои асри IX, ки аслан аз Хуросон буд, **Аҳмад ибни Муҳаммад ибни ат-Тайб ас-Сарахсӣ** мебошад. Дар асарҳои ӯ доир ба баҳрҳо, обҳо, кӯҳҳо, роҳҳо, вилоят ва ғайраҳо маълумот дода мешуд.

Асарҳои ҷуғрофии **ал-Марвазӣ** ва **Саҳл ал-Балхӣ** (солҳои **850—934**) низ ҷолиби диққатанд. Асарҳои ал-Балхӣ «Сурати иқлимҳо», «Намуди мамлакатҳо», «Тақсимоти шаҳрҳо» харн-

та ва маълумотномаҳои муҳимро дар бар гирифта, асоси эҷодиёти ҷуғрофҳои арабизабон—Истахрӣ, ибни Ҳавқал ва Муқаддасиро ташкил доданд.

Яке аз олимони машҳури соҳаи фалсафа, мунаҷҷим, ҷуғрофия, ҳимоятгари олимон ва илми ҷуғрофия, вазири бомаърифати давлати Сомониён **Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Наср ал-Ҷайҳонӣ** буд. Вай баробари кори давлатдорӣ, инчунин кӯшиш ба харҷ дода асарҳо низ таълиф намудааст. Ӯ муаллифи «Қитоб-ул-масолик ва л-мамолик» мебошад, ки он то замони мо пурра омада нарасидааст. Танҳо аз рӯи маъхазҳо маълум мешавад, ки вай оиди омӯзиши ҷуғрофияи Мағрибу Машриқ кори зиёдеро ба сомон расонидааст. Ҷайҳонӣ дар асарҳои худ тасвири шаҳрҳо, пойтахтҳо, баҳрҳо, уқёнусҳо, кӯҳҳо, роҳҳо, бешаю биёбонҳо, водиҳо ва ғайраро тасвир намудааст. Хизмати олим дар тадқиқи мардумшиносии ҷаҳон низ калон аст. Инчунин муаллиф тавонистааст, ки дар бораи олами набототу ҳайвоноти ҷаҳон маълумотҳои нодир диҳад.

Замони Сомониён даврaи болоравии илмҳои табиатшиносӣ мебошад. Бисёре аз олимони асрҳои миёна баробари тадқиқи илми кимё, ҷуғрофия, инчунин дар муайян намудани марзҳои давлатҳои ҷаҳонӣ саҳми муносиб мегузоштанд. Яке аз онҳо ибни **Русто ё Аҳмад ибни Умари Исфаҳонӣ** ба шумор меравад, ки дар аҳди Исмоил (892—907) ва набераааш Насри II (914—943) умр ба сар бурда, оиди ҷуғрофия ва астраномия асарҳо офаридааст. Вай соли 903 ба Ҳиҷоз (Арабистон) сафар намудааст. Ӯ доир ба космография асари бисёрҷилда эҷод кардааст. То рӯзҳои мо танҳо ҷилди ҳафтуми мунтахаботи вай таҳти унвони «Қитоб ул-аълоқ ин-нафиса» («Ороиши нафиса»), ки соли 943 таълиф шудааст, дастрас мебошад. Ибни Русто дар асари хеш анъанаҳои астрономию мантиқии ҷуғрофҳои асрҳои IX—X ибни Хурдодбеҳ, ал-Фарғонӣ, Абӯмаъшари Балхӣ ва дигаронро давом додааст. Муаллиф бештар ба шарҳи таърихию ҷуғрофӣ, мардумшиносӣ, тиҷорат ва инкишофи иқтисодиёти халқҳои Эрон, Осиёи Миёна, Миср, Арабистони Ҷанубӣ, Байнаннаҳрайн, Ҳиндустон, Туркия, мамлакатҳои онвақтаи соҳили рӯди Волга, Урал, Олтой ва ғайра диққати хоса додааст. Аз асарҳои ӯ оиди давлатдории оли Сомон низ маълумотҳоро дарёфтан мумкин аст.

Дар омӯзиши илму фарҳанги тоҷику форс, инчунин саҳми олимони мамлакатҳои бегона низ калон мебошад. Дар ин ҷода хизмати Аҳмад ибни Аббос ибни Рашид ибни Ҳаммад, ки бо номи **Аҳмади Фазлон** машҳур аст, хеле калон мебошад. Вай нависанда ва сайёҳи охири асри IX ва ибтидои асри X араб ба шумор меравад. Ӯ муаллифи «Саёҳатнома» мебошад, ки дар рафти солҳои 921—922 дар ҳайати сафорати дипломатии ха-

лифи Аббосиён Муктадир (908—932) ба давлати Булғори соҳили руди Волга сафар кардааст. Ин сафорат ба воситаи ҳокки давлати Сомониён созмон ёфта буд. Сафорат, ки Аҳмади Фазлон иштирокчӣ ва котиби он ба шумор мерафт, 21 июни соли 921 аз Бағдод ба роҳ баромада, 12 маи соли 922 ба мулки Булғор расида буд. Мо оиди он дар бобҳои гузашта ёдовар шудем. Мувофиқи «Сафарнома»-и Аҳмади Фазлон сайёҳон аз шаҳрҳои Эрону Мовароуннаҳр (Ҳамадон, Рай, Нишопур, Марв, Бухоро, Самарқанд ва ғайра) гузаштаанд. Аҳмади Фазлон моҳи сентябри соли 921 дар Бухоро шуда, баробари ошноӣ бо шаҳр, инчунин бо шахсони масъулу маъмур вохӯриҳо низ гузаронидааст. Худи ӯ бо вазири дарбори Сомониён, олими машҳури ҷуғрофи тоҷик Ҷайҳонӣ мулоқот намудааст. Аҳмади Фазлон дар ҷамъбасти сафарҳои хеш «Рисола» ё «Сайёҳатнома» навиштааст, ки он ба забони бисёр халқҳои ҷаҳон тарҷума ва табъу нашр гаштааст.

Яке аз сарчашмаҳои нотакрор оиди омӯзиши марзҳои мулки тоҷик—китоби муаллифи номаълуми асри X «Ҳудуд-ул-олам» мебошад. Зеро ин асар дар таърихи тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ мақоми хосае дорад. Ҳарчанд, ки муаллифи асар номаълум аст, аммо замони навишта гаштани он ба солҳои охири ҳукмронии намояндагони оли Сомон рост меояд. Он дар солҳои 982—983, яъне дар замони сари қудрат будани Мансур бини Нӯҳ (976—997) таълиф шудааст.

«Ҳудуд-ул-олам» чун асари бебаҳо дар равшан сохтани тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти халқи тоҷик хизмати босазое намудааст. Муҳаққиқ ҳангоми таҳлили он оиди паҳлӯҳои мухталифи ҳаёти моддӣ, маънавӣ, кишоварзӣ, ҳунармандӣ, косибчигӣ, муомилоти молию пулӣ, тиҷорат, инкишофи шаҳру ноҳия, вилояту кишварҳо, боигариҳои зеризаминию кишоварзӣ ва ғайра маълумотҳои гаронбаҳо медиҳад.

«Ҳудуд-ул-олам» барои забоншиносон низ маъхази бебаҳост. Дар он забони насрии асри X тоҷик таҷассум ёфтааст. Ин китоб на танҳо чун дастури муфид барои муаррихон, бостоншиносон, ҷуғрофон, балки барои пажӯҳишгарони дигар соҳаҳои илм низ хизмат кардааст ва хоҳад намуд. Онро бодӯ ҳавасмандон, кӯҳканҳо низ баҳри омӯхтани касби хеш чун сарчашма истифода мебаранд.

«Ҳудуд-ул-олам» барои кӯҳканҳо дастури муфид аст. Муаллиф кӯшиш намуда, марказҳои асосии маъданҳои мухталифро номбар намудааст. Ғайр аз ин дар бораи иқлим ва марказҳои обҳои маъданини курраи башар низ маълумотҳо зиёданд.

Таҳлили асар нишон медиҳад, ки муаллифи он тамоми мамлакатҳоро сайр намуда, сипас ба навиштани китоб камар баста-

аст. Зеро дар он онди мардумшиносӣ ва таърихи ҷаҳон низ сухан меравад.

Харчанд, ки аз таълифи «Худуд-ул-олам» бештар аз ҳазор сол сипарӣ гаштааст, то имрӯз он аҳамияти хешро гум накардааст. Он чун китоби рӯимизии муҳаққиқони илмҳои мухталиф хизмат мекунад.

Машҳуртарин ҷуғрофи асри X тоҷику форс **Абӯисҳоқ Истахрӣ** ба шумор меравад. Сарчашмаҳо тахмин мекунанд, ки ӯ соли 849 дар шаҳри овозадори Эрон—Истахр ба дунё омадааст. Баъди бакамолрасӣ ба сайёҳати мулкҳои мухталиф баромадааст. Аз рӯи асари машҳури ӯ «Китоб-ул-масолик ва-л-мамолик» маълум мешавад, ки Абӯисҳоқ ба кишварҳои шарқи наздику миёна, аз ҷумла Хуросон, Форс, Мовароуннаҳр, нимҷазираи Арабистон, Сурия, Миср ва ғайра сафар кардааст. Дар айёми камолоти илмӣ, дар рафти солҳои 930—933 асари ёдоваршударо ба қалам додааст. Вай мамлакатҳои Шарқи исломиро дида, онҳоро ба бист минтақа тақсим намудааст. Муаллиф ба ҷуғрофияи Мовароуннаҳр бештар диққат медиҳад. Вай ба ҳаёти Суғд, Хоразм, Хатлон, Фарғона, Истаравшан ва Бадахшон баҳои хоса додааст. Истахрӣ ба ҳолати тиҷорат, хоҷагӣ, бинокории шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Ӯш, Хулбуқ Мунк, Тирмиз, Қабодиён, Чағониён ва ғайра баҳо дода, дар қатори онҳо зиёда аз 120 маҳаллаи аҳолинишинро ба забон меорад. Вай қайд менамояд, ки Мовароуннаҳр сераҳолитарин қарияи олам ба шумор мерафтааст. Аз ин рӯ Истахрӣ ба сарчашмаҳо такя намуда менависад, ки дар замони Нӯҳ бини Асади Сомонӣ (818—842) дар Мовароуннаҳр сесад ҳазор қария будааст.

Абӯисҳоқи Истахрӣ дар бораи маркази Мовароуннаҳр будани Самарқанд дахл намуда, дар қисми аввали асари хеш ба он баҳои хоса додааст. Вай Самарқанду Бухороро чун шаҳрҳои пурфайзу неъмат ва мардумони пурсаховат тасвир кардааст.

Дар фуроварди сухан ҳаминро бояд хотирнишон сохт, ки илми тоҷик дар асрҳои IX—X ба туфайли давлати Сомониён дар ҷаҳон овозадор шуд. Олимони забардасти тоҷику форс дар давлатҳои гуногун шуда, ганҷинаи маданияти ҷаҳонро бо асарҳои нодири хеш боз ҳам бойтар намуданд. Онҳо дар баробари таърих, фалсафа, мантиқ, адабиёт, инчунин дар кашфи алҷабр, кимё, табиат, тиб, астрономия ва ғайра саҳми муносиб гузоштанд. Харчанд, ки замона тираву тор буд, шоҳҳони золим муҳаққиқонро таъқиб мекарданд, вале ба ин нигоҳ накарда илми асримиёнагии тоҷику форс ба дараҷаи хеле баланд пеш рафт. Ташаккули мактаби илмӣ шароит фароҳам овард, ки риштаҳои дӯстии тоҷикон бо мардуми Шарқу Ғарб боз ҳам мустаҳкам пайваст гардад.

# БОБИ 11

## ТАШАККУЛИ АДАБИЕТИ ТОҶИК

### § 1. Адабиёти то Рӯдакӣ

Дар атрофи масъалаи ба кӣ тааллуқ доштани назми классикӣ баҳсу мунозираҳо давом дорад. Сарчашмаҳои таърихӣ ёдовар мешаванд, ки устоди аввалини каломи бадеъ мардуми тоҷику форс ба шумор меравад. Аксари кулли сарчашмаҳо дар он ақидаанд, ки нахустин суханҳои назмӣ ба Баҳроми Гӯр (яке аз шоҳони сулолаи Сосониён аст, ки соли 438 вафот кардааст) тааллуқ дорад. Аввалин гуфтаи Баҳром чунин аст:

Манам он пили замону он шери яла,

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .

Баъди он ки давлатҳои мустақил қувват гирифтанд, он гоҳ равнақи назму наср ва илм сар шуд. Дар замони истилои араб бармакиёни озодфикр илҳомбахш ва ташкилотчии он гаштанд. Баъди онҳо оли Сомон ба рушду нумӯъ сар кард, сипас Бухоро, Самарқанд, Нишопур, Балх, Ӯрганч, Ҳирот, Тирмиз ва ғайра ба марказҳои маърифат табдил ёфта, дар роҳи ташаккули илму фарҳанги асримиёнагии тоҷик саҳмгузор шуданд.

Маъхазҳо ба мавқеи китобхонаи давлати Сомониён дар болоравии илму адаб баҳои баланд медиҳанд. Зеро ин китобхона ҳамчун маркази муҳими сарчамъ намудани олимону мутафаккирон баромад кард. Он чун гирдоварандаи ганҷинаҳои бои маданияти қадима ба шумор мерафт.

Маҳз ҳамин махзани дониш, ки дар шаҳрҳои номбурда шӯъбаҳо дошт, шароит фароҳам овард, ки намунаҳои назму насри қадима ва чакидаҳои илмии муҳаққиқон дастраси умум гардад.

Дар асрҳои УIII—IX дар пешрафти адабиёти форсу тоҷик

дигаргуниҳо назаррас буданд. Пеш аз ҳама адабиёти даҳонии халқ инкишоф ёфт. Ба адабиёти қадимаи мардуми ориёнажод асарҳои «Корномаи Ардашери Попакон», «Достони Баҳроми Гӯр», «Пандномаи Бузургмеҳри Бахтакон» ва ғайра дохил мешаванд. Дар ин давра асарҳои зиёде аз забони паҳлавӣ ба дарӣ гардонида шуданд. Яке аз онҳо «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ ба шумор меравад. Чунон, ки таърих исбот менамояд, далелҳои ҳақиқии онро Дақиқию Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-ҳои хеш истифода бурдаанд.

Арабҳо дар баробари одамкушӣ, инчунин шаҳрҳои қадимаро хароб сохтаанд. Бо дасти онҳо шаҳрҳои Варахша, Бухоро, Самарқанд, Панҷакент, Бунҷекат (Шаҳристон) ва ғайра оташ зада шуданд. Шоири нимаи дуюми асри VIII тоҷик Абуляибағи Аббос ибни Тархон аз харобаҳои пойтахти аввалини тоҷикон — Самарқанд чунин шикоят кардааст:

Самарқанд — қандманд,
Ба зинат кӣ афканд?
Аз Чоч та беҳӣ,
Ҳамеша та хаҳӣ.

Ба забони имрӯзаи мо он чунин маъно дорад:

Самарқанди ободон,
Кӣ туро бад-ин ҳол афканд?
Ту аз Чоч беҳтарӣ,
Ҳамеша ту хубӣ.

Дар замони истилои арабҳо шоироне зиёди тоҷик буданд, ки ба забони суғдӣ шеърҳо эҷод намудаанд. Аммо замона имконият надод, ки эҷодиёти онҳо рӯи об баромада, то рӯзҳои мо омада расад.

Бо вуҷуди ин зулму истибдоди мустамликадорон пеши роҳи инкишофу ташаккулёбии шеъри классикии тоҷикро боз доштa натавонист. Пайваста бо рафти замона дӯстдорони шеъру шоирӣ асарҳо эҷод мекарданд, ки онҳо аз забони арабӣ хеле дур буданд. Ханзалаи Бодғисӣ аз ҷумлаи онҳо мебошад. Ӯ яке аз шоирони машҳури тоҷику форсизабони нимаи якуми асри IX буд. Ба эҷодиёти вай Низомии Арӯзии Самарқандӣ баҳо додааст. Аз ӯ то мо танҳо 8 мисраъ боқӣ мондаасту халос. Вай дар яке аз шеърҳои ошиқонааш дар бораи ёр чунин гуфтааст:

Ёрам сипанд агар чи ба оташ ҳаме фиганд,
Аз баҳри чашм то нарасад мар варо газанд.

Ӯро сипанду оташ и-ояд-ҳаме бакор,
Бо рӯи ҳамчу оташу бо холи чу сипанд.

Маҳмуди Варроқ низ ҳамзамони Ҳанзала мебошад. Зодгоҳаш шаҳри Ҳирот аст. Аммо соли таваллудаш маълум нест. Сарчашмаҳо ҳидоят мекунанд, ки ӯ тахминан дар солҳои 835—836 аз олам даргузаштааст. Аз ӯ чор мисраъ ба мо ёдгор мондааст:

Нигорино, ба накди ҷон-т надҳам,
Гароний, дар баҳо арзон-т надҳам,
Гирифтастам ба ҷон домони васлат,
Ниҳам ҷон аз кафу домон-т надҳам.

Ҳокимияти амирони саффорӣ он қадар тӯлонӣ набуд. Бо вуҷуди ин Яъқубу Амр дар дили мардум маскан пайдо намуданд. Аз ин рӯ бисёр шоирон ба подшоҳони ин хонадон шеъру қасидаҳои хешро бахшидаанд. Яке аз онҳо Муҳаммад бини Васиф мебошад, ки ӯро сарчашмаҳо чун яке аз асосгузорони шеъри калссикии тоҷику форс ёд мекунанд. Соли таваллуд ва вафоти Муҳаммад бини Васиф маълум нест. Аммо муаллифи «Таърихи Систон» дар бораи ӯ маълумт дода, қайд менамояд, ки вай дар дарбори Яъқуб бини Лайс ба вазифаи дабирӣ маъмури хизмат мекардааст. Вақто ки Яъқуб дар ҷангҳои зидди хилофат зафарҳо мекунад, он гоҳ Васиф аз он рӯҳбаланд шуда, шеъри зерини хешро ба ӯ мебахшад:

Эй амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом,
Бандаву чокару мавлою сагбанду ғулом.
Азалӣ хатте дар лавҳ, ки мулке бидиҳед,
Ба Абӣ Юсуфи Яъқуб бин-ул-Лайс Ҳумом.
Ба латом омад Занбилу лате хӯрда ба линг,
Латара шуд лашкари Занбилу ҳабо гашт куном,
«Лимон-ул-мулк» биканди ту, амиро ба якин,
Бо «қалил-ул-фиат» к-ат зод дар он лашкар ком.
Амири Аммор туро хос в-аз-ӯ гашт барӣ,
Теғи ту кард миёнҷӣ ба миёни далу дом.
Амири ӯ назди ту омад, ки ту чун Нӯҳ бизӣ,
Дар окор тани ӯ сари ӯ боби таом.

Ғазалсарои дигари замони Саффориён Бассоми Курд мебошад. Зодгоҳ ва соли таваллуду вафоти ӯ маълум нест. Сарчашманавнсон, аз ҷумла муаллифи «Таърихи Систон» қайд менамояд, ки вай ҳамасри Муҳаммад Васиф буда, дар дарбори оли Саффор умр ба сар бурдааст. Аз ин рӯ Бассом шеъри худро ба подшоҳони ин хонадон бахшидааст:

Ҳар ки набуд ӯ ба дил муттаҳам,
Бар асари даъвати ту кард наам.
Амр зи Аммор бад-он шуд барӣ,
Қ-ӯй хилоф овард то лоҷарам.
Дид бало бар тану бар ҷони хеш,
Гашт ба олам тани ӯ дар алам.
Макка ҳарам кард арабро худой,
Аҳли туро кард ҳарам дар Аҷам.
Ҳар ки дар омад ҳама боқӣ шуданд,
Боз фано шуд, ки надид ин ҳарам.

Муҳаммад бини Мухаллад яке аз шоирони асри IX ба шумор меравад. Вай ба Муҳаммад бини Васиф пайравӣ намудааст. Аз рӯи порчаҳои то ба мо расидаи шеъраш маълум мегардад, ки ӯ шеърнависиро дар дарбори Саффориён сар кардааст. Ба ин мисраъҳои зерин шаҳодат медиҳанд:

Ҷуз ту назод Ҳавво ва Олам накишт,
Шир ниҳодӣ ба дилу бар маништ.
Мӯъҷизи пайғамбари Маккӣ туӣ,
Ба кунишу ба манишу ба ғавишт.
Фахр кунад Аммор рӯзи бузург,
Қ-ӯ ҳамонам ман, ки Яъқуб кишт.

Дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» дар қатори дигар шоирон Хаким Абӯ Ҳафси Суғдӣ низ ёд карда шудааст. Як қисми сарчашмаҳо ӯро давомдиҳандаи назми Баҳроми Гӯр ёд кардаанд. Қисми дигаре дар он ақидаанд, ки Абӯ Ҳафс эҷодиёти хешро ба забони модариаш—суғдӣ сар кардааст. Гӯё ӯ таввалидгари аввалини шеъри суғдӣ бошад. Аммо пажуҳишгари машҳури адабиёти замони Рӯдакӣ Саид Нафисӣ гуфтаҳои сарчашмаҳоро, ки Абӯ Ҳафс дар асрҳои VII—IX умр ба сар бурдааст, рад намуда, исбот менамояд, ки ҳаёти вай дар охири асри X ва ибтидои асри XI сипарӣ гаштааст. Муҳаққиқ асарҳои шоирро бо номҳои «Рисолаи Абӯ Ҳафс» ё «Фарҳанги Абӯ Ҳафс» ва ё «Нусхаи Абӯ Ҳафс» ёд кардааст. Аммо эҷодиёти ӯ ва тадқиқотҳои дигар собит менамоянд, ки Абӯ Ҳафс дар охири асри IX ва аввали асри X зиндагӣ намуда, аз эҷодиёти доманадори вай то мо танҳо ду байт расидааст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чи гуна давадо,
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна равадо.

* * *

Бӯсу назарам ҷамол бошад бо ёр,
Ин фатво (ман) гирифтаам аз гургар.

Замони Сомониёну Саффориён даврани болоравии шеъру шоирӣ буд. Дар дарбори Саффориён бештар шоироне зиндагӣ кардаанд, ки онҳо зафару корномаҳои шоҳонро тараннум менамуданд. Яке аз онҳо Фирӯзи Машриқӣ мебошад, ки дар охири асри IX (896—897) аз олам даргузаштааст. Мисли дигарон аз эҷодиёти вай то рӯзҳои мо хеле кам омада расидааст. Мумкин аст, ки эҷодиёти Фирӯз хеле доманадор бошад. Аммо ба мурури замон то мо ҳамагӣ ҳашт мисраъи ӯ расидааст:

Мурғест хаданг, эй аҷаб, дидӣ,
Мурғе ки шикори ӯ ҳама ҷоно.
Дода пари хеш каргасаш ҳадя,
То на бачааш барад ба меҳмоно.

Абӯ Салики Гурғонӣ дар замони ҳукмронии Амр бини Лайс (879—900) умр ба сар бурдааст. Ӯ яке аз шоирони тоҷику форси охири асри IX ва аввали асри X мебошад. Дар қатори тараннуми муборизаи шоҳон барои истиқлолият, инчунин Абӯ Саликӣ панду ҳикмат низ гуфтааст:

Хуни худро гар бирезӣ бар замин,
Беҳ, ки оби рӯй резӣ дар канор.
Бутпарастидан беҳ аз мардумпараст,
Панд гиру кор банду гӯш дор!

Масъудии Марвазӣ яке аз шоирони маснавинависи тоҷик аст. Вай маснавие навишта, дар он таърихи қадимаи халқҳои эронинажодро то аҳди Сомониён ба назм даровардааст.

Нахустин Қаюмарс омад ба шоҳӣ,
Гирифташ ба гетӣ—даруи подшоҳӣ,

* * *

Сипарӣ шуд нишони Хусравоно,
Ки номи хеш ронданд дар ҷаҳоно.

Аз тарафи арабҳо истило шудани Хуросону Мовароуннаҳр дар болоравии ҳаёти илмию маданиии ин сарзаминҳо таъсири манфии хешро расонд. Бисёре аз истеъдодмандон ба пинҳонкорӣ гузаштанд. Зеро мустамликадорон дар ибтидои забткориҳои хеш ба ваҳшиёнати рӯйрост даст зада, пеши роҳи озодфикронро гирифта, ҳатто забони онҳоро манъ намуданд. Аммо ин таъқибкориҳо пеши роҳи эҷодкоронро нагирифт. Қисме аз онҳо ба пинҳонкорӣ, гурӯҳе ба муросокорӣ рафта, дар боло-

равии илму адаби асри IX тоҷик саҳми муносиб гузоштанд. Яке аз онҳо шоир Абулаббоси Марвазӣ мебошад, ки дар зинда нигоҳ доштани забони адабии тоҷик саҳмаш муносиб буд. Муаллифи китоби «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» Ризоқулихони Ҳидоят Абулаббоси Марвазиро чун шоири дуюми форсзабони замони арабҳо нишон додааст. А. Марвазӣ чун яке аз наҷотдиҳандагони забони модарӣ хизмат намудааст. Сарчашмаҳо ёдовар шуданд, ки ӯ ҳангоми дар соли 809 ба шаҳри Марв омадани халифа Абулаббос Абдуллоҳ Маъмун (786—833) ба вай наздикӣ пайдо намуда, ба васфаш шеърҳо бахшидааст.

Харчанд ки Абулаббоси Марвазӣ шоири пурмаҳсули замони хеш башумор мерафт, аммо то мо эҷодиёти пурраи вай нарасидааст. Ба мурури замон чор байти зеринаш омада расидаасту бас:

Эй расонида ба давлат фарқи худ бар Фарқадайн!
Густаронида ба фазлу ҷуд дар олам ядайн.
Мар хилофатро ту шоиста, чу мардум дидаро,
Дини яздонро ту боиста, чу рӯҳро ҳар ду айн,

Кас бад-ин минвол пеш аз ман чунин шеър нагуфт,
Мар забони порсиро ҳаст то ин навъ байн!
Лек аз он гуфтам ман ин мидҳат туро, то ин луғат,
Гирад аз мадҳу санои ҳазрати ту зебу зайн.

Рабанҷании Бухорой яке аз шоирони овозадори ибтидои асри X ба шумор меравад. Низомии Арӯзии Самарқандӣ вайро дар қатори аввалин шоирони дарбори Сомониён ном бурдааст. Сарчашмаҳо ӯро чун яке аз наздикони Рӯдакӣ мешуморанд. Вай эҷодиёти бой дошт. Вале то замони мо аз шеърҳои Рабанҷанӣ ҳамагӣ 12 мисраъ омада расидаасту халос. Ба он марсияи ба марги Насри II бахшидаи ӯ шаҳодат медиҳад.

Подшоҳе гузашт хубнажод,
Подшоҳе нишаст фаррухзод.
З-он гузашта замониён ғамгин,
З-ин нишаста ҷаҳониён дилшод.
Бингар анкун ба чашми ақлу бигӯ!
Ҳарчи бармо зи эзид омад, дод.
Гар чароғе зи пеши мо бардошт,
Боз шамъе ба ҷон ӯ бинҳод.
В-ар зуҳал наҳси хеш пайдо кард,
Муштарӣ низ доди хеш бидод.

Ҳамин тавр эҷодкорони назми асрҳои VIII—IX барои Рӯдакиву ҳамзамононаш илҳомбахш гашта, дар роҳи ба пояи баланд расидани назми классикии асри X таҳкурсии мустаҳкам гузоштанд.

## § 2. Адабиёти асри X

Асри X дар таърихи классикии халқи тоҷик бо хатти заррин сабт шудааст. Зеро ин аср замони ташаккулёбии давлати устувору халқияти тоҷик, ривоҷи иқтисодиёту кишоварзӣ, тиҷорату маданият ба шумор мерафт. Маҳз дар ҳамин давра адабиёти классикии тоҷик ба пояи баланди худ баромад. Ба туфайли адибону олимони ҳамин давра номи тоҷик дар замири ҷаҳониён маскан пайдо намуд. Илму адабиёти классикии мо дӯстию ҳамкории мардуми тоҷику эрониро, ки аз як сарчашма баромадаанд, боз ҳам қавитар сохт. Адабиёти баъди асри X тоҷику эронӣ бо ҳам омезиш карда, назму насри ягонаро ташаккул дода, бо жанрҳои нав онро бой гардониданд.

Аксари кулли амирони Сомонӣ шахсони бомаърифат буданд. Онҳо кӯшиш менамуданд, ки ба дарбор беҳтарин олимон, шоирон, насрнависони замонро ҷамъ намоянд. Худашон чун ташаббускорони маҷлису хонишҳои илмию адабии дарбор баромад мекарданд. «Онҳо (амирони Сомонӣ—А. М.),—ёд кардааст Муқаддасӣ,—аз байни шоҳон феълан, зоҳиран ва боэҳтиром нисбат ба илму уламо беҳтаринанд... Онҳо аҳли илмро маҷбур намесохтанд, ки замин бӯсанд, тамоми моҳи рамазон ҳар бегоҳ дар ҳузури подшоҳ маҳфил ороста мешуд. Мубоҳисаро вай (амир) бо масъалае оғоз мекард, ҳозирон дар атрофи он масъала гуфтугузор мекарданд». Шоирон шеър мехонанду олимон аз навигариҳои илму фарҳанг ҳарф мезаданд. Ин гуфтаҳо бори дигар тасдиқ мекунанд, ки амирони Сомонӣ ба равнақи илму алаб аҳамияти аввалиндараҷа медоданд. Онҳо аз фозилон дарси адабу адолатпарастиро меомӯхтанд. Бо ин кор дар пешрафти адабиёти классикӣ ҳиссаи муносиби хешро гузоштанд.

Дар ташаккули шеъру шоирии тоҷик таъсири муҳити Бухоро хеле бузург буд. Баъди он ки Бухоро пойтахти дуюми тоҷикон шуд (соли 892) беҳтарин суханварон, мунаҷҷимон, олимон, табибон дар ин шаҳр гирд омаданд. Дар зери таъсири онон подшоҳон, вазирон, мирзоён, ҳокимони маҳалҳо ва фарзандони онҳо ба илму адабиёт бештар рӯ оварданд. Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки дар асри X дар дарбори Сомониён олимону адибони зиёди тоҷикзабону арабизабон гирд омада буданд. Аз ҷумла тазкиранавис Абӯмансур Абӯмалиқ ибни Муҳаммад ибни Исмоил ас-Саолабӣ (солҳои 961—1038) дар асари хеш «Ятимат-уд-даҳр» оиди доираи адабии асри X ва ибтидои асри XI

маълумот додааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар замони Сомониён 119 шоир дар Мовароуннаҳру Хуросон асар эҷод кардаанд. Аз ҷумлаи онҳо, чор нафар амирон, ҳашт нафар вазирон, 28 нафар мирзоён, ҳокимон, қозиён ва 31 нафар заминдорони калон буданд.

Сабаби асосии ба илму адаб рӯ овардани амалдоронро дар он мебинем, ки дар пойтахт барои илмомӯзӣ шароити хеле хуб муҳайё буд. Китобхонаи бузурги Сомониён «Савонеҳ-ул- ҳикмат» (Хазинаи илму маърифат) барои табақаҳои болои ҷамъият хизмат мекард. Адабиёти нодири ин китобхона танҳо барои одамони бонуфуз дастрас буд. Абӯалӣ ибни Сино, ки табиби номӣ ва фарзанди шахси доро ба шумор мерафт, даставвал ба ин хазинаи дониш роҳ наёфт. Баъди табобати подшоҳ ба ӯ рухсат доданд, ки дар китобхона илм омӯзад. Абӯалӣ ибни Сино дар тарҷимаи ҳоли хеш дар ин китобхона буданашро чунин ёдовар шудааст: «Ман ба иморате дохил шудам, ки хонаҳои зиёде дошт. Дар ҳар як хона сандуқҳои пур аз китобро бар болои якдигар ниҳода буданд. Дар як хона китобҳои арабӣ ва девонҳои шуаро ва дар хонаи дигар китобҳои дин ва фиқҳ ва ҳамчунон дар ҳар хона шомили китобҳо дар соҳае буд. Ман феҳрасти китобҳои муаллифони қадимро хостор шудам ва он китобҳо, ки ниёзманди онҳо будам хостам ва онҷо китобҳое дидам, ки ҳатто, номи он бар бисёр касон маҷҳул (номаълум) буд ва аз он пас чунин ҷамъомади китобҳоро дар ҳеҷ ҷой надидаам». Дар ҳақиқат нодиртарину ноёфттарин адабиёти ҷаҳонӣ дар китобхонаи Сомониён маҳфуз буд. Аз ин рӯ китобҳо бештар диққати аҳли қаламро ба худ ҷалб менамуд.

Асри X дар таърихи адабиёти тоҷик чӣ аз ҷиҳати миқдори шоирон ва чӣ аз ҷиҳати сифати асарҳои манзум мавқеъ ва мақоми махсусеро ишғол менамояд. Шароити мувофиқи сиёсӣ-иқтисодӣ дар давраи таърихӣ барои гул-гулшукуфии адабиёти тоҷик имкониятҳои бузурге фароҳам овард. Ғайр аз ин бисёр ҳокимону вазирон ба монанди Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ, Амир Абулмузаффари Чағонӣ, Ҷайҳонӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абӯалии Балъамӣ, Абӯиброҳим Исмоил (Мунтасир), ки табъи шоирӣ доштанд, дар пешрафти адабиёт ҳиссаи муайяне гузоштанд.

Амирони сомонӣ барои ривоҷу равнақи забон ва адабиёти классикии тоҷик кӯшиш мекарданд. Онҳо шоиронро ба зери ҳимоя гирифта, ба достонсарой, ҷамъ намудани осори қадима ва ба тарҷимаи китобҳо аз забони арабӣ ба забони модарӣ ва умуман таҷлили маданияти гузашта диққати махсус медоданд. Пойтахти Сомониён шаҳри Бухоро ба маркази сиёсӣ, адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ табдил ёфта буд.

Баробари Бухоро, адабиёт дар шаҳрҳои Марв, Балх, Самар-

қанд, Ҳирот, Чоч, Чағониён, Нишопур ва ғайра низ пеш мерафт.

Ташаккули оли Сомон барои васеъшавии доираи адабӣ роҳ кушод. Ҳамин буд, ки дар қатори доираи адабии расмии дарборӣ, инчунин ҷамъомадҳои аҳли қалам дар хонаҳои шоирони овозадор, дар назди масҷиду мадрасаҳо низ сурат мегирифт. Ба доираи адабии расмӣ Маликушшуаро роҳбарӣ мекард. Дар кадом сол таъсис дода шудани вазифаи Маликушшуаро маълум нест. Баъзе аз тазкираҳо ёдовар мешаванд, ки вазифаи Маликушшуаро дар замони Абӯнаср бини Аҳмади Сомонӣ, дар Самарқанд ташкил шуда, дар солҳои ҳукмронии бародараш Исмоил ба Бухоро кӯчида, дар пойтахти дуюми тоҷикон ташаккул ёфта бошад. Давраи Маликушшуарои дарбори Сомониён таъин гаштани Рӯдакӣ низ ба охири асри IX ва аввали асри X тааллуқ дорад.

Дар асарҳои шоирони дарбор ҳодиса ва воқеаҳои сиёсию ҳарбӣ, ишқу муҳаббат, ахлоқ ситоиши амирону хирад, накӯкорӣ, зебоии табиат ва ширинииҳои зиндагӣ сароида мешуданд. Дар эҷодиёти онҳо асосан масъалаҳои ҳаётӣ инъикос меёфтанд. Шаклҳои маъмулии назми асри X тоҷик аз қасида, маснавӣ, ғазал, рубоӣ, китъа ва монанди онҳо иборат буданд.

Дар байни шоирони асри X сардафтари адабиёти тоҷику форс, шоири бузург—устод **Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бини Муҳаммади Рӯдакӣ** ҷои аз ҳама намоёнтарро ишғол менамояд.

Истеъдоди баланди шоирӣ, мусиқанавозӣ ва овози форам Рӯдакиро ҳанӯз дар айёми ҷавониаш машҳур гардонида буданд. Овозаи ӯ то ба дарбори амирони Сомонӣ расид. Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар Муҳаммади Рӯдакӣ соли 858 дар деҳаи Панҷрӯди ноҳияи Панҷакент таваллуд шудааст. Ӯ дар оилаи марди бофазилат ба дунё омада, дар деҳаи хеш соҳиби маълумот гаштааст. Дар байни пажӯҳишгарони таърихи адабиёти тоҷику форс оиди зодгоҳи шоир баҳсу мунозираҳо давом дошт. Аммо ҷавоби ҳақиқиро мо аз муаллифи «Китоб-ул-ансоб»-и Самъонӣ, ки дар Самарқанд зиндагӣ карда, соли 1167 дар он ҷо хок шудааст, гирифта метавонем. Ӯ тасдиқ менамояд, ки мадфани Рӯдакӣ дар қисми шимолии деҳаи Панҷруд ҷойгир будааст.

Дар хусуси давраи бачагӣ ва ҷавонии Рӯдакӣ маълумотҳо хеле каманд. Тазкиранавис Авфӣ (асри XII—XIII) дар китоби худ «Лубоб-ул-албоб» навиштааст, ки Рӯдакӣ истеъдоди модарзод дошта, дар ҷавонӣ «Қуръон»-ро аз ёд намудааст. Ин аз қувваи ҳофизаи баланди ӯ дарак медиҳад.

Рӯдакӣ баробари шеър, инчунин дар суруду мусиқӣ низ овозадор буд. Сарчашмаҳо тахмин мекунанд, ки устоди мусиқии ӯ Абулаббоси Бахтиёр ба шумор меравад. Аз ин рӯ ӯ дар замони ҳукмронии Абӯнаср бини Аҳмади Сомонӣ (864—892)

дар Самарқанд зиндагӣ ва таҳсил карда, соҳиби илму маърифати баланд шудааст. Мумкин аст, ки овозаи истеъдоди баланди шоириву мусиқидонӣ ӯро ба Бухоро оварда бошад. Аз ин ҷост, ки Рӯдакӣ қисми зиёди умрашро дар Бухоро, дар дарбори амир Насри II сипарӣ намудааст.

Давраи ба дарбори Сомониён омадани Рӯдакӣ мумкин аст, ки ба солҳои вазирии Абулфазли Балъамӣ рост ояд. Ҳарчанд ки шӯҳрати ибтидоии ӯ аз Самарқанд оғоз ёфта бошад ҳам, эътирофи умумро ӯ дар Бухоро пайдо кард. Вайро дар Мовароуннаҳру Хуросон, Эрону Аҷам чун Маликушшуарои дарбори Сомониён мешинохтанд. Ба хизмати Сомониён ҷавон омада, пир гаштани ӯ шоҳиди хизмати дурударозаш мебошад.

Рӯдакӣ на танҳо шоири шаҳир, балки донишманди илму фарҳанги замонаш буд. Вай чун мутафаккири забардаст дар қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и худ чунин гуфтааст:

...Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирдгардон аст,
Ҳамеша то бувад, он-ш гирдгардон буд.
Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷои дард шавад,
Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Куҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав буд,
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд.
Басо шикастабиёбон, ки боғи хуррам буд,
Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд...

Дар ин мисраъҳо фикри амиқи диалектикие гуфта шудааст, ки ҳеҷ чиз доимӣ нест, нав кӯҳна мегардад ва кӯҳна сабабгори пайдоиши чизи нав мешавад.

Эҷодиёти Рӯдакӣ хеле доманадор буда, мутаассифона то рӯзҳои мо қисми ками он омада расидааст.

Рӯдакӣ ғайр аз қасида, рубоӣ, ғазал, қитъа, якчанд маснавӣ аз қабили: «Калила ва Димна», «Давронӣ офтоб», «Синдбоднома» барин асарҳо низ навиштааст.

Рӯдакӣ дар асарҳои худ ҳаётдӯстӣ, инсонпарварӣ, зебоиҳои табиат, ақлу хирад, мардонагӣ ва накӯкориро тараннум намудааст.

Дар шароити иҷтимоӣ-сиёсии ҳамон давра Рӯдакӣ хушбахтии инсонро дар аз худ намудани илму маърифат медид. Ӯ боварӣ дошт, ки оқибат ақлу хирад ғалаба мекунанд.

Чӣ хеле ки гуфтем қисми зиёди ҳаёти дарбории Рӯдакӣ ба замони амирии Насри II бини Аҳмад рост меояд. Ӯ дар сафарҳои тӯлонӣ амирро ҳамроҳӣ мекард. Адиби асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола»-и хеш ёдовар шудааст, ки амир Насри II ба саёҳати Марву Ҳирот рафта, зебоӣ ва табиати мафтункунандаи Бодғис ӯро писанд омад.

Аз ин ҷост, ки амир чор соли ҳаёти хешро дар он ҷо сипарӣ намуд. Ин сафари тӯлонии подшоҳ ҳамсафаронашро дилгир месозад. Онҳо аз обрӯ ва нуфузи дар назди амир доштаи Рӯдакӣ истифода бурда, аз вай хоҳиш намудаанд, ки барои ба Бухоро баргаштан подшоҳро розӣ кунад. Рӯдакӣ таклифи дӯстонро пазируфт. Аммо намедонист, ки онро чӣ тавр манзури подшоҳ гардонад. Азбаски вай дар базмҳо ҳаммаслаки амир буд, бинобар ин кӯшиш ба харҷ дод, ки дили ӯро бо назми олӣ тасхир кунад. Бинобар ин ӯ қасидаи «Мадҳи Бухоро»-ро эҷод намуда, онро ба оҳанг даровварда, ба амир хонд:

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омую дуруштиҳои ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун бо ҳама паҳноварӣ,
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу шод зӣ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.

Ин қасидаи баландмазмун амирро писанд омад. Вай бо фароғат онро гӯш карда, сипос ба муаллиф ҷавоби мусбат дод.

Насри II баъди шунидани қасида фавран ихтиёри Бухоро кард.

Рӯдакӣ шоири ҳассос буд. Вай дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт шеъру қасида сароидааст. Сахтгирӣ ва дилсахтиҳои ёри беқарорро ӯ чунин тасвир намудааст:

Омад бари ман—Кӣ?—Ёр—Кай?—Вақти саҳар.
Тарсида зи кӣ?—Зи хасм.—Хасмаш кӣ?—Падар.
Додам-ш ду бӯса.—Бар куҷо?—Бар лаби тар,
Лаб буд?—На.—Чӣ буд?—Ақиқ.—Чун буд?—Чу шакар!

Ишқ дар фаҳмиши Рӯдакӣ на танҳо аз ҳиссиёти динӣ, балки аз ақлу хуши инсонӣ ҳам боло аст. Вай на танҳо баҳри ҳаёти инсонӣ, пайғомбари зебоӣ, балки «худои» ҳусн аст:

Чамани ақлро хазони агар,
Гулшани ишқро баҳор тӯӣ.
Ишқро гар паямбарӣ, лекин
Ҳуснро офаридагор тӯӣ.

Тасвири табиат ва фаслҳои сол дар эҷодиёти шоир мақоми хоса доранд. Ӯ чун рассом табиати зеборо дар шеъраш ифода намулааст:

Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб.
Хуршедро зи абр диҳад рӯй гоҳ-гоҳ
Чунон ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.

Рӯдакӣ шоири ватандӯст ва соҳиби завқи баланди зебой буд. Вай ҳиссиёти бепоёни меҳанпарастии хешро нисбати Бухоро чунин баён кардааст:

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи гулу мушку насими суман ояд.
Ба ҳар зану ҳар мард кучо барвазад он бод,
Гӯй магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.
Не, не, зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеч,
Қ-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд.

Дар эҷодиёти Рӯдакӣ панду ҳикмат ҷои намоёнро ишғол мекунад. Қиммати асосии панду ҳикматҳои ӯ дар он зикр меёбад, ки онҳо бевосита аз ҳаёт гирифта шуда, одамонро ба инсондӯстӣ, меҳнатқарнӣ, омӯхтани таҷрибаи зиндагии пешгузаштагон ҳидоят мекунанд:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Бо илму маърифат будан натиҷаи олии ҳаёти инсонӣ аст. Агар одам аз фарҳанг баҳра бурда бошад, ояндаи нек ӯро интизор мешавад. Оиди ин шоир чунин гуфтааст:

Ҳеч ганче нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Дар талқин ба фарҳангомӯзӣ инчунин Рӯдакӣ таълим медиҳад, ки бояд ҳар як шахс, аз ҷумла ҷавонон дониш омӯзанд. Зеро дониш мушкилкушои ҳамаи роҳҳои зиндагӣ аст. Агар дониш мукаммал бошад, инсон ҳеч гоҳ аз роҳи он бениёз нахоҳад монд.

Оиди гирифтани дониш шоир гуфтааст:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Қас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бохирад андар замон,

Роҳи доништро ба ҳаргуна забон.
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бигоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Рӯдакӣ дар замони болоравии оли Сомон умр ба сар бурд ва шеър эҷод намуд. Ин дудмон ба вай имконият дод, ки ба пояи баландии назми замона барояд. Ӯ маҷбур буд, ки мувофиқи талаби замона қадам занад ва васфу тараннуми давлатдоронро намояд. Азбаски шаъну шарафи ӯ дар дарбори Сомонӣ хеле баланд буд, бинобар ин душманонаш бухл варзида, ӯро маломат менамуданд.

Рӯдакӣ дар замони ҳукмронии Насри II бини Аҳмад ба обрӯ ва нуфузи бузург соҳиб гашт. Вай дар дарбори оли Сомон зиндагӣ карда, хислатҳои инсондӯстӣ, ҳақиқатгӯӣ, ҳимояттгари бенавоён будани хешро аз худ дур накард. Ин хислатҳо ба сифлаҳо, нотавонбинони дарбор, аз ҷумла шоирони беҳунару нодон писанд наомад. Вазифаи Маликушшуароро иҷро кардани ӯ ба Абӯзироаи Ҷурҷонӣ писанд нашуд. Аз ин рӯ баъди як соли аз тахт рафтани дӯсти Рӯдакӣ Абулфазли Балъамӣ (938) ба шоир бӯҳтон зада, ба чашмаш мил кашида, ӯро кӯр карданд. Солҳои охири умр ӯ ба азобу машаққат гирифтор гашт. Вай бо кӯмаки дӯстон баъди аз дарбор ронда шудан ба зодгоҳаш баргашта, солҳои 940 ё 941 дар Панҷруд вафот кард.

Баъди Рӯдакӣ як муддат Абӯзироаи Ҷурҷонӣ вазифаи Маликушшуароро ба ӯҳда дошт. Ӯ нисбат ба Рӯдакӣ душман буд. Аз эҷодиёти бепоёну сарвати доништу иззату икроми ӯ рашк бурда, чунин мисраъҳо ба Рӯдакӣ «тӯҳфа» кардааст:

Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,
Аҷаб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.
Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,
Зи баҳри гетӣ ман кӯр буда натавонам.
Ҳазор як з-он к-ӯ ёфт аз атои мулк,
Ба ман диҳӣ, сухан ояд ҳазор чандонам.

Абӯзироа Рӯдакиро молпараст гуфта, таъна задааст, ки барои боигарӣ шуда ӯ аз чашм маҳрум шуда бошад. Аммо бо вуҷуди дарборро тарк намудани Рӯдакӣ обрӯю эътибори вай дар байни аҳли хонадони подшоҳ ва ёру дӯстон ҷовид монд. Ӯ чун қофиласолори назми классикии тоҷик дар дили ҳазорон дӯстдорони назм маскан гузошт.

Рӯдакӣ бо назми баландпоя номи хешро дар таърих ҷовидон сохт. Вай чун устоди наслҳои оянда абадӣ монд. Ҷумла

шоирони баъди вай ӯро устоди хеш шуморидаанд. Дар ин хусус шоири охири асри X ва ибтидои асри XI Кисоии Марвазӣ чунин гуфтааст:

Рӯдакӣ устоди шоирони ҷаҳон буд,
Садяк аз ӯ туй, Кисой, яргист.

Шоирони дарбори Ғазнавиён Унсурию Фаррухӣ Рӯдакиро устоди ҳақиқии хеш шуморида, дар ҳаққи ӯ чунин байтҳоро ҳадя намудаанд:

Ғазали рӯдакивор некӯ бувад,
Ғазалҳои ман рӯдакивор нест.

* * *

Доим аз мутрибони хеш ба базм,
Ғазали шоирони хеш талаб.
Шоиронат чу Рӯдакиву Шаҳид,
Мутрибонат чу Саркашу Саркаб.

Абдураҳмони Ҷомӣ низ худро аз шогирдону пайравони Рӯдакӣ дониста, ба эҷодиёти бои ӯ баҳо додааст. Вай қайд менамояд, ки сарвати нофтя Рӯдакӣ шеъри ӯст. Номи вай бо шеъраш ҷовидон гашт:

Рӯдакӣ он ки дур ҳамесуфтӣ,
Мадҳи Сомониён ҳамегуфтӣ.
Силаи назмҳо ҳамчу дураш,
Буд дар бораи чорсад уштураш.
Чун шутур аз работ беруи ронд,
Бар замин ғайри шеър ҳеч намонд.
Номи онро, ки мебаранд имрӯз,
Ҳаст аз он шеъри анҷуманафрӯз.

Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ба сахтии замону даврон нигоҳ накарда, пайравону шогирдонро ба камол расонд. Дар асри X ҳамсафони Рӯдакӣ Шаҳиди Балхӣ, Абӯшукури Балхӣ, Абутоҳири Хусравонӣ, Хаббози Нишопурӣ, Маърифии Балхӣ, Шокири Бухорой, Турки Киштӣ, Истиғнои Нишопурӣ, Абумуайяди Балхӣ, Равнакии Бухорой, Дақиқӣ, Робеаи Балхӣ, Кисоии Марвазӣ ва дигарон дар ганҷинаи адабиёти тоҷик саҳми бузург гузоштанд. Мо ба таври хеле мухтасар шуморо бо эҷодиёти баъзе аз онҳо шинос мекунем. Аз рӯи тазкираи Ас-Саолибӣ «Ятимат-уд-даҳр» Рӯдакӣ 119 ҳамсафу шогирд доштааст. Аз саба-

би душвории давр то ба мо эҷодиёти аксари онҳо нарасидааст. Дар китобе, ки бахшида ба 1100-солагии шоир тахти унвони «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» нашр шудааст, аз эҷодиёти 28 нафараш мисол оварда мешавад. Яке аз онҳо шоир ва олим **Абулҳасан Шаҳид ибни Ҳусайни Варроки Ҷаҳудонакии Балхӣ** мебошад. Вай забардасттарин эҷодкори асри X ба шумор меравад. Падари Шаҳид аз деҳаи Ҷаҳудонаки атрофи Балх буда, худи ӯ дар ин шаҳр ба дунё омадааст. Шаҳид қисми зиёди умри хешро дар шаҳри Бухоро гузаронида, баробари файласуфи бузург буданаш, инчунин шеъри бисёре навиштааст. Аммо то замони мо порчаҳои парешон аз эҷодиёти ӯ омада расидааст. Мувофиқи баъзе маълумот аз Шаҳиди Балхӣ 168 мисраъ боқӣ мондаасту халос. Соли таваллуди Шаҳид маълум нест. Вале аз рӯи марсияи ба вафоташ бахшидаи дӯсташ Рӯдакӣ маълум мешавад, ки ӯ соли 937 аз олам даргузаштааст. Аз Шаҳид қасида, қитъа, рубоӣ, дубайтаҳо боқӣ мондааст, ки онҳо ба панд, насиҳат, тарбия, ишқ, васфи табиат, шикояти замона ва ғайра бахшида шудаанд. Дар қасидаҳои хеш мисли дигар эҷодкорони замони феодалӣ ӯ васфи ҳокимон кардааст:

Ҳунук ин Офтобу Зуҳраву Моҳ,
Кӣ набошанд ҷовидона табоҳ,
Ҳама бар як ниҳоди хеш даванд,
Кӣ нагарданд ҳаргиз аз як роҳ,
Рост гӯӣ, ситорагон малаканд,
Чашмаи офтоб—шоҳаншоҳ.
Ба ниҳонианда ноиҳа машғул,
Ё ба тадбири дину ҳарбу силоҳ.
Дӯстонанд пеш руёрӯӣ
Як ба дигар ҳамекунанд нигоҳ.

. . . . . . . . . . . . . . . .

Аз рӯи гуфтаи муаллифи «Ал-феҳрист» Ибн-ун-Надим Шаҳид бо ҳамроҳии файласуфи машҳури асри IX—X Муҳаммад Закариёи Розӣ рисолаҳои илмӣ низ эҷод кардааст.

**Абӯшакури Балхӣ** мутафаккир ва шоири забардасти асри X мебошад. Аз ватани худ—шаҳри Балх кай ба Бухоро омадани шоир маълум нест. Бояд хотирнишон сохт, ки дар замони Насри II бини Аҳмад (914—943) Бухоро шукӯҳ ёфта, ба маркази тамаддуни Мовароуннаҳр табдил ёфт. Мумкин аст, ки ҳамин овоза Абӯшакурро аз Балх ба Бухоро оварда бошад. Вай дар як муддати кӯтоҳ дар Бухоро мавқеъ пайдо карда, дар доираи адабии Сомониён ном баровард. Абӯшакур маҳз дар Бухоро чун шоири овозадори тоҷик машҳур гашт.

Нисбати дигар ҳамзамононаш эҷодиёти Абушакур то мо омада расидааст. Асари бузурги вай «Офариннома» мебошад,

ки мувофиқи нишондоди «Лубоб-ул-албоб» дар рафти солҳои 947—948 эҷод шудааст. Аммо баъзе сарчашмаҳо хидоят мекунанд, ки Абӯшакур асари номбурдаро солҳои 944—945 оғоз карда, солҳои 947—948 ба итмом расонидааст.

Абӯшакур мисли дигар шоирони дарбор қисми кулли эҷодиёти хешро ба мадҳу санои шоҳон бахшидааст. Вай «Офариннома»-и хешро ба Нӯҳ бини Наср (943—954) мансуб дода, чунин навиштааст:

...Худованди мо Нӯҳи фаррухнажод,
Ки бар шаҳриёрон бигустурд дод.
Сабук некзан сӯи чокар давид,
Бараҳна ба андоми ман дармахид.
Саранҷом оғози ин нома кард,
Ҷавон буд чун сию сесола мард...

Қисми зиёди эҷодиёти Абӯшакури Балхиро панду насиҳат ташкил мекунад:

Хирадманд гӯяд, ки таъйиду фар,
Ба дониш ба мардум расад, на ба зар.
Чу доно шавад марди бахшандакаф,
Мар ӯро расад бар ҳақиқат шараф.

Абӯшакур қайд мекунад, ки инсон аз доииш пурниёз мегардад, на аз пулу мол:

...Биёмӯз ҳарчанд битвонӣ,
Магар хештан шод гардонӣ

Рӯдакӣ илҳомбахши адабиёти асри X-и тоҷик гашт. Ӯ чун қофиласолор барои инкшофи минбаъдаи ҷараёни адабии асри X-й тоҷик роҳкушо шуд. Вайро ҳазорон назмдӯстон пайравӣ намуданд. Аммо ба сабаби пастию баландиҳои замона ашъори ҳамаи онҳо ба рӯи об набаромад. Сабаб, дар он буд, ки замона барои нашри чакидаи онҳо шароит надод. Ин буд, ки бисёре аз нобиғаҳо зери парда монданд. Яке аз онҳо **Рафеуддини Нишопурӣ** мебошад. Вай дар сарчашмаҳои адабии замони Сомониён чун шоири ғазалсарои нимаи дуюми асри X ва ибтидои асриXI ёдовар мешавад. Аммо то рӯзҳои мо аз чакидаҳои хомаи вай хеле кам боқӣ мондааст. Тавассути муҳаққиқон ҳамагӣ чор мисраъи ӯ ба мо расидааст:

Зи сунбуле, ки узорат бар арғувон афканд,
Ҳазор сӯз дар ин ҷони натавон афканд.

Бигӯ ки тири ҷафо бар кӣ рост хоҳӣ кард,
Ки абрӯи ту ҳаме боз дар камон афканд?

Соли 1958 ҷашни 1100-солагии устоди назми классикии мо Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор шуд. Ба ин муносибат онди замони қофиласолор асарҳои хеле зиёди баландмазмун дар Тоҷикистону берун аз ҳудуди он нашр шуданд. Яке аз онҳо «Ашъори ҳамсарони Рӯдакӣ» мебошад, ки он таҳти таҳрири академик Абдулғанӣ Мирзоев ба табъ расидааст. Мураттибон тавонистаанд, ки порчаҳоро аз эҷодиёти адибони то Рӯдакӣ ва баъди онро (то Фирдавсӣ) гирд оранд.

Дар ин мунтахаботи ҷашнвора дар қатори дигарон онди эҷодиёти ҳаким **Абӯтоҳир Ат-тайиб бини Муҳаммад Ал-Хусравонӣ**, ки яке аз шахсиятҳои машҳури асри X мебошад, маълумот дода шудааст. Аммо оид ба ҷараёни зиндагии ӯ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ гувоҳо пурра нестанд. Муаллифи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ӯро аз мардумони Хуросон ёд кардааст. Аммо дар бораи дар куҷо таваллуд шудани шоир маълумоти дақиқ нест.

Аз байтҳои шоир бар меояд, ки ӯ дар ҷавонӣ саёҳатро дӯст медоштааст. Аз байти зеринаш маълум, ки ӯ ба Ҳиндустон сафар намудааст. Зеро дар аксари байтҳо номи руди Гангро ба забон меорад:

То чун баҳори Ганг шуд аз рӯи ӯ ҷаҳон,
Ду чашми Хусравонӣ чун руди Ганг шуд.

Дар замоне, ки овозаи Рӯдакӣ дар арши олам буд, бисёр адибону фозилон ӯро пайравӣ намуда, шеъру достон ва асарҳои безавол офариданд. Яке аз онҳо шоири овозадори асри X тоҷик, зодаи Мовароуннаҳр **Абулаббоси Аббосӣ** мебошад, ки соли таваллуду вафоташ ноаён аст. Танҳо ба шарафи 1100-солагии Рӯдакӣ номи баъзе аз ҳамзамононаш зинда гашт, ки яке аз онҳо Аббосӣ мебошад. Вай низ пайрави Рӯдакӣ буда, аз рӯи сабки ӯ шеър гуфтааст. Дар байни онҳо байтҳои лирикӣ ва порчаҳои этикӣ дучор меоянд, ки васфи ёр, шикояти замона, ҳаҷву мадҳ ва баёни воқеаро дарбар гирифтаанд. Онҳо чунон ҳам бо эҷодиёти Рӯдакӣ шабоҳат доранд, ки баъзе аз луғатшиносон ба иштибоҳ абёти ин ду шоирро ба якдигар нисбат додаанд. Аз Аббосӣ 66 байти парокандa боқӣ мондааст, ки баъзе аз намунаашро пешкаш менамоем:

Гар кунун бори маро марг ҳаме хушк кунад,
Бими он аст маро ласк нахоҳад задано.

* * *

Зи хону мону каробат ба ғурбат афтодаам,
Бимондам ин чо бе созу баргу зигиштол.

* * *

Табоеъ гар сутуни ту, сутунро ҳам бипӯсад бун,
Напӯсад он сутун ҳаргиз, к-аш аз тоат зани коза.

* * *

Ман яке зоф будам хушку ба Фарғона шудам
Мӯрд гаштам тару шуд комати ман норуно.

* * *

Ниҳод рӯй бар ҳазрат чунон ки рӯбаҳи пир
Ба тими вожгарон ояд аз дари тимос.

* * *

Яке мард вайро бибояд нахуст,
Кӣ ғӯяд нахошидахоро дуруст.

* * *

Бугзин малико, бугзин малико,
Покаст таби ту ба сони малако.

**Сипеҳрии Бухороӣ** яке аз шоирони овозадори солҳои аввали ба сари қудрат омадани Сомониён ба шумор меравад. Аз ин рӯ тартибдиҳандагони «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» ӯро аз ҳамзамонону ҳамсӯҳбатони Абулмуайяди Балхӣ ва Абӯ Масоли Бухороӣ мелонанд. Аммо аз ашъори вай танҳо чор мисраъ боқӣ мондаасту халос:

Шохҳои мӯрд баррафта бубину баргҳош,
Баршикаста халқа андар халқа чун зулфайни ёр.
Бӯстонафрӯз тобон дар миёни бӯстон,
Ҳамчу хунолуда дар ҳайҷо синони шаҳриёр.

Муҳаққиқони Рӯдакинома қайд кардаанд, ки оид ба **Ҷӯлобӣ (Обӣ) Бухороӣ** дар сарчашмаҳои адабӣ—тазкираҳо ҳеч гуна маълумоте дода нашудааст. Фақат дар «Луғати Фурс»-и Асадӣ

намунаи ашъори шоир дарҷ гардидааст. Саид Нафисӣ, ки муҳаққиқи замони Сомониён аст, ӯро ба шоирони асри Х мансуб медонад. Аз ашъори вай ҳамагӣ ҳашт мисраъ боқӣ мондааст, ки ба мавзӯъҳои мухталифи ҳаёт бахшида шудаанд:

Чун панди фурӯмоя сӯи ҷуза гироя,
Шоҳини ситанба ба тазарвон кунад оҳанг.

* * *

Инак раҳӣ ба мижгон роҳи дари ту рафта,
Наздики ту на нома, на тез ҳеҷ суфта.

* * *

Баҳори хуррам наздик омад аз дурӣ,
Ба шодкомӣ наздик шав, на мандурӣ.

* * *

Парда дили ман ба дасти ишқ забун аст,
Сахт забунӣ, ки ҷони ман-ш забун аст.

**Равнақии Бухорой** низ аз ҳамзамонони Ҷулобӣ аст. Вай низ дар замони оли Сомон зиндагӣ кардааст. Ба сабаби пастию баландии ҳаёт ашъори ӯ то замони мо омада нарасидааст. Дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» танҳо ҳашт мисраъ аз ӯ қайд шудааст. Аз мисраъҳои поён бар меояд, ки бештар шоҳону амирони замони хешро васф намудааст.

Ҷонест теғи шоҳ, кӣ дид инчунин шигифт,
Ҷоне к-аз ӯ бувад тану ҷони ҳама хароб.
Арзон ба ҷон гавҳар дар ҷирми ӯ падид,
Ҷонҳои душманон-ш чу зарра дар офтоб.

Бухоро баробари маркази давлату дин буданаш, инчунин дар инкишофи ҷаҳонбинии аҳли илму адаб мавқеи муҳим дошт. Маҳз бо ташаббуси амирону вазирони Сомонӣ дар ин шаҳр беҳтарин сухансароён гирд меомаданд. Онҳо дар болоравии ҳаёти адабӣ низ таъсири мусбати хешро расониданд. **Шокири Бухорой** аз зумраи он шоироне буд, ки дар зери таъсири Рӯдакию ҳамзамононаш шеър эҷод менамуд. Ҳарчанд ки ашъори вай парокандааст, аммо ба тавассути сарчашмаҳо як қисми он то мо омада расидааст. Шеърҳои вай бештар ба ҳаёти замона, одаму одамгарӣ, дӯстӣ, ишқ ва костагии зиндагӣ бахшида шудаанд.

Сард аст рӯзгору дил аз мехр сард не,
Май солхӯрда бояд, мо солхӯрда не.
Аз сад ҳазор дӯст яке дӯст дӯст не,
В-аз сад ҳазор мард яке мард, мард не.

Дар қатори Бухорову Самарқанд, инчунин шаҳрҳои Марву Нишопур, Ҳироту Тирмиз, Балху Фирӯзкӯҳ ва ғайра дар ташаккули илму адабиёти классикии тоҷик мақоми хоса доштанд. Дар ин шаҳрҳо низ нобиғаҳои илму фарҳанг ба камол расида, дар болоравии овозаи ҷаҳонии маърифатпарварони тоҷик саҳми муносиби хешро гузоштанд. Марв дар қатори дигар нобиғаҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии адабии **Тайёни Марғазӣ, Абӯнасри Марғазӣ, Саффори Марғазӣ** саҳми муносиб гузоштааст. Аз байни ёлшудагон ашъори Тайёнӣ то мо дар ҳаҷми 102 мисраъ боқӣ мондааст. Чанд намунаи он:

Ҷаҳон ҷои бақо нест, ба осонӣ бигзор,
Ба айвон чӣ барӣ ранҷу ба хоку ба стованд.

* * *

Ҳар сари моҳ осмонро тоҷи торак мешавад,
Чун ба сурат шакли феъли маркабаш дорад ҳилол.

* * *

Хӯрда мухолифони ту хуни дилу ҷигар,
Қути мувофиқони ту яздодиву асал.

Дар қатори **Шаҳиду Робеа,** инчунин **Маъруфӣ, Бадеъӣ** аз мутафаккирони Балх мебошанд. Онҳо низ дар рушду нумуи фарҳанги оли Сомон саҳми муносиб гузошта буданд. **Абуабдуллоҳ Муҳаммад бини Ҳасан Маъруфии Балхӣ** аз шоирони овозадори асри X тоҷик ба шумор меравад. Вай дар замони салтанати **Абдумалик бини Нӯҳ** (954—961) ба доираи адабии дарбори Сомониён шарик буд. Соли таваллуд ва вафоти Маъруфӣ маълум нест. Аз эҷодиёташ бар меояд, ки ӯ давомдиҳандаи кори Рӯдакӣ будааст. Аз вай 92 мисраъ шеър боқӣ мондааст:

Ҳама кибру лофе ба дасти тиҳӣ,
Ба нони касон зиндаи солу моҳ:
Бидидам ман он хонаи мӯхташам—
На наҳ дидам он ҷову на пешгоҳ.
Яке зеғ дидам фиканда дар ӯ
Намадпорае туркмонӣ сиёҳ.

**Абӯмуҳаммад Балеъ бини Маҳмуди Балхӣ** аз шоирони нимаи дуюми асри X ба шумор меравад. Сарчашмаҳо ёдовар шудаанд, ки Балеъи Балхӣ аз шоирони мулки Чағониёни оли Сомон мебошад. Балеъ яке аз шоирони лирики замони Сомониён ба шумор меравад. Инак, намунае аз ашъори ӯ,:

Чи пӯшӣ чавшани ғафлат, ки рӯзе
Ту бошӣ тири меҳнатро нишона.
Амал бо умрат—андар, на ба меъёр
Нигаҳ куи, то кучо гардад замона
Чаро бода наёрӣ моҳрӯё?
Ки бе май сабр натвон бар каҳак—бар,
Бидеҳ бода ба ёли моҳрӯё
Ки бе вай сабр натвон дар ҳалақ—бар,
Ба наргис нангарӣ то чун шукуфтаст,
Чун румӣ чом бар заррин табақ—бар.

Аз гуфтаҳои **Хусравонӣ** маълум мешавад, ки ӯ дар пирӣ ранчи бешумор дидааст. Аз ин рӯ ҷавониро неъмати ноёфт номидааст:

Ҷавонӣ ба беҳудагӣ ёд дорам,
Дареғо ҷавонӣ, дареғо ҷавонӣ!

Ашъори Хусравонӣ гуногунмазмун аст. Вай баробари ичтимоиёту тибб, инчунин онди ишқу садоқат низ шеър эҷод кардааст, ки порчаеро аз яке аз қасидаҳояш пешкаш менамоем:

Фиғон з-он дирангат ба ҳангоми сулҳ,
Фиғон з-он шитобат ба ҳангоми ҷанг.
Дирангам ба роҳат ҳама з-он шитоб,
Шитобам ба мурдан ҳама з-он диранг,
Набудааст ишқи ту беҳаҷр ҳеҷ,
Ба якдигар-андар задастанд чанг.
Наҳангест ҳиҷрону дарёст ишқ,
Ба дарё бувад ҷовидона наҳанг.
Руҳат дид натвонам аз оби чашм,
Сухан гуфт натвонам аз бас гаранг.
Рухи туст хуршеду хуршед хок,
Лаби туст ёқуту ёқут санг.
На чун Хусравонӣ, на чун ту, бута,
Буту барҳаман дид мушкӯю Ганг.

Дар қатори Хусравонӣ **Абулъало Шуштарӣ** яке аз шоирони машҳури замонаш ба шумор мерафт. Аммо ба мурури замона

аз эчодиёти доманадори вай то мо ҳамагӣ 19 мисраъ боқӣ мондааст. Мо бо он тавассути пажӯҳиши Саид Нафисӣ ошно гаштем. Намунаи ашъори пароканда Абулъаоро манзурам шумо менамоем:

Биёвар он, ки гувоҳӣ диҳад зи
чом, ки: «Ман
Чаҳор гавҳарам андар чаҳор чой
мудом—
Зумуррад андар токам, ақиқам андар
ғужб,
Суҳайлам андар хум, офтобам
андар чом».

Нисбати Абулъало аз шоири ҳамзамони Рӯдакӣ **Тоҳири Чағонӣ** мероси бой боқӣ мондааст. Соли таваллуди Тоҳир маълум нест. Даврани ташаккулёбии мероси адабии ӯ ба замони ҳукмронии Мансур (961—976) ва Нӯҳ (976—997) рост меояд. Аз рӯи ҳуччатҳои таърихӣ маълум, ки Тоҳир яке аз мансабдорони оли Сомон буд. Вай ба маъмурин хеш нигаҳ накарда, ба илму адаб рӯ овардааст. Сарчашмаҳо қайд намудаанд, ки ӯ роҳбари доираи адабии Чағониёнии давлати Сомониён ба шумор мерафтааст. Шоирони номии тоҷик **Мунчики Тирмизӣ, Дақиқӣ, Маъруфӣ, Лабибӣ** ва дигарон аз фаъолони доираи адабии Чағониён буданд, ки ба он Тоҳири Чағонӣ сарпарастӣ мекард.

**Тоҳири Чағонӣ** чун дигарон дар васфи маъшуқа шеър сурудааст:

Лӯъбате сабзчеҳри тангдаҳон,
Бифазояд нишоти пиру чавон.
Мӯчари сар чу з-он бараҳна кунӣ,
Хашм гирад, каф афканад зи даҳон.
В-ар бихоҳӣ варо, ки бӯса кунӣ
Ӯ бихандад, туро кунад гирён.

**Абӯбакр Муҳаммад бини Алӣ Ал-Хусравӣ** Ал-Сарахсӣ, ки бо номи Хусравӣ машҳур аст, аз шоирони охири асри X ба шумор мераванд. Ашъори вай бештар ба панду ҳикмат бахшида шудааст. Сарчашмаҳо дар бораи чараёни зиндагии ӯ маълумот надодаанд. Нисбати дигарон аз Хусравӣ мероси зиёди адабӣ боқӣ мондааст. Мисли ҳамзамононаш қисми зиёди эчодиёташро ба ишқ бахшидааст:

Чунон доиӣ кам хостор нест,
Ё шаҳри маро чуз ту ёр нест.

Чунон донӣ, эй моҳрӯй дӯст,
Нигорин, ки ҷуз аз ту нигор нест.
Маро чун ту ҳазорон ҳазор ҳаст,
Ва гуфтам, ки мар иро авар нест.
Диле додам бинмудамат саҳеҳ,
Ва гуфтам, ки мар иро авар нест.
Ба ман бозаш додӣ чунон ҳалак,
Мусалсал, ки бар ӯ пуд(у) тор нест.
Ҳамегӯям бартар шав аз дилам,
Туро бо дили ман ҳеҷ кор нест.

Дар камолёбии адибону фозилони аҳди Сомониён дар қатори Бухорою Балх, Самарқанду Ҳирот, инчунин саҳми Чағониён калон аст. Мо дар боран созмон ёфтани доираи адабии ин мулк тахти сарпарастии **Тоҳири Чағонӣ** ёдовар шудем. Яке аз шоирони пурмаҳсули ин доираи адабӣ **Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Мунчики Тирмизӣ** ба шумор меравад. Мисли дигар ҳамасрон соли таваллуду вафоташ маълум нест. Сарчашмаҳо ҳидоят мекунанд, ки ӯ дар нимаи дуюми асри X зиндагӣ кардааст. Ҳаёт ва фаъолияти адабии ӯ собит менамояд, ки дар замони Сомониён, баробари Бухорою Самарқанд, инчунин дар вилоятҳои алоҳидаи ин давлат низ доираҳои адабӣ амал мекардаанд. Аз эҷодиёти Мунҷиқ бар меояд, ки ӯ зиндагии хоксорона гузаронида аст.

Мунҷик шоири баркамоли асри X ба шумор меравад. Эҷодиёти ӯ барои адибони минбаъда ҳамчун дарси ибрат хизмат кардааст. Беҳуда нест, ки адиби забардасти асри XI тоҷик **Носири Хусрав** (1004—1080) дар «Сафарнома»-и хеш ба эҷодиёти Мунчики Тирмизӣ баҳои баланд дода, қайд намудааст, ки шоир соҳиби девони шеърҳо будааст. Аммо то замони мо аз эҷодиёти доманадори Мунчик 517 мисраъ омада расидаасту халос. Асосан вай ғазалҳояшро ба мадҳу санои амирони чағонӣ, ишқу муҳаббат, панд, тавсифи ёр ва табиат бахшидааст.

Бештар қасидаҳои Мунҷиқ дар васфи амири Чағониён Абӯмузаффар мебошанд. Азбаски шоир дастнигари дарбори вай буд, бинобар ин дар қасидаҳояш ӯро чун амири саховатманд, инсонпарвар, шуҷоатманд, чобук, ғолиб мадҳу сано хондааст. Аммо аз тасвири исёнкориҳои Абӯмузаффар бар зидди хонадони Сомониён, ки ӯ зердасти онҳо буд, худдорӣ намудааст. Яке аз он мадҳияҳои дар васфи амир эҷодкардаи ӯ чунин аст:

Иноми ӯ нақашам то ҷаноби он малике.
Ки Букубайс ба шоҳини ҳилми ӯ—мисқол—
Абӯмузаффари шоҳи ҷаҳон, куҷо бибурад,
Ба тез дашнаи озодагӣ гулӯи суол.

Мунчик дар баробари мадху санои ҳокимон, инчунин оиди ишқ ва тавсифи зебоии ёр низ шеър эҷод намудааст. Бештар шеърҳои ишқии ӯ дар шакли ғазал эҷод шудаанд. Яке аз шеърҳои ишқии ӯ чунин аст:

Зулфайни баршикаставу қадди санавбарӣ,
Зери ду зулфи ҷаъдаш дар хатти анбарӣ.
Ду лаб—ақиқ зери ақиқаш ду раста дур,
Наргис ду чашму зери ду наргис—ғули тарӣ.
Чашму ду зулфу ду лаб—ҳар се мушаъбиланд
В-аз якдигар гирифта ҳама сеҳру дилбарӣ.
Ҳулли барин шудааст, нигаҳ кун, ба кӯҳу дашт,
Сад гуна гул шукуфта ба ҳар сӯ, ки бингарӣ.
Гӯӣ, ки Муштарист ба ҳар наргисе—дарун,
Рахшанда ҳамчу ду рухи маъшуқи саътарӣ.
Сурху сапеду зарду бунафшу кабуд(у) лаъл,
Наврӯз карда бар гули садбарг заргарӣ.
Хира шавад ду чашми ту, чун бингари бад-ӯ,
Ҳар сӯ, ки рӯ ниҳӣ, надиҳад дил, ки бугзарӣ.

Яке аз пайравони Мунчикӣ **Абулфатҳ Алӣ бини Муҳаммад бини Ҳусайн бини Юсуф бини Абдулазиз Котиб Бустӣ** (971—1010) мебошад, ки аз шоирони машҳури охири асри Х ба шумор меравад. Вай ба забонҳои тоҷикию арабӣ шеър гуфтааст. Девони арабии ӯ ба шакли пурра то замони мо омада расидааст. Девони вайро дар асри XIII шоир Бадриддини Ҷоҷармӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст. Абулфатҳи Бустӣ асосан саройандаи сулҳу дӯстӣ ба шумор меравад. Аз шеърҳои тоҷикӣ-форсии ӯ он чизе ки то кунун ба даст даромадааст, даҳ мисраъ мебошад, ки намунаи онро дар поён овардем:

Яке насиҳати ман гӯш дору фармон кун,
Ки аз насиҳат суд кунад, ки фармон кард.
Ҳама ба сулҳ гиройю ҳама мадоро кун,
Ки аз мадоро кардан сутӯх гардад мард.
Агарчи қувват дорию иддати бисёр,
Ба гирди сулҳ гиройю ба гирди ҷанг магард.
На ҳар ки дорад шамшер, ҳарб бояд рафт.
На ҳар як дорад позаҳр, заҳр бояд х(в)ард.

Ҳамзамони Бустӣ шоири охири асри Х Қамарии Ҷурҷонӣ мебошад. Мувофиқи шаҳодати сарчашмаҳо ӯ дар Мозандарон ба дунё омадааст. Аммо соли таваллуду вафоти вай маълум нест. Аз осори ӯ то мо 60 мисраъ шеър боқӣ мондаасту халос.

**Робеаи Балхӣ.** Яке аз аввалин шоираҳои асри X аст, ки дар замони Насри II бини Аҳмад ва Маликушшуаро будани Рӯдакӣ ном баровардааст. Соли таваллуду соли қатли Робеа маълум нест. Мувофиқи ахбори баъзе сарчашмаҳо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ӯ духтари ҳокими Балх Кааб-ул-Қаздорӣ буда, дар нимаи якуми асри X зиндагӣ кардааст. Азбаски дар ҷавонӣ аз тарбияи падар бенасиб мегардад, бинобар ин вай дар назди бародараш Ҳорис, ки яке аз амалдорони Сомониён буд, ба камол мерасад. Вай маълумотро дар золгоҳаш шаҳри Балх дар хонаи падар мегирад. Аз ҷавонӣ ба шеъру шоирӣ дил бохта аст. Робеа ба Бектош ном ғуломи бародараш дил мебандад ва ба ӯ шеърҳо мебахшад.

Турк аз дарам даромад хандонак,
Он хубрӯйи чобук меҳмонак.

Сарчашмаҳо нақл мекунанд, ки бародари Робеа Ҳорис бо Рӯдакӣ шинос будааст. Вақто, ки Рӯдакӣ ҳамроҳи Насри II чанд муддат дар Балх меҳмон буд, аз наздик бо эҷодиёти Робеа шинос шуда, як силсила шеърҳои ӯро ба Бухоро мебарад. Дар байни он чакидаҳо шеърҳои ошиқонаи Робеа низ буданд. Вай он байтҳоро ба маъшуқаш Бектош бахшида буд. Аз онҳо Ҳорис бохабар шуда нисбати Бектош рашк пайдо мекунад. Зеро дар шароити он замон ошиқии рӯирости марду зан гуноҳи азим ҳисоб мешуд. Аз ин рӯ Ҳорис барои шарманда нашудани хонаводаашон хост, ки пеши роҳи хоҳарашро гирад. Баъди ба Балх баргаштан Бектошро зиндон кард. Робеа аз бародараш илтиҷо намуд, ки Бектошро ҷавоб диҳад. Аммо Ҳорис якравӣ намуда, ба наздиконаш амр дод, ки Робеаро қатл кунанд. Вайро ба гармоба бурда, халок намуданд. Бектош аз марги маъшуқа огоҳ шуда, аз зиндон мегурезад. Баъд Ҳорисро кушта, худро низ халок мегардонад. Дар бораи эҷодиёти Робеа маъхазҳо хабар додаанд.

Фаридуддини Атор дар «Илоҳинома»-и худ ёдовар шудааст, ки Робеа умри хеле кӯтоҳи бобаракат дидааст. Аз ӯ мероси кам боқӣ мондааст. Шояд мероси ӯ бой бошад. Вале ба мурури замона қисми ками шеърҳои ошиқонаю пурмазмуни Робеа то ба мо омада расидааст:

Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд,
Кӯшиши бисёр н-омад судманд.
Тавсане кардам, надонистам ҳаме,
К-аз кашидан сахттар гардад каманд.
Ишқ дарёи каронанопадид,
Кай тавон кардан шино эй ҳушманд!

Ошиқӣ хоҳӣ, ки то поён барӣ,
Бас бибояд сохт бо ҳар нописанд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд.

**Кисоии Марвазӣ**. Маҷиддин Абулҳасан Кисоӣ 27 марти соли 953 дар шаҳри Марв ба дунё омадааст. Худи шоир онди рӯзи таваллудаш чунин навиштааст:

Ба сесаду чиҳилу як расид навбати сол,
Чаҳоршанбеву се рӯз боқӣ аз шаввол.

Ӯ мисли Рӯдакӣ аз шоирони бузурги нимаи дуюми асри X ва нимаи аввали асри XI ба шумор меравад. Вай аз рӯи шакли маъмули шеъри классикӣ—қасида, қитъа, дубайтӣ, ғазал ва рубоӣ сурудааст.

Кисоӣ дар даврам пастравии қудрати оли Сомон ба дунё омада буд. Аз ин рӯ замони кӯдакиву бабалоғатрасии вай бо сустшавии қудрати хонадони сомониён рост меояд. Ӯ аз нооммадиҳои кори амирони Сомонӣ хаста шуда, шоҳиди гирифтори зери суми аспи аҷнабиён гаштани мулкаш буд. Аз ин рӯ дар яке аз қасидаҳояш фаношавии умри ҷавонии хешро чунин ташбеҳ додааст:

...Дареғ фарри ҷавонӣ, дареғ умри латиф,
Дареғ сурати некӯ, дареғ ҳусну ҷамол.
Куҷо шуд он ҳама хубӣ, куҷо шуд он ҳама ишқ,
Куҷо шуд он ҳама нерӯ, куҷо шуд он ҳама ҳол?!
Сарам ба гунаи ширасту дил ба гунаи қир,
Рухам ба гунаи нил асту тан ба гунаи нол.
Ниҳеби марг биларзондам ҳаме шабу рӯз,
Чу кӯдакони баломӯзро ниҳеби дувол,
Гузоштему гузоштему буданӣ ҳама буд,
Шудему шуд сухани мо фасонаи атфол.
Аё Кисоӣ, панҷоҳ ба ту панҷа гузорд,
Биканд боли туро захми панҷову чангол.
Ту гар ба молу амал беш аз ин надорӣ майл
Ҷудо шав аз амалу гӯши вақти хеш бимол.

Аз ин мисраъҳо бар меояд, ки Кисоӣ худро барвақт аз кору бори амоли зиндагӣ ба канор гирифтааст. Шояд, ки ба ӯ майли динпарастиаш ва ба ҳаракати исмоилия рӯ оварданаш таъсир расонида бошанд.

Кисоӣ ба муқобили зулму истибдод баромада, беадолатии замонро танқид кардааст. Вай duздони моликияти халқро ба палангу гург ташбеҳ дода, чунин гуфтааст:

...Гургу паланги гурусна мешу барра барад,
В-инҳо зиёъу мулки ятимон ҳамебаранд.
Инҳо, ки дасти хеш чу ташпил кардаанд,
Андар миёни халқ музаккии доваранд.
Бе ришва талху бемаза чун заҳру ханзаланд,
Бо ришва хубу ширин чун мағзу шаккаранд...

Мувофиқи маълумотҳои таърихӣ Кисоии Марвазӣ дар соли 1049 ё дар синни 96 солагӣ аз олам даргузаштааст. Вай шеърҳои охири зиндагиашро ба васфи садоқат, вафодорӣ, зебоӣ бахшидааст.

Нилӯфари кабуд нигаҳ кун миёни об,
Чун теғи обдодаву ёқути обдор.
Ҳамранги осмону ба кирдори осмон,
Зардиш дар миёна чу моҳи даҳу чаҳор.
Чун роҳибе ки ду рухи ӯ солу моҳ зард,
В-аз матрафи кабуд ридо кардаву эзор.

**Абӯмансур Муҳаммад Аҳмади Дақиқӣ**—шоири бузурги асри Х ба шумор меравад. Вай низ мисли гузаштагонаш дар замони ҳукмронии хонадони Сомониён зиндагӣ кардааст. Дар тазкираҳо соли таваллуди ӯ ба солҳои 929—930 тахмин карда мешавад. Аммо зодгоҳи вай то кунун аниқ карда нашудааст. Сарчашмаҳо шаҳрҳои Самарқанд, Балх, Бухоро, Тӯсро ҷои таваллуди шоир гуфтаанд. Дақиқӣ эҷодиёти хешро аз мулки Чағониён, ки марказаш шаҳри Тирмиз буд, оғоз намудааст. Дар замони ҳукмронии Нӯҳ бини Мансури Сомонӣ ӯ ба Бухоро даъват мешавад. Дақиқӣ шоири ватанпарвар ва ҳақгӯ буд. Қувваҳои иртиҷоие, ки ба чашми Рӯдакӣ мил кашиданд, давлати Сомониро аз байн бурданд, қасди ҷони Дақиқӣ намуданд. Дақиқӣ соли 977 бо дасти ғуломаш кушта мешавад. Вай шоири бузурги қасидасарои асри Х ба шумор мерафт. Қасидаю мадҳияҳои ӯ ба ҳокимони Чағонию подшоҳони Сомонӣ бахшида шуда буданд. Дар мадҳияҳои хеш ӯ ҳисси ватандӯстию далерии ҳокимонро бедор мекард.

Малик он ёдгори оли Доро,
Малик он қутби даври оли Сомон.
Агар бинад ба гоҳи кинаш иблис,
Зи бими теғи ӯ бипазирад имон.
Ба пои лашкараш Ноҳиду Ҳурмуз,
Ба пеши лашкараш Мирриху Кайвон.

Дақиқӣ дар эҷод намудани шеърҳои ишқӣ низ қувва санҷидааст. Ҷакидаҳои ба ин мавзӯъ бахшидаи ӯ бештар аз зебоғии дилбар нақл мекунанд. Дар ин хусус чунин шеъри Дақиқӣ ибрат аст:

Паричеҳра буте айёру дилбар,
Нигоре сарвқадду моҳманзар.
Сияҳчашме, ки то рӯяш бидидам,
Сиришкам хуни шудасту бар мушаччар.
Агар на дил ҳамехоҳӣ супурдан,
Бад-он мижгони заҳролуд мангар.
Вагарна бар бало хоҳӣ гузаштан,
Бар оташ бигзару бар дар-ш магзар.
Ба сони оташи тез аст ишқаш,
Чунон чун ду рухаш ҳамранги озар.
Ба сони сарви симин аст қаддаш,
Валекин бар сараш моҳи мунаввар.

Баробари ин Абӯмансури Дақиқӣ аввалин шоири шоҳноманависи классикии тоҷик ба шумор меравад. Дақиқӣ бо супориши амир Нӯҳи II ба навиштани «Шоҳнома» сар кард. Аммо душманони халқу давлати тоҷик ба ӯ имконият надоданд, ки асари бузургро ба итмом расонад:

Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд,
Чунин бахти бедори ӯ хуфта монд.

«Шоҳнома»-и саркардаи Дақиқиро шоири бузурги асри X ва ибтидои асри XI Фирдавсӣ ба итмом расонд. Ӯ аз асари нотамоми Дақиқӣ 1000 байт истифода бурд.

**Мунтасир.** Дар боло ёдовар шудем, ки аз оилаи амирону ҳокимон низ як зумра адибону олимон ба камол расидаанд. Яке аз онҳо Абӯиброҳим Исмоил бини Нӯҳи Сомонӣ бародари Абдумалик бини Нӯҳ бо лақаби Мунтасир (Фотеҳ) дар байни аҳли адаб машҳур гашта буд. Мунтасир аз хонадони Сомониён охирин шахсе буд, ки барои нигоҳ доштани тахту тоҷи давлати овозадори тоҷик мубориза бурдааст. Ҳангоме, ки (999) Қароҳониён шаҳри Бухороро забт намуда, аҳли хонадони Сомониёнро бо сарварии подшоҳ Абдумалик бини Нӯҳ ба ҳабс гирифтанд Мунтасир чунин байтро эҷод намуда буд:

Гӯянд маро чун салаби хуб насозӣ,
Маъвогаҳи ороставу фарши мулавван?!
Бо наъраи гурдон чӣ кунам лаҳни муғаннӣ

Бо пўяи аспон чӣ кунам маҷлис гулшан?!
Ҷуши маю нўши лаби соқӣ ба чӣ кор аст?!
Ҷўшидани хун бояд бар айбаву ҷавшан.
Асп асту силоҳ аст маро базмгаҳу боғ,
Тир асту камон аст маро лолаву савсан.

Мунтасир ҳарчанд, ки мубориза шадиди зидди туркони ғоратгарро давом дод, аммо тарафдорони содиқи хешро наёфт. Дар натиҷаи аз иттифоқии хонадони Сомониён пароканда шудани давлат Мунтасир хеле озурдаҳол шуда, чунин гуфтааст:

Зи бими теғи ҷаҳонгиру гурзи калъакушой,
Ҷаҳон мусаххари ман шуд чу тан мусаххари рой.
Гаҳе ба иззу ба давлат ҳаме нишастам шод,
Гаҳе зи ҳирс ҳамерафтаме зи ҷой ба ҷой.
Басе тафохур кардам, ки ман касе ҳастам,
Кунун баробар бинам ҳаме амиру гадой.

Мунтасир мисли ҳамаи одамони замонаш сабаби мағлубияти худ ва хонадони Сомониёнро, ки халқро ба мубориза зидди аҷнабиён хезонида натавониста буданд, нафаҳмид. Аз ин рў ноомади кори хеш ва оли Сомонро кори худо шумуридааст.

То ту эй моҳ зери хок шудӣ,
Хокро бар сипеҳр фазл омад.
Дил ҷазаъ кард гуфтам эй дил сабр,
Ин қазо аз худой адл омад.
Одам аз хок буд хокӣ шуд,
Ҳар кӣ з-ў зод боз асл омад.

Дар ин ҷо фикри Мунтасир мутлақо нодуруст мебошад. Зеро ў ва пайравонаш мисли бобояшон Исмоил лашкаркашу сиёсатманд набуданд. Онҳо ба умеди лашкари зархарид давлат идора мекарданд.

Шеърхои Мунтасир пур аз дарду алам аст. Аммо афсўс, ки ашъори пурраи ў то ба мо нарасидааст. Аз порчаҳои овардаамон маълум мегардад, ки ў меҳнатпараст буд ва дар роҳи озодии он ҷонашро нисор кард.

Вай худро аз ноумедиҳо тасалло дода, қайд мекунад, ки ҳаргоҳ ҷаҳонгир шавию амири бузург, охир мемурӣ, дар зери хок фарқи туюу одами оддӣ намемонад:

Агар ду каллаи пўсида баркашӣ зи ду гўр,
Сари амир кӣ донад зи каллаи кисрой?!
Ҳазор қалъа кушодам ба як ишорати даст,

Балхй, Бадеъи Балхй ва дигарон дар ташаккули назми классикии точик калон аст.

**Абулмуайяди Балхй** яке аз каламкашони сермаҳсули асри X ба шумор меравад, ки ӯ дар замони амирии Нӯҳ бини Мансур (976—997) дар дарбори оли Сомон хизмат кардааст. Асари эчодкардаи вай «Ачоиб-ул-Буддон» (ё «Ачоиб-ул-Дунё») ба ин амири Сомонй бахшида шудааст. Сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки Абулмуайяди Балхй мумкин аст дар аввалҳои ба дарбори Сомониён кадам гузоштанаш бо устод Рӯдакй аз наздик шинос шуда, аз сӯҳбатҳои хосаи вай баҳраманд гашта бошад. Дар қатори асари дар боло ёд кардаамон Абулмуайяди Балхй боз ду китоби дигар таълиф намуда буд. Яке аз онҳо «Шоҳнома» буда, бо наср иншо шудааст. Қисми онро чун «Гаршоспнома» ба забон мебаранд. Достони ӯ «Юсуф ва Зулайхо» то мо нарасидааст. Аз эчодиёти доманадори адиб ҳамагй 40 мисраъ мондаасту халос. Яке аз намунаи шеърҳои Абулмуайяди Балхй:

Ангуштро зи хуни дили ман занад ҳизоб,
Каффе к-аз ӯ балои тану чони ҳар кас аст.
Уннобу сим агар набувадмон, раво бувад,
Унноб бар сабиқаи симини ӯ бас аст.

Нисбати Абдулмуайяд шеърҳои Маъруфии Балхй то мо зиёдтар омада расидааст. Вай адиби дарбори Абдумалик бини Нӯҳ (954—961) ба шумор меравад. Аз навиштачоташ бар меояд, ки ӯ яке аз ҳамсӯҳбатони хоси Рӯдакй будааст. Дар ин хусус ӯ чунин гуфтааст:

Аз Рӯдакй шунидаам, султони шоирон
К:—«андар чаҳон ба кас магарав, чуз ба Фотимй»

Пайравони Рӯдакй хеле зиёд буданд. Яке аз онҳо адиби ҳамзамони кофиласаро **Башшори Марғазй** ба шумор меравад. Зодгоҳ ва соли таваллуду вафоти ӯ маълум нест. Мувофиқи санади сарчашмаҳо вай ба забонҳои форсию арабй шеър мегуфтааст. Ва дар радифи қасидаи «Модари май»-и Рӯдакй қасида эчод намудааст. Намунае аз қасидаи Башшорй:

Разро худой аз қибали шодй офарид,
Шодию хуррамй зи раз омад ҳама падид.
Аз чавҳари латоифи маҳз офарид раз,
Он, к-ӯ чаҳону халқи чаҳонро биёфарид.
...Ангуру токи ӯ нигару васфи ӯ шунав,
Васфи тамом гуфт, зи ман боядат шунид.

[illegible]

[illegible]

[illegible] Абусаиди Абулхайр (967—1049) [illegible]

[illegible]

[illegible]

**Абулқосими Фирдавсӣ** — [illegible]

[illegible] Абулқосими Фирдавсӣ — [illegible] Тӯси Хуросон, [illegible]

давсӣ дар ҷавонӣ маълумоти ҳаматарафа гирифта, аз илмҳои замони худ воқиф мегардад. Вай дар қатори забони модарӣ ва адабиёти халқи худ, забони арабӣ ва адабиёти арабро ҳам хуб медонист. Фирдавсӣ беҳтарин давраи ҳаёти хешро ба эҷод намудани «Шоҳнома» бахшидааст. Ӯ дар синни 35-солагӣ ба шаҳри Бухоро ва дигар марказҳои маданни Хуросону Мовароуннаҳр сафар карда, сипас ба навиштани «Шоҳнома» камар баст Чи тавре ки худи шоир мегӯяд, ӯ дар роҳи эҷоди асари бузург пир шуд, вале қаламро ба канор нагузошт:

Ман аз шасту шаш суст гаштам чу маст,
Ба ҷои инонам асо шуд ба даст.
Рухи лолагун гашт бар сони коҳ,
Чу кофур шуд ранги мӯи сиёҳ.
Зи пирӣ ҳам овард болои рост,
Ҳам аз наргисон рӯшноӣ бикост.

«Шоҳнома» асари бузурги адабӣ-таърихӣ буда, ба муборизаи халқҳои форсинажод ба муқобили қувваи бадӣ бахшида шудааст. Дар мисоли бадӣ образи Заҳҳоки морон ва дар мисоли қувваи некӣ образи Қоваи оҳангар пешниҳод мегардад. Фирдавсӣ ҳимоятгарони ватанро дар симои Рустам ва дигар қаҳрамонони достонҳояш таҳлил намудааст. Инчунин ин асар муборизаи мардуми эронзаминро бар зидди Искандари Мақдунӣ ва арабҳо нишон медиҳад. Дар «Шоҳнома» бераҳму шафқат будани калабурони арабро чунин тасвир кардааст:

Аз Эрон киро хаста буд Яздигард,
Якояк бар он дашт карданд гард.
Якеро ду дасту ду гӯшу забон,
Бурида шуда чун тани беравон.
Якеро зи тан дур карда ду китф,
Аз он хастагон монд Нӯъмон шигифт.
Якеро ба мисмор канда ду чашм,
Чу Манзар бидид он, баровард хашм.
Ғамӣ гашт Баҳром аз он кори сахт,
Ба хоки падар гуфт:—«Эй шӯрбахт!».

Фирдавсӣ таърихи форсҳо ва халқҳои Осиёи Миёнаро мукаммал омӯхта, афсонаю ривоятҳои халқиро ҷамъ намуд ва дар муддати 30—35 сол асари бузурги беҳамтои худ «Шоҳнома»-ро, ки дорои 120 ҳазор байт мебошад, эҷод кард.

Фирдавсӣ баъди ба итмом расонидани «Шоҳнома» асари худро ба назди Маҳмуди Ғазнавӣ бурд, то ки ӯ ба ин асар баҳо диҳад. Вале Султон Маҳмуд, ки мусулмони мутаассиб буд, на

Фирдавсии бузург ва на асари безаволи ӯро ба назари эътибор нагирифт.

Мазмуни «Шоҳнома», ки қаҳрамониҳои мардуми эрониназодро дар бар мегирад, ба табъи Султон Маҳмуд хуш наомад. Ӯ то ҳатто ба Фирдавсӣ хитоб карда буд, ки дар лашкари вай чунин Рустамҳое, ки дар «Шоҳнома» тасвир ёфтаанд, кам нестанд. Фирдавсӣ ба Султон Маҳмуд ҷавоб гардонидааст, ки худо дигар монанди Рустам барои худаш ғуломе наофаридааст. Аз ин ҷавоб Маҳмуд дар ғазаб шуда фармудааст, ки Фирдавсӣ дастгир карда шавад. Вале кофтуковҳо беҳуда гузаштанд. Шоир пас аз оворагардиҳои зиёде ба ватанаш баргашта, соли 1020 вафот кард. Ҷасади ӯро дар боғи падараш дафн карданд. Зеро руҳониёни ҷоҳил ӯро ба кофирӣ гунаҳкор карда, дар қабристони мусулмонон роҳ надода буданд.

Дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ ҳаёти афсонавӣ ва таърихии халқҳои эронинажодро тасвир намуда, ҳодисаҳоро ба замонаи худ наздик ва алоқаманд кунондааст. Шоир ҳамчун шоҳиди зиндаи воқеаҳои калони таърихӣ ва задухӯрдҳои иҷтимоӣ гоҳ аз номи қаҳрамон ва гоҳ аз номи худаш муносибаташро нисбат ба он воқеаҳо баён кардааст.

Замони Фирдавсӣ даврае буд, ки мавҷудияти давлати Сомониёнро ҳуҷумҳои душманони хориҷӣ ва муборизаҳои байниҳудии дохилӣ дар зери хатар мегузоштанд. Дар чунин шароит ғояҳои ҳимояи ватан, садоқат ба он, муттаҳидшавӣ, қаҳрамонӣ ва далерӣ, ки дар «Шоҳнома» инъикос ёфтаанд, аҳамияти калони ватанпарварӣ доштанд.

Абулқосими Фирдавсӣ дар айёми сустшавӣ ва фаношавии давлати Сомониён умр ба сар бурдааст. Вай шоҳиди бевоситаи аз тарафи туркони қарохонӣ, ғазнавӣ, салҷуқӣ ва қарахитой пора шудани давлати бузурги тоҷикон мебошад. Аз ин рӯ надоштани лашкари миллӣ ва бонизоми Сомониро танқид кардааст. Фирдавсӣ аз муборизаҳои бебарори Абуиброҳим Исмоили Мунтасир (999—1005) барои азнавбарқароркунии давлати Сомонӣ бохабар буд. Азбаски Мунтасир лашкари озмудашудаи миллӣ надошт, бинобар ин бо ҷангиёни харидаи туркӣ кораш барор нагирифт. Шоир ҳаминро дар назар дошта, чунин гуфтааст:

> Пароканда лашкар наояд ба кор,
> Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.

Агар Сомониён ба умеди лашкари зархарид нашуда, сипоҳиёни санҷидашудаю содиқи хешро медоштанд, он гоҳ ба фаношавӣ намерафтанд.

Дар «Шоҳнома» ҳаёти осоишта ва меҳнати одамон дар нав-

бати аввал гузошта шудааст. «Шоҳнома» монанди асарҳои «Одиссей» ва «Иллиада» ганчи бебаҳои хазинаи тамаддуни чаҳонӣ мебошад.

Чӣ тавре ки аз гуфтаҳои боло маълум гардид, дар замони ҳукмронии Сомониён илм ва адабиёт тараққӣ карда, забони дарӣ-тоҷикӣ мавқеи забони арабиро маҳдуд намуд. Бо забони дарӣ-тоҷикӣ на танҳо асарҳои назмӣ, балки насрӣ низ офарида шудаанд, ки онҳо асосан асарҳои илмӣ ва фалсафӣ мебошанд.

## § 3. Насри классикии тоҷик

Тадқиқотҳои илмӣ собит менамоянд, ки баробари инкишофи назми классикии тоҷик, инчунин наср низ ба пояи баланди рушди хеш расидааст. Асарҳои насрии тоҷик чун мадҳия ва ҳикоятҳо интишор мешуданд. Бо ташкил шудани давлати Сомониён забони тоҷикӣ ба мақоми асосии худ баромад ва аз ин рӯ адибон бештар бо забони модарӣ асарҳо эҷод менамуданд. Ин имконият дод, ки дар асрҳои IX—X адабиёти тоҷику форс ташаккул ёбад. Агар назми тоҷику форс таърихи кӯҳан дошта бошад, пас насри он маҳсули асри X мебошад. Намунаи барҷастаи он «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ аст, ки бо супориши сипаҳсолори Хуросон (солҳои 60-уми асри X), аз тарафи **Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдураззоқи Тӯсӣ** навишта шудааст. Ин асари насриро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», **Абурайҳони Берунӣ** дар асари хеш «Ал-осор-ул-боқия ва инол-қурунилхолия» (соли 1001) қайд кардаанд.

**Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдураззоқ** (соли таваллудаш номаълум, вафоташ соли 963), аз ходимони обрӯманди давлатии замони Сомониён ба шумор мерафт. Вай яке аз одамони бонуфузи Тӯс буд. Дар рафти солҳои 947—951 вазифаи сипаҳсолории Хуросонро ба ӯҳда дошт. Давраи дуюми сипаҳсолории ӯ ба солҳои 951—963 рост меояд, ки он хеле ором гузашт. Абӯмансур баробари сиёсатмадорӣ, инчунин ба омӯхтани таърихи кӯҳани кишвари хеш, афсонаву ривоятҳо бештар шавқ дошт. Дар натиҷа ӯ ба таври насрӣ таҳти унвони «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» асари безаволи хешро эҷод намуд.

Муаллифи дигари асари насрии тоҷику форсу Абулмуйяди Балхӣ мебошад. Асари ӯ «Аҷоиб-ул-булдон» ном дошта, ба Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ бахшидааст. Муаллифи «Таърихи Систон» нақл кардааст, ки Абулмуайяди Балхӣ «Шоҳнома» ва «Гаршоспнома» низ таълиф карда будааст.

«Гаршоспнома» асари **Асади Тӯсӣ** буда, аз эҷодиёти даҳонакии халқҳои эронинажод сарчашма мегирад. Нахустин бор онро

Абулмуайяди Балхӣ ба рӯи коғаз овардааст, ки бо номи «Китоби Гаршосп» машҳур шудааст. Асади Тӯсӣ бошад, дар рафти солҳои 1065—1066 асари Абулмуайяди Балхиро дар пайравӣ ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз нав кор кардааст. Дар он баробари ситоиши корнамоиҳои паҳлавонон, пайғамбарон, инчунин ақидаҳои мухталифи фалсафию иҷтимоӣ ва ахлоқӣ низ акс ёфтаанд. Аммо аз пастию баландии замона матни пурраи онҳо то ба мо нарасидаанд.

Дуру дароз ҳукмронӣ кардани арабҳо ба забони асарҳои оригиналӣ таъсири манфӣ нарасонд. Эҷодкорони охири асри IX ва аввали асри X тамоми асарҳои хешро ба забони тоҷикӣ иншо намуданд. Китобҳои «Абӯмуслимнома», «Искандарнома», «Доробнома», «Самаки айёр» ва ғайра асарҳои беҳтарини ба забони соддаю оммафаҳми тоҷикию форсӣ эҷодшудаи он давра мебошанд.

«Абӯмуслимнома» чун «Гаршаспнома» яке аз асарҳои аввалини насрии тоҷику форс ба шумор меравад. Ин достони рамзии реалӣ буда, қаҳрамони асосиаш Абӯмуслими овозадори Хуросонӣ ба шумор меравад. Дар замони ҳукмронии Умавиён норозигии омма ба қиём расида буд. Аз ин рӯ халқ таҳти сарпарастии Абӯмуслими шуҷоъ ба мубориза омода гашт. Аз ин ҳаракат хилофати Аббосиён, ки худро шиапараст эълон намуда буданд, устокорона истифода бурданд. Онҳо Абӯмуслимро шахси боэътимоди хонадони пайғамбар эълон намуда, қувваю заковати вайро истифода намуданд. Абӯмуслим 9 июли соли 747 таҳти байраки сиёҳи Аббосиён ба муборизаи ошкорои зидди умавиён бархост.

Абӯмуслим дар муддати хеле кӯтоҳ дар байни мардуми маҳаллӣ ва арабҳо обрӯ ва нуфузи хоса пайдо намуд. Сарчашмаҳо тасдиқ менамоянд, ки одамони зиёде ба таълимоти вай пайравӣ намуда, ӯро пуштибонӣ намуданд. Дар муддати хеле кӯтоҳ аҳолии Ҳирот, Фушанҷ, Марворуд, Толиқон, Марв, Нисо, Абевард, Тӯс, Нишопур, Сарахс, Балх, Чағониён, Тахористон, Хатлон, Кеш, Насаф ва ғайра Абӯмуслимро пайравӣ намуданд. Пайравони ӯ либоси сиёҳ ба бар карда, гурзу калтакҳояшонро низ сиёҳ намуданд. Онҳо дар байни халқ ба унвони халиф Марвон ибни Муҳаммад лаънат мехонданд ва аз тахт даст кашидани вайро талаб менамуданд. Абӯмуслим ҳамин тариқ дар атрофи хеш бештар аз 100 ҳазор одамро ҷамъ намуд. Шӯҳрати вай хеле боло рафт. Арабҳо гурӯҳ-гурӯҳ шуда, ба дастаи ӯ шомил мегаштанд. Хусусан мардуми зиёди Яман худро ба шӯришгарон пайвастанд. Ғуломон низ барои озодӣ шуда ба сафҳои шӯришгарон дохил мешуданд.

Халиф Марвон тамоми тадбирҳоро андешид, ки шӯришро пахш намояд. Бо ин ният ҷонишинмақоми Хуросон Наср ибни Сай-

ёрро ба муборизаи зидди Абӯмуслим равона кард, аммо ин кӯшиш бефоида баромад. Зеро рӯз то рӯз мавҷи шӯриш баланд шуда, пайравонаш меафзуданд. Абӯмуслимро бештар табақаҳои бенавои қабилаҳои мухталифи араб дастгирӣ менамуданд. Ин буд, ки Наср ибни Сайёр соли 748 маҷбур шуд, ки пойтахти Хуросон шаҳри Марвро тарк намуда, ба тарафи Нишопур гурезад. Ҳокими Хуросон шикаст хӯрд. Пас халиф Марвон тадбири иловагӣ дида, ҳатто имом Иброҳими Аббосро дар пеши назари халқ қатл намуд, вале он суд надошт. Он гоҳ шӯришгарон дар Ироқ сахт мубориза намуда, пойтахти хилофат шаҳри Димишқро гирифтанд.

Абӯмуслим баъди се набард дар соли 750 ба ғалабаи кулл ноил гашт. Вай халиф Марвонро кушт ва бо ҳамин ба хилофати Умавиён хотима гузошт. Ӯ тавонист, ки Аббосиёнро соҳибтахт намояд. Ба ивази ин хизмат Аббосиён ӯро ҳокими Хуросон таъин намуданд. Дар Осиёи Миёна бар зидди арабҳо ҷангиёни Чин баромаданд. Хилофат барои пахш намудани ҳаракати чиниён Абӯмуслимро сафарбар кард. Вай соли 751 дар соҳили руди Таласи наздикии шаҳри Ҷамбул аз болои чиниҳо зафар ёфт. Абӯмуслим аз ғалабаҳои худ мағрур шуда, ба Аббосиён сар нафаровард. Он ба халифон, алалхусус халифи дуюм Абӯҷаъфари Мансур писанд набуд. Мансур аз паи кушттори Абӯмуслим шуд. Абӯмуслим аз он огоҳи ёфта, ба таклифҳои халиф гӯш намедод. Вале он дер давом накард. Мансур дар соли 755 бо фиребу найранг ӯро ба ҳарамсарои хеш хонда, сарашро аз тан ҷудо намуд. Бо ҳамин оташи муборизаи Абӯмуслим бар зидди мустамликадорон хомӯш гашт.

Куштори Абӯмуслим қаҳру ғазаби умумро ба миён овард. Дар Эрону Хуросону Мовароуннаҳр алангаи шӯриши зидди хилофат хомӯш нагашт. Дӯстдорони Абӯмуслим ба номи ӯ ҷамъиятҳо созмон доданд. Эҷодкорон бошанд дар бораи қаҳрамонию лашкаркашиҳои ӯ асару достонҳо эҷод намуданд. Машҳуртарини онҳо «Абӯмуслимнома» мебошад. Сарчашмаҳо «Абӯмуслимнома»-ро маҳсули эҷодии **Абӯтоҳир бини Ҳусайн (Ҳасан) ибни Алӣ ибни Мӯсо ибни Исмоили Тасусӣ (Тарсусӣ)** меҳисобанд. Дар ин достон корнамоиҳои қаҳрамони халқӣ Абӯмуслим ва пайравони вай, ки аз деҳқонон, косибон, ҳунармандон иборат буданд васф карда мешавад.

Яке аз достонҳои қадимтарини халқҳои тоҷику форс «Доробнома» мебошад, ки он ба қалами **Муҳаммад ибни шайх Аҳмад ибни мавлоно Алӣ ибни ҳоҷи Муҳаммад** машҳур ба лақаби **Беғамӣ** тааллуқ дорад.

Достон дар бораи корнамоиҳои шоҳони хахоманишиён Дориюши Қабир нақл мекунад. Он аз чандин достонҳои мустақил иборат мебошад. Чӣ хеле ки маъхазҳо ҳидоят мекунанд, яке

аз он достонҳо «Дорову бути заррин» ном дорад. Қаҳрамонони асосии достон Дороб ва фарзандони вай мебошанд. Фарзанди барўманди Дороб Фирўзшоҳ ба шумор меравад. Дар баъзе мамлакатҳо ин достон бо номи «Фирўз—шоҳнома» низ машҳур аст. Ин достон дар бораи кишваркушоиҳои Фирўзшоҳу Дороб нақл мекунанд.

Сарчашманависон ҳидоят мекунанд, ки Дороб марди бефарзанд будааст. Вай ба духтари шоҳи Барбар хонадор мешавад. Аз ў писаре ба дунё меояд, ки ўро Фирўзшоҳ ном мекунад. Фирўзшоҳ ба балоғат расида, дар хобаш ба духтари шоҳи Яман ошиқ мешавад. Сипас бо кўмаки вазири падар озими Яман мегардад. Аз ин шоҳи мулк огоҳ шуда, Фирўзшоҳро ҳабс мекунад. Вай бо ёрии посбонон аз ҳабсхона гурехта, зидди шоҳ ба ҷанг мехезад. Сипас падар ба кўмаки ў меояд. Ҳамин тавр онҳо қисми зиёди мамлакатҳои арабро тасхир мекунанд. Пас корнамоиҳои Фирўзшоҳ дар байни деву париён оғоз меёбад. Ин асар яке аз нодиртарин достонҳои насри ибтидоии тоҷику форс ба шумор меравад.

Нисбат ба назм кам эҷод шудани асарҳои насрӣ сабаб дорад. Зеро дар ибтидои эҷоди асарҳо ба забонҳои қадимаи дарӣ бештар ба назм диққат медоданд. Инро эҷодиёти шоирони то Рўдакию Фирдавсӣ исбот намуданд. Аз ин рў дурдонаҳои насри классикии тоҷик кам бошад ҳам, аммо онҳо бо забони хеле оммафаҳм эҷод гаштаанд.

Дар охир бояд ҳаминро хотирнишон созем, ки асри X на ин ки замони болоравии давлатдории тоҷик, балки даврам гул-гулшукуфии маданияти классикии он низ мебошад. Ба туфайли дар Бухоро ташкил шудани мактаби адабии тоҷик ва дар он ҷо гирд омадани беҳтарин қофиласароёни назму насри классикӣ инкишоф ёфт. Адабиёту забони тоҷик, ки маҳз дар асри X қуллаи баланди инкишофи худро дарёфтанд, дар роҳи бомаданияту маърифат гардонидани халқҳои ҳамсоя, алалхусус туркони бодиянишин саҳми муносиб гузоштанд. Маҳз дар зери таъсири ҳамин забону адабиёт забони арабӣ ба дараҷаи дуюм гузашта, адибон минбаъд ба забони тоҷикӣ асарҳо эҷод намуданд. Назму насри классикии тоҷик боз як бори дигар равонӣ, зебоӣ ва нафисии забони тоҷикиро собит намуданд, ки ҳатто мардумони бегона ошиқи он шуда, ба ҳамин забон асарҳо эҷод намуданд. Ширинии ин забону адабиётро боз дар он ҷустан мумкин буд, ки баъди барҳамхўрии давлати Сомониён забони онҳо—забони тоҷикӣ то ибтидои асри XX барои халқҳои ғайритоҷикӣ чун забони давлатӣ хизмат кард.

# БОБИ 12

## БОЛОРАВИИ МАОРИФУ ФАРҲАНГ

### § 1. Мактабу мадраса

Сарчашмаҳо ва ҳафриётҳои бостонӣ шаҳодат медиҳанд, ки хат дар Осиёи Марказӣ таърихи хеле қадима дорад. Зеро пайдоиши хат ба мактабу таълимгоҳҳои ибтидоӣ роҳ кушод. Он имконият дод, ки муносибатҳои дипломатӣ ва доду гирифти байни давлатҳои наҳустин васеъ гардад. Маҳз пайдоиши хат диққати аҳли башарро ба мактаб зиёд намуд.

Сарчашмаҳо ҳамчунин гувоҳи таърихи куҳан доштани мактаб дар Мовароуннаҳру Хуросон мебошанд. Мувофиқи нишондодҳои «Авесто» падару модар ҷигарбанди хешро аз кӯдакӣ ба мактаб медоданд, то ин ки ӯ хатту савод омӯзад. Дар асоси таълимоти зардуштиён аз тифлӣ ба мактаб надодани кӯдак гуноҳи азим ба шумор мерафт. Сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки суғдиён аз синни панҷсолагӣ фарзандони хешро ба мактаб омода менамуданд. Баъди камолёбӣ ӯро барои омӯхтани масъалаҳои тиҷорату сиёсатмадорӣ ба мамлакатҳои хориҷа мефиристоданд.

Азбаски мо оиди таърихи куҳан доштани мактаб маълумоти пурраи хаттӣ надорем, бинобар ин дар асоси навиштаҷотҳои пажӯҳишгарони таърихи дабистону мадрасаҳо ба хулосае меоем, ки ташкили таълимгирии кӯдакон дар аҳди Ҳахоманишиҳо хеле пеш рафта будааст. Аз сарчашмаҳо бар меояд, ки дар замони ҳукмронии Доро І (522—486) дар давлати Ҳахоманишиҳо 900 дабистон амал мекардааст. Ин далел шоҳиди он аст, ки мактаб дар Мовароуннаҳру Хуросон таърихи қадима дорад. Инчунин сарчашмаҳо дар бораи мактабҳои аввалини Бухоро, Марв, Балх, Ҳирот, Самарқанд, Тирмиз ва ғайра ахбор медиҳанд. Мувофиқи маълумотҳо мактаб даставвал дар хонаҳо ташкил ёфта, аз асрҳои V—VI милод сар карда, ба ташки-

ли дабистонҳои умумӣ қадам ниҳодаанд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои бостонӣ маълум мешавад, ки дар мактабҳои тоисломӣ баробари забону хониш, инчунин ба масъалаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ низ диққат медодаанд. Ба ин ҳуҷҷатҳои хафриётҳои Панҷакенту Афросиёб шаҳодат медиҳанд. Зеро дар ин мавзеъҳо алфавити пурраи ҳарфҳо ба забони суғдӣ ёфт шудаанд.

Мувофиқи гуфтаи сарчашмаҳо мардуми форсизабон нисбати халқҳои дигар пештар соҳиби «Алифбо» гашта буданд. Аз ин рӯ ҳангоми аз тарафи арабҳо истило шудани Хуросону Мовароуннаҳр мустамликадорон кӯшишҳо ба харҷ доданд, ки аз усули ташкили мактабҳои маҳаллӣ истифода баранд. Ҳарчанд ки мо имрӯз оиди нахустмактабҳо маълумоти кофӣ надорем, вале раванди худи ҳаёт собит менамояд, ки мардуми даризабон нисбати дигар халқҳои башар пештар ба илму маърифат расидаанд. Зеро ҳоло дар асри VII адабиёти хаттии ин мардум амал мекард. Форсизабонҳо бо шеъргӯии худ таъсири мусбии хешро ба болоравии илму адаби халқҳои дигар расонида буданд. Агар ҳамин тавр намебуд, он гоҳ шаҳрҳои Балх, Ҳирот, Бухоро, Самарқанд ҳоло то истилои арабҳо овозадор намегаштанд. Шаҳри Балх то Марвро ишғол намудани арабҳо (651) ба маркази тамаддуни илмию адабии мардуми даризабон табдил ёфта буд. Мактабҳои ҳамин шаҳр буд, ки ҳоло дар замони Сосониён овозаи хонадони бармакиёни балхӣ хеле боло рафт. Дар ин хусус сарчашмаҳои таърихӣ ҳикоят мекунанд. Онҳоро академик В. В. Бартольд дар пажӯҳишҳояш тақвият мебахшад. Вай қайд менамояд, ки тавассути мактабҳои Балх хонадони бармакиён шӯҳрат ёфт ва донишмандони он чун вазирони оқилу доноии хилофати Аббосиён хизмат намуданд. Дар ҳақиқат агар мактаб дар замони истилои араб ва пеш аз он ташаккул намеёфт он гоҳ намояндагони барҷастаи илму адаб, алалхусус илмҳои табиатшиносӣ дар Марву Балху Хоразму Самарқанду Бухоро аз куҷо пайдо мешуданд? Маҳз ҳамин мактабҳо буданд, ки дар онҳо баробари асосҳои дину оин, инчунин аз илмҳои табиатшиносӣ, одобу ахлоқ низ дарс мегуфтанд. Ҳамаи инро халифони араб медонистанд. Беҳуда нест, ки халиф Мансур (754—775) ба мактаби маҳаллии Хуросону Мовароуннаҳр ҳусни таваҷҷӯи хоса дошт. Аз ин рӯ беҳтарин донишмандони маҳаллиро чун мушовир ва ҳатто ҳоким ба дарбори хеш даъват менамуд. Академик В. Бартольд ба сарчашмаҳо такя намуда, қайд кардааст, ки дар даврай халифии Маъмун (813—833) яке аз намояндагони хонадони Сомониён ба сифати ҳокими шаҳри Искандария ба Миср фиристода мешавад. Ҳамин тавр Шарқ барои баланд шудани сатҳи дониши илмию амалии мардуми сарзаминаш ҳиссагузор шуд.

Халифони араб кӯшиш менамуданд, ки пойтахти хилофат

ба шаҳри гул-гулшукуфтаи илму адабиёт табдил ёбад. Бо имдоди Маъмун соли 832 дар шаҳри Бағдод мактаб таъсис ёфт, ки аксари кулли устодонаш аз мустамликаҳо буданд. Аз ин намояндагони илоҳиёт барои пурра намудани донишу заковати хеш таҳсилро дар Бағдод давом дода, чун донандагони беҳтарини фиқҳ ба камол мерасиданд. Аввалин муаллимони донишгоҳҳою мадрасаҳо дар Бағдод тайёр карда мешуданд. Баъди он ки Самарқанду Бухоро пойтахти Сомониён гаштанд, он гоҳ омӯзгорони пухтакор дар ин шаҳрҳо ба камол расонида мешуданд. Онҳое, ки адабиёту забони араб дарс медоданд, таълимро дар Бағдоду шаҳрҳои тобеъи хилофат мегирифтанд. Муаллимони илмҳои дақиқу табиатшиносӣ дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Марв ва мулки Хоразм ба камол мерасиданд.

Сарчашмаҳо ва муҳаққиқони таърихи мактабу мадрасаи тоҷику форс то кунун дар бораи саволи дар куҷо пайдо шудани «Алифбо» ҷавоби ҳаққонӣ надодаанд. Аммо пайдоиши хатҳои суғдӣ, бохтарӣ ва хусусан дастхатҳои «Авасто» шоҳиди он мебошанд, ки «Алифбо» дар Хуросону Мовароуннаҳр таърихи куҳан дорад.

Пажӯҳишгар А. Мирбобоев онди мактабу мадраса тадқиқоти илмӣ намуда, қайд мекунад, ки ҳанӯз дар замони ҳукмронии Сосониён (220—651) дар Хуросону Мовароуннаҳр мактабу донишгоҳҳо буданд. Дар замони ҳукмронии Хусрави Анушервон (солҳои 531—579) таълимгоҳе тахти унвони «Донишгоҳи Ганди Шопур» амал мекард. Хусрави Анушервон донишгоҳи номбурдаро дар шаҳри Шоҳобод ташкил дод. Дар донишгоҳи таъсисдодаи вай баробари фанҳои дигар, инчунин аз илми тиб низ дарс мегуфтанд. Ҳатто дар назди донишгоҳ пизишкхонаи қабули беморону касалхонаи доимоамалкунанда мавҷуд будааст. Дар донишкада таълим ба забони лотинӣ пеш мерафтааст. Дар ин донишкада баробари устодони лотинизабону арабидон, инчунин муаллимони ҳиндунажод низ дарс мегуфтаанд. Дар замони истилои арабҳо ва ҳукмронии халифони аввали аббосӣ Абулаббос (750—754) ва Мансур (754—775) ба донишгоҳи номбурда диққати махсус медоданд. Дар он ҷо дар қатори мардумони дигар, инчунин фарзандони сарлашкарону ҳокимони арабҳо низ таҳсили илм менамуданд. Дар замони халиф Ҳорунаррашид (786—809) донишгоҳ ба Бағдод кӯчонида шуд.

Аммо дар Бағдод ба он начандон аҳамият доданд. Аз сабаби хунукназарӣ, баъди сари Ҳорунаррашид донишгоҳ барҳам хӯрд.

Яке аз донишгоҳҳои машҳури қадимаи форсу тоҷик—университети Ҳирон ба шумор мерафт. Агар донишгоҳи «Ганди Шопур» табибони ҳозиқро ба камол мерасонида бошад, пас донишгоҳи Ҳиронро кайҳоншиносону риёзидонҳо, кимёгарон хатм ме-

намуданд. Дар ин донишгоҳ ба забони лотинӣ фалсафаи Риму Юнон, математика, ситорашиносӣ ва ғайра таълим дода мешуд. Инчунин ба донишҷӯён аз фалсафаи Афлотун дарс мегуфтанд. Донишгоҳи Ҳирон дар замони истилои арабҳо низ амал мекард. Онро беҳтарин олимони асримиёнагии тоҷику форс, арабу юнонӣ ва ғайра хатм намудаанд. Машҳуртарини дастпарварони он Собит ибни Қарах буд, ки дар илмҳои математикаю ситорашиносӣ ҳамто надошт. Ин донишгоҳ дар тарбияи табибон низ ном бароварда буд. Онро як зумра пизишкони авлодӣ, аз ҷумлаи Ибни Ситон, писараш Иброҳим ибни Ситон, набераю аберааш Ҳилол ибни Иброҳим, Абӯисҳоқи Сабеъ ва дигарон хатм намуданд, ки дар қатори тиб, инчунин илмҳои математика, геометрия, нуҷумро хуб азбар намуда буданд.

Ҳамин тавр донишгоҳҳои нахустин, ба монанди: Насибина, Ганди Шопур, Ҳирон ва ғайра дар ташаккули илму адаби қадимаи тоҷику форс ва инкишофи мактабу мадрасаи он хизмати босазое намуданд.

Баъди аз тарафи арабҳо истило шудани Осиёи Миёна дар ҳаёти мактабу мадраса тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Пеш аз ҳама ислом ба ҳаёти мактаб дохил шуд. Ба ҷои динҳои зардуштию буддоӣ, акнун ислом қоидаю қонуни хешро ворид кард. Оҳиста-оҳиста ба ҷои алифбои суғдӣ, алифбои арабӣ ҷорӣ шуд. Чӣ хеле ки А. Наршахӣ ёдовар мешавад, мактабҳо бештар дар назди масҷидҳо ташкил карда мешуданд. Вай қайд менамояд, ки масҷид қариб дар ҳар як деҳаи калони Бухоро амал мекард. Дар деҳаҳои калон, ки ба гузарҳо тақсим мешуданд, ду-се масҷид мавҷуд буд ва бешак онҳо мактаб низ доштанд.

Ҳамин тавр, дар замони Сомониён мактаби миллии тоҷик ташаккул ёфт. Он имконият медод, ки дар шаҳрҳо мадрасаҳо кушода шаванд.

Баъди истилои арабҳо хилофат ба ташкили мадрасаҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр камар баст. Мувофиқи сарчашмаҳо яке аз аввалин мадрасаҳо дар Балх, яъне қисми шарқии хилофат кушода шудааст. Наршахӣ ёдовар мешавад, ки аввалин мадрасаи шаҳри Бухоро бо номи Фарҷек таъсис ёфта буд. Вале дар натиҷаи сӯхтори сахте, ки дар моҳҳои маю июни соли 937 дар Бухоро рух дод, он мадраса хокистар гардид. Дар замони Сомониён маҳалли Ҷӯи Мӯлиёни Бухоро макони асосии илму адаб ва маориф ба шумор мерафт. Амирони Сомонӣ аз Исмоил сар карда, то Нӯҳи II ба ин масъала аҳамияти аввалиндараҷа медоданд. Мактабҳои ин мавзеъ бевосита тахти назорати худи подшоҳон қарор доштанд.

Муқаддасӣ ёдовар шудааст, ки дар асрҳои миёна дар Мовароуннаҳр мадрасаҳои шахсӣ низ амал мекарданд. Ин мадраса-

ҳо пеш аз ҳама ба рӯҳониёни олимартаба тааллуқ доштанд. Дар замони Сомониён Абӯмансури Мотаридӣ ва Абулқосими Самарқандӣ соҳиби чунин мадрасаҳо буданд.

Самарқанд яке аз шаҳрҳои калонтарини асримиёнагии тоҷик мебошад. Ҳамзамон он маркази калони илмию фарҳанги низ буд. Чӣ хеле ки сарчашмаҳо собит менамоянд, дар асрҳои IX—X дар ин шаҳри азим зиёда аз 17 мадраса амал мекард. Дар мадрасаҳо номдортарин олимони замон дарс мегуфтанд. Устодони машҳури мадрасаҳои Самарқанд ба монанди: Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ, Абӯмансур Муҳаммад Мотаридии Самарқандӣ, Абулфатоҳ Саиди Самарқандӣ, Асриддин Фозеи Самарқандӣ, Ашраф ибни Муҳаммади Самарқандӣ ва дигарон аз илмҳои мухталифи замон дарс мегуфттанд.

Бисёре аз сарчашмаҳои асримиёнаги онди мактабу мадраса дахл намуда, қайд мекунанд, ки баробари олимони варзида, инчунин дар мадрасаю донишгоҳҳо амирону вазирон ва ҳокимони бофазилати замони Сомониён аз фанҳои мухталиф, аз фиқҳ, фалсафа ва ғайра дарс мегузаштанд. Исмоил, наберааш Насри II, вазирон Балъамӣ, Ҷайҳонӣ, Утбӣ ва дигарон ба шогирдон дарс меомӯзониданд.

Амирону вазирон кӯшиш ба харҷ медоданд, ки шогирдон бо нодиртарин адабиёти илмию дарсии замона таъмин бошанд. Бинобар ин китобхонаҳоро бо адабиёти нодир таъмин менамуданд. Шогирдону устодони мактабу донишгоҳҳои шаҳри Бухоро аз китобхонаи Сомониён «Савонеҳ-ул-ҳикмат» («Ганҷинаи ҳикмат») адабиёти хаттии хешро дарёфт менамуданд. Китобхона бо ташаббуси Исмоил дар пайравии китобхонаи номии шаҳри Марв дар замони Яздигурди III (632—651) ташкил гардид. Дар замони Насри II китобхона хеле шӯҳрат ёфт ва бо адабиёти навтарин бой гардид. Дар рафҳои он аз таърих, адабиёт, фалсафа, фиқҳ, нуҷум, риёзиёт, тиб, ҷуғрофия, табиат ва ғайра китобҳоро ба забонҳои тоҷикӣ, паҳлавӣ, лотинӣ, арабӣ ёфтан мумкин буд. Сомониён кӯшиш намуданд, ки баробари Бухоро, инчунин дар шаҳрҳои Самарқанд, Тирмиз, Марв, Балх, Ҳирот, Нишопур, Чоч, Истаравшан, Хуҷанд ва ғайра ҷойҳое, ки соҳиби мактабу мадраса буданд, китобхонаҳо амал кунанд.

Муҳаққиқ В. Бартольд қайд мекунад, ки дар ибтидои асри XI дар шаҳрҳои Ғазна, Марв, Нишопур ва ғайра мадрасаю китобхонаҳои зиёде будааст. Дар ин давра дар Хатлон зиёда аз 20 мадраса амал мекард. Шаҳри Марв низ чунин миқдор мадраса дошт. Мадрасаҳои «Шараф-ал-Мулк», «Амидиё», «Дуториё» ва ғайра аз қабили донишкадаҳои машҳури охири асри X ва ибтидои асри XI шаҳри Марв буданд.

Ҳарчанд, ки ибтидои асри XI давраи таназзули сохти феодалӣ ва оғози муборизаҳо барои тақсими ҳудуди давлати Сомо-

инён буд, аммо ба пешрафти илму адаб таъсири манфӣ нарасонд. Золимтарин шоҳони замон кӯшиш менамуданд, ки ба инкишофи мактабу маориф ҳиссагузор бошанд. Мо инро дар симои Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дида метавонем, ки дар аҳди ӯ мадрасаи «Сайри Султонӣ» яке аз марказҳои асосии илму маърифати аввали асри XI ба шумор мерафт.

Тадқиқи мухтасари ҳаёти мактабу мадраса нишон медиҳад, ки дар асрҳои миёна Мовароуннаҳру Хуросон яке аз марказҳои аввалини тамаддуни фарҳангии мардуми Шарқ ба шумор мерафтанд. Бо вуҷуди камию костагии замон асрҳои IX—X дар таърихи илмию фарҳангии тоҷик мақоми хос доштанд.

## § 2. Санъати мусиқию овозхонии тоҷик

Дар боло мо доир ба таърихи хеле куҳан доштани мусиқии тоҷику форс ақидаи иброз намуда будем. Аз рӯи тадқиқотҳо ба хулосае омадем, ки мусиқии классикии тоҷик ҳамқадами мусиқии пуробу ранги Шарқ мебошад. Мусиқии тоҷик ибтидои хешро аз асрҳои V—VII оғоз намуда, бо номи асосгузори хеш Борбад алоқаманд аст. Ин мусиқӣ дар замони дар ҳайати давлати Сосониён будани Мовароуннаҳру Хуросон пурра гашта аст. Навозандагону сароядагони касбии он давра—Накисои Чангӣ, Ромтин, Саркаб, Озодаи Чангӣ, Бомшод, Гесӯи Навогар, Саркаш ва дигарон асосгузорони суруду мусиқии қадимаи тоҷику форс ба шумор мераванд.

Дар қатори онҳо овозхонону мусиқидонону нағмасароёни зиёде ба камол расиданд. Қисми кулашон эҷодиёти хешро аз замони Сосониён оғоз намуданд. Баъдтар арабҳо низ ба санъати овозадори тоҷику форс рӯ оварданд. Ба сари қудрат омадани хонадонҳои тоҷикии тоҳирӣ, саффорӣ ва сомонӣ ин санъатро такмил ва ташаккул дод.

Чӣ хеле ки қайд намудем дар болоравии санъати мусиқӣ, овозхонии тоҷик олимону шоирон ҳиссаи муносиб гузошта буданд. Саҳми Рӯдакӣ, Сино, Форобӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Абулҳафси Суғдӣ ва ғайра дар ташаккули мусиқии классикии тоҷик калон буд. Аз ҷумла устод Рӯдакӣ асбоби мусиқии «уд»-ро ихтироъ карда, ду оҳанги классикии «тарона» ва «уфар»-ро офаридааст. Хизмати ибни Сино дар омӯзиши назарияи мусиқӣ калон аст. Ӯ ин кори хешро дар китоби «Рисолаи мусиқӣ» асоснок намуд. Onди назарияи мусиқӣ дар асарҳояш «Донишнома» ва «Китоб-уш-шифо» бобҳои махсус ҷудо намуд. Абӯалӣ ибни Сино ба ҷои мусиқии яковозаи қадима, мусиқии дуовозаро дар мусиқии халқӣ такмил дода, баробари он асбобҳои сурнаю ғижжакро ихтироъ кард.

Бо ташаббуси онхо дар асрхои IX—X оҳангҳои мусиқии достонӣ, суруд, тарона, хусравонӣ, ушшоқ, рост, бода, ироқ, зерафканда, бусалик (аз номи Абӯсалик), сипохонӣ, наво, баста ва ғайра тавлид ёфтаанд, ки онхо асоси хешро дар асрхои VI—VII гузошта буданд. Дар ин ҷода хизмати мусиқидонону овозхонони зайл хеле бузург аст.

Пеш аз он ки дар бораи мусиқию ҳофизии замони Сомониён ҳарф занем, бояд каме ба таърихи ибтидогирии мусиқию суруди классикии тоҷику форс назар афканем. Дар ин ҷода муҳаққиқони қадима ва навин ҳарф задаанд. То асри X оиди таърихи мусиқӣ ва сароияндагони бомаҳорати он давра сарчашманависон Ал-Ҷоҳиз (775—818), ибни Хурдодбеҳ (912), Маъсудӣ (957), Ибни Муқаффаъ (721—757), Абӯҷаъфари Исфаҳонӣ (897—967) ва дигарон маълумот додаанд. Олимони мусиқидону мусиқишиноси тоҷик А. Раҷабов, А. Низомов низ ба эҷодиёти классикону сарчашманависон такя намуда, аз таърихи пайдоиши мусиқии классикии тоҷик нақлхо намудаанд. Аз ҷумла А. Раҷабов оиди асосгузори мусиқии классикии тоҷик Борбад тадқиқоти доманадор намуда, эҷодиёти ӯ ва ҳамасрону шогирдонашро рӯи об баровард. Дар асоси ривояту қиссахо ва нақли сарчашмахо исбот гардид, ки Борбад асосгузори мусиқии замони ҳукмронии сулолаи Сосониён ба шумор меравад. Борбад асосан аз деҳаи Нусаи ноҳияи Дарвоз буда, овони ҷавонию камолёбиашро дар шаҳри Марв гузаронида, бо тахаллуси Марвазӣ машҳур аст. Мувофиқи ривоятхо бо кӯшишу ғайрати Борбад сӣ матни (парда, тарона) мусиқии классикии тоҷику форс эҷод шудааст. Лаҳнҳои эҷодкардаи Борбад ба худ маънииву мақоми хос доштанд. Ҳар яки он лаҳнхо ба ҷаму шодии аҳли хонадони сосониён бахшида шуда буданд. Масалан, лаҳни «Қуфли Румӣ» ба шарафи зафари сосониён аз болои румиён, «Меҳргонӣ», «Сози Наврӯзӣ» ба истиқболи ҷашнхои миллии мардуми даризабон эҷод гашта буданд.

Низомии Ганҷавӣ ба сӣ лаҳни мусиқии Борбад чунин баҳо додааст:

Даромад Борбад чун булбули маст,
Гирифта барбате чун об дар даст.
Зи сад дастон, ки ӯро буд дамсоз,
Гузида кард сӣ лаҳни хушовоз.
Ба хушлаҳнӣ бад-он сӣ лаҳни чун нӯш,
Гаҳе дил додиву гоҳ бистодӣ хуш.

Оҳангҳои дар охири асри VI ва ибтидои асри VII бунёдкардаи Борбад то вӯзхои мо бетағйир омада расидаанд. Асари силсилавии вай «Хусравониёт», ки аз силсилаи «Чаковак», «Ну-

хуфт», «Хусравонӣ», «Ҷомадорон», «Зерафканд», «Наврӯзи Бузург», «Наврӯзи Хоро» ва ғайра иборатанд, то мо пурра омада расидаанд.

Борбад ҳамзамону ҳамасру шогирдони зиёде дошт, ки онҳо мисли вай дар роҳи бой гаштани мусиқии классикии тоҷику форс хизмати босазое намудаанд. Яке аз ҳамзамонони ӯ Бомшод мебошад, ки дар Табаристон ба дунё омада, бо эҷод намудани оҳанги нав номи хешро дар таърих ҷовидон сохтааст. Ӯ дар замони Сосониён умр ба сар бурдааст. Оҳангҳои дилчаспи «Бомшодӣ», «Найрез», «Ашкана», «Тези рост» ба ӯ тааллуқ доранд.

Борбадро пайравону ҳамзамони зиёде буд, ки онҳо дар болоравии санъати мусиқию овозхонии тоҷик саҳми муносиб гузоштанд. Ба ин навозанда ва ҳофизи мумтози тоҷику форс Накисои Чангӣ мисол шуда метавонад. Вай низ мисли Борбад дар замони ҳукмронии Хусрави Парвез умр ба сар бурда, хизмати эшонро ба ҷо овардааст. Бино ба маълумоти маъхазҳои таърихӣ қисме аз силсилаи суруду оҳангҳои ба рӯзҳои сол эҷод шудаи замони Хусрави Парвез ба Накисои Ҷангӣ тааллуқ доранд.

То паҳн шудани ислом занон низ дар ҳаёти мусиқию сурудхонӣ мақоми хос доштанд. Онҳо озодона баробари мардон дар маъракаҳо ширкат меварзиданд. Яке аз он занони озодфикр, ки бо Борбаду Накисои Чангӣ ҳамзамон буд—Гесӯи Навогар мебошад, ки хизматаш дар инкишофи санъати ибтидоии мусиқию суруди тоҷику форс бузург аст. Вай баробари ҳофизаи хуш салиқа буданаш, инчунин дар чангнавозӣ бемисл буд.

Абӯибоди Мӯбад (688—743) овозхону мусиқашиноси охири асри VII ва ибтидои асри VIII ба шумор меравад. Вай ҳофиз, машшоқ, ва оҳангсози машҳури классикии тоҷику форс мебошад. Вақто ки арабҳо тамоми давлати Сосониро тасхир намуданд, беҳтарин олимон, шоирон, ромишгаронро ба мулки хеш бурданд. Дар байни онҳо Абӯибоди Мӯбад буд, ки парвози баланди мусиқию овози форамаш ӯро ба Макка бурд. Санъати ширадори овозхонии вайро дар бисёр шаҳрҳои Ғарбу Шарқ машҳур намуд. Мӯбад бо устодони шинохтаи санъати замонаш Нашити Форсӣ, Ибни Ҷомей ва дигарон вохӯрда, истеъдоди хешро сайқал дод. Ӯ чун марди доно ба мактаби мусиқии Макка асос гузошт.

Ҳамзамони Абӯибоди Мӯбад Абӯусмон Саид ибни Мусаҷҷаҳ мебошад. Ӯ аз ғуломӣ то ба дараҷаи ҳофизу мусиқашиноси варзидаи тоҷик сабзида расид. Вай ҳамроҳи ғуломоне, ки Абдуллоҳ ибни Забир аз Ироқ оварда буд, дар таъмири хонаи Каъба ширкат варзид. Абӯусмон бо сурудхониву мусиқанавозии хеш ба дили ҳокимон роҳ ёфт. Ин буд, ки вайро аз ғуломӣ озод намуда, боз ба Эрону Хуросон фиристоданд.

Абӯусмон баъди такмили эчодиёташ боз ба Арабистон бармегардад. Вай дар шаҳри Мадина аввалин мадрасаи мусиқиро мекушояд. Дар он мадраса беҳтарин мусиқидонон ба камол мерасанд. Вале дере нагузашта бо иғвои уламони мутаассиб мадрасаро барҳам медиҳанд. Ҳарчанд, ки мадраса баста шуд, аммо шогирдони аввалини он дар тарғиби мусиқии замона саҳми хешро гузоштанд. Абӯусмон нахустин шахсе буд, ки мусиқии тоҷику форсро пешкаши мардуми Макка намуд. Вай исбот намуд, ки мардуми тоҷику форс нисбати мустамликадорон халқи бофарҳанганд.

Дар қатори мусиқидонону оҳангсозону сарояндагони дар боло ёдкардаамон, саҳми падару писар Иброҳиму Исҳоқи Мавсилӣ дар болоравии суруду мусиқии асрҳои миёнаи тоҷику форс хеле калон аст. Овози форам, ақли расо ва дониши амиқ Иброҳими Мавсилиро ба мулки араб овард. Ӯ дар ибтидои сариқудрат омадани хилофати Аббосиён (750) соҳибшӯҳрат шуда буд. Аз ин рӯ, халиф Ҳорунаррашид ӯро ба Бағдод овард ва аз заковати вай халқи хешро баҳраманд намуд. Вай дар Бағдоду Куфа мактаби мусиқии хешро таъсис дода, пайравони зиёде пайдо намуд. Ӯ оҳангсози мумтоз буд. Мувофиқи гуфтаи сарчашмаҳо вай бештар аз 900 суруду оҳанг тасниф кардааст.

Халифони аббосӣ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки пойтахташон—шаҳри Бағдодро ба маркази ҳақиқии илму фарҳанги асрҳои миёна табдил диҳанд. Аз ин рӯ баробари олимону адибон, инчунин беҳтарин ромишгарону мусиқадононро ба он ҷо мехонданд. Пеш аз он дар борам ҳар як овозхону мусиқадон маълумот ҷамъ менамуданд. Ин буд, ки дар миёнаи асри VIII овозаи оҳангсоз, сарояндаи мумтоз, навозандаи беҳамто ва донишманди нотакрори мусиқии тоҷику форс Залзали Розӣ хеле боло рафт. Вайро бо амри Ҳорунаррашид ба Бағдод бурданд. Ӯ дар он ҷо ҳунари водои хешро сайқал дода, ҳамроҳи Мавсилӣ ба мактаби мусиқии Бағдод асос гузошт. Оҳиста-оҳиста шӯҳраташ баланд гашт. Дар заминаи мактаб—«Академияи мусиқии Бағдод»-ро созмон дод.

Залзали Розӣ асосҳои мусиқию сурудхониро дар зодгоҳаш шаҳри Рай аз падар ва устодони варзидаи замон омӯхт. Вай дар он ҷо нозукиҳи навохтани барбатро ёд гирифт. Ӯ сабки хуросонию мовароуннаҳриро такмил дод. Баъди ба Бағдод омадан дӯстони зиёд пайдо намуд. Аз ҷумла Иброҳиму Исҳоқи Мавсилӣ, Юнуси Форс (Котиб) ва дигар аз ҳамсафону шогирдону пайравони ӯ буданд.

Залзалӣ баробари машшоқу мутриби хуб буданаш, инчунин худро дар илму мусиқӣ санҷид. Вай бо кӯмаки дӯсташ Иброҳими Мавсилӣ китоби сурудҳои мавсимию маросимиро тахти ун-

вони «Китоб-ул-ағони-юл-Аҷамия» («Китоби сурудҳои Аҷамӣ») тартиб дод.

Мактаби Бағдодии мусиқии тоҷику форс нобиғаҳои нотакрорро ба миён овард. Онҳо низ кори устодони хешро идома доданд. Исҳоқи Мавсилӣ, ки чун сарояндаю навозанда ва мусиқидони асри IX ном бароварда буд, дар ин ҷода хизмати босазое намудааст. Азбаски Исҳоқ дар оилаи мусиқидони номӣ Иброҳими Мавсилӣ ба дунё омада буд, аз ин рӯ дар роҳи такмили оҳангу навоҳо аз падар пеш гузашт. Вай баробари волидайн, инчунин тағояш Мансури Залили Розиро устоди ҳақиқии хеш мешуморид. Исҳоқ тақлидкунанда ва давомдиҳандаи кори падару тағо буда, қисми асосии ҳаёташро дар дарбори халифони аббосӣ гузаронидааст. Овози форам, созу навои дилкаш ӯро ба хизмати дарбори халифон Маҳдӣ (775—785), Ҳорунаррашид (785—809), Маъмун (813—836), Мутаваккил (836—861) оварда буд. Ӯ тавонистааст, ки ба оҳанги сурудҳои хеш тобиши арабӣ дода, писанди шунавандагон намояд. Вай ба мусиқии Борбад ва Абулфараҷи Исфаҳонӣ пайравӣ карда, асари хеш «Китоб-ул-ағанӣ»-ро иншо намудааст. Исҳоқ мисли падару устодонаш дар тарбияи шогирдони боистеъдод низ саҳми муносиб гузошт. Амр ибни Баино, ки дар мусиқидониву овозхонӣ машҳури олам буд, яке аз шогирдони асосии Исҳоқи Мавсилӣ ба шумор меравад. Амр ба устодаш пайравӣ намуда, китоби хешро таҳти унвони «Рамали аввал ва рамали сонӣ» таълиф намудааст.

Ҳамин тавр то ташкили давлатҳои Тоҳириён, Сомониёну Саффориён мусиқии тоҷик ташаккул ёфт. Он шароит фароҳам овард, ки дар асрҳои IX—X нобиғаҳои нави фарҳанг ба камол расида, дар болоравии санъати мусиқӣ, оҳангсозӣ ва овозхонии халқҳои тоҷику форс саҳми муносиб гузоранд.

Яке аз он нобиғаҳо Абулаббоси Бахтиёр буд, ки дар байни омма чун устод Абулаббоси Мутриб машҳур гашта буд. Вай сароянда, навозанда ва мусиқидони нимаи дуюми асри IX ва аввали асри X ба шумор меравад. Зодгоҳи ӯ пойтахти оли Сомон — шаҳри Бухоро мебошад. Вай дар замони ҳукмронии Исмоил (892—907) ва писари вай Аҳмад (907—914) овозадор шуд. Сарчашмаҳо ёд мекунанд, ки ӯ барбатро хуб менавохтааст ва чун устоди ин асбоби мусиқӣ машҳур гашт. Бо дархости амирони Сомонӣ дар Бухоро ӯ мактаби махсуси мусиқии хешро созмон дод, ки онро беҳтарин овозхонону созандагону навозандагон хатм намудаанд. Мувофиқи ривояти маъхазҳо Абулаббоси Бахтиёр барои таълифи асарҳои илмӣ оид ба мусиқӣ кӯшиш намуда, аз эҷодиёти олимони ин соҳаи Юнон бохабар шуда, барои мактаби мусиқии хеш китобҳои дарсӣ таълиф намудааст. Аз асарҳои вай Форобиву ибни Сино истифода бурдаанд. Ин мак-

табро донишмандони зиёде хатм карданд. Баъзе маъхазхо хидоят менамоянд, ки устоди Абўабдуллохи Рўдакӣ яке аз аввалин шогирдони мактаби Абўлаббоси Бахтиёр будааст. Аз ин рў Абулаббоси Бахтиёр устоди мусиқии Рўдакӣ ба шумор меравад.

Асрхои IX—X навозандагону сарояндагони зиёдеро ба арсаи вучуд бароварданд, ки онхо бо донишу хунари хеш машхури олам гаштанд. Абўамир ё Бўамир аз қабили онхост. Вай аз шахри Рай аст. Дар санъати сарояндагию навозандагӣ ном баровардa буд. Абўамир касби овозхонию навозандагиро аз падараш мерос гирифта, дар сурудани таронахои халқии Хуросонӣ машхур гашт. Абўамир чун асосгузори сабки хуросонӣ машхур мебошад. Кори саркардаи вайро шогирдону пайравонаш Ситии Заррин, Абўбакри Рубобӣ, Мухаммади Рубобӣ, Алибеги Танбўрӣ давом доданд.

Мухит дар ташаккули эчодии шахс мақоми хос дорад. Аз он рўзе, ки шахри Марв ба пойтахти Хуросонии (651) хилофати араб табдил ёфт, он дар болоравии камоли эчодии олимону шоирон, мусиқадонону сарояндагон, табибону ситорашиносон нақши хешро гузошт. Дар ин шахри овозадор мардоне ба дунё омаданд, ки дар оянда машъалбардори шўхрати мулки худ шуданд. Яке аз онхо Абўнаср ба шумор меравад. Вай зодаи шахри Марв аст. Маълумоти асосиро дар зодгохаш мегирад. Баъди камолёбӣ шавку рағбати ў ба мусиқӣ хеле баланд мегардад. Он гох овозаи мактаби мусиқии Абулаббоси Бахтиёр хеле боло рафт. Аз ин рў Абўнаср барои пурра омўхтани нозукихои мусиқӣ рохи Бухороро пеш мегирад. Зехни тези мусиқидонӣ ба Абўнаср имконият медихад, ки дар дарбори оли Сомон рох ёбад. Вай ба саромадони мусиқии классикии точику форс, аз чумла Борбад пайравӣ намуда, як силсилаи сурудхои чашниву маросимӣ эчод менамояд. Хамин тавр ў нозукихои илми мусиқиро азбар мекунад. Сипас ба эчод намудани асархои илмӣ оиди мусиқӣ камар мебандад. Аз сабаби пастию баландихои замона асархои мусиқии Абўнаср то рўзхои мо омада нарасидаанд.

Сомониён ба дарбори худ бехтарин машшоқону сарояндагонро гирд меоварданд. Дар охири асри IX ва аввали асри X овозаи Алибеги Танбурӣ, ки дар навохтану хондан хамто надошт дар зодгохаш шахри Бухоро пахн гашт. Вай дар навохтани танбўри мовароуннахрӣ махорати баланд дошт. Алибегӣ ба эчодиёти сарояндагию навозандагии Абўамир пайравӣ намуда, шўхратёр шуд.

Яке аз шогирдони Абўамир ва Алибеги Танбўрӣ Абўбакри Рубобӣ ба шумор мерафт. Вай дар охири салтанати оли Сомон

умр ба сар бурда, дар навохтани рубобу хондани сурудҳои дилошӯб номдор буд. Баробари «рубобӣ», инчунин ӯ ба худ лақабҳои «Хуросонигӯ» ва «Мутриби Мовароуннаҳрӣ»-ро низ дошт.

Исмоили Сомонӣ санъатро хуб мепазируфт. Ҳанӯз дар замони сарикудрат будани бародараш Абӯнаср (864—892) дар Самарқанд мактаби махсуси дарбории мусиқидонону овозхонон, машшоқону мутрибон амал мекард. Онҳо базмҳои дарбориро мунаввар месохтанд. Яке аз он шахсони маъруфи соҳаи санъати замони ҳукмронии Абӯнасру Исмоил—Абӯтайиби Тоҳирӣ Бухорой ба шумор мерафт. Баъди вафоти Абӯнаср ва кӯчидани пойтахти Сомониён ба Бухоро (892) Абӯтайиби Тоҳир асосгузор ва сарвари базмгоҳи дарбори Сомониён шуд. Вай тавонист, ки асосҳои назария ва амалияи мусиқии классикии тоҷикро кор карда бароад. Абӯтайиб пеш аз тайёр намудани асарҳои сазовор оиди мусиқии классикӣ, бо эҷодиёти олимони юнони қадим—Арасту, Афлотун, Пифагор ва дигарон шинос шуд. Сипас асарҳои беназири хешро, аз қабили «Китоб-ул-одоб-ул-ғиноъ», «Китоб-фӣ-нағма» («Китоб оид ба сурудҳо»)-ро дар борай мусиқӣ иншо намуд. Вай дар асарҳои хеш таърихи мусиқию овозхонии замони сосониёнро таҳлил намуда, силсилаҳои «Хусравониён», «Форсиёт» ва ғайраро такмил дод. Эҷодиёти Абӯтайиби Тоҳир барои наслҳои минбаъда ҳамчун дарси ибрат хизмат кард. Файласуф ва олими мусиқидони тоҷик Форобӣ дар навиштани асари баландмазмунаш «Китоб-ул-мусиқӣ-ул-кабир» аз эҷодиёти бои мусиқии ӯ истифода бурд.

Абӯалӣ ибни Сино, ки мо дар бобҳои гузашта оиди истеъдоди фавқулоддаи вай нақл намудем, дар тарбия ва ба воя расонии олимону мусиқадонони замони худ саҳми муносиб гузоштааст. Яке аз шогирдону ҳамзамонони вай Абӯмансур Хусайн мебошад. Вай зодаи Исфаҳон аст. Аммо дар давраи аз байн рафтани оли Сомон дар тахти сарпарастии ибни Сино эҷодиёти ӯ боло рафт. Ӯ доир ба фалсафа асарҳои зиёде таълиф намуд, ки машҳуртаринашон «Ал-ихтисор мин-ат-табииёт-иш-шифо», «Шарҳи Ҳай ибни Язқон» ба шумор меравад. Абӯмансур ба китоби устодаш ибни Сино «Рисолаи мусиқӣ» такя намуда, асари хеш «Китоб-ул-кофӣ фӣ-л-мусиқӣ»-ро эҷод намудааст. Чӣ хеле ки пажӯҳишгар А. Раҷабов навиштааст «Асар аз се фасл иборат аст: фасли аввал дар баёни нағма ва шароити ба миён омадани он, фаслҳои дуюму сеюм дар баёни иқоъ (зарбҳои мусиқӣ) баҳс менамоянд».

Навозандагию ҳофизӣ бе асбобҳои сайқалёфтаи мусиқӣ намешаванд. Аз ин рӯ ҳар як овозхону оҳангсози классикии тоҷику форс дар эҷоди ин ё он асбоби мусиқӣ саҳми муносиби хешро гузоштаанд. Чӣ хеле ки гуфтем ба мурури замон ҳар як ас-

боби мусикӣ такмил меёфт. Дар дигаргуншавии онҳо саҳми овозхонону мусиқадонон калон мебошад. Масалан, сарчашмаҳо ёдовар мешаванд, ки барбат асбоби қадима буда, ҳар давру замон такмил ёфтааст. Гӯё Форобӣ эчодгари тори панҷуми он бошад. Баробари ин хофизону мусикидонон падару писар Иброҳиму Исҳоқи Мавсилӣ (асрҳои VIII—IX), Залзали Розӣ (асри VIII), Исон Барбатӣ (асри X) ва дигар барбатро мукаммал сохтаанд.

Асбобҳои дигари созу навои тоҷику форс, аз қабили най, сурнай, карнай, кӯшнай, шоҳнай, доира, танбӯр, дутор, гиҷжак, табл, шайпур, шоҳруд, чанг, рубоб ва ғайра мисли барбат таърихи куҳан доранд. Аксари кулли онҳо аз асрҳои VI—VII сар карда, то рӯзҳои мо вуҷуд доранд.

Ҳамин тавр санъати мусиқию овозхонии тоҷик давраи тӯлонии таърихиро аз сар гузаронида, дар мурури замонҳо ташаккул ёфт. Дар асрҳои миёна, хусусан айёми давлатдории Сомониён сароядагон, оҳангсозон, мусиқидонони мумтозро ба олами ҳастӣ овард. Мусиқии классикии тоҷик дар аввал «Дувоздаҳмақом» ва баъдтар «Шашмақом» ибтидои худро аз замони Сомониён гирифта, дар худ анъанаҳои қадимтарини мураттаб сохтани созу наворо таҷассум намуд ва онҳоро минбаъд такмил дод.

## ХУЛОСА

Таҳлили мухтасари таърихи пуробуранги Сомониён собит менамояд, ки халқи тоҷик дар асрҳои IX—X давлати бузурги феодалии хешро созмон дода, дар болоравии ҳаёти илмию фарҳангӣ, иқтисодиву сиёсии гетӣ нақши нотакрор гузоштааст.

Давлати Сомониён давраи болоравӣ ва ташаккулёбии сохти феодалиро дар Осиёи Марказӣ дар худ таҷассум мекард. Зеро, чи хеле, ки дар бобҳои аввал ёдовар шудем, Сомониён бо пешгирӣ намудани сиёсати иртиҷоии мустамликадорон тавонистанд, ки ба халқи хеш ва қавмҳои дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон буда умри дубора бахшанд. Онҳо муддати тӯлонӣ бо мустамликадорон муросо намуда, пойдевори мустаҳками давлати худро гузошта, сипас барои гул-гулшукуфии он ҷадал намуданд. Дар ин роҳ Исмоил ҷонбозиҳо намуда, чун ҳимоятгари халқу наҷотдиҳандаи илму фарҳанги он баромад кард. Муборизаҳои Исмоил бо хилофати араб, аз тарафи ӯ саркӯб шудани Амр бини Лайс мисоли равшани он аст. Вай ягона амире буд, ки ҷасурӣ, далерӣ зоҳир намуда, худро шоҳсутуни мулк эълон карда, пеши роҳи ваҳшонияти душманро гирифт. Ӯ ин корро бо роҳи ҷангу силоҳ не, балки бо сухани нарму дидори гарм анҷом медод. Исмоил чун сиёсатмадору меҳанпараст тавонист, ки устуворӣ ва дастнорасии марзҳои оли Сомонро таъмин намояд.

Кори саркардаи вайро наберааш Насри II идома дод. Наср, ҳарчанд, ки дар замони давлатдории бобояш умр ба сар набурда бошад ҳам, аммо бо кӯмаки дӯстону ҳамкорони Исмоил аз мактаби давлатдории ӯ огоҳ шуд ва ба орзуҳои вай ҷомаи амал пӯшонд.

Душманони халқу Ватан пиндоштанд, ки ин оли овозадор ба зудӣ пош мехӯрад. Аммо тирашон хок хӯрд. Насрро дӯстону ҳамкорони Исмоил—нобиғаҳои нотакрори илму фарҳанг, ки сиёсатмадорони номӣ буданд, ба ҳимояи хеш гирифта, кӯшиш ба харҷ доданд, ки замони ҳукмронии Исмоилро аз нав эҳё гардонанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Насрро муҳити дарбор мактаби ҷиддии сиёсатмадорӣ гашт. Вай таҳти сарпарастии вазирони оқилу доно ва дигар уламоҳои бофазилати дарбор камол ёфт. Чи хеле ки қайд намудем, кӯшишҳои аввалини ӯ дар роҳи устувории давлат бобаракат буданд. Вай тавонист, ки ворисн ҳақиқии мактаби давлатдории бобояш буданро собит намояд. Аллакай ҳангоми бистсолагӣ (926) озодона фармонҳои боадолатро оиди давлатдорӣ интишор менамуд. Мисли бобояш марди сиёсатмадор ва хеле оддию шикастанафс буд. Вай тавонист, ки давлати созмондодаи бобокалонҳояшро ба пояи баланди тараққиёт барорад. Аммо замонасозон, душманони миллат, хусу-

сан туркони бодиянишин ба решаи устувори давлати Сомониён теша заданд, ки он дар замони ворисони Исмоилу Насри II оҳиста-оҳиста рӯ ба таназзул ниҳод. Сабабҳои онро дар боби сеюм ёдовар шудем. Кӯшишҳои Абӯиброҳим Мунтасир онди аз нав таҷдид намудани давлат бебарор баромаданд.

Он сабаби ноӯҳдабарой, надоштани лашкари миллӣ, побанди ғуломон шудани хонадони овозадор буд, ки империяи бузурги бештар аз 180 сол арзи вуҷуддошта пош хӯрду кӯчиён соҳиби мулку шаҳрҳои ободу зебо гаштанд. Бо ба сари кудрат омадани онҳо усули давлатдорӣ ва маданияти мардуми Мовароуннаҳру Хуросон коста шуд.

Аммо аксари кулли муҳаққиқон ба воқеоти таърихӣ баҳои ҳаққонӣ надода, қайд менамоянд, ки гӯё баробари расман аз байн рафтани давлати Сомонӣ номи тоҷик низ барҳам хӯрда мебошад. Ҳаргиз ин тавр не. Онҳое, ки дар ин ақидаанд, хато мекунанд. Бо ивазшавии ном мазмун дигар нашудааст. Ҳарчанд давлат қабои туркӣ пӯшид, аммо дар он ҷавҳари модарӣ боқӣ монд. Азбаски давлатдорони нав бемаърифат буданд, забони адабии хешро надоштанд, кӯшиш намуданд, ки забони тоҷикиро азбар карда, чун забони давлатӣ эътироф намоянд. Он то солҳои 20-уми асри XX забони умумии Осиёи Марказӣ буд.

Яке аз масъалаҳои муҳими давлатдории Сомониён муайян намудани марзу буми он мебошад. Дар ин ҷода баҳсу мунозираҳо мавҷуданд. Намояндагони ҳар як халқу қабилае, ки дар қаламрави он умр ба сар бурдаанд, худро пайравони бевоситаи Сомониён дониста, тамоми комёбӣ ва марказҳои илмию фарҳангиро ба халқи худ мансуб медиҳанд. Аммо ин мутлақо хато аст. Ватани он халқу қабилаҳои даъвогар берун аз ҳудуди Сомониён буд. Онҳо танҳо хизмати ин хонадонро адо менамуданд.

Сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки Сомониён мардуми пурсаховатанд. Онҳо чун кишоварзони моҳир ном баровардa буданд. Бо маҳсулоти хушсифати деҳқонӣ на ин ки худ балки мардумони кишварҳои ҳамҷаворро низ таъмин менамуданд. Инчунин ба бодиянишинон усули кишоварзиро омӯзониданд.

Баробари ин дар ихроҷи маъдан, коркарди он ва инкишофи ҳунармандию косибчигӣ, савдои дохилию хориҷӣ таҷрибаи кофӣ доштанд.

Таърих гувоҳ аст, ки тоҷик халқи соҳиби илму фарҳанги қадима мебошад. Ин халқ ба ҷаҳониён аломаҳои бузурги соҳаҳои мухталифи илму адабро додааст. Маҳз илму адаб буд, ки дар асри X овозаи тоҷик ба арши олам баромад. Имрӯз тоҷикон бо номҳои нобиғаҳои нотакрори илму адаби асрҳои миёнаи хеш— Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абӯали ибни Сино, Абуҷаъфар ал-Хораз-

мӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Закариё Розӣ ва дигарон ифтихор доранд. Зеро онҳо ливобардорони комёбиҳои илму фарҳанги асри X ва ибтидои асри XI ба шумор меравАнд.

Азбаски илму адаби асрҳои IX—X шаъну шарафи тоҷикро хеле боло бурданд, бинобар ин муаллиф сайъ намуда, ки ба таҳлили ин масъалаҳо диққати хоса диҳад. Чӣ хеле ки дидед дар китоб на ин ки назму насри ба ҳама маълум мавриди таҳлил қарор гирифта аст, балки муаллиф ҷадд намуда бештар номи симоҳои нави илму фарҳангро рӯи об овардааст. Қисми кулли эҷодиёти адибону олимони то замони Рӯдакӣ ва баъди ӯ бори нахуст ба рӯи қоғаз баромадаанд.

Тоҷик халқи бомаърифат аст. Аммо қисми кулламон аз сарчашмаи маданияту маърифати хеш—мактабу маориф бехабарем. Намедонем, ки мактаби мо кай арзи вуҷуд намуд. Мо ба таври мухтасар кӯшиш намудем шуморо бо сарчашмаи мактабу маорифи аҳди Сомониён шинос намоем.

Баробари мактабу маориф санъати мусиқию овозхонии халқи тоҷик дар асрҳои миёна шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуда буд. Санъат нисбати дигар намудҳои фарҳанг хеле бармаҳал ташаккул ёфт. Он ҳоло дар замони Ҳайтолиёну Сосониён нашъунамо мекард. Аз адабиёт пештар арзи вуҷуд дошт. Ба он Борбади нотакрор асос гузошт ва дар аҳди Сомониён он ба авҷи хеш расид. Дар ҳамин давра «Дувоздаҳ мақом» хуб ташаккул ёфта, оламгир гашт. Маҳз дарбори оли Сомон маркази ҳақиқии боз ҳам гул-гулшукуфии санъати овозхонию мусиқии тоҷик шуд. Шумо пай бурдед, ки ба туфайли шоҳони фарҳангдӯсти ин хонадон зумраи калони овозхонону созандагону навозандагон пайдо шуданд, ки онҳо аламбардори номи тоҷик гаштанд.

Ҳарчанд ки оили ин дудмони бузург асарҳои зиёд офарем, он кам аст. Мо кӯшиши зиёд ба харҷ додем, ки шуморо бо ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти ин оли овозадор шинос намоем, аммо ҳаҷми кор ба он даст надод. Мо доир ба инкишофи илми тибб, қонуну қонунгузорӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва як зумра масъалаҳои муҳим ба таври васеъ нақл карда натавонистем. Онҳоро танҳо номбар кардему халос.

Албатта, мо бо ин исбот карданӣ нестем, ки ба ҳамаи масъалаҳои ба рӯзнома гузоштаамон ҷавоби қотеъ дода бошем. Ҳаргиз ин тавр не! Ҳар як асар аз камбудию нуқсонҳо холӣ нест. Аз ин рӯ кори мо низ онҳоро дорост. Чӣ хеле ки дар аввалсухан гуфтем, мо фикру дархостҳои хонандагони арҷмандро оиди ин ё он мавзӯъ ба инобат гирифта, дар нашрҳои такрории маводи мазкур кӯшиш менамоем, ки саволҳои беҷавобмондаро

саҳеҳ гардонида, таърихи пуробу тоби оли Сомонро боз ҳам рангинтар намоем.

Ҳаминро қайд кардани ҳастем, ки дар рафти иншо шудани китоби мазкур ва омодагирӣ ба ҷашни 1100-солагии оли Сомон асару мақолаҳои нодир нашр шуданд. Ба ин асарҳои академик А. Мухторов «Амирон ва вазирони Сомонӣ», профессор С. Абдуллоев «Амир Исмоили Сомонӣ», Ғ. Ғоибов «Исмоили Сомонӣ—марди хираду сиёсат», «Сомониён дар оинаи таърих», академик М. Шукуров. «Хуросон аст ин ҷо», «Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ» (маҷмӯи мақолаҳо) ва дигарон мисол шуда метавонанд. Муаллифони асарҳои номбурда кӯшиш ба харҷ дода, ба баъзе аз паҳлӯҳои нопадиди таърихи оли Сомон рӯшноӣ андохтаанд.

Дар фуроварди охирсухан ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки дар кори омодагирии асари мазкур ба табъу нашр ашхоси зиёде кӯмак расониданд. Муаллиф аз фурсат истифода бурда ба олимони ҷавону оиндадор С. Муллоҷонов, С. Одинаев, қаламкашон Ф. Ҳусейнов, Г. Мавлоназарова, ки дар иншои китоб кӯмаки хешро расониданд, арзи сипос менамоянд.

## НАСЛНОМАИ СОМОНИЁН

1. **Баҳроми Чӯбин**
2. **Шодил бини Баҳром**
3. **Тамғосб бини Шодил**
4. **Нӯш бини Тамғосб**
5. **Ҳомитон бини Нӯш**
6. **Сомонхудот (Аршак) бини Ҳомитон**
7. **Асад бини Сомонхудот**
8. **Нӯҳ бини Асад—818—842**
9. **Аҳмад бини Асад—818—864**
10. **Яҳё бини Асад—818—854**
11. **Илёс бини Асад—818—855.**
12. **Абӯнаср бини Аҳмад—864—892**
13. **Исмоил бини Аҳмад—892—907**
14. **Аҳмад бини Исмоил—907—914**
15. **Наср бини Аҳмад—914—943**
16. **Нӯҳ бини Наср—943—954**
17. **Абдумалик бини Нӯҳ—954—961**
18. **Мансур бини Нӯҳ—961—976**
19. **Нӯҳ бини Мансур—976—997**
20. **Мансур бини Нӯҳи II—997—999**
21. **Абдумалики II бини Нӯҳи II—999...**
22. **Абӯиброҳим Исмоил бини Нӯҳи II (Мунтасир 999—1005)**

# АДАБИЕЂ ВА САРЧАШМАҲО

## I. САРЧАШМАҲО

Абубакри Наршахӣ—Таърихи Бухоро.
Аҳмади Фазлон—Сафарнома.
Ҳудуд-ул-олам мин-ал-Машриқ ила-л-Марғиб.
Абдуллоҳ Мукаддасӣ.—Аҳсан-ут-такосим фӣ маърифат-ул-аколим.
Таърихи Систон.
Маҳмуди Гардезӣ—Зайн-ул-ахбор.
Низомулмулк—Сиёсатнома.
Абӯисҳоқи Истахрӣ—Китоб-ул-Масолиқ ва-л-мамолик.
Муҳаммад Ҳусайни Байҳақӣ—Таърихи Байҳақӣ.
Муҳаммад Ғазолӣ—Насиҳат-ул-мулук.
Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас.
Низомии Арузии Самарқандӣ—Чаҳор макола.
Абулҳасан Байҳақӣ—Таърихи Байҳақ.
Баҳоуддин Исфандиёр—Таърихи Табаристон.
Минҳоҷи Сироҷ—Табақоти Носирӣ.
Ҳамдуллоҳи Муставфӣ—Таърихи гузида.
Носируддин Кирмоӣ—Насоим-ул-асҳор мин латоим-ул-ахбор
Муҳаммад Шабонкорай—Маҷмаъ-ул-ансоб.
Мирхонд—Равзат-ус-Сафо.
Сайфуддин Укайлӣ—Осор-ул-вузаро.
Ғиёсиддин Хондамир—Ҳабиб-ус-сияр.
Ғиёсиддин Хондамир—Дастур-ул-вузаро.
Ғиёсиддин Хондамир—Масоир-ул-мулук.
Қозӣ Аҳмади Қошонӣ—Таърихи нигористон.

## II. АДАБИЕТ

Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ.—Хуҷанд, 1998.
Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ—Сталинобод, 1958.
Бартольд В. В. Бармакиды Соч. Т. У1, 1966.
Бартольд В. В. Таджики. Соч. Т. II, Ч. 1., 1963.
Бартольд В. В. История Туркестана. Соч. II. Ч. 1, 1963
Бартольд В. В. История культурной жизни Туркестана. Соч. Т. II, Ч. 1, 1963.
Мирзоев А. Рӯдакӣ. Ҳаёт ва фаъолият.—Душанбе, 1968.
Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Ч. 1—2, — Душанбе, 1987, 89.
Нисофпур Ғ. Сохти давлат дар Эрон.—Теҳрон. 1975.
Мухторов А. Амирон ва вазирони Сомонӣ.—Душанбе, 1998.
Нафисӣ С. Аҳвол ва осори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳам-

мад Рӯдакии Самарқандӣ (дар се чилд).—Теҳрон, 1930—1940.
Неъматов Н. Давлати Сомониён.—Душанбе, 1989.
Шукуров М., Раҳматуллоев А. Таърихи халқи тоҷик.—Душанбе, 1975.
Шукуров М. Хуросон аст ин ҷо.—Душанбе, 1997.
Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсии тоҷикӣ.—Душанбе, 1998.
Сомониён дар оинаи таърих.—Хуҷанд, 1998.
Яъқубов Ю. Тоҷикон.—Душанбе, 1996.
Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик.—Сталинобод, 1947.
Ғафуров Б. Тоҷикон, Ҷилди I,—Душанбе, 1985.
Ғоибов Ғ. Исмоили Сомонӣ—марди хираду сиёсат.—Душанбе, 1998.
Ҳиравӣ Ҷ. Ирон дар замони Сомониён.—Душанбе, 1998.

## МУНДАРИҶА

**Сарсухан** . . . 3
**БОБИ I. Аз таърихи омӯхта шудани оли Сомон** . . . 9
**БОБИ II. Поёнёбии зулми мустамликавӣ ва ба сари қудрат омадани хонадонҳои маҳаллӣ** . . . 20
Пурзӯршавии мубориза дохилӣ . . . —
Бармакиён . . . 22
Тоҳириён . . . 25
Саффориён . . . 27
**БОБИ III. Рӯзгори оли Сомон** . . . 34
Фикру мулоҳизаҳо дар атрофи пайдоиш ва ташаккули оли Сомон—
Огози салтанати Сомониён . . . 38
Талошҳои Исмоил барои тамаркузи ҳокимият . . . 43
Исмоил ва шукӯҳи оли Сомон . . . 54
Сирати Исмоил . . . 63
Наср II ва авҷи оли Сомон . . . 68
Рӯ ба инқироз ниҳодани оли Сомон . . . 80
Сомониён ва ислом . . . 88
Кӯшишҳои Мунтасир барои аз нав барқарор намудани давлатдории Сомонӣ . . . 93
Сохтори оли Сомон . . . 97
Сохтори лашкар . . . 104
Сабабҳои шикасту фурӯрезии оли Сомон . . . 104
**БОБИ IV. Ба итмомрасии ташаккулёбии халқияти тоҷик**
Макон ва насаби тоҷик . . . 114
Пайдоиш ва инкишофи забони классикии тоҷик . . . 118
**БОБИ V. Марзҳои мулки Сомон**
Ҳудуди сарчамъии тоҷикон . . . 123
Пойтахтҳои Сомониён . . . 139
Шаҳрсозӣ ва шаҳрдорӣ . . . 146

**БОБИ VI. Тараққиёти кишоварзӣ**

Пешрафти хоҷагии қишлоқ ва обёрӣ . . . . . 152
Мулк ва мулкдории Сомониён . . . . . 162

**БОБИ VII. Инкишофи саноати кӯҳӣ ва ҳунармандӣ**

Истеҳсоли маъдан . . . . . . . . 167
Ҳунармандӣ ва косибчигӣ . . . . . . . . 171

**БОБИ VIII. Муносибатҳои молию пулӣ**

Пул ва гардиши он . . . . . . . . 182
Тиҷорат . . . . . . . . 18
Усули андозситонӣ . . . . . . . . 192
Ҷунбишҳои халқӣ . . . . . . . . 196

**БОБИ IX. Ҷараёнҳои динию фалсафӣ дар аҳди Сомониён ва баъди онҳо** . 199

Исмоилия . . . . . . . . 199
Карматия . . . . . . . . 20
Тасаввуф . . . . . . . . 20

**БОБИ X. Нашъунамои илм дар асрҳои IX—X**

Илм то асри X . . . . . . . . 2
Коммёбиҳои илм дар аҳди Сомониён . . . . . 21

**БОБИ XI. Ташаккули адабиёти тоҷик**

Адабиёти то Рӯдакӣ . . . . . . . . 23
Адабиёти асри X . . . . . . . . 23
Насри классикии тоҷик . . . . . . . . 26

**БОБИ XII. Болоравии маорифу фарҳанг**

Мактаб ва мадраса . . . . . . . . 265
Санъати мусиқию овозхонии тоҷик . . . . . 274
**Хулоса** . . . . . . . . 282

**СОМОНИЁН: ЗАМОН ВА МАКОН**

Муҳаррир **С. Муллоҷонов.**
Муҳаррири техникӣ **А. Ҳомидов**

Ба матбаа 7.04.1999 с. супурда шуд. Ба чопаш 19.07.1999 с. в…
зо шуд. Андозаи коғаз 60Х84 1/16. Чопи барҷаста. Ҳуруфоти адаб…
Коғази офсетии № 1. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 18. Ҷузъи чоп…
шартӣ 16.74. Адади нашр 1000. Супориши 1187.

Нарҳаш шартномавӣ.

Нашриёти «Сурушан», 734025. Хиёбони Рӯдакӣ, 37. ш. Душанбе.
Матбааи аввалини Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 734025,
Хиёбони Рӯдакӣ, 37. ш. Душанбе.